ДАВЛАТШОҲИ ТОҲИРӢ

САПИТАМОН – РУХШОНА – ИСКАНДАР

/ романи таърихӣ /

Душанбе
«Адиб»
2012

ББК 84 Тоҷик 7-4
Д–40

Муҳаррир *Сафар Амирхон*

Д–40 **Давлатшоҳи Тоҳирӣ «Сапитамон – Рухшона – Искандар** *(романи таърихӣ)* – Душанбе, «Адиб», 2012, 368 саҳ.

Сапитамон – Рухшона – Искандар романи таърихӣ буда аз боби диловариву фидокории ниёгон дар раҳи ҳимояи марзу буми Ватан ҳикоят мекунад.

Мутолиайи асар дар тарбияи ватандӯстиву хештаншиносии ҷавонон аҳамияти калоне дорад.

ISBN 978-99947-2-251-8

© Давлатшоҳи Тоҳирӣ, 2012

САРСУХАН

Романи таърихии Давлатшоҳи Тоҳирӣ «Сапитамон – Рухшона– Искандар» муборизаи қаҳрамононӣ тоҷик: Сапитамон, Рухшона, Датафарн, Фаридун, Апома ва дигаронро якҷоя бо халқи меҳнатӣ алайҳи адӯи румӣ дарбар мегирад ва дар хусуси ҷангҷӯёни яғмогари румию юнонӣ бо сарварии Искандари Мақдунӣ, ки ба марзи халққои машриқзамин бадаҳдона дохил шуда, ҷону мол ва фарҳангу улуми ниёгонро ба тороҷ бурдаанд, нақлҳои дилписанд мекунад.

Бовар ҳаст, ки нахустин қадами Давлатшоҳи Тоҳирӣ дар жанри румони таърихӣ писанди хонандагони адофаҳм мегардад. Чунон, ки Муҳаммади Иқбол фармудааст;

Хештанро во намудан зиндагист,
Зарби худро озмудан зиндагист.

«Рӯовард ба таърихи пуршараф ва пурифтихори Ниёгон, хоҳ наздик, хоҳ дур, таҳқиқ ва баррасии он, хоҳ илмӣ, хоҳ адабӣ умдатарин василаи худогоҳӣ, бедорӣ ва бемаргии миллӣ мебошад, ки ақлҳоро густурда ва қалбҳоро мунаввар, ҳофизаҳоро пойдор ва виҷдонҳоро ҳушёр месозад, ки аз рагу решаҳои хунӣ, нажодӣ, қавмӣ, ойинӣ ва фарҳангии хеш муталлеъ ва бархурдор бошем, шабеҳи наслҳои солҳои сиюму чиҳилум тешаҳо бар решаҳо назанем ва ба як халқи бебунёду беаслу бегавҳару бемояву беёд мубаддал нашавем ва корномаҳои саршор аз диловариву фидокории бобоёну падаронро азизу азим дорем. Бе азиздорӣ, бе азимдории дирӯзҳо ва дирӯзиён имрӯзҳо ва имрӯзиён хору зор, забуну залил ва бенуру беравнақ буванд. Халқи маҳрум аз ҳофизаи таърихӣ оянда надорад, маҳкум ба маргу нобудист ва ба хатм тӯъмаи ақвоми аҷнабӣ хоҳад шуд. Гузашта ояндаву равандаро месозад ва зиндаву поянда медорад, бе зиндадошту пояндадошти гузашта зиндадориву пояндадории оянда номумкин аст.

Бародари қаламкаши мо Давлатшоҳи Тоҳирӣ солҳост кӯшанда ва пайсипаранда дар роҳи покулқудсии зиндасозӣ ва пояндагардонии достонҳои бемисл ва хамосаҳои беназири

қавми достонсоз ва ҳамосаофарини мост. Пас аз Сотими Улуғзода ва Расули Ҳодизода вай савумин суханмандест дар насри айдунии мо, ки таърихро ба сурати манзараҳои дилпазиру мухайяли бадейи эҳёгарӣ ва нигоргарӣ менамояд. Гумон меравад, ки гиромиқадр хонандагон ба чанд қиссаву ҳикояти таърихии ӯ шиносоӣ доранд.

Инак, меҳдостон / румон /-и тозаи ӯ «Спитамон – Рухшона– Искандар» ном армуғони барозандааш бувад ба мо, ки аз лашкаркашиҳои Искандари ҷаҳонгушою ҷаҳонситон ва саркашиҳову сарбаландиҳои Сапитамони ҷонбакафу қаҳрамон ва фаттониву меҳанпаристии Рухшонаи чеҳраширину дилнозанин достон мезанад. Сапитамон аз ин шахсиятҳои мутабаҳҳир ва мутабаррики Ирони Бузург аст, ки синаи зулмати рафтаро шигофта барқ мепошад ва ба ранги кӯҳи Чимтарға беҳаросу нобим аз барфҳову боронҳо, офатҳову бӯронҳо устех ва побарҷост ва агар мо ба воқеъ ва ҳақиқат Забону Миллату Меҳани худро дӯст дорем ва гузаштаву гузаштаномаву гузаштагонро дар хуну рагу пӯсти хештан эҳсос кунем, ҷои озодмардоне Сапитамонгуна маъбади синаҳои бекинаи мост.

Давлатшоҳи Тоҳирӣ азми ҷазм дорад, ки дар оянда дар бораи яке аз баландпоятарин ва гаронмоятарин давлатмандони қавми нохудшиноси порсизабон Амир Исмоили Сомонӣ ё Исмоили Бузург меҳдостоне бинигорад. Мо наметавонем ҳадсу тахмин занем, ки он нонавишта дар кадом поя ва моя навишта хоҳад шуд, аммо модом, ки бо ин орзӯи наҷибу аҷиб шабро рӯзу рӯзро шаб мекунад, орзу дорем, ки норбунаш анор ва орзуяш бор оварад.

АРДАМЕҲР

БОБИ АВВАЛ

КАМАРБАНДӢ

«Ҳумата, ҳухта, ҳваршта».
(«Пиндори нек, гуфтори нек, рафтори нек»).
(Авасто).

Марғдашти сабзгун пас аз нам-нами абри гуҳурчакон таровати биҳиштосои дилкашу боназокате касб намуда буд. Эҳёи табиат, баракоти сол аз оғози баҳор гӯё далолат медод. Ҳазорон гулҳои худрӯй, сабзаву себаргаҳо, буттаҳои муаттару атрогин аз нурҳои заррини хуршеди тобон навозишу сабзиш мегирифтанд. Хуршед гӯё бо ҳазору ҳазор синонҳои тиллогуни нишонраси хеш пардаҳои абрҳои тираро шикоф намуда, рӯи худро во мекард, ғолибона тантана менамуд. Дарҳақиқат офтоб мисли арӯси нозпарвар бо табассуми боназокат, фаришташоро чеҳраи гарму нармашро ба тамошои харидорони бозори ҳусн арзонӣ мефармуд. Накҳати таргил ағлаб бо ин ҳама бӯи фараҳбахши табиати шомил ба мақоми меҳтару кеҳтар хушу гуворо, димоғпарвариҳо ҳисса медод, феълан аз боби қашангиву зебоӣ қисса мегуфт. Ниҳоят, офтоб тулӯъ намуд ва замин аз гармои хуршед бухори дудосо хориҷ карда, гӯё печону рақсон хешро мисли он иблиси афсонавии аз кӯза раҳошуда, батадриҷ азиму фарох сӯи само пару бол мекушод.

Мардум ороставу хушҳол, либосҳои идӣ ба бар, таронахону хандон, зарофатгӯву шодон рӯи талу теппа ва ёлаҳо базми Наврӯзро зеб мебахшиданд. Рангоранг буд наврӯзгоҳ. Чанд рӯзаке шоҳу гадо баробар, бечангу беаскар, бародару бекаҳр буданд табааи мулуки суғдиёни Рӯди Суғд[1]. Ҳар куҷо савту наво, даст бари сина, бархе бо чеҳраҳои ҳалиму нуронӣ табрику мубораквйиҳо доштанд. Қалбҳо бекина, ҳама гӯё абадӣ ба ҳам хешу акрабо, бо тавозӯъ муомилаву бо меҳрубонӣ меҳмоннавозиҳо ирсол мефармуданд, одамон. Зеро ҷашни бузург – пайки Наврӯз, ҷашни мардумӣ буд, ки идома дошт. Ин ҷашни муборак, ки халоиқ аз деҳу рустоҳо

[1] Рӯди Суғд – дарёи Зарафшон.

бо як таваҷҷӯҳи дилхоҳ гирд омадаанд, чун ҳарвақта аз маросими камарбандӣ оғоз ёфта буд. Сури волидайнҳо, шодии фарзандон, садои карраною сурной, хон оростану қурси нонҳои идӣ гузоштан, фарахша[1] шикастану ба якдигар нуқлу ширинӣ пешкаш кардан, як сӯ гӯсфандкушон, як сӯ бузкашон... Ҷашн доштанд суғдиёни оташпараст, базми тараб доштанд, ба дасту сар гули бодому суман доштанд...

Шукӯҳу шаҳомати маросими камарбандии имсола хеле мӯҳташам буд, зеро дар ин ҷашн афшинзодаи[2] шаҳри Панҷакат[3] - Ҳуриён писари Ҳуварн низ бояд камарбанди заррин ба миён мебаст. Ин маросим яке аз оинҳои бостонии суғдӣ буда, ҷавонон дар ҳини балоғат камар мебастанд. Камарбандон дар арафаи ҷашнҳои бузург – Наврӯз, Меҳргон, Сада баргузор мешуд.

Дар ҷашнгоҳ оташи муқаддас забона мезад. Мардум гирди оташ хушҳолу ҳуррам нишаста, аз китоби «Авасто» таронак мехонданд. Падару модарон сару либосҳои тоза ва камарбандҳои зардӯзӣ, нуқракӯб ё ҳотамкории фарзандонашонро бо эҳтиёт ба даст дошта, чашмдори дуохонии мӯбад буданд. Маънии ниёишҳо ва таронакҳо дар бахши мардӣ, далерӣ, ростӣ, бовар, пирӯзӣ, ситоиши зан ва кори ҳалол, парвариши чорво, меҳру ситоиши Замину Офтоб, Обу Бод – гиромӣ ва азиз доштани аркони зиндагӣ буд. Пас аз замзамаи ниёишҳо ва сурудани «Яшт»-у, «Гот»-ҳо, «Заравах»-у «Вандидат»-хониҳо садои шайпуру карнайҳо ва навозиши мураттаби таблу дафҳо атрофро ба ларза меоварданд. Садои ҳойҳӯйи шодиомези одамон оғоз меёфту гирди оташи бузург арғушту бозиҳо сар мешуданд. Ҷавонон аз болои оташ ҷаҳида, гӯё рӯҳи Аҳриману нерӯҳои бадиро аз пайкари хеш дур месохтанд. Соҳибҷашнҳо, ки фарзандонашонро ба камарбандон ҳозир мекарданд, меҳмонҳоро самимона зиёфатҳо медоданд. Пас аз «ош боду нӯш бод!» ба бахши асосии оини камарбандӣ оғоз намуданд. Мӯбади пири мутафаккирнамои саросар сафедпӯш дар даст «Авасто» болои тахтасанге рост истода, бе он ки ба китоби муқаддас нигоҳ кунад, бузургворона ба ҷавонон муроҷиат фармуд:

---

[1] Фарахша – (ба суғдӣ) кулчаи бодомӣ.
[2] Афшин – (ба суғдӣ) ҳокими шаҳр.
[3] Панҷакат – Панҷакенти имрӯза.

-- Ба номи худои меҳрпарвар ва бахшоянда – Аҳуромаздо! Ҷавонони озоду саодатманди Суғд! Шумо, азизоно, аз синни кӯдакиву ҳавои бачагӣ ва даврони ҷавонмардӣ – балоғат қадам гузоштед. Шумо кунун ҳукми ҳақиқии мардиро соҳибед ва метавонед дар анҷуманҳо ровӣ бошед, ҳақ доред никоҳ бандед, ба оташкада равед, дуову ниёиш ба ҷо ored, азми сафару тиҷорат варзед, меҳмон пазиред ва ба омӯзишу тарғиби фарҳангу оинҳо бикӯшед. Кунун фариштаҳои зиндагӣ бо шумоанд. Муборак бод ҷашни шумо! Вале некрою росткор бошед, ки дар Авасто фармудаанд: «Ҳумата, ҳухта, ҳваршта!...»

Мӯбад риши сафеду дарозашро палмосида, ба одамони калонсол рӯ овард, ки минбаъд каломаш сареҳ ва алфозаш буррою шунаво ба сомиа мерасид:

-- Ба шумо бузургону кадхудоён мефармоям, ки пас аз тақдими пираҳани дебою камарча ба духтарон, шолвору ҷомаву камарбанд ба ҷавонписарон, онҳоро ба сифати фардҳои комилҳуқуқ бишносед ва эҳтиром намоед, аз нусрати хеш эшонро баҳраманд гардонед! Худованди ростиву адолат бо шумо бод! Зеро ростӣ шодмонист!

Мӯбад бо меҳрубонӣ аз рӯи санг зер омад ва ба пешвози ҷавонон шитобид. Ниҳоят, ҷавонони либосҳои наву тоза пӯшида, камарбандҳо ба камар бастанд, ки ханҷарҳои хурд дар тасма ҳамоил, кулоҳи нӯгборик ба сар, хушҳолу хушдил муборакбодии атрофиёнро бо тавозӯъ ва назокат қабул намуданд.

Мӯбад меҳрубонона ба ҷавонон дида дӯхта, Авасторо бибӯсид ва саҳифае кушода ниёиши фарҷомӣ бихонд:

-- Парвардгоро! Дарҳои ҳикмату фазилат, накӯкорию хушҳолӣ ба рӯяшон боз кун. Аё худованди ростию адолат! Роҳ дар ҷаҳон яке аст ва он роҳ роҳи ростист!

Ҳуварн афшини Панҷакат сархуш буд. Ҳарчанд дар ҷашни Наврӯз як ҳафта шоҳу гадо баробар бошанд ҳам, ба ҷавонон беписандона нигариста гӯё онҳоро намедид. Ағлаб ғурури тавоноияш баланд меомад. Ногоҳ афшин айёрона табассум намуда, ба издиҳом муроҷиат кард:

-- Оё дар байни шумо ҷавонон, гурдадору зӯрманде ёфт мешавад, ки ба хидмати шоҳаншоҳи билоди Форс – Дорюши

Кодоман[1] камар банданд. Вале камар камарбанди оддӣ не, камари заррин аст!

Базми Наврӯз оташе буд, ки Ҳуварн ба он оби сарде рехт. Киро зарда аст, ки ба нӯкарии Доро равад. Чӣ қадар ҷавонҳо ба он роҳ рафтанду барнагаштанд. Ҳоло ҳам волидайнҳо Дороро «соҳиби дор», «фарзандкуш», «золимпеша» - гуён дуои бад мекарданд...

Ҳуварн ҷоми заррин дар даст, мағруру нописандона шароб менӯшиду қоҳ-қоҳзанон механдид ва бо шаст боз пурсид:

-- Кист он шермард, ки ба хидмати Доро биравад?

-- Ман! – садо омад аз байни издиҳом. Овоз қатъи ва далерона буд.

-- Пеш баро!

Ҷавони шерсинаву фарохпешона, мӯи дарози ба китф фаромадааш қаҳваранг, чашмони тези уқобӣ, ки аз онҳо гӯё шарар мерехту кабудчатоб ба назар мерасид, аз байни одамон гузашта меомад. Биниаш борик, мӯи лаби навсабзидааш ба рӯи зебояш хеле мувофиқ, камарбанди чармиаш сахт кашидашуда, ки аз борикии миёнаш далолат медод, ба назди афшин рафта бо як далерӣ сари таъзим фуруд оварду одобу мулоқотро хоси асилзодагон риоя бинмуд.

-- Чӣ ном дорӣ?

-- Сапитамон[2].

-- Писари кӣ мешавӣ?

-- Писари Пуришасп – собиқ сарҳанги ноҳияи Саразм[3].

-- Хеле хуб. Бобоят чӣ кора буд?

-- Мӯбад.

-- Асилзода будаӣ, хӯш... писари Пуришасп, ҳунари ҷанг медонӣ?

-- Медонам.

-- Ба ҷанг меравӣ?

-- Меравам.

-- Наметарсӣ?

-- Аз чӣ?

---

[1] Доро бинни Доро – подшоҳи билоди Форс /салтанаташ солҳои 336-330 то милод/

[2] Сапитамон – (ба суғдӣ) – сапедандеша, рӯшанфикр.

[3] Саразм – ҳоло деҳаи Саразми ноҳияи Панҷакент.

-- Аз ҷанг?

-- На!

Афшин аз ҷой бархост ва ба назди Сапитамон як қадам гузошта амр кард, ки камарбандашро кушояд ва ба надим ишора фармуд:

-- Камарбанди заррин!

Надим сару либоси низомӣ ва камарбанди заррин дар даст, ки бо тиллокӯбияш чашми касро хираву ақлро лол мекард, ҳозир шуд. Ҳуварн камарбанди зарринро, ки дар он ханҷари обдор низ ҳамоил буд, ба миёни ҷавон баста афзуд:

-- Ҳуҷаста бод, Сапитамон! Аз ҳамин рӯз ту ҳамрадифи фарзанди ман афшинзода Ҳуриён ҳастӣ. Бидон, ки далерӣ туро ба мақсуд хоҳад расонид. Ин таклиф туро писанд аст?

-- Бале. Аз ҷониби шумо меҳрубоние зоҳир шуд, ки орзуҳои маро амалӣ намуданд...

Ҳамин вақт касе аз хешовандони Сапитамон дартоз пеши пои Ҳуварн афтода, бо зориву илтиҷо аз ӯ хоҳиш мекард, ки падару модари ин ҷавон пиру бесаробон ҳастанду афшин дар ҳаққи онҳо тараҳҳуме бикунад.

Афшин хандида ба забон омад:

-- Ҳоло ҳеҷ кас Сапитамонро ба ихтиёри Дорюш насупоридааст. Санҷише буд, ки ҷавонмард азми далерӣ ва шуҷоат зоҳир намуд ва ба ин сазовор ҳақ гирифт. Ҳадафи ман ҷустуҷӯи далерон аст, на суғурони тарсу!

Сомеон боз хандидаву сухангӯён ба сайр идома доданд. Ҳуварн шоду мамнун ба созандагону мутрибон амр дод:

-- Ҳей, таблзанону шайпурзанон! Бизанед тунбаку шайпуратонро! Ку, ба рақсу бозӣ идома диҳед! Ҳей, масхарабоз, куҷоӣ ту?

Базм боз ранги пешинаи худро гирифт ва ниҳоят ба миёни афшинзода Ҳуриён низ камарбанди заррин бастанду ба сараш кулаҳхӯди нуқракӯби тоҷаш гулибодомии зумуррадӣ гузоштанд ва ӯ пас аз маросим Сапитамонро бо худ гирифта, ба тамошо баромад.

Сапитамон ба афшинзода Ҳуриён низ писанд омад. Зода ҳатто ба ӯ як аспи саманди тоза тӯҳфа фармуд, вале аз ҳад зиёд фармонфармоиву худситоӣ мекард.

-- Ту бояд чокари содиқи ман бошӣ, чокаре, ки дар ҳар ду олам ба хоҷааш ҷонсупору вафодор. Ҳамин тавр не, писари Пуришасп?

Сапитамон, ки аз падараш саводу маърифати диниву дунявӣ гирифта ва аз китобҳои гуногун маърифату фазилат бардошта буд, норозиёна посух дод:

-- Ба ҳар ҳол ман ашрофзодаам, на ғулом. Дигар ин ки парвардигор миёни одамони озоду солимандеш тафриқае ё ҳадди бузурге нагузоштааст.

Ҳуриён, ки то ин вақт Сапитамонро як ҷавони хидматпешаву итоаткор пиндошта буд, гӯё ҳушёр шуд. Афшинзода ба умқи андешаҳо ғӯтавар гашт: «Оё андешаву ҳарфҳои ӯ дурустанд? Хайр, тафовути ӯ аз ман дар чист? Вай ҳам аз тоифаи одамони асил асту ман ҳам. Вай ҳам дониш дораду ман ҳам. Ӯ низ машқҳои ҳарбӣ омӯхтааст ман низ...»

Писари Ҳуварн бо меҳрубониву табассуми ба ҷавонон хоса даст ба китфи Сапитамон гузошта афзуд:

-- Ту ҳақ ҳастӣ, дӯсти сариазмии ман, вале бо ин ҳама ман писари афшинам. Инро Ҳурмуз қисмату таъин намудааст. Аз ин рӯ туро ман дӯсти ҳақиқӣ ва ҷонӣ мешуморам.

-- Моро зарур аст, ки сафар бикунем ва гармиву сардии рӯзгорро бичашем, маликзода.

-- Бале, ин зайл нақша дар дили ман ҳам кайҳо боз ошён дорад, Сапитамон. Алалхусус дар қалби кӯҳҳо афроштани кӯҳандизе!

Онҳо аҳду паймон бастанд ва ҳамдигарро ба оғӯш кашида, ҷудо шуданд.

-- То боздид! Хуш бош!

-- Он соати мувофиқ, ки пайдо шуд, ман ба суроғи ту кас мефиристам, Сапитамано! Хуш бош!

Сапитамон бо сару либоси шоҳона, камарбанди заррин дар камар, шоду мамнун ба аспи саманди тундрав нишаста, сурудхонон озими Саразм шуд.

Ай Аҳуро! Ба ман рӯй овар:
аз Сипандормӯз[1] тӯшу тавонам деҳ:
аз Поктар[2] равони маро ба подоши нек
зӯру неру деҳ:
аз Урдубиҳишт[3] нерӯмандтарин забар-

[1] Ба порсӣ Исфанд – намояндаи покию ростӣ.
[2] Номи фаришта.
[3] Номи фаришта.

дастӣ ва аз Баҳман[1]
бахшиш ба ман деҳ!...

ҲУРИЁН

«Панҷакат эҳтимол, макони ҳақиқии санъати тасвирии ниёгони қавми тоҷик аст».
(Якубовский А.Ю. – бостоншинос).

Кӯҳандизи шаҳри Панҷакат аз ҳаррӯза дида хурраму дилрабо ва бошукӯҳу ботароват менамояд. Ин қасри музайян бо рангу тасвирҳои гуногун имрӯз шоҳиди ҷашну сурҳост. Ҳуварн ба писараш Ҳуриён тоҷу тахташро супориданист ва аз ин боис ба мардум се рӯз ройгон нону намак зиёфат дода, ба хидмати кадхудоёну вазирон арзи сипосу шукрона мехонад. Саҳари солеҳон садои карнаю сурнай ва таблу нағораҳо ба гӯш мерасад. Бӯи зирбаки палаву сихкабоб, мурғшӯрбо ва анвои мухталифи хӯришҳо ба машом хуш расида, гиреҳи иштиҳоро мекушоянд. Одамон шоду мамнун сӯҳбат меороянду ба ҳунари мутрибу хунёгарон, машшоқону дорбозон ва ба гӯштигирону варзишгарон аҳсант мегӯянд.

Толори ҳаждаболори нақшунигорёфта ва айвони озинбаста бо тасвиру муҷассамаҳо, ки бо як маҳорати басо орифона ҳаккокӣ шудаанд, диққати бинандагонро ҷалб менамоянд.

Ҳуварн рӯи тахти аз чӯби обнӯс ва устухони фил сохташуда, ки бо зару нуқра ва бо сангҳои қиматбаҳо нигориш ёфтааст, бо виқор менишаст. Кадхудоёну вазирон, мӯбадону деҳхудоён бо итоат омодаи хидматанд. Қолинҳои мунаққаш рӯи фарш густурда, дар вағнҳо[2] оташ забона мезанад. Тавсири аз кадом як ҷангномаи қаҳрамонӣ, ки Рустами гурди савора алайҳи душманони аждаҳосимо синон доштаву онро ба ҳарифаш мезанад, рӯи девор бо рангҳои ҷилодиҳанда сабт ёфтааст, ба дида мерасад.

Ниҳоят бо ишораи Ҳуварн мӯбад ба вағн абиру[3] шираи анор мерезад ва толорро бӯи хуш фаро мегирад. Мӯбади

[1] Баҳман номи фариштаи омӯхтани гуфтори нек ба инсон.
[2] Вағн – оташкада, парастишгоҳ.
[3] Абир – гиёҳи хушбӯй.

дарборӣ, ки феълан марде буд пурҳарф аз минбар истода ба сухан меояд:

-- Дуои нек ва офарин мекунам, ки подшоҳи додгар дар ҷанг ба ҳар душмани кинаварз ва норостандеш ва норостгуфтор ва норосткирдор ва бар ҳар тани бадкинаварз пирӯзманд бишавад…

Дуруду офарин бар ту барои ёрии мардуми рост ва барои зиёни бадкирдорон, то дерзамон зинда бошӣ ва зинда бимонӣ бо фарохӣ ва фархундагӣ!

Биҳишт ҷои покон ва ростон, ки равшан ва пур аз нур аст, ҷои ту он ҷо бод.

Мӯбад лаҳзае ба афшин дида дӯхта, риши дарозашро гӯё ба низом меоварда бошад, зуд-зуд палмосида ба суханонаш идома дод:

-- Азизоно! Суғдиёни сазовори замони хеш ва бо ақлу идрок! Шумо ҳоло дар ҳузури афшини воҳаи Рӯди Суғд фиристодаи Ҳурмуз ҳастед, ҳар оин парвардигор омурзандаю меҳрубон аст ва аз шумо эътиқоду итоат мехоҳад. Бегумон, худованд тавфиқдиҳандаи роҳи ростин аст ва шуморо ба ин роҳи ростин ҳидоят мефармоям. Эдун бод!...

Сомеон рӯй ба оташи вағнҳо намуда, аз он гуноҳҳои хешро омурзиш хостанд ва сипас бо меҳру муҳаббат ба Ҳуварн дида медӯхтанд, ки ӯ чӣ мегӯяд:

-- Ба номи кирдгори бахшояндаву меҳрубон паёму дурудҳо бод! Аё мӯбадон, вазирон ва кадхудоёни содиқи ман! Сию се сол аст, ки парвардигор маро ноиби хеш дар ин воҳа фармуд ва дар ин марзи зебоманзар салоҳияти том дода. Аксар рӯзҳои нек буд ва ҳаст. Вале мебинам, ки имрӯзҳо мардум ба амру фармони Дорюши ҳумоюннажод начандон итоату эътиқод меварзанд. Ба ҳар оин аз Дороҳо бадии зиште надидему осуда зиндагӣ дорем. Дар паноҳи ӯ беш ё кам зистем, омӯхтем, нон мехӯрем...

Аз байни ҳозирон ба маънии норозигӣ сурфаю сухангӯӣ шунида шуд, ки ин ҳолат аз ин пеш ҳеҷ гоҳ ба вуқӯъ намеомад.

Фаридун – амакписари фармондори шаҳраки Саразм бештар бетоқатӣ зоҳир менамуд. Вай мардумро ба атрофаш гирд оварда, тарғибу ташвиқ мекард, ки ғулом будан бас аст:

-- То ба кай ғуломвор зиндагӣ мекунем? Дорою дудмони ҳахоманишиҳо дусад сол боз хуни моро мемаканд. Ё мо аз ӯ

муттаҳам ҳастем, ё вом дорем, ё тарс? На! Бас аст муфлисию бечорагӣ! Мо нангу номус дорем, иззати нафс дорем, ашрофзода ҳастем?...

Афшин даст бардошта, аҳкомро ба оромӣ даъват карду афзуд:

– Дар ботини бани одам ду фариштаи ҳамзод нуҳуфта ва яке хайр – некӣ, дигаре шар – бадӣ арзи вуҷуд дорад. Талошу кашокашии онҳо мунтазам ва беинтиҳост, то рӯзи марг. Пок он аст, ки бо хайр ошносту ӯро мепарастад. Андешаи ман он аст, ки беш аз дусад сол касе аз душманон ба марзу буми мо пой нагузошт, нангу номуси моро помол накард. Боз чӣ мехоҳед? Шаҳру русто ободу киштзор серғаллаву ҷомиа сернуфус шуд....

-- Вале хуни моро макиду ғуломвор азиятамон дод ва медиҳад! – шунида шуд ногоҳ овози бурою гӯшхароши Ҳуриён, ки аз хонаи шафат даромада меомад. Ҳуварн ва сомеон якбора сукут варзиданд. Сукути ноҳинҷор, вазнин. Аз вағн чарс – чурскунон сӯхтани ҳезуми удбурс хомӯширо халалдор мекарду бас. Афшини пир эҳсос мекард, ки сомеон тарафтори андешаҳои писари ӯянд. «Бале» - мегуфт ба худ Ҳуварн, - онҳо ба ҳам созише мураттаб сохтаву «оши маслиҳат»-ро якҷоя ба дег андохтаанд! Афшин табассумкунон, саросема нашуда, оромона ба суханаш афзуд:

-- Имрӯз ман тоҷу тахтро ба Ҳуриён мебахшам, зеро навбати боло рафтани равони ман низ расидааст. Кунун шумо донеду афшинзода донаду худо!...

Ниҳоят, афшин амр фармуд, ки маросими тоҷгузориро оғоз бикунанд. «Аз ҳавои димоғи ин мардум, бӯи шӯру исён меояд!» - ба худ андешид Ҳуварн. – «Ман то андозае тавонистам, ҳукм рондам. Бо шеваи худ, бо салоҳдиди хеш, бо услуби хосаам. Бад ё нек, бигузор мардум андеша ронанд. Кунун пир шудам. Маро то нафаси вопасин хондани китобҳои шарифи: Ясно, Виспарад, Вандидод, Яшт, Хурда-Овисто ва касби гулпарварӣ кифоя аст. Писарам Ҳуриён имрӯз чӣ сон зебо, ҳушёру қашанг аст!...» - боз табассум намуд Ҳуварн ва дар дилаш дуои нек мегуфт: «Аҳуромаздо ӯро дар паноҳаш нигаҳ дорад! Ман шасту шаш сол беғараз, бекинаву кудурат зистам ва парвардигор боз чӣ қадар, ки умр ба дафтари тақдири ман навишта бошад, ҳамин гуна поку ростин зиндагӣ хоҳам кард!»

Афшини нав савганди шоҳона ёд мекард. Соҳиби Офтобу

Моҳтобро, Оташу Заминро, Боду Обро – Ҳурмузро далелу бурҳон мекард, ки ба халқи хеш ҳамеша содиқу вафодор хоҳад монд.

Ҳуварн дигар натавонист худдорӣ кардан ва чанд қадам ба истиқболи писараш гузошту ӯро аз пешонӣ бӯсида, оби дида рехт, вале он ашки шодӣ буд. Дар зери садои таблу чағона ва таҳсину табрикот афшини пир кулоҳи зарринро – тоҷи суғдиро – ба сари писараш Ҳуриён гузошт. Мӯйҳои марғӯлаи хурмойии афшини нав, ки ба китфонаш фаромада буд, боз ҳам зеботару ботароват ба назар мерасиданд.

Фориғи тоҷгузорӣ Ҳуварн чун одати дерина даст бардошта, гуфт:

-- Бори охир ба ту нафақат ҳамчун афшини пир, лобал падар амр ё илтиҷо мекунам, ки салоҳдиди номаи Дорюши саввум ба ӯ аз мулуки мо панҷсад нафар чокар бифирист. Боқӣ ту дониву мағзи ту?

Афшини собиқ «ҳа» ё «не»-и зодаашро нашунида, даврароро тарк бинмуд. Ҳозирон ба эҳтироми ӯ аз ҷой бархостанд «хуш бошу шод бош!» гуфтанд....

Як ҳафта мешавад, ки амлокдору афшину деҳқон[1] ва кадхудоҳову ҳатто тоҷирон ба афшини нав пешкашҳои гаронбаҳо тӯҳфа менамоянд. Ба ин миқдор молро ҳатто Ҳуварн ҳам ҳеҷ гоҳ надидаву чашмдор набуд. Рӯзи даҳуми ҳукмдорияш аркони давлату сарҳангони боэътимоди воҳаи Суғдро ба анҷуман даъват кард. Як рӯз пеш аз анҷуман Сапитамонро ба ҳузураш хонда, ба шарафи ӯ базм орост. Ҳар ду ҳам ҷавон, ҳар ду ҳам дили ҳассос доранду ҳар ду ҳам як мақсад – аз юғи истибдоди ҳахоманишинҳои зулмпеша орӣ будан!

-- Ман туро, дӯсти азизам, барои озмоиш ба Истахр, ба хизмати дорозодагон мефиристам. Ту бояд бидонӣ, барои ҷанг не, барои иктишоф[2]. То омадани ту қалъаи ҷангӣ, истеҳкоми бузурге, ки солҳо сохтмони он дар дилу нерӯи ман сахт ҷойгир аст, устувору пойбарҷо хоҳад шуд. Дилтанг машав, босабур бош, ба Дорюш хидмати нек бикун. Он вақти зарур пайдо шуду ҳангоми муносиб мавлуд ёфт, пас гард. Сарварии лашкари Суғдиён фардо насиби туву дар дӯши ту хоҳад буд.

---

[1] Деҳқон /ба суғдӣ/ - марди сарватманд.
[2] Иктишоф – муоина, разведка.

-- Магар дар билоди Форс ҷанг аст? – Сапитамон зиракона ба ангуштони аз эҳсос ларзандаи Ҳуриён чашм дӯхта суол кард.

-- Ҷанг бояд шавад! Тибқи иттилооти ровиёни ахбори пинҳонӣ Файлақуси маккор – шоҳи Рум бо писараш Искандари шохдор ба ҷанги билоди Форс тадорук мебинад.

Сапитамон аз шунидани вожаҳои «маккор»-у «шохдор» бихандид. Ҳуриён низ гӯё аз замири дӯсташ пай бурда бошад: - Бале, шохдор, вале мо бояд шохшикану қайсарро қавсайнгир бошем! – гуфта дӯсташро ба мизи таомҳо муроот фармуд.

Анҷумане, ки Ҳуриён даъват карда буд, хеле тӯл кашид. Масъалаи асосӣ мустақилияти суғдиён, сохтмони қалъаи ҷангӣ ҳам дар шаҳри Панҷакат ва ҳам дар қаторкӯҳҳои Сурхон ва ниҳоят ҷамъ овардани андози солона буд. Пас аз андешаҳои ҳокимону деҳқонон, волиҳои тобеи хешро шунидан, Ҳуриён амр кард:

-- Мувофиқи гуфтугӯю созиши мо бо ҳокимони бузурги Афросиёб[1], Бохтар ва Хваразм[2], ки аз қадим ба билоди Форс тобеъ набудем ва имрӯз ба шоҳи он андозе нахоҳем дод. Вале чӣ хеле, ки дар урфият мегӯянд чун ҳарифро харошидӣ, эмин мабош, бояд ҷанге дар пеш бошад. Дигар ин ки пояи салтанати ҳахоманишиён суст шудааст ва аз мағриб хавфи бузург ба душмани асосии мо таҳдид дорад. Аз ин боис тадоруки ҷангро, сохтмони қалъаву куҳандизҳоро, работҳо ва лавозимоти ҳарбиро бояд андешид. Қӯрғонҳоро таъмир карда, баҳри омода сохтани афсару аслиҳа бошитоб бикӯшед. Дар дили кӯҳҳои самти Сурхон куҳандизи бузурге бояд сохт, ки шароити басо мусоидро дорост. Шоҳи Вахшон низ ба ёрии мо омода аст!...

Ин буд қарору ҳукм, ин буд маҷлиси Ҳуриён!

-- Ба куҳандизи нав чӣ ном мегузорем, Сапитамоно? Ту чӣ андеша дорӣ?

Аҳли маҷлис рӯ бо Сапитамон намуда, интизори суханони тозаи ӯ шуданд. Паҳлавон дар лаб нимтабассум лаҳзае ба сукут афтоду сипас афзуд:

-- Бобоён қалъаи шаҳри Панҷакатро бо эҳтиром қалъаи

[1] Шаҳри Самарқанд, ки румиҳо Мароқандаш ном мебурданд.
[2] Хваразм /Хоразм/ - маънии «сарзамини офтоби»-ро дошт.

Муғ ном гузоштаанд. Қалъаи минбаъда ё куҳандизро кунун қалъаи Ҳуриён гӯем, кам нахоҳем шуд!

Афшини ҷавон пас аз андаке таваққуф шод гашт ва ба вақд омад:

-- Номи олӣ! Қалъаи Ҳуриён! Ба шумо писанд аст, аё мардум?!

Маҷлисиён шодионаомез кафкӯбӣ намуданд, ки маънои тасдиқро дошт. Дар вағнҳо оташ аланга мезад, вале ин оташ гӯё дар оташкада неву дар дили Ҳуриёну Сапитамон якҷоя ба умеди истиқлолияту озодӣ шаъшаа мепошид.

РӮДИ СУҒД МАҶРОИ НАВ МЕГИРАД

Мо зи болоем, боло меравем,
Мо зи дарёем, дарё меравем.
(Мавлавӣ)

Шаҳраки Саразм дар соҳили дарё гӯё дар бағали модар ба хоби ноз рафта буд. Сапитамон лаҷоми аспи самандашро гирифта, ба дарё наздик шуд. Насими покдоман аз самти дарё фараҳбахшу нарм мевазид. Суруд мехонд дарё – суруди қадимаи хешро – суруди зиндагиро. Рӯди Зар ба назар сеҳрангезу мафтуносо мерасид. Хешро аз соҳил ба соҳил мезад. Қалби ӯ мисли қӯраи оташ ё вағне буд, ки гӯё обро ба ҷӯш оварда, ба хурӯш оварда, ба сурӯш оварда буд. «Обе, ки ҳаракат надорад, оби гандида аст!» - мегуфт ба худ Сапитамон ва афзуд:

-- Ҷӯш зан, дарёи суғдӣ! Ҷунуну ҷавониҳо ба ту мезебад. Талотуму гирдобҳо, бӯрону бӯҳронҳо шеваи туст, рӯди Зар! Мавҷу тӯфонҳо, шӯру исёнҳо, шитобу қаҳри ту роҳати ташналабон, ғизои ташнадилон, шифои ташнаҷигарон аст. Полезу майдонҳои кишт, саҳроҳои ғаллаву боғҳо аз ту обшор, гулзору чаманистонҳо аз ту саршор. Ҷӯш зан, дарёи суғдӣ! Қаҳ-қаҳаи мастӣ туро мезебад ва дили Сапитамон аз шевану аз гиреви ту рӯхи тоза, нерӯи хоса мегирад. Ҷӯш зан, мисли мунодиён фарёд бикуну боз ҷӯш зан, дарёи кӯҳистон, дарёи дар олам достон! Зеро маънои зиндагӣ талош аст.

Ногоҳ дили Сапитамон аз ҳавои серуну накҳати хуши дарё болида, майли сухангӯй мекард, ки ин ҳол гоҳ-гоҳ дар ҳастии ӯ ба вуқӯъ меомад, афзуд:

--Модари ҷонпарваро! Нерӯи рӯҳпарваро! Рӯди Заро! Барои дуруду хуш бош гуфтан, барои шукру ситоиш пазируфтани ту омадам. Муддате аз ту дур меравам, ба хизмати адӯ меравам, вале дар ёди туву бо хотири ту меравам. Суруди туро, накҳату насими хуши туро, созу маҷрои туро бо худ мебарам. Биёву чанде маро навозиш бинмо, то боз тансиҳат ояму ба дидори покат бирасам. Аё модар, рӯҳпарваро, рӯди Заро!

Ҷавонмард либосҳояшро кашида, хешро ба ихтиёри дарёи шӯрангез андохт. Чобукона шино мекарду қоҳ-қоҳзанон бо мавҷҳои дарёи пурталотум оғӯшгириҳо дошт. Маллоҳи чобуке буд Сапитамон. Аз овони хурдӣ то кунун дар чаҳор фасли сол, дарёро мепаристиду бо ӯ унс гирифта буд. Ҳоло ҳам дар айни фасли обхезӣ, озоду чобук шиноварӣ карда, ниҳоят хешро ба соҳил бароварда ва боз афзуд:

-- Хаёлан туро ҳамеша ба оғӯш мегирам, модари ҷон! модарҷонам!

Дарё талотумкунон хешро ба пои ҷавон зада гӯё гуфтан мехост:

-- Туро ба паноҳи худо месупорам, аё фарзанд. Ту низ мисли ман пурмавҷу шӯридаву дар талош бош. Туро интизор мешавам, родмардо, Сапитамано! Кунун ман бо маҷрои нав туро парастиш хоҳам кард.

Паҳлавон ба соҳили дарё зону зада гӯё ибодат мекарда бошад, об бинӯшиду марзи онро бибӯсид ва хушҳолона бигуфт:

-- Бале. Рӯди Суғд ва Сапитамон маҷрои нав мегиранд!...

Мардуми меҳнатии Саразм, мардуми ғаллакор буданд: гандуму шолӣ, ҷаву нахӯд, арзану зағир, суку мук парвариш мекарданд. Имсол низ ғалладона фаровон шуд. Танҳо ғундоштани шолӣ – биринчи девзираи овозадори Саразм дар саҳро мондаасту халос. Шолипарварон оби шолипояҳоро берун ронда, мунтазири хушк шудани лойобаи замини шолӣ буданд. Падари Сапитамон низ барои хабаргирии шоликориаш рафта буд. Пуришасп собиқ сарҳанги шуҷоъ, ҳоло марди деҳқону шонапаҳни қавиҳайкал, ки Сапитамон низ ба падараш рафтааст, ба хизматкорҳояш супоришу маслиҳатҳо медод.

-- Шолии ҷавдор оби мизонро хӯрдаасту дигар ба он эҳтиёҷ надорад. Вақти он расидааст, ки обро хушк кунем. Марзи пойнобҳоро калон кушоед, то дар палҳо ҷуръае ҳам об намонад, вагарна биринҷ ранги хешро тағйир медиҳад.

Ҳамин вақт Сапитамон ҳозир шуд, мувофиқи оини суғдӣ дастони падарашро бибӯсиду ба ӯ муроҷиат кард:

-- Бузургворо, ман бояд ба хидмати Доро биравам. Ҳамин ҳоло чокарон аз шаҳри Панҷакат мерасанд. Дигар илоҷе намебинам. Фотиҳа диҳед, падар!

Абрӯвони сермӯи Пуришасп чин шуда, чашмони гӯсфандияш ба дуро-дур раҳ меҷустанд. Вай аз ин сафари фарзандаш, ки дирӯз Сапитамон ба ӯ арз фармуда буд, қонеъ нашудаву ҳарфе намегуфт. Ҳатто аз камарбанди заррину аспи саманде, ки Ҳуриёну Ҳуварн ба писараш бахшидаанд, ғамгин гашта гуфта буд: «Аз ин пешкашу тӯҳфаҳо бӯи хун меояд!»

Хидматгорон, ки феъли соҳибашонро медонистанд аз паи кор шуданд. Пуришасп оҳи бадарде кашида, ниҳоят ба забон омад:

-- Мебинам, ки қарорат қатъӣ аст ва панди ман туро кора намекунад. Меравӣ. Вале ман мехостам, ки ту мисли ин заҳматкашон пешаи кишоварзӣ мепазируфтӣ. Зеро гандум неъмати муқаддас аст ва пешаи кишоварзӣ пешаи пайғамбарист! Бо ҳукми Ҳурмуз – парвардигори олами ҳастиву ростӣ – Замин фармудааст: «Эй, марде, ки ту маро кор намекунӣ як умр бо қомати ҳамида бар дари дигарон мисли гадо рост меистӣ, аз назди ту хӯрокҳои хуберо гузаронида онҳоро ба хонаҳое мебаранд, ки дороиӣ дар онҳо фаровон аст». Хайр, чӣ илоҷ ва бидон, фарзандам, ки ростиву покӣ туро ба мақсуд хоҳад расонд. Дигар он ки дар шаҳри Истахр фарзандони марҳум тағои ман зиндагӣ мекунанд. Ба қавле онҳо ашрофзодагони Доро будаанд. Номҳояшонро дар хотир дор: Фарн писари Фарнич – ҳисобдори дарбори шоҳ, дигаре Баҳром писари Фарнич – амлокдор. Онҳоро дар Истахр хеле хуб медонистаанд. Ба назарам аз Баҳром дида Фарн некхислату росткирдор аст, ки бо ин сифати хуш дар дарбор шону шавкат дорад.

Пирамард ангуштаринашро аз ҷайбаш бароварда ба писараш дод ва гуфт:

-- Инро ба Фарн бинмо ва ӯ туро ба ҷон мепазираду хуш қабул хоҳад кард. Хайр, илоҳо сафарат бехатару мартабаат воло бошад!

Пуришасп Сапитамонро ба оғӯш гирифта, дуои нек гуфту аз ҷайби дигараш як хамён зар бароварда ба писараш дод.

-- Ба ин зарҳо аз шаҳри Афросиёб ба тағоҳоят тӯҳфаю ба худ колои сафарӣ бихар. Медонӣ, ки аксари шаҳриҳо агарчи хешу акрабоят ҳам бошанд, чун аз дарвозааш даромадӣ, нигарони дасти меҳмон мешаванд. Гӯё нодидаву носеранд онҳо.... – ғур – ғур мекард пирамард.

Сапитамон ба хулоса омад, ки падараш агарчи зоҳиран бадфеъл бошад ҳам, ботинан некӯманиш аст ва рафтори ӯро дарк карда, ангуштариву ҳамёни зарро бо худ гирифтааст.

-- Хуш бошед, падар!

-- Худо нигаҳбон ва мададгор! Ба зудӣ ва саломат баргард, писарам!...

Сапитамон ба хонаи дӯсташ Фаридун омада, ӯро супориш дод:

-- Ту бояд ба гирди хеш чокарони далеру нотарс, аслиҳаи ҷангӣ ва аспҳо муҳайё созӣ. Ман баҳри адои супоришоти афшин – Ҳуриён ба Истахр меравам. Бовар дорам, ки мо суғдиён озоду сарфароз зиндагӣ мекунем ва барои ин мубориза мебарем.

-- Маро ҳамроҳат намегирӣ, паҳлавоно? – даст бари сина пурсид Фаридун.

-- На. Ту бояд дар ин ҷо барои зарурат бимонӣ. Вақте ки ман бармегардам, дастаи ту ба ҷанг омода бошанд. Ба назарам набарди шадиде дар пеш аст. Хуш бош, Фаридуно! Ба падарам низ нигаҳбон бош, дӯстам!

Шаҳри Афросиёб асосан аз ду бахш: яке арки хеле мӯҳташам, ки бо деворҳои ғафсу рабаздор[1] ва бо хишту сангҳои суфта мунаққаш аст, ҳифз мешавад ва дигаре шаҳри берунии арк, ки он ҳам бо девору хандақҳои мустаҳкам иҳота шудааст[2]. Кунгураи деворҳо, шинакҷойҳо ва аз чаҳор бахши он қӯрғону қӯрхонаҳои ҷангӣ ба муҳофизати қалъа ҳамеша омодаву ҳушёр, чокарони посдору силаҳдор бо низом назорат мебаранд.

Ҷӯйбори зулолу соф, ки Сиёб ё Сияҳруд ном мебурданд, бо анҷиру анорҳо, себу шафтолу ва ба воиҷҳои ток ғизо медоданд, машҳуру маъмул буданд. Аз самти шимолии шаҳр рӯди Зар уштулумкунон ҷорӣ буд, ки шаҳриҳо ин дарёро «рӯди девона» мехонданд.

---

[1] Рабаз – девори гирдогирди атрофи қаср.

[2] Масофаи атрофи деворҳои шаҳр 12-12,5 км. тӯл кашидааст.

Ихшиди Суғд[1] дар Афросиёб – Таҳмураси пири хирадманд – Сапитамон ва анбозони ӯро хушнудона пазируфта, ба онҳо ҷою маош ва маунат таъин фармуд. Танҳо пас аз як моҳ, вақте ки аз шаҳру рустоҳои тобеи Мароқанд дигар чокарони ба хидмати Доро гумошта шуда гирд омаданд, Таҳмурас бо пешкашу тӯҳфаҳо, бо ходиму хидматпешаҳо онҳоро ба ихтиёри Доро равона намуд. Ба қавле арманиҳои кӯҳи Қафқоз ба иди Меҳргони Дорюш беш аз даҳ ҳазор кураи асп фиристодаанд.

--Чаро ин шоҳи айёр аз мо чокару аз арманиҳо асп гирифтааст? – мегуфт Таҳмурас ба вазираш Сиёмак.

-- Зеро арманиҳо аз додани ғуломону чокарон саркашӣ кардаанд.

-- Ин иттилоъ аз куҷо ва чӣ тур ба ту расида? – пурсид ихшид аз вазир.

-- Тоҷирони арманӣ гуфтанд, ки шоҳони онҳо мехоҳанд аз Дорюш рӯй гардонанд, зеро тақозои замон ҳаминро дархост мекардааст.

-- Андешаи онҳоро пазируфтан салоҳ аст. Вале дар ин бора майнаи ту чӣ мегӯяд?

Вазир аз ин пурсиши ногаҳонаи ихшид саросема шуда, дасту по гум кард ва ноҳинҷор табассум намуда, афзуд:

-- Э-э... бузургвор, ман дар ин бора андеша накардаам ва ... ва намедонам, ки....

-- Бале. Ба монанди ту барин «намедонамҳо» деги мо ҳеҷ гоҳ нахоҳад ҷӯшид!...

Сиёмаки вазир аввал гумон кард, ки ихшид ширингӯӣ мекунад, вале пай бурд, ки аз ростӣ мепурсад, хешро ҳушёр гирифта, бигуфт:

-- Дар бобати ин кор машварате бояд кард, ихшиди бузургвор. Машварати хоса ва махфӣ!

-- Бале, акнун ба худ омадӣ. Рафтем ба дарбор!...

[1] Шоҳигарии мутамаркази Суғдро «Ихшид», ҳокимони ноҳияҳои тобеи онро «афшин» ном мебурданд.

ДАР ОҒӮШИ САПЕДАҲОИ БАХТ

Қобили тағйир авсофи тан аст,
Рӯҳи боқӣ офтоби равшан аст.
(Мавлавӣ)

Вақте ки Сапитамон бо чокарони панҷҳазорнафараи ихшиди Суғд ба шаҳри Истахр даррасид, ҳодисаи фавқулоддае ба вуқӯъ наомад. Вай гумон дошт, ки онҳоро бо як тантанаву ҳамҳамаҳо, бо хуш бошу шод бош, чун мизбонони асил истиқбол мегиранд. Вале қабули онҳо мисли ғуломонеро, ки аз кори саҳро бармегарданд, бе ҳарфу бе эътибор, ба мунтазирии тоқатфарсо, ки дар ҳавои сард соатҳо нигоҳ доштанд, ба вуқӯъ омад. Сипас мисли он, ки гӯсфандонро дар қӯраҳои сангӣ банд мекунанд, дар саройҳо ҷои зист нишон доданду рафтанд. Сарои сангини рутубатоло, ки аз он бӯи мағор меомаду дилро беҳузур мекард ба ҷуз маҳбас дигар чизеро ба хотир намеовард, ба дида мерасид. Танҳо дарҳои сарой кушода, вале аз он ба шаҳр баромадан манъ буд. Ҳамааш ҳамин, он орзуву умедҳои волое, ки аскарони суғдӣ то ҳол доштанд.

Бегоҳирӯзӣ боз сарҳангони форс омада дар бораи шумора, сохтор ва танзими роҳбарии гурӯҳ маълумоти кофиро гирифтанду сипас каме хӯроку маводи зарурии аспҳоро гузоштанду рафтанд. Посбони ланге, ки дар дами дари работ ба пинак рафта буд, ба назар як гӯлахии чиркзада ё бангиеро мемонд, ки пайваста ба ғанаб мерафту аз ҷайбаш мавиз ё гандумбирёне гирифта мехӯрд. Ӯро парвои ҳарбу чокарон набуд.

Сапитамон бо дӯстонаш маслиҳат карда, ба хулосае омад, ки вай ба назди тағояш меравад ва ба ин «маҳбасӣ» тавассути онҳо хотима мегузорад. Вале дар дилаш мегуфт, ки бояд чокар пуртоқат бошад, ба азобу машаққатҳо тоб оварад.

Ҷавонмард пас аз шустушӯй либосҳояшро иваз карда, колои хеш ба китф гирифту ба посбони хоболуд чизе ваъда дода, бадар рафт. Хушбахтона, хонаи ҳисобдори шоҳ – Фарн писари Фарничро миршабе ба ӯ нишон дод ва барои ин аз ӯ, албатта, тангае чанд ситонид.

Дарвозаи дуқабатаи ранги хурмоиӣ хеле устокорона ҳаккокӣ шуда, ҳалқаҳои начандон бузурги аз миси сурхранг сохташуда, ба худ хос шукӯҳ доштанд. Маазолик бинои ҳисобдор, хонаи шахси сарватмандро ба хотир меовард. Сапитамон хост, ки ҳалқаҳои дарро бикӯбад, вале ногаҳон як табақаи дар кушода шуду ҷавонмарди алаззоҳир болиғ сару либоси шаҳрипӯш, сабзина ва нармсухан бо табассум баромада, афзуд:

-- Шумо меҳмони мо ва саҳв накунам аз шаҳри Афросиёб ҳастед. Ҳамин тавр не?

-- Аз Афросиёб ҳам дуртар.

-- Аз кучо?

-- Шумо, ки ғайбдонӣ кардед, бояд бидонед. – Сапитамон низ мисли бачагон шӯхиомез сухан ронд.

-- Саразмро медонед?

-- Бале.

-- Пас шумо аз Саразм – аз ҷониби акрабои падари ман.

-- Таго дар хонаанд?

-- Бале, ҳозир-ҳозир!.... – шодӣ мекард ҷавони беғараз ва кушодадил.

Ногоҳ шахси тамоман дигар, бархилофи андешаҳои Сапитамон пирамарди абрӯвони ғафсу ғуллиаш чин шуда, бовиқор, риши мошубиринҷаш аз ҳад дароз, кӯтоҳгардану беписанд, ки гӯё лабони ғафсаш овезон ба назар мерасид, озмоишкорона, вале рӯбоҳвор ба ҷавонмарди меҳмон нигарист. Пӯсти рӯяш агарчи сапеду пур бошад ҳам, заъфарону қаҳрабогун, эҳтимол ба ягон беморӣ мубталошуда ба назар мерасид.

«Наход ҳамин марди шайтонтинату мағрур тағои ман бошад?!» - мепурсид аз худ Сапитамон ва боз ба андешааш идома дод: «Хайр, одамро на ба сурат шиносанд, балки ба сират!».

Сапитамон ангуштарини падарашро ба пирамард пешкаш намуду мунтазири ҳолати ӯ шуд. Гумон кард, ки ҳоло вайро ба оғӯш мегирад, «ҷиянам!» - гӯён мебӯсаду мегиряд, падару хешу таборҳоро мепурсад, вале мизбон бепарвоёна ангуштаринро ба ҷавон пас дода, пурсид:

-- Ту ба Пуришасп кӣ мешавӣ?

-- Фарзанд.

-- Ба меҳмонхона!

Дили Сапитамон ранҷид. Охир падараш ба вай гуфта буд, ки фарзанди марҳум тағойи, Фарни покхислату ростқирдор туро ба ҷон мепазиранду гиромӣ медоранду ва ғайраву ҳоказо. «Меравам! Ҳарчанд, ки тағойиписар бошад ҳам, одамписар набудааст! Мисли миршаби масти амркунанда, бесару беандеша ва сардгуфтор! Эҳ, одамон чӣ хел тағйир меёбанд ё ягон асроре бошад?!».

Меҳмонхонаи кавзасохти бо шамъдонҳои гаронбаҳову заррин ва чиниворағҳои тоза чидашуда, назаррабо буданд. Дар рафҳо китобҳои гуногуни мунаққаш, дар рафи дигар лавҳи зебои чӯбкорӣ шуда, давот ва пурқалам. Рӯи мизи мудаввару мурассаъ лаълии мисин, ки рӯи он тасвири товуси хушхиром кандакорӣ шудаанд, ба дида мерасанд.

-- Чӣ ном дорӣ, тағописар?

-- Сапитамон.

-- Хеле хуб. Ба сафар омадӣ ё ба тиҷорат?

-- Ба навкарӣ.

Ногоҳ дар кушода шуду ҳамон ҷавони хандончеҳра ва аз паси он хидматгоре дар лаълӣ нон, қанду қурс ва анвои меваҷот ҳозир шуданд.

-- Чаро? – ба пурсиш идома дод соҳибхона ва афзуд: -- Касе туро зулм кард магар?

-- На. Бо хоҳиши худам.

-- Ту гумон мекунӣ, ки хизмати навкарӣ дар билоди Форс бозист?

-- Боке не, охир касе бояд марзу қавмҳоро муҳофизат кунад.

Фарн истеҳзоомез хандида, афзуд:

-- Ту ба назарам кӯдак менамоӣ, беҳтар мешуд, ки ҳоло ба оғӯши Пуришасп бармегаштӣ.

-- Дар дафтари омоли ман ҳамин хел навишта бошанд, аз он раҳойи нест, тағо.

-- Дафтари омол будааст! Эҳ, ин деҳотиҳои нофаҳми хешро ба марг дода!.

Сапитамон дигар худдорӣ карда натавонист ва хӯрҷини тӯҳфаҳоро ба назди мизбонон рехту бо баромадгоҳи дар рафта, афзуд:

-- Ман барои нону намакхӯрӣ ва истинтоқ ба ин ҷо наомадаам. Падарам фармуд, ки аз ҳоли шумо хабар гирам. Вале мебинам, ки шумо аз омадани ман шод нестед, сад

афсӯс! Чӣ илоҷ, ба ҳаминаш ҳам ташаккур, тағо! – ва баромада рафт. Гумон кард, ки мизбон аз паси ӯ мебарояд, вале касе аз меҳмонхона ақаллан сар берун накард: на кадхудо, на писари ӯ ва на хидматгор.

Вақте ки Сапитамон роҳ ба сӯи дарвоза мерафт, аз рӯбарӯяш як духтари мавзунқомати куртагулинор пӯшида, рӯймоли рах-рахи ҳариру зайтунранг ба сар кашида, ки бо як гӯшаи он гоҳ-гоҳ рухсораашро шармгинона мепӯшонду чашмони сиёҳи барқпоши ғизолиаш ҳушёр ё нозпарвар буданд, бо нимтаъзиму эҳтиром афзуд:

-- Оини ҷавонмардӣ аз қадим тааммулу сабурӣ будааст, некмардо!

«Ваҳ, чӣ қадар овози ширадору форам ва малеҳ дорад ин духтар!» - аз дил гузаронид Сапитамон ва бо ҳайрат аз худ мепурсид: «кӣ бошад ин париваш ва чаро аз ман тааммулу сабр мепурсад?»

-- Ман сӯҳбати дилгири ба вуқӯъомадаро тасодуфан аз паси дар бишнидам ва таассуф мехӯрам, ки бо хеши раҳдурамон беадолатӣ зоҳир карданд, вале дар паси ин пардаи тира асроре нуҳуфтааст, Сапитамоно!

Дасту поҳои ҷавонмарди саразмигӣ сусту лакот гашт, гирди лабонашро низ резаҳои арақ пахш карда буд. Колои сафарии сари китфаш лағжида ба поён мефаромад. Ҳамин вақт духтар хӯрҷини ӯро ба даст гирифт ва Сапитамон ба он ангуштони булӯрину ҳиногуни лайсу ҳамвор, ки бештар ба буттаи гули тару батаровате шабоҳат дошт, бо майли тамом дида дӯхт. Ба назари ҷавонмард ӯ гӯё яхе буду аз офтоби гарму сӯзон об мешуд, ҳоло-ҳоло адою тамом мегашт. Вале хешро ба даст гирифту пурсид:

-- Ту кистӣ ва ба кадхудои ин ошён чӣ нисбат дорӣ?

Духтар шармгинона бихандид ва бари рӯймолашро аз лабу даҳон дур сохта афзуд:

-- Ман духти тағои шумоям, Сапитамон!

Лабони арғувонии ақиқин, гӯё аз гули лола ду барг буд. Рӯи широсо сапеду ҷамил, мижгонҳои дароз, магарам абрешимӣ, зулфакони қиргуни мушкбез, на-на бунафшаи зери шохаи савсан буд, ҳама бунафшабӯ буд, бунафшаҷӯ буд, ки дили ҳар бинандаро ғулому асир ва афсуну ҷоду мекард.

-- Чӣ ном дорӣ, духти зеборух? Ва аз ту маъзарат

мехоҳам, ки мо суғдиҳо ба ҷуз худо дигар ҳамаро «ту» гӯён муроҷиат мекунем…

-- Маро Навишта ном аст. Бобати расму оинҳои суғдӣ ман низ иттилоот дорам ва медонам. – Хӯрҷини ҷавонро пармосидаву нозкунон ҳарфе зам мекард духтар.

-- Навишта… Навиш-та… ё фаришта? – мисли марди хаёлӣ такрор мекард Сапитамон ва худ надониста монд, ки ба ин духтари зебопайкар кайҳо моилу дил низ бохтааст. Бале, дили ҷавон кайҳо хайма ба саҳрои ишқу ошиқӣ зада буд.

-- Меҳмонро, алаззоҳир хешовандонро, даҳони хушк гусел кардан аз камоли назокат нест. Биёед, чанде дар кошонаи ман бошед, то бо шумову бо байти дудмони шумо шиносойи ба амал ояд, ки қобили қабул аст.

Кунун уқдаҳои дили Сапитамон кушода шуда буд ва мисли ғуломи содиқу вафодор як лаҳза ба меҳмонхонаи Фарн дида дӯхту сипас аз паи он санами гӯё афсонавӣ ё парии дар хоб дида равон шуд.

Утоқи духтар низ мисли меҳмонхонаи падараш ҷиҳози гаронбаҳо дошт, вале ҳаҷман хурд буд, дар пешгаҳи хона, болои мизи шашпоя, муҷассамаи гилии олиҳаи муҳаббат - Ашис Вагуги хеле нозуксохт ва назаррас гузошта шуда буд. Дар назди олиҳа шамъдони нуқрагӣ, ки дар он шамъи кофурӣ фирӯзон, ба утоқи духтар як нафосати воло ё меҳру садоқате меангехт.

Навишта ба Сапитамон роҳаткурсиеро нишон дод, ки бишинад ва аз рӯи лаълиҳо матои ҳаririро бардошта, меҳмонро бо меҳрубонӣ ба «нону ширинӣ»-ҳо муроот фармуд. Сипас духтар сабӯи нуқрагинро гирифту ба хонаи шафат гузашт.

Ҷавонмарди суғдӣ рӯ ба олиҳаи Ашис Вагугӣ гардонида, бо овози паст гӯё илтиҷо мекард ва албатта хандаовар низ буд:

-- Аё, олиҳаи поку росткирдору ростхоҳ! Ҳазорон ташаккур бар ту, ки маро ба ин сарзамин, ба ин кошона, ба дидори хуши ин моҳпайкар бирасонидӣ. Кунун бароям ҳама рӯшан – дил рӯшан, гуфтор рӯшан, рафтор рӯшан хоҳад шуд. Ман ба ту саҷда мекунам, аё рӯҳи некӣ, рӯҳи меҳру рӯҳи ростӣ, рамзи бахту рамзи шодӣ, Ашие Вагугӣ! Бахт имрӯз ба ман ёрӣ кард, аё олиҳаи пок! Мададгорам бишав!

Навишта дар як даст дӯлчаи афшурдаи анор ва дар

лаъличаи қирмизӣ хурмои тару тоза, ки акнун ба ҷои рӯймол пешонаашро якҷоя ба мӯйҳояш тавассути шерозаи тасмамонанд баста, ки румиҳо онро «диадема» меномиданд баста, хандону хушҳол даромада омад.

«Аҷабо, - аз дил мегузаронид Сапитамон, - аз чунин марди тундхӯву бадлафз парии париҳо бунёд шуда, аз хори захрогин гули гулҳо – ёсамин ба воя расидааст?!».

-- Он асроре, ки арз кардӣ чӣ гуна воқеа аст, Навишта?

Бо шунидани ин суол гӯё чашми офтоби тобонро абри тира гирифт, ки духтар сархам ва малул шуд. Сапитамон низ аз ин ҳол мутаҳайир бимонд ва сар ба андеша фуруд овард. Ниҳоят духтар ба забон омад:

-- Модари маро Моҳофарид ном буд. /Илоҳо равонаш шод бод!/ Ӯ аз дудаи дороён, кайхисравон, аз тоифаи зеборухоне буд. Падарам ба модарам он қадар дилбастагие ва меҳру самимияте дошт, ки ба гуфтан ё навиштан қалам оҷиз аст. Ин гетӣ пур аз ғаму гирдгардон будааст. Се моҳ мешавад, ки пас аз бемории омоси сипурз модари азиз ҷон ба ҷонофарин супорид. Эҳ, агар дар он рӯзҳо ҳоли падарамро медидед.... Дере нагузашта падари меҳрубони мо бадзабон, беандеша, тундхӯ гашта, вале хушбахтона ҳаракоти ноҷо зоҳир намекунанд. Ҳар рӯз ба дарбор меравад ва пас аз кор ба Хисрави меҳрубон, бародарам дарси ҳисоб меомӯзонад. Ҳатто беҳуда аз он меҳмонхона берун намебарояд. Шумо, хеши азиз, аз он суханҳои бузургвори ман ғамгин мабошед, зеро фалак каҷабозиҳои худро доштааст…

Духтар хомӯш монд. Ягона парвонае, ки гирди шамъчароғ давр мезад, ногоҳ пару болҳояш дар оташаки шамъ сӯхта, бар он бичаспид. «Кош, ман ҳам мисли ҳамин парвона бо ишқи Навишта месӯхтаму як умр ба ӯ мечаспидам!» - аз дил гузаронид Сапитамон. «Аз рӯи одоб нест», - мегуфт ҷавонмард хешро ба ислоҳ даъват карда.

-- Мебинам, ки аз серҳарфии ман дилгир шудаед. Ку, шумо инз ба забон оед. Бобати ҳамшаҳриҳои мо, холаю аммаҳо, оиди Афросиёби азиз, ки мо орзуи дидани ин шаҳри муборакро дорем, сухан гӯед. Бишнавем!

Сапитамон дар лаб нимтабассум дар бораи падидаи Наврӯз ва бо тақозои тақдир ба ин шаҳр омаданашро иҷмолан нақл кард ва дар хотима афзуд:

-- Вале на Доро ва на гумоштагони ӯ ба мо заррае ҳам

эътибор надоданд. Мо мисли чорпоён дар як сарои партове иқомат дорем. Омадам, ки бо тағоҳоям дар ин бобат машварате бикунам, то ҷои муносибе барои ҳамдиёрон пайдо созем. То ин дам пойтахт низ бароям мазмуне надошт, вале ҳоло мебинам, ки дар кошонаи шумо, дар меҳмонии самимии шумо хуррам гаштам. Аз лутфу марҳамати шумои азиз ниҳоят сарфарозам, Навишта!

Сапитамон пай бурд, ки ӯ Навиштаро «шумо» мегӯяд ва эҳсос мекард, ки муҳаббат ва лаззати ишқ бар ӯ чира мегардаду дар мағзу хуни ӯ ҷараёни пуртӯфоне касб намудааст, бештар мамнун мешуд.

-- Саодату шодкомиҳои шумо орзуи ман аст. Хуш омадед! – ба Сапитамон бо назокат гулоб пешкаш мекард духтар.

-- Шуморо Навишта ном мебаранд, вале ман аз ин соат шуморо Фаришта хоҳам гуфт.

Духтар аз шарм мисли гули садбарги саҳаргоҳон, ки шабнам ба баргу рухсораҳояш мерезанду сархам аст, ба дида мерасид. Ниҳоят ҷавонмардро ба ёд омад, ки шаб аз нима гузаштааст, азми рафтан карда, аз ҷой бархостанӣ шуд, вале Навишта бо як хавотирӣ муроҷиат кард:

-- Шумо чиҳо мегӯед? Шаҳр пури миршабу кутволҳост. Шумо ин ҷо бимонед ва субҳидам гуселатон хоҳам кард. Ба ҳар оин шумо одами бегона нестед-ку!

Сапитамон боз ба мижаҳои духтар назар андохту фарёди бунафшаҳоро дид, аз меҳрубонии Навишта мамнун шуду беибо дастони ҳиногуни ӯро ба каф гирифта, аз рӯи оини суғдӣ бибӯсид. Масту сархуш буд Сапитамон, ваҳ чӣ фархундаҷон буд ҷавонмарди саразмигӣ.

Навишта барои ҷавонмард рӯи кат ҷойхобе биорост ва:

-- Шабатон хуш бод, Сапитамоно! – гӯён сози рафтан кард.

-- Аз парвардигор умедвор ҳастам, ки баробари дидани сапеда ба дидори шумои азиз мерасам! Кош, фариштаи бахт насиби ман бошад.

-- Шаби шумо низ бахайр бошад! Хуш бошед!....

Духтар табассумкунон ба шабистони хеш бирафт. Бо сад нозу карашма тамоми шодии ҷаҳонро бо худ гирифта бирафт, Навишта.

Сапитамон аз барори бахту аз омади толеаш ончунон

шод буд, ки гӯё қалбаш дар чашмаи зулолу бузурге бо эҳсосоти хушу хуррамиҳо шино мекард, шустушӯ дошт, нӯши ҷон дошт. Ё мисли кабӯтари сапеди қудс озодона болу парафшониҳо мекард. «Оҳ, чӣ шаби биҳиштосо, чӣ гуна рӯзи хушовост имрӯз!» - мегуфт ҷавонмард хушнудона. Ногоҳ ҳис кард, ки моҳи мунир аз нимроғи қасаба дар фарози сар гӯё табассум менамуд, «хуш бошу шод бош!» - мегуфт. Сапитамон хешро сари зону партофта, ба моҳ саҷдакунон афзуд:

-- Ало, рамзи ҳусну зебоиҳо ва эй нур, ки ту нерӯи муқаддас ҳастӣ, илтиҷо мекунам, маро ба висоли ин фариштаи заминӣ бирасон!...

Шаб аз нима гузашта. Сапитамон акнун ба хоб рафта буд, ки ногоҳ осмонро абрҳои тира фаро гирифт. Гирду атроф чунон орому сокит буд, ки ақаллан ягон ҷонзод садое намебаровард. Ҷавон чашм кушода, ҳайрон шуд. Бедорхоб буд Сапитамон. «Ин оромии пеш аз вулқоне бошад?» - аз дил гузаронид ӯ ва боз ба андеша рафт: «Аҷабо?! Ҳатман ин оромӣ балое хоҳад овард!...»

Ногоҳ гумбурросзанон раъду барқ замину замонро ба ларза оварда, бар дили заминиён даҳшату ҳарос тавлид намуд. Баъд аз андаке боди тунде вазида, ҳамаро ба такурӯи растохез андохт. Боз паиҳам раъду барқ дурахшида гӯё гулӯлаандозиҳо мекард. «Магар дар тирамоҳ раъду барқ мешавад?» - ба худ суол медод ҷавони суғдӣ. Ҳамин вақт борони пуршиддате ба рехтан оғоз намуд, ки гӯё борони сел буд. Дари шабистони духтар бошаст кушода шуду Навиштаи тарсону ҳаросон бо пироҳани сафеди ҳариру сабуки шабпӯшиаш ва бо мӯйҳои парешону вале ба худ зебанда пайдо шуда, бе ҳеҷ истиҳола хешро ба оғӯши Сапитамон андохт.

-- Маро воҳима ва тарс безобита мекунад. Худоё, ин чӣ даҳшат аст... Маро паноҳ гир, паҳлавоно! – мегуфт духтар гӯё аз сардии ҳаво меларзида бошад.

-- Натарс, азизам! Охир, ин боду ҳавои муқаррарист. Магар фариштa ба дил ҳаросе ҷой медиҳад? – гӯён шӯхӣ мекард ҷавонмард.

Сапитамон дид, ки духтар дар ҳақиқат меҳаросиду меларзад, ӯро навозишкунон мисли уқобе, ки чӯҷаякашро ба зери болҳои бақуввати худ мегирад, бо як меҳру самимият ба оғӯш кашид. Духтар ҳар боре, ки раъду барқ гулдурос мезад, хешро ба пайкари ҷавон часпонида ва ҳатто гӯё ба ҷисми

ҳомияш фурӯ рафтанро мехоста бошад, ӯро аз оғӯшаш раҳо намедод.

Писари Пуришасп кӯдаквор механдид ва ногоҳ ҳис кард, ки аз Навишта накҳати нилуфарӣ меояд. Вақте ки ҷавонмард аз китфони духтар дошта, ӯро дидан кард, барқи сахте дурахшида, чанд сонияе симои ӯро равшан намуд. Чашмони духтар пӯшида, беҳаракат, рӯи сапедаш гӯё дар мадҳушӣ буд. Аз зери куртаи ҳариру нозуки шабпӯшӣ синаҳои анории нарму гармаш номураттаб мезад, баръало эҳсос мешуд. Сапитамон дигар ҳиссиёти хешро дошта натавонист ва духтарро озод бардошта ба бистараш бурду оҳиста хобонид ва бо як меҳри беандозаи воло гӯё рӯзи равшан бошад, тамошо мекарду лаззат мебурд. Ҷавон оҳиставу бо нозукӣ аввал аз рӯи сабоҳаташ, сипас аз лабҳои ширину гуворои ӯ бибӯсид ва фараҳе ёфт. Ба назари Сапитамон чунин расид, ки гӯё Навишта маҳз ҳамин эҳсосро, навозишу меҳри беандозаи ҷавонро дархост мекунад, мебӯиду боз мебӯсид. Дастони ларзони Сапитамон пайкари латифу гарму нарми духтарро ламскунон аз сар то пои ӯро бӯсаборон мекард. Тамоми баданаш аз дарди лазатбори фараҳбахш фароғат ёфта буд. Ба духтар низ гӯё аз ин меҳру навозиш оташе расида бошад, бо эҳтирос ҷавонмардро ба оғӯш гирифт. Ду ҷавони саршори ишқу ошиқӣ, гӯё ду малаки осмонӣ бағали ҳам мечаспиданду дар қуллаи баландтарини эҳсосҳо парвоз мекарданд. Онҳо кунун тухми бӯса мепошиданду ба пайкари ҳамдигар пура омезиш ёфта, китоби бахтро варақ мезаданд....

Борон аз бориш монд. Табиат гӯё монда шуда бошад, суст шуд. Ҳаво ҳам мисли оне, ки аз чизе хабар надошта бошад, боз софу беғубор гашт. Моҳи мунир мисли хандаҳои Навишта шаъшаа мепошиду ба ҷавонон бахту иқболи сапед металабид. Аз самти машриқ сапедаҳои субҳ нишонӣ медод. Ин сапедаҳо рӯзҳои наверо дар марзи дили Сапитамон низ гӯё кашф мекард, ки ҷавон худ ба худ бо сарбаландӣ ба ховар дида дӯхта, афзуд:

-- Ман дар оғӯши сапедаҳои бахт сархуш ҳастам. Субҳ бахайр, Сапитамон!

АПОМА

«Агар пурсанд: - Сухане, ки дар гӯши фарзанд мегӯянд кадом аст, бигӯй се сухан аст, ки устод ба фарзанд мегӯяд: - Бархез ба хидмат, бинишин ба ҳурмат ва бигӯй ба ҳикмат!»
(Ҳусайн Воизи Кошифӣ)

Қарибии чоштгоҳ як гурӯҳ сарҳангони болорутбаи форс ба ӯрдугоҳи муваққатии суғдиён омаданду ҷои зисти чокаронро дидан карданд. Пас аз муоина киҳоро гунаҳкору боз кадомеро сарзаниш ва дашном дода, ниҳоят аскарони суғдиро фармуданд, ки колои хеш ғундоранд ва аз паси онҳо равон шаванд. Панҷ ҳазор нафар аскари суғдӣ аз шаҳр берун баромада, ба работи хушманзарае, ки бинои похсагии серҳуҷра буд, расиданд.

-- Ин ҳуҷраҳо дар ихтиёри шумост ва ба низому саранҷомӣ иқомат кунед, алаззоҳир шумо ба танзим низ ӯҳдадор ҳастед! – гӯён сарҳангони форс баромада рафтанд.

Байни аскрони суғдӣ дар як муддати кӯтоҳ номи Сапитамон азизу мӯҳтарам гашт. Зеро тағои ӯ, ки дар дарбори шоҳ буда ва талаби ҷиянашро қонеъ кардааст, ин маънии пушту паноҳ доштанро тақвият медод. Наход ки Навишта аз падараш хоҳиш карда бошад, ки ба ҷои зисти чокарони суғдӣ эътибору кӯмак бирасонад?!» - мегуфт ба худ ҷавон.

Бегоҳирӯзӣ тағояш Фарн бо гумоштагонаш ба лашкаргоҳ омада, Сапитамонро пурсид:

-- Ҷои нав писанди шумост?

-- Беҳад миннатдорам, тағо. Эҳтимол, шуморо ғам додам?

-- Баръакс. Ман туро дар хонаи худ ранҷонидам. Ту аз ман дилмонда шудӣ?

-- Ин тавр нагӯед. Чӣ хел ки шумо бар дил қудурат дошта наметавонистаед, ман ҳам мисли Пуришасп бекинаам.

-- Хайр, биё ин суханҳоро як сӯ гузорему оштӣ шавем. Ба хона меравем. – Аз китфони Сапитамон оғӯш гирифта, бо як меҳру самимияти ба хешовандон хоса аз лашкаргоҳ берун баромаданд.

Хонаи ҳисобдори шоҳ пури меҳмон буд.

-- Ин кас бародари ман – Баҳром, - ба Сапитамон шинос намуд кадхудо марди зебоандоми кулӯтариш ва хандончеҳраро.

Баҳром алорағми гуфтаҳои падараш шахси некрой ва хушгуфтор буд, ки баробари шунидани номи Сапитамон аз ҷой барҳеста, ӯро ба оғӯш гирифт ва бӯсаборон мекарду меҳрубониҳо зоҳир менамуд. Дигар меҳмонон аксар панҷакативу мароқандӣ ва шиносҳои тағояш буданд. Меҳмонон менӯшиданду хушдилона сурудҳои суғдӣ мехонданд.

Фориғи меҳмондорӣ Баҳром бо иҷозати Фарн Сапитамонро ба ҳолу ҷонаш намонда, ба саробӯстонаш гирифта рафт. Ҳар ду то поси шаб дар бораи зисту зиндагонии суғдиён, хешу акрабо ва воқеаҳои рӯзмарра сӯҳбат оростанд. Дар ҳини мусоҳиба ногоҳ тағояш пурсид:

-- Оила дорӣ?

-- На.

-- Чӣ, Пуришасп магар камбизоат шудааст? – хандида мепурсид Баҳром.

-- Адои хизмат кунем, баъд...

-- Исто-исто... ман туро ба як духтари нимирониву нимсуғдӣ хонадор мекунам. Бале, хидмат бо роҳи худаш. Ту сухани маро намегардонӣ. Пуришасп низ хурсанд мешавад. Дигар ин, ки барои духтари зери чашм кардаи ман аз ту муносибтар домод нест.

Сапитамон бо ҳайрат ба симои тағояш дида дӯхта, табассум мекард, ки ӯ ҳазл мекунад.

– Росташро бигӯй, ман ҷиддиёна сухан гуфта истодаам, ту наханд, агар духти ҳалимаю ҷамилаи тағоият Фарнро хостгорӣ бикунам, ту ӯро ба занӣ мегирӣ? Оҳ-оҳ, ту ӯро надидаӣ, вай чӣ тур санами зебопайкарест, ки!.. - Дили Сапитамон чаманвор шукуфта, сару рӯяш аз шарм арақшор гирдид ва дар назди тағояш сархамкунон дар лаб табассум, дар дил умедҳои ширин ва бо хотираҳои воло парвоз мекард.

-- Ту гумон мекунӣ, ки ба хешовандон хонадор шудан гуноҳ аст? Марҳума ҳамсари бародарам аз табори дороён буд ва духти ӯ ба ту шаръӣ ва раво хоҳад шуд. - Сапитамон ҳамоно сархам пешомади корҳоро мунтазирӣ мекашид. Баҳром сархушона аз гармӣ бошад ё аз ноҳинҷории либос, ридояшро кашида ба сухан афзуд:

-- Ман ба ту воқеаҳои аҷиберо бобати заношӯйии каёниҳо нақл мекунам. Бидон, ки Куруши Аввал шоҳи балоди Форс – холаашро, Дорюши Аввал духти бародараш Фаротогунро, Дорюши Дуввум хоҳараш Паришодро, Ардашери Сонӣ духтари нахустинаш Амастарисро ва ҳам духти хурдиаш Анассоро, ҳамсари Куруши Сағир Аспосиё пас аз вафоти шавҳараш зани Ардашери Дуввум шуд.

Ин ҷо ҳамин хел оин аст, ки барои ҳокимон «никоҳи муқаддас» ном гирфта. Акнун фаҳмидӣ? Духти Фарн Навишта аз ҳар ҷиҳат ба ту мувофиқ меояд, агар розӣ бошӣ салоҳи кор биҷӯем.

Сапитамонро нақлҳои тағояш тааҷҷубовару нав набуданд, зеро чунин оинҳо дар Суғд низ вуҷуд дошт. Аз ин рӯ ризогии хешро барои хонадор шудан ба Навишта маълум кард.

Пас аз як ҳафта ақди никоҳи Сапитамон ва Навишта баргузор шуд ва онҳо акнун дар хонаи тағояш Фарн иқомат доштанд. Дере нагузашта падари Навишта низ ба як ҷавонзани бева, ки аз шаҳри Балх буд, хонадор шуд. Воқеаҳо чунон ба зудӣ анҷом меёфтанд, ки кас ба ҳайрат меомад.

Рӯзҳо мегузаштанд. Зимистони сарди қаҳратун ҳам гузашту баҳори нозанин омад. Дар лашкаргоҳи суғдиён ба машқҳои варзиш ва омӯзиши саноеи низомӣ шуғл меварзиданд. Пас аз гузаштани ҷашни Наврӯз Сапитамон супориш гирифт, ки бо дастаи панҷҳазорнафара ба шаҳраки навбунёди юнониён, ки назди соҳилҳои Ому иқомат доштанд, бираваду ишонро машқҳои ҳарбӣ омӯзонад. Дастаи суғдиён омодаи сафар шуданд.

Дар хона Навишта ашк дар чашм аз ин ҷудойӣ ба танг омада, гиря мекард.

-- Фариштаи ман, ҷои ту дар мағзи ҷони ман, дар дилу имони ман аст ва рӯҳи ту ҳамеша дар вуҷуди ман хоҳад буд. Охир, ин сафари доимӣ не, муваққатӣ. Чаро ту дилтанг мешавӣ? Тобистон, ки омад, бармегардем. Бардам бош, азизам. Ту бояд ба ин гуна зиндагии афсарони низомӣ унс бигирӣ, зеро ман сарҳангаму вазифа ҳаминро тақозо менамояд. Дигар ин, ки кунун дилҳои мо ба ҳам гиреҳ хӯрда, ҳамҷиҳат гаштааст ва ҳеҷ монеае садди роҳи мо нахоҳад шуд.

Вале тобистон ҳам гузашту фасли хазонрез ҳам даррасид, аммо аз Сапитамон дараке набуд.

Гурӯҳи калони мардумони шаҳраки Милет аз Юнонистон фирорӣ шуда, аз ҷабру зулми амлокдорони Юнон ба фишор омада буданд ва бо иҷозати шоҳи билоди Форс – Дорюш назди соҳилҳои Ому маскан гирифтаанд. Онҳо ҳатто шаҳри нави хешро Милети Форс ном мебурданд. Ин мардум ҳам забони юнонӣ ва ҳам забони форсиро хуб медонистанд.

Сапитамон сараввал гумон дошт, ки онҳо мардуми азбошпешаи гуреза ё марзи хешро нописандона гузошта ё бо ҳирси сарватманд шудан ба ин ҷо омада мепиндошт. Вале ниҳоят фаҳмид, ки аксар одамони аз ҷангу кашокашиҳо безор, мардуми меҳнатдӯсту некхислат ва беозор будаанд. Ҳатто онҳо аз Сапитамон хоҳиш намуданд, ки дар ин ҷо ба лашкаргоҳ зарурате нест, онҳо танҳо зиндагии осудаву озодонаеро мехоҳанду бас. Дар байни онҳо фозилону донишмандон, ҳатто шоирони озодандеш низ буданд.

Ба ҳар ҳол Сапитамон аз байни онҳо фидоиёнро гирд оварда, дастае ба сомон оварда ва супориши ба ӯ гузошташударо танзим фармуд.

Поси шаб буд, ки навбатдори ӯрудгоҳ Сапитамонро бедор карда, бо ҳаяҷон муроҷиат кард:

-- Работи шаҳр оташ гирифта истодааст, сипаҳсолоро!

Сапитамон зуд бонги хатар эълон фармуда, бо панҷсад нафар аскаронаш дар ҷои сӯхтор ҳозир шуд. Ғарами коҳу алафҳои хушки работи калон месӯхту забонаҳои оташ хавфи ба биноҳои истиқоматӣ гузаштанро дошт. Аскарон оташро дар як муддати кӯтоҳ тавассути обу хок хомӯш карданд. Мардум бошанд, сарҳаму ғамзада. Субҳ медамид. Ҳокими шаҳр Эврипили юнонӣ ба назди Сапитамон омада, бигуфт:

-- Ёрию мададе, ки шумо ба мо кардед, ҳеҷ фаромӯш намешавад ва худо шумоёнро дар паноҳаш нигоҳ дорад.

-- Чаро шумо ин қадар ғамгинед? Хайр, биноро аз нав месозем.

Эврипил оҳи амиқе кашида, чун ҳарвақта аз рӯи одат пешониашро молидан гирифт. Ба назар чунон мерасид, ки тори асабҳояш хеле сахт кашида шуда, бетоқатӣ зоҳир мекарда бошад, меҷунбид. Пирамард гуфтанӣ буд, ки дар пешониам ҳамин савдо навишта шуда будааст ва ниҳоят ба забон омад:

-- Вақте ки мо аз Юнонзамин гуреза шуда ба дарбори Доро омадем, вай ба ҳар яки мо молу чорпо тӯҳфа карда, гуфта буд: «Ба чорводорӣ бикӯшед ва пас аз се сол саршумо-

ри чорворо се баробар карда мегирам». Ягона андозе, ки ӯ ба мо андохтааст ҳамин буд. Ҳоло чорвои мо фаровон аст, вале захираи коҳу алаф, ки мо тобистони дароз ҷамъ намудем ва онро дар работ нигоҳ медоштем, батамом сӯхт. Акнун чорворо бо кадом захира аз зимистон мебарорем? Ғаму андӯҳи мо аз ин боис аст.

Пирамард Эврипил абрӯвони ғулии сап-сафедашро чин намуда, ба хаёл рафта буд.

-- Хайр, чорворо пеш андозеду ба Доро бурда супоред, - гуфт Сапитамон хайрхоҳона.

-- Намешавад. Мо бояд дар арафаи иди Наврӯз чорворо биспорем. Шарти асосии шартнома ҳамин аст....

Сапитамон ногоҳ нидои шодиёнаомезе бароварда аз китфони ҳокими шаҳр дудаста дошта, афзуд:

-- Боке не, Эврипил, илоҷ ҳаст. Мо ба шумо ёрӣ мерасонем.

Сарлашкари суғдӣ барои сохтмони работ дусад нафар устоҳои гулдастро гузошта, фармуд, ки работро аз нав бисозанд. Дигар аскаронашро бо худ гирифта, ба соҳили дарёи Ому омад, ки он ҷо ботлоқзору шиббазор буд.

-- Чокарон! – амр дод Сапитамон, - Биёед, нону намаки хӯрдаамонро пос медорему ба халқи Милет дасти ёрӣ дароз мекунем. Боре шамшерҳоро ба ҷои дос истифода бикунем бок нест. Алафу бутта, шоху найзорҳои сабзро даравида, ба работи нави милетиён ҳозир бикунед!

Дар як муддат алафу шохчаҳои фаровоне гирд омаданд. Бегоҳирӯзӣ нафақат работи бузурге, ки устоҳо сохта буданд пур шуд, балки кӯчаҳо, ҳавлиҳо, рӯи бомҳо аз ғарами алафҳо нопадид гашт.

Эврипил ҳеҷ гумон накарда буд, ки ҳоҷати ӯ дар як рӯз рӯёб мешавад. Хуррам буд пирамард ва амр кард, ки имрӯз ба сарбозон зиёфате бидиҳанд.

Рӯзи дигар аз дарбори Доро корвони хӯроквориву маунате бирасид. Инчунин қосид хабар овард, ки аз байни аскарони суғдӣ даҳ нафар паҳлавонон ба мусобиқаи варзиш, ки бахшида ба ҷашни Меҳргон баргузор шавад, ба Истахр ҳозир бишаванд.

Сапитамон бо нӯҳ нафар чокари далеру қавипайкар тадоруки сафар кард.

Истахршаҳр намуди идона дошт. Кӯчаҳо тоза, деворҳо бо гили сурх андуда, биноҳо рангоранг, бозору дӯконҳо се-

родам буданд. Дар забони мардум вожаҳои «Меҳргон» «ҷашну сайр» гӯё азёд шуда буданд.

Сапитамонро завҷааш Навишта бо тифли парпеч пешвоз гирифт. Шод буданд аҳли хонадони фарнҳо. Ҷавонмард Навиштаро бӯсида бо як ҳайрати шодиомез пурсид:

-- Ин фарзанди ман аст?

Бо як шарму ҳаёи нозпарварона завҷаи Сапитамон «бале» гӯён парпечи тифлашро ба шавҳараш гузошт.

-- Духтар ё писар?

-- Духтарча!

-- Чӣ ном дорад?

-- Апома.

-- Апома? Номи пайғамбаре буд ё фариштае?

-- Ман орзуманди саодату комёбиҳои шумоям, Сапитамоно!

Навишта аз хурсандии шавҳараш болида, бахтиёр гашт, ки акнун онҳо фарзанд доранду зиндагии хуше ба сар мебаранд.

-- Номи олиҷаноб – Апома! – мегуфт писари Пуришасп тифлро бо навозишу меҳрубонӣ рӯи даст баланд бардошта.

САПИТАМОН - СИПАҲСОЛОРИ СУҒД

«Ман – Дорюш, шоҳи бузург, шоҳи шоҳон., Шоҳи мамлакатҳо, фарзанди Гистасп, набераи Арсам, ҳахоманиш сухан мегӯяд, Дорюш шоҳ... Аз қадим боз мо машҳурем, аз қадим боз дудмони мо дудмони подшоҳӣ буд. Сухан мегӯяд Дорюш шоҳ. Ҳаият кас аз дудмони ман пеш шоҳ буд – ман нӯҳумам....»

(Навиштаҷоти мехӣ аз Кӯҳи Бесутун, ки он ҷойро «ҷои худо – Ҳурмуз» мегуфтанд дар шоҳроҳи Ироқу Ҳамадон).

Мардуми билоди Форс ҷашни Меҳргонро аз ҷашни Наврӯз ҳам бештар эҳтирому пазироии доштанд. Зеро Меҳр – Офтоб, Оташ; ағлаби хонаводаҳои кишвар оташпарастанд ва кеши зардуштӣ мегаравиданд.

Ба ин санҷиш, роҷеъ ба ақидаи ҳисобдори шоҳ – Фарн писари Фарнич, одамон тамоми сол омодагӣ ва тадорук мебинанд.

Пас аз саранҷоми ғунучини ҳосилу баракати саҳройӣ, шоҳаншоҳ рӯзи ҷашнро таъин менамояд ва мутаваҷҷеҳ ба ин таърих шахсони воломартабаи дарборӣ ағлаб бо азму руҷӯъ саъю кӯшише ба харҷ медоданд, то ҷашн ба шоҳаншоҳ – Дорои Саввум ва меҳмонони ӯ писанд ояд. Ба вижа танҳо барои нигоҳубини аспҳои меҳмонон беш аз даҳ ҳазор саису хидматгор ва зиёда аз сад работи кошинкорӣ бо тамоми афзори аълою аҷноси мизбонӣ фароҳам омада, ҳозиру нозиранд.

Чун ҳарвақта оғози ҷашни Меҳргон дар майдони варзиш, ки он мисли амфитеотри юнониён дар пастхамӣ буду тамошобинон дар чаҳор самти баландиҳо, ки аз саҳни варзишгоҳ то боло барозҳои махсус дошт, нишаста наззора менамуданд. Аз ин барозҳо майдони варзиш бармало намоёну мушаххас ба дида мерасид.

Имрӯз дар саҳни майдон ҷои сӯзанпартойӣ набуд. Ба назари Сапитамон чунин расид, ки гӯё шаҳри Мадоин – пойтахти Эронзамин – ба ин миқдор одамро бори аввал мебинад. Гирду атрофи варзишгоҳ, бари ёнаву ёлаҳо, барозу фарозҳо рангбарангу товусгуна, ҳар куҷо чодару хаймаҳо, дар дегҳои дош хӯрокҳои гуногун дар ҷӯш, садҳо парчаму бодбаракҳо, ки ба каманди он матоҳои ҳафтранг ҳамоил буданд, саморо мунаққаш намуда, ба ларза оварда, ҷашни Меҳргонро симои идона мебахшиданд. Садои созҳои карнаю сурнай, бӯқ ва дафу таблакҳо, сетору арғунунҳо, суруди мутрибу ромишгарон, ҳой-ҳуйи шодиомези меҳтару кеҳтарон ба фалак дакка мезад.

Аҳли савдо ҳазору як ҳадаму ҳашами хешро ба фурӯш бароварда, хотири харидоронро ба молҳои гӯё «касмаёбу касмахар» мафтун менамуданд. Як сӯ ҳунари дорбозон, як сӯ морбозу хирсакбозон, як сӯ ҳаззолон, боз сӯи дигар тоҷирони хориҷӣ тоифа ба тоифа нишаста, косибону ҳунармандон растадору тараф ба тараф, дар чеҳраи ҳамагон нишоти хурсандӣ ҳувайдо буд, шуғли ба худ хосе доштанд.

Ҷойҳои беҳтарине, ки гирдогирдашро айвонҳои бошукӯҳ ишғол мекарданд, ва дар он курсиву мизҳои мунаққаш ё нишастаҷойҳои махсус барои хориҷиёни воломартаба омода сохта буданд, пури дӯстону меҳмонон буд. Дар айвони махсуси боҳашамат, ки аз дигар айвонҳо фарқи куллӣ дошт, Дорюш бо аҳли рикоб, бо оилаву хешовандонаш менишаст. Дар шафати тахти бошукӯҳи ӯ надимони бо низоми махсус

саф ороста, бо синону шамшер ва сипарҳо мусаллаҳ, мисли муҷасаммаҳои сангӣ рост истодаанд.

Дорюш риши сиёҳи аз нима поёнаш марғула, алаззоҳир мӯи пушти сараш низ то буни гардан марғуладор, мӯи пешониаш бо шерозаи зарриннусхаи музайян баста, дар сараш тоҷи зумуррадгун, бо либосҳои фохираю гаронбаҳо ва бо як савлату ғурур рӯймолчаи шоҳии сафедро боло бардошта, алвонҷ дод. Ин ишораи рамзи иҷозати оғози озмуну бозиҳои меҳргонӣ буд, ки ба якборагӣ садҳо карнай баробар садо баровардand. Аз ин садои ногаҳонӣ ва бимнок ба дилҳо як даҳшат ва рашъаи боэҳсос падидор мешуд, вале аксар медонистанд, ки нахустсадои ҷашни Меҳргон аст, ба завқ меомаданд. Пас аз ин маросим рӯйи минбари саҳни варзишгоҳ мӯбади мӯбадон – кадхудои дайри оташ – ташриф фармуда, ба номи шоҳаншоҳ Дорюш маҳду сано хонду халоиқро аз номи ӯ ва раёсати зардуштиён дуову такбирҳо, табрику таҳсинҳо арзонӣ фармуд. Ӯ пайваста бо муборакгӯиҳо як-як номи меҳмонони олиқадрро бо эҳтиром ба забон гирифта, билахира раиси варзишгоҳро ба тамошобинон муаррифӣ намуд.

Раис ё шахси мутасаддии варзишгоҳ марди солору бузургкулоҳе буда, бо овози шунавою омирона ба сомеон арз бинмуд:

-- Ба номи худои бахшоянда, ба парвардигори олами ҷисмонӣ – Оҳуромаздо, ки ӯ меҳрубону додгустари бузургпоя ва олимақом! Аё, озодмардон ва ҷумла бандагони қаламрави хиттаи Порс! Ҷашни ҳуҷистаи бошукӯҳ, ҷашни баракоти сол, ҷашне, ки улётарин оину русуми ниёконро дар худ муҷассам намудааст ва ин ҷашни Меҳргонро бароятон ирсол фармуда, солҳои сол меҳри Ҳурмуз ба рӯйи бандагонаш саховатманд бодо, қабул фармоед!...

Ҷашнсолор пас аз табрикот ба танзими барномаю эъломияҳо рӯзҳои идро тарҳрезӣ карда, ба хотири тамошобинон расонид, ки имрӯз дар саҳнаи варзиш гӯштигирӣ баргузор мешавад. Аҷиб ин буд, ки сухани солор дар тамоми майдон як гуна шунавою фаҳмо ба гӯш мерасид.

-- Имрӯз даҳ нафар паҳлавонони варзида нерӯозмойӣ мекунанд ва ғолиб билахира бо паҳлавони ҳабашӣ – Мардос даст мегирад. Паҳлавони ғолиб бо рутбаи сипаҳсолорӣ сарфароз гашта, соҳиби даҳ ҳазор аскар, дорандаи шодарвони сурх, кадхудои ғуломону чокарон ва эҳтироми хосаи шоҳаншоҳи киш-

вари Порс – Дорюши Кодомани покнажод мегардад! Доварони ёвари гӯштӣ сарҳанги саворагони сакойӣ – Мавок ва собиқ паҳлавони форснажод – Ардашер....

Издиҳом дар зери садои таблу нағораҳо, кафкӯбиву нишоти шодӣ зоҳир менамуд. Боз овози омиронаи солори ҷашнгоҳи варзиш ба гӯш бирасид:

-- Меҳмонон ва кадхудоёни олиқадр! Ҳоло ба давраи гӯштӣ аз номи чокарони панҷҳазорнафараи Хоразм – паҳлавон Фарозмард, аз ҷониби сарбозони ҳайтолӣ – паҳлавон Арҷосп нерӯ меозмоянд. Бифармоед!

Дар майдони варзиш ду паҳлавони ҳузарбу гурд сараввал заминро бӯса дода, каме ақиб рафтанд ва сипас мисли паргор ё калхотвор давр зада ба якдигар наздик меомаданд. Ниҳоят аз бозувони ҳамдигар дошта ба қувваозмойӣ пардохтанд. Аз дур ин ду паҳлавон хурӯсҳои ҷангиро мемонданд, ки ҳоло – ҳоло якдигарро гӯё минқор мезада бошанд, афту дарафт доштанд. Вақте ки паҳлавонон аз камари ҳамдигар гирифтанд ғиреву валвалаи тамошобинон бо вожаҳои «бизан», «бигир», «бардор!» - гӯиҳо тамоми майдони варзишро фаро мегирифт. Ногоҳ Фарозмард бо як наъракашӣ Арҷоспро озод бардошта, мисли чархофалак болои сараш давр зануниду ба замин зад.

-- Ҳалол!

-- Офарин! Аҳсант!! – шунида мешуд ҳазорҳо овозу нидоҳо...

-- Ба рӯйи саҳни варзишгоҳ паҳлавони сакойи – Сокиэт ва паҳлавони бохтарӣ Датафарн....

Ҳамин тавр то анҷоми гӯштӣ Датафрн пирӯз омад ва кунун ӯро набарди гӯштӣ бо Мардоси ҳабаш дар пеш буд.

Мусобиқаи Датафарн ва Мардос бисёр тӯл накашид. Паҳлавони ҳабашӣ ҷисми рақибашро бо як кашидану вазни хешро андохта чалипо задан гӯштингири бохтариро ба замин хобонид. Ҳарчанд ки вазн андохтан ва бар пой чалипо задан манъ буд, вале раису доварон ин ҳолатро ба инобат нагирифтанд. Аз байни издиҳом овозҳои норизойи ва қонеъ набудан мушоҳида мешуд. Солори гӯштӣ ба шоҳ нигоҳ кард. Дорюш ба маънои «хуб нест!» сар ҷунбонд. Он гоҳ раиси гӯштӣ таваққуф фармуд ва ниҳоят ғайричашмдошти тамошобинон муроҷиат кард:

-- Меҳмонони азиз ва кадхудоён! Азбаски қоидаи гӯштӣ вайрон шуд, вале Датафарн низ бо вуҷуди ин мағлуб гашт,

аз ин рӯ боз як гӯштини дигар, гӯштини ҳалол бояд баргузор шавад. Оё дар байни шумо родмарде, паҳлавони гурдадоре пайдо мешавад, ки бо Мардос қувваозмойӣ бикунад? Ҳар касе, ки довталаб бошад, ба саҳни варзиш мехондамаш.

Сапитамон, ки ба гӯштингирии Мардос нафрат пайдо карда буд, аз ҷой ҷаста бархосту даст боло кард ва ҷониби варзишгоҳ равон шуд. Раиси майдон кӣ ва аз куҷо будани ҷавонмардро пурсида, боз ба сомеон муроҷиат намуд:

-- Ҷавоне, ки даъвои паҳлавонӣ дорад – Сапитамони суғдӣ, аз шаҳристони Панҷакат, кишвари Афросиёб!

Мардум ба эҳтироми ӯ кафкӯбиву дастафшониҳо мекарданд. Гӯштин оғоз ёфт. Сапитамон бо як хунукназариву ғазаб ба рақибаш дарафтода, панҷа ба ангуштони ӯ мезад. Ҳар гоҳ, ки Мардоси зангӣ мехост бо вазни бузургаш Сапитамонро пахш бикунад ё чалипо занад, паҳлавони суғдӣ мисли паланги чобук хешро ба канор мегирифт. Замин хоктӯда шуда, набарди гӯштӣ тӯл кашид. Ҳазорҳо марду зан бо як овоз нидо мебаровардand:

-- Са-пи-т а-мон! Са-пи-та-мон!

Ногоҳ ба гӯши ҷавонмардӣ суғдӣ вожаи ҳақоратомези рақибаш расид, ки бо овози нимшунаво мегуфт:

-- Гӯсолаи ширмак! Гӯсолаи.....

Ин дашноми беписандонаи рақиб ӯро бехуду бадмазҳабу бадмаст кард магар, ки бо як қувваи илоҳӣ панҷа ба камари Мардоси сиёҳи девсурат зада, ӯро – паҳлавони пилтанро – болои сараш бардошту ба мардум рӯ овард. Халоиқ фавран ба замин задани ӯро, маҷрӯҳ сохтани рақибро талаб карда, додгӯён шевану ғирев мебардоштанд:

-- Бизан ӯро, Сапитамон!

-- Пахш бикун, фиребгарро?

-- Бикуш ӯро!

Сапитамон сар боло карда, ба рақибаш бигуфт:

-- Мешунавӣ, издиҳом чӣ талаб доранд? Ҳилаву найранги ҳароми ту куҷо шуд? Ё боз ҳақорату дашном мегӯйи ё узр мепурсӣ?

Мадрос дам намезад, ёрои сухан надошт, вале зӯр зада почаку дастак мепартофт.

Дастони Сапитамон мисли оҳани гудохташуда сахту чира, устувор, пойҳояш сутунвор барҷо, рақиби бузургҷуссаашро болои сар нигоҳ медошт.

Одамон гумон доштанд, ки ҳоло суғдӣ ӯро ба замин мезанаду рақибаш ҷон ба ҷаббор хоҳад дод. Вале Мардос рӯйи дастони пӯлодосои Сапитамон аз ҳуш рафта ё беҳол гашта буд, ки дам намезад ва ҷавонмарди суғдӣ ӯро бо як мароми ба гӯштигирон хоса ба замин хобонид. Ҳамон лаҳза паҳлавонон Датафарну Фарозмард, Арҷоспу Сакиэт ва дигарон ӯро ба даст бардошта, нафақат ғолибиашро, балки мардиву меҳрубониашро тан гирифтанду шодӣ мекарданд. Махсусан, Датафарн шод буд, ки ҳақиқат ғолиб омад.

Пас аз лаҳзае солор ба издиҳом рӯ оварда, муроҷиат намуд:

-- Мувофиқи шарти қабл аз ин иброз шуда, паҳлавони суғдӣ – Сапитамон ғолиби озмуни гӯштии Меҳргон гардид!

Одамон бо ҳаёҳуй кафкӯбиву қаноатмандӣ изҳор мекарданд ва ниҳоят пас аз оромӣ солор ба суханаш афзуд:

-- Сапитамон писари Пуришасп аз ин дам сипаҳсолори чокарони даҳҳазорнафараи Суғдзамин гумошта шуда, соҳиби аспу аробаи ҷангии чаҳорчарха ва гардунаи[1] якаспа, бо шодурвони сурхи шоҳаншоҳӣ, ҳафтдаҳ ғулом ва ҳафт канизаки қашанг ва билкулл Мардосро низ ба сифати ғуломи қонунӣ бахшидем ва муборакбодаш мегӯем!...

Сапитамон ба сӯи Дорюш дида дӯхта, нахустин бор ӯро хушҳол бидид, ки табассум мекард ва духтарони париваши шоҳ низ дастони сафедашонро сӯи вай дароз карда гӯё табрикаш мегуфтанд, шод буд. Паҳлавон ба сӯи онҳо таъзим намуд, сипас ба меҳмонон, ба меҳтарону кеҳтарон даст бари сина гузошта сипосгузорӣ кард ва бо ҳамин рӯзи аввали ҷашни Меҳргон анҷом ёфт.

Ногоҳ дар зери гӯшҳояш садои мавҷи дарёи суғдӣ – Рӯди Зар бирасид, ки дар шаҳраки Саразм ба ӯ гӯшакӣ карда буд: «-- Сапитамоно! Гуфта будам, боз мегӯям – маънии зиндагӣ талош аст!»

[1] Гардуна - / ба форсӣ / - аробаи якаспаи ҷангӣ.

БОБИ ДУЮМ

НАБАРДИ ИСКАНДАР БО ДОРО

Мабодо касе аз шумо ба гуфтору омӯзиши дурӯғпараст гӯш фаро диҳад, чи / он сияҳкор / ба хонумону рустову кишвар вайрониву табоҳӣ расонад. (Ҳон, ай мардум)

Сози набард кунеду (дурӯғпарастонро бо ҷанги ситез) аз марзу буми хеш бironед!

Авасто

Искандари Мақдунӣ ҷавони ба зоҳир бисту ду – биступанҷсолаи миёнақад, сохти рӯяш хуштарошу хуштарҳ, вале ду самти пешониаш ба пеш дамида, чашмонаш нилгун, бинии мӯътадил, аммо саҳл ба кӯфтагӣ майл дошта, гӯшҳояш ғафсу сахти рост, мӯйҳояш қаҳваранги марғула дар утоқи хеш ба уммони хаёлу андешаҳо ғӯта зада менишаст. Ӯро ҷавонмарди ҳушёр, аммо зудранҷ, якраву бесабур, вале боирода, молу зарро дӯстдоранда, вале сарфакор не, нисбати дӯстонаш саховатманд, тӯҳфабахш ба қалам медоданд.

Андешаҳо ӯро перомуни набарди шадид бо Доро беором намудааст: «Маро таклиф мекунанд, ки шабохун зада, аскарони аз ҷиҳати шумора афзуни Дорорро дар ғафлат гузорам. Чаро? Ба гумонашон аскарони Доро бартарии низомӣ доранд, вале ин бартарӣ не, шумораи беадад доранд. Ва ин шумора низ аз зулму тааддӣ ва тартиботи ғуруромези ҳахоманишиён ба ҷон омада, ба танг омада... Ҳо-о... Парменион! Вай сарҳанги донову корозмуда, вале намедонад, ки хости худоҳо бо ман аст: Ахиллес, Зевс, Ҳероклиту Амон ва ниҳоят ақли солими ман. Бале, бахту саодат ёри ман аст. Худоён маро дастуру иршод дода, ба ҷаҳонгирӣ ҳидоят кардаанд, то гунаҳкорони тирамағз ва ҷоҳилро дарси адабу ройи дуруст биомӯзонам. Бехудшудагон, ҳаромхӯрон, дуздон ва онон, ки номи худоёнро ба кунҷи фаромӯшӣ супорида, ба дурӯғу беназмиҳо унс гирифтаанд, лобал «никоҳи муқаддас» - гӯён ба духтару хоҳари хеш зино мекунанд, ба ғазаби парвардигор гирифторанд, ман бояд ҷазо бидиҳам. Аз ин рӯ бахт бо ман, толеъ аз ман ва кушоишу раҳоиш бо мост».

Искандар аз ҷой бархосту ногоҳ гуфти падараш ёдрас шуд, ки оли ҳахоманишиён борҳо ворид ба хоки бегона шуда, тохтутозҳои беадолатона, куштору сӯхторҳои азим, ҷудойи, талаву тороҷҳои беҳаде оварда буд. Мақдуниён ҳар сол ба порсҳо тӯҳфаю пешкаш, ғулому канизакҳо ва молу манол медоданд. Ҳатто гурӯҳе авбошон аз номи Доро «фиристодагонем» гӯён ба мулкҳои тобеи Руму Мақдун дохил шуда, дороии ин сарзаминро ғорат мекарданд, ба номусу нанги зану духтарон таҷозвуз карда, косаи сабри қавмҳои эллинро лабрез намудаанд. Филҷумла бояд имрӯз интиқому подоши ин беадолатиҳоро ситонида, дар сарзаминҳои Осиё сариштагиву оромиро таъмин бояд кард. Ин корро ҳар оина бояд ман ба сомон расонам.

Ба Парменион, ки талаби шабохун заданро маслиҳат дода буд, Инскандар рӯирост бигуфт» - «Ман пирӯзиро бар алайҳи Доро харидани нестам. Ба ман зарур аст, ки ҳалолу беҳила ва мардона варварҳоро [1] мағлуб созам. Дигар ин ки шабохун задан дар машриқзамин номарди аст!»

-- Байни аскарони мо гуфтугузоре ҳаст, ки баъд аз забт ва пароканда сохтани лашкари Доро ғаниматҳои шаҳри Димишқро пура худашон мегиранд. Ба қавле зару нуқра, молу чорпо ва ҳатто духтарони дӯшизаро ҳам моли хеш хоҳанд кард .... – гуфта буд Парменион гӯё ба ақидааш устувор монда.

Парменион медид, ки Инкандар ба андеша меравад, аз гуфтани ин хабар пушаймон шуд ва хост ислоҳе дарорад. Аммо Искандар ин нуктаро низ равшан ҳис намуда, кӯдаквор табассумкунон афзуда буд:

-- Охир, ин хеле хуб аст! Ту хабари хуше расонидӣ, Парменион! Ҷин занад онҳоро. Маълум аст, ки дили аскарони мо ба ҷангу қиём гарм аст. Бигузор бигиранд!...

Андар сари Искандар хаёлҳои гуногун давр мезаданд ва ӯ хешро танҳо шоҳи Мақдун не, шоҳи ҷаҳон мепиндошт ва ногоҳ модараш ба ёд расиду мактуби дирӯз аз вай омадаро бори дигар мутоила намуд: «Писари ягонаам, Искандар! То он даме, ки туро бар маснади шоҳӣ биншонам, чӣ корҳое накардам, чӣ қурбониҳое ба вуқӯъ наомад! Вале имрӯз мебинам, ки хазинаи Мақдун холист, дилам таҳ мекашад, бухсу гиря ба гулӯям мепечад. Бовар мекунӣ? Хазинаи шоҳи чаҳор самти ҷаҳон холист!.»

[1] Варвар - / ба румӣ / душман.

Искандар давоми мактубро нахонда рӯи миз гузошту бигуфт:

-- Модарам Олимпиада аз он тоифаи занҳоест, ки аз ҳеҷ чиз ва ҳеҷ гоҳ қонеъ намешавад. Зару зевар, молу матое, ки аз ғаниматҳои шаҳру рустаҳои навзабткардаи Мисру Ошур ба дусад аробаи дуаспа бор кардаву фиристода будам, боз ҳам қонеъ нашудааст. Ӯ гаштаву баргашта аз ноиби бекинаи ман Антипатри доно ва сиёсатмадор, ки вазифаи маро дар сарзамини Мақдун дар ӯҳда дорад, норозист. Чӣ кор кунам? – гӯён Искандар боз қадам мезаду лабонашро газида, ба кадом як нуқтаи номаълум дида медӯхт. Ногоҳ фикри тозае ба ёдаш расид:

-- Ӯро беибо ва сахт бояд сарзаниш кард, то минбаъд ба умури давлатӣ дахолат наварзад, вагарна воқиаи ношоистае аз ӯ падид хоҳад омад!

Искандар мактуби модарашро дигар нахонд ва онро ба рафи китобҳо гузошту ба ҷойхобаш даромад....

* * *

Дорюш писари Доро тамоми шаб нахуспида, сарбозонашро ба омодагии ҷанг даъват мекард ва амин буд, ки Искандар ҳоло-ҳоло шабохун мезанад. Чун субҳ дамид, лашкари Доро аз бехобӣ лакот шуда, хоболуду хаста, ба тадоруки ҷанг пардохт.

Ниҳоят, берун аз шаҳри Димишқ ҷанги шадид оғоз ёфт. Доро ба самти чап чокарони савораи сакоиҳоро, ки онҳо дарҳақиқат сарбозони бемисл буданд, сафарбар намуд. Ба ҳамин тараф боз ҳазор нафар савораи бохтарӣ ва сад гардунаи ҷангии досу теғбаста, ба самти рост гурӯҳи калони оромиҳо ва ҳабашҳои Байнаннаҳрайнро, модҳо, албанҳо, паҳлавиён, ҳайтолиёну суғдиёнро ва дигар халқу қавмҳои Эронро вобаста намуд. Дар пеш арманиву қавмҳои қафқозӣ ва панҷоҳ аробаи ҷангии досу теғдорро гузошт. Дар қалб худаш бо эрониёну юнониёни муҳофизатгар, ҳиндуҳо, зобулиҳоро, дар шафаташ бо филҳои маст беш аз панҷоҳ аробаи ҷангӣ ва аскарони зархариди мағрибнажодро фароҳам оварда буд.

Аскарони Искандар пагоҳии барвақт пас аз истироҳати шабона ва хӯроки наҳор саф оростанд. Аз маймана дастаи савораҳои хуб муҳофизатшаванда бо раҳбарии Филот писари Парменион, аз майсара сарҳанги боэътимод Парменион

бо артиши пиёдагарду савора танзим шуда буд. Дар қалб Никанор фавҷи аскарони вазнинсилоҳро муттаҳид сохта пеш мерафт. Аз паси ҳар даста, боз дастаи ёвар ва Искандар худ аз самти рост ҷой гирифт. Вай самти ростро ба пеш амр дод ва Доро низ зидди он баромад. Ҷанг оғоз ёфт. Бартарии Искандар мушоҳида мешуд, ки он гоҳ Доро аробаҳои ҷангии навсохташро ба ҷониби муқобил равона сохт. Аммо аробаҳои теғдор дар ин набард ягон тағъироте наовардand, аспҳо ба ҳалокат мерасиданд ва ба тиру зарбаҳои паёпай, ки аз фалахмонҳо мерасид, зуд аз кор мебаромаданд. Ногоҳ бартарии саворагони суғдӣ ва бохтариҳо мушоҳида гашт. Сапитамон бо чокаронаш мардонавор меҷангид, ки ба ӯ сакойиҳо низ ёрӣ мерасониданд.

Парменион аз ин зарбаҳо саросема гашта аз Искандар мадади иловагӣ пурсид. Искандар тоқатро аз даст дода, худ ба сар кулоҳи душоха гузошту ба ҷанг дохил шуд. Шасти саворагони суғдӣ боздошта шуд. Дӯстони Искандар диданд, ки шоҳ ворид ба ҷанг шудааст, бархе ба ӯ ҳамроҳ шуданд. Шоҳи мақдунӣ ба сӯи Доро ҳаракат мекард ва амр дод, ки ба муқобили шоҳи Эронзамин тирандозӣ кунанд ва танҳо ба он нуқта оташфишонӣ бояд ба амал ояд. Ба ин ҳилаи ҳарбӣ Доро истодагӣ карда натавониста худро бой дод ва иродааш ба вай итоат намекард ва нахустин шуда рӯ ба ҳазимат ниҳод. Чун аскарони зархарид диданд, ки шоҳ рӯ ба гурез ниҳод, онҳо низ аз паси шоҳ ҳазимат ихтиёр карданд.

Майдони пури мурдаҳову аслиҳаҳои парокандаи ҷангӣ, шевану доду фарёд ва ғиреви маъюбу шиҳакашии аспҳо, наъраи филони захмӣ, ки бештар аскарони Дороро ба зери пойҳояшон мегирифтанду пахш месохтанд, ба дида мерасиданд. Дар самти рост ҳоло ҳам садои чакочуки шамшерзаниву синонандозӣ, тақотуқи ба ҳам задани сипарҳо ба гӯш мерасанд, ки бисёр тӯл накашид. Шиҳакашии раъдосои аспҳои бечокар, бӯи ғализи дуду гарду ғубор ҳама ба ҳам омехта дили касро беҳузур мекард. Ин ҷанг назди шаҳри Димишқ якуми уктобри соли 331 то милод ба суди Искандар анҷом ёфт.

Шоҳи Эронзамин – Дорои Саввум хешро ба сифати шоҳи тарсу, берӯҳу беирода ба аҳли олам ошно сохт. Ӯро хешу табор, дарбориён ва юнониҳои зархарид ҳамроҳӣ менамуданд. Суғдиҳо, сакоиву хоразмиҳо ба Дорои тарсу лаънат хонда ба ҷониби сарзаминҳои хеш баргаштанд ва бисёр чокарон дар

ин ҷанг кушта шуданд. Доро гумон дошт, ки ҳоло бо Искандар набарду майдондориҳои ҷадид хоҳад кард. Вале ин андешаҳояш хому ғалат баромаданд – ҳар кас ғами хешро мехӯрд.

Искандар чун ғаниматҳои хазинаи Дороро дар шаҳри Димишқ аз назар мегузаронид, шоҳид гашт, ки аксари молҳои гаронбаҳо аз қабили муҷассамаву олотҳои зарина ва симина аз мамолики Руму Юнону Миср буданд. Вай бори аввал муҷассамаи мисиро, ки аз ҷангномаҳои Гормодиё ва Аристогитон ҳаккокӣ шуда буд дида, ҳайрон шуд. Ҳатман ин саноеи нафисаро ба Рум фиристод. Он қадар зару зевар, нуқраҳои рехта, лаълу зумрад ва марвориду забарҷад ба даст омад ва аскарон низ он қадар ғаниматҳоро ба яғмо мебурданд, ки баҳри талоши он бародаркушӣ мекарданду ба дасисаву ваҳшигариҳо низ даст мезаданд, ҳоҷат ба баён нест.

Вақте ки Искандар ба тахти мурассаъву музайяни Доро нишаст, пояш ба замин нарасид ва яке аз гумоштагони ӯ ба зери пояш сандаличаи беҳад зебоеро гузошт. Акнун Искандар ба он сандалича пояшро гузоштанӣ буд, ки ин вақт хизматгори дарборӣ ба гиря омад.

Искандар ӯро пурсид:

-- Чаро гиря мекунӣ?

-- Шаҳо, агар мҷозат бошад ба самъи шарифи шумо бирасонам...

-- Бозгӯй!

Хизматгори Доро оби даҳонашро пок намуда, ҳасрат кард:

-- Вақтҳои пеш дар ин сандалича шоҳаншоҳи Порс хӯрок мехӯрд.

Искандар пойҳояшро бардошта шармгин шуд, ки ба нону намаки мизбонон пой гузоштааст ва хост амр кунад, то сандаличаро бубаранд, вале ногоҳ Филот писари Парменион бо як кибру ғурур афзуд:

-- На! Ҳаргиз! Сандалича бояд зери пои шумо бошад, Баръакс ин хосияти хосе дорад. Бигузоред, то ҳамагон бинанд, ки мизи таомхӯрии шоҳи адӯ кунун зери по хориву зиллат ёфтааст!

Искандар эътироз накард. Дар шаҳри Димишқ шоҳи румӣ муқимӣ шуданро раво намедонист. Ӯро шаҳри Истахр – шаҳри бостонӣ бояд истиқбол бигирад. Вай мехост, ки ба

тахти Рустам – ба он хазинаи бузург аз Доро пештар бирасад.

Пас аз чанд рӯзи танзими лашкар Искандар ба сӯи Истахр роҳ гирифт. Хабар расид, ки яке аз сипаҳсолорҳои Доро бо номи Ариёбарзан бо чил ҳазор аскари пиёда ва ҳафт ҳазор савора назди «Дарвозаи Порс» /дарае, ки бо ин номи машҳур буд/, истодагӣ дорад.

Зимистони соли 331 нафақат бо сардиҳои қаҳратунаш, балки бо қаҳтиву гуруснагиҳояш дили одамонро ба ҳаросу ваҳшат андохта буд. Гоҳе ки аскарон ба сардии ҳаво нигоҳ накарда ба тангии дара, ки аз чаҳор ҷониб бо кӯҳҳои баланд иҳота шуда буд расиданд, аз боло сангу тирҳои бешумор ба сари лашкари Искандар рехтанд. Шоҳи Мақдун фавран амр кард, ки ақиб баргарданд. Рӯз торик мешуд. Бо маслиҳат як нафар чӯпони маҳаллиро, ки роҳи ағбаро хуб медонистааст, пайдо карданду ба ӯ зару сими беҳисоб бахшиданд. Роҳбалад поси шаб аскарони мақдуниро бо роҳи душворгузари кӯҳӣ бо худ гирифта рафт.

Искандар дӯстонаш Кратер ва Мелеагрро дар бошишгоҳи худ гузошта, бо роҳи роҳбалади Форс – бо чӯпони ин қадар зару симро надида, ба ағбаи душворгузар дохил шуд.

Чун аскарони Ариёбарзан нохост Искандарро дар ӯрдугоҳи хеш бидиданд, «балои осмонӣ омад!» - гӯён саросема сару калобаашонро ноёфта монданд. Ариёбарзан хатояшро фаҳмид, ӯро лозим буд, ки бо ин роҳи душворгузар Искандарро миёнагир карда, зарбаи дутарафа медод, вале акнун дер шуда буд. Шоҳи Мақдун аз боло, Кратер аз поён лашкари Ариёбарзанро маҳв месохтанд....

Бесарусомонӣ шаҳри Истахрро фаро гирифт. Ҳар кас дар қасди гирд овардани молу манол ва зару нуқра буд.

Вақте ки Искандар хазинаи Дороро соҳиб шуд ва ба ҳарамсаройи боргоҳи порсҳо гом гузошт, аз аҷоиботу ғароибот лол бимонд. Ӯро ҷиҳозу ороишоти володараҷаи ҳарамсаро моту мафтун намуда буд ва ба хубиву пурагӣ дарк кард, ки иқтидори бузургии давлати Форс шоистаи таҳсину таъриф будааст. Тасвирҳои рӯи деворҳои гачандуд хеле ҷозибу фусункор буданд. Махсусан, сурати бараҳнаи фариштаҳои болдор, манзараҳои фараҳбахш, дилкашу дилфиреби кӯҳсор бо чашмаҳои зулол, дар байни боғ сарҳавзу ҷӯйборҳои мармарӣ,

ки бо товусоҳои рангорангу хушхиром, гулхонаву суфаҳои хуштарҳ, гулгаштҳои сангфарш ба дида мерасиданд, басо шоирона, ки ба тавсифашон забон лолу қалам оҷиз мемонд. Хуме, ки рӯи он тавсифи афсонавии Арҷоспи чӯпон ҳаккокӣ шудааст, басо ҷозибу афсункор буд. Шабистони бо пардаҳои ҳариру парча ва ба симу зар олуда, бистару болиштҳои бо пари қу дамида, қолинҳои нарму мунаққаш чӣ дар девору чӣ дар фарш густурда, кату роҳаткурсиҳои бо як саноеи хоса кандакорӣ шуда, асбобҳои гуногуни мусиқие, ки бо низоми махсус чида диққати бинандаро ба худ мекашанд. Сандуқҳои пури матоъҳои гаронбаҳо, ҷомаву ороишоти занона, чиниворӣ ва ғайраву ҳоказо, ки аз авлод ба авлод ба мерос меомаданд, дар ягон кишвари олам ёфт намешуд. Искандар ба канизакони дӯстрӯ нигоҳ карда ба худ мегуфт: «Ин ҳама зебоиву қашангӣ аз куҷо ба онҳо омада? Валлоҳ, ки фариштаҳо ба дилам роҳ ёфтаанд, фариштаҳои пок, фариштаҳои нек!» Шоҳи Мақдун амр фармуд, ки бигузор хидматгору кадбонуҳо кори худро идома диҳанд ва ба зану духтарони Доро шароити мусоид ва озодии том бубахшанд.

-- Ҳама басо зебо ва ба маънӣ ғанист, ҷин занад ин форсҳоро! Ана салоҳи кор куҷову кушоиш куҷо! Оҳ-оҳ!! Шоҳ будан чӣ хел хуб будааст!!

Бояд тазаккур кард, ки Доро хазинаи Истахрро ба ҳоли худ гузошт. Вай гумон мекард, ки Искандарро Ариёбарзан маҳв месозад ва ҳоҷати пинҳон кардани сафинаву дороиҳо нест.

-- Вақте ки Искандар ба «Тахти Ҷамшед» нишаст, ҳисобдори Доро – Фарн писари Фарничро хоста, аз ӯ рӯйхати хидматгорҳоро талаб намуд. Маълум шуд, ки 329 муғаннӣ, 46 нафар гулчанбарсоз, 306 нафар ошпаз, 13 нафар қаннод, 170 кас шаробпаз, аз ҷумла 70 нафар шаробкаш, 40 нафар дуредгар ва садҳо ҳунармандони гуногунпеша дар хидмати шоҳи Эронзамин буданд, дар шигифт монд. Вақте ки ӯ лавозимоти ҳарбӣ ва аҷноси ҷангиро аз зиреҳу ҷавшанҳо сар карда, то кулаххӯду манҷаниқҳоро ва аспҳо ба қавли мардум аспҳои «осмони»-ро аз назар мегузаронид, аз тааҷҷубу ҳайрат лол бимонд. Вай бори аввал зиреҳбанди аспҳоро, ки «баргустувон» гуфтандаш дида, хаёломез аз дил гузаронид: «Не-е... худоҳо маро мададгор шуданд, вагарна Эронзаминро тасхир кардан ҳеҷ гоҳ мумкин набуд!»

ОЛИМПИАДА

Дарахти макри зан сад реша дорад,
Фалак аз дасти зан андеша дорад.
(Аз халқ)

Ягона шахси боварибахши Искандари Мақдунӣ дар зодгоҳ Антипатр – марди боандеша, роҳбари доно, дорандаи саноеи ҳарбӣ ва бо занҳои воломақом сӯҳбаторои бофаросат буду бас. Искандар ӯро ҳатто падари дуюмини худ медонист ва эҳтирому эътимод дошт.

Имрӯз ҳам девони шоҳи Мақдун мисли дирӯза гарм, вале сернам буд. Рутубати гарм аз ин работ, ки гӯё дар зери заминаш наҳри амиқе ҷой дошта бошад, ҳавр мезаду нафасро тангу чашмро сӯзонда, ҷисмро лоғар менамуд.

Антипатр тоқати ин ҷойро надошт, вале ноилоҷ кор мекард, ба доди мардум мерасиду ба сохтмону иншоот, ба киштисозиву иқтисод назорат мекард ва фармонҳо медод. Фармонҳои Искандарро, ки тавассути мактубҳояш мерасид, фавран ва бечуну чаро ичро мекард. Вале модари шоҳи Мақдун – Олимпиада бошад, натанҳо заҳмати ӯро қадр намекард, балки вайро ба ҷосусӣ алайҳи писараш ва ҳатто дуздӣ низ муттаҳам месохт. Ба корҳои Антипарт халал мерасонид, бо амру талабҳои ноҳинҷор косаи сабрашро ба интиҳо оварда буд.

Бегоҳирӯзӣ Кассандр писари Антипатр ҷавонмарди рӯяш пашшахӯрда, безебу сурхина, ошуфтаҳолу саросема ба ҳузури падараш омада, арз кард.

-- Зуд бош, падар! Олимпиада роҷеъ ба хабари қосид Флавий, мактуби Искандарро гирифтааст, ки дар он шоҳ ӯро сахт маломат ва сарзаниш кардааст, то ки ӯ ба корҳои давлатӣ дахолат накунад.

-- Хайр, ба ман-чӣ?

-- Мегӯянд, ки ту дар барои ӯ ба Искандар маълумоти шикоятӣ додайи.

-- Эҳ, ҷин занад ин зани шайтонманишро, сарамро ба куҷо пинҳон кунам, ки аз ӯ халосӣ ёбам! Оини баде дорем мо, зан ба мард тан намедиҳад!

-- Айби ту ҳам ҳаст, падар.

Антипатр бо аломати савол ба писараш нигарист.

-- Сараввал туро лозим буд, ки ба муқобили нозу нузҳои ин аҷуза баромада, шаккокӣ мекардӣ. Охир, ту ҳокими як шаҳр не, иҷрокунандаи амру фармонҳои шоҳи тамоми Мақдуниё ҳастӣ! Дар тасарруфи ту сездаҳ ҳазор аскар ҳаст!

-- Писарам, санги вазнинро об бурда наметавонад. Бояд сабр кард, дигар ин, ки ҳоло ту бисёр чизҳоро намедонӣ. Рафтем.

Онҳо акнун ба фойтун савор шуда буданд, ки Олимпиада даррасид. Ӯ зани зоҳиран чилупанҷ – чилушашсола, ранги рӯяш мисли пахтаи кӯҳна парида, лоғарандом, лабонаш тунук, чашмони калони ба дарун фурӯрафтааш осмониранг, абрӯвонаш борик, биниаш дарозу камоншакл, бадлафз, якрав, ба худ бино гузошта, як ҷоҳилаву айёра буд.

-- Ҳа-а!... Падару писар якҷоя маслиҳати ҷосусӣ мекунед?! Маро аз фарзандам ҷудо карда, сарзамини Мақдунро аз они худ карданиед? Не-е... наметавонед! Шумо дар назди ман оҷизед, ҳеҷед! Маро – зани эпириро, модари шоҳи ҷачҳонро – айёри айёрҳо фанд дода наметавонанд, ҳол он ки шумо. Зеро Олимпиада гуфтаашро, албатта, ба субут мерасонад. Ҳо-о....

Кассандраи ҷавон бетоқат шуда, хост, ки ӯро ҷавоби мувофиқ бидиҳад, як қадам пеш баромад, вале падараш ӯро боздошта, рӯ ба Олимпиада ниҳоду бигуфт:

-- Шарм намедоред, маликаи бузург! Охир, ман шахси боэътимоди фарзанди шумоям. Дигар ин ки....

– Медонам, медонам! Ту чӣ хел боэътимод ҳастӣ, танҳо барои ман равшан аст! – сухани Антипатрро бурида, як даст дар камар, бо дасти дигар ҳаворо бурида, бисёрҳарфӣ мекард Олимпиада ва афзуд:

-- Мехоҳӣ, ки бо писари нохондаат маро нест бикунӣ? Не-е... ба мақсадатон намерасед. Маро лашкари эпириён пуштибон аст ва онҳо ҳатман модари Искандарро дастгирӣ мекунанд. Ҳоло истед, вақташ меояд ва ман аз шумо қасос мегирам! Қасос! Оҳ, интиқом! Шуморо сангборон хоҳам кард! Сангборон!!

-- Чӣ хел қасос, чӣ хел интиқому мақсад, Олимпияи азиз? – бо ҳайрат, вале бо муомилаи нек мепурсид Антипатр.

-- Худро ба нодонӣ мезанӣ? Ба Искандар маро бад кардӣ, худоё бад бинӣ. Ман ба Эпир меравам, вале бидон, ҳар дуи шуморо рӯзе сангсор хоҳам кард ва он рӯз мерасад. Тамом вассалом!...

Олимпиада куртаи шоҳии дарозашро, ки рӯи замин ка-

шол шуда буд, барзадаву бардошта, ғур-ғуркунон аз ҳузури онҳо дур шуд.

Антипатр аз ангуштони сахт фишурдашудаи писараш дошта, ба утоқи кориаш даромад.

-- Биё, беҳтараш ман ба ту дар бораи кору кирдори ин зани маккора маълумоти мушаххасе баён намоям.

Падару писар рӯи роҳаткурсиҳо нишаста, аввал шароб нӯшиданд, сипас Антипатр ба нақлаш оғоз намуд:

-- Нахустин коре, ки ин зани нопок кардааст, бевафойӣ ва фосиқӣ нисбати шавҳараш Файлақус аст.... – Антипатр чунон сухан мегуфт, ки гӯё қасосашро аз Олимпиада гирифта истода бошад, ба Кассандр боэҳсос ҳарф мезад. Ё мехост, ки фарзандаш дар бораи ин зан ҳақиқатро бидонад. Пирамард ба суханаш афзуд:

-- Ба қавле, сухан байни ҳар дуямон махфӣ монад, ҳатто Искандар барин шоҳи ҷаҳон аз пушти камари Файлақус набудааст. Биё, дар ин бора ягон вақт бафурҷа маълумот хоҳам дод. Духтари Неоптолеми эпирӣ – Олимпиада пас аз ҳазор ҳилаву найранг ҳамсари шоҳи Мақдун мешавад, аслан модари Флип – Евридикаи бадхашм ба ин никоҳ розӣ набудааст, ки боиси ҷанҷолҳои авлоду табақаҳоро ба вуқӯъ овардааст.

-- Падар, - оҳиста ба пурсиш пардохт Кассанд, - мегӯянд, ки Файлақус занҳои бисёре доштааст?

-- Бале. Ҳафт зан дошт. Се нафари онҳо: Фила – аз Мақдун, Аудатаи илларӣ, ки сонитар хешро Евридика меномад, Финиллаи зеборухи фессалӣ аз хонадонҳои омиву оддӣ будааст. Ҳамасари чаҳоруми шоҳ Олимпиада буд, ки рӯҳану ҷисман ба дигар занҳо ҳасад мебурд. Файлақус маҳз бар қасди Олимпиада боз се зан гирифта буд. Олимпиада Искандарро соли 354 ба дунёи равшан бахшид. Ин зани маҳалгарою бадкеш ҳамеша эпириҳоро ҷонибдорӣ мекунаду алайҳи мақдуниҳо бадбинӣ дорад.

-- Охир, байни мақдуниҳову эпириҳо аз қадим дӯстиву омаду рафт ва хешу таборӣ ҳукумфармост. Ӯ магар инро намедонад?

-- Медонад, вале ҷоҳилӣ мекунад. Ҳатто нахустустоди Искандарро аз Эпир, аниқтараш Леонид ном кӯрсаводро, ки аз кӯчаи омӯзгорӣ нагузашта будааст, талабида меорад. Леонид Искандарро дар рӯҳи муҳаббат нисбат ба эпириҳо тарбия мекард.

-- Файлақус магар бетараф буд?

-- На. Ӯ аз он ки Искандар низ мисли модараш якраву якраҳа нашавад, оиди саноеи ҷангу ҳарб устод Филискаро, Артабози форсро дар бораи расму ақоиди сипаҳсолорӣ, Менихемро оиди илми ҳандаса ва ниҳоят Арастуи ҳакимро дар бораи илмҳои дақиқ ва бештар оиди фалсафа устод таъин намудааст.

-- Бо вуҷуди ҳамин қадар маънавияти устодони бузург Искандар ҷангҷӯ шуд? – гӯё афсӯс мехӯрд Кассандр.

-- Дуруст мегӯйи. Арасту ба Искандар дар борам некӣ, ахлоқи хамида, раҳму шафқат, табибӣ ва ғайра илмҳоро омӯзондааст, вале худи Арасту форсҳоро душмани асосӣ медонист ва ба шаҳзода ҳамин гуна таълимот дод. Ба қавле ин ақидаро Суқрот гӯё фармуда бошад.

-- Наход?

-- Ҳамин хел мегӯянд. Аммо Олимпиада ба мақсадаш расид. Пеш аз он, ки Искандар ба сари ҳокимият ояд, ислоҳоти хунин гузаронид. Вақте ки Файлақуси чилушашсола бори ҳафтум Клеопатраи шонздаҳсоларо ба занӣ гирифт, косаи сабри Олимпиада лабрез шуда, писарашро бар алайҳи падараш шӯронид. Искандар ба падараш носазо гуфт ва байни онҳо ноиттифоқӣ ба вуҷуд омад. Подоши ин носазойи он шуд, ки Файлақус дӯстони Искандарро: Гефестиони румӣ, Птоломей, Неарх, Леамадон, Эригий, ки аксар юнониҳо буданд, аз дарбор биронд. Искандар ҳам бо онҳо бирафт.

-- Олимпиада-чӣ?

-- Пас аз кушта шудани Файлақус, теғи заҳрогини Олимпиада яко-як шофи заволи бегуноҳон шуд. Оҳ, чӣ шӯре буд, ки вай бирехт ба сари бечорагон! Онҳо: Клеопатраи содаи нармсухан ва духтарчаи биҳиштии ӯ Европаро, Арридей бародари Файлақусро якҷоя бо ҳамсарашу писаронаш, хидматгору ҳатто вазиронро низ қатл фармуд. Бархе аз ӯ ҳаросида мегурехтанду паноҳ мечустанд. Ақидае ҳаст, ки Олимпиада ба ногаҳон кушта шудани шавҳараш Файлақус шарик аст. Изофа аз ин ҳатто духтари худаш Клеопатра гурезон аст.

-- Клеопатро ҳоло дар куҷост?

-- Чӣ хел дар кучо? Магар намедонӣ? Ин духтари дӯстрӯй, ки мисли падараш каме одамгарӣ дорад, маликаи хурдсоли Эпир шудааст. Акнун фаҳмидӣ, писарам? – даст ба китфи Кассандр гузошта хестанӣ шуд Антипатр.

-- Бале, фаҳмидам, вале...

-- Чӣ вале?

-- Ту гуфтӣ, ки Олимпиада Искандарро аз пушти камари дигар кас ёфта...

-- Оҳ, ту баробари зудхашмӣ боз берӯю бешарм ҳам будайи! – қоҳ-қоҳ зада механдид Антипатр.

Кассандр аз ин пурсиш шарм кард ва сархамкунон бо ангуштонаш дастгираки дӯлчаи шаробро нохун мезад.

-- Хайр, биё, ба ту бигӯям, вале ин хабар далел надорад ва он ба назарам ривояте беш нест – ривояти мисриён.

Кассандр ба дӯлчаи падараш боз шароб рехт ва худаш ҳам нӯшид. Ҳарчанд, ки Антипатр қадаҳи шаробро ба даст гирифта бошад ҳам, нанӯшид ва мутафаккирона ба забон омад:

-- Ба қавле як коҳине дар Миср – Нектанеб ном, ки аз илми сеҳру ҷоду бохабар. Ин коҳин аз дини ҳақ рӯ тофта, коҳини дӯзахии ҷодугар, дар ватанаш гуноҳе содир мекунаду ба Рум фирорӣ мешавад. Рӯзе ин иблиси одамсурат дар бозори Мақдун тасодуфан Олимпиадаро мебинад ва шефтаи ҳусну ҷамоли ӯ мешавад. Он вақтҳо Олимпиада мисли ҳозира аҷуза набудааст, балки духтари қашанге, сернозунузе ва Нектанеб хешро ба сифати аттор муаррифӣ намуда, ба духтар атре тӯҳфа менамояд. Атри муаттари сеҳрангези шоҳона! Хуллас, атри ҷодугар ба мақсади нопокаш мерасонад ва Олимпиада аз ӯ обистан мешавад. Ҳамагӣ як шаб, аммо худи Нектанеб гӯё ба осмон рафта бошад, тамоман ғайб мезанад. Пас аз чанд рӯз Файлақус Олимпиадаро ба занӣ мегирад ва ҳамин тавр шоҳи ҷаҳон – Искандар ба дунё меояд...

Худоё, аз шарри ин зани шайтонтинат дар амон дор! Охир, аз ҷодугар боз чӣ умед доштан мумкин аст? Аё Зевс? Ё Ахиллес! Худатон бандаҳои бнгуноҳатонро дар паноҳатон нигаҳ доред!...

АРАСТУ

«Инсон маданӣ ва биттаъб аст ва он, ки танҳо зиндагӣ мекунад ё худо аст, ё ҳайвон».
/Арасту/

Арасту олими варзидаи Руму Юнон дастонашро ба ҳам баста, аз он сӯи толори боҳашамат ба ин сӯяш равуо дошт, гӯё қадам мешуморид. Ӯ чунин одат дошт: роҳравон дарс мегуфту эҷод мекард. Хотираҳои гузаштаю ҳозира ва нақшаҳои ояндаашро тарҳрезӣ мекард.

Олими наҳифандом, миёнақад, пойҳояш лоғар, вале чашмонаш ҳушёр ва тезбин, бинии камонӣ, риши марғула ва мӯйлаби ба поён хамида дошт. Бояд зикр кард, ки ҳарчанд табиби номӣ низ буд, вале ҳамеша аз дарди меъда шикоят дошт. Ана, ҳоло ӯ дар назди шаҳсутуни гачандуд қарор бигирифт ва бо овози пичиросӣ ба забон омад:

-- Мана, молу дунёдор ҳам шудӣ, сарвату обрӯйи ҷаҳонӣ низ насибат гашт. Кунун ба чӣ кор шуғл хоҳӣ варзид, писари Никомахи табиб? Ё хуш-хуш мехӯрию осори фалсафӣ менависӣ ва бо ноз хоб мекунӣ? Ҳамааш ҳамин? Аз ин чӣ суд?...

Олим хомӯш монд. Ба ёдаш шаҳри Отин ва нахустустоди овони кӯдакиаш расиданд. Мактаби Афлотун! Нутқи шунавою лакнатдори Афлотун, ки ҳуруфи «р»-ро хуб гуфта наметавонисту бо вуҷуди ин сухангӯияш басо ҷозибу мушаххас ва озод талаффуз мешуд, ёдаш омад. Олим оҳ кашид ва ба шеваи нимшунаво афзуд:

-- Ба ҳаққи устодам ношукрӣ кардам!... Охир, вай маро дӯст медошт. Ҳатто ӯ ба ман унвони «мутаффакири пурмағз»-ро дода буд.

Ҳамин вақт дар берун чизе тақаррас зад ва пас аз лаҳзае гурӯҳе саворагон аз шафати боғи ӯ ҳаёҳуйкунон гузашта рафтанд. Ҷорӯби боғбони пир низ шатар-шутуркунон садо бароварда, табъи ӯро мушавваш месохт. Сомиаи олими номӣ, бузургустоди шоҳи нимаи ҷаҳон Искандар гӯё ҳуштак мекашид. Арасту саросемавор бо як қаҳру ситезаи бачагона ба таҳхона даромаду дарро аз дарун баст. Дар миёнаҷои таҳхона як хуми азиме меистод ва Арасту бетаваққуф

сарпӯши хумро кушода, дохили он шуд. Вақте ки даҳони хумро низ аз болояш пӯшонид, ба вағд омада, бигуфт:

-- Оҳ-оҳ, чӣ қадар ором аст ин ҷо! Бай-бай, гӯшҳоям фароғат ёфт-е, ҷонам ба ҳузур омад!

Олим пас аз ин андешид, ки ба қасрҳои боҳашамат чӣ ҳоҷат бошад ва ба тасхири ҷаҳон низ зарурате набудааст. Ҳамин хум бас аст. Арасту сипас ба сари мақсад омада, аз рӯҳи устоди бузургвораш бо овози шунаво омурзиш пурсид. Забони ӯ низ лакнат дошт, вале бурроюю возеҳ ба гӯш мерасид:

-- Аё, устодо, маънипаноҳо! Аз гуноҳи ман гузар бикун. Густохии ман аз ҷавонию эҳсосот буд. Ғалат кардам. Бале, ба маънии филосифаи ту дақиқ назар накарда, ба шахсияти ту дашном фармудам. Гуноҳамро тан мегирам ва гуфтаҳоямро низ дар ёд дорам. Ҳеҷ гоҳ фаромӯш намекунам, ки байни олимону толибилмон ситоишу таърифи ту буд ва ба ақлу заковатат тасанно мехонанд, ба иззати нафсам сахт расида буд, ҳасад мебурдам. Чаро маро неву туро азизу гиромӣ медоранд гуфта азоб мекашидам. Охир, ман ҳам корҳоеро ба сомон расонида будам, ки кас то ин замон нагуфтаю нокарда буд. Аз ин бузургиҳоям /агар ҳақиқатан ҳам ин бузург бошад/ саргарму саргум шуда, ба онҳо гуфтам: «Афлотун азиз аст, аммо ҳақиқат пеши ман азизтар аст!» Вале ҳақиқатро ту гуфта будайи на ман, адолатро ту суфта будайи, на ман, устодо! Бино ба гуфти файласуф Диёҷони Лаэртӣ ту аз ин гуфтаҳои ман хабар ёфта, хашмгин шудайи. Ба ин бешак ҳақ доштӣ, бузургворо! Бо ташбеҳи киноямези намакин маро ба кураи аспе нисбат дода гуфтайи, ки кураи бадзот вақте ки ба рушд мерасад, ба модараш лағад мезанад. Бо вуҷуди ин сухани ту ман ислоҳ нашудам ва алайҳи ту кор кардам. Бо истифода аз мавқею вазифаам /он гоҳ омӯзгори Искандар будам/, туро аз бархе маъракаю лавозимот ва имконот дур созондам. Осори туро сӯзондам, дари донишгоҳеро, ки ту дар назди «Академ»[1] сохта будӣ, қулф занонидам. Бубахш маро, ҷавонию ҷунунии маро, Афлотуно! Ман агарчӣ дер бошад ҳам, боз аз нав мактаби туро кушодам, тармим сохтам, обрӯйи туро, осори туро эҳё бахши-

[1] Академия /ба лотинӣ/ - номи нахустин мактаби фалсафие, ки Афлотун дар боғи наздикии Афина ба ифтихори қаҳрамони афсонавӣ – Академ таъсис дода буд.

дам. Ту чӣ мегӯйи, устодо? Гуноҳҳои маро мебахшӣ? Омурзишу авфи маро мепазирӣ?

Гӯё аз боло садое омад: «-На!».

Арасту биларзид. Арақи сарду яхосо тамоми пайкарашро фаро гирифта, ба табларза овард. Олим ба қароре омад, ки гуноҳаш азиму авфнопазир аст. Гуноҳе, ки омурзиш надорад, пас ӯро марг ислоҳ хоҳад кард.

-- Ман чӣ гуноҳи азиме содир кардам. Аё, Афлотуно? Бигӯй!

-- Тар-бия-и Си-кан-дар!!

-- Оҳ, Искандар?!

Арасту зери хум мисли бачае, ки сарашро байни зонувонаш гузошта ба ғанаб меравад, ба хаёл рафт, ба андешаҳои дурудароз рафт: «Ман омӯзгори Искандар будам. Дуруст аст, ки ӯро ба муқобили Доро, баҳри ба даст овардани форсҳо, улуми онҳо ҳавасманд кардам, ё худ дар ин боб маълумоте додам. Охир, зулми дудаи ҳахоманишиён ва билхусус Дорюшон аз ҳад гузашта буд. Чандин бор онҳо ба марзу бум ва номусу нанги мо пой гузоштанд, бикуштанду бисӯхтанду бибурданд. Ман чӣ кунам, агар офаридгор чунин касро бино карда бошад. Сониян, натанҳо ман ӯро ба ҷанги форсҳо ташвиқ кардаам, лобал нахустин бор устод Суқрот низ бар алайҳи ҳахоманишиён ҷанг карданро фатво додааст».

-- Арасту-у! ... Би-дон! Ҳар кас ба кирдори хеш худаш ҷавобгар аст! – боз ҷарангос заданд аз ғайб ин суханҳо. – Дигар ин ки давлатҳои хурд-хурди Юнону Мақдун бешарафона мехостанд якдигарро забт намоянд ва пайваста аз форсҳо мадад меҷустанд. Пас онҳо чӣ кор кунанд буд? «Садо айнан ба овози Афлотун монанд аст!» - аз дил гузаронид Арасту.

-- Бале, падари суринғурду шонапаҳн[1].

-- Киноя магӯву Сикандарро пас хон!

Арасту медонист, ки ин кори ношуданист боз ба торҳои бешумори тахайюл, ки мисли магас банд шуда мепечид, номураттаб нафас мекашиду хаёл мекард: «Ниҳолро мебоист дар хурдиаш парвою рост кард. Кунун Искандар дарахти азиме шудааст, ки ӯро на ислоҳеву на даромоне. Ба ҷуз ре-

[1] Афлотун - /385-322 то милод/ - лақаби олим аст, ки маъноаш шонапаҳн буда, номи аслиаш – Аристоклин мебошад.

шакан кардан! Вале кӣ ӯро решакан мекунад? Оҳ, мани бадбахту сарсахт!»

Ногоҳ оби дидагонаш рӯйи рухсораҳояш шорид. Бовари кас намеомад, ки олиме чун Арасту гиря мекунад, хайр олим ҳам одам аст. Пас аз андаке ҳунгос зада, хумро аз оби дидагонаш тар мекард. Ҳай фиғону шеван мегуфт, Арасту:

-- Ин дунё зиндони кушод будааст, бевафою ғаддор будааст! Ғамхонаву озорхона будааст! Кучо равам, ба кӣ паноҳ оварам? Оҳ, шайтонҳо, аҳриманҳо! Маро бероҳа кардед, роҳ ба сӯи дӯзах кардед!...

Устоди Искандар оби чашмонашро бари хилъаташ пок намуда, эҳсос кард, ки медааш каме ба дард меояд. Бояд доруе хӯрад – доруи гиёҳӣ. Ӯ аҳд кард, ки ба ҳар ҳол ҷониби шогирдаш Искандар мактубе хоҳад навишт ки ба ҷанг фарҷом бубахшад. Бас аст хунрезиву ҷаҳолат, зеро арвоҳи устодон чунин далолат медиҳанд. Ҳамаашро, росташро менависад! «Оё вай мактуби маро ба инобат мегирад? Ба итминон мегӯям, ки на. Зеро тарбияву омӯзиши ман зӯроварӣ бар мардуми эронинажод буд. Ман, ки аз панди устод рӯ тофта будам, Сикандар низ аз панду ройи ман рӯ хоҳад тофт. Бале, бале! Ин дунё чунин аст: Подошдеҳу гирдгардон! Вале ба ҳар ҳол бояд мактубе навишт!

Ногоҳ ҳис намуд, ки касе аз берун номи ӯро ба забон гирифта даъват мекард.

-- Эҳ, худоё! Оё дар ин дунё ҷои орому фароғат ҳаст ё на? – ва Арасту ба ин савол худаш посух гуфт: - Дар ин дунё нест! – Оҳ, ман чӣ кунам ин зару зеварро, номи бузургу қасру ин боғҳоро?!

Ин дам ба ёдаш яке аз ҳикматҳои будойи омад: «Зиндагӣ мусибат аст, он чи ки инсон аз ҳини таваллуд то ба ҳангоми марг умри худро пайваста бо изтироб ва дағдағаи хотир мегузаронад, зеро ӯ толиби кимиёи саодат аст».

-- Бале, кимиёи саодат! – мад кашид Арасту ва ба гуфтораш идома дод:

-- Ба гумонам кимиёи саодат: ҳаёт, тандурустӣ ва сарват аст. Бале ин ҳикмати буддоиро аз кадом китобе хонда будам, ёд надорам. Маънии вожаи «будо» ниёиш аст. Не, намедонам, эҳ дағдағаи ёдҳо!...

Олим аз хум хаставу бемадор баромада, бо пушти хамида, дарро кушод ва рӯбарӯяш духтари нозпарвараш Пифиасро дида ба маънии савол ба ӯ нигарист.

-- Ту медонӣ, - мегуфт бо эҳсоси бачагона Пифиас, - ғуломбача Симо, ки дар нозу неъмати мо ғӯтавар зисту зиндагӣ дораду ба болои ин маро таҳқир мекунад, чӣ бояд кард? Ӯро бифурӯш ё ман ӯро фардо ба бозор бурда ба дасти ғуломҷаллобе месупорамаш!

Арастуро ба ёд омад, ки ҳамасари марҳумаш айнан ҳамин гуна сухангӯйи дошт ва бо меҳрубонӣ ба духтараш нигариста табассум намуд ва афзуд:

-- Пифиаси ман! Номи ту ҳамрадифи исми ҳамсари ман аст, номи модаре, ки як умр бо ман зиста буд. Пас бишнав ин сухани маро, ҳарфи носеҳонаи падаратро, духтарам! – Арасту бо кафи дастонаш пешонаи духтарашро дошта, навозишкунон бибӯсиду бигуфт:

-- Ҳеҷ як аз қӯдаконе ё гумоштагоне, ки дар хизмати ман ҳастанд, набояд фурӯхта шаванд, ман ин корро шадидан манъ мекунам. Ва бояд аз онҳо муроқабат намоянд ва ҳамин ки ба синни рушд расидаанд, ба подоши хидмате, ки анҷом додаанд, озод шаванд.

Пифиас мутаҳайирона ба падарш нигариста ба хотир овард, ки дирӯз падараш гуфта буд: «Симоро мефурӯшему ба ивазаш ягон ғуломдухтари хуштарҳе мехарем». Вале имрӯз мебинам, ки гӯё ба васият монанд ҳарф мегӯяд ва ба ғуломон эҳтиром дорад.

Арасту табассумкунон боз аз пешонии духтар бӯсид ва афзуд:

-- Бале, духтарам, дирӯз дирӯз буд, вале имрӯз гапи дигар аст.

Пифиас бо чашмони калон ва ҳайратомез ба падараш нигариста: «Падарам бузург аст, ғайбдон аст!» - гӯён бадар рафт.

Арасту бошад, ба куллӣ дарк кард, ки омӯзгор ё устоди бузург бояд шогирди тозанажодро, беғаразу покдину покдилро дарс гӯяд, на бадзотро.

-- Э-э... вой-е... ғалат кардаме, ба ҷоҳилу чоплус меҳр монда будаам-е.. Вой бар умри барбод рафта-е!... гӯён олим ба худ мепечиду афсӯс мехӯрд.

Ногоҳ дарвозаи боғи Арасту кушоду шуду мири шаҳри Рум – Аристофан бо се аробаи пурбор вориди боғ гардид. Мири шаҳр ҳоло аз ароба нафаромада ба устоди навҳахон арз намуд:

-- Устоди мӯҳтарам, ҷаноби волоқадр, Аристотолис!...

Арасту суханҳои бо дабдабаи ӯро шунида бошад ҳам, худро ба нодонӣ зада, пурсид:

-- Чӣ мегӯйӣ?

-- Шоҳи ҷаҳон – Искандар писари Файлақус поси хотири шогирдӣ нигоҳ дошта, аз пойтахти билоди Форс – Персепол ин ҳама молу манол ва зару зеварро бароятон ба сифати тӯҳфа тақдиму арзонӣ мефармояд. Марҳамат, ҷаноби олишон, бифармоед борҳоро фуруд оранд.

Арастуи олим дигар навҳа ҳам намехонду афсӯс ҳам намегуфт, бо надомату ҳақорат ба осмон ҳам нигоҳ намекард, вале шукр ҳам намегуфт. Ба ҷои сипосу ҳамд аз мири шаҳр хоҳиш кард, ки яке аз аробаҳоро бо аспаш ба ӯ вомегузошт, хеле хуб мешуд.

Аристофан хандида, талаби ӯро қонеъ кард, вале дар дилаш: «Муши мурдахӯр! Ҳеҷ гоҳ нафси ту аз зиндагӣ қонеъ нахоҳад шуд!» - гӯён бадар рафт.

Пас аз баромада рафтани миру гумоштагони ӯ Арасту гӯё ба худ омада бошад, хешро мазамматкунон бигуфт:

-- Чаро ман носипосу ношукр ҳастам ва ба болои ин носерам? Аспу аробаи барои мани як поям ба лаби гӯр расида чӣ зарурате дошт? Чаро табиати ман чунин аст? Чаро?

Пас андаке ба ин саволи хеш посухи мувофиқ дод:

-- Зеро аз кӯдакӣ носеру ношукру носипос будӣ ва шифои ин иллат ба ҷуз қабристон дишгар ҷое нест.

Устод ғаниматҳоро аз назар гузарониду пас аз андаке тахайюл бо овози паст афзуд:

-- Афсӯс. Фарҳанги бузурги рӯйи замин яксон шудааст. Вале рӯҳу ақли ман шаҳодати дигар медиҳад: Искандар бе ҳеҷ вақо бармегардад ва салтанаташ низ ӯро бақое намебахшид. Ҷавонмарг мешавад, Искандар!...

Ин суханҳоро шогирди олим – Феофарст тасодуфан аз паси дарахте шунида ба ҳайрат меояд ва дар оянда шоҳиди гуфтаҳои устодаш мегардад.

Ҳавлии Арасту боз ноором: гиру мону бираву бишин ва ҳаёҳуй ба гӯш мерасад. Вале имрӯз, аниқтараш ин соат, олим шод аст – аз молу манол, аз талантҳои[1] нуқраву зар, аз қоливу

[1] Талант /ба юнонӣ «талантон»/ - вазн, ки як талант тақрибан ба 30 кило нукра баробар буд.

матоъҳо, аз чорпою ароба – аз тӯҳфаҳои шогирдаш. Кунун ӯро ҳеҷ садою нидоҳо ноором намекард. Аз ин рӯ бо ғурур афзуд:

-- Ман шодам, ки мисли Искандар шогирди қадрдон дорам! Ӯро – шоҳи ҷаҳонро аз сездаҳсолагиаш дарс гуфтаам. Ҳасад баред, ҳавас кунед, эй бузургон! Бидонед, ки Арасту худ аз худ Арастуи олим нашудааст, ӯ заҳматкаш аст, истеъдодаш худодод аст – Аристотолис аст! Бояд далерона гуфт: дар ҷомиае, ки моликияти шахсӣ нест, рӯҳи ҷунбиши иқтисодӣ нахоҳад буд!...

Олими пир бо фахр ин суханҳоро ба забон оварду достонашро ба пушт баста, мутафаккирона бо қомати росту бо як виқори шоҳона сӯи таҳхонааш раҳсипор шуд.

ПАРМЕНИОН – ДӮСТИ СУҒДИЁН!

Суғдиён ҳар гаҳ ба кӯи дӯст меҳмон мешуданд,
Дастовезе барои дӯст оташ доштанд...
(Лоиқ Шералӣ).

Пеш аз лашкар кашидан ба шаҳри Ҳамадон Искандар дар машварат бархе тадорукоти низомӣ ва омодагии ҷанги навбатиро бо Дорюш танзим намуд ва қаноатмандонаву маънидорона ба дӯсташ «хеле хуб» гӯён назар афканд. Ногоҳ дид, ки Парменион, яке аз сарҳангони боэътимоди ӯ, хомӯшу сархам нишастааст ва аз чизе норозист, пурсид:

-- Дӯстам, Парменион! Туро Зевси муқаддас ҷон, Ахиллес қувваю иродаи тамом, Суқрот ақли ҷаҳон бахшидааст. Рӯирост тавзеҳ мехоҳам ва ҳар чизе, ки пурсӣ бароят мебахшам, бозгӯй! Охир, ту медонӣ, ки кайфияти ман пеш аз ҷанг чӣ тур рӯҳбахш мешавад!

Пармениони боандеша сар боло карда ба сомиони интизори ҳарфи барояшон ногаҳону нав назар афканда, афзуд:

-- Ба дӯстон саломативу кайфи латиф ва рӯҳи пок мехоҳам. Илтимоси банда ин аст, ки ту имрӯз пеш аз сафар дари зиндонҳои Дороро боз бикуниву ба маҳбусон озодӣ бахшӣ. Ин кор ба суди ту хоҳад анҷомид.

Искандар мувофиқи оини шоҳаншоҳи эронӣ қарсе зад. Ду надими сару либоси форсии дарборӣ ба бар омодаи хидмат шуданд.

-- Ба дӯсти бузурги мо, Парменионӣ муқтадиру тавоно ва соҳиби ақли зукко шароби арғувонии форсӣ дар ҷоми заррин арзонӣ мефармоям!

Ҳозирон дарк намуданд, ки Искандар бо ҳазлу дабдаба сухангӯйи кард, якбора вақдосо: «Зинда бод, Искандар! Зинда бод, Парменион!» - гӯён аз ҷой бархостанд ва ҳамдигарро ба оғӯш кашиданд.

--Ба ҳама шароб! Мо имрӯз бояд шодмониву комронӣ бикунем. Ба Парменион иҷозат – ҳар вақте ки хоҳад зиндониёнро озод бикунад!

Парменион шод шуд, ки суханаш бор оварду шоҳ дастур дод ва ҳамон соат сози рафтан кард.

Искандар аз ин ҳол баланд хандида:

-- Моро фаромӯш мекунӣ, дӯстам. Боиси ин қадар шитоби ту дар чист?

Ба ҷои Парменион Гарпали сахтгир посух дод:

-- Шитоби ӯ, эҳтимол, ба зиндони занона бошад! Мегӯянд, ки зиндони занонаи Доро бо паривашони ҳафт иқлим шӯҳратёр аст...

Парменион низ беғаразона хандид ва ба китфи Гарпал бо кафи дасташ ҳазломез тап-тап зада, афзуд:

-- Хақйр, аз зиндони занонаи Доро ба ту ҳам ягон паривaше ба даст ояд, ҳатман ҷониби шабистонат равона хоҳам кард. Аз ин ҷиҳат дилпур бош...

Дӯстон хушҳолона ба сари мизи мудаввари пурнозу неъмат нишаста, айши ба худ хос доштанд: механдиданду суруд мехонданд, менӯшиданду мерақсиданд.

Рӯз бегаҳ мешуд. Парменион аспсавор дар даст фармони Искандар бо анбозонаш ба зиндони бузурги сангии Доро омад. Аз ду хабари хуш, ки яке озодии зиндониён ва дигаре озими сафари лашкариён аз Истахр мардумро қонеъву мамнун намуда, нидои шодиёна мебаровардand. Косаи сабри шаҳрвандони Истахр лабрез шуда буд.

Парменион сараввал, деҳқонону косибон, дуздону авбошон ва ниҳоят амр кард, ки ҳамаро озодӣ бахшанд.

Чӣ шӯру мағале ва ашки шодиомезу хурсандии беҳудуде доштанд маҳбусон! Онҳо ба Парменион таъзим карда «ташаккур!» - гӯён мисли мурғони аз қафас озод шуда гӯё парвоз доштанд. Тани лоғари танҳо пӯсту устухон монда, чашмони лоқайду нобовар, ҳаросон, умедвор, симои ба мӯй

жӯлида, чирку мағорзада маҳбусон намедонистанд, ки ба кучо раванд, сараввал чӣ кор кунанд. Хайрхоҳони раҳмдил онҳоро либосу нону маунате медоданд ва ашк мерехтанд...

Ногоҳ гумоштаи форсии зиндониён арз кард, ки қариб шаст нафар маҳбусони суғдӣ аз зиндон намехоҳанд бароянд.

-- Чин занад ин шайтонҳоро, боз чӣ мехоҳанд онҳо? – ғур-ғуркунон аз асп фаромад Парменион.

-- Намедонам, соҳиб. Ба ман танҳо ин нукта рӯшан аст, ки эшон маҳкум ба марг мебошанд.

-- Пеш даро!

Дару сарпӯшҳои ҳамаи зиндонҳо боз буданд. Сарҳанг бо зиндонбон ва афсарони мусаллаҳ дар дастҳо машъал, поғундаҳои рутубатноки сангинро паси сар гузошта ба таҳхонае ворид шуданд. Маҳбусони завлона ба дасту пой бо сари баланд омадагонро «истиқбол» менамуданд.

Пармениони ғазаболуд бо тозиёнаи дасташ ба сари зиндонбон чунон зад, ки машъалу ҳамели калидҳо аз дасташ шарақкос зада рӯйи замини сангфарш фитод ва худ низ «воҳ, мурдам!» - гӯён ба зону пеши пои Парменион итоат пазируфт.

-- Ҳайвони гадотаъб! Намебинӣ, ки онҳо занҷирбанданд, нотавону бемадоранд!

-- Онҳо асирони маҳкум ба марганд, соҳиб! Дорюш ҳукм карда буд... – сарашро дошта аз ҷой бархост зиндонбон.

-- Ту бехабарӣ магар ё девонайи?! Давраи Доро гузашту навбати Искандар омад, аблҳ! Искандари Мақдунӣ – шоҳи ҷаҳон! Зуд онҳоро раҳо карда, сипас бифармо, ки барояшон хӯроку либос муҳайё созанд.

Парменион ба асирони бемадор, ба чашмони фурӯ рафта, вале ба назар устувору якраҳа, бо меҳр дида дӯхту ниҳоят муроҷиат кард:

-- Кадоме аз шумо забони румӣ ё юнониро медонед?

Аз байни асирон ҷавонмарди либос пӯшидаистода бе он ки ба Парменион нигоҳ кунад, бо забони юнонӣ гуфт:

-- Ба мо, суғдиҳо, сулолаи ҳахоманишиён беш аз дусад сол зулму завлонаро раво диданд. Боз дар насиба чашидани азоби нави шумо низ будааст, чӣ илоҷ.

-- Ту чӣ ном дорӣ?

-- Фаридун.

-- Охир, мо шуморо озодӣ бахшидем, боз аз мо чӣ мехоҳед?

Фаридун наздиктари Парменион омада, банди дастони аз осеби занҷир сиёҳу кабудшударо молиш додаву ангушти ишоратиашро даравшвор ба сари синааш зада, шӯрид:

-- Шумо, агар рост бошад, як гурӯҳ зиндониёнро озодӣ додед, вале ҳазорон-ҳазорон мардуми Суғду Хоразму Бохтарро кӣ озод мекунад? Кӣ ба бечорагон, ба халқи заҳматкаш роҳи ҳақиқатро, роҳи озодиву адолатро нишон медиҳад? Кӣ?!

Парменион ба аскарон рӯ оварда ғайричашмдошт амр намуд:

-- Хамаи онҳоро бо нармиву хушӣ гармобаву меҳрубонӣ фармоед, шикамашонро сер карда, сипас ҷои зист нишон диҳед. Фаридунро – ба асир ишорат кард сарҳанг, - ба ҳузури ман оред. Мо ин ҷо бо ӯ сӯҳбат хоҳем кард. Худо нигаҳдор.

Ҷавонмарди суғдӣ танҳо пас аз баромада рафтани Парменион ба худ омад ва афзуд:

-- Худо нигаҳдор!

Фаридун ҷавонмарди алаззоҳир бисту шаш – бисту ҳафтсола, миёнақад, теғабинӣ, мӯйҳои дарозаш ҳарчанд хурмойи бошанд ҳам, вале ришу чашму абрувонаш қиргун лангон-лангон бадар рафт. Дигар маҳбусон низ ба ӯ пайравӣ бинмуданд.

Парменион ӯро пас аз гармобаву ба танзим овардани афту андом ва либоси хоса пӯшиданашу аз гуфтораш пай бурд, ки ин ҷавонмарди суғдӣ яке аз ашрофзодагони воломақом аст.

-- Маро Парменионӣ румӣ мегӯянд. Дар яке аз дабистонҳои ба ном «Академ» таълим гирифтаам. Синнам ба панҷоҳ рафта ва Суқротро устоди худ медонам, ки таълимоти ӯро пазируфтаву аз рӯи ҳикматҳои вай кор мебарам, – ба Фаридун нобоварона чашм андохта ба худ мегуфт, ки оё вай ба маънии суханҳояш меравад ё на ва боз ба суханаш афзуд: - Ту дар бораи Суқрот чизе медонӣ ё шунидайи? - озмоишкорона пурсид сарҳанги румӣ.

Фаридун ба тасвири уқобе, ки рӯйи сипари Парменион ҳаккокӣ шудааст бар чангаки девор ҳамоил буд, зеҳн монда бигуфт:

-- Бале. Боре ман китоби «Суқротнома»-и Афлотунро аз тоҷире харида будам. Аз пандҳои Суқрот, ки лобал падараш сангтарош бошад, ӯ панду ҳикамро низ ба хубӣ ва мӯъҷаз тарошидааст, чанд пора дар ёд дорам...

Пармениони ҳайратзада, ки худи юнониҳо на ҳама дар бораи ӯ чизе медонанд, аз як асири суғдӣ ба ин қабил суханҳоро мешунид, тамоман маҳви гуфтугӯи ҳамсӯҳбаташ шуда буд, гӯё намеҷунбид ё ба майли тамом ӯро ба суғдӣ асир мекард.

-- Суқрот бузургона фармудааст: «Инсон дар ҳеҷ масъала худро доно мапиндорад, зеро чунин пиндоре ӯро мағрур ва аз таҳқиқ дар бораи он масъала боз медорад. Пас бузургтарин дониши инсон ин аст, ки бидонад ҳеҷ намедонад».

-- Фаридуно! – ба вақд омада буд Парменион, - Ту кистӣ, аз кадом қавм ва бо кадом шуғл рӯзгор доштӣ?

-- Дӯсти румии ман, наҷоткори ману анбозонам! Барои эҳтирому самимияти ту сипосгузорам ва шояд замоне бо ҳам вохӯрем ва аз ҷониби ман низ саҳме ё подоше ба ту бирасад…

Праменион ногоҳ ҳис кард, ки мижгонҳои Фаридун гӯё духтарона: дарозу кажу сиёҳ. Дар гавҳараки чашми росташ бошад, ба қадри донаи гандум «гул» афтода, ки дидагонашро зеб медиҳаду хаёлан ба дуриҳо парвоз дорад. Фаридун ба суханаш идома медод:

-- Ман амакписари фармондори шаҳри Саразм тобеи шаҳри ба қавли шумо Мароқанд – Фаридуни Нӯзаршоҳ ҳастам. Сапитамон аз авлоди мост.

-- Спитамен?

-- Бале.

Парменион ба вақд омада, муҳорибаи назди шаҳри Димишқро ёдовар шуд, ки ҷавонмарди қавиҳайкали шоҳиннигоҳу чолок бо гурӯҳи кӯчак, бархе дар даст табарзин доираи фавқи вазнинсилоҳҳои мақдуниро, ки худаш сарварӣ мекард, танг оварда ва ӯ аз Искандар мадади иловагӣ хоста буд, бишнохт. Сапитамон то охир мардонавор бичангид ва дар ҳолати ногувор яке аз аввалинҳо шуда, муҳосираи касногузарро беамон рахна сохту мисли раъду барқ аз назар пинҳон шуд. Ҷанговарон номи ӯро ба забон гирифта: «Спитамен!» - гӯён муроҷиат мекарданд. Искандар низ ӯро боэҳтиром «дӯсти ояндаи ман!» гуфта баҳои волое дода буд.

-- Сапитамон, - ба суханаш афзуд Фаридун, - ба қавли ҳокимони Рӯди Зар сарлашкари безавол ва фарди намиранда аст! Намиранда аз он боис, ки вай ҳоҷатбарори мардуми

оддӣ, дӯсти беғараз аст. Касе, ки ба ҳузури ӯ бо маниши нек меояд, мисли бародар қадр хоҳад ёфт, вале бо душман сахт бераҳм аст. Ӯ аз Александри писари Файлақус миннатдор аст, ки суғдиёнро аз зулму ситами дусадсолаи ҳахоманишиён раҳо кард. Ҳукми Дорюш барои ӯ кунун қонунӣ нест, аз ин рӯ вай бо анбозонаш ба марзи азиз баргаштааст.

-- Бо чӣ арзу бо кадом гуноҳ шуморо зиндонӣ кардаанд ва кӣ сабабгори маҳбасии шумо шуд?

Фаридун лаҳзае сархам ба андеша рафт, сипас хоксорона гуфт:

-- Ман солҳо дабири Нӯзаршоҳи бузург будам. Молу манол, боигарии шаҳраки Саразм, сониян кулли мулку воҳаи Суғдро ҳисобу китоб мекардам. Бо ҳақиқат дарёфтам, ки аз нисф зиёди дороии мардуми мо ба коми ҳокимони ҳахоманишинӣ мерафтааст. «Чаро?» - андеша меронадам бетоқатона. «Мо заҳмат кашему арақи ҷабин резему ҳосили меҳнат ва ҳаловати онро Дороҳову дарбориёни ӯ баҳам бинанд. Аз ин бармеояд, ки мо асилзодагон низ ғуломи ҳахоманишиён будаем!» Ин ақида маро безобита мекард. Нӯзаршоҳ ноилоҷии хешро собит намуд ё бетараф монд. Он гоҳ мо як гурӯҳ ашрофзодагон ба шӯриш бархоста, панҷоҳ нафар гумоштаи Дороро, ки барои ситонидани андозҳои навбатӣ омада буданду бехудиҳо доштанд, ба ҳабс гирифтем. Андози соли 330[1] пардохт нашуд. Медонед, Парменион, ин ғалаба буд. Дар тӯли ҳукумронии эрониён ин нахустин шӯриши аҳлона. Аз шодӣ ашки хуррамӣ мерехтем ва ба одам будани хеш, ба қадру қиматамон диламон месӯхт, ки чаро аз ин пештар чунин накардем. Зеро мардуми мо ҷангҷӯ нестанд, мардуми ранҷдӯст, меҳмоннавоз ва аксар боандешаву беғаразанд. Худ як фикр кунед: куҷост он фарҳангу донишмандӣ, ки халқе қавми дигарро, одамони камшуморро ситам кунад? Куҷост бузургманишӣ, ки зӯрманде нерӯи фарди заҳматкашро, лобал хуни ашрофзодагонро бишаммад? Ё дар кадом китоби динӣ гуфта мешавад, ки бузургон аз ҳисоби халқи заҳматкаш зиндагӣ бикунанд? Қабл аз ин ҳоло дар зиндон аз шумо пурсидам: роҳи ҳақиқату адолату ростӣ куҷост?

[1] Соли 330 / то милод / озодӣ ва истиқлол ёфтани мамолики Суғду Бохтару Хоразм аз юғи ҳахоманиниён эътироф шуда буд.

Аз чашмони Фаридун оташак мепарид. Шарари дили вай ба Парменион низ кора кард ва сарҳанги румӣ аз китфони дабири суғдӣ оғӯш гирифта, андешаҳои ҳамсӯҳбаташро меписандид ва сар ҷунбонида гуфт:

-- Роҳу ройи ту мисли равишу маниши ман будааст! Ба назарам ба ин қабил саволҳо танҳо парвардигор посух дода метавонад. Биё, Фаридун, офаридгор баҳри шифою ғаму айш шаробро офарида ва шароби ноби форсӣ беҳтарин шифо бояд бошад. Имрӯз мо доройии форсҳоро – ҳахоманишиёнро ба яғмо мебарем, фардо тоифаи дигаре насибаи моро низ хоҳад чашид. Вале кулли мардуми Форсро айбдор набояд гуфт, форсҳои бнгуноҳу заҳматкаш ҳеҷ нисбат ба ин воқеаҳо надоранд. Танҳо як гурӯҳи ҳокиму дарбориён чӣ руминву чӣ форсӣ сабабгори ҳамаи нобарориҳо, беадолатиҳо ҳастанд. Эҳтимол, хости худоҳо чунин будааст: дунёи гирдгардон, аз дасте ба дасте, аз тую бар ман, аз ману бар ту!...

Шароби форсӣ, ки аз хурмои хурмозорҳои гирдуатрофи шаҳри Истахр кашида шуда буду набид меномидандаш, чашмҳоро хумориву рухсораҳоро мисли ранги хеш арғувонӣ бинмуд.Аз хӯришу газакҳо истеъмол карда, механдиданду ба якдигар унс мегирифтанд. Ниҳоят, Парменион ба олами хотираҳои Фаридун баргашту пурсид:

-- Хайр, баъд чӣ хел турову ёронатро зиндонӣ карданд?

-- Оре, - ба мақсад баргашт Фаридун, - ногоҳ аз Доро мактуб омад, ки дар он гуфта мешуд, аз Мағриб Искандар ном подшоҳи шохдор ба Форсзамин ҳуҷум кард ва аминам, ки он ба марзи шумо ҳам мераваду бо шохҳояш қалъаву рабазҳоятонро зада, зану фарзандҳоятонро асир мекунад, молу манолатонро ба яғмо мебарад. Ба зудӣ даррасед, кинаҳои мабодоро як сӯ гузоред, то адӯро сари вақт сарнагун созем. Бо ин маънӣ нома ба шаҳру вилоятҳои дигар низ муроҷиат карда будааст, ки мо ба ҷанг раҳсипор шудем. Ҳоло ба майдони набард надаромада, бо фармони Доро ману шаст нафар анбозонамонро ба ҳукми итоат накардан ба подшоҳ зиндонӣ фармуданд. Аз ин ҳол Сапитамон бохабар шуда ба Доро шахсан муроҷиат карда бошад ҳам, ягон натиҷае надод. Ба қавли зиндонбон Доро гуфта бошад, ки пас аз пирӯзӣ алайҳи Искандар моро ҳатман ва бечуну чаро ба қатл хоҳад расонид. Ин аст қисмати ману ёрони ман.

-- Аҷаб. Мехоҳӣ, ки бо Искандар вохӯрӣ?

-- На.

-- Чаро?

-- Шоҳи шумо мағруру масрур аз пирӯзист ва ба дарди мо шифо намебахшад. Бо ин алфозам аз шумо маъзарат мехоҳам, Парменион, зеро ҳикмате ҳаст, ки фармудаанд: «Бедардон чӣ донанд азоби дардро». Дигар ин ки Сикандар хоҳ нохоҳ ба Суғд лашкар хоҳад кашид. Он гоҳ ӯ бо Сапитамон вомехӯрад, бо Сапитамони родмард!

Парменион бо шаст рӯ ба ҷавонмарди суғдӣ тофт ва сипас қаноатмандона табассумкунон пурсид:

-- Сиёсатмадориро мепарастӣ?

-- Мулк бе сиёсат, давлат бе тиҷорат, илм бе баҳс равнақ намеёбад. Охир, ман дабири кулли суғдиёнам, Парменион!

-- Хайр, бароят роҳи сапед ва иқболи некӯ хоҳонам. Бошад, ки боз дидор бинем. Аммо... – сарҳанги румӣ сарашро боло бардошта, мутафаккирона афзуд: - Искандар бузург аст ва он фотеҳи мағлубнопазир.

-- Ба ҳар ҳол мо сар хам карданӣ нестем: ё зиндагии озод ё бандагии барбод!

-- Хеле хуб! Офарин, Фаридун! То боздид.

-- Ба хушӣ, кош ба сулҳу салоҳ!

-- Кош!

Онҳо ҳамдигарро ба оғӯш кашиданд. Чашмони Фаридун пури ашку ҳасрати ҷудойи буд. Парменион аз китфони дабири суғдӣ боздошта хандакунон муроҷиат кард:

-- Фаридуни ман, биё боз як ҷуръа пеш аз ҷудойи шароби форсӣ бинӯшем, ба Ахиллес қасам, ки ту ҷони одам будайи.

Онҳо нӯшиданд. Парменион пас аз ин ба Фаридун либосу колои сафарӣ, аспу чанд талант зару нуқра бахшида, бигуфт:

-- Худо ҳофиз!

-- Парменион, акнун мо дӯсти оддӣ не, бародари ҷонбаҷон шудем ва ҳатман бо якдигар мукотиба дошта бошем. То боздид, худо нигаҳдор!

-- Мешавад, агар умр мадад кунад. Хайр!

Фаридун бо анбозонаш аспсавору шутурсавор озими сафари сарзамини Суғдро пеш гирифт. Шод буд Фаридун ва суруд мехонду таронак мегуфт:

-- Ту ҳавои марғзоронӣ, эй бод! Ту модари ҷамилайи, ҷумла ҷаҳонӣ, эй Замин! Ту муқтадиру тавоно, оташи беинтиҳо! Ва эй Об! Туйи хоҳари меҳрубон, ширдиҳанда,

ғизобахш! Аё, марзу кеши ман, халқи кабири заҳматкаш! Моро – суғдиёни асиршударо – истиқбол гир! Сапитамоно, родмардо! Фаридуну чокарони ӯро бар ҳимоятат бипазир! Болу парат мешавем, рикобдорат мешавем, ҷонибдору сарбозат мешавем, сарлашкаро!...

Ногоҳ Фаридунро Рухшонаи хушпайкар – духтари Уксорти коҳин ба ёд омад ва оҳи бадарде кашид: - «Эҳ, Рахшонак! – мегуфт ба худ Фаридун хаёлан гӯё бо ӯ сӯҳбат карда истода бошад. – Ту ҳоло чӣ қадар зебо шуда бошӣ, вале бе ту будан мушкилу бо ту будан боз мушкилтар аст! Ҳар чи бошад ҳам бояд ба дидор расид. Албатта, худо мададгор! Илоҳо Ҳурмуз бораҳм бошад!

Фаридун хушҳол ба анбозашон нигариста, муроҷиат кард:

-- Барқосо ба пеш – ба сӯи Рӯди Зар, ба ҳузури Сапитамони кулаҳдору фар! Суғдиён моро нигаронанд, чокарон! Хушбахтии мардуми Суғд аз мо вобаста аст. Ҳамдиёрон, ба сӯи бахту саодати одамон ба пеш!...

Дастаи Фаридун ҳама савора, ҳама мусаллаҳ уқобвор ба сӯи суғдзамин гӯё парвоз мекарданд.

Бари соҳилҳои дарёи Ому найшакарҳо гӯё тарона мехонданд. Хешро алвонҷ дода, аз навои сурудашон сарандозиву покӯбиҳо зоҳир менамуданд. Баргҳояшон ба ҳамдигар каф мезаданду тоҷҳояшон медурахшиданд. Илҳому сарманшаи суруди онҳо аз туғёни мавҷи дарёву аз насими шӯрангези аз ҷониби Суғдзамин вазида буд.

Найшакарҳо тарона мехонданд, онҳо гӯё сурудҳоро аз боби «Готҳо» ва «Яшт»-ҳои китоби Авасто мехонданд...

ИСКАНДАРИ ШОХДОР

Гиёҳе, ки сӯзандаи ком буд,
Ба Рум – андар Искандараш ном буд.
(Абулқосим Фирдавсӣ)

Бори аввал аст, ки Наврӯзи соли сесаду сиюм / пеш аз милод/ дар сарзамини Форс бе подшоҳ, хоҳам-нахоҳам, зӯр ба зӯр ва ниму нимкора мегузашт. Ҳатто барфу боронҳо низ бо итобу шитоб, қаҳркунону доманкашон бирафтанд. Оҳ, чӣ зайл ҷашнҳои Наврӯзу Садаву Меҳргон ва рӯзҳои Ҳурмуз[1] бошукӯҳу ботантана ва басо орифона мегузаштанд! Дар оташкадаҳо ҳимаҳои хушбӯро – удбурсу зардолу, сипанҷу оҷ, обнӯсу буттаҳои атргулро – дуд меандохтанд. Гӯё бо ин рӯҳи қуввахои бадиро аз пайкару манзили хеш дуркунон аз Ҳурмуз – парвардигори олами ҳастии зардуштиён – тани сиҳат, дили беғам, хотири ҷамъ ва рӯҳи поку қудс таманно мехостанд. Ҳама нахуст ба оташкадаи Озаргушасп рафта, тоату ибодат мекарданд, сипас аз назди бинои мӯҳташами Тахти Ҷамшед гузашта, ба сайргоҳ меомаданд. Бозиҳои гуногун, либосҳои рангу баранг ба бар, бӯи хуши таомҳои хоси форсӣ ба машом хуш расида, иштиҳоовар, дар симои мардум меҳру муҳаббат, самимият ҳувайдо буд. Ваҳ, ба чӣ андоза хуш буд, нозанин буд, духти шоҳ – Равшанаки нармсухан, хушгуфтор! Аҷаб хандаи меҳрофарин, хандаи нилуфарӣ дошт. Бо суруду нағмаҳо, бо садои таблу нағораҳо лашкари Дорюш бо либосҳои якхелаи идона пиёдаву аспсавор, шутуракиву филсавор аз назари мардум мегузаштанд. Ширинкорону зарофатгӯён, масхарабозону муғанниён бо ҳунару мақомоти хеш табъи сомеонро шод медоштанд. Меҳмонони олиқадр бо сару либосҳои фохираю хоси оину сарзаминҳои худ пӯшида бо виқор дар паси мизи ҳаккокӣ шудаву курсиҳои мунаққаш нишаста, аз анвои хӯрданиву шаробҳои гуногун ва меваҷот баҳра мебурданд. Кадхудову гумоштагон ва хидматпешагон бо як ҳисси наҷиби мизбонӣ меҳмонҳоро пазиройиву меҳрубониҳо мефармуданд. Бо як-

[1] Рӯзҳои истироҳатии ҳафтаинаи зардуштиён.

дигар пешкашу тӯҳфаҳо тақдим карда, олиҳиммативу дасткушойиҳо зоҳир менамуданд. Маҷлисҳои ширину базму тарабҳо, шоми адаб ва бозиҳои гуногунро намегӯед! Арӯсони ба дасту пойҳо ҳинои арғувонӣ баста, ба зару зевар оғӯшта, ба мӯйҳояшон гули бодому мушкбед ҳамоил, бо як шарму ҳаёи ба арӯсон хос пӯшида, либосҳои рангоранг мисли товусон мехиромиданд! Арғушт мерафтанд ғизолон!... Кадом якеи онҳоро мегӯед?! Чӣ рӯзҳои неку хотираҳои ширин паси сар монданд!...

Вале имсол наврӯзи хушксолу беқарор, наврӯзи бебарору бекиштукор, наврӯзи пурозор, наврӯзи ба дилу дида ноҳинҷор, мисли мазор, бо мотамиёни ҳазор-ҳазор оғоз ёфта буд. Маҳз бо фармони шоҳи ғаддор – Искандари румӣ, ки Наврӯзро ҷашн гиранд ва он бештар ба бозор табдил ёфта буд, танҳо хариду фурӯш мекарданду бас. Искандару анбозашон гумон карданд, ки ҷашни Наврӯзи форсиён ҳамин хел будааст, дидан мекарданд. Ӯ дар ҳамин рӯз бо пешниҳоди ашрофзодагони Эрони бузург ба духтари Доро – Равшанак издивоҷ кард. Бечора Равшанак, беҳолу бемадор Равшанак! Равшанаки ошиқи зебойи ва ростӣ ба қисмат тан дод. Духтари сода, вале париваш ҳайрону нотавон сукони инону ихтиёр ба дасти қазову қадар супорид. Аз дасти ӯ чӣ ҳам меомад ба ҷуз рехтани ашки ҳасрат, нафрину надомат ва ғаму ғурбат! Ӯро нафақат олиҳаи ба сурат зебо, балки ба сират низ қашанг бояд хонд, ки имрӯз аз гиря китфак мезад. «Чунин будааст қисмати тақозо ва насибаи духти Дорюш ҳам!» - мегуфт шаҳдухт гесӯи поку мушкинашро палмосида.

* * *

Чаҳор моҳ аст, ки Искандар бо анбозонаш дар шаҳри қадиму бостонӣ дар Мадоин – пойтахти Дорюш айшу нӯш, базму тараб ороста ва ба фискҷу фуҷурҳо, дасисаҳои ғайриинсонӣ даст зада меояд. Табааи бофарҳангу ҳунарманд ва зиёиёни шаҳр аз бедодгариҳои ин меҳмонони нохондаи авбошпеша ба дод омада, дилашон сангӣ, таъбашон зангӣ шудааст. Дар лашкаргоҳи Искандар шаборӯз ҳаёҳӯи гӯшхарош, доду фарёдҳои ногаҳонӣ, хандаву сурудҳои мастона ба фалак дакка мезананд. Духтару занҳои фоҳишаманишу ваҳшинажод урёну нимурён, ки аз ҳудуди

ҳадди одамӣ ва одобу фаросати инсонӣ орӣ гӯё мазҳакаи нав ба нави ҳайвониро ба намоиш мегузоштанд. Сармасту сархуш аз ғалаба, аз ғанимати фаровон, аз иқтидор, ки кунун Искандар хешро худои заминӣ ҳисоб мекарду одамонро ташвиқ менамуд, ки ӯро «худо» хонанду бо худои ҳақиқӣ муносибат кунанд, дигар хешро даст гирифта наметавонист.

Имрӯз ҳам айшу ишрат, комрониҳои лаҳзаина, фасоду фосиқӣ ба авҷи воло баромада буд. Зеро фасли баҳор, ҷӯшу хурӯши эҳсоси инсонӣ, шаробнӯшиву мадҳхонӣ, шароити олии дарбори форсиён, зару зевар ақли ҳар фардро мадҳушу лол менамуд. Искандар бо дӯстони беҳтаринаш, аз ҷумла меҳмононаш: Филот, Демарат ва чун ҳарвақта Парменион, Гефестион, Никанори юнонӣ ва дигарон кайҳо сархушу оламу одамро фаромӯш карда, кайфу сафо доштанд.

Хушдори Птоломей – ҷавонзани зебосурати нимурён – Таиси бобулӣ бо мӯйҳои парешон, ки пешониашро бо диадемаи зарриннусхаи бо сангҳои нафису гаронбаҳои мурассаъ баста, рӯйҳои аз ғозаву атр пурҷило, бо эҳсос рақс мекард. Дасту ронҳои пурраву булӯринаш пурҷозибаву синаҳои дамидаи сапедаш тамоман урёну ларзон, ягона матое, ки аз миён поёнашро саҳл мепӯшондаву вай ҳам хеле ҳариру нозукдӯхт буд, парии афсонавиро ба хотир меовард. Чунон сабуку нозук рақс мекард, ки қомати мавзунаш мисли ниҳолаки шамшод печу хам дошт. Мӯйҳои тиллогунаш мисли алангаи оташ гӯё забона мезад, алвонҷ мехӯрд. Мафтуносою ромкунанда буд, пайкари Таис! Чашмонаш ваъдадиҳанда, хумориву ҳарису кунду лоқайд ва майл ба фаҳш Таис бо ин ҳама бартариву зебоиҳо дили пуркина, ҳасадхӯр ва нотавонбину зарпараст, маазолик фалокатбориеро низ соҳиба буд. Аз ин рӯ ба вай «Фоҳиша – Таис» ном дода буданд. Вале ӯ қобилияти дилҳоро мафтуну одамони беиродаву ҳайвонтинатро ром карданро, бо ҳар навъ забон ёфтан, таскин бахшиданро дошт. Ӯро навозишкорона бархе «Таиси фариштa» ҳам мегуфтанд.

Ногоҳ Таиса синаҳояшро ларзондаву мӯйҳои атрогинашро алвонҷ дода, ҷилвакунон ба ҳузури Искандар омаду ба рӯи зонуҳои «шоҳи ҷаҳон» нишаст. Ӯ ба нозу карашма хешро ба ихтиёри шоҳ дода, мехост коми дил барорад ё бардурӯғ айёрӣ мекард. Искандари сахт сархуш аз шароб, ки ба каси хобзада монанд буд, ҳарчанд муғчаҳои синаи нарму нафиси муаттари Таис ба чашму рӯйҳояш фараҳафзо ламс

мехӯрд, бо ишораи «бирав, азизам» ӯро рондан мехост. «Вале оё фариштаи нақду пирӯзи зиндагиро ранҷонидан мумкин аст!» - мегуфт ба худ аз нозу карашмаи бачагонаи ҷавонзани пуристиғно ба вақд омада. Птоломей ва Гефестион қоҳ-қоҳзада мехадиданду қаҳқаҳаи мастӣ доштанд ва пайваста ҷоми заррини шаробро холӣ месохтанд.

-- Дӯстам, Птоломей! – ногоҳ ба забон омад Искандар бо чашмони хумориву нимпӯш. – Ин шайтонзани бараҳнаатро саришта мекунӣ ё на, ҷин занад. Ӯ чунин ҷилва дораду меангорад, ки банда гӯё ба Птоломей монанд бошам.

Птоломей сари синаи пашминашро молиш дода механдиду «Барои дӯст чӣ фарқе дорад? Фариштa чӣ бар тую чӣ бар ман?! – гӯён хотири хешро шод менамуд. Вале Таис бо чашмони ваъдадиҳанда, тани хешро пура ба Искандар бахшидаву бо вақд номураттаб нафас кашида, хоҳиши ботил ва нафсонияти бешармона зоҳир менамуд. Мӯйҳои шоҳи мақдуниро бо ангуштони нарму сапедаш машшота мезаду бо синаҳои ларзандаи мисли тухми мурғ нимдунбул лайсаш рӯю пешонӣ, чашму бинӣ ва лабу гӯшҳои Искандарро соиш медод. Вале шоҳро гӯё абадӣ хоби гарон асир карда бошад, чашмонашро пӯшида рӯйи роҳаткурсӣ «хобида» буд.

Ҳабашдухтарони хуштарҳу хушандоми нимбараҳна дар сипоси хидмат дастёрӣ мекарданд ва чанд тан ҷавонзанҳои мисли Таиса бешарм бо меҳмонону дӯстони Искандар айшу нӯш доштанд.

«Ангезаи ин шуғл то абад пойдор намонад. Татаббӯъ ба нафси ҳаром, бо ҳаромӣ ё бо фалокат фарҷом хоҳад ёфт!» - аз дил мегузаронид Парменioни дурандеш.

Дӯстони Искандар аз ҳар дар сухангӯйи мекарданд ва латоифу сурудҳои бешармона мехонданд. Сӯҳбати минбаъдаи онҳо дар бораи қасри боҳашамати шаҳри Мадоин мерафт.

-- Чунин қасрро, ки дар тӯли шаст сол бино кардааанду аз тарҳрезӣ сар карда, то қуббаҳои музайяну пурҷило, ки он сирф ба шеваи шарқӣ мансуб аст, дар ҷаҳон ягонаву ҷозиб медонам! – бо самимият қоил мешуд Парменион.

-- Магар ибодатхонаи Зевси муқаддас ё толорҳои дарбори шоҳи мақдун, ки дар гузашта бино шуда буданд, аз ин қуттии боҳашамат, вале беоб бартар нестанд? – шӯрид Гефестион.

Парменioни донишманд лабханд заду афзуд:

-- Ин ҷо ҳунари нафиса, кандакорӣ, гулкориро дар рӯйи чӯб бояд дуруст дарк кард. Чунин қасри зеборо ҳатто дар гузашта юнониҳо низ сохта натавонистаанд ва имрӯз ҳам нахоҳанд сохт.

Никанори юнониро рангу рӯй коҳида ва бо сӯйи Парменион теғ кашида нигоҳ карду ба сухан пардохт.

-- Эҳтимол, ту донишманд ва ба сол низ бузург бошӣ, вале фарҳангу саноеи юнону румро наҳ мазан. Ин бино, бошад, ки яктову нодир аст, вале ватани кулли нақшаҳои биноҳои бузурги Юнон асту бас! Бале, Юнон!

Ногоҳ Искандарро ба ёд омад, ки чӣ тавр ӯ ҳоло дар чаҳордаҳ ё понздаҳсолагиаш ба сафирони шоҳи Форс гуфта буд: «Рӯзе мерасаду ман дар тахти зарандуди шоҳаншоҳии шумо нишаста, дар Тахти Ҷамшед Наврӯзро истиқбол мегирам!» Инак, фотеҳ ҳам шудаму ба тахти зарандуд ҳам нишастам ва Наврӯзро ҳам ҷашн гирифта, дар саҳни толори бузурги Ободон кулоҳу тоҷи форсӣ низ ба сар ниҳодам. Тобистон ҳам ба охир мерасад, бояд аз паи Доро шуда, ба таъқибаш чора ҷуст. Вале сараввал ин биноро хароб хоҳам кард, то ба Доро дарси ибрат шавад! Ман ба ҷои ин ҳезумтӯда бинои сангии мӯҳташаму баландошёна хоҳам сохт. Ин қасрро дар пойтахти худам, ки ӯро ном Искандария бояд гузошт, бисозам. Беҳтараш дар ҷазираи Фарос... Вале имрӯз қасри форсҳоро бо кадом баҳона нест кунам? Чӣ тур? Ҷин занад? Боз мегӯянд, ки Тахти Ҷамшед дар ду вилояти дигар низ сохта шудаанд. Хайр, мебинем. Аввалинашро бояд ба хок яксон кард?

-- Никанор дуруст мегӯяд, - аз дасти Таис гирифта, аз ҷой бархост Искандар ва наздики сомионаш омада афзуд: - Мо бояд қасри дигаре, ки ба номи мо марбут бишавад, бисозем.

Ногоҳ Таис аз сард шудани базму нафсонияти ботилаш ба ғазаб омада бошад, ба ҳозирон муроҷиат кард:

-- Ҳамватанон! Беҳтарин иқдому беҳтарин корнамоии мо имрӯз бояд фавран оташ задани дарбори шоҳи Форс – Тахти Ҷамшед бошад. Қасрро ба хокистар табдил диҳему музаффарияти хешро алайҳи душман як бори дигар собит бикунем. То онҳо бидонанд, ки аз дасти танҳо як зани мағрибӣ чӣ корҳое меояд!

Искандар хандид, маазолика розӣ буд ва бо нигоҳи кунду афту андоми холӣ ба Праменион масхараомез нигарист.

-- Машъалҳоро фирӯзон созед!

Дар як он ба ғайр аз Парменион ҳама омодаи оташафрӯзӣ шуданд. Ӯ сари остонаи дар Искандарро боздошт ва гӯё зорикунон гуфт:

Искандаро! Шаҳо! Бедор шав! Ту чӣ коре мекунӣ? Охир, ин қасру Тахти Ҷамшеду дарбори форсҳо моли ту шудааст, аз они ту! Хуб нест ва алҳақ мардуми ориёӣ, алалхусус дудмони ин шаҳри бостонӣ алайҳи ту на одами некро, лобал шоҳи золиму душмани бераҳмро мебинад, сониян сафарҳои мо, қиёми минбаъди мо мушкил хоҳад шуд.

-- О-о... Парменион! Зорӣ мекунӣ? Фаромӯш кардӣ, ки форсҳо ба Юнону Рум, ба Бобулу Фуракӣ даромада, баробари куштору ситонидани мол, ибодатхонаҳои боазамату шаҳнишинҳои моро, қалъаву қӯрғонҳоямонро ба харобазор табдил додаанд. Эҳтимол, сангҳои ин қасрро ҳам аз Рум оварда бошанд? Киштзорҳоро поймол, чорвою дорӣии моро бурдаву дӯшизагони бегуноҳро, ҷавонмардони асилро абадӣ ба ғуломӣ табдил додаанд. Бузургтарин бозори ғуломон ин ҷо буд. Медонӣ? Ту хеле хуб медонӣ. Бале.

Имрӯз мо бояд қасос бигирем! О-о... интиқом!!

-- Охир, ту аз Доро донотар бояд бошӣ! Шайтонро бирон, тааммул нигаҳ дор ва ин корро ҳар гоҳ, ки хоҳӣ мекунӣ, Искандар!...

Чун сухани Птоломей ба ин ҷо расид шоҳи мақдун беписандона даст афшонд ва бо гурӯҳи сурнайнавозону таблакзанон суруд хонда, Таис дар пеш, мисли шайтоне, ки бани одамро гумроҳ карда истодааст, хурраму шодон сӯи кохи Доро раҳсипор шуданд.

Парменион бо кароҳат аз паси онҳо нигоҳ карда, афзуд:

-- Искандар мисли барзагов гарданшах шудааст, вале Доро халоиқро ба ҳоли худ гузошта гурехт. Тарсу! Ҳамаи подшоҳон дили касиф ва разил доранд. Бало ба паси майхораи кӯтоҳандеш!...

Қасри ягонаи дунё, шоҳасари мардуми машриқзамин мисли кӯҳи побарҷо ва пурхазоин бо виқор қомат афрохта буд.

«Чӣ тавр зебову дилкаш аст, қасри Ҷамшедшоҳ, ҷин занад!» аз дил гузаронид Искандар.

Ногоҳ Таис машъали фирӯзонро рӯйи айвони хасбеда партофт. Сипас Искандар, сипас Никанор, Гарпал, ҳама ба шоҳ пайравӣ карданду сӯхтори азимро асос гузоштанд. Шӯре буд, ки имрӯз Искандар барангехт!

Чӯбҳои ҳаккокишудаи равғанӣ ва хушк якбора, ғайричашмдошт аланга гирифтанд. Посбонон ба гумони он, ки ин ҳол тасодуфан рух гирифта бошад, ба хомӯш кардани оташ шитобиданд, вале чун диданд, ки Искандар - худи шоҳ ба қалъа машъали нафтолудро мепартояд, онҳо ҳам «Акнун ҷанг тамом мешудааст!» - гӯён ба машъалпартойи пардохтанд. Тамоми мардуми шаҳру ноҳияҳои Мадоин шоҳиди сӯхтани ин ганҷи бебаҳои ниёгон гардида, хун мегиристанду лаб газида, аз Ҳурмуз илтиҷо мекарданд, ки ҷони золимони бешафқатро бигирад.

Домани оташ васеъ мешуд, гӯё ҳарами муқаддас суруди вопасин мехонд. Ин садои оташ не, сӯзи дили одамон буд, ки маҳз бо заҳмати пурмашаққати онҳо бунёд шуда буданд.

Ногоҳ гумоштаи Искандар ҳарсосзанон бо ғуломони сандуққои чарминбаста пайдо шуданд.

-- Шоҳам! Дар ин сандуққо китобҳои оташпарастӣ, китобҳои зардуштиён будааст, ки аз таҳхонае ба даст омад.

-- Оташпарастро бигузор оташ бикушад. Ин сандуқҳоро ба ихтиёри Каллисфен супору бигӯй, ки беҳтарин китобҳоро ба Рум фиристад ва боқӣ ба оташ!

Он китобҳои «Авасто», «Заравах» - у «Вандидод», «Хурда Овисто», «Меҳрнома»-ю «Гот»-ҳо буданд. Ҷилд-ҷилд китобҳоро ба оташ мезаданд. Китобҳои ҳикмату китобҳои саршор аз маониро, китобҳои фарҳанги ниёгонро, китобҳои олимони дунёро. «О ваҳ, бисӯхтанду буриданду дариданд ва бибурданд хизонаи ориёиҳоро, дурдонаи хисравониву каёниҳоро! Кош ин каллахарҳо аз ӯҳдаи навиштани чанд сатре мебаромаданд. Оташ заданд беимонҳо, худоё ҷонашон дар оташи дӯзах бисӯзад!... Эдун бод!» - Ин буд дуои ҳозирону шоҳидон.

Искандар ба худ омад ва ӯро воҳима гирифт. Ҳамин вақт Гефестион ба вай гӯшакӣ кард:

-- Норозигии мардум мушоҳида мешавад, шоҳам!

Искандар ҳамон лаҳза тамоми аскаронашро ба по хезонда амр фармуд, ки оташро хомӯш кунанд, гӯё қаср тасодуфан оташ гирифта бошад, ҳамаи чораҳоро медиданд. Вале тир аз камон ҷастаю сухан аз забон афтода буд.

Ба душворӣ оташ хомӯш гардид. Бӯйи дуди чӯбу нафт, чангу ғубор, бӯйи ғализи кадом як мурдор димоғро мегирифту ақлро кунд мекард. Мардум оҳиста-оҳиста ғамгину мотамзада, малӯлу сархам пароканда мешуданд.

Искандар хатояшро фаҳмид, вале дер фаҳмид. Бо ғазаб Птоломейро ба ҳузураш хонда, дод зад:

-- Даф бикун он фоҳишаи бадзотро ё худ ҳозир ӯро пора-пора хоҳам кард.

Птоломей ҳамон замон ғайб зад. Мегӯянд, ки форсҳо Таисаи урёнро аз ду пояш ба ду шохи бузурги ба якдигар кашидашудаи шамшодҳои ба ҳам наздик баста, сипас шохҳоро ба ҳукми худ сар додаанд, ки фоҳиша то гулӯяш ба ду нима даридааст. Бале, ба коми аҳриман рафтааст!

Искандар пас аз сӯхтор касеро ҳам қабул накарда, то мадҳуш шуданаш шароб менӯшаду дар ҳамон ҷо меафтад.

* * *

Ҳокими билоди Форс Доро хабар ёфт, ки тахту дарбори ӯро, саробӯстони ҷамилашро, тамоми дороияшро Искандар оташ задааст, мисли кӯдак ҳунгос зада, фиғону шеван андохт. Оби дидагонаш гӯё ғаму андӯҳ ва гиреҳҳои дили ӯро мешустанду мекушоданд. Ниҳоят, ӯ ба навҳахонӣ пардохт:

-- Шоҳаншоҳи нимаи ҷаҳон будам-е... эй фалак! Бобулу Мақдуну Юнон зери нигинам буд, э... худо! Афсару амру фармон, мӯҳри дарбор, ҳокими садҳо шаҳру давлатҳо ва ҳукми ҳомии замона дода буди-е, худоҷон, худоҷон! Аё, Оҳуромаздои додситон, доди адӯро ситон-е, фавран ситон! Худоё, дили бадстголону ваҳшиманишон канда бод! Офридгоро, дар чӣ дидӣ гуноҳи кӯшку ибодатхонаҳои Озаргушаспро, қасри Ҷамшедро, маъбадҳои ниёгонро, худоҷоно!...

Навҷувонбас – вазири Доро ва амакписари ӯ, ки ба шоҳ дар дил хусумат мепарварид, ба ҳоли шоҳ заҳрханда намуда бигуфт:

-- Охир, ин навҳаи ту беасос аст, шоҳо! Бобоёни мо низ айнан ҳамин тавр сарзаминҳои мағрибиёнро сӯхтанду тохтанд, куштанду моли эшонро ба яғмо бурданд. Боз чӣ мехоҳӣ? Ин дунё – дунёи подошгардону гирдгардон аст!

-- Ту чиҳо мегуйи, фарзанди амак. Охир, ман дару деворҳои онҳоро нашикастаам, балки муносибатҳои тарафайнро барқарор кардам. Оҳ, Файлақуси маккор, ваъдабозу мор! Гуфта буд, ки минбаъд мо асрҳо ба дил адоват нахоҳем гирифт, кина нахоҳем варзид, ба гузашта салавот. Ман чӣ донам, ки фарзанди ӯ пайрави ӯ будааст! Оҳ, Ҳурмуз, мададгорам бош, сипаҳдору ҳамрайъам бош!...

Дороро ба ёд расид, ки Искандари бадзот ба мактубҳои сулҳхоҳонааш посуххои кинадору талабҳои осмонӣ дода буд...

Ҳамин вақт хабар расид, ки Искандар ба шаҳри Ҳамадон, расида ба таъқиби ӯ омада истодааст, Доро бо шаст сари ду по ба замин нишасту рӯ ба осмон намуда, бигуфт:

-- Аз ман рӯ тофта бошӣ, бигир, охир ин ҷони пуртаҳлукаро. Ҳурмузо, бигир, бигир!... – ҳунгос зада бо алам фиғону шеван андохт шоҳ ва пас аз соате тадоруки ҳазимат кард...

* * *

Сапедадамон шаҳри Ҳамадон якбора тумангуну ғуборолуд гашт. Ҳоло фасли поизӣ наомада, рӯйи майсаҳо шабнам рехта буд, ҳаво салқину боди серун мевазид. Пас аз лаҳзае чангу ғубор, сипас тӯфоне бархосту рӯзи равшанро тира сохт. Дарахти хушку азими назди ибодатхона қарсосзанон ба рӯйи девори маъбад афтоду гирду атрофро чӯбу чахси пӯсида фаро гирифт. Мардум бо таку дав ба куҷое шитоб мекарданд. Касеро парвои тӯфону дарахти афтода набуд. Як марди мусофири аз ин аҳвол ба ҳайрат афтода, бо забони шикастаи форсӣ раҳгузареро пурсид:

-- Шуморо худо ҳаё бубахшад, бигӯед, ки чаро мардум ин қадар серташвиш ва такопӯй доранд? Магар фалокате рӯй додааст?

-- Бале, фалокати азиме, воқиаи нохуше ба сари сокинони шаҳри Ҳамадон омада истодааст.

-- Чӣ хел?

-- Балои одамизод – шоҳи ғаддори мақдунӣ – Искандари шохдор омада истодааст?

-- А?! Сикандари шохдор?! – Мусофир ҳамон лаҳза хайрухушро ҳам насия карда, аз роҳи омадааш пас гашту аз назар ғоиб шуд.

Шаҳри Ҳамадон ба пешвози Искандари Мақдунӣ дарвозаҳои нуқракӯбашро боз намуд. Мардуми амалдор итоаткорона «шоҳи ҷаҳон»-ро мисли меҳмони олиқадр истиқбол гирифта, пешкашҳои гаронбаҳо, лутфу марҳамат ва меҳрубониҳо арзонӣ фармуданд. Он рӯз рӯзи суғдии Абанч[1] ба форсӣ Обонмоҳ буд. Се рӯз қабл аз ин аъёну аш-

[1] Аз рӯйи тақвими ҷаҳонӣ 23 уктабр буд.

рофи шаҳри Ҳамадон бо маслиҳат якдилона ин ҳукмро мақбул дониста буданд. Дигар илоҷи наҷот ба назар намерасид.

Искандар пас аз нону намаки шаҳрвандонро чашидан ба аскаронаш амр дод, ки ба касе ва ба чизе нарасанд, зеро мардуми шаҳре, ки бо сулҳу салоҳ ба пешвозашон мебаромаданд, ба онҳо озоре намерасонид. Ин нукта мушкилии забти дигар шаҳру сарзаминҳоро осон мекард. Ниҳоят пас аз ҷо ба ҷо шудан шоҳи мақдунӣ майли гармоба кард. Вақте ба ҳаммом мерафт дар роҳ диққати ӯро мавзее, ки нафт аз замин фавворасон ҷорӣ мешуду ғуломон онро ба ҳавзҳо равона менамуданд, аҷабаш омад. Бори нахуст буд, ки вай нафти табииро медид. Моеи ба сиёҳиву зардӣ моил ва ғализро ба хумҳои калон мерехтанд. Кадхудои ин «ганҷи сиёҳ» марди ба сурат ғӯладинги айёрманиш, ҳозир буд барои Искандар мисли саг пойлесӣ бикунаду номус ва ҳатто занашро бифурӯшад, ба фармони итоат ҳозир шуд. Гумоштаи шоҳи румӣ Афинофани бобулӣ дарк кард, ки Искандар майли дидани каромати ин моеъро дорад, ба кадхудо мурочиат кард:

-- Ҳой, ғӯладинг! Ку, хосияти ин моеъро ба шоҳи ҷаҳон бинмо!

Кадхудо рӯбоҳвор ду даст бар сина, тамаллуққорона дандон нишон медоду пайваста таъзиму такрим мекард. Афинофан ба дандонҳои сип-сиёҳи ӯ, ки барои кирм нахӯрдан бо гиёҳе ранг зада буд, бо ҳайрат менигарист ва ба худ меандешид, ки эҳтимол ӯ нафт мехӯрад, хандааш омад. Лек кадхудо ба анбозонаш амр дод, ки аз оғози роҳ то ба охир, қад-қади кӯча нафт рехта бираванд. Пас аз ин машъале ба даст бигирифт ва ба нафт оташ зад. Ногоҳ забони оташ баланд шуд ва ба зудӣ сели оташ равон гашт. Нафти оташгирифта аждаҳосифат дуди ғализи тира баровада, маҷро гирифту ҳамаро дар ҳайрат гузошт.

-- Оташи зиндаро бинед-а, ҷин занад! – мегуфт Искандар қаноатмандона. Қаноати ӯ на аз он боис, ки ҳодисаи аҷибе ба вуқӯъ омад, балки ин моеъ минбаъд дар набарду забти қалъаву рабазҳо кор хоҳад дод.

Афинофани маккор ба соҳиби нафт чизе гуфту сипас рӯ ба сӯи гармоба ниҳоданд.

Дар яке аз хонаҳои гармоба, ки ҳаври гарми об дар он сайр мекард, Искандар бо дӯстонаш сози шустушӯю

истироҳат дошт. Ногоҳ он кадхудои ғӯладинг дар даст машъал дандонҳои сиёҳашро намоишкунон бо як бачаи малламӯйи ба нафт олуда ҳозир шуд. Искандар ба афти ғуломбача нигариста хандааш омад. Ҳамин сония кадхудо аз паси ғуломбачаи ба нафт олуда оташи машъалро дошт, ки бача дар як он саросар оташ гирифт. Ғуломаки бечора аз сӯзиши тоқатфарсо худро ба чор тараф мезад ва дар гармобаи нимторик барои Искандар тамошои ғайриодие созгор шуда буд. Ҳама механдиданду шодӣ доштанд. Касеро ба ғуломбачаи сӯхтаистода парвою раҳме набуд. Гӯё ҳаммомиён хешро нодида мегирифтанд. Бача ҳамоно месӯхту мисли мурғи бисмилшуда метапид, фарёди ҷонкоҳу оҳи ҷонталош мебароварда, рӯйи фарши гармоба додгӯён ғел мезад. Ниҳоят, шоҳи румӣ даст бардошт, ки ин ишора мазмуни наҷот додани ғуломбача буд. Пас аз оромӣ Искандар пурсид, ки ӯро чӣ ном аст. Гумошта хандакунон посух дод:

-- Стефан...

-- Ӯро муолиҷаи хуб ва то охири умр нафақа бубахшо.

-- Ба чашм!

Стефани беҳушу нимсӯхтаро бурданд ва танҳо пас аз як ҳафта ӯ ба ҳуш омад, вале як умр маъюбу маслуқ гарида буд. Рӯзи дигар бошад, ғайричашмдошти румиён турбати кадхудоро – марди ғӯладингро – аз ҳавзи пури нафт пайдо карданд.

Аз ин воқеа Искандар қаноатманд шуда, аз Иоллай шароб пурсиду ҷиддиёна гуфт:

-- Хеле хуб, хеле хуб, ҷин занад! Адолат бояд ғолиб ояд. Зинда бод, адолат!- ва дер гоҳ хандаю қаҳ-қаҳа ва ғиреви шодмонӣ аз шабистони ӯ ба гӯш мерасид.

Ҳамин тавр Искандар хешро аз даст дода буд. Акнун вай шогирдпешаи асили Арасту не, балки ба як золиму бадкирдоре табдил ёфта буд ва ба куҷое, ки мерафт, аз пою қадами шуми номубораки ӯ маргрезӣ, хунрезиву ашкрезиҳо, фиғону шеван, оҳу фарёди ҷанхароши зоти одамӣ мушоҳида мешуд. Вале писари Файлақус ҳам одам ном дошт, лобал одами шохдор. Искандар гуфтааст: «...худо маро барои он дар тори сар шохҳо додааст, ки бо онҳо давлатҳои оламро шикаст бидиҳам».

Чи илоҷ, худаш ки ин тавр хешро муаррифӣ карда бошад, пас ӯ одам неву ҳайвони шохдоре будааст. Аз ҳайвони бешуур чӣ ҷои гила!

ҚАТЛ

Ҷаҳл бузургтарин душмани инсон аст.
(Суқрот)

Борон мисли модари меҳрубону мушфиқ рухсораҳои баргҳои ниҳолаконро мешусту навозиш мекард, вале борони поизӣ буд. Ҳарчанд ки фариштаосо бо онҳо сӯҳбату тарнавозиҳо дошт, аммо рухсораи баргон ҳамоно маъсуму зард шуда, беҳолу вопасинхон ба дида мерасиданд. Борон бо вуҷуди ин гӯё назми дилкашеро қироат мекарду замзамаи мастӣ дошт, шибир-шибиркунон ба гӯшу барги майсаҳои дар ҳукми хазон буда, аллаи модарона мехонд. Ё ашки ҳасрат буд, ки дилаш аз боди самуми поизӣ ба риққат меомад? Ё мехост ба онҳо оби ҳаёт бахшад? Ба ҳар ҳол борони беғаш, ки ағлаб нарм-нарм чакочак дошт, мерехту мерехт. Ҳавои ҳамдардиву ҳамрайъи аз ӯ ҳувайдо буд. Маҳин-маҳин намрезаи поизӣ, шаборӯз мерехт, гӯё бозӣ ба бозӣ, аз худову ҳаюло розӣ. Вале кунун фасли поизӣ, фасли сардиҳо омад, фасли барои сабзаҳо хобу навмедӣ...

Искандар бо лашкари чилупанҷҳазораи хеш роҳ ба сӯи Бохтарро пеш гирифта буд. Лашкари ӯ фавҷ-фавҷ /бо флангаҳо/ қисмат шуда, дар маймана аскарони пиёдагарди сабукаслиҳа, дар майсара гоплитҳо – аскарони вазнинаслиҳа, дар қалб дӯстони Искандар ва гардунаҳои ҷангии форсиён, ки дар яке аз онҳо писари Файлақус нишаста, аз ду самт саворагон ҳаракат мекарданд, равон буд. Искандар ба муқобили дастаҳои боқимондаи Доро, ки дар сарзамини Бохтар бо роҳбарии Навҷавонбас, ба қавле зидди Искандар омодагӣ медиданд, роҳ мепаймуд. Аз чӣ бошад, ки хотираш парешон ва рӯҳаш мушавваш аст, ба андешаҳои амиқ ғӯта зада буд: «Падарсаги Бесс[1] писари амакашро – Дороро қатл фармуд. Оҳ, чӣ қадар мехостам, ки падарарӯсамро зинда бубинам! Агар вай бо сулҳу салоҳ таслим мешуд, ӯро волии тамоми қаламрави Форсу Ҳинд мегардонидам. Доро тарсид, ки завол меёбад, беандеша

[1] Навҷувонбас бинни Озарбахт, ки румиҳо ӯро мухтасар Бесс гӯён ба забон мегирифтанд.

гаправию якравӣ кард. Гумон кард, ки мардумони суғду хоразм, ҳиндувону чиниён ӯро дастгирӣ мекунанд. Вале онҳо ин корро накарданд. Ба ҳар ҳол Бесс номардӣ кард. Эҳ, Доро, Доро! Ақаллан ба мактубҳоям посух надод...»

Искандар як лаҳза чашм кушода ба дуродур дида дӯхт. Ҳама чиз барои ӯ дилгир, безеб ва риққатовар менамуданд. Вай ба паҳлуе гашту ҷомаи кимхоби форсиро ба рӯяш кашида боз ба саҳрои хаёл хайма зад: «Бечора Дорои беморро теғҳои корду шамшерҳои бешумори Бессу руфақояш, хосатан хешонаш маҷрӯҳу марговар сохтанд. Хеле хуб шуд, ки ман дар қатори сий ҳазор нафар ҷавонони ашрофзодаи форсиву суғдӣ ва бохтарӣ фарзандони Дорорро низ ба Юнон, ба омӯхтани илму фарҳанги юнонӣ ва саноеи ҳарбӣ сафарбар намудам. Магар илму қомуси машриқзамин ё саноеи ҳарбии Доро кӯчаку ногиро аст? Бояд иқрор шуд, ки онҳо низ бузурганд, вале аксари мардумонаш аз ҳад зиёд хӯрдагиру мансабпарастанд, хушомадгӯ ва худбинанд онҳо. Ба ҳар ҳол моро лозим аст, ки аз онҳо бисёр чизҳоро омӯзем, ҷин занад!»

Искандар аз надим шароб хост ва ба як бардоштан қадаҳро холӣ карду лаҳзае ба ҳаракати лашкараш дида дӯхта боз ба ғанаб рафт, вале ӯро хоб намебурд, андешаву хаёлҳои гуногун асираш менамуданд. «Оё суханони вазири ба истеъфо баромадаи Дорюш – пирамарди ақлашро аз даст дода – номаш чӣ буд он пирсагро, ҳа-ҳа Ардашери дабир рост бошад? Ин дабир пеш аз сафари ман нотарсида ба боргоҳи қабул омада, гуфта буд:

-- Ту ба Дорюшу Навҷувонбасу Мамнун ва дигар ашрофзодагони форсӣ кина ба дил магир. Зеро ту бародари Доро ҳастӣ! – Риши сафеди ларзандаи пирамард мисли абрешим тозаву пурҷило ва шоназада ба назар мерасид. Синннаш ҳам аз ҳаштод бояд боло бошад, ки дасту пойҳояш беист меларзиданд, ҷин занад ин пиракиро.

-- Ту онро дар назар дорӣ, ки ман ба духтари Доро издивоҷ кардаам?

-- На. Ту сараввал ва то охир ба сухани ман гӯшу ҳуш деҳ. Зеро сухан шунидан низ як навъ адаб аст. Бидон, ту бародари хун ба хуни Доро ҳастӣ ва ман умрамро дидааму аз ту ҳаросе ҳам надорам. Вале ҳақиқатро нагуфта наметавонам.

-- Хайр, ҳақиқати ту чӣ будааст?

-- Дорои дуввум падари Дорюши Сонӣ тахмин бист-бисту панҷ сол қабл аз ин ба Рум лашкар кашид ва онро ба

зери нигини хеш овард. Бобои ту, шоҳи Эпир ба Дорои Дуввум духтари хешро пешкаш фармуд. Ба қавле Доро бо ин духтари дӯстрӯ издивоҷ намуд, вале заношӯйии онҳо як ё ду рӯз беш набуд. Доро духтари бобои туро бо сабаби аз даҳонаш бӯйи нохуш омадан, шояд сирпиёз хӯрда бошад, аз шабистонаш рондааст. Он духтар ба манзили хеш баргашт, ки Олимпиада ном дошт. Пас аз соле ту ба дунё омадӣ. Дорои Дуввум /ман дабир – вазири девонаш будам/ васият карда буд, ки аз Олимпиада бохабар шаваму ба ӯ зарур шавад ёрии моддӣ бирасонам.Чун фаҳмидам, ки Олимпиада, модари ту ба Файлақус хонадор шуд, хотирам ҷамъ гашт. Ин аст ҳақиқати ҳол, ки ба ту гуфтам, боқӣ ту донӣ.

Пирамард ларзон-дарзон бирафт. Дилам таҳ кашид. Ҷин занад ин пирамардро! Нахуст ба ин ҳарфҳо боварам намеомад. «Наход, ин воқеа рост бошад?» - мегуфтаму андеша мекардам. Вале кадом як кашише, меҳру дилгармие алайҳи Доро вуҷуди маро тасхир мекунад. Агар Доро зинда мебуд! Пас бармеояд, ки ман бо Дорои Саввум падаряку модарҷудо бародар будаем, ҷин занад! Дигар ин ки Равшанак низ кунун духтари бародарам мешавад?! Оҳ, чӣ аблаҳиҳо, кӣ ман кардаам! Охир, дар оини мо ба хешу ақрабо издивоҷ кардан гуноҳи азим аст! Форсҳо-чӣ? Барои онҳо фарқ надорад. Масалан, Дорюш «никоҳи муқаддас» гӯён ҳатто ба хоҳараш издивоҷ кардааст, ки ман минбаъд ин оинро саросари кишвар маҳкум ва манъ фармудам. Равшанак низ ба назари ман ягон меҳру муҳаббате надорад: маъсум, парешонхотир ва қариб, ки беҳарф аст. Вале духтари дурундор менамояд».

Назди аробаи ӯ касе сурфид. Искандар ба паҳлӯяш нигарист. Гефестион хабари муҳим оварда буд. Шоҳ ба аломати «Чӣ гап?» ба дӯсташ нигоҳ афканд.

-- Роҷеъ ба хабари Гарпал, ки ду рӯз қабл аз ин ба иктишоф рафта буд мегӯяд, ки лашкари Бесс омодаи ҷанг аст. Аксар саворагону бо аробаҳои ҷангӣ ва мошинҳои сангпарто мусаллаҳ...

Искандар аз саворагон меҳаросид. Зеро онҳо чобуку беталаф ба набард медароянду боз ҳамин тавр ғайб мезаданд.

-- То шаҳри Балх чӣ қадар роҳ мондааст?

-- Якрӯза роҳ. Бесс беруни шаҳр, дар баландие лашкаргоҳ қарор додааст. Миқдори аскаронаш беш аз чил ҳазор, эҳтимол, кам ҳам бошад.

-- Боз ҳамон аробаҳои вазнину досу теғдорашонро омода сохта бошанд даркор. Набошад дар баландӣ чӣ кор ҳам мекарданд?

-- Чарҳҳои аробаҳоро бо тӯпу ҷазоилҳо шикастан лозим. Боз пеши ин аробаҳо лӯлаҳои калони намадҳоро гузоштан низ салоҳ аст. Он гоҳ онҳо ба ҳеҷ чиз кор намеоянд.

-- Никанорро ба ин кор омода бисоз ва саворагонро бояд дар камин нигаҳ дошт. Дар вақти зарурӣ онҳоро сафарбар мекунем. Саворагони мо каманд.

-- Бале. Ҳамин тавр бояд кард.

-- Пас аз ду соат лашкарро дар ҷои мувофиқ нигаҳ дор. Мо бояд нафас рост бикунем ва нақшаи ҷангро бикашем.

-- Ба чашм!...

Навҷувонбас писари Озарбахт марди танпарвар, ишратпарасту мансабхоҳ ва шайтонтинат хешро гӯё фотеҳу музаффар пиндошта, баланд-баланд механдид. Аз чизе шод буд. Ӯ базму тарабхоҳ, занбозу булҳавас, вале зебоандому нотиқи хушзабон буд. Вай кунун хешро шоҳаншоҳи сарзамини Форс эълон намуда, тоҷи каёнӣ ба сар ниҳод. Навҷувонбас – қотили Доро – ба пирӯзӣ умеди калон дошт ва бовар мекард. Зеро тарафдори ӯ Сатирбозон, ки чанде пеш хешро ба Искандар таслим намуда, ҳоло аз паси вай зарба мезад; Набардзан – ҳокими Кобулу Қандаҳор аз машриқ, Сапитамон аз шимол, юнониҳои зархарид аз ҷануб якҷо ба муқобили Искандар бояд амал менамуданд. Аз ин рӯ дилпуру хуррам базму тараб ороста буд. Мутаассифона, хурсандии ӯ бисёр тӯл накашид. Саҳарии рӯзи дигар ҷанг оғоз ёфт. Навҷувонбас дар хами пастӣ пиёдааскарони бешумореро дида, саросемавор амр фармуд, ки аробаҳои ҷангиро равон созанд. Ногоҳ воқеае ба вуқӯъ омад, ки ҳамаро дар ҳайрат гузошт. Дар талоя – дар пеш –он «пиёдааскарон»-и Искандар аксар наматҳои одамшакл будаанд, ки сари роҳи гардунаҳои ҷангӣ партофта шудаанд. Натиҷа он шуд, ки аробаҳои ҷангӣ ба ягон кас осебе расонида натавонистанд. Теғу досҳои аробаҳо дар шӯълаи офтоб медурахшиданду дар нимароҳ беҳаракат бимонданд. Ногоҳ тӯпу манҷаниқҳои Искандар ба сангбориву оташфишониҳо оғоз карданд. Аз ду тараф саворагон мисли бод ба сари аскарони Навҷувонбас тохтанд. Ба кӯмаки «шоҳаншоҳи худдонами форсӣ» на аз Набардзан ёрӣ омаду на аз Сатирбозон ва на аз Сапитамон

касе пайдо шуд. Фидоиёни Ҳинду Чин низ бедарак буданд. Юнониҳои зархарид бошанд, кайҳо ба сафи аскарони Искандар таслим шуда буданд, ки сонитар «шоҳи ҷаҳон» ҳамаи онҳоро дар мунофиқӣ айбдор намуда, ҷаллодвор сар зад.

Навҷувонбас дид, ки ҷанг ба фоидаи ӯ ҳал намешавад, бо се ҳазор нафар аскарони содиқаш аз Дарёи Ому тавассути амаду киштиҳои пешакӣ омода сохтааш нишаста, ҳазимат ихтиёр кард.

Искандар ба аспи Букефали[1] бодпояш нишаста, бо ду ҳазор ёронаш ба таъқиби Навҷувонбас пардохт. Пеш аз таъқиб ба дӯстонаш амр кард, ки шаҳри Балхро забт намояд. Шоҳи румӣ дар назди дарёи Омуи жарфу паҳновар чӣ кор карданашро надониста пай бурд, ки Бесс амаду киштиҳоро барҳам задааст, фармон дод, ки ба пӯстҳо алафи хушку коҳ ҷой карда, тавассути он ба соҳили рост бигузаранд. Як идда дар оби тезҷараёни Ому ғарқ шудаву бахши дигар тару лакот ба он самти дарё гузаштанд. Роҳи ноҳамвор, фуруду фарозҳо паси сар мешуданд. Касе хабар овард, ки Навҷувонбас ба ҷониби шаҳри Навтоқ[2] раҳсипор шудааст. Искандар роҳро миёнбур карда, аз байни туғайзор мегузашт. Арчаву буттаҳои худрӯй, ниҳолакони ангати хордору сияҳбед монеаи роҳгардӣ мешуданд. Ногоҳ аз дур бинои наимвайронае ба назар расид. Дар беруни бино марди синонбадасти суғдӣ гӯё чизеро посбонӣ мекарда бошад, рост меистод. Дар нӯки найзааш матои сафеде баста шуда – толиби сулҳ буд. Вақте ки Искандар даррасид, марди суғдӣ аз сару либоси омадагон пай бурд, ки румиён аст, ба забон омад:

-- Мо чокар ва қосиди Сапитамон ҳастем. Сипаҳсолор моро фармуд, то ҳокими Бохтар-Навҷувонбасро, асири ӯроба ту бубахшем. Сапитамон таъкид кард, ки агар шумо ба воҳаи Суғд дохил нашавед, Сапитамон азми ҷангу набард нахоҳад варзид. Лашкари Навҷувонбас қисме пароканда ва дигаре ба Сапитамон пайваст, хавфи дигар таҳдид намекунад. Сапитамон ба шумо шод бошиву сулҳу салоҳ мехоҳад. Хуш бошед!

Шаш нафар қосидони савораи суғдӣ мунтазири посухи

[1] Демарат ном шахсе аз Коринф ба Искандар ҳоло дар Рум Буцефал ном аспе тӯҳфа карда буд, ки форсиён онро бо номи Буқафеъл ба забон мегирифтанд.

[2] Навқот – ноҳияе буд қарибиҳои шаҳри Бухоро.

Искандар шуданд. Искандар бо як ҳаяҷону самимият бигуфт:

-- Ба Спитамен дуруди беназир ва ташаккури беҳад! Ба кадхудоят бигӯ, ки мо нияти ҷангу забти Суғдиёнаро надорем, ба шарте ки ӯ муқобили мо барнахезад. Шумо низ шод бошед!

Қосидон қаноатманд даст бари сина гузоштанду сипас тирвор аз назар пинҳон шуданд.

-- Офарин, дӯсти ғоибназару диловари ман, Спитамен! – ба сомеон маълум набуд, ки шоҳ ин суханҳоро бо киноя мегӯяд ё ҷиддӣ. Ба ҳар ҳол мушкили онҳо осон шуд. Хоин – Навҷувонбас ба даст афтод.

Қотили Доро – марди буздилу сабукрӯҳро ранг коҳидаву лабонаш парсингбаста, дасту пойҳояш чилбурбанд, сари бараҳна, афту андомаш зарбхӯрда, ҷо-ҷо кабудча метофтанд, дар ҳузури Искандар мехобид. Искандар фармуд, ки ӯро аз банд раҳо кунанд.

Шоҳи қалбакии билоди Форс ба фотеҳи худ пайваста таъзиму такрим мекарду аз вай хоҳиш менамуд, ки ба ҳолаш раҳму тараҳҳум фармояд.

-- Ту чаро амакписари хешро – Дорои беморро қатл фармудӣ?

-- Ман... ман не... Набардзан кушт... Ман... – дигар аз ин беш ҳарфе гуфта натавонист Навҷувонбас.

-- Ту ба чӣ умед баста будӣ ё ба кӣ?

-- Ман... ман...

Искандар ба Кратер фармуд, ки гӯшу бинӣ ва риши ӯро бибуранду ба дасти хунталабони Дорои марҳум бисупорад. Ҳоҷати бо ӯ гуфтугузор кардан нест.

Чун Кратер аз паи фармон шуд, ногоҳ Искандар бори дигар ба чашмони Бесс нигарис ва ба назари ӯ ин чашмонро ошон шинохт. Вай ба худ андешид: «Бале, чашмони ин қотил ба дидаи касе монанд аст. Ба кӣ?» Ҳамин вақт ӯро ба ёд омад, ки чашмони Бесс мисли чашмони устод Диоҷен аст. Ӯро дерест, ки Искандар фаромӯш кардааст. «Диоҷенро бояд тақдиру ғанӣ гардонид!» - ба худ андешид шоҳ ва гуфт: «Вай бузург аст!» Искандар табассум намуд. Ин табассум маънӣ дошт. Писари Файлақус ҳоло дар Мақдуниё боре Диоҷени олимро талаб кард, то ба корҳои минбаъдаи вай маслиҳат бидиҳад. Диоҷен наомад. Искандар рӯзи дигар бо

дӯстонаш ба ҳавлии файласуф рафт. Олим рӯйи пӯсте пойҳояшро ҷониби офтоб дароз карда мехобид. Аз ғалоғулаву одамони бисёре беором шуда сар бардошт ва дид, ки Искандар омада будааст, аз нав дароз кашид.

Искандар бо дуруду меҳрубониҳо, тавассути танааш ба сари олим сояе ҳосил бинмуда, пурсид:

-- Мӯҳтарам, Диоҷен! Мабодо шуморо ягон чизе ё молу маноле зарур аст?

Диоҷен боз сар бардошта, шоҳро гуфт:

-- Танҳо як хоҳиш дорам: пеши офтобро магир!

Шоҳи ҷаҳон ба завқ омада хандида буд. Посухи олим хеле ба маънӣ дақиқу ба ҳолат мувофиқ буд. Ҳатто он вақт Искандар гуфта: «Агар Искандар намебудам, ба Диоҷен шудан розӣ мешудам!»

Искандар боз хандид. Шод буд ӯ...

* * *

Чӣ машҳару шӯре буд, ки дар шаҳри Ҳамадон бархост. Довталабу ниқорҷӯёни Дорюш аз хабари он ки Навҷувонбасро Искандар ба ҳукми онҳо супоридааст, мисли саворагони майдони бузкашӣ омодаи ғазо шуданду ҳаёҳуй доштанд. Ҳазорон – ҳазор одамон ваҳшиёна доду хурӯш мебаровардand ва онҳо ба худ ваҷоҳати ғайриинсонӣ гирифта, қариб буд, ки Кратерро низ поймол кунанд.

Сарҳанги румӣ даст бардошта, издиҳоми бехудшударо ба оромӣ даъват кард. Мардум лаҳзае ором шуда, бо чашмони беҷо ба даҳони Кратер менигаристанд. Симои Навҷувонбас мисли гӯлахие, ки нав аз гӯр бароварда бошанд, тамоман безабону бе хун, мисли марди савдойи ба як нуқта дида медӯхту бас. Чунин буд аҳволи шоҳи як вақтҳо пурзӯр, нотиқи гузаро, забондону ғарро!

Кратер дастони Навҷувонбасро кушода, бо овози омирона афзуд:

-- Қотили шоҳи билоди Форсро Искандар даст гирифта ва ҷазои ӯро бояд танҳо хешу акрабои Доро бидиҳад. Мо супоришро ба субут расонидем, дигар ҳукм ба ихтиёри шумост!...

Мардуми шӯрапушт ҳамин қадар сухани сарҳанги румиро шуниданду тамом. Онҳо Навҷувонбасро мисли буз дар як он пора-пора карданд. Ҳай мекашиданд наъши Навҷувонбасро, ҳай мекашиданд!...

Мегӯянд, ки хешони Доро пораҳои гӯшти бадани Навчувонбасро ба резаҳои хурд-хурд қисмат карда ва он резаҳоро ба нӯги пайконҳои тири камонҳо гузошта, ба чаҳор самти шаҳр андохтаанд. Пас аз ин интиқомгирон каме қонеъ шуда, вале аз майдон намебаромаданд.

Кратер ва ҳамроҳони ӯ аз ин ваҳшигарӣ ба ваҳм омада, бо шитоб ба лашкаргоҳи хеш баргаштанд.

Ногоҳ ба издиҳом хабар расониданд, ки Навчувонбаси қотилро Искандар неву Сапитамони суғдӣ даст гирифтааст, ба ӯ ҳамду сано хондаву ангуштонашонро фишурда баромада мерафтанд.

-- Суғдиписаро!

-- Сапитамони ҳамдиёро!

-- Зардушти покмазҳабо! Оташпарасто!

-- Ҳурмуз туро нерӯю қувваи бузург бубахшадо! Душманро забуну нагунсор гардониё! Эдун бод!..

МАЛИКАИ МИСР

Бо дода қаноат куну бо дод бизӣ,
Дар банди такаллуф машав, озод бизӣ.
Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ

Птоломей бетоқату ҳаросон асп тозонида, ҳар замон хавотиромез ба пушташ нигаҳкунон ба бӯстонсарои хеш омаду дартоз аз асп фаромад ва расани аспи ҳарсосзадаистодаро ба надим супорид. Ӯ аз хизматгор пурсид:

-- Таиса дар хона?

Хидматгор чизеро мехоид ва гӯё лукмааш дар гулӯяш печида бошад, забонаш гирифта чизе гуфт. Сарҳанги румӣ посухи ӯро то охир нашунида ба хонаи занона ворид шуд.

Таисаи тамоман урён рӯи кати мулоим, ки онро саросар пӯсти паланги фароху пурчилои ҳиндӣ пӯшида буд, мехобид ва рафиқаш, ки аслан ғуломдухтаре буд Эрис ном, тахтапушти қаҳваранги ӯро масҳ мекашид. Вақте ки Птоломей дохили хона шуд, дастони Эрис аз молиш бозмонда, бо тааҷҷуб ба сарҳанг нигоҳ кард. Таиса сар бардошта, бори аввал Птоломейро дар чунин ҳолати хавотирӣ бидиду Эрисро ишораи баромада рафтан кард. Баробари бадар рафтани каниз Птоломей шӯрид:

-- Ба ту қасри форсҳоро оташ задан оё зарур буд?

Таиса аз ҷойхобаш хеста нишаст. Тамоми бадани зебову қашанги ӯ бо равғани зайтун олуда, аниқтараш молиш дода шуда буд. Синаҳояш меларзид ва ҷавонзан бо як бешармиву бепарвоӣ бе ягон либос аз кат фаромада, хешро ба оина андохту хамёзаи ноҳинҷоре кашида, сипас ба забон омад:

-- Ба занҳо дод задан аз рӯи одоб нест.

-- Ту бо ин «ташаббуси наҷибонаат» нақшаҳои маро барбод додӣ, обрӯи маро резондӣ. Искандар бори аввал аст, ки дар ҳузури сарҳангон ба ман муомилаи дурушт кард.

-- Чӣ гуфтааст он шерафкани нозанин? – ҷавонзан лоқайдона гӯё кори мекардагӣ надошта бошад, марҷону дастпонаҳои зарринашро даст-даст карда, бо як нимтабассум ба Птоломей рӯ овард.

– Ба худои заминларза – Посейдон савганд мехӯрам, ки суханҳои ӯро такрор кардан бароям мушкил аст.

-- Ба ҳар ҳол росташро бигӯй, азизам. Чӣ гуфт? Ту бояд ба ман ҳарфҳои ӯро айнан нарезондаю начаконда бигӯйи. Охир, Искандар дӯсти ман низ аст. Мефаҳмӣ? – Птоломейро аз китфонаш оғӯш гирифта нозунуз мекард Таиса.

-- Охир, тамоми ҷисми ту равғанолуд аст, Таис!

-- Ҳа-а... Ҳазар мекунӣ? Ман чанд соат аст, ки аз канизак масҳ мегирам, зеро дирӯз, аниқтараш дишаб барои шабнишинии шоҳонаи шумо рақс кардам. Медонӣ, рақси душвори барои калонсолон: «Гормос»-ро «Рақси мӯй»-ҳоро, ҳатто рақси кӯчагии «Каристис»-ро ҳам нишон додам. Вале... беҳтараш ту суханҳои Искандарро бигӯй! Зеро ба гуфтаҳои ӯ хушам меояд. Ба маъбуда Афина қасам, ки...

Ин суханҳо ба Птоломей нафорид магар ки бо лафзи дурушт сухани раққосаро бурида, бигуфт:

-- Шоҳи ҷаҳон амр кард, ки бояд ман худи ҳозир туро аз ин сарзамин берун барам ё ӯ ҳатман туро пора-пора мекардааст. Аниқтараш ӯ туро дар ҳузури сомион «фоҳиша» номид.

Аз чунин хабар рангу рӯйи Таиса пахтавор канда, дастонаш гӯё беҳол ба поён ҳамоил шуд. Лабони ғафсаш ногоҳ кабудча гашта, аз Птоломей дур рафта ва хилъати абрешимии бо сангҳои ҷилодиҳанда мурассаъашро пӯшида бо дастони ларзонаш як бари катро дошту нишаст. Ба дурустии ин суханҳо шубҳа надошт. Зеро Птоломей ҳеҷ гоҳ дурӯғ намегуфт.

-- Ман шабҳои дароз барои табъи шуморо хуш доштан хидмат кардам. Искандар, Гефестиони бузургчуссаи бобулӣ – ҳамшаҳрии ман, Неархи камҳарфи критӣ, Пердиккаи румӣ, Парменион – ҳамаро аз ҳунари хеш шод сохтам. Ҳатто меҳрубониҳои маро алайҳи ту, эҳтимол, Арсинаи модарат ҳам накардагист! Имрӯз барои кори ҳақиқат, барои як кори савоб маро аз худ меронанд ё ба қатл ҳукм мекунанд! Чаро? Чаро?!

-- Ту кадом ҳақиқатро мегӯйи, Таис? Кадом савобро?

-- Медонам, шумо мардҳо ҳама якрангу як гӯр ҳастед. Ҳатто Афлотуни файласуф, Аристотолиси олим ҳам занҳоро бад медидаанд. Ҳарчанд ки ман ба ту зани дуюм ё сеюм ҳам бошам, туро дӯст медорам ва ту ба хеши наздикат Искандар гуфта наметавонистӣ, ки қасри форсҳоро танҳо Таис магар оташ зад. Охир, ин қасри душманон буд-ку! Медонӣ, қасри кӣ? Медонӣ?-лаҳза ба лаҳза оташин мешуд Таис.

-- Хайр, қасри «Тахти Ҷамшед» мегӯянд ё «Тахти Рустам»...

-- Кӣ онро сохтааст?

-- Кӣ ҳам мешуд. Меъморон, мардҳо- ғуломон.

-- Бале, ғуломон! Ғуломони бечора!

-- Хароҷоту масолеҳ аз ҳисоби кӣ буд?

-- Аз халқ.

-- Ана, дидӣ. Масолеҳ аз сарзамини мо ҳам омадааст, аз Рум ҳам, аз Фива ҳам, аз Хоразму Суғд ҳам. Вале ки ҳузурашро медид?

-- Ҳукмдорон, шоҳон ва наздикони ӯ.

-- Ташаккур ба ту, азизам! Агар дирӯз ту аз дуди оташ чизеро пай набурда бошӣ, пас ман дуруст дарк кардаам: аз он бӯйи хуни ҳазорҳо ғуломон, ки дар сохтмони ин қасри олӣ ҷон дода буданд, занҳо бешавҳар, кӯдакон бепадар мондаанд, ба машомам мерасид. Пеши назарам нолаю шевани одамони бечора, мардони гурусна, азияткашида, маслуқу захмишуда, аз баландӣ сарозер шудани даҳҳо не, садҳо меъмору коргар омаданд. Ба як қавле пас аз анҷоми сохтмони ин қаср ҳамаи устоҳоро сар задаанд, то чунин бинои мӯҳташам дар ҷои дигар бунёд нагардад. Дар олам якаю ягона бошад! Ана, ин аст ҳақиқат! Оташ задан бошад, савоб! Бигузор, маро қатл бикунанд, ман намеҳаросам. Ман гетайр ҳастам, бале зани ҳунарпешаи озод, яке аз дӯстони Искандар, раққоса ё чӣ хел ки

мегӯянд зани фосиқа, сабукпо. Вале ин «сабук»-ии маро пеш аз ҳама исбот бикунанд. Ман рою равиши хешро дорам, дунёи ба худ хос дорам. Агар Искандар чунин гуфта бошад, кор ранги дигар мегирад, ман меравам!

Птоломей сар хам кард ва пас аз муддате пурсид:

-- Ба куҷо?

-- Ба Миср!

-- Чаро ба Миср? Ман туро ба машриқзамин мебарам.

-- Не, лозим нест. Дар Миср маро хубтар мефаҳманд. Зеро зани озод будан шеваи ман аст. Дигар орзуи машриқзаминро надорам, Птоломей.

Сарҳанг дигар чизе нагуфта аз ҷой бархост ва сози рафтан кард. Ногоҳ чизе ба ёдаш омада бошад, ба пурсиш пардохт:

-- Ту гуфтӣ, ки қасри олии форсҳоро ғуломони дунё сохтаанд. Пас чи зарурат буд, ки меҳнати гарони онҳоро ба харобазор табдил диҳӣ? Хайр, бигузор қомат меафрохт, барои худи мо хидмат мекард ё ба қавли Парменион моли мо буд.

-- Нотавонбинӣ гӯям, дуруст намешавад. Ҳар гоҳ, ки нигоҳам ба он меафтид, мадди назарам хоре ё море менамуд. Дигар ин ки мо ҳама сархуш будем. Баъд, Парменион...

-- Хайр, кори нашуданӣ шуд, акнун ҳоҷат ба барқарориаш нест ё ба гуфти форсҳо тир аз камон ҷастааст. Ман аробаҳоро мефиристам, - сухани раққосаро бурида ба бисёрҳарфии Таиса нуқта гузошт сарҳанг.

-- Маро гусел намекунӣ?

-- Меоям... – Птоломей аз пасаш нигоҳ накарда бадар рафт.

Таиса тадоруки оббозӣ дошт. Аз ҳамин хотир зангӯла зада, канизро мунтазир шуд. Пас аз лаҳзае Эрис омад.

-- Авдотаи канизак куҷост?

Эрис бо нигоҳҳои пур аз ҳаросу тарс посух гуфт:

-- Саҳарӣ ӯ дар ҷойхобаш набуд. Посбон мегӯяд, ки имрӯз форсҳо ҷавонзани румиеро дар ҷангал ба таври даҳшатовар, дарронида куштаанд.

Таиса ба хаёл рафт. Пас аз андаке абрӯвону лабонаш парида, ба забон омад:

-- Аз ин шаҳр бӯи хун меояд. Анҷомҳои сафарро бояд ғундошт. Зуд бош. Ба роҳ мебароем!

Эрис бадар рафт. Таиса ба андеша афтод: «Наход, Авдотаро қатл карда бошанд! Ба гумонам онҳо ба ҷои ман ӯро бурдаанду

қасос гирифтаанд. Ба ҳар ҳол аблаҳие аз ман гузашт. Ман бояд симои хешро тағйир бидиҳам ва пинҳона аз ин сарзамин баромада равам. Ё олиҳа, Афина! Худат маро дар паноҳат нигаҳ дор! Мани гетайрро – ба қавли Искандар – фоҳишаро!... Оҳ, Искандар! Дуруст аст, ки ман бо ту низ шабе хуспида будам, вале он маънии онро надорад, ки фоҳиша ном гирам. Агар ман бо ин роҳи бароям осон мерафтам, сутунам аз зар мешуд. Бало ба паси ту бод, Искандари шохдор. Маро дигар ҳеҷ гоҳ нахоҳӣ дид. Рақсҳоямро низ танҳо дар хоб мебинӣ. Бале, дар хоб!»

Птоломей барои гусели Таисаву канизонаш ва анҷому аслиҳа шаш аробаи дуаспа ва дусад нафар чокарашро сафарбар кард. Барои роҳбаладӣ бист нафар аскар ҳам басанда буд, вале зару зевар ва як қисми талантҳои нуқра, ки моли шахсии худаш буд, гӯё «Ба ҳар эҳтимол» гӯён чораи эҳтиётӣ андешид. Тамоми роҳ Таиса ҳарфе намегуфту андешаманд менишаст. Птоломей низ чизе напурсид. Ба рақкоса суханҳои талхи Искандар сахт расида буд. Ӯро дар беписандиву бевафойӣ муттаҳам мекард.

Ниҳоят, дастаи Птоломей сарҳади форсҳоро убур кард. Таиса «корвон»-ро боздошту рӯ ба шавҳараш бардошта, ҷиддиёна бигуфт.

-- Акнун шумо бозгардед. Ба ман чил нафар чокарони мисрӣ басанда аст. Дараки маро аз хонаи шоир Меланид, ки ӯ дар Мемфис[1] аст, меёбӣ. То боздид, худо ҳофиз.

-- Хуш бош, азизам. Маро интизор бош.

-- Албатта.

Птоломей то аз назар пинҳон шудани корвони Таиса нигарон шуд. Сарҳанги румӣ боифтихор ба худ гуфт: «Феълу атвори Таиса мисли ройи маликаҳо далерона ва якравона аст. Агар мо аз сафар бо ғалаба баргардем, ӯро маликаи Миср таъин хоҳам кард! Бале, маликаи Миср!»

Птоломей ба ваъдааш вафо кард ва пас аз пирӯзӣ ӯ Таисаи фоҳишаро чанд муддат ба тахти фиръавнҳои Миср ҳукмдорӣ амр кард.

Дар ҳаққи ӯ барин касон мардум фармуда:

Бо тақозои фалаки каҷабоз,
Подшоҳ шуд Таисаи бачабоз!

[1] Мемфис – шаҳри Қоҳира – пойтахти Миср.

БОБИ СЕЮМ

АНҶУМАН

Илми сиёсат илми одамсозӣ нест, балки илми ба кор андохтан ва идораи мардум аст бар вифқи табиате, ки доранд.

(Арасту)

Дар шаҳраки Саразм шӯрои бузургони Суғдиёна ва Ориёно[1] : Уксорт – коҳин ва зодагони билоди Бохтар, Таҳмурас – ихшиди Мароқанд, Ҳуриён афшини Панҷакат, Сакуншоҳ – ҳокими сакойиҳои поёноби рӯди Зар, Катон ҳомии қавмҳои Ому, Лӯҳросп – афшини Истаравшан, Шашпир – афшини Бутамон[2], Сапитамон – сарҳанги воҳаи Суғд, Нӯзаршоҳу Фаридун – ҳокимони шаҳраки Саразм ба анҷумани махфӣ ҷамъ омадаанд. Аз рӯи огоҳии пешакӣ Сосимеҳр – ҳокими муваққатии Бохтар ва Фарозмард – ҳокими Хоразм бо сабабҳои номаълум ба анҷуман наомаданд.

Раиси шӯро аз рӯи эҳтироми синну сол ба замми ду нафар: Уксорт пирамарди нуронии қавиҳайкал, ки риши сапеди қӯшаашро пармосида, айёрона аз зери чашм ба сомеонаш дида медӯхт ва Таҳмураси некандеш, ки саволҳои мушаххас медоду посух мегирифт, гузошта шуда буд. Ҳар як масъалаи анҷуман пешакӣ ба коғази чармисохт сабт ёфта ва номи ҳокимон низ дар он навишта шуда буд.

Дар бинои боҳашамат оташи начандон бузург андар вағнҳо забона мезад. Дуди хушбӯй печутоб хӯрда, аз қасаба боло мебаромад. Дар шифт сӯрохии доирамонанд вазифаи дудбароро адо мекард. Шаҳсутуну вассаҷуфтҳои кандакорӣ, болорҳои бо як ҳотамкорӣ мунаққаш ва қолиҳои рӯи девору фарши хонаҳо бо тасвирҳои ғуногун музайян ба дида мерасанд. Махсусан, сурати модагурге, ки тифлеро шир медод ё тасвири афсонавии Арҷоспи чӯпон, ки най менавохт, ҷолиби диққат буданд.

---

[1] Ориёно – сарзамине, ки Эрону Хуросонро дарбар мегирифт.
[2] Қаламрави болооби дарёи Зарафшонро Бутамон меномиданд.

Гирди мизи мудаввару мӯҳташам бузургон дар курсиҳои нарм бо виқор нишаста, шарбату набид менӯшиданду калонгӯёна ҳарф мезаданд. Вале пай бурдан мушкил набуд, ки дар чеҳраи сомион ҷиддияту як хавфи ниҳоние мушоҳида мешуд. Онҳо гоҳ-гоҳ бо асабоният сухан гуфта, норозиёна ё ба берун ё ба тасвирҳои ранга дида медӯхтанд.

Масъалаи андоз ва омодагӣ ба набард хеле тӯл кашид. Сакуншоҳ чашмони нимхобашро гӯё ба зӯрӣ мекушода бошад, нимкушо карда, бо сари баланду ғуруру кибр аввал ба Уксорт, сипас ба ҳозирон чашм дӯхта бигуфт:

-- Дар хонаи шумо оташи муқаддас абадӣ фирӯзон бод! Ба назарам андози соли ояндаро низ пешакӣ бояд ғундошт, вагарна бо кадом маунату захира ба муқобили подшоҳи шохдор мебароем. Охир, ҷанги қаттол хароҷоти бузурге мехоҳад...

Сапитамон дигар ҳуддорӣ карда натавонист ва якбора ба шӯр омада, ба сухангӯйи даст бардошту афзуд:

-- Мардум гуруснаву бараҳна, беҳолу бемадор шудааст. Боз шумо мехоҳед, ки охирин бурдаи нонашро ҳам зӯран ситонед? Қаҳтии сол ӯро миёншикан кардааст! Куҷост захираи афшину ихшидҳо, ҳомиҳо, ки ба кадевару киштгардон бидиҳанд? Қарнҳо ин мардум моро хӯрониду пӯшонид, боре дар айёми мушкилӣ мо ҳам ӯро бихӯронему пӯшонем, дасти мадад диҳем. Ҷанг ба ҳама баробар аст. Хароҷоти бузург ба бузургон низ дахл дорад. Барои базму тарабҳо, вақтхушиҳо, ҷашну сурҳо он қадар молу манол сарф шуд, ҳамин кофист. Ба болои ин мо мардҳоро, соҳиби ташу[1] зоғнӯл ва досдарбар одамонро, ки ризқу рӯзии ҳамагон аст, заҳматкаш аст ба чокарӣ низ мегирем. Вале ба хотир намеорем, ки минбаъд кӣ ғантум[2] мепошаду шолӣ меғундорад, кӣ чаҳорпою говмеш мепарварад ё кӣ боғдориву полезбонӣ мекунад? Ҳеҷ кас!

Ҳуриён ба Сапитамон – ба ин паҳлавони родмард – нигариста ҳайрон монд, ки ҷавони чанд сол қалб аз ин содаю лода имрӯз то ба андозаи доҳӣ расидааст. «Аҷабо? Аз куҷо ин қадар наттоқу доно ва сиёсатмадор шудааст, Сапитамон?!» - бо ҳасад мегуфт афшин худ ба худ ва боз андешид: «Андешаҳояш равшан, вале озодию ғуломонро тарафдорӣ

[1] Ташт /ба суғдӣ/ - каланд.
[2] Ғантум /ба суғдӣ/ - гандум.

карданаш хуб нест. Бар зидди ӯ баромадан низ корест душвор, зеро ӯро аскарону мардуми авом эҳтиром менамоянд, бояд Сапитамонро дастгирӣ кард. Вагарна ба хеш душмани шадиде пайдо мекунам! Канӣ, боз андаке таваққуф бикунем, корҳо чӣ ранг мегиранд». – ба андешаҳояш нуқта гузошт афшини Панҷакат.

-- Ҳурмуз моро ҳокиму мӯбад, деҳқону афшин офридааст, - бо мулоҳизаву нармӣ ба забон омад Уксорт, - ва барои мо ғулому каниз, киштгару чокар фармудааст, писарам. Агар анҷуман ба ин фикр биёяд, чораи дигар нест. Вале сухани ту низ бамаврид аст ва месазад, ки дар ин бора пиндори тозае бичӯем.

Таҳмурас бо виқор даст бардошта, сухан пурсид.

--Пиндори ман дар бобати молу манол не, балки оиди чӣ сон ба муқобили Искандари Мақдунӣ баромадан ва ба кӣ сарварии лашкару сипоҳу нақшаи набардро супоридан аст. Сапитамон дуруст мегӯяд ва ҳақ аст. Агар мо аз мардум боз андоз бигирем, одамон гуреза хоҳанд шуд. Ба болои ин овозаҳое, ки байни мардум афтода: гӯё Искандар «оинаи ҷаҳоннамо» дошт аасту бо вай ҳамаро равшан медидааст ва ӯ фиристодаи худо-Амон, аскаронаш болдору шоҳдор ва ҳоказо мардумро бероҳа хоҳанд кард. Агар хазинаи мо ба ин рӯзи мушкил сарфу суде набахшад, пас он хоҳ нохоҳ моли адӯ хоҳад шуд.

Сомеон ба Уксорт нигоҳ карданд, ки вай ба ин пиндор чӣ мегуфта бошад. Уксорт бо виқор риши мисли абрешим сафеду тозаашро пармосида, бо аломати тасдиқ сар ҷунбонид ва афзуд:

-- Андешаҳои Таҳмурас вижаи олимона аст, қобили қабул аст. Дороиву хазинаи як бахши бузурги Варзрӯду[1] Орёно, алалхусус Бохтар куҷо шуд? Барбод рафт! Бале, ба дасти Искандару аскарони ӯ гузашта, ба яғмо рафт. Беибо ҳукм мекунам, ки хазинаро пурра ба ҷанг, танҳо ба набард бояд сафарбар кард. Агар Ҳурмуз мадад кунад, ба фоидаи мо ҳал шавад, ганҷинаамон боз дорову фаровон хоҳад шуд. Касе, ки ҷонибдори ин ҳукм бошад, рӯйи қоғаз мӯҳри хешро гузорад. Хазинаи Бохтар талаву тороҷ шуда бошад ҳам, ман молу маноли шахсиамро ба ин кори хайр мебахшам. Вале наомадани Сосимеҳр сирри хос доштагист.

[1] Варзрӯд – Моваруннаҳр.

Сараввал Уксорт, сипас Таҳмурас, Ҳуриёну Шашпир, Катон, Лӯхроспу Нӯзаршоҳ мӯҳрҳои хешро рӯи қоғази чарммонанд, ки ҳуҷҷати давлатӣ ба ҳисоб мерафт, гузоштанд. Нақши мӯҳрҳо: тасвири оҳу, офтоб, бузи сесара, шохчаяки бодоми пургул, сурати уқоб ва гови одамсар буданд.

Ҳозирон бо тааҷҷуб ба Сакуншоҳ нигоҳ афкананд, ки вай ҳукмро қабул накарда ва рӯи ҳуҷҷат мӯҳри хешро нагузоштаву орому сархам менишаст. Ниҳоят, вай як-як ба иштирокдорони анҷуман бо чашмони хавотиру нобовар нигоҳ афканда, бигуфт:

-- Як сол мешавад, ки аз хазинаи ман ба ҷузъ номи воло дигар вақое нест. Сакиэта – ҳокими сакойиҳо соҳили рости Сайҳун – Сакуншоҳи ҳамном пешвои масокетҳо бо бародараш Картасис, Идонфис – ҳокими таорнҳою иссиҳо[1] аз ман рӯй тофтаанд.

-- Чаро то ҳол дар ин бора ба мо чизе нагуфтӣ? – шӯрид Уксорт гӯё аз дасташ чизе меомада бошад.

-- Чӣ ҳам мегуфтам? Онҳо имрӯз пурзӯру тавоноанд... – оҳи амиқе кашида, сипас ба нақлаш давом дод Сакуншоҳ – Сарони қавмҳои ман мегӯянд, ки ҳамсари ту аз табори каёниён аст. Пас ба назди онҳо рав ё ба суғдиён таъзим бинамо ё ба сарони қабилаҳои мо. Мо ба ту чизе намедиҳем ва алайҳи ту бетараф ҳастем.

-- Айби худат, - ба забон омад Таҳмурас. – Дили мардумро ба даст наоварда бошӣ, ҳамин хел посух мешунавӣ. Хайр, дар ин бора баъд. Ту ақаллан чорво дорӣ ё на?

-- Дорам.

-- Даҳ ҳазор моли майда ва чор ҳазор асп дода метавонӣ? Умеди мо ба аспҳои ту буд.

-- ...

-- Асп надорӣ?

-- Ҳаст, вале чаҳор ҳазор не.

-- Шутур-чӣ?

-- Ҳаст.

-- Пас ду ҳазор асп ва ду ҳазор шутур, даҳ ҳазор сар моли майда ба Саразм ҳозир мекунӣ. Маъқул?

-- Мешавад, вале асп ҳаштсад сар, моли майда панҷ ҳазор, шутур панҷсад сар...

---

[1] Қавму нажодҳои сакойиҳо.

-- Мешавад. Мӯҳр гузор!

Саркуншоҳ мӯҳри хешро аз ҷайбаш гирифта, онро ба ранги рӯйи миз тар карду сипас ба ҳуҷҷат пахш кард. Нақши мӯҳри ӯ тасвири камону синонро доштанд.

Пас аз ин ҳозирин нафаси осуда гирифта, вараҳи дигареро пеш гирифтанд, то ҳуҷҷати навбатиро тасдиқу баррасӣ бикунанд. Уксорт бо тааммул ба ҳуҷҷат дида дӯхт ва ба ҳозирон муроҷиат кард:

-- Ҳуҷҷати дуввум интихоб ё таъин кардани сарлашкари Суғдиёна!

Баробари шунидани ин масъала, сомеон бо як овоз гӯё пешакӣ ба қароре омада бошанд, нидо баровардand:

-- Сапитамон!

Пас аз мӯҳрҳои хешро ба варақҳои чармӣ гузоштани сарони ҳокимон, Уксорт Сапитамонро ба оғӯш гирифта, аз пешониаш бӯсид ва ӯро то ба оташи дар вағни бузурги сӯхтаистода ҳидоят намуду мӯҳри устухонии ба риштаи чармӣ гузаронида шударо ба гардани сипаҳсолор андохт. Мӯҳр тасвири сари шери жаёнро дошт. Сапитамон мӯҳрро ба чашму лаб бӯса дода, дар назди оташ савганд ёд кард:

-- Ба номи парвардигори олами ҷисмонӣ Ҳурмузи тавоно ва бахшояндаю меҳрубон! Ба номи худои ҷанг ва пирӯзӣ Вагугӣ соҳиби гурзи саддандона савганд ёд мекунам, то қуввае дар ҷисму нерӯ дорам, то қатраи хуни охиринам бо хасми бадкина мардонавор мубориза мебарам ва баройи озодию истиқлоли халқу марзи бузургам ва сарону кадхудоёни ӯ фидокорона хизмат мекунам!...

Уксорт ҳуҷҷати дигарро пеш гирифт. Масъалаи навбатӣ диёри Бохтарро аз душман озод кардан буд. Коҳин бо исрор талаб мекард, ки пеш аз ҳама шаҳри Балхро аз яғмогарони Искандар бояд пок сохт, зеро аз Балх ба суғдзамин даромадан ҳам наздику ҳам мувофиқ аст.

Сапитамон андешаи хешро бозгуфт:

– Роҷеъ ба хабари қосидони ман Искандар гуфтааст, ки ӯ ба Суғд ҳуҷум намекунад, ба шарте ки суғдиён ба вай монеъ ва осебе нарасонанд. Шумо чӣ мегӯед?

Уксорти дурандеш ин даъфа ҳам тааммулу сабуриро аз даст дода, лаб ба сухан кушод:

-- Писарам, ту Искандарро хуб намедонӣ. Ин шоҳ мисли падараш Файлақус маккору дарундор аст ва мехоҳад, ки мо

тадоруки ҷангӣ набинем, омодаи набарди ӯ набошем. Вай ин суханҳоро аз тарси он, ки мабодо мо якҷоя амал накунем, пешниҳод кардааст. Агар ӯ ин таклифро мехост, ба таври қонунӣ, бо санаду ҳуҷҷат ба сарони давлати мутамаркази Суғд – ба ихшид Таҳмурас пешниҳод мекарду мерасонид.

-- Бале. Мо бояд набарди нахустинро дар Бохтар гузаронем ва ҳаммеҳанони хешро, хусусан гурезагонро муттаҳид созем! – ҷонибдорӣ кард Таҳмурас.

-- Мо сакойиҳо низ ин таклифро қабул мекунем!...

Ҳуҷҷатҳо ҳамин тавр рӯйи қоғазҳо пайдо мешуду масъалаҳо ҳалли худро меёфт. Дар анҷоми маҷлис Ҳуриён дар бораи қалъаи ҷангие, ки дар қалби кӯҳҳо рост карда буд, сухан кард:

-- Диз дар баландии беш аз даҳ ҳазор қадам, ки гирдогирдаш аз шаҳҳои лайсу ҳамвор иҳоташуда иборат аст ва паҳнои болои замине, ки қалъа он ҷост, чил ҳазор қадам аст ва бовар дорам, ки он замин беш аз ҳазор одамро хӯронидаву пӯшонида метавонад. Об фаровон!

Инчунин Ҳуриён дар бораи қалъаҳои устувори Афросиёб, Аримаз, Шахи Суғдиён, Лӯҳросп дар бораи қалъаи Курушкада[1] ва дигар кӯҳандизу аркҳои ҳокимнишин маълумотҳо доданд.

Фаридун сухан талабид ва бо мулоҳизаву оромӣ бигуфт:

-- Бузургон ва устодон! Бояд як нуктаро бигӯям ва рӯшанӣ андозам. Мурод аз қалъа муҳофизати хеш аз адӯ аст. Яъне... паноҳ хостан аз душман! Ин кор салоҳи ҷангӣ ва ғалаба нест. Ба муқобили ӯ мардонавор ба набард дохил шудан дар майдони кушода мардӣ ва матонат аст. Даруни қалъаҳо мисли тарсуён пинҳон шудан корест ношуданӣ. Дар ҳунари низомии ҷаҳониён ин иқдом кӯҳнашуда ба шумор меравад...

Ба ин андешаи муҳими Фаридун ба ҷуз Сапитамон касе эътибор надод, вале ин андеша иқдоми олӣ ба шумор мерафт.

Уксорт анҷуманро комилан маҳфӣ ва судбахш ҳисоб карда дар ҷамъбаст андешаҳои хешро низ иброз фармуд:

-- Ман ҳоло бо духтарам Рухшанак беватан шуда, ба Навтоқ омадам, - Уксорт як ба Лӯҳросп маънидорона нигоҳ карду сипас ба суханаш афзуд:

[1] Шаҳри имрӯзаи Ӯротеппа, тобеи устони Хуҷанд.

– Ният дорам, ки то баҳор, вақте ки Сапитамони родмард Бохтари азизи маро аз адӯву хасм озод мекунад, боз ба корҳои хеш – ба нигоҳ доштани оташи муқаддас – ба сағдаву ниёиш эътиқоди мардумро дар оини зардуштӣ пос хоҳам дошт. Охир, ман барои шумо одами бегона нестам!...

Сапитамонро аҷабе омад, ки ватани Уксорт шаҳристони Истаравшан ва баъзе гӯянд, ки аслан аз рустои қарибии кӯҳи Шахи Суғд асту вай хешро бохтарӣ мепиндорад, ҳайрон шуд. «Ин пиракӣ дар дил ягон нақшае дорад!» - ба худ андешид сипаҳсолори суғдӣ.

Пас аз анҷуман бузургон ба шаробнӯшиву тановули таомҳои лазиз ва анвои мевағот пардохтанд. Сарони Суғдзамин гӯё ҳеҷ воқеае нашуда бошад, механдиданду суруд мехонданд ва пайваста аз ромишгарон навозиши навоҳои гуворою фараҳбахшро талаб менамуданд. Ҳатто ин бузургон хешро тамоман фаромӯш карда, ба дастафшониву покӯбӣ даромаданд. Ҳай арғушт мерафтанд сарони суғдзамин... Дар шаҳраки Саразм чанд рӯз мешавад, ки бузургон айш доштанд.

Сапитамону Фаридун гумон доштанд, ки роҳбарон пас аз анҷуман чораандешӣ хоҳанд кард, ба ин ҳол мутаҳайир бимонданд. Ду паҳлавон, ду ҷавонмарди меҳандӯст хомӯшу парешонхотир аз меҳмонсаро берун баромада, гӯё пойҳояшон аз ишкел озод шуд. Аз баландӣ шаҳраки Саразм дар зери дуду тумани серун аён-ноаён ба дида мерасид. Бо вуҷуди ин боде намевазид, ҳаво дам ва сернам буд. Сапитамон бе он ки ба дӯсташ нигоҳ кунад ба забон омад:

-- Ғубору дуд нафақат болои шаҳраки мо, балки хайма дар қалбҳои мо низ задааст. Боди шадиде зарур аст. Бале, бӯрони ҷадиде.

Фаридун дам назад, вале ангуштони паҳлавонро бо меҳр ба каф гирифтаву сахт фишурда, ба маънии рамзии суханҳои Сапитамон сарфаҳм мерафт. Як лаҳза нигоҳҳо ба ҳам бархӯрданд ва ҳамон сония беҳарф ба ҳукму хулосаи қатъӣ омада, ҷониби шаҳрак равона гаштанд.

«Саразм, - мегуфт сипаҳсолори суғдӣ ба худ, - ин сари азм аст, оғози мубориза, кушоиши мақсад ва қадаме ба озодӣ аст. Бале, сари азм ба озодӣ. Оҳ, озодӣ!».

УКСОРТ – ҲОКИМИ БОХТАР

Инсонро бояд, ки чун вақти шаб сар бар болини истироҳат гузорад, тамоми аъмоли он рӯзро ҳисоб кунад.

Агар корҳои нек карда, шукри илоҳӣ ба ҷо оварад ва агар масдури афъоли зишт ва забун гардида, нафси худро маломат кунад ва тавбаву истиғфор намояд ва бори дигар гирди он кор нагардад.

(Файсогурас).

Вақте ки Уксорт аз анҷумани бузургони Суғду Орёно /дар Саразм/ ба Навқот баргашт, ходимонаш ба ӯ мактуби ба қавли онҳо «махфӣ»-ро доданд. Мактуб аз Искандар буд. Дар он гуфта мешуд, ки Уксортро ҳокими Билоди Бохтар таъин кардааст, то ба Балх баргардаду ба танзими зиндагии осоиштаи мардум пардозад. Вале дар Бохтар ӯрдугоҳи аскарони Искандар низ иқомату назорат хоҳанд кард, то хасме ё кинаи ҷангҷӯёнае барнахезад...

Уксорт намедонист, ки аз ин воқеа хурсанд шавад ё ғамгин. Ба андешаҳои гуногун сарпеч мезад: «Охир, мо қарор додем, ки бар алайҳи Искандар якҷо меҷангем. Моҳи суғдии Хушавм[1] Сапитамони родмард бо фидоиёнаш ба Бохтар медарояду ба ӯрдугоҳи Искандар зарба мезанад. Акнун чӣ мешавад? Ё ба Сапитамон муроҷиат карда бигӯям, ки ӯ наояд? Ё ҳоҷати ба Бохтар баргаштани ман набудагист?... На! Орзую омоли ман ҳам кунун ҷомаи идӣ мепӯшад. Ман бояд ҳокими қаламрави Бохтар шавам! Бале, на ҳамчун коҳин, балки ҳокими Бохтар!...».

Рӯзи дигар Уксорт ба писару духтаронаш оиди мактуби Искандар ҳарфе нагуфта бо ҳамроҳии онҳо роҳ ба сӯи Балхро пеш гирифт. Соли 328. Дар билоди Балх оғози баҳор. Чандест, ки осмони шаҳри Балхро тумани ғафси рутубатоло, мисли чодари вазнину саросар тира фаро гирифтааст. Ҳавои риққатоваре, тирафоме, сарду нофораме. Дер боз мардуми Балх дучори чунин ҳавои номусоид нашуда буданд. Аксар сокинон рӯ ба мамолики хориҷ ё ба кӯҳу ҳомун гуреза ва

[1] Моҳи суғдии ХШВМ – аз нуҳуми феврал то бистуми март буд.

онон, ки муқимӣ буданд, аз ошёни хеш берун намебаромаданд. Шаҳрро сукунати том ҳукумфармо буд. Гӯё касе нест: ҳама мотамзада, фалакзада ба мисоли сарзадагон бошанд ҳам дасту дили онҳо аз сардии ҳаво ва аз ногувории воқеаи даҳшатнок, ки ба қарибӣ ба вуқӯъ пайваста буд, ба кору боре намерафт.

-- Наход, аз як шаҳри бузург, ки одамони олам онро рамзи модари шаҳрҳо меномиданд, ҳамин вайронаҳо монда бошад?! – мегуфт Уксорт зери лаб пичирос зада. Пайкари ӯро хавотириву даҳшат фаро гирифт. «Номи калон – шаҳри вайрон»-гуфтаанд бузургон, ба худ меандешид коҳин аз кӯчаҳои ноободу поймолгашта гузашта истода.

-- Оҳ, валангор шудааст, Балх! Бесомону талх гаштааст, Балх!

Чаҳор моҳ мешавад, ки Искандари Мақдунӣ ҳамаро такурӯ карда, тохта, сӯхта, куштаву бурида гузашт. «Балое буд, ки гузашт – мегуфт Рухшона духтари Уксорт ба худ, - На-на... Балою офат бигзарад, вале балои одамӣ, ки аз як ҷинсу зи як гавҳар аст, ногузир аст. Захми бародар ба бародар! Э, воҳ! Сахт нангин аст, ба дил сангин аст, адӯи одам бар одам! Бани одам зи як ҷавҳаранд, зи як хуну зи як ҷон танзим шуда бошанд ҳам, аз як ақли солим, зи як рӯҳи некӣ бунёд нагашта будаанд. Ҳамагон шири сапеди модарӣ ҷаммидаву вале тоифае сияҳкоранд, бархе таълими некӯкорӣ шунидааанду боз чаро гуногунмазҳабу гуногунройъ мебошанд? Чаро зоти одам дасти ҳамдигар гирифта, дӯстона бо сулҳу салоҳ, бо ибодат, бо меҳнати ҳалол зиндагӣ намекунанд? Чаро?» - Рухшона хост, ки ин «чароҳо»-ро аз падараш пурсад, вале ҳарисона ба атроф дида дӯхтани Уксорт ӯро аз савол боздошт. Духтар пас аз ба арки хеш даромадан ҳам аз ҳалли муаммоҳо осуда намегашт. Уксорт бошад ҳайрон буд, ки ҳама ҷойҳоро вайрон карда бошанд ҳам, вале як дона хасу дони ҳаёти ӯ – арки ӯ наҷунбидааст. Коҳини зардуштимазҳабро ногоҳ ҳикмате ба ёд омад, ки аз китобе хонда ва дар он навишта шуда буд, ки кулли бадбахтиҳои зоти одам аз нафс: нафси дил, нафси ақл, нигаҳ надоштани нафси шаҳват, ҳавас аст. Бузургтарин одам он аст, ки лаҷоми нафсро дорад ва он фард инсони комил ба шумор хоҳад рафт, то он лаҷомро кашида медорад. Вале магар бе нафс мешавад? Танҳо худо донову бино аст!»

Уксорт чӣ хеле ки ёдрас шудем марди болобаланди қӯшариш, уқоббинӣ ва пешонаи фароху лайсу сурхина дошту чашмони мешиаш айёр, рангу рӯяш ба сафедӣ моил, ҷиддӣ болои кӯшкак баромад. Акнун вай ба сар кулоҳи нӯгборики шерозааш чармин ба зарандуд ва ба пораҳои зару нуқра марассаъ гузошта буд. Хилъати сиёҳи беостин, ки ба коҳинон хоса аст, аз болои либосҳои дебою парчааш пӯшида мегашт. Синнаш алаззоҳир панҷоҳу панҷ ё шастсола бошад ҳам, ба назар бардам, қавиҳайкал менамуд. Мӯзаи пошнабаланди пӯстиоҳугиаш ӯро боз ҳам босалобату бовиқор ба чашм медод. Ӯ бо ҳамин виқор аз кӯшк ба гирду атроф дида медӯхт. Садҳо ғуломону надимонаш шуғли ба худ хосро доштанд. Бархе корҳои хоҷагӣ, кишоварзӣ, сохтмони биноҳо, чорводорӣ, хизмати кохи мӯбади бузург ё коҳин ва ҳатто кушодаву пӯшидани дарҳои боҳашамату нақшинкории коху хонаҳоро низ ғуломон бекамукост ба субут мерасониданд. Назоратчиёну сарнадимон ба кору бори ғуломон назорати қатъӣ бурдаву супоришҳо медоданд.

Бояд тазаккур кард, ки Уксорт ғуломонашро хуб мехӯронду мепӯшонид ва баъзе талабҳояшонро қонеъ мекард. Вай намехост, ки мардум коҳинро аз тоифаи ашхоси мумсику чашмтанг хонанд. Ҳатто ғуломонро хонадор ҳам мекард, то ки фарзанди онҳо минбаъд ҳам ғуломони ӯ бошанд.

Падараш барвақт аз мавзеи «Шахи Суғд»-и Панҷакат ба Истаравшан ва аз он ҷо ба сарзамини Бохтар омада, аввал мӯбади хурд, ки ба сифати нигаҳдорандаи оташ, сипас то ба мӯбади мӯбадон шудааст. Уксортро падараш маълумоти хубе дода тавонистааст. Ин бачаи зуккои камҳарф низ ба китобҳо ҳарисона дил медод ва пас аз андаке бо овози буррою ғинойи китобҳои «Заравах»-у «Яшт»-ҳо ва «Готҳо»-ро байни ибодаткунандагон қироъат мекардагӣ шуд. Ӯ то ба дараҷае расид, ки коҳин ном гирифт, маслиҳатгари ҳокимону шоҳон гашт. Баъди аз байн рафтани Навҷувонбас, шахси боэътимоди Бохтарзамин шӯҳрат пайдо кард. Искандар ба ҷузъ Уксорт дигар касеро ба ҳокимии ин сарзамин пайдо карда натавонист. Вай бовар дошт, ки Уксортро халқи маҳаллӣ эҳтиром мекунад, ҳамчун ҳомии дин ба ӯ бовар кард. Андешаи ӯ низ дуруст буд.

Мардуми билоди Балх ба кӯҳу ҳомун ҳазимат гирифта

буданду ҳукмронии яғмогаронаи Искандарро тан намегирифтанд. Касе ба кишту кор ё касбу ҳунар шуғл намеварзид. Шаҳр вайрону валангор буд. Вақте ки Уксорт ба Балх баргашт, пеш аз ҳама мардумро нолону бекас, беҳомӣ дида, алайҳи онҳо ғамхорӣ намуд. Гурезаҳоро аз нав ба шаҳру ноҳияҳо бозхонда, барои савобу баҳри афрӯхтани оташи муқаддаси хонаводагӣ ба онҳо ғалладонаву маунати рӯзмарраи зиндагӣ бахшид. Эҳтироми Уксорт дар байни мардум хеле афзуд. Ҳатто мақдуниёни «меҳмон» низ аз корҳои ӯ қонеъ буданд. Шаҳри Балх симои сариштагӣ мегирифт. Зиндагӣ маҷрои пешинаро кашф мекард. Барои кишту кори баҳорӣ ғалладонаи тухмӣ, юғу омоч ва барзаговҳоро муҳайё менамуданд.

Искандар аз корҳои коҳин хушнуд шуда, ба номи ӯ мактуби минбаъдаи хешро ирсол намуд. Ин мактуб Уксортро ба андешаву таҳайюли нав андохта буд. Писари Файлақус дар номааш пеш аз табрику таҳниятҳо талаб кардааст, ки барои осудагии мардум ва барқарор намудани хешу таборӣ, духтараш Рухшонаро ба ӯ ба занӣ диҳад. Он гоҳ вай Уксортро ҳокими натанҳо билоди Балх, лобал ҳукмрони тамоми Зобулистону Сарҳинд сарфароз мегардонад. Уксорт ду рӯз мешавад, ки оиди ин андеша хаёл мекунад. «Зеро Рухшонаро – духтари ба ғояти ҷамила ва зебоямро, дилбанди моҳпайкарамро – ба ғайридин диҳам ва ин магар касолати ман намешавад? Мардум чӣ мегӯянд? Агар Рухшонаро ба Искандар бидиҳам, хешону бузургон, Сапитамону Таҳмурас, Ҳуриёну Нӯзаршоҳ, Лӯҳроспи ҳамдиёрам чӣ тавр ба рӯям нигоҳ мекунанд? Вагарна, боз дарбадар хоҳам шуд! Исто, ки духтар чӣ мегуфта бошад, духтар?». Ин нукта ба ёди коҳин нарасида буд, ки як қад парида ба худ омаду пас аз лаҳзае афзуд:

-- Бале, духтари зардуштии ширинам чӣ назар дошта бошад? – Уксорт лабханде зад ва боз ба умқи андешаҳо ғӯта зад: «Чаро розӣ нашавад? Кадом духтар аз симу зар, аз ҷавоҳиру гавҳар рӯ гардонидааст?! Бале, бояд розӣ шавад! Вагарна гадо хоҳам шуд. Гадо!».

Коҳини бузург лаҳмаки гӯшашро молон-молон роҳ ба сӯи утоқи духтарашро гирифт. Дари нафиси кандакоришударо кӯфт. Касе овоз намедод. Дар кушода буд ва андаруни ҳуҷраи духтараш рӯйи роҳаткурсӣ муддате нишаста, боз ба

хаёл рафт: «Ду нафар писаронам, ки онҳо ба ҷузъ айёшиву танпарварӣ ва роҳату фароғат дигар шуғле надоранд, оё минбаъд лаҷоми зиндагиро ба даст гирифта метавониста бошанд? Кош, парвардигор ақли расои духтарамро ба онҳо мебахшид. Писаронам ин қадар кунд ҳастанд, ки ақаллан шатранҷ бозида наметавонанд. Ман нигарони онам, ки Рухшона кай аз машқу набарди навбатӣ бо аскардухтаронаш биёяду мо чанд раҳ шатранҷ бизанем. Офаридгор духтарамро зукко офаридааст, вагарна ду рӯз боз таклиф мекунад, ки ба муқобили Искандар омодагӣ бинем. Ҷасур аст ӯ. Баъзе аъёну ашрофи ҷоҳталаби Балхро аз мансабҳояш дур кунам, то онҳо ба мардум зулму тааддӣ накунанд. Ин аст андешаҳои Рухшона. Ҳарчанд духтари дигарам низ дӯстрӯ аст, вале асолатпеша не, дамдузд, аниқатараш тирадилу хапгир аст. Худам, ки Рухшонаро аз ҳад зиёд нозпарвару мунтазам ситоиш намудам, акнун на ба ҳама амру гуфтаҳоям гӯш мекунад. Ба қавли чӯпони афсонавӣ Арҷосп, ки духтаронаш нозпарвар ба воя нарасанд, онҳро ба корҳои вазнин водор месохтааст. Духтарони ӯ ширдӯшӣ, равғанкашӣ, пашмтарошӣ ва ҳатто ба саргинзанӣ машғул мешудаанд. Охир, Арҷосп роҷеъ ба асотир, худойи чорво буд. Хайр, байни ҳокиму коҳин ва чӯпон бояд садде бошад! Дигар ин ки Рухшона дунёи дили ба худ хос дорад, маълумот дорад! Эҳтимол ба касе дил бохта бошад. Не-е... Наход. Ин бад аст! – Уксорт дуру дароз ба андешаҳои печ дар печ афтода, ниҳоят аз ҷой бархост ва аз хонаи духтараш бадар омад. Рӯбарӯяш ғуломзани Зобулӣ, ки ҳимаҳои удбурс андар бағалаш меомад, ӯро пурсид:

-- Ту хабар надорӣ, ки Рухшона куҷо рафта?

Зани гандумгуни тарсону ҳаросон ҳимаҳоро ба сари синааш сахттар фишурдаву саросема забонаш ба калима напечида, танҳо ибораҳои зеринро гуфта тавонисту бас:

-- М-малика...ба кӯшки боло, баройи машқ...

Ҳокими Балх чизе нагуфта, рӯи долони васеъ гом мезад ва боз хаёл мекард: «Мегӯянд, ки Искандар занҳои бисёре доштааст. Хайр, Доро-чӣ? Худам ҳам чаҳор зан дорам-ку! Охир мо ҳокимонем ва ин қонун аз ниёгони бузург то ба мо мерос мондааст. Вале намехоҳам, ки Рухшонаи ман яке аз занҳои таҳқиргардидаи ӯ бошад. Дигар ин, ки Рухшона низ якраву шаккок аст...».

Ногоҳ дарвозаи работ кушода шуда Рухшонаи либосҳои ҷангӣ ба бар, мисли як шермарде савораи аспи сафед дохили арки коҳин шуд.

Уксорт бо лабу лунҷи овезон ба пешхизмат бифармуд, ки Рухшона ба ҳузури ӯ дарояд ва бо шаст вориди хонааш шуд.

МЕҲРИ РУХШОНА

Ошиқ он шуд, ки хастагӣ дорад,
Ба дурустӣ шикастагӣ дорад.
Ишқ пӯшида чанд дорам, чанд?
Ошиқам, ошиқам, ба бонги баланд!
(Низомии Ганҷавӣ).

Рухшона духти Уксорт[1] дар хонаи хосааш назди муҷассамаи гилии бузургхудои муҳаббат ва ҳимоятгар – Ашис Вагугӣ бо чашмони нимбаста, чаҳорзону зада менишасту дуо мехонд. Чӣ нишасти зебандае, гӯё муҷассамаи ноёби булӯриннусхае, ки ба дида беҳад қашангу дилрабо мерасид, мисли фариштаи қудс лабони гелосиашро ҷунбонида, аз худои муҳаббат мадад мепурсид. Бале, табиати офаридгор басо боло ва саховатманд будааст! Одамиро бо чунин тарҳу ҷамол, бенуқсон, бо чунин латофату иффат, чӣ тур офрида бошад? Қомати мавзуну гардани сафеди ғизолона, мӯйҳои ғолияосои бо сартӯри зарриннусха печзада, чашмони нозпарвари бодомиву мижгонҳои дарозу каж, абрӯвони камонӣ, пешонаи нурбор, зулфакони ду бари рӯяш мисли буттаи сунбул хамида, ростбинӣ, даҳони тангу лабони ақиқӣ, рӯйи гирдаи сабзина, сари синаи мисли ғунчаи нилуфарии саҳарӣ дамида, моҳдухте, зӯҳраҷабин, шаҳдухтари ягонаи даврон, зебодухтари кулли ҷаҳон, ошиқи Фаридуни саразмигӣ шудааст. Духтарро танҳо ниёиш мекард гуфтан хатое буд. Ӯ баробари ниёиш бештар зориву илтиҷо мекард, ва аз зиҳи мижгонҳои абрешимосояш беист ашк метаровид. Аз таҳти дил, бо як самимияти тамом аз олиҳаи ишқ хостаашро мепурсид. Агар муҷассамаро ба андозаи кӯчаке дар нерӯяш ху-

[1] Румиҳо Уксортро ба шакли Оксиарт ва Рухшонаро ба сурогӣ Роксана ба забон мегирифтанд.

ну ҷон мебуд, ба ин зориву талаби боисрори духтар, натанҳо висоли Фаридунро, балки ҷони ширинашро бидуни он чизе, ки дошт, фидо мекард. Вале муҷассамаи зарриннусхаи гилӣ дар партави алангаи оташе, ки дар вағн гоҳ равшан, гоҳ ҷиддиву гоҳ нуронӣ ба дида мерасид, парвое надошт.

Олиҳаи муҳаббат – ҷавонзани ситорагарм, пайвастаабрӯ, лабҳои ғафси ба рӯйи гирдааш зебанда, чашмони калони бепарвояш мавҳум, ки фарёду шевани духтар барояш бефарқ, бетағйир, гӯё аз «тақдират биҷӯй» мегуфта бошад, ба кадом як нуқтаи номаълум дида медӯхт. Духтар дастони сафеди ҳиногунашро рӯ ба рӯи олиҳа ба имдод бардошта, пас аз дуо дархостҳояшро ба забон меовард:

--Аё, олиҳаи рӯҳи зебойи, олиҳаи аҳду вафо, ҳомии меҳрубон, Ашис Вагугӣ! Ҳурмуз маро баробари ҷон имон низ додааст ва дар зиндагиам пирӯзиро бахшида, марҳамати фаровони хешро арзонӣ фармудааст, то ман зисти осудаву озод дошта бошам. Аз ту илтиҷову дархост дорам, тақдири маро ба қисмати Фаридуни родмарду хушгил пайванд соз. Дили ташнаи маро аз чашми поку хуршедосои ин ҷавонмарди бузургмеҳр шодоб соз, висоли ӯро бароям дастрас бинмо!...

Рухшона оҳиста-оҳиста меларзид, пешонабанди хушнусхаи ҳошияаш гулнақш аввал лағжида ба гардан, сипас рӯйи қолини сурхи гулинор афтод. Сартӯри ба мӯйҳояш печида низ якояк кушода мешуду мӯйҳои дарози атрбези шабгунаш парешон мегашт. Аз чоки гиребони зардӯзии пироҳани гулибодомии арғувониаш синаҳои чун мармари сапед, чун муғчаи тару тозаи баҳорӣ, ки ҳоло-ҳоло хешро вонамуд мекард, дамида ба дида мерасид. Он муғчаҳо номураттаб болову поин шуда, ноаён ларзиши гуворои ба худ хосро дошташ. Ҳаяҷону эҳсоси духтар пайваста мақоми воло мегирифт ва лабу забонаш пурҷозиба ҳарф мезад:

-- Боре нолаю шевани мани зорро бишнав, эй олиҳаи пок! Ту бузургу тавоно, бедорчашму доно. Зеро муҳаббат – меҳр бувад, хуршеди тобон бувад. Илтиҷо дорам маро насиби Искандари шоҳдор макун. Маро садои уду қонуну арғунун ва симои сантӯру барбат, «хуш бош»-у «нӯш бод!»-и пуртакаллуми аз самимият холии шоҳона ва назокату лутфи сохтаю хушомадҳои бемаврид ва дилгир лозим нест. Ҳарчанд ки духти ҳокими дудмони Бохтар ҳастам, вале ҳоҷат ба моли дунё, сарвату ҷоҳ надораму нахоҳам. Маро дидори хуши

Фаридуни дабир, Фаридуни дарёдил зарур аст, ҳомии азиз, Ашис Вагугӣ!...

Рухшона ба умеди беҳад ва нигоҳи хаста ба рӯю чашмони нуронӣ ва меҳрубони ҳомияш дида дӯхта, аз ҷой оҳиста хесту хешро ба рӯйи оинаи сангӣ андохт. Хона аз ҳаракоти нозуки ӯ пури накҳати гуворою атрогину фараҳфизо гардид. Духтар гӯё ба худ омад: нами чашми бодомиашро пок намуд, мӯйҳои атрбезашро аз нав бо сартӯри сафеди абрешимӣ печониду аз болои он пешонабанди гулнақшашро сахт баст ва гӯё ба оина рози дил мегуфт, ба «гуфтугӯ» пардохт:

-- Аё гили худодод! Ту ба дардам шифо мебахшӣ? Орзую умедҳои маро мефаҳмӣ? Худоё, ман чӣ мегӯям? Охир аз сангоина чӣ имдод мепурсӣ, вақте ки аз дасти фариштаву худоён ва одамон чизе намеояд! – духтар абрӯвонашро бо ангуштони ҳиногунаш боло бардошта, аз ҳусни қашангу зебояш ба шиква омад:

-- Ҳон, ҳусни худодод ва эй нури қудсу пок! Бигӯ, ту ба сарам боз чӣ кулфату балоҳое хоҳӣ овард? Магар маънии зиндагӣ дар ҳусни зоҳир аст? Чаро аксари одамон ба сурати зебо менигаранду ба сирати доно не? Ҳатто аз он духти барнои моҳпайкар намепусанд, ки ҳунару саноеъ медонад ё на? Ҳатто айбҳои ӯро нодида меангоранд, хушиҳои лаҳзаина, комрониҳои чандрӯза мехоҳанду бас, ин кӯрдилон! Тақдири кулли зеборухон талху зисти минбаъдаашон аламовар аст. Оҳ, агар зебо намешудам, кош ба чеҳра ном намебаровардам! Он гоҳ рӯҳи осудаву беранҷ мисли хазинаи беганҷи дарбор беташвиш, бе ҷанг будаме. Вале азбаски ҳусни воло дорам – ганҷ дорам – ва ҳатман ранҷу бадбахтиҳо низ насиби ман бояд шавад. Хайр, аз сарнавишт роҳи гурез нест, бубинем ин чархи гирдгардон маро то ба кучо мебараду мегардонад!...

Рухшона аз оинаи сангӣ рӯ тофт ва нигоҳаш ба соати регии аз устухон сохташуда афтоду онро сарозер гузошт. Реги сурхранг мерехту мерехт. Ниҳоят, реги қисми болойии соати батамом бирехту духтарро гӯё дигар кореву машғулияте набошад боз соатро рӯйгардон кард. «Азбаски тақдири одамӣ росту чап доштааст, умри одам низ мисли ин соат регӣ гузаро будааст» - мегуфт Рухшона. Дилаш бухс мекард. Ногоҳ вохӯрии нахустине, ки дар шаҳраки Саразм бо Фаридун ба амал омада буд, ёдаш расиданд. Сездаҳуми рӯзи моҳи

Наврӯз буд. Падараш ӯро ба сайри наврӯзи шаҳрҳои Навтоқу Бухоро ва Истаравшану Панҷакат бурда буд. Ниҳоят, дар хонаи хешовандон, аз ҷумла дар дарбори Нӯзаршоҳ меҳмон шудани онҳо, фаромӯшношуданӣ буд. Рухшона дар лаб табассум хотираҳои неки гузаштаро тарҳрезӣ мекард: «Бегоҳии рӯзи сездаҳи Наврӯз ҳокимон бо иштироки меҳмонон таҳти садои дафу арғунун базме ороста буданд: суруд мехонданду шароб менӯшиданд, базлагӯён механдиданду мерақсиданд.

Дар хонаи дарунии Нӯзаршоҳ Рухшона низ бо духтарон гирди оташи вағн арғушт мерафт. Ногоҳ Ҳурмоҳ хоҳари Фаридун ба забон омад:

-- Рухшонако! Мегӯянд, ки ту шатранҷро некӯ медонӣ. Бошад ки ба мо чанд раҳ донаи шатранҷ бионӣ?

Рухшона дар лаб табассум калонгирона пеш баромад ва бигуфт:

-- Бозӣ мушкилӣ надорад, вале онро ба шарте бибозӣ некӯ хоҳад шуд.

-- Чӣ хел шарт? – пурсиданд бо шавқ чанд нафар духтарон баробар.

-- Ҳар кас, ки бозиро аз даст медиҳад дар зери садои дафу тунбак мисли париёни нимурён ба рақс меояд.

-- У-увв!! – гӯён як гурӯҳ духтарон нидои ваҳмангезу аҷибе баровардand.

-- Хайр, арғушти париёна бошад, париёна-дия! – ба ханда омада, розигӣ дод Ҳурмоҳ ва фармуд, ки дарҳоро бубандand.

Рухшонаю Ҳурмоҳ донаҳои шатранҷро меронданду меронданд, вале касе пирӯз намеомад. Бозӣ тӯл кашид. Пас аз чанд лаҳза бартарӣ ба ҷониби донаҳои Рухшона гузашт ва ниҳоят Ҳурмоҳ мағлуб шуд. Ба зудӣ духтарон ба Ҳурмоҳ дарафтоданду либосҳои ӯро кашиданд ва садои рези дафу тунбак мавҷосо хонаро фаро гирифт. Ҳама шод буданду кафкӯбӣ мекарданд, вале Ҳурмоҳ мисли мурғаки дар сармо монда, нимурён, ба шарм омада буду бо дастони ҳиногунаш синаҳои анориашрову рӯяшро пӯшонидан мехост, менишаст.

-- Ман аз ту иҷрои шартро талаб мекунам! – бо мағруриву ҷиддият гӯё амр медод Рухшона, вале дар замири пурсиш ҳазли шодиомезро дарк кардан мумкин буд. Дигар духтарон низ ӯро ба рақс даъват намуданд ва Ҳурмоҳ оҳиста

аз ҷой бархоста, ногоҳ мисли товусе, ки болҳояшро мекушояд, дастонашро бо шаст аз рӯй бигирифту ба рақси париён пардохт. Зулфакони сиёҳу дарозаш алвонҷ хӯрда гоҳ аз рӯйи синаҳои мисли себаки сапед ларзидааш мефаромаду гоҳ ҳалқавор ба гардани ғизолиаш мепечид. Шод буданд духтарон ва бо ҳаёҳуй механдиданду каф мезаданд. Ниҳоят рақс поён ёфт. Рухшона дар бозии шатранҷ дигар духтаронро низ мағлуб карда, ҳазломез калонгӯйи кард:

-- Саразмигиҳо куҷову шатранҷбозӣ куҷо!

Рухшона ҳарчанд ки ин суханро беғаразона бигуфт, вале дили духтарон ранҷур гашт ва онҳо бо якдигар маслиҳат карда, бигуфтанд:

-- Аё меҳмондухто! Агар ту дар ҳақиқат дар бозии шатранҷ пурзӯр бошӣ, бо Фаридуни дабир қувваозмоӣи бикун, он гоҳ ба ту тан бидиҳем. Аагр ба ӯ мағлуб шавӣ суханатро пас мегирӣ ва урёни модарзод ба арғушти паривашон хоҳӣ пардохт.

Рухшона фаҳмид, ки дили духтарон ранҷидааст, парвое ҳам накард ва истеҳзоомезона хандида:

-- Хайр, ку дабири бозингаратонро низ бубинем. Бифармоед! Аммо иҷрои шарт барои Фаридун низ ҳатмист.

Ҳурмоҳ бо ду нафар дугонааш ба назди бародараш рафт, ки Фаридун китобҳои рӯйи токчаҳоро тоза мекарду сурудеро замзама мекард.

-- Бародаро! Духтарони амакам маро барои хоҳише ба назди ту фиристоданд...

-- Хайр, чӣ хоҳиш будааст? – аз китобҳо чашм наканда пурсид ҷавон.

Дар Саразм як духтари таннози нозпарвари шаҳрӣ калонгӯю беписанде ба ном Рухшона пайдо шудааст. Он духтар моро, аниқтараш саразмигиҳоро дар бебарории бозии шатранҷ муттаҳам мекунад.

-- Хайр, он тарафаш бозӣ будааст, бирав, ту бо ӯ қувваозмойи бикун. Ҳурмоҳ сар хам карда, аз алам оби дидааш бари рухсорааш шорид.

-- Чӣ, ту ҳам бозиро бохтӣ? – нобоварона китобе дар даст пурсид дабир.

-- Эҳ, шумо духтарони нодон, охир вай шуморо фанд додааст. Беҳтар аст, ки аз ин хел духтарони танпарвар дурӣ меҷустед хуб мешуд. Шумо магар намедонед, ки вай духтари

кист? Духтари Уксорт – аз зодагон ва мӯбади бузурги Бохтаристон!

-- Мо қавл додем, ки агар ӯ туро мағлуб кунад...

Ҳурмоҳ хомӯш бимонд.

Ин лаҳза ҳамроҳдухтари зардина, беибо ва бо ҳаяҷон ҳамаи гапугузори шударо ба Фаридун нақл кард.

Фаридун шӯрид:

-- Шумо чӣ кор кардаед?! Охир, ману ту дар бозии шатранҷ баробар будем ва ту инро медонисти-ку?

-- Не, шумо беҳтар бозӣ мекардед. Дигар ин, ки духти амак чунин хоҳиш кард...

-- Духти амак, духти амак...

Ниҳоят, Фаридун дарк кард, ки нарафтани ӯ ба назди Рухшона мағлуб шудани саразмигиҳо ба ин духтари вилоятӣ аст, сару либосашро иваз карда ҳамроҳи хоҳарашу дӯстони ӯ ба кӯшки дарунии Нӯзаршоҳи амакаш раҳсипор шуд.

Рухшона гумон надошт, ки Фаридун ба ин андоза зебову ботааммул ва боандеша аст. Чун ӯро дар ҳузураш бидид, дил аз даст дод. Қаду қомати боло, чашмони сиёҳи барқпош, ки гӯё аз он шарар мерехта бошанд, мафтунаш карда буд. Фаридун мӯйҳои сиёҳи дарозашро аз бари чашм бо як такон додани зебандаи сар дур сохта, ба духтари Уксорт ниматаъзим намуду бигуфт:

-- Шод бош, меҳмондухтаро!

«Лабонаш ин қадар базебу овозаш бадин сон ширадор будааст!» - аз дил гузаронид Рухшона ва саросема посух гуфт:

-- Шод бош!

-- Хоҳиши бо ман шатранҷ ронданро пазируфтаӣ, ки ин хоҳишат болои дида, шаҳдухто! Оташи қалбат бегазанд бод!

-- Ин хоҳиши духтарони шумо ё хоҳарат аст, агар майл дорӣ бибозем, вале бо шарт.

-- Фаҳмидам ва шартро, ки тарафайн будааст, пазируфтам.

Ҳозирон орому сокит, дил ба кафу ангушт ба ангуштон совида, ба бозии шатранҷбозон назорати бесабрӣ менамуданд.

Дили Фаридун ҳоло нисбат ба Рухшона гармие ё моилие ҳис накарда буд. Ба назари ӯ Рухшона духтарест якраву нозпарвари падари аз молу сарват бе ҳад ғанӣ, масту мағрур. Аз

ин рӯ ба иштиёқи ӯро мағлуб кардан хеле боистиҳола ва дақиқ бозӣ мекард. Дигар ин ки агар мабодо бозиро бой диҳад, дар назди духтарон чӣ хел урён рақс мекунад. Шармандагӣ!... Вале Рухшона кайҳо ба ин ҷавони резапайкари хушсурат дил бохта буду ба ӯ пинҳонӣ назар меафканд. Аз ин рӯ бозии ӯ беш аз беш ба ҷузъ ранги дилхушӣ чизи дигар набуд. Бозӣ баробар мерафт, балки ҳолати донаҳои Рухшона бартарӣ дошт. Дар ҳамин вақт Фаридун айёрона ба Рухшона нигарист ва ин нигоҳи ачиб дили ӯро бетоқату хаёлашро парешон сохт. Акнун бозии ӯ сарсариёна буд ва бо тамоми ҳушу ёд ба сӯи ҷавон наззора мекард. Ин буд, ки ниҳоят Рухшона бозиро бохт ва ӯро дар ин ҳол парвое ҳам наомада, бо олами дили хеш сайр мекарду тунбакнавозонро ишора фармуд, ки бинавозанд. Духтари коҳин пироҳани дебову шолвори абрешимиашро кашида, бо ҳусну қомати дилорояш, ки ҳар як бинандаро мафтуну ҷоду менамуд, рӯйи саҳна баромад. Фаридунро ин лаҳза писанд наомада буд магар, ки ҷониби баромадгоҳ қадам ниҳод. Ногоҳ суруди дилангези Рухшона танинандоз гашта, гӯё аз Фаридун хоҳиш мекарду бо илтиҷо мепурсид, ки лаҳзае таваққуф намояд, таскину тасаллобахши дили маҳзуни ӯ шавад. Зеро Рухшона ӯро мехоҳаду дил ба ӯ бахшидааст ва аз «Яшти Меҳр»-и китоби Авесто гӯё мадад мепурсид:

Меҳрро мо ҳаме парастем,
ки хубу осуда меҳан
бидиҳад ба деҳи ор/и/ён
Баҳри ёримон меомад!
Ба раҳойи-мон меомад!
Баҳри наҳра-мон меомад!
Баҳри омурзиш меомад!
Ба шифои мо меомад!
Ба пирӯзимон меомад!
Бошад, ки зи дод ӯ моро
комронтарин бисозад!...

Маҳз ин суруди динӣ Фаридунро боздошт. Ин ҳоло оғози сурудҳои ӯ буд. Чӣ овози фораму гуворое, ки ҷавон нахустин бор «Яшти Меҳр»-ро бо ин мақому оҳанги таъсирбахш мешунид. Вале арғушти Рухшона арғушти париҳои афсонавиро

ба хотир меовард. Ҳаракатҳои ҷозибу дилфиреби ӯ, ронҳои пураю сапеди ҳамвор, синаҳои дамидаю ларзанда, қомати мавзуну камари борик ва гардани ғизолии духтар дили ӯро оҳиста-оҳиста ба худ шефта мекард. Рухшона минбаъд сурудҳои ишқӣ хонда, мисли паризод ё монанди забонаи оташ мепечиду аланга мезад, арғушт мерафт.

Пас аз анҷоми арғушт Фаридун бо Рухшона ба сӯҳбат пардохт:

-- Мабодо ту аз ман ранҷидайи, Рухшонак?

-- На. Духтарони шумо ҳазли маро ба ҷиддият қабул фармуданд, ки боиси вохӯрии мо шуд. Дигар ин ки ками андар кам мешавад, то ман ба арғушт бароям.

-- Рақси ту дили маро низ тасхир кард ва суруди ишқие, ки ба мақоми хосаи хеш хондӣ, беҳтарин ромишгарӣ буд.

Онҳо то дер гоҳ сӯҳбат мекарданду ба якдигар бештар унс мегирифтанд. Рӯзи дигар низ ҷавонон назди соҳили дарё вохӯрда, ба сайру саёҳат ва бо сурудхониву бозиҳо баргашта буданд...»

Рухшона гӯё китоби хотираҳоро варақ мезад. Пас аз шаш моҳ дар ҷашни Меҳргон, ки дар шаҳри Балх омодаи меҳмонону ид буд, Уксорт афшинҳои Суғдро қабул кард, ки байни онҳо муҳаббати гаронпояи Рухшона – ҷавони бистсола Фаридун низ буд. «Чӣ рӯзҳои нек буданд он рӯзҳо!» - ёд мекард духтари коҳин рӯйи роҳаткурсӣ бофароғат нишаста ва ба андешаҳояш афзуда: «Сайру тамошои шаҳри Балх, гаштугузор дар кӯҳсор, бӯсаи нахустин, аҳду паймон...».

Рухшона ба сӯхтани ҳимаҳои удбурс хаёломез дида дӯхта, мактуби Искандарро, ки ба падараш фиристодаасту дасти духтари ӯро талабидааст, ба хотир овард. Ин мактубро Рухшона тасодуфан рӯйи мизи кории падараш дидаву хонда буд. Духтари ҳокими Балх ба вағн боз ҳезум партофт, вале ҳима дуд мекард, мисли хаёлҳои печ андар печи ӯ ғулғуласаро кӯрдуд менамуд. «Чаро Искандар дасти маро мехоҳад? Магар хубрӯён каманд? Оҳ, лаънат бод ба он касе, ки ба Искандар гуфтааст: «Пас аз завҷаи Доро зеботарини хубрӯёни олам Рухшона аст!» Чӣ бояд кард? Гурезам? Ба кучо? Ё худкушӣ кунам? Не, суде надорад. Фаридун чӣ мешавад? Нақшаҳоям барбод меравад. Ё аз Сапитамони диловар ёрӣ пурсам? Ва ӯ бо Фаридуни азиз, ки аз зиндони Доро раҳойи ёфтааст, ҳатман ба имдодам хоҳанд расид. Рухшона

лӯхтаки бечон нест, ки ӯро ба кадом як мақдунии шохдор бидиҳанд. Ӯ натанҳо ба зоҳир, балки ба ботин низ қудрату зебойи дорад. Ба қавли Сапитамони родмард, ки гуфта буд: «Талошу мубориза имони бузург ва устуворӣ мехоҳад. Танҳо дили мубориз ва ноором ба мақсуд хоҳад расид. Оре, дили мубориз!».

Ногоҳ ҳезуми тари дуд кардаистода, ки аз нимроғи қасаба печида базӯр роҳ меёфт, якбора «бихандид». Хона равшан гашт. Аз ин ҳол дили духтар низ кушоиш ёфт, таскину тассало гирифт, ба лабони базеби ӯ табассуми ширине лона гузошт.

Рухшонаи хуррам эҳсос кард, ки забонаи оташ гӯё дар вағн неву дар кӯраи дили ӯ аланга мезанад. Меҳри Рухшона ба Фаридун садчанд шуда, афзуд:

-- Фаридун бо Сапитамони родмард хоҳ нохоҳ ба имдодам хоҳанд расид!

Шаб ба поён мерасид. Ҳоло-ҳоло бояд субҳи содиқ сапедаафшонӣ мекард. «Оре, - мегуфт шаҳдухт сарбаландона, - субҳ наздик аст! Субҳи бахайр дар пеш аст! Оҳ!...».

БАҲОРИ БОХТАР

Таманно дорам, ай Маздо, касе ки роҳҳои
поку покизаи некӯкориро таълим диҳад,
дар ду ҷаҳони ҷисмонию маънавӣ ба
саодату некбахтӣ ноил гардад...

/Авасто/

Рухшона дар қӯрғони боло беш аз чил нафар духтарони чобуку чираро гирд оварда, ҳафтае ду бор ба онҳо саноеи ҳарбӣ меомӯзонид. Вай гесӯвони дарозу қиргунашро бо сартӯри абрешимӣ печонидаву аз болои он кулаҳхӯди тоҷдори заррин ба сар ниҳода, ҷавшану бозубандҳои аз чарми сахту ғафси зарандудро бо сангу ҷавоҳирот музайян баста, дар пой мӯзаи сурхи аз пӯсти оҳу дӯхта пӯшида ва дар камарбанди заррин ханҷари кӯтоҳ ва шамшере, ки наёмаш бо ҷавоҳирот мурассаъ ҳамоил, дар даст сипари нукракӯби дандонадор, савораи аспи сафед ба сафдарҳояш озмоишкорона менигарист.

Аскардухтарон дар майдони васеъ шамшерзаниву найзабозӣ, бо камон тир андохтану фалахмонпартойи, бо гӯштингириву тӯрандозӣ машғул буданд. Озмуни ҷаҳидану бо асп пойгаҳ оростан низ дар авҷ буд. Гарду ғубор, ҳойҳуй, шиҳаи аспу наъраи хашмии шутурон, бо гирумони овози борики духтарон бо ҳам омехта, як набарди хурду вале шадидро ба ёд меоварданд. Машқҳо бо навбат, бо низому қоидаи ба худ хос мегузаштанд. Дар ҳамаи ин набардҳо Синдухт ном духтари чарсу чолок – канизи Рухшона беҳамто буд. Канизак ба духтари Уксорт ҳамсол, миёнақад, сабзина, хуштарҳ ва хандонрӯй буда, ба Рухшона ҳамдами хушнавоз, мутрибаи хушовоз ва оқилаи корсоз низ буд. Беҳтарин хислатҳои Синдухт беғаразиву ростгӯйи ва ростқавлии ӯ буд, ки ба пиру барно писанд меомад. Ҳоло вай савораи шутури дукӯҳона бо даҳ нафар сафдарҳояш омодаи набард аст. Сару либоси ҷангии ӯ мисли ҷиҳози Рухшона буда, вале ба арзиш камтар буду бас. Дар даст сипари мудаввар, ки дар он тасвири оҳуи чанбаршох нақш ёфтааст, сари синаи ӯро муҳофизат менамуд. Дар дасти рост найзаи аз филизоти биринҷӣ, дар пушти камараш камонғӯлаку ҷузвдони дастаи тирҳои пайконфӯлод ва ҳамели каманд ҷой доранд. Дигар духтарон низ савора ва зулфакони ҷуфт-ҷуфт бофидаашон бо тӯр печонида ва ба зери кулаҳхӯди мисӣ ғун карда шудаанд. «Рақиб»-и Синдухт – Завлонаи бузургҷусса, ки ӯ низ бо даҳ нафар аскардухтаронаш ба «набард» омодагӣ медид, саф ороста буданд. Завлона духтарест чорпаҳлӯ, қоматбаланду фарбеҳ, сиёҳчурдаи бадхашм, бинии калони кӯфтааш сурхча буд, дар даст синону каманд, шутурсавор мисли як дев ба рақибонаш назар меафканд. Падари ӯ аслан аз ҳабашҳои Миср буда, аввал дар саройи Уксорт ба сифати навкар, сипас саис шуда кор мекард. Беш аз як сол мешавад, ки падари духтар галаи аспони коҳинро мечаронад.

Ниҳоят, Синдухту Завлона ба набард пардохтанд. Сараввал онҳо ба ҳамдигар найза андохта мехостанд, ки ҳарифро аз шутур ба замин зананд, вале ин ҳолат муяссарашон намегашт. Пайкони найзаҳо ба сипарҳо бармехӯрданду ин бозӣ тӯл мекашид. Кор ба ҳадде расид, ки даҳони Завлона кафк карда, рӯяш арақшор, дар симояш хастагӣ, параҳои бинии кӯфтааш боз ҳам фарохтару сурхтар мегаштанд. Синдухт побарҷо ва устувор мубориза мебурд. Ниҳоят, Синдухт

наъраи ба худ хосе кашиду синонро бо зарб ба сӯи Завлона андохт. Харчанд ки Завлона зарбаро ба сипараш гирифт, вале мувозинатро аз даст бидоду беҳолона аз болои шутур зер омад ва Синдухт дарзамон бо тӯру каманд Завлонаро «асир» гирифт. Пас аз ин аскардухтарон ба набарди ҳақиқӣ оғоз намуданд. Ин «набард» тӯл накашид. Дастаи Синдухт «рақибонро» дар як он мағлуб сохт. Ҳойҳуй ва бонгу ғиреви шодиомез, ки бархе Синдухту анбозонашро аҳсанту табрик мегуфтанд, ба фалак мепечид.

-- Офарин, Синдухти паҳлавон!

-- Аҳсанта бар ту, Синдухто!

Рухшона ба ҳаяҷон омада, ғолибонро ба оғӯш мегирифт ва Синдухтро навозишкорона бӯсида, бигуфт:

-- Зарбаи дасти ба назар нозуки ту на танҳо Завлонаро, балки душманони Бохтари ҷангзадаро, бавижа баъзе мардони бебокро низ аз по зер хоҳад овард. Хушо, сафдари босубутам, Синдухти зебоям!...

Духтари коҳин рӯймолчаи сафедро боло бардошт. Ин «хабар»-и шартӣ ба анҷом расидани машқу набардро ифода менамуд. Синдухт бо як меҳри самимӣ Завлонаро аз банди тӯр раҳо карда, ӯро ба оғӯш гирифт ва ҳар ду ҳам бо завқ бихандиданд.

Ҳамин тавр, таблу нағораҳо ба фарёд омада, дастаи Рухшона ба аспу шутурони бидави хеш нишаста, роҳ ба сӯи кӯшки коҳинро пеш гирифтанд. Коҳиндухтар аз машқгоҳ хушдилу қонеъ баргашт. Хушнудии ӯ аз он буд, ки нақшаҳояш амалӣ мешаванд. Кунун вай бо душманонаш ҷангида метавонад, ба ҳимояи марзу миллат, нангу номус тоб меорад, омодаи набарди бераҳм мешавад.

-- Бояд сафи аскаронамонро афзун бикунему бо силоҳи хуб мусаллаҳ бишавем! – ба Синдухт муроҷиаткунон озмоишкорона ба ӯ нигоҳ афканд Рухшона.

-- Бале. Ба ин кори муқаддас ҳар чӣ зудтар бояд кӯшише ба харҷ дод.

-- Чӣ тур?

Синдухт тиркаши камону тирҳоро, ки аз пушташ ҳар лаҳза ба пеш хамида меистод, ақиб партофту афзуд:

-- Магар сафи сарбозонро аз ҳисоби ҷавонмардон афзудан салоҳ нест?

Рухшона бо шунидани ин таклиф ба умқи андешаҳо ғӯта

зад: «Чӣ хел мешавад? Якҷо бо духтарон! Дар ин бора бо Пирӯз – сарҳанги Бохтарзамин, ки ошноҳои мост, бояд маслиҳате кард. Оё вай ҳукми қатъии хешро дорад? Метарсам, ки ӯ бебарор набошад. Боз ба падарам муроҷиат мекунад. Бечуръату дудила аст вай. Оҳ, Сапитамон! Кай ту бо Фаридуни дабир меоед? Кай?!».

Рухшона аз банди андешаҳояш озод шуда, ба ёдаш расид, ки Синдухт ӯро дар бобати ҷавонмардонро ба сафи ҳуд гирифтан пурсон шуда буд, афзуд:

-- Мешавад, азизам, мешавад, вале метарсам, ки падарам ба ин андешаҳои мо ризо мешуда бошад.

Ҳар ду ҳам хомӯш бимонданд. Рухшона ба аспаш тозиёнаи сабуке зада, суръати роҳгардиро афзуд. Синдухт, ки ҳамрикоби ӯ буд, ба симои Рухшона дида медӯхту чизеро аз вай пурсидан мехост, вале коҳиндухтар тозиёнаи тундтаре ба аспаш зада, бо овози баланд бигуфт:

-- Пирӯз ҳеҷ аст! Вай фармонбардори одӣ аст, Синдухт! Мо худамон аскардухтаронро ҷамъ хоҳем кард! Кунун мо аз мардҳо камӣ надорем!..

Қариби ба қӯрғони асосӣ расида омадани аскардухтарон, ногоҳ баркҳе дар осмон дурахше зада сипас овози гулдуроси раъде шунида шуд. Ягон-ягон боронаке, ба қавли Синдухт намрезае ба дасту рухсораҳо кора мекард. Ин нахустин раъду баркҳе буд, ки аз оғози баҳори нав-арӯси нозанини солмужда мерасонид. Рӯйи навдаҳо гунҷишкони қатор шадда баста буданд. Аз дур тирукамон ба дида расид, ки гӯё он ҷомаи беқасаби нав пӯшида буд. Ҷомаи зебое, ҷомаи ҳафтранг!

-- Баҳор меояд!... – шунида шуд овози Синдухт.

-- Бале, Сапитамон меояд! – бо андешаҳои печида нидо дод Рухшона ва ҳамон лаҳза ба хаёл рафт: «Баҳор! Фасли зеботарини сол, фасли эҳсосу висол, сабзиши нимӯи гиёҳу ниҳол... Баҳор бо Сапитамони родмарду бо Фаридуни азиз меояд. Албатта меоянд! Дар чашм нур, лабҳо зи ханда пур,бо қувваю нерӯйи зӯр, оғӯшашон пури гул меоянд. Фаридуно! Зӯрмардо, диловаро, тоҷдоро, биё! Ман туро нигаҳбону нигаронам, ду чашм дар роҳат интизорам, биё, баландахтаро! Баҳори Бохтар биё!...».

Пас аз чанде Синдухт хандону тозон ба ҳузури Рухшона омад ва афзуд:

-- Муждагонӣ бидеҳ, шаҳбону Мактуб!

-- Аз кӣ?

-- Сараввал муждагонӣ.

Рухшонаро дилаш гӯё путк мезад. Ончунон шунаво буд такони дили ӯ, ки худаш зарбаи онро бармало эҳсос менамуд. Сипас, коҳиндухтар сандуқчаи ҷавоҳироташро кушода, ба канизаш ангуштарии заррине, ки нигинаш алмосӣ буд, бахшид.

-- Акнун бигир. Мактуб аз Фаридун!

-- Аз Фаридун? Худоё! Меҳрубоно! Имрӯз чӣ тавр рӯзи босаодат аст!..

ДОҒ

Фарқи одами неку бад фарқи гову мор бошад:
яке алафро ба шир табдил диҳад, дигаре ширро ба заҳр.
/ Аз пандномаи ҳиндӣ /

Уксорт, ки роҳи духтарашро дер боз мепоиду бетоқатона дидори ӯро мехост, баробари ба диз дохил шудани Рухшона, дилбандашро ба ҳузураш хонд. Хонаи хосаи коҳин бо қолинҳои гаронбаҳо, бо бутҳои худоён, бо мизу курсиҳои устокорона ҳаккокӣ ёфта, бо китобу лавҳҳои зарҳалин ва шамъдонҳои нуқрагини бузурге, ки ба шифти хона ҳамоил буданд, ба назар солору боҳашамат мерасид. Уксорт дар даст яке аз ҷилдҳои Авасто, ки муқоваааш чармини мунаққаш буд, овоз бароварда, готҳоро[1] қироат мекард:

Паҳноҳои паҳнодору
суханвару ростгуфтор,
ҳазоргӯш, беворчашму
пурбину баландболо,
ҳамагон бехобу бедор,
ба фиреб /х/ ич ногирифтор
Меҳрро мо ҳаме парастем.
Сари тарс доранд ва ӯ
ҳамагон минӯйи Девон
низ аз он бадкинон...

[1] Готҳо – сурудҳои динӣ.

-- Хуш бош, бузургворо! Падарҷоно! – шунида шуд овози маҳину зангӯлаосои Рухшона.

-- Хуш бош, гавҳари ягонаам!

-- Боз маро ба ҳузурат хондӣ, ки шатранҷ ё нард бизанем?

Уксорт дар лаб табассуми ноҳинҷор бо як навозишу ғамхории сохтакорона аз пешонаи Рухшона бӯсид. Духтар бо осонӣ ҳис ва дарк менамуд, ки ҳаракати инсоатаи падараш самимӣ нест, ҳушёр шуд. Ангуштони Уксорт номаълум меларзиданд ва ҳамин тавр ношикебо ба сухан омад:

-- Духти ширинам! Мунтазам бо машққои низомӣ шуғл варзидан, ҳарчанд, ки умеди пирӯзӣ ва тавонойи аст, вале хавфи ба ҷисми нозуки духтаронайи ту осеб расониданро дорад.

Рухсораи Рухшона арақшор гардид. Ӯ мисли гули садбарги сурху тару тоза, ки гӯё саҳаргоҳон ба рӯяш шабнам рехта бошад, бо ризоият ё бо нози муқаррарӣ сар меҷунбонид. Духтар сарфаҳм мерафт, ки ҳарфҳои падараш духӯраанд, чизе бояд ба вуқӯъ ояд: шодӣ ё ғам...

Ниҳоят, Уксорт рӯирост ба ҳамлаи сухан пардохт:

-- Аз ин набардҳои ту суде нест. Зеро... маълуми мо шуд, ки ... бале, Искандар шоҳи одил будааст. Ӯ бо дӯстонаш тухми адолату некӣ кишт карда, низоми қатъӣ ҷорӣ мекардааст. Вай муқобили бархе дасисаҳову ҳокимони худхоҳ баромада, риштаи онҳоро кашида будааст...

Рангу рӯйи духтар коҳида, садбарги сурх ба садбарги сафед мубаддал гашт, ҳатто арақи рӯяш хушк шуд. Баргҳои ин гул гӯё ларзон, шохбунҳояш афтону шикаста, ҳарчанд ки пояи устувор дошт. Падараш мисли одами бегона ҷиддиву сардмизоҷ нигарони андешаҳои духтараш ба ӯ дида медӯхт. Рухшона бо нармӣ ба сухан омад:

– Агарчи мардон хонашинанду зудбоваранд, бояд зану духтарҳо гиребони нангу номусро даст дошта бошанд. Магар бар дилу рӯҳи ту макри аҳриманҳо раҳ ёфта, ки чунин осуда ва фирефтаи сухане гаштайи?

Дар симои Уксорт, ки Рухшона ӯро ҳеҷ вақт бадин шаклу шамоил надида буд, ки ба ҷои ҳалимиву тамкин, абрӯвони чин, лунҷҳои овезон, лабони пирсингбаста ва чашмони айёронаашро дида ҳайрон шуд.

-- Духти гавҳарогинам, гӯш деҳ! – Мутафаккиронаву

рӯбоҳона тамасхурзанон ба гуфтор омад коҳин. – Рости суханро бояд гуфт: Се рӯз мешавад, ки аз худи Искандар мактубе гирифтаам. Мактуби ӯ аз маънии меҳру муҳаббати самимият алайҳи мо лабрез аст. Ӯ маро ҳокими Варзрӯду Баҳдӣ[1] ва Сарҳинд гумоштааст. Ба ту низ тӯҳфаю бахшишҳои гаронбаҳо, аз лаълу забарҷад то марвориду алмос ва матоъҳои шоҳона ирсол намудааст. Дар бораи ин талабу мансаб се рӯз мешавад, ки андеша меронам ва онро дар тарозӯйи ақлу заковат баркаш мекунам. Аммо ба ҳукме омада наметавонистам. Парвардигорро шукр, ки имрӯз ба хулосае омадам ва роҳи Искандарро ҳақ шуморидам. Чаро ин ҳама хунрезиҳо, вайрониву ҷудойиҳо? Гӯш деҳ, духти азизам! Дорюши сонӣ кӣ буду Орёнои бузург чӣ шуд? Аскару силоҳи пуриқтидор, лавозимоти ҷангии овозадор куҷо рафт. Эҳ, бартарии Дориюш! Чӣ шуд! Мағлубу пароканда гашт. Навҷувонбас писари Озарбахти нагунбахт ҳам, Мардонӣ ва Мамнун[2] ҳам, Таҳмурасу Ҳуриён ҳам... Ҳама таслим шуданду сари таъзим фуруд оварданд. Зеро Искандар фиристодаи худо аст. Ба қавли мардум: «Ба худododагон баҳс макун, ки ба онҳо худо додааст».

Уксорт нафаси осуда кашид ва қонеъ буд, ки андешаҳояшро ниҳоят гуфта тавонист. Ӯ қоматашро ғолибона рост намуда, ба рӯи Рухшона бо табассуми базеб нигоҳ кард ва гӯё гуфтанӣ мешуд, ки ту ҳам қоил шаву ба тақдират тан деҳ. Ҳокими нави Бохтар даст ба ҷоми шароби арғувонӣ бурда, ҷуръае ба қадаҳ май бирехт.

Рухшона сухани падарашро то охир шунид, сабр кард, акнун ки навбати сухан ба ӯ расид ба нармиву истиҳола бигуфт:

-- Шариатпаноҳо! Ба ҳарфҳои ман бовар бикун. Таърифу ситоиши ту дар ҳаққи Искандар асосе надорад. Касеро надидаю насанҷида, аз замири дилашу феълаш огоҳ нашуда ба он чӣ тавр эътиқод мекунӣ? Дар ҳоти бистуҳашти китоби «Авасто» банди панҷум гуфта мешавад: «Эй ростӣ, кай ба ту хоҳам расид? Кай монанди доное аз дидани маниши нек хушнуд хоҳам шуд ва аз Аҳурои бузургу ҷалоли Маздо умедворам, ки бо забони хеш ва тавассути ин ойин роҳи за-

[1] Баҳдӣ – Балх – пойтахти Бохтария.
[2] Мардонӣ ва Мамнун – сарҳангони боэътимоди Дорои Саввум.

монро ба сӯйи он касе, ки бузургтар аз ҳама аст, ҳидоят кунам». Ту ба ин суханҳо чӣ посухе хоҳӣ дод?

Уксорт, ки чашмдошти чунин суханҳои мушаххаси далелдор набуд, қадаҳи шаробро то охир нанӯшида, бо ҳайрат ба духтараш нигарист. Кадхудои духтар гӯё дар ҳузури Искандар истода бошад, инону ихтиёрашро аз даст дода буд. Охир, дар назди суханҳои ҳақиқатмаонӣ чӣ ҳам метавонист кард.

Рухшона боз ҳам андешаҳояшро гӯё тарҳрезӣ мекард ва аз навиштаҳои Фаридун, ки дар бораи воқеаҳои замона дар мактуби хеш баён карда буд, иттилои пухта медод:

-- Аввал ин ки Искандар ба гирди хеш ақрабову дӯстони ҷоҳталабу молпарастро, сипас юнониёни зарҳаридро, ки барои талантҳо ҷони хешро дареғ намедоранд ва ваъдаю бахшишҳои бебаркашро сармашқи кори худ кардаанд, муттаҳид сохтааст. Аслиҳаи наву лавозимоти ҳарбии аъло, макру ҳила, даҳшат андохтан, бераҳмӣ, низоми қатъӣ, ёрии мунтазам гирифтан ҳам аз баҳру ҳам аз бар ӯро мағлубонпазир кардааст. Вай ғаниматҳоро дареғ намедорад, то охирин мол – ҳамаашро ба аскаронаш мебахшад, ки ин иқдом онҳоро боз ҳам шердилу садоқатманд менамояд. Вай қотили бани одам, зиштқори марзу буми озод аст. Ту ӯро адолатпаноҳ гуфтӣ. Бингар ба ин шаҳри вайрона, ҷангзада, ба ин қабристонҳои пур аз мурда! Ҳамин аст адолат, некӣ, ростӣ? Номдоро! Меҳрро бистой, аскару фтдоёнро ба пой овару ба мулкҳои Ҳинду Чин номаи таъҷилӣ фирист, ки моро дастгирӣ бикунанд. Он гаҳ, ту якҷо бо Сапитамону Фаридун, бо Датафарну Фарозмард, бо Ҳуриёну Сосимеҳр ва Лӯҳроспу Таҳмурас аз зулми ин душмани шуму ғаддору шохдор эмин хоҳӣ шуд ва ҷовидон номат вирди забон хоҳад монд.

Пирамард бо даҳони воз даст ба пешона бурда, лол бимонд. Худ ба худ андеша мекард, ки духтари оҷизаи /албатта ба андешаи ӯ/ аз работи худ берун набаромада, касеро надида, аз куҷо мисли духтари худо Ҳурмуз – Арматой, ки ӯ рӯҳи замину вафо аст, доно ё мисли шаҳдухтари бобулӣ тавоною бурро сухан мегуфта бошад? Ё бо ягон кас робита дорад?» - мегуфт пирамард ба худ. «Ё Ҳурмуз, аё Меҳр! Худат ӯро дар паноҳат нигаҳ дор!» - даст ба гиребонаш бурд Уксорт.

Пас аз таваққуфе ҳокими Бохтариё мисли уқоби пири фартут, ки хоҳам нохоҳам сар аз ҷайбаш мебароварда бо-

шад, боло шуд ва ба духтараш маънидорона зеҳн монда бигуфт:

– Ҳарфҳои ту шоёни таҳсинанд, вале дар ҳар ҳол Искандар шахсан ба ман таъкид мекунад, ки вай бо мо минбаъд ҷанг нахоҳад кард ва дар дил алайҳи мо кинае намепарварад. Тасаввур бикун, ки шоҳи ҷавон ба мо сар фуруд меорад, хоҳиш мекунад ва ӯро ба маънии том нафаҳмидан, ба назарам, камоли аблаҳист. Дӯстиву рафоқат пешаи пайғамбарон буд.

Рухшона аз кӯтоҳандешии падараш дилтанг мешуд ва аз ин рӯ роҳҳое ҷустуҷӯ мекард, ки ба бузургвораш бифаҳмонад. Бо далелу бурҳон исботи сухан мекард:

-- Дуруст мегӯйи ва ҳақ ба ҷониби туст. Вале мо ба марзи касе надаромадаем, нони касеро аз дасташ нагирифтаем. Агар ин корро Дорюш карда бошад, чаро ӯ аз марзи ориёӣ берун мебарояду мардумро талаву тороҷ мекунад? Ба андешаи ман дӯстии ӯ ғаразнок аст. Агар ин набуд ба духтарони ҳар як сарзамин хонадор шуда, сипас доройии ин мамоликро ба яғмо намегирифт. Вай айёри гузаро аст ва тарс дорад, ки мабодо мардуми Орёно, хоразмиву масокҳо, ҳайтолиёну суғдиҳо, ҳиндуёну ғуриён баҳам иттифоқ шаванд. – Рухшона аз ҳарфгӯйи лаб баст ва сархамкунон бо овози нимшунаво афзуд:

-- Бечора Равшанак – Духти Дорюш! Искандар мулкашро хароб кард, падарашро куштанд ва боз духтарашро ҳам гирифт!...

Духтари коҳин боз мехост бигӯяд, ки Искандар таманно дорад ба ту ҳам домод шавад ва тавассути ин ҳила мардуми Бохтару Суғдро зери тасарруфи хеш дарорад, ғулому каниз гирад. Рухшона ин ҳарфҳоро гуфта наметавонист ва худдорӣ мекард.

Уксорт боз ба хаёл рафт. Ӯ дудила буд. Бархе суханҳои духтараш ё ҳақ ё касе ёддода гумон мекард. Аз ин рӯ худро ба нодонӣ зада, боз ба макр гузашт.

-- Гавҳари асилаам, духти доноям, маро – падаратро беҳуда маёзор. Кунун ман ҳам пир шудаам, вале ҳусну қубҳи рӯзгорро ба устурлобу қутбнамоҳо андохта, хеле озмудаву санҷидаам, ки бархе корҳои мо суде надоранд. Худо аз мо сахт ранҷидааст. Ба назарам алайҳи мо дасти аҳриманҳо боло шудааст. Ба тақдир бояд тан дод. Хоҳиши эзид ҳамин будааст – Сикандар фиристодаву фармудаи ху-

до будааст, ки аз дасти бандагони оҷиз чӣ кор ҳам меояд. Панди маро шунав, ман китобҳое дорам ва фолномаҳое гирд овардаам, ки онҳо ин башоратҳоро додаанд. Падаратро даст бигир, он гоҳ ман туро пирӯзу хушбахттарини духтарони олам хоҳам кард!

Рухшона бо рангу рӯйи коҳида, ба хатти ожангҳои симои падараш дида дӯхта, ба худ андешид: «Оре, падарам пир шудааст ва дилу гурдаи бо душман ҷангиданро надорад. Чӣ бояд кард? Бародарҳоям бошанд, бечавҳаранд, бесуботанд, айёшанд онҳо».

-- Бузургворо! Мо танҳо нестем. Бори дигар мегӯям. Оташпарастони асил: Сапитамони родмард, Фаридуни доно, Ҳуриёни ҷавону ботадбир, Таҳмураси оқил, Фарозмони кордони хоразмӣ, Картасиси ҷавонмарди сакойи ва дигарон чӣ қувваи бузургеанд онҳо! Агар муттафиқ шаванд, як Искандар чист, сад Искандари довталабро сарнагун хоҳанд кард!

Уксорт ғайричашмдошти духтараш баланд хандид, вале хандааш айёрона буд.

-- Аҳҳ-ҳа-ҳа!... Охир, ин бечорагон ҳоло намедонанд, ки чӣ тавр аз муҳосираҳои аскарони мақдунӣ халос бишаванд: то охир биҷанганд ё таслим шаванд? Аниқтараш амалиёти ҷангии онҳо парешон ва авбошона асту бас. Ҳеҷ гоҳ иттифоқ наёбанд, дӯстӣ нахоҳанд, якдигарро нафаҳманд. Яке аз дигаре хешро авло мепиндорад, сухангӯю худситоянд онҳо, духти ширинам! Онҳо нафси бад доранду ғами шиками ғафс доранд...

Уксорт «шиками ғафс» гӯён шикамашро дошта механдид. Ҳокими Бохтар гумон мекард, ки духтараш низ ба ин ханда ҳамроҳ мешавад, вале ӯ бо ҷиддият гуфт:

-- Ана, андешаву ҳукми як нафар асилзодайи зардуштӣ, асилзодайи бетараф, ва ин аст аҳволи одами равшанрою равшанандеш! Ҳар кас оташро ба рӯйи кулчаи хеш мекашад. Албатта, дар ин аҳвол аланга ҳеҷ гоҳ забона нахоҳад зад. Адӯ моро гурӯҳ-гурӯҳ ба осонӣ маҳв месозад, нобуд мекунад. Агар мо...

-- Бас аст! – дод зад Уксорт дудаста бо муштҳояш рӯи мизро сахт зада. Қадаҳи шаробдори рӯи миз сарнагун шуда, майи ноб рӯйи қолӣ мисли хуни бегуноҳони бохтариву суғдиҳо чако-чак дошт.

-- Андешаи ту кӯтоҳрайъу пурғараз аст. Ҳукми ман қатъист. Туро ба ихтиёри Искандари Мақдунӣ медиҳаму тамом, вассалом! Ку, дигарбора бубинам, ки ба ту боз чӣ иттилое мерасад, ман донаму худо!! Бирав!!

Аз чако-чаки шароби рехтаи рӯи миз доғи безеб қолини сафедрангро боз ҳам бештар арғувонӣ менамуд. Ба назари Рухшона хунҳои беҳисоб мерехту мерехт....

МАДАДИ АШИС – ВАГУГИ

Ҳар кӣ ӯ бедортар пурдардтар,
Ҳар кӣ ӯ огоҳтар рухзардтар.
/Мавлавӣ/

Рухшона оби дидагонаш чак-чакон, ғаму ғуссааш гарон, мисли як духтари бекасу нодону нолон ба хонаи хосааш даромад. Дар вағн оташ аланга мезад. Худои муҳаббат ва ҳомӣ – Ашис – Вагугӣ ба рӯи духтар нармаку гармак механдид, гӯё тасалло медод. Рухшона чун ҳарвақта зону зада, хешро ба пои муҷассамазан партофту саҷдакунон афзуд:

-- Ало рӯҳи тавоно, обидаи доно! Охир, Аҳуромаздо дорои сифатҳои воло ва фазилатҳои беҳтарин, чун накӯкорӣ, порсойи, ростӣ, дурустӣ, додгустарӣ мебошад. Ман магар аз ин роҳ берун рафтаам? Дар «Авасто»-и муқаддас навишта, ки зиштӣ, палидӣ, бадхоҳӣ, бадахлоқӣ, бадгӯйи... бунёди нестию маргро фароҳам меоварад. Чаро Сикандари ғаддорро ин марг фароҳам намегирад? Ё офаридгор ӯро барои маҳв сохтани оташпарастон фиристодааст? Бигӯ, азизам, бузургманишу волоқудратам, ки ман кадомин роҳу равияро пеша созам? Ту, ки ҳомии дилҳо ҳастӣ, дилу рӯҳи маро тасалло бубахш, худои нозанин!

Рухшона ғамгину парешон аз ҷой бархоста, аз тоқча сито ба даст гирифт ва захма ба торҳои заррин зад. Ангуштони сапеду ҳиногун рӯи сито гӯё бо торҳои кашида сухангӯиҳо дошт. Мусиқаи сеҳрангези вазнину мотамӣ, бо мақоми ниёгон тананаандоз мегашт. Гӯё сито дар бахши бевафоии дунё, гузарову бешафқат будани умри инсон, ғаму андӯҳи одамони бекасу бечора, нокифоятии маунат ва аз тангии рӯзгор «ҳарф» мезад. Аз дидаи Рухшона ашки ғаму ҳасрат метаровид. Ӯ менавохту мо-

дари кайҳо аз олами ҳастӣ бирафтааш пеши назар меомад. Ғам болои ғам меафзуд. «Кош модарам дар ҳаёт мебуд. Ҳеҷ кас ва ҳатто беҳтарин падар ҳам ҷои модарро гирифта наметавонистааст!» - аз дил мегузаронид Рухшона бо алам. «Ё аз Сапитамони родмард мадад пурсам?». Ногоҳ Рухшона ситоро рӯи миз гузошту аз ин андеша ба худ омад. «Хайр, андешаи солим! Агар падарам маро ба сифати як моли гаронбаҳо ба Искандар медода бошад, пас ман бо дастаи ҳарбии духтаронам ба сафи фидоиёни суғдӣ, ба назди сипаҳсолори марздору кешдор – Сапитамон хоҳам рафт. Ҷонамро фидои озодӣ, ғуломи содиқи Фаридуни покманиш хоҳам кард. Ишқ бузург аст, ишқ оташи беҳаддуҳудуд, ишқ пок аст! Ишқ оташ аст. Ишқ ҳаёт асту ҳаёт ишқ!...».

Рухшона ғаладони ҷевонро кушоду мактуби Фаридунро ба даст гирифт ва авроқи барояш азизу муқаддасро ба чашму лаб бӯса дода, бори сездаҳум ба хондан пардохт. Чашмони ӯ ба рӯйи ҳарфҳо нигоҳ накунад ҳам барояш тамоми ҳуруфу ҷумлаҳо азбар шуда буданд, бо эҳсос мехонду қироат мекард. Ин нахустин мактуби пурмаънии Фаридун буд, ки пас аз интизориҳои тӯлонӣ барояш даррасид. Даҳ лифофаи баарзиш, даҳ авроқи пурхазина, сатрҳои аз меҳру муҳаббат саршор, мисли дастури зиндагӣ чашми Рухшонаро алайҳи ҳаёт кушодаанд. Дар мактуби Фаридун роҳи зиндагӣ дар Орёно, дар маҳбас, дар ҳузури сарҳанги мақдунӣ – Парменион, мақсаду мароми Искандар ва ниҳоят ба Саразм омадаву ба дастаи Сапитамон ҳамроҳ шудани ӯ иншо шудаанд. Аз ҳама муҳимаш барои Рухшона сатрҳои зер буданд, ки ӯро ба худ гӯё сеҳру ҷоду мекарданд, масту маҳви муҳаббат менамуданд. Рухшона бо овози паст, вале бо як меҳру самимият ба хондани мактуб пардохт:

«... Вақте ки ман аз маҳбус озод шуда, бо анбозонам ба шаҳраки хеш Саразм ворид шудам, он гоҳ фаҳмидам, ки қувваи бузурге маро роҳбалад аст. Он қувва аз кундаю завлонаҳои Доро пурзӯртар, он қувва аз гуруснагиву азобҳо авлотар, он қувва аз Искандару Парменион ҳам волотар будааст. Он қувва меҳри сӯзони муҳаббати ту, бовар ва эътиқоди ту бар ман будааст. Азизам, ишқи нахустину охирини ман, муқсуди зисти ман, Рухшона! Маро олами қалбии ту дар хаёл пайдо шуда ва дигар оламу марз даркор нест. Ин олам – олами рангоранги ту, олами эҳсосу олами ишқи поки ту аст...»

Рухшона рӯйи бистари нарму болиштҳои бо пари қу дамида сар гузошту мактубро гӯё вай ҷони азизаш ё гавҳари бебадал бошад, ба синааш пахш карда, хушҳолу қонеъ табассум мекард. Лаззате дошт, шаҳдухт! Рӯзҳои ғамгинӣ, соатҳои интизорӣ ва ҳатто дағдағаи пуркинаи падарро ҳам фаромӯш кард. Ба андешаи ӯ кунун зиндагӣ мачрову мароми мӯътадили хешро хоҳад гирифт. Бале, акнун навбати хушбахтиҳо, вораи хушрӯзиҳост. Духтар давоми сатрҳои мактубро беовоз гӯё аз бар мекард. Лабони гелосии сурхи ӯ бо як нафосати зебанда ҳаракате доштанд: «Азизам, парии рӯҳпарвар, фариштаи нозгули ман! Чанд муддат босабур бош, то адӯро аз марзи азиз дур созем. Пагоҳ ҷониби қалъаи Ҳуриён меравем. Он ҷо лашкаргоҳи мост, Сапитамони родмард бо мост. Медонӣ, хоҳари Сапитамон низ ба роҳи бародараш баҳри муҳофизати хиттаи озоди Сугудак[1] бо мо ҳамроҳӣ мекунад. Фарангис духтарест ба ғоят ҷамила ва ҷозиба, боз ростманишу далер аст. Ӯро дӯсти Сапитамон – Датафарни ҳамдиёри шумо мепарастад. Ин ҳамон Датафарни паҳлавоне, ки дар иди Меҳргони шаҳри Истаҳр ба гӯштӣ пардохта буду яке аз ғолибон ба шумор мерафт. Ӯ ҷавонмарди шуҷову покрой аст. Охир, мегӯянд, ки ишкро оғоз ҳасту анҷом нест ва ӯро на парвои ҳадди шоҳону на сарҳади ҷаҳон!...».

Ҳамин лаҳза ба ёди Рухшона даррасид, ки агар ӯ ба қалъаи Ҳуриён наравад, пас бояд ба Фаридун номаи ҷавобӣ нависад. Духтар қоғазу қаламро гирифт ва ба навиштани посухи номаи дӯстдораш шурӯъ кард:

«Ба номи олиҳаи муҳаббат ва ҳомӣ – Ашис-Вагугӣ!

Дуруду ҳамду сано ва дуои некхоҳии ту ба ҷониби ман бирасиду оламу одам гӯё дигар шуд. Оҳ, ба чӣ андоза интизори ин номаи муборакат будам, Фаридуно! Номаро мехондаму бовар намекардам, ки ҳарфҳои туро бори дигар эҳсос мекунам. Ташаккур, азизам! Дилам лаҳзае орому қарор ва фараҳе ёфт. Аз номаат як ҷаҳон маънӣ бархурдор шудам – як ҷаҳон дурру марворид чидам – дабири ман. Кунун бо ёди ин нома, бо ёди ин авроқ зиндагии хушбахтона хоҳам гузаронид. То хуршеди оламтоб вуҷуд дорад, то моҳтоб нурпошӣ мекунад, то одаму олам ҳаст, бо ёди ту, бо номи азизи ту арзи вуҷуд хоҳам кард.

[1] Сугудак – номи қадимаи сарзамини Суғд.

Мактуби туро дар он соат ба даст гирифтам, ки ғаму андӯҳи олам дар сарам буд. Нахустин муноқишаи падар бо ман дар ин рӯзи аҷиб ба вуқӯъ омада. Падарам ба суханони Искандар бовар карда, мехоҳад бо ӯ риштаи сулҳу салоҳ бандад. Риштаи сулҳ чист, риштаи хешу таборӣ бастанист! Ба қавли ӯ Искандар дасти маро пурсидааст, то бо ман издивоҷ бикунад. Бо он Искандаре, ки сабабгори вайронии деҳу русто, шаҳру кишварҳо, қотили одамони дунёст! Ҳарчанд падарро огоҳ бисохтам, нафаҳмид ё фаҳмидан нахост. Он гоҳ ба ҳукме омадам, ки бояд бигрезам ва ба ҳузури тую Сапитамон равам. Ту соҳиби дили манӣ, ту ишқи нахустин ва охирини ман ҳастӣ ва ту бояд дар ин ҷода ба қароре биёйи. Ҳар чи мегӯйи ва ҳар амре, ки туро ҳаст, алайҳи ин воқеа бароям равшан бикун, фармон бидеҳ, ҷонсупориву адои амри ту аз ман бирасад. Азизам, илтиҷо мекунам, маро дар ин маҳбаси сангӣ танҳо магузор. Хоҳиш дорам, ки маро ба чанголи Сикандари шоҳдор маспор. Ҳар чи зудтар ба ҳукме ой ва боқӣ ту донӣ».

Рухшона дар номааш дар бораи дастаи сарбоздухтарон, вайронии шаҳр, гуруснагӣ ва ба Балх омада рафтани Искандар аз ин чанде пеш иттилооти иловагӣ навишт. Сипас номаро бори дигар аз назар гузарониду чаҳорқат карда, бо ришта сурғучпеч намуд. Шаҳдухт аз ин кораш қонеъ шуд магар боз ба рӯбарӯйи олиҳаи муҳаббат нишаста, афзуд:

-- Ҳомии азизу мӯътабари дилҳо! Ту маро хурсандӣ бахшидӣ, ба дилам умеду шодӣ, ба рӯҳам тавонойиву мадад додӣ. Ташаккур ва арзу сипоси ман бар ту бодо, олиҳаи қудс! Маро боз ҳам дар паноҳат бигиру нигаҳбон бош!...

Ба назари Рухшона чунин намуд, ки гӯё олиҳа аз ин иқдом шоду қонеъ аст, хуррам гашт.

Дар ваҳн оташ забона мезад ва лахчаҳои фурӯзон ба дил гарміву рӯшанӣ мебахшиданд.

Рухшона ҳушёру зирак ба оташи хандон дида дӯхту ба забон омад:

-- Аё Оташ! Гузаштагони ман туро парастиданд, ба ту савганд ёд карданд, ҳимаҳои хушбӯйро дуд доданд, шабурӯз дар ибодатгоҳҳо туро нигаҳ доштанду эҳтиром варзиданд. Ман ҳам чунин мекунам. Чаро? Зеро ту ҳаёт ҳастӣ, хуни гарми дил ҳастӣ ва месӯзию месозӣ. Ту бар алайҳи тирагиву торикиҳо, бар алайҳи шайтониву аҳриманиҳо пирӯз будӣ, рӯзи равшан будӣ, гӯё ҷавшан будӣ ва ҳастӣ.

Чӣ тавр туро напарастанд, ки оташе дар дил будиву ҳастӣ. Бале, диле, ки гармӣ надорад, он дили мурда аст, ғулому банда аст, оби огандида аст. Гиёҳе, ки гармии офтобро набинад, обу хоку боди мусоид нашаммад, заҳри қотил аст, марги ҳалоил аст...

Эй худованд! Аё Ҳурмуз! Нахуст туро мепарастем, шукри беҳад дорем, сипоси беминнат меорем, ки Одаму Олам офаридӣ ва чаҳор унсури азал фармудӣ. Ташаккур бар ту! Вале оташро аз дили мо магир. Зеро оташ висоли ту аст, ҷамоли ту аст, мисоли ту аст. Бале. Парастиши оташ – парастиши туст – парастиши ту – тавассути оташ аст!...

БОБИ ЧАҲОРУМ

ЛАШКАРГОҲ

Зардушт ба Аҳуромаздо чунин гуфт: «Эй Маздо! Ҳамон ки туро бо дидаи дил нигариста, дар қувваи андешаи худ дарёфтам, ки туйи – сарогоз, туйи – саранҷом, ки туйи – падари маниши пок, ки туйи офаринандаи ростӣ, ки туйи довари додгар».

Аз «Авесто»

Лашкаргоҳи Сапитамон дар қалъаи ҷангии Ҳуриён қарор гирифта буд. Дар он се ҳазор пиёдагард ба набард омодагӣ медиданд. Тадоруки ҷанг тӯл кашида, чокарон бетоқатона интизори афтударафт буданд. Ёрии моддие, ки шартномаи Саразмро мувофиқи анҷуман асос гузошта буд, ба сомон пура нарасида буд. Сакуншоҳ ба ҷуз панҷсад асп, сесад сар шутур ва ду ҳазор моли майда дигар чизе нафиристод. Сесад нафар чокарони ӯ майли ба даст овардани молу маноланду бас. Шартномаро Ҳуриён, Катону Лоҳрасп, Шашпиру Нӯзаршоҳ низ пурра напардохтанд. Таҳмурас мактубе ирсол намуда, менависад, ки ӯ омодаи набард аст. Уксорт тамоман бедомударак. Танҳо Сосимеҳр, ки дар анҷуман ширкат надошт, бо вуҷуди ин аслиҳаю либосу маунат ва ҳазор чокари фидоиро фиристодааст.

Моҳи Фарвардин расида, замин гарм, рӯзҳо дароз шуда буданд. Гоҳ-гоҳе борон меборид. Дашту ёлаҳо, марғзорҳо гулпӯшу сабзгунанд. Барфҳои кӯҳистон низ доманкашон рӯ ба ҳазимат мениҳоданд. Киштгарон омодаи кишту коранд.

Фаридун бо Сапитамон болои кӯҳандиз баромада, нақшаи набардро баррасӣ менамоянд. Сипаҳсолори Суғд бо ғазабу нафрат ҳарф мегӯяд:

-- Бузургон қути лоямуте бароямон фиристоданду бо ҳамин гуфтанианд, ки хӯреду гиреду худатон омодаи ҷанг шавед, моро муҳофизат кунед! Вале худ бо кайфу сафо, бо айшу ишрат базмҳои пурнишот оростаанд. Ман ба онҳо бовар кардаам! Суғдиёна бе кас шудааст, ки ҳамагӣ шаш ҳазор аскар дораду бас! Ман ба муқобили чил ҳазор сарбози бо аслиҳаи нави ҳозиразамон ва тавонои Искандар чӣ тур ҷанг

мекунам? Ҳатто Уксорт барин коҳини «покдоман» моро фиреб мекунад, аз дигарон чӣ ҷои сухан!

-- Бале, вазъи мо вазнину ногувор аст – мегуфт Фаридун андешаманд чашмонашро бо кафи дастонаш молида. – Роҷеъ ба хабари дӯсти беҳтарини ман, Искандар бо Уксорт сулҳ имзо кардаанд будааст. Уксорт низ ба ивази ҳокимии Орёнову Сарҳинд духтараш Рухшонаро ба Искандар дода, бо ҳамин ҷангу набардро ба қавли ӯ бехунрезӣ ҳал карданӣ шудааст.

-- Аз куҷо ин хабар, Фаридуно?! – ба шӯр омад Сапитамон, ки оҳанги ҳарфаш илтиҷоомезу пуртаҳлука буд.

Фаридун сар хам намуд, сурх шуд ва ниҳоят посух дод:

-- Аз мӯътамаде, паҳлавоно!

-- Кӣ?!

Фаридун сар боло карда ба дӯсташ нигарист. Нигоҳҳои ҳар ду забон доштанд, гӯё ҳарф мегуфтанд. Дабирро дигар илоҷ набуд ва шарҳ дод:

-- Дӯсти азиз! Ман ...солҳост, ки ба духти Уксорт меҳр дорам. Рухшона низ маро мепазираду гиромӣ медорад. Ин духтари оддӣ не – духти муборизу оташқалб аст. Ба даст теғу синон дорад, ки бо душман бинҷангад, дар дил меҳру нармӣ дорад, ки ба мардуми оддӣ бидиҳад. Дирӯз аз вай нома гирифтам, ки ин ҳарфҳоро навишта!

Сапитамон ба андеша рафт, андешаҳои тӯлонӣ. Фаридун низ интизори фармони сипаҳсолор гашт.

-- Мансабпаристиву ҷоҳталабӣ як кайфияти ҳайвонӣ дорад, ки бархе дар рӯйи ин дор замзамаи шайтонӣ бизананд. Оҳ, Фаридун, азизам, ту бояд фавран ба Балх биравӣ! – ба забон омад Сапитамон даст ба китфони Фаридун гузошта. – Мактуби маро ба Уксорт месупориву якҷо бо Сосимеҳр ва чокарони ӯ бармегардӣ. Агар Уксорт бо ту наояд, ӯро ба ҳабс гир ва Рухшонаро низ ба ин ҷо биёвар!...

Фаридун бо дусад чокари балхӣ роҳ ба сӯйи дидори Рухшона, ба висоли ҷононаи дерин, ба ёди духти қашангу ҷамила ва мубориз мисли бод тунд мевазид. Аспҳо арақ карда, аз даҳон кафк мепошиданд, вале дабири ҷавонмард тунд мерафту орзӯи дидани Рухшона мекард. Ӯ сурудхонон ташнаи вохӯрӣ, хостайи ҳарфгӯйи мерафт, дабири саразмигӣ.

Ба ниёз равам ба сӯяш

Ба намоз равам ба сӯяш!

Ситоям-ш ҳаме ба зӯрҳо
зи баланд суруда ясно
паҳноҳои паҳно Меҳрро!...

Фаридун бо чанд тан чокаронаш сараввал ба ҳисори Сосимеҳр дохил шуда, ӯро мунтазир шуд. Бари қалъа беш аз чил қадам буд. Деворҳои сангӣ, кунгураву шинакҷойҳои он низ ҳама аз сангу соруҷ. Вақте ки Сосимеҳр ба пешвози Фаридун омад, даҳ нафар румиҳои мусаллаҳ низ пайдо шуданд ва озмоишкорона ба онҳо менигаристанд, вале наздик намеомаданд. Роҷеъ ба гуфти Сосимеҳр ҳар як қадами ӯ дар назорат будааст. Хайрият, ки Фаридун чокаронашро дар қарибиҳои кӯшки Уксорт гузошт, вагарна нооромие ё ҷанги ногаҳоние ба вуқӯъ меомад. Дабир супориши Сапитамонро ба Сосимеҳр баён фармуд. Сосимеҳр арз кард, ки ӯ дар билоди Балх асире беш нест. Ба ҳар ҳол ӯ Сапитамонро дар ҳамин ҷо мунтазир мешавад ва ӯро чанд рӯз пеш аз набард хабардор бикунанд, то ӯ чокарони дар ҳар куҷо гузоштаашро ҷамъ ва огоҳ карда тавонад. Вохӯрӣ анҷом пазируфт. Вақти ҳайру манзур Сосимеҳр боз арз кард:

-- Аз Уксорт бохабар бошед. Магарам фитна аз ӯ бармехезад.

-- Хуш бошед!...

Бегоҳирӯзии моҳи найсон. Бӯйи сабзаҳо ба димоғ хуш ва гуворо мерасад. Селаи калони кабӯтарон ба ҷониби офтоббаро ҳаракат доранд. Ҳар ҷо – ҳар ҷо барзгарон замин шудгор мекарданду ба кишту кор шуғл меварзиданд. Чаҳорпои мардуми Балх аз чарогоҳ меомад.

Ӯро ин соат бо духтари Уксорт дидорбинӣ ҳаст. Ҷавонмард дасту рӯяшро бари ҷӯйбор шуста, худашро гӯё оро медод. Гарди кулаҳхӯду анҷоми аспашро низ ба тартиб оварда: «Ё Ашис – Вагугӣ! Мададгорам бишав!» - гӯён роҳ ба сӯи кӯшки коҳинро пеш гирифт.

Уксорт Фаридунро хеле гарму самимӣ пешвоз гирифта, рӯбоҳвор хушомаду хандаҳои сохта зоҳир менамуд, гӯё меҳрубониву меҳмоннавозӣ дошт.

-- Анбозони туро дар работи хеш ҷой ва маунат фармудам, дабиро. Хуш омадӣ! – Ба Фаридуну ёронаш ҷойи мувофиқ нишон дода, арз кард коҳин.

Хидматгорони ӯ колои зиёфат ҳозир бинмуда, нуқлу

ширинихо, шарбату шароб, гӯшту панир ва мағзу анвои меваҷотро меоварданду гӯё мерехтанд.

Фаридун ба ҳар як овоз, ба ҳар шабаҳе гӯш медод, шояд ки Рухшонаи азизашро лаҳзае ҳам бошад бубинад. Вале ин дидор барояш муяссар намегашт. Эҳтимол, Уксорт намегузошт, ки духтараш дар назди бегонагон бишинад. «Магар ман бегона ҳастам?» - мегуфт ба худ Фаридун.

Ҳарчанд ки асбоби айшу колои меҳмондорӣ воло буд, вале сӯҳбат ба қавли суғдиён «кӯр намегирифт». Ниҳоят, пас аз таом ба дасти меҳмонон об рехтанду ба гулобу хушобнӯшӣ муроот фармуданд. Сӯҳбат ранги умури расмиро – маънии сиёсатро фаро гирифт.

-- Сапитамон аз бетарафии шумо дар шигифт аст. – Фаридун ба коҳин «шумо» гуфта муроҷиат карданаш ҳокими Балхро ҳушёр сохт.

-- Маро ба кадом асос бетараф мегӯяд?

-- Шумо дар анҷумани Саразм яке аз сарони корзори бузург ба ҳисоб мерафтед, вале шартҳои анҷуманро бузургон нимунимкора ба субот мерасонанд. Ба қавли Сапитамон кӣ назорат мебарад, кӣ онро ба фарҷом мерасонад?

-- Таҳмураси кордону оқил, соҳибқалъа Ҳуриёни баҳуш низ магар бетарафанд?

-- На. Шуморо пири кор медонанд.

-- Агар ман бимирам, Суғдиёна бе пир мемонад? – каме бо зарда гӯё иддао мекард коҳин.

-- Намедонам. Ин аст мактуби сипаҳсолори суғд. Бифармоед. - Фаридун номаи Сапитамонро ба коҳин тақдим кард.

Уксорт номаро беписандона аз дабир гирифта, бо овози шунаво ба хондан пардохт. Кас гумон мебурд, ки ин нома ба ӯ неву номаи муқаррарии хешутаборӣ аст.

-- «Ба номи Аҳуромаздои бахшоянда ва меҳрубон ва офаридгори омурзанда! Дуруду шодбошиҳо ба коҳини бузург – Уксорти покдоману покманиш!

Мардумро гуфторест наҷиб: сар раваду сир не. Мо анҷуман оростем, хуб гуфтему ҳуҷҷатҳо сохтем, то ба марзи хеш душмани ғаддорро нагузорем, ба зулму истибдод роҳ надиҳем. Бархе ба ин ҳукм имзову мӯҳр гузоштанд, вале он анҷомро напазируфта ва ҷанги бузургро танҳо ба дӯши ману шаш ҳазор чокар гузоштан аз рӯйи адолат набудагист. Ман бо ту наздикии хунӣ ва якандешии дерина дорам. Чун ин

нома ба дасти ту мерасад, бархезу бо наздикону ёронат ба қалъаи Ҳуриён ой ва дигар гуфтугузор ин ҷо ба сомон бирасонем. Бо эҳтирому сипос: Сапитамон. Дуо. Мӯҳр. Моҳи Найсон, рӯзи Ромин[1]».

Уксорт номаи Сапитамонро хонда, ба хаёл рафт ва пас аз андаке афзуд:

-- Ман рафта наметавонам, Фаридун! Ту ба ӯ бифаҳмон, корҳое дорам, ки барои озодии мардуми Бохтар чун обу ҳаво зуруранд. Пас аз ду моҳ шояд биравам...

Фаридун хуб фаҳмид, ки Уксорт нияти нафақат ба назди Сапитамон рафтанро, балки ба муқобили ҷанги Искандар иштирок варзиданро низ надорад. Дабир ғайричашмдошти Уксорт нидои шодиёнае бароварда:

-- Бале, подшоҳи Бохтар бояд ғами мардумашро бихӯрад. Ку, шаробе биёвар, Уксорти саодатманд!

Ёрон то поси шаб ба шаробу шарбат, ба сихкабобу гӯштҳо рағбат зоҳир намуданд ва суруду наво гӯш мекарданд. Уксорт низ аз ин ҳол хушнуд гашт ва пайваста шароб менӯшиду беҳушу беҳол шуд, Фаридун ба анбозонаш амр кард,ки ӯро дасту по баста, дастаи чокаронашро омодаи сафар бикунанд. Ҷавонмарди саразмигӣ дари Рухшонаро оҳиста кӯфта, мунтазири дустури шаҳбону шуд. Рухшона ашк дар чашм, бо мӯйҳои парешону ғамгин ба истиқболи Фаридун баромад. Ҷавон гумон дошт, ки духтар ӯро бо табассуму хайрамақдам пешвоз мегирад. Вале чун ин ҳолатро бидид, лол бимонд ва пурсон шуд:

-- Азизам! Магар омадани ман боиси ғаму андӯҳи ту шуд? Ин чӣ ҳол аст?

Рухшона аз ӯ дур рафт ва бе ин ки ба Фаридун нигоҳ кунад, оби дидаашро поккунон афзуд:

-- Ман андеша доштам, ки ту ба висоли ман меойи, вале....

-- Магар аз ман гуноҳе содир шуд?

-- Бале, ту барои айшу шаробнӯшӣ омадайи, вагарна мани то субҳи наздик интизорро боре мепурсидӣ.

-- Ба фаҳмиши ман, бо ту вохӯрдан нақшаи маро барбод медод. Ҳоло, ки падаратро ба ҳабс гирифтам ба дидори ту расидам.

[1] Аз рӯи тақвими суғдӣ рӯзи бистуми моҳи март аст.

-- Боз чӣ тур ҳабс? Чаро?

-- Бо амри Сапитамон. Бархез, азизам. Моро суғдиён дар қалъаи Ҳуриён нигаронанд. Ҷанг мешавад! Дар Бохтар шӯриш бояд бархезад, қиёми Сапитамон ва фидоиёни Суғд оғоз меёбад.

Духтари Уксорт рӯ ба Фаридун ниҳода, табассум намуд, гӯё олам равшан мегашт. Ҳар ду ҳам ташнаи висол, ташнаи ишқу ошиқӣ ба оғӯши ҳамдигар ворид шуданд.

-- Пас шаробнӯшиву базм ҳилаи оддӣ буд?

-- Бале. Чӣ кунам охир? Падарат ба андешаи мо итоат нафармуд ва моро писандаш нагирифт. Оташеро, ки чанд моҳ қабл аз ин дар Саразм ӯ афрӯхта буд, имрӯз хомӯш карданист.

-- Акнун фаҳмидам, дабири донойи ман. Бале, оташ набояд хомӯш шавад! Ҳаргиз! Ба анбозонат бигӯй, ки бо падарам оҳистатар....

Субҳ ҳоло-ҳоло бояд медамид. Чодари тираи зулмот ранги нуқрафомӣ мегирифт. Аз дур ҷеғи хурӯсҳо ва аккоси сагон ягон-ягон ба гӯш мерасид. Ҳама ҷо сокит ва ором.

Рухшона мисли гул кушода, боҳавас ба Фаридун дида медӯхт ва табассумкунон:

-- Аз ман ранҷидӣ? – посухи ҷавонро нашунида, наёми шамшери дабирро тамошо мекард. Рӯйи наёмро тасвири мори одамсар нақшу зеб медод.

-- Рухшонаи рахшони ман! Магар аз ту ранҷидан салоҳ аст? Ҳеҷ гоҳ! Дигар ин ки дар роҳи мақсадҳои олӣ ҷонфидойи кардан қобили қабул аст. Ниҳоят, ба қалъаи Ҳуриён, ба назди кадхудойи тавонойи – Сапитамон меравем. Дарвоқеъ, ту ба ин сафар хоҳиш дорӣ ё?...

-- Оҳ, Фаридун! Магар ман итизори ин рӯз набудам? Бо ту омодаам ҳатто ба биёбони беобу гиёҳ, ба гирдоби боло биравам. Ту ризо ҳастӣ, ки ман дастаи духтарони ҷанговарамро ҳамроҳ бигирам?

-- Зуд бош, азизам. То субҳидам мо бояд аз шаҳр дур равем...

Сапитамон бо як ҳиссиёти бачагонаву бетоқатона назди соҳили Вахшруд роҳи Фаридунро мепоид. Чун дид, ки дастаи дабир намоён гашт, амадҳоро ба он сӯ равона сохт. Вақте ки Фаридун ба Сапитамон арзи аҳвол бигуфт, сипаҳсолор табассумкунон ба назди Уксорт рафт.

Ҳокими Бохтар мисли шери жаён, бо ғазабу дағдаға Сапитамонро носазо менуфт:

-- Ту маро масхара мекунӣ! Обрӯйи маро резонида, таҳқир мефармойи! Охир, ман кистам? А? Кистам?...

Сапитамон қоҳ-қоҳ мезаду оби дидагонашро пок мекард, ки ба ҷои душман собиқ коҳинро ба асирӣ гирифтаанд. Шод буд сипаҳсолори суғдӣ ва фармуд, ки дасту пояшро аз банд кушоянд.

-- Хуб нашудааст, - бардурӯғона бо истеҳзо механдид Сапитамон. – Охир, коҳин аскари зархариди Искандар не-ку! - Ин сухану хандаҳои ӯ маънии киноявуро тамасхурро доштанд.

-- Ту гумон мекунӣ, ки аз дасти мо одамони оддӣ чизе намеояд! – Бо шаст ба Уксорт рӯ овард Сапитамон ҷиддӣ. – Агар зарур бошад, рӯзе Искандарро низ мисли ту дасту пой ишкел карда, ба ин ҷо меорем.

-- Шарм намедорӣ, мани пири барҷомондаро таҳқир мекунӣ! Пагоҳ ба кирдугори олами ҳастӣ чӣ хоҳӣ гуфт?

-- Ҳамин пурсишро бояд ман ба ту медодам. Бигӯ, ту чӣ мегӯйи? Дар ҷустуҷӯйи домод ҳастӣ? Ба Искандар?! Суғдиён ба ту чӣ бадӣ карданд ё ҷавонмардони мо аз мақдуниён каманд, ё зан ҳастанд? А? – Пас аз андаке таваққуф сипаҳсолор ором шуда ба суханаш афзуда: - Парастиши як пора замин аз худпарастӣ беҳтар аст.

Уксорт сар хам карда, оби дидааш аз новаки ожангҳои рӯяш шорида, ба замин нишаст. Дар назди суханҳои ҳақ чӣ ҳам мегуфт охир.

Ҳамин вақт Рухшона ба назди Сапитамон омада:

-- Шод бош, дилат аз шодиҳо лабрез бодо, Сапитамоно! – гӯён сар хам намуд.

-- Шод бош, хоҳари азизам! – хам шуда дастони Рухшонаро бибӯсид сипаҳсолор.

Дар қалъаи Ҳуриён ба истиқболи Уксорту Рухшона базм оростанд. Шодиву нишот, сурудхониву бозиҳои гуногун куҳандизро ба ҷашнгоҳ табдил дода буданд. Уксорт низ аз шароби ноби суғдӣ сархушу хушҳол даст ба китфони Сапитамон андохта, суруд мехонду сурур мекард.

ШАБИ ВИСОЛ

Агар осмон ошиқ набудӣ,
Набудӣ синаи ӯро сафое.
Вагар хуршед ҳам ошиқ набудӣ,
Набудӣ дар ҷамоли ӯ зиёе.
(Мавлавӣ)

Ҷавонҳо чун диданд, ки аксар ба базму тараб ва сурудхонии умумӣ пардохтаанд, оҳиста аз саис аспҳояшонро бозгирифта, ҷониби кӯҳҳои Ҳисори Шодмон, ки он замон Шумон мегуфтанд, ба қалби кӯҳҳо асп тохтанд. Фаридун ҳеҷ гоҳ Рухшонаро ин тавр шоду мамнун надида буд. Духтар чунон механдиду ҳаёҳуй дошт, ки дигар гӯё эҳсосоти хешро асло даст гирифта наметавонист. Пайваста ба аспи сафедаш тозиёнаву маҳмез мезад.

-- Роҳҳо душворгузаранд, Рухшона! Эҳтиёт бош!

-- Ман тифлию овони бачагиамро эҳсос мекунам, Фаридун! Медонӣ, охир ин ҷойҳо бароям шиносу чунон наздиканд, ки.... Ҳей!...Ҳуй!... – мисли бод асп метохт духтар. Шоду хуррам буд ӯ.

Ниҳоят онҳо дар назди чашмае, ки аз зери бурси хушкида метаровид, ист карданд. Аспҳояшонро ба шохи бурс баста, даст ба даст лаби чашма, рӯйи харсанги суфамонанд нишастанд.

-- Медонӣ, Фаридун, хаёл мекунам, ки то ин замон ман дар зиндоне будаам. Имрӯз, ки озод ҳастаму ба висоли ту расидаам ин тур шодиҳо дорам, шавқу завқ ҷисмамро фаро гирифта.

-- Ин тавр нагӯ. Зиндонро ман дидаам ва захми он ҳамеша дар дили ман, дар пайкари ман боқӣ мондааст. Оҳ, зиндони Доро чӣ сон вазнину сангин буд! Паи занҷири адӯ ҳоло ҳам дар дасту пойҳои мананд.

Рухшона дастони ҷавонро ба кафи нарму латифи гармаш гирифта ламс медод ва сипас оҳиста ба лабаш бурда, бибӯсид. Фаридун лабони нозуки духтарро рӯи дастонаш эҳсос намуда, ба ваҷд меомад ва кокулони мушкбези духтарро бо ангуштонаш машшота мезад. «Ваҳ, чӣ андоза тарзабо-

ну ширинафас аст ӯ! Аз ин олиҳа накҳати гуворою муаттар меояд! Хушбӯйии ёсамин аст ё мушки анбар, ё марҷони қаранфул, ё ин ҳама дар хоб аст? - мегуфт ба худ ҷавонмард каме ларзида.

Ӯ бо як эҳсоси ошиқӣ дастони нарму ҳиногуни Рухшонаро ба каф гирифта, пайваста ламскунон мебӯсид. Дилаш гум мезад, путки оҳанӣ мезад. Чил кокули дарозу мушкбези духтарро ба гарданаш ҳалқавор печонида, гардани сапеду ғизолиашро ҳазорбӯса медод. Духтар низ номураттаб нафас мекашид, узвҳои пайкараш ва синаҳои мисли анори расидаву дамидааш ларзиши сабуке дошт. Забонашон беҳарф буд, вале забони қалбашон суруди ишқу ошиқӣ мехонд. Лабҳо зи ҳамдигар шакар мечашиданду чашмони шарарбор хуморӣ гашта, бо навозиши меҳрбор ба ҳамдигар хушгӯиҳо дошганд, дилнавозиву тарнавозиҳо доштанд. Фаридун ҷомаи пӯстинашро рӯйи санг паҳн намуда, духтарро ба он таклиф кард. Ҳамин ки Рухшона рӯйи пӯстин нишаст, ҷавон ӯро рӯйболо ба пӯстин хобонид. Духтар Фаридуни ба рӯи ӯ хам шударо бо як лутф такон медоду бо овози пасту ларзон: «Ин тавр хуб нест, даркор не!...» - мегуфт.

Ҷавон ғайри хоҳиши духтар риштаи камзӯли махмалини коҳиндухтарро кушода, лаб ба синаҳои аноргуни ӯ гузошт ва канда-канда бигуфт:

-- Солҳост, ки дар орзуи ин висол, дар орзуи ин дидори ширин, ин лаҳзаи хуш будем, азизам. Дигар наметавонам. Дӯст медорамат, фариштаи ман, фариштаи поктинати ман, иқболи волои ман...

Фаридун синаҳои Рухшонаро мебӯиду мебӯсид ва духтар аз ин латофату ҳаловат лаззатбор гашта «аҳ-оҳ» - гӯён нидо мебаровард ва пас аз лаҳзае беихтиёр ҷавонро сахт ба оғӯш гирифта чашмонашро пӯшид...

Аз куҷое ҳуштаккашии мурғи тазарв шунида мешуд. Гӯё ин паррандаи кӯҳӣ аз ишқу ошиқии ҷавонон ба замону замин, ба оламу одамон хабар медод: «увв-увв!». Ба ин «хабар» мурғи кӯри бум низ гӯё «фаҳмидам-фаҳмидам, ман ҳам мебинам!» гӯён посух медода бошад, садои ҷавобӣ мебаровард. Оби чашмасор шилдиросзанон ё суруди ошиқӣ хонда, сӯйи пастхамиҳо хандон-хандон ҷорӣ мегашт. Ба машом бӯи ҳулбаву торон, зираву каравс ва корибаву савринҷон меомад.

Ҷавонҳо сӯҳбат доштанд:

-- Оё падарат ба издивоҷи мо, ба сури никоҳ иҷозат медода бошад?

-- ....

-- Чаро ҳарфе намегӯйи, Рухшона?

-- Намедонам.

-- Ман ба Сапитамони родмард гуфта будам.

-- Чиро?

-- Ошиқиамонро.

Рухшона дар бораи дасти ӯро пурсидани Искандарро ба ёд овард ва ба худ андешид: «Поко! Парвардгоро! Аз ин худои сохтаи душоха, ҳайвони замона ва майхораи авбошпеша худат эмин дор!».

-- Дар чӣ хусус андеша меронӣ, Рухшона?

-- Аз хусуси Искандар.

-- Ваҳ, Искандар? Куҷо будӣ, то ба куҷо тохтӣ, маҳбубаи ман! – гӯё ҳазл мегуфт Фаридун.

-- Метарсам, Фаридун! Аз ноомадии кору бозии тақдир метарсам!

-- Осуда бош, оҳуяки ман. То ману Сапитамон зинда бошем, пои шуми Искандар ба ин марзу замин нахоҳад расид.

-- Ҳаво сард мешавад.

-- Бале, меравем.

Дабири ҷавон пӯстинашро ба китфони Рухшона партофта, бо он, ки савора бираванд, оҳиста-оҳисата сарозер, сурудхонон роҳ ба сӯйи қалъа пеш гирифтанд. Дар қалъа базм ҳам поён ёфта буду қаҳ-қаҳаи мастӣ ҳам. Посбонон ҳушёру зирак поси хизмат буданд.

Фаридун Рухшонаро то хонаи хосааш гусел карду достони ӯро бӯсида, бигуфт:

-- Хуш бош ва шабат бахайр бод, Рухшона!

-- Шаб ба хайр. Хуш бош!...

«Бирафт, - мегуфт Фаридун аз паси Рухшона оҳи амиқе кашида, - парии афсонавӣ бирафт. Ваҳ, чӣ қадар зебанда аст гесувони дарози ӯ, ки дар аснои роҳ гаштан занҷиросо алвонҷ мехӯранд. Бирафт! Ёдат бахайр, хуш бош, дар амони худо бош, шаҳбонуи ман. То боздид!...».

ҚИЁМИ САПИТАМОН

… дӯзах андар ҳадди қувва ҷаҳл аст.
Ва ҳар касе, ки ба нодонӣ биистад, ё пас равад
ва бо доноён душманӣ кунад, ӯ дӯзахӣ бошад.
(Аз «Ваҷҳи дин»-и Носири Хисрав)

Офтоб алассабоҳ ҷилва ба офоқ дошт. Бо меҳру навозиш гӯё нур меборид ва ин нури гарму рӯшан ҳаётро маъниву замину замонро зиё мебахшид. Баробари чашм во намудани хуршед набототу ҳайвонот, ҳашароту кулли одамизод гӯё аз нав эҳё мегирифтанд ва ба ҳаракат меомаданд. Зиндагӣ маънии ҷунбуҷӯлро дорад, мақсаду орзу, кирдори ростиву некӯйиро хоҳад.

Дар қалъаи Ҳуриён низ беоромӣ, даву тоз ва ҳаракати ғайричашмдошт мушоҳида мешуд. Роҷеъ ба хабари аз Сосимеҳр расида, Искандар боз ба Бохтар даромада, Уксорту Рухшонаро пурсон шудааст. Аз ин хабар бузургони Суғдиёна боз ҷамъ шуданду омодаи ҷанги мақдуниён гардиданд. Кунун сафи сарбозони суғдӣ ба бист ҳазор нафар афзуд. Уксорту Сапитамон дар ин рӯзҳо тавонистанд, ки лашкари суғдиёнро аз ҳар ҷиҳат таъмину фароҳам оваранд. Пагоҳ бояд онҳо барои барҳам задани ӯрдуи Искандар ба сӯйи Бохтар лашкар кашанд. Уксорту Сапитамон ва Катон роҳбарони ин ҷанг шуморида шуданд. Инчунин Датафарн, ки вай дастаи ҳазораи балхиёнро дар дӯш дошту яке аз дӯстони беҳтарини Сапитамон ба ҳисоб мерафт, тадоруки сафарро медид.

Вақте ки лашкари шашҳазораи Сапитамон ба сарҳади Бохтар даррасид, бо онҳо хабар доданд, ки Искандар Балхро тарк бинмуда, роҳ ба сӯи Вахшрудро гирифтааст. Сипаҳсолори суғдӣ дудила шуда, якҷо бо Уксорту Катон ва Датафарн Балхро ба муҳосира гирифта, қиём намуд. Лашкаргоҳи мақдуниён, ки бо сарварии Артабоз он ҷо амал доштанд, рӯ ба ҳазимат ниҳоданд. Гурӯҳи калони мақдуниён ҳалок ва мачрӯҳ шуданд. Ғаниматҳои мақдуниёнро ба дасти Сосимеҳр вогузошта, салтанати ӯро дар Бохтар қонунӣ ва барқарор сохтанд. Артабоз кайҳо гурехта буд ва дар ин бора Сапитамон бо Уксорт ба сари машварат нишастанд.

-- Артабоз кист ва мавқеи ӯро бароям равшан бикун, бузургворо?

Уксорт аввал мутафаккирона ба кадом як нуқтаи номаълум дида дӯхту сипас беписандона хандида ба забон омад:

-- Артабоз аслан сокини шаҳраки назди Марв – Навтоқи худамон буда, барвақт бо падари тоҷираш яке аз муқимиёни ё табаайи Юнон шуда буд. Марди доно, корчаллон, ҳушёр ва забондон аст. Ба қавле ду зани юнонӣ дорад, ки аз яке дах ва аз дигаре соҳиби ёздах фарзанд мешавад. Яке аз духтарони ҷамилаи ӯ, ки Барсина ном дорад, ҳамсари Искандар аст. Писари ӯ Қоф ҷавонмарди шуҷоъ ва ҳоло яке аз сарҳангони Искандар аст. Ҳамаи фарзандони Артабоз маълумоти волои юнониро соҳибанд. Худи ӯ имрӯз шаст ё шасту панҷ солро дорад.

-- Чаро ба Юнон рафтааст ӯ?

-- Байни Артабозу Дорюши Сонӣ адовати шадиде ба вуҷуд омада буд. Ба ҳар ҳол Доро бо хеле олимону доноён ва рӯшанфикрон забон ёфта натавонистааст. Яке аз сабабҳои мағлубияти ӯ ин якравию худдонамии ӯст. Ин буд, ки Мамнун, Мантор, ҳатто Харидемаи юнонии вафодор, ки Доро ӯро қатл кардааст, бархе солору бузург ва аз Дорову Искандар қавитар буданд.

-- Хайр, бо Артабоз чӣ чора меандешем?

-- Бояд сабр кард, писарам. Артабоз марди пир ва беғараз аст.

Ногоҳ хабар оварданд, ки сакойиҳо баҳри сарвату мол мардуми Балхро ғорат мекунанд. Сапитамон Датафарнро дастур дод, ки алайҳи онҳо чора бинад.

– Сесад нафар сакойиҳои ваҳшӣ, ҳарчанд ки бебоку хуб ҷанг мекунанд, вале ба ин андоза чашмгурусна ва муфлисанд! – мад кашида ба Сапитамон рӯ оварад Уксорт.

-- Чӣ чора, коҳини бузург! Панҷ ангушт баробар нест. Қолабу тарҳрезии офаридгор чунин будааст.

Мардуми гурусначашму ваҳшатзада, ки аксар сару либоси чармӣ ба бар, колои сафариашон аз ғаниматҳои гуногун дамида, беписандона дар назди Уксорту Сапитамон ва аскарони Датафарн рост истодаанд. Яке аз сарони ин қавм қадаме пеш гузошта, ба Сапитамон арз намуд:

-- Чанд моҳ аст, ки мо ба хизмати ту будем. Бале, бо ёрии

туву қавми ту ҷон ба каф гирифта ҷангу хунрезӣ мекунем. Сакуншоҳ моро гуфта буд, ки шуморо суғдиён аз молу сарват ғанӣ мегардонанд. Куҷост маошу ғанимат? Мо ба аёлу фарзандонамон чӣ мебарем? Чӣ?

Сапитамон ин сарҳанги сакойиро хуб медонад. Ӯро Пилсом ном буд. Ҷавонмарди бадфеълу бадмуомила медонист. Аз ин хотир бо истилоҳа муроҷиат кард:

– Одамиро аз ҳайвон бояд фарқе бошад. Магар аёлу фарзанди шумоён интизори онанд, ки молу ҳоли бародаронро бигиред? Охир, бохтариён қавму марзи бостонии мо, дар як ришта, дар як оин, дар як динанд, хунбахунанд онҳо, мефаҳмӣ ё на?! Шуморо заҳраи қавиъ бошад, ба моли Искандари Мақдунӣ тозед!

Сакоиҳо сархам ва шармсор бимонданд. Он гоҳ Сапитамон боз афзуд:

-- Ин гуноҳи шуморо, ки бори нахуст аст мебахшам, вагар такрор бишавад, бидонед, Сапитамон дузду ғоратгар нест, ӯ адолатхоҳу росткирдор аст ва ҳатман аз дами теғ хоҳам гузаронид!

Ғаниматҳо бозгардонида шуд. Пилсом норозиёна бо ҳамроҳонаш дур рафт.

-- Агар инҳо суғдиён мебуданд, бе чуну чаро қатл мефармудам. Чи кунам онҳо арзи меҳмониро низ доранд, - сахт муроҷиат кард Сапитамон ба ҳозирон.

Бегоҳирӯзӣ суғдиёну бохтариён базм оростанд – базми пирӯзӣ. Дар тӯли як ҳафта мардуми гурезаи Балх ба ошёни худ баргашта, бо касбу кори хеш идома медоданду вайронаҳоро обод мекарданд. Зиндагӣ дар шаҳри номдори Балх ба танзим меомад.

Сапитамон ва Уксорт роҳи қосиди Сосимеҳрро, ки ба Мароқанд равона карда буд, интизорӣ мекашиданд. Ниҳоят, қосид бо рангу рӯи коҳида, дардманд даррасид ва маълум кард, ки Искандар авал Навтоқ, сипас Афросиёбро ғасб намудааст ва нияти ба Хуҷанду Сакистон рафтанро дорад. Дар ҷанги беамон ихшиди Мароқанд Таҳмурас кушта шудааст. Дили Сапитамон ғамӣ гашт ва амр дод, ки лашкарро ба сафар омода бикунанд.

Дастаи суғдиёну бохтариён ва сакойиҳо рӯзи дуввум ба сарҳади Афросиёб, ки акнун бархе Мароқандаш мехонанд, расиданд ва пас аз андаке сариштагӣ тезу тунд ба шаҳр зада

даромаданд. Ҷанг ду рӯз идома ёфт. Урдуи Мақдуниён бо сарварии Аминта ва Кенни фессалӣ ҳамаи чорахои муҳофизатии ҳокимяти муваққатии хешро медиданд, вале ҳокимияти онҳо қурбе надошт. Зеро халқи маҳаллӣ ва фидоиёни мароқандӣ душвориҳои Сапитамонро осону мушкилиҳои суғдиёнро кушоиш мебахшанд. Шаби дуввум Аминта ва Кен роҳи ҳазимат ихтиёр карданд. Молу мулки мақдуниёнро Сапитамон ба аскаронаш ва сакойиҳои чизпараст бахшид. Уксорт ва Катон Сапитамонро ба сифати ихшиди муваққатии Мароқанд эътироф намуда, худашон ба қалъаи Ҳуриён баргаштанд. Онҳо шод буданд, ки суғдиён тавонистанд ду шаҳри бузургро аз зулми юғи мақдуниёни ба қавле фатҳнопазир ва дастболо мағлуб созанд. Уксорт мехост ҳар чӣ зудтар ин хабари хушро ба Рухшона бирасонад ва ин пирӯзии нахустинро шодона тантана бикунанд.

Сапитамон ба тармиму ободии шаҳри қадима, маркази Суғдиёна – Мароқанд бо тамоми ҷидду ҷаҳд машғул шуда буд. Қасру работҳоро аз берун деворҳои сангӣ мезад, фидоиёнро ба гирди хеш ҷамъ карда, сафи аскаронашро афзун мегардонид. Ба Мароқанд ҷавонмардони асил, тоҷирону косибон, киштгарону ҳунармандон ва ҳатто олимону мӯбадон гирд меомаданд. Шаҳри бостонии Мароқанд ободу озод ва шукӯҳи тоза мегирифт.

ОДАМХУДО

Ӯст, ки ҷаҳонро қабл аз ҳама андешид ва бараколи худро дар равшании осмонҳо қарор дод. Ҷаҳон ба касе тааллуқ дорад, ки ростӣ, дурустӣ ва андешаи аълоро ба василаи ақл бино ниҳодааст.

(Аз «Авасто»).

Рӯди Яксарт[1] ягона сарҳаде буд, ки дар соҳили рости он сакойиҳо ва дар соҳили чапаш хуҷандиҳо дар ҳамсоягӣ дӯстона зиндагӣ мекарданд. Кӯҳҳои соҳили рости дарё ба монанди кӯҳҳои водии Суғдиёна сар ба фалак кашида, баландқулла ва воҳиманок набуданд. Онҳо паст, вале сера-

[1] Рӯди Сир, Сайҳун.

лаф буда, барои чаронидани чорво мувофиқат мекарданд. Дар паси ҳамин кӯҳҳо халқу қавмҳои массакҳо, доғҳо, парнҳо, апасакҳо, иссиҳо, таорнҳо ва дигар қабилаҳо, ки онҳоро бо як забон «сакойиҳо» /ба истилоҳи имрӯз «скифҳои шарқӣ»/ меномиданд, истиқомат доштанд.

Ҳар сол талу теппаҳоро алафҳои аспист ё юнучқа меномиданд, кӯмод ва буттаи хома / онро гиёҳи шарбат низ меномиданд/ фаро мегирифтанд. Дар ин ҷойҳо асппарварӣ, шутуру хачирбонӣ ва парвариши моли майда равнақ ёфта буд. Гавазнҳо ва аспҳо сутурони муқаддас ба шумор мерафтанд. Вале ин сол хушкӣ ва қаҳтӣ омад. Тамоми сол на борони дурустеву на барфи казойи борид. Он гиёҳҳое, ки авали баҳор бо сад умеду орзу ба рӯйи замин неш зада баромада буданд, дар як муддати кӯтоҳ аз сад гул яке накушода, аз гармои оташбори табиат сархам ва пажмурдаву хазон гаштанд. Ҳатто ҷиллаю малаххое, ки чир-чиркунон хомӯширо халалдор мекарданд, дам ба дарун зада буданд. Чорво паи ҳам ба ҳалокат мерасиданду захираҳои хӯрокворӣ тамом мешуд.

Сакуншоҳ – ҳокими массакҳо марди панҷоҳ – панҷоҳу панҷсола, миёнқад, сиёҳҷурда, мешчашм, абрӯвонаш каммӯй, вале ҷиддӣ намедонист, ки чӣ чора андешад. Вай камзӯлу шолвори чармин ба бар, аз болои он камарбанди сербар, ки бо ҷавоҳирот мурассаъ буд, ба камар баста ва ба сараш кулаҳхӯди нӯгборик пӯшида, рӯйи намати сафед равуо дошт. Дилаш дар хаймаи васеъ ва аз ашёи қиматбаҳо моломоли ҳокимӣ, тангӣ мекард. Гоҳ-гоҳ ба ягона тасвире, ки ба рӯйи қолин устокорона кашида буданд, нигоҳ меафканд. Дар тасвир модагурге тифли одамиро тарбия мекард – аз синааш шир медод. Сакуншоҳ нахустин бор ба ин тасвири дар байни халқ шӯҳратёфта нигариста, нафраташ омад ва бо овози баланд:

-- Кадом гург ба одам дӯстӣ кардааст, ки ин модагург кунад! Ҳама орзуҳои хушку холӣ... Ба назарам ин дунё афсонаро мемонад ё ба қавли мӯбадон «охирзамон фаро мерасад».

Ҳоким бо кафи дасташ сари бемӯяшро молишкунон ба хаёл рафт: «Мо мардуми сакойи ба ғайр аз чорво дигар чӣ ҳам дорем? Ё ба самти баландкӯҳҳо рахти сафар бандем? Не, аҳолию чорвои мо дар он ҷойҳо ғунҷоиш намеёбад. Аҷаб корҳое! Оҳ, худоён, аё Меҳр! Наход, ки ҳамаи чашмаҳои сероб яку якбора хушк шуда бошанд?!».

Сакуншоҳ надимашро фармуд, ки ба назди Сакиет – мӯбади бузург рафта, ӯро ҳатман ҳамроҳ гирифта биёяд ва худ рӯйи арақшорашро бо матое пок намуда, аз зарфи кадугӣ шири асп нӯшид.

Мӯбад бо тавозеъ назди ҳоким даромада, ӯро ситоишкунон болои қолӣ нишаст ва хавотиромез ба чашмони Сакуншоҳ нигоҳ кард, ки ӯ чӣ мехоҳад ва барои чӣ ӯро даъват кардааст. Вақте Сакуншоҳ мӯбадро аз воқеа огоҳ намуд, вай оҳи бадарде кашида, гуфт:

-- Вахшурҳо[1] алайҳи мо ба қаҳр омадаанд, ки мо гунаҳкорем, қурбонӣ намекунем, ба аспу гавазнҳои муқаддас саҷда намеорем. Ба мо лозим аст, ки ҳар чӣ зудтар рӯҳи пайкеро ба назди худоҳо бифиристем ва ӯ бо гиряву зорӣ илтиҷо намояд, ки барои чорво на хома, на кӯмод ва на аспист мондааст. Ҳатто буттаҳои худрӯй саросар хушк шуда истодаанд. Шояд ки онҳо ба мо раҳм намоянд, бороне бифристанд, чашмаҳоро баҳри мо шодоб бисозанд, охир мо бандагони ӯем. Ин кори хайрро ҳарчи зудтар ба ҷо овардан лозим аст, - мӯбад аз сухангӯйи бозмонда гӯё оби дидагонашро аз ҳоким пинҳон мекарда бошад, сар хам намуд.

-- Дуруст мегӯйи. Пагоҳ баробари намоён шудани аввалин нурҳои офтоб, рӯҳи пайкеро ба назди худоҳо фиристодан лозим аст! – амр дод ҳоким.

Мӯбад итоаткорона аз паи фармон шуд.

Субҳ чодари сиёҳи шабро пароканда сохта, сапедаафшонӣ мекард. Дар баландии кӯҳ кайҳост, ки тамоми халқи Массак ҷамъ шудаанд. Издиҳом хомӯш, ғамгин. Танҳо ходимони ҳоким ва тақводорон – одамони «пок» даву тоз доранд. Дар назди мардум Сакиэт, Сакуншоҳ ва бародари ӯ Картасис /номи ӯ аз вожаи сакойии «карта» - «ханҷар» гирифта шудааст/, бо қиёфаи ҷиддӣ рост истодаанд. Ҳамин лаҳза ба назди сарони қабила марди хушандоми баландқомат, дар тан камзӯл ва шолвори кӯтоҳи пашмин пӯшида, ки Шерак ном дошт, бо эҳтиром ва боадабона вохӯрдӣ кард. Сакуншоҳ ин марди шуҷоъ ва донишмандро медонист ва ӯ дар назди халқ обрӯю эътибори хосса дошт. Дар байн оромии махсус тӯл кашид. Ҳама ба шунидани суханони Сакуншоҳ интизор буданд. Ҳоким андешаву сукути

[1] Вахшур – пайғамбар ва ҳомии бузург.

тӯлонии хешро бартараф намуда, лаҳзае ба абрӯвони ғулии пайвасти ин шахс зеҳн монд ва лаб ба сухан кушод:

-- Шерак! Туро дар қавми Массакҳо поктарин одам ва донотарин инсон мешуморем ва медонем. Барои ҳамин ҳам рӯҳи туро ба нази худоҳо фиристоданием, ки ту бояд талабҳои моро, арзу шикваамонро ба онҳо бирасонӣ. Мо гуноҳҳои хешро бо хуни қурбонӣ мешӯем, тавре бикун, ки онҳо гуноҳҳои моро омурзиш намоянд. Агар мо бандагон гунаҳкор бошем, барзагову аспҳо, фарзандони ширмак, модарон ва мӯбадони пок чӣ гуноҳ доранд? Илтиҷо карда, боисрор зорӣ намо, оби чашматро дареғ мадор, то ки онҳо барои мо бороне бифиристанд ва ё чашмаҳои хушкшударо ба ҷӯш биёранд.

Шерак суханҳои ҳокимро бо диққат гӯш мекарду итоаткорона сар фуруд оварда, гӯё ҳарфҳоро азёд мекарда бошад, лабонашро меҷунбонид. Ӯро ходимони мӯбад бо худ гирифта рафтанд ва мардум бо вай хайрухушкунон орзую ниятҳояшонро мегуфтанд, ки ӯ аз худоҳо муроди талабҳояшонро пурсон шавад. Бархе ҳавас мекарданд, ки вай ба дунёи роҳату фароғат, ба боғи биҳишт меравад, Шерак дар назди халқ гӯё ягона шахси хушбахтест, ки мислаш дар қавми сакойиҳо вуҷуд надошт.

Паси баландӣ се найзаи нӯгтези фӯлодини дароз, ки қисми поёнаш ба замин гӯронида шудааст, қомат афрохтаанд. Издиҳом дар атрофи он найзаҳои теғ ба фалак кашида, оғози ойинро мунтазирӣ мекашиданд.

Ниҳоят, офтоб аввалин нурҳояшро намоиш дод. Ходимон ба зудӣ ҳамаи либосҳои Шеракро кашида, бо як эҳтироми хоса дар пеши пояш чанд шумора шутуру гӯсфанд ва бузҳои шохдарозро кушта, қурбонӣ карданд. Сипас Шеракро бо хуни «муқаддас» бишустанд. Вай «пок» шуд. Он шахсоне, ки молҳоро кушта буданд, дарҳол аз дасту пойҳои «пайк»-и суп-сурхи ба хун оғӯшта гирифта, бо як чолокӣ, гуфтан мумкин аст, ки бо як санъати ба худашон хоса устокорона болои найзаҳо партофтанд.

Шерак дар болои найзаҳо муддате тапар-тапаркунон ҷонбозӣ кард ва пас аз лаҳзае тамоман ором шуд. Ҳамин вақт нидою фарёди гӯшкаркунандаи издиҳоми гӯё нав ба ҳуш омада, дастҳои худро ба сӯи фалак дароз карда рӯҳи «пайк»-ро ба назди худоҳо «гусел» карданд, гирду атрофро ба ларза даровард.

Акнун мардум озодона нафас кашида, ба якдигар меҳрубонона муомилаҳо зоҳир менамуданд. Дар рӯи ҳама умедворӣ, хандаю сурур пайдо шуда буд. Онҳо хеле дилпур буданд, ки акнун ҳамаи ниятҳояшон амалӣ мегардад ва чашмаҳо лабрез мешаванду борон беист боридан мегирад.

Картасиси паҳлавон ба ин расму оинҳо шубҳаомез нигоҳ мекард, ки ангуштонашро мефушурд ва аз содагии халқ дилаш ба риққат меомад, вале бовар ҳосил кард, ки ба ҳар ҳол қувваю иродаи халқ аз ҳама чизҳо бузургтар аст. Афсӯс ки инро ба касе фаҳмонидан мушт ба дарафш задан аст!

Рӯзҳо паи якдигар якрангу якраҳа мегузаштанд, вале на борон мебориду на дар чашмаю чуйборҳо обе пайдо мешуд. Картасис ин дафъа ба бародари мағрури худ нигоҳи хашмине афканда, рӯирост гуфт:

-- Ба фикрам, худоҳо тамоман аз мо рӯй гардонидаанд. Бечора, Шерак!

Ҳамин вақт қосиди шахсии Сакуншоҳ ҳарсосзанон даромада омад ва ба чои таъзиму хуш бош гуфтан:

-- Давлатпаноҳо! Рӯзи сиёҳ даррасид. Искандари Мақдунӣ ба Хуҷанд даромада, дар он ҷо работи ҷангии хешро барқарор карда истодааст, - гӯён мунтазири фармон шуд.

Сакуншоҳ, ки дар даст тири тиллоии камонғӯлакро нигаҳ медошту он рамзи ҳокимии массокҳо ба шумор мерафт, боз ҳам сахттар фушурда бо хашм:

-- Аз назарам гум шав! – гӯён ба расми модагург нигоҳ карда монд.

Сакуншоҳ марди мағрур ва худбовар буд. Вай ҳатто Искандарро ҳам писанд намекард. Аз ин рӯ ба бародараш нигоҳ карда, афзуд:

-- Картасис, лашкар бигир ва он аҷнабиёни бадбахтро аз водии Яксарт бирон!...

Сарлашкари сакойи тамоми шаб хоб накарда, нақшаи набардро андешид. Ӯ аз болои сангманор, ки ба дарёи Яксарт хеле надик буд, ба лашкаргоҳи Искандар нигоҳ мекард. Душман дар он тарафи рӯд давутоз дошт, ҷо-ҷо гулхани оташ забона мезад. Аз эҳтимол дур набуд, ки посбонҳо адои хизмат ба ҷо меоварданд. Картасис нигоҳи худро ба латофати асрорангези дарё дӯхта, мафтуни манзараи шаби маҳтобӣ гашта буд. Акси моҳи пурра дар рӯйи рӯд ором, бо як назокати зебандае алвонҷ мехӯрд. Сарлашкар ба ин дарёи пурас-

рор нигоҳ карда истода, ба андешаҳои амиқ ғӯта зад: «Субҳидам мо бояд бо тирҳои бешумори камонғӯлак ба адӯ ҳамлаи маргбор занем. Онҳоро бетоқат кунему ақибнишинӣ карда аз нав ба ҳуҷум оем, аҷнабиёнро ба дод биёварем.

Дирӯз хабар оварданд, ки сарбози шуҷоъ ва сарлашкари суғдӣ – Сапитамони родмард ба артиши калони Искандар зарбаи ҳалокатовар зада, Мароқандро ишғол кардааст. Ман ба Сапитамон ҳавас мекунам, кош ӯро боре медидам! Чаро Сакуншоҳ намегузорад, ки ман ба ёрии ӯ шитобам? Чаро? Эҳтимол, метарсад, ки суғдиён пас аз ғалаба ба сакойиҳо ҳуҷум хоҳанд кард? Агар бародарам ҳамин тавр андеша дошта бошад, пас ӯ ҳокими беандешаву нодон аст...».

Картасис аз банди хаёлҳо лаҳзае раҳойи ёфта, ба хонаҳои гилӣ /похсадеворҳо/, сангиву намадпӯши аъёну ашроф ва ба хонаҳои оддии аз қамишбандҳо, заминканҳо ва хаймаҳои бо пӯсти ҳайвонот сохта шудаи мардумони камбизоат маҳзунона нигоҳ афканда, боз ба хаёл рафт: «Мардум ба монанди рамаи гӯсфандон аст. Сакуншоҳ, ман ва дигар асилзодагон бошем, роҳбалад ва ё рамабонему халос. Халқ бо як шодмониву умедворӣ интизори он аст, ки «пайк» ба назди худоҳо рафта, кори хайрро ба иҷро мерасонад. Шояд ин хел ҳам бошад. Беҳтар буд, ки ҷои ин ба даст белу каланд, зоғнӯлу теша гирифта, ҷӯй кофта обе мебароварданд. Охир, дарёи Яксарт аз назди чашмони мо мегузарад ва аз сарбанди дарё сар карда ҷӯйи обе баровардан барои мо сакойиҳо малолнок менамояд. Не, мо танҳо дар умеди худою пайғамбарон мешавем ва дар натиҷа ҳеҷ кореро ба анҷом расонида наметавонем. Сакуншоҳ мисли барзагови гарданғафс мағруру якрав аст ва маслиҳатҳоро ҳеҷ қабул намекунад. Эҳ, Сапитамон! Агар ту ҳоло дар ҳамин ҷо мебудӣ, мо якҷо ба румиҳо чунон зарбае мезадем, ки Искандар дигар ёди водиҳои Яксарту Рӯдисуғд /Зарафшон/ намекард. Ба қавле падари Сапитамон ва модараш одамоне будаанд, ки зироаткорӣ мекардааанду дини оташпарастӣ доштаанд. Ба ҳар ҳол оташпарастӣ оини бузург аст...».

Ҳамин вақт дарё ба ҷунбиш даромада, шалаппоси об ба гӯши сарлашкар ғайриоддӣ расид. Абрӯвони ӯ ба ҳам пайваст гашта, дар чашмони зиракаш гӯё оташаке пайдо шуд ва ангуштонашро сахт фушурда, пайкарашро қадре ҳам намуд. Картасис ба мисли паланге, ки сайди хешро мушоҳида карда

истода бошад, оҳиста-оҳиста аз сангманори баланд ба поён фаромад ва ба соҳили дарё наздик шудан гирифт.

Ду нафар ҷосуси мақдунӣ шинокунон ба сӯи ӯ наздик меомаданд. Картасис номаълумона пушти харсанги калоне камин гирифт. Ҷосусон ба соҳил баромада ҳаросон ба гирду атроф назар меафканданд. Вақте ки онҳо машкҳои худро ба зери санге пинҳон карда, ба сӯйи лашкаргоҳи сакойи раҳсипор гардиданд, Картасис низ палангвор аз паси онҳо равона шуд. Вай дуруст фикр карда буд, ки агар худи ҳозир ба ҷосусон ҳамла намояд, онҳо ба лашкаргоҳи хеш овоз бароварда ё ягон «хабар» расониданашон мумкин буд. Ҳар чӣ дуртар рафтани онҳо айни муддаост.

Вақте ки ҷосусон ба лашкаргоҳи сакойи наздик шуданд, Картасис бо як чолокии ғайриоддӣ бо мушти путкмонандаш ба буни гардани ҷосусе чунон зад, ки ӯ ҳамон замон ба замин афтод. Ҷосуси дигарӣ ҳоло ба худ наомада дар назди чашмонаш ханҷари дурахшандаи дудамаеро дида, дам ба дарун фурӯ бурд.

-- Сатрок! – нидо бароварда сарлашкар.

Дар як лаҳза сардори посбонон, ки ҷавонмарди бузургҷуссаи либосҳои чармӣ ба бар назди кадхудояш ҳозир шуда, аз воқеа огоҳӣ ёфт.

-- Инҳоро дар таҳхона гинаҳ дор!

-- Ба чашм!

Картасис пас аз андаке бо худ тарҷумонеро ҳамроҳ гирифта, ба таҳхона даромад. Ҷосуси зарбхӯрда ба ҳуш омада бошад ҳам, сар боло карда наметавонист. Сарлашкари сакойи ба асирон таъкид карда, мегуфт:

-- Агар шумо рости гапро нагӯед, мо шуморо қатл мефармоем. Барои мо фарқе надорад. Беҳтараш ҳақиқатро нақл кунед ва ман шуморо озодӣ мебахшам.

Ҷосусонро дигар роҳи раҳойи набуд ва онҳо ҳақиқати ҳолро ба сарлашкар бигуфтанд. Картасис аз ҷосусон маълумоти хеле зарурро гирифта тавонист. Ба қавли асирон онҳо пас аз гузаштан ба тарафи сакойиҳо, ба аскарон румӣ чунин хабар расониданашон лозим будааст: Агар сакойиҳо дар ғафлат бошанд, оташе афрӯхта, бо бари ҷома боисрор пеши оташро кушодаву пӯшиданашон кифоя будааст. Он гоҳ аскарони Искандар ба он тарафи соҳил гузашта шабохун мезадаанд. Дар акси ҳол ҷосусон бояд пас мегаштанд.

Картасис чолок аз ҷой бархоста, тамоми аскаронашро як ҷо ҷамъ сохта, бигуфт:

-- Тамоми артишбадастҳо /найзадорон/, сигарисдорон /ононе ки бо табарҳои дутеғаи ҷангӣ мусаллаҳ буданд/ ва акинакбозон /шамшердорон/ ба ғайр аз аслиҳаҳои асосии худ боз камонғӯлак ва тирҳои пӯлодпайкон бигиред ва овоз набароварда қад-қади соҳили дарё камин гирифта, интизори фармони ман шавед. Эҳтиёт бошед, ки душман аз воқеа воқиф нагардад. Ту Сатрок бо дастаи худ дар ақибгоҳ истода, дар фурсати зурурӣ ба мадад бирасӣ. Шумо хизматгорон, аспҳои ҷанговаронро ба пушти тепа гузаронида, нигаҳбони онҳо бошед. Занҳо ва духтарони далер, ба камондорон ҳар чӣ бештар аз най тир сохта, ба онҳо бирасонед. Худо-Меҳр мададгори шумо бод!

Ҷаговарон аз паи иҷроиши фармон шуданд. Картасис ба ҷосус фармон дод, ки ба лашкаргоҳи Искандар «хабар» расонад, ки сакойиҳо дар «ғафлатанд».

Пас аз расидани «хабар» аскарони Искандар ба амаду машкҳо савор шуда, аз рӯди Яксарт шинокунон сӯи онҳо меомаданд. Ҷанговарони сакойи гӯш ба фармони Картасис шуда, оромона камин гирифта меистоданд.

Ҷосусон аз омадани аскаронаш ҳаросида, саросемавор ба назди сарлашкари сакойи омада гуфтанд:

-- Ту ба мо ваъдаи озодӣ дода будӣ, акнун моро иҷозат деҳ, ки мо тарки Искандару тарки ҷанг кунем.

Картасис табассумкунон ба ҳар яки онҳо пӯсти мӯҳрзада дода, гуфт:

-- Ман ваъдахилоф нестам ва бо ин рухсатнома шумо метавонед дар куҷое, ки сакойиҳо истиқомат доранд, зиндагонӣ бикунед ва ё гузашта биравед. Истед, ки шумо чӣ ном доред? – аз ҳар эҳтимол пурсид сарлашкар.

Асирон рухсатномаро ба даст гирифта, дар рӯйи он тасвири асп ва барзагови муқаддасро диданду дилпур шуданд ва таъзимкунон номҳояшонро гуфтанд:

-- Евмен писари Гагнон – аз Юнонзамин.

-- Маро Лисип меноманд. Мусаввир ҳастам...

Вақте ки душман хеле наздик омад, сарлашкар Картасис фармон дод:

-- Сакойиҳои ман! Душманро қир кунед, парронед онҳоро!

Оромии тӯлоние, ки то ҳол вуҷуд дошт, якбора тағйир ёфта, «ҳой-ҳуй» «гирумон» ва ғалоғула сар шуда рафт. Тирҳои бешумор шуввасзанон парвоз карда, адӯро ба ҳалокат мерасонид. Сакойиҳо аз ин ки душман ба ҳайрат биёянд, гургвор уллас мекашиданду шағолвор нӯла мезаданд.

Картасис хеле хурсанд шуд, зеро аз сакойиҳо ягон нафар талафот надида, душмани бисёре ба ҳалокат расид. Мурдаҳо гоҳ рӯи об мебаромаданду гоҳ андаруни об ғайб мезаданд. Ҳеҷ кас аз аскарони Искандар ба соҳил баромада натавонистанд. Занон, духтарон, пирон мардонавор меҷангиданду ба аскарон ёрӣ мерасониданд. Онҳо аз камонгӯлак бехато нишон гирифта, душманро маҳв месохтанд.

Субҳ медамид. Ҷанговарони сакойи ҳоло ҳам тир меандохтанду ба адӯ зарбаи беамон мезаданд. Қарибиҳои нимаи рӯз вазъият тағйир ёфта, Искандар манҷаниқҳои сангпартою оташборро ба кор андохт. Он гоҳ Картасис маҷбур шуд, ки ақибнишинӣ кунад. Вақте ки душман бори дигар ба воситаи амаду машкҳо ба соҳил наздик шуд, сакойиҳо барқвор ва ногаҳон ба ҳамла гузашта, Искандарро ба ҳайрат оварданд. Тамоми шаб тири бешумор ҷониби адӯ ба монанди борону яхча борид. Вале сакойиҳо акнун талафот дида, бештар маҷрӯҳ мешуданд.

Рӯзи дигар фалаҳмонҳои беҳисоби Искандар ба кор даромада, ба аскарони Картасис зарбаи сахте расониданд. Аскарони румӣ асирони зархариди ӯ боз ба амаду машкҳои дарёгузар савор шуда, ба ҷониби сакойиҳо мегузаштанд. Ҷанговарони Картасис наметавонистанд, ки пеш раванд, зеро сангу нафтҳои оташбор беист мерехтанд ва он гоҳ сакойиҳо хешро пушти тепа гирифта ба аспҳо нишастанду ҷониби саҳро фирор карданд. Дар шаҳри массакҳо низ ҷонзоде намонда, ҳама паси талу тепаҳо паноҳ ёфта буданд.

Ҳавои саратон ба монанди дами аждаҳои оташбор ба гирду атроф аланга мепошид. На шамолеву на чакраи обе буд. Чунон оромие ба вуқӯъ омада буд, ки гӯё асрҳои аср дар ин ҷойҳо касе зиндагӣ накарда бошад. Вале Искандар бо лашкари калон саргарми пирӯзӣ, ба таъқиби сакойиҳо афтод ва надониста монд, ки ӯ аллакай шаш-ҳафт фарсах[1] роҳро

[1] Фарсах – масофаест, ки ба 6 км. баробар.

тай кардааст. Ниҳоят, Искандар ва тамоми артиши ӯ фиреб хӯрданашонро ҳис намуда, бозистоданд. Ташнагӣ ва гармо онҳоро лакоту бемадор карда буд, гарчанде як гурӯҳеро ба муоинаи атроф фиристода буданд. Пас аз муддате яке аз пайшиносон сардобаеро пайдо карда, хабар ба Искандар бурд. Ҳама ба сӯи сардоба расида, аз он оби закоб бинӯшиданд. Бояд қайд кард, ки дар талоши он зарбу латхӯрдагон кам набуданд. Пас аз андаке аксари обнӯшидагон ва Искандар ҳам ба табларза афтоданд ва беист қай мекарданд. Онҳо аз оби ифлос заҳролуд шуда буданд. Искандар аз ин воқеаи тасодуфӣ хеле ба риққат омад ва диадемаи худро аз сар гирифта, бо овози пичирросиву гирифта бигуфт:

-- Сарлашкарони ҳарбдидаи худ Андромен, Менедема ва Каранро, ки ба муқобили як дастаи хурдакаки авбошони суғдӣ, ки роҳбараш Спитамен аст, фиристода будам, дар назди соҳили Политимет[1] шикаст хӯрданд. Мо бошем зафар наёфтаем, балки дур аз соҳили дарёи Танаис[2] ҷон канда истодаем, ҷон! Гумроҳҳо, бефаҳмҳо!...

«Дӯстон» /сарлашкарони содиқи Искандар/ ба суханони ӯ гӯш карда меистоданд ва Искандари Мақдунӣ кулаҳхӯди хешро девонавор ба замин зада, дод мегуфт:

-- Ба ақиб гардед! Ҳа, шармандавор ба ақиб! Ҷин занад шуморо!...

Дар бозгашт беш аз саду панҷоҳ нафар аскари Искандар ҳалок гардиданд ва худи ӯ низ ба шикамдарди сахт гирифтор шуда буд. Ӯ ҳеҷ гоҳ ба ин андозаи шармандагӣ нарасида ва хеле кам аст, ки ақибнишинӣ кардааст...

Сакуншоҳ, Картасис ва ҷанговарон якҷо бо халқи массакҳо, оромона ба манзилҳои хеш баргаштанд. Ба сарлашкар маълум карданд, ки Сатрок ва зиёда аз сад нафар сакойиҳо дар вақти ба соҳил баромадани лашкари Искандар ба ҳуҷум баромада буданд, фавтида ва асир афтодаанд. Картасис аз ин хабар бисёр ғамгин шуд, зеро Сатрок ҷанговари бомаҳорат ва яке аз лашкаркашони майдондида, марди хеле ҷасур ва дӯсти наздики ӯ буд.

Рӯзи дигар Сакуншоҳ фармон дод, ки ҷанговарони

[1] Дарёи Зарафшонро юнониҳо ҳамин тавр меномиданд.
[2] Танаис - /ба румӣ/ дарёи Сир.

мачрӯҳро муолиҷаи хуб ва ҳалокшудагонро бо як тантанаи бузург дафн намоянд.

Маросими дафн оғоз ёфта буд. Чанд нафар сакойи кулоҳҳои пашмин ба сар чобукона чоҳ меканданд. Ин чоҳқабрҳо васеъ ва деворҳояш ҳамвор буд. Пас аз канда шудани сағонаҳо Сакиэт ба осмон, ба офтоби нурбахш нигоҳкунон ба ниёиш пардохт:

-- Вахшурҳои муқаддас ва эй худои бузург Митра /Офтоб/! Маълум аст, ки ту ҳазору ҳазорҳо чашму гӯш дорӣ ва ҳар як кирдору рафтори бандагонатро назорат мекунӣ. Худат шоҳид ҳастӣ ва ба ту ҳамин бандагон лозим буданд, пас бигирифтӣ. Онҳо акнун дар хизмати ту ҳастанд ва бигзор ин одамони шаҳид дар он дунё бо роҳату фароғат зиндагонӣ бикунанду рӯҳашон шод, ҷояшон рӯшан бод!...

Дар вақти дуохонӣ мӯбад ба касе нигоҳ накарда гӯё бо худову пайғамбарон «сӯҳбат» карда истода бошад, хешро дар олами дигар ҳис мекард.

Мардум орому сокит буданд. Сакиэт ҳамин вақт ба дасташ ханҷари тезро гирифта, ба назди марҳуми аввалин омада, гуфт:

-- Эй бандаи Митраи нурбор офарида! Ту бо ин пойҳоят дар рӯи замини муқаддас қадамҳо бимондӣ, зиндагӣ кардӣ ва эҳтимол аст, ки ӯро ранҷонида бошӣ. Аз ин вақҳ гуноҳхои туро аз пайкарат дур бисозем, то ки ту дар он дунёи пурнозу неъмат осуда зиндагонӣ бикунӣ...

Мӯбад бо ханҷари тез пӯсти ғафси зери пойҳои марҳумро бурида, болои оташи фурӯзон партофт ва ба суханаш идома дод:

-- Кунун хоки аз нур бино шуда, аз гуноҳи ту бигузарад ва Митраи рӯҳбахш далолат намояд, ки бандагони марҳум аз гуноҳ орӣ шудаанд!

Баъд аз ин марҳумро дар як кунҷи лаҳад хобониданд. Мӯбад ба назди аспи марҳум омада, гӯё бо вай гап мезада бошад, пичиррос зад:

-- Эй ҷонвари вафодор! Ту барои соҳибат содиқона хизмат кардӣ ва ҳоло ӯ аз ин дунёи пурғам реҳлат намудааст ва ту низ ҳамроҳи ӯ бошӣ. Бирав, соҳибат нигаҳбони туст. Зеро дар уқбо ту барои кадхудоят зарур хоҳӣ шуд.

Бо ишораи мӯбад марде, ки дар даст табари дастадарози фӯлодинро нигоҳ медошт, назди аспи марҳум омад, ки чаш-

мони аспро ба матое баста буданд. Вай ба сари асп чунон устокорона табар зад, ки ҷонвар ҳамон замон аз пой афтод. Мулозимон аспи қурбоншударо низ ба ҳамон қабр ҷобаҷо карданд ва мӯбад хокистари сӯзонро, ки пӯсти зери пойҳои марҳум сӯхта буданд, ба қабр партофт ва сипас ба болои чоҳи қабр хок кашиданд. Болои тепачаи қабр шамшери ҷанговари марҳумро низ то нимааш ба хок бихастанд.

Ҳамин тавр қабрҳои дигар, тепачаи бисёре пайдо мешуд.

Пас аз маросими дафн ҳайвони бисёре қарбонӣ шуд ва мардум ба эҳтироми фавтидагон ба навҳахонӣ даромаданд.

Сакуншоҳ ба соҳибони шаҳидон як донагӣ ба андозаи тухми мурғ нуқраҳо тақдим кард ва бо ҳамин маросими дафн анҷом ёфт.

Картасис баногоҳ ҳис намуд, ки дар осмони нилгун абрҳои фаровоне пайдо шуда, ба ҷониби ӯ меоянд. Вай ба ҳамон абрҳо нигоҳ карда, ба хаёл рафт, ки шояд ин абрҳо ҷони аскарони дар ҷанг ҳалокшуда бошанд.

Ҳамин вақт чокараш асп давонида омаду хушнудона ба ӯ гуфт:

-- Шодиёна дех, ки қосиди дӯсти ғоибонаи ту Сапитамон ба ҳузури мо омада истодааст!

Дили Картасис ба тапиш даромада, бо як ҷаҳиш ба аспаш нишаст ва ба он тараф гӯё парвоз кард. Раҳо-раҳ вай андеша меронд, ки агар қосиди суғдӣ дар ҳақиқат ҳам аз ҷониби Сапитамон омада истода бошад, пас ӯ ҳамроҳи онҳо меравад. Бо ҳамин ҳукм ба истиқболи қосид баромада, бо оғӯши боз меҳмононро истиқбол гирифт.

Вакилони суғдӣ ба шаҳри массакҳо қадам гузоштанду баногоҳ борони пуршиддати тӯлонӣ ба боридан сар кард. Ин воқеаи ногаҳониро ҳатто Сакуншоҳи мағрур ҳам аломати нек пиндошта, бо чеҳраи кушод фармон дод, ки пеши пои қосидон чорвои фаровоне қурбонӣ намоянд.

Картасис шод буд ва чашмони ӯ барқвор медурахшидану рӯй ба борон дошта, худ ба худ мегуфт:

-- На ба вахшуру худоҳои гуногун, ки ҳама ба афсонаҳою ривоятҳо шабоҳат доранд, балки ба одам, ба одами покрой – ба Сапитамони одамхудои некмард эътиқод ва бовар кардан лозим аст. Бале, ба Сапитамони одамхудо!

САПИТАМОН ДАР САРАЗМ

Золимеро раҳм орӣ аз карам,
К-аз барои нафқа бидҳи се дирам?
Дасти золимро бибур, чӣ ҷои он
Ки ба дасти ӯ диҳӣ ҳукму инон!
/Мавлавӣ/

Тобистони соли 328 то милод. Ҳаво гарму хушк. Ба қавли сайёҳони ба Мароқанд омада «шаҳр аз гармо дам мезанад, вале обу меваҳояш басо шифобахш аст!» Тӯли ду-се моҳе, ки Сапитамон ба сифати ҳокими шаҳри Мароқанд салтанат меронд ва шаҳрро ободу мардумро аз зулму андозҳои гуногун озод кард, овозаҳои гуногун низ пайдо мешуданд. Ба қавле Ҳуриён гуфтааст, ки мо сарони Суғдиёна ба Сапитамон ёрӣ расонидем, мӯҳри сарлашкарӣ додем, ӯ ба ҷои душманро аз марзу буми мо дур сохтан, ихшиди Мароқанд шуд. Ё гуфтаанд, ки писари марди аслан сарҳангу киштгар магар ҳоким мешавад ва ба ин монанд гапу калочаҳо.

Сапитамон ба ҳамсараш Навиштаи меҳрубон дар ин бора гуфтугӯ доштанд:

-- Азизам, бигӯ. Магар ман ҳокими бад ҳастам? Гумон доштам, ки бо истифода аз вазифаю ин мансаби олӣ, мардумро муттаҳид мекунам, вале ҳокимон зидди ман мешӯранд. Ҳатто Ҳуриён барин каси ба ман наздик, хешро «дӯст» пиндошта, сарбозонашро пас гирифт.

-- Туро зарур аст, ки бо ҳокимону афшинон машварате бисозӣ. Уксортро ба ёрӣ даъват намо, - мегуфт Навишта гӯё мӯйҳояшро ба танзим овардаву пармосида.

-- На. Машварат суде надорад. Вақте ки сухан дар бораи мансабдорӣ меравад, онҳо лозим шавад *Суғдиёнаро* ба дасти Искандар низ хоҳанд супорид. Ё ин сарзаминро пора-пора қисмат карда, ба давлатҳои худмухтор табдил хоҳанд дод. Барои тоҷу кулоҳ ва тахт ҳама чизро, ҷону зану духтарона-шонро низ дареғ намедоранд.

Навишта ба андеша афтода, маънии ҳарфҳои шавҳарашро дарк намуд ва гуфт;

-- Бале. Ту оқилона ва орифона андеша меронӣ. Мансаб

мисли афюнест, ки боре чашидӣ, боз хумораш мегирад. Ё мисли шароби шайтонӣ аст, ки ҷон як умр дар қайди афсуну ҷоду мемонад.

-- Меравем, азизам. Барои ман ҳокимӣ не, озодии суғдиёну бохтариён, хоразмиву сакойиҳо пеш аст. Пагоҳ ба Саразм равона мешавем. Апома куҷост?

Ӯ назди мӯбади юнонидон рафтааст. Забони юнонӣ меомӯзад.

-- Барои чӣ?

-- Намедонам. Хайр, чӣ бадӣ дорад?

Сапитамон дигар чизе нагуфт ва ба духтари шонздаҳсола, ки кунун ақлу андеша ва олами фаҳмиши волои хешро дорад, чӣ ҳам бояд гуфт. Пас аз чанде боз тоқат шикаставу сабр гусаста, пурсид:

-- Чанд вақт аст, ки ӯ забони юнониро меомӯзад?

-- Қариб се моҳ.

Сапитамон табассум намуда, ҳамсарашро навозишкунон ба оғӯш гирифт ва афзуд:

-- Агар писар медоштем, Навишта...

-- Аз Ҳурмуз бояд илтиҷо кард, азизам на аз ман.

-- Бале, офаридгор мехрубону мададгор аст ва ин хоҳиши маро, албатта ба инобат хоҳад гирифт.

Навишта табассумкунон нозунузкунон бадар рафт, аммо чизе гуфтанӣ буд, нагуфт. Сапитамон бо ҳайрат аз паси ҳамсари зебояш нигариста, ба худ андешид: «Эҳтимол ӯ обистан шуда бошад? Ё парвардигори умедбахш, ё Маздо! Худат доною тавонойи ва ҳеҷ чиз аз назари ту пинҳон нест!»

Сапитамон бегоҳирӯзӣ сарону кадхудоёни бузурги Мароқандро ба машварат хоста, бародари Таҳмурас – Шопури Офаридунро ба ҷойи худ муваққатан ихшиди Мароқанд таъйин фармуд ва таъкид кард, ки вай бо кори ҷангу набард шуғл дорад, аз ин рӯ мӯҳрдорӣ вазифаи ӯ бошад. Агар ин тавр намекард мардум ба шӯр омада, талабгори дар тахту тоҷ истодани ӯро сахт мепурсиданд.

Сапитамон рӯзи дигар ба Шопур супоришу корҳои зарурироро фармуду таъкид кард:

-- Хоҳӣ, ки бо мардуми оддӣ забон ёбӣ, адолатхоҳ бош, ихшиди бузург хоҳӣ шуд. Ҳокимӣ ҳам кори ҳар нохалаф нест. Хайр, ман ҳоло дизу қалъаҳои ҷангиро дидан мехоҳам. Агар зарурате пайдо шавад, дараки маро аз шаҳраки Са-

разм, аз Нӯзаршоҳ хоҳӣ пурсид. Хуш бош! Супоришҳои маро фаромӯш макун, Шоҳпур!

-- Хуш бошу дилпур бош, ихшиди бузург!...

Он рӯз иде буд, ки дар Саразм ба вуқӯъ омад. Ба пешвози Сапитамон кӯчаву майдонҳо, хонаву роҳравҳоро гӯё озин баста, шаҳроройи мекарданд. Нӯзаршоҳ низ чорбоғи дилфиребашро барои истироҳати сипаҳсолори Суғд фароҳам оварда, ӯро ғайричашмдошти Сапитамон истиқбол гирифт. Ҳамагон ба пешвози ҳамдиёрашон баромада буданд: пирону барноён, бачаҳою духтарон, афсарону дарбориён, косибону кишоварзон ӯро хайра мақдам мегуфтанд.

Сипаҳсолори Суғд ба ҳама меҳрубонона дидор мекарду мисли пешина дӯстонашро ба оғӯш мекашид...

Пуришаспи ҳафтодсола вақте фаҳмид, ки писараш меояд, мисли кӯдак бо ҳаяҷон ва шодӣ рӯйи айвон баромад. Акнун ӯ чун пештара ҳузарбу фармондор ба назар намерасид. Қоматаш хамида, дастонаш ларзон, симояш пурожанг, суханонаш низ нимшунаво буданд.

Аз дур аспу аробаҳо ва сарбозон намоён шуданд. Дере нагузашта, ҳавлии Пуришасп аз одамон моломол шуд. Ҳама ӯро табрику муборакгӯйӣ доштанду омадани фарзандашро фоли нек мехонданд.

-- Падарҷон! – нидо бароварда бо бузургвораш ҳамоғӯш шуд Сапитамон.

Ӯ дастони падарашро мебӯсиду тани лоғару ожангҳои рӯяшро пармосида, меҳрубониҳо мекард.

Азбаски аксар ёрони ӯ саразмигӣ буданд, онҳоро иҷозаи озодӣ дод ва духтараш Апомаи нозанинро, Навиштаи меҳрубонро бо аҳли оила шинос намуд. Пуришасп арӯсашу набераашро бӯсида, Апомаро ба оғӯшаш кашид: «Набераам, гулаки бобо!» - гӯён навозиш мекард.

Аз олам чашм пӯшидани модари азиз ба Сапитамон аламовар буд ва ӯ ҳамон соат роҳ сӯи қабристонро гирифт. Рӯйи тепачаи гӯри модар зор-зор гиря кард, гӯё ғаму андӯҳи дилаш аз дидагонаш мешорид, заҳре буд, ки мерехт.

-- Волидаи азизам, модари ҷон! Ба хидмати ту нарасидам, дастёри ту нашудам. Гуноҳи маро авф бикун, агар ин гуноҳ бошад. Зеро муҳофизати ана ҳамин хоки ту, хоки муқаддасат маро дарбадару ба мусофиратҳо андохтааст. Омурзиш мехоҳам, илоҳо равонат шод бод, биҳиштии ман, заҳматкашу меҳрубонам!...

Сапитамонро ба ёд омад, ки бузурге фармуда: «Танҳо он кас хушбахт шуда метавонад, ки модар аз ӯ ризову падар дуогӯяш бошад».

Дертар Сапитамон фаҳмид, ки падару хоҳараш Фарангисро оилаи Фаридун нигаҳбон будаанд, шоду мамнун шуд. Ба қавли падараш, Нӯзаршоҳ низ гоҳ-гоҳ омада, кӯмаке ба харҷ медодааст.

-- Гандумҳо пухта, вақти дарав расидааст, писарам. «Як рӯзи тобистон сер бикунад зимистон!» - мегӯянд мардум. Саробон шав, орзуйи деринаи маро, ки мехостам ту киштгар бошӣ, ба ҷо ор. Бале, деҳқон бо кишт, косиб аз шишт!...

-- Мешавад, падарҷон, ба чашм!... – табассум мекард Сапитамон.

-- Дигар ин ки некӣ ва бадӣ охир надорад. Бояд сарҳади некиро кушода, ҳадди бадиро танг гирифт. Он гоҳ адолат ҳукмрону зиндагӣ шукуфон хоҳад шуд.

-- Ин панди шуморо ман дар марзаи дил нигаҳ хоҳам дошт, - бо мамнуният болида бадар рафт Сапитамон.

Рӯзи дигар писари Пуришасп ба аҳли Саразм сур дод. Пас аз ин воқеа бо тамоми чокарону наздиконаш ба ҳашари гандумдарав баромад. Дос дар бар ҳама шодон, Фарангиси хоҳараш сурудхон, Нижетак амакписари ширхурааш рудзанон, Фаридуну ёронаш бандинакашон ҷониби ғаллазор рафтанд. Навиштаи дуҷон бо духтараш Апома ва канизакҳои хосааш дар хона монда, ба даравгарон хӯроку шарбатҳо мепухтанд. Азбаски Фарангис бародарашро хеле ёд карда буд, дар паҳлӯи ӯ ба гандумдаравӣ пардохт. Суруди даравгарон ба гӯш замонҳои қадимро, оину зиндагии бостониро ба ёд меоварданд. Инчунин сурудҳои ҳузнангез аз зулму ситами амлокдорон, аҷнабиёни ғоратгар, душманони аҳриманпеша ҳикоят мекард.

Фарангис духтари чолоку бадаступо, миёнақад, гандумранг, хандонрӯву ситорагарм, ки дандонҳои садафосояш базеб ва яке аз дандони ашки ӯ каме ба пеш баромадаву ба ҳусни табии духтар ҳусни иловагӣ мебахшид, паст-паст суруд хонда гандум медаравид. Хоҳари Сапитамон ба ғайр аз қашангу чирапайкар буданаш боз аспсавори моҳира, ба камону синон андохтан чолок, шамшерзани чобук низ буд. Доси гандумдаравӣ гӯё дар дасти ӯ бозичае беш набуд, ки бо шавқ даравгарӣ мекарду ҳар лаҳза рӯйи арақшорашро бо

бари рӯймолаш пок менамуд. Шод буд, суруди ошиқонае замзама мекард.

Хашар-хушури дарав ва пайдо шудани пояҳои беҳисоби банди гандумҳо, ки худ як суруди умумӣ, суруди зиндагӣ буд, ба шав-шуви дарёи Рӯди Зар ва аҳён-аҳён вақ-вақкунон садо баровардани ғукҳо ба суруди духтар ҳамовоз мешуданд. Гарчӣ ҳавои тобистон ва қиёми офтоби саратон мисли оташ дам мезад, вале боди форами аз самти рӯд вазида ба кас ҳузуру ҳаловат мебахшид. Садои чир-чираку чиллаҳо ва малаххо баландтару беист ба гӯш мерасид. Аз дур шикоргоҳ ё мамнӯъгоҳи ҳокимони Суғд, ки бо номи «Пайридаезаи Суғд» машҳур аст, ҷилвагар мешуд.

Сапитамон аз болои мӯйҳои қаҳваранги ғулиаш, ки ба китфонаш фаромада меистод, пешонабанди абрешимии паҳну ҳошияаш гулобӣ баста, пайкари шеронаашро хамкунон гандум медаравид. Вай худро хеле хушҳол, аз ғаму андӯҳ орӣ, аз қайди ҳадаму ҳашам озод ҳис мекард. Ба худ андешид, ки беш аз се моҳи зиндагии дарборӣ ба як лаҳзаи гандумдаравӣ баробар шуда наметавонад. «Мардуми он ҷо хушомадгӯву рӯбаҳмизоҷанд, бесидқу сафоанд, маккору ношукранд!» - мегуфт ба худ.

Гандумзор мисли уқёнус лапиш мехӯрд. Мавҷи заррини гандумзор, мавҷи зиндагӣ, мавҷи ҳаёт, мавҷи ободӣ буд. Хӯшаҳои пухтаву пура мисли шогирдони донову шармгину асир сар ба эҳтиром хам намуда буданд. Падараш низ боре гуфта буд, ки зар неву бояд гандум захира кард. Зеро вақте мерасад, ки қадри як каф гандум аз як халта тилло авлотар мешавад...

-- Ваҳ чӣ хуш аст бӯйи гандумзор, бӯйи марзи азиз!...

Сапитамон ногоҳ аз дарав бозистод. Мӯрчаяке бо тамоми ҷидду ҷаҳд донаи калони гандумро кашидан мехост, вале дона вазнин, пура ва роҳи мӯрчаяк душворгузар буд. Мӯр бо дасту пойҳо, бо дандону пайкараш донаро бардоштанӣ ё ғелониданӣ мешуд. Ҳайҳот, дона меҷунбиду пеш намерафт. Чун мӯрчаяк фаҳмид, ки зӯри беҳуда мекашад ва танҳо аз ӯҳдаи ин меҳнати мушкил намебарояд, мӯйлабҳои дарозашро ҷунбонида, ёронашро ба имдод талабид. Лаҳзае нагузашта панҷ-шаш мӯрчаи чобуку чолок ва чира ба имдод расиданд ва якҷоя бо иттифоқ ҳаракаткунон донаро гирифта рафтанд. Ихшиди Мароқанд аз ин мушоҳида табассумкунон

ҳукм баровард; «Мо ҳам бояд муттаҳид шавем ва тифоқӣ ба мақсуд хоҳад расонид!».

-- Бародарҷон! – шунида шуд овози илтиҷоомези Фарангис.

Сапитамон сар бардошт. Хоҳараш доси кушодаашро[1] гирифта, бо рӯйи арақшор ба ӯ муроҷиат кард:

-- Теғчаҳои доси ман рехта тамом шудаанд.

Сапитамон бо як навозишу табассуми пур аз меҳр доси хоҳарашро ба даст гирифту бигуфт:

-- Ҳо-о... ана, назди хайма халтаи сангчаҳои шарар, онро ин ҷо биёвар.

Ҷавонмард резаҳои теғдори сангчаҳои шарарро миёни чӯбҳои дос гирифту сахту зич карда, бо ришта бубаст.

-- Монда шудӣ, хоҳарҷон? – пурсид Сапитамон кӯзаи обро нӯшидаву бо рӯймол арақи рӯяшро пок намуда.

-- Оҳ, бародари азиз! Ман имрӯз чунон шодам, ки ту эҳтимол тасаввур карда натавонӣ. Ҳама моро эҳтиром мекунанд, ҳавас доранд ва янгаю хоҳарарӯсам Апома низ чӣ тур меҳрубонанд, хушрӯянд!

-- Пас бармеояд, ки ман фурсатро беҳуда нагузаронидаам?

--На. Асло! Ту мададгори одамон ҳастӣ, мардум чунин мегӯянд. Сонӣ меҳрубону солор ҳастӣ ва ман аз ту меболам, Сапитамон!

Ҷавонмард аз суханҳои боэҳсоси хоҳараш мамнун шуда, бигуфт:

-- Ту ба Рухшона монанд ҳастӣ. Дар воқеъ, ӯ бо падараш Уксорт дар қалъаи Ҳариёнанд. Духтари коҳин Фаридунро дӯст медорад.

-- Чӣ хел хуб! Оҳ, Рухшона! Кош орзуҳо амалӣ мешуданд? Кош! Ана, Апома низ ба ин ҷо меояд.

То бегоҳ дарави гандум ба охир расид. Пуришасп хурсанд буд, ки дарави калони чандрӯзаро дар як рӯз тамом карданд, бовараш намеомад. Акнун нон фаровон хоҳад шуд. Сапитамон чанд муддат ба корҳои хоҷагӣ машғул шуда, бегоҳии рӯзи ёздаҳуми суғдӣ – Хвар қосиди Шопури мароқандӣ бо Датафарн ҳозир гашту муроҷиат кард:

---

[1] Доси гандумдарави суғдӣ аз чӯби заранг буда, байни ду тасмаи чӯбӣ парраҳои санги шарарро устокорона ҷо ба ҷо чида, сипас чӯбҳоро баробар ба ҳам мебастанд. Ин дос ҳам сабук буду ҳам гузаро.

-- Аз ҷониби Хуҷанд лашкари калони Искандар сӯи Мароқанд меояд. Шопури Офридун маро фиристод, ки ин хабарро ба ту расонам, то чорае биандешӣ.

Сапитамон қосидро истироҳат фармуд ва бо Датафарни балхӣ ба машварат пардохт.

-- Ман ба Мароқанд рафта будам. Роҷеъ ба маълумоти ба даст овардаи Шопури Офридун мақдуниён на танҳо бо мо, балки бо сакойиҳои поёноби Рӯди Зар низ зарба заданианд, - хабар медод Датафарн бо андеша.

-- Миқдори лашкари Искандар маълум аст?

-- На. Тахмин ҳашт ё даҳ ҳазор.

Сипаҳсолор ба тахайюл фурӯ рафт. Сипас сар боло карда, бо чашмони нимхоф ҷониби силсилаи кӯҳҳои Ҳосори шодмон дида дӯхт. Ниҳоят, бо мушташ сабук, вале бошаст мизро зада афзуд:

-- Мо дар Мароқанд ба муқобили Искандар ҷанг карда наметавонем. Зеро фолохунҳои қалъашикану нафтафшони ӯ бартарии куллӣ дорад. Сониян, қалъаи Мароқанд ба андозае устувору сахт нест.

-- Ба сифати роҳбарӣ, Искандар не, балки сарҳангони ӯ Каран ва Менедем меоянд.

-- Боз беҳтар. Вале бо се ҳазор суғдӣ бар зидди онҳо баромадан камоли нодонӣ аст.

-- Ба қалъаи Ҳуриён Картасис ном сарҳанги шуҷоъ бо шашсад нафар саворааш омадааст. Вай туро дидан мехоҳад.

-- Хеле хуб. Бояд нақшаи набардро кашид. Биё, сараввал хӯроки бегоҳирӯзиро мехӯрему сипас ба андешаи судманде меоем.

Датафарн ҳайрон монд. «Душман ба дарвозаи Мароқанд наздик шуда истодаасту вайро парвое нест!» - мегуфт ба худ Датафарн. «Ё кайҳост, ки ӯ нақшаи набардро тарҳрезӣ кардааст?»

Сапитамон пас аз таом қосид, Датафарн ва Нӯзаршоҳу Фаридунро ба ҳузур пазируфт. Ӯ сараввал ба қосид муроҷиат кард:

-- Ба хоҷаат бигӯ, аскарони Искандарро бе ҷанг, бояду шояд пешвоз бигиранд ва дарвозаҳои шаҳрро ба рӯйи душман бикушоянд, бархе ойини меҳмондориро алайҳи адӯ риоя намоянд. Ҷанг дар Мароқанд не, ҷойи дигар ба вуқӯъ хоҳад омад. Се ҳазор нафар сарбози Шопур ба мадади сакойиҳои

поёноби Рӯди Зар фиристода шавад, боқӣ омадани моро дар Қӯрғонча интизор бишаванд. Амри маро шунидӣ?

-- Шунидам ва дар ёд дорам, ихшидам.

-- Бирав! Тунд бирав, ҷавонмардо!

Қосид бадар рафт. Ҳозирон мутаҳайир ба Сапитамон дида медӯхтанд.

-- Азизонам! Мо бояд ҷангро дар ҳамин ҷо дар қарибиҳои Саразм бо аслиҳа ва нерӯи тоза гузаронем. Туғайзор ва шикоргоҳи ҳокимони Суғд мушкили моро осон хоҳад кард. Кунун, Датафарни азиз, супориш ба ту чунин аст. Фавран ба қалъаи Ҳуриён шитоб мекунӣ ва ҳамаи аскаронро пагоҳ, ҳар чӣ зудтар ин ҷо гирд меорӣ. Мо бояд румиҳоро ба муҳосира гирифта, нобуд бисозем.

Датафарн ноҳинҷор ба Сапитамон рӯ оварда ва суол дод:

-- Оё Ҳуриён чокаронашро ба ту медиҳад?

-- Чӣ тавр намедиҳад? Охир, душман ба ин ҷо меояд, ба қарибии Панҷакат?! Ба ӯ фаҳмон, вагарна чораи сахте нисбати ӯ хоҳам андешид. Картасис ва чокарони панҷакатиро бигузор Ҳуриён бо хӯроку лавозимоти ҳарбӣ таъмин бикунад.

-- Се ҳазор сарбози Мароқандро чӣ ҳоҷат буд, ки ба мадади сакойиҳо бифиристӣ, паҳлавоно? – муроҷиат кард Нӯзаршоҳ сарфаҳми воқеа нарафта.

-- Бале. Агар румиҳо сакойиҳоро мағлуб бикунанд, он вақт онҳо бо қувваи сакойиҳо ба сари мо ҳуҷум хоҳанд кард. Аз ин рӯ пирӯзии сакойиҳо, пирӯзии мо аст.

-- Охир, аскарони мо ҳамагӣ се ҳазоранду халос, Сапитамон! Ту чӣ кор мекунӣ?

Сипаҳсолор табассумкунон ба Нӯзаршоҳи хавотиру парешон бигуфт:

-- Ман онҳоро ба коми дарёи Рӯди Суғд меандозам. Бале, Рӯди Суғд мададгори ман хоҳад шуд. Сарбозо, - боз ба Датафарн муроҷиат кард Сапитамон, - хоҳарам Фарангисро ба ҳузури Рухшона бирасон, то онҳо ба дидори ҳамдигар бирасанд. Бирав!

Датафарн баробари шунидани номи Фарангис ҳолатро аз даст дода, ранги рӯяш тағйир ёфт ва саросема «Хуш бошед!» - гӯён аз паи фармон шуд.

-- Ту чӣ кор карда истодаӣ, писарам? Охир, Саразм дар ин ҷанг зери по мешавад! – илтиҷоомез аз нав муроҷиат кард Нӯзаршоҳ бо як хавотирӣ.

-- На! Балки Саразм номдор мешавад! Ту тадоруки масолеҳи хӯрок, таъминоти лашкарро бикун. Пирӯзӣ аз мо бояд шавад! Ҳурмуз мададгор.

Фаридун бо мамнуният табассум мекард.

ПИРӮЗӢ

«Сапитамон ба коре муваффақ шуд, ки касе аз ӯҳдаи он баромада натавониста буд: ӯ дар муҳориба як қисми артиши мақдуниро маҳв намуд».

(Ф. Алтхайм – муҳаррихи олмонӣ)

Фарангис дар саисхона бо аспи Датафарн гӯё сӯҳбате мероста бошад, сари аспи саманди бодпоро навозишкунон ва оғӯшкашон сухан мегуфт:

-- Ту хушбахт ҳастӣ, Бодпо. Ёри маро мебарӣ, ҳар куҷо бар дӯши худ. Муҳофизаташ мекунӣ ӯро.Вай низ туро дӯст медорад,ана ин тавр ёлҳои туро машшота мезанад, - гардани аспро ба оғӯш гирифта, зери манаҳи ҷонварро мемолиду мехорид, бӯса медод.

-- Ман низ туро дӯст медорам, зеро ту ҳамдаму маҳбуби ман ҳастӣ. Медонӣ, Датафарн ҷавонмарди хушсухану ростқирдор ва далер аст. Вай ба ман... – духтар аз асп шарм кард магар, ки давоми суханашро, рози пинҳониашро ошкор нагуфта, халтаи ҷавро ба гардани асп овехту ба марзи охур нишаста, ба хаёл рафт. «Бори аввал ӯ ҳамроҳи бародараш омада буд ва аз нигоҳи нахустин тухми меҳр ба дилҳо афтода ва он солиму қавӣ парвариш меёфт. Вақти хайрухуш Датафарн гуфта буд: «Ман туро мехоҳаму мепарастам ва пас аз ҷанг ҳатман бо ту коми висол хоҳам ёфт – хонадор хоҳам шуд! Интизорам бош, азизам. Интизор!»

Вақте ки саиси пир ба аспхона даромаду духтарро дар ин ҷо гӯё хобида дид, тарсид – мабодо бо ӯ худо накарда коре шуда бошад!

-- Фарангис! Ҳей! Фарангисо!...

Духтар аз банди андешаҳои ширину гуворо ба худ омад. Вай ба саиси ҳайратзада шармгинона нигоҳ карду бигуфт:

-- Ба ин аспи саманд ҳавасам меояд. Рост аст, ки номи асп «Бодпо» мебошад?

-- Бале. Зуд ба хона рав, ки туро мепурсанд. Ба қавле Сапитамон туро бо Датафарн ба қалъаи Ҳуриён мефиристад. Шаҳбонуи бохтарӣ – Рухшона хоҳиши туро дидан доштааст.

-- Аз ростӣ?

-- Худам шунидам.

-- Оҳ! – шодӣ мекард Фарангис сӯи баромадгоҳ шитобида, вале якбора бозгашту аз рӯи пурожанги саиси пир бӯсаи сахте гирифту сипас хандон баромада рафт.

Саис бо дасти шахшӯлаш ҷои бӯсаи духтарро, ки рӯяш ҳатто каме ба дард омада буд, молида-молида афзуд:

-- Оҳ, ин шайтончаи бешарм!....

Рӯзи дигар бошишгоҳи Сапитамон пур аз сарбозу сарҳанг шуд. Шаҳраки Саразм омодагии ҷангро медид. Аз Панҷакату Бутамон, аз Истаравшану Шаҳристон дастаҳои ҳарбӣ расида омаданд. Бархе аз некхоҳиву адолатпарварии Сапитамон бохабар буданду имрӯз ба дидораш расиданд. Беш аз ҳазор нафар сарбоз тадоруки набардро медиданд: яке шамшер тез мекарду дигаре зиҳи камонашро сахттар кашида мебаст, боз дигаре колои аспашро ба низом меовард. Сапитамон лавозимоти ҷангиву набардро аз назар гузаронида, баъзе аскаронро таъкид мекард, ки пайкони найзаашонро парчин бикунанд, дигареро ба омодагии фалахмону манҷаникҳо мефиристод. Вақте ки корҳоро ба танзиму саришта дид, ба сухан омад:

-- Сарбозони асил ва фидоиёни озодихоҳ! Дӯстону анбозон!

Сапитамон ба сомионаш чашм дӯхт ва бовар ҳосил кард, ки ҳамагон бо як нафрату ғазаб нисбат ба душманони аҷнабӣ омодаи ҷанганд ва ӯро эҳтиромаш медоранд. Сипаҳсолор рӯйи аробаи дучархаи ҷангӣ баромада, ба ҳозирон мурочиат кард:

-- Ҳоло мо ба пойтахти суғдиён – ба шаҳри муқаддасу ҷовидон – Мароқанд равон мешавем. Чанд сол пеш ба он шаҳри ободу ғанӣ баройи хариду фурӯш, баҳри тамошову меҳмонӣ мерафтем, вале ҳоло баҳри решакан кардани ҷаҳлу зулм, бартараф кардани хасму адӯ хоҳем рафт, Зеро Искандари шоҳдор бо нияти ғорату ғулом кардан ба марзи мо меояд, то кишвари озодамонро соҳибӣ карда, молу маноламонро ба яғмо бубарад, мардуми моро ба канизи муфлис табдил диҳад. Бас аст, ки солҳои тӯлонӣ ба ҳахоманишиёну

дороён тобеъ шудем! Имрӯз рӯзест, ки марзи азизи ниёгонамонро, дину мазҳаб, забону оин, фарзанду модаронамонро муҳофизат намоем. Ба ин андеша ҷонфидойиҳо дар пеш аст. Мард бошед, анбозон! Ҳар кӣ нияти поку ростин дорад, дар дунёи укбо ба шодкомиву хушбахтиҳо бирасад. Вале он бузургону ёрони мо, ки буздилӣ зоҳир намуда, фирорӣ шудаанд, бо ҳамин гуноҳ дар он дунё бо шумо шармсору сархам, ашк дар чашм хоҳанд вохӯрд. Зеро душмани бадсиголу бадхӯ, ки имрӯз ба сарзамини суғдиҳо меояд, фардо ҳатман ба марзи сакойиҳо, хоразмиҳо, вахониҳо низ қудуми нопоки хешро хоҳанд гузошт. Дар зарбулмасали суғдӣ гуфта мешавад, ки барои аспи озмудаю хуб садои тозиёна басанда аст! Моро муттаҳидӣ бояд! Савганд ба ҳаққи шири сапеди ҳузайна[1], савганд ба Ҳурмузи покманиш, савганд ба Меҳр, ки то қатраи хуни охиринамон бо адӯ меҷангем ва пирӯзӣ ба даст меорем!

Ҷанговарон бо як овоз савганд ёд карда, синону шамшерҳояшонро боло бардоштанд...

Шаҳри Мароқанд чаҳор дарвозаи боҳашамату оҳанин дошт, ки ба чаҳор самти ҷаҳон роҳ мегирифту мерасид. Бархе роҳҳои сангфарш ё хиштпӯш буданд. Маазолик, роҳи Мароқанд – Панҷакат низ сангфарш, канорҳояш боғу токзор ва обод ба дида мерасид. Бозорҳои тимдор – пӯшидаи Мароқанд ба ғайр аз бозорчаҳо маъмулу маълуми ҷаҳон буданд. Бори нахуст Искандар бозори машҳуру бузурги тимдорро дид, ба устоҳои ин шаҳр тасанно гуфтанашро худаш ҳам надониста монда буд. Ҳаёт дар ин шаҳр ҷӯш мезад.

Дарбори шаҳр гирдогирдаш ёздаҳ ҳазор қадам буда, ғафсии деворҳояш то нӯҳ қадам паҳно дошт, ки болои он чандин аробаҳои ҷангӣ равуо мекарданд. Аммо ин девор барои муҳофизат пастӣ мекард. Қӯрхонаву дидбонҳо, шинакҷойҳо ва кунгураҳои дарвозаҳо басо мунаққашу ҷозиб буданд. Ҳар кучо аз обрезаҳо оби софу зулол рехта меистод. Мардуми шаҳр аз панҷсола то навадсола аксар бо тиҷорат шуғл меварзиданд. Берун аз шаҳр деҳқониву чорводорӣ, косибиву ҳунармандӣ, таббохиву ҳазору як майда – чуйда сохтан расм шуда буду ҳар чӣ бештару пештар ба бозор мешитобиданд. Мардумаш меҳнатдӯсту меҳмоннавоз ва баробари

[1] Ҳузайна - /ба суғдӣ/ зан, модар.

он сарфакору судрасон мешинохтанд. Ҳар касе, ки бо сулҳу салоҳ меомад, ӯро ба ҷон баробар мекарданду нисбат ба душман бешафқату беибо буданд. Инро ҷанги шадиде, ки бори нахуст ба муқобили Искандар бархеста буд, исбот кардааст. Румиҳо, ки аксар шаҳрҳоро беҷангу бе хунрезӣ ишғол карда меомаданд, дар Мароқанд ба такони пуршиддате, ба зарбаи сахте дучор шуда, сару калобаашонро гум карда буданд. Ҳеҷ гоҳ Мароқанд дарвозаҳояшро беҳуда ба душман накушодааст ва нахоҳад кушод! Зеро шаҳри Мароқанд – маркази Суғдиёна, маркази тамаддуни машриқзамин буд!

Мардуми Мароқанд Сапитамону сарбозони ӯро бо хурсандиву меҳрубонӣ ва меҳмоннавозӣ пешвоз гирифтанд. Ҳунармандон, косибон, кишоварзон, машкобу ҳаммолон ва ҳатто ғуломон ҳаёти хоҷаҳояшонро тарк бинмуда, ба сафи фидоёни Сапитамон ҳамроҳ мешуданд. Онҳо хуб медонистанд, ки Сапитамон тарафдори халқи оддӣ, пушту паноҳи бенавоёну ғуломон аст. Савдогарону аъёну ашрофи шаҳр аз ин вазъият ҳаросида ба Сапитамон тӯҳфаю пешкашҳо меоварданду хушомадгӯйиҳо зоҳир мекарданд. Сапитамону ёронаш медонистанд, ки ин тоифа мардум рӯбоҳмизоҷанду дурӯяанд, дӯсти одамони оддӣ нестанд, вале онҳо душман ҳам набуданд.

Сапитамон машварати фаврӣ даъват кард. Машварат шароиту вазъиятро ба ҳисоб гирифта, ҳамаҷониба омӯхта, ба қарор омад, ки набард бо душмани аз ҳар ҷиҳат бартаридошта, дар назди соҳилҳои Рӯди Зар наздик ба шаҳраки Саразм баргузор шавад. Ин дафъа мароқандиҳо бояд «меҳмонҳо»-ро бо дарвозаҳои боз пешвоз бигиранд. Ҳукм тасдиқ ёфт. Касе аз аҳли машварат ибрози ақида кард, ки Искандар пеш аз ба Хуҷанд рафтан, сӣ нафар асилзодаи мароқандиро ба сифати гаравгон бо худ гирифта буд. Ҳозирон ба ин андеша посухи мувофиқ ё ақидаи равшане гуфта натавонистанд. Вақт хеле танг буд, зеро аскарони Искандар наздик меомаданд. Сапитамон оиди ҷавонони мароқандӣ, ки ба сифати гаравгон бурда шуданд, ба ҳукме омада буд: шоҳи Рум онҳоро ҷазо нахоҳад дод, зеро онҳо аз тоифаи асилзодагон буданд, на шӯришгарони оддӣ. Ӯ гумон кард, ки дар як лаҳзаи мувофиқ гаравгонро озод хоҳад кард. «Ин рӯз мерасад!» - мегуфт ҳокими Суғд саргарми нақшаҳои минбаъда шуда.

Ҷанговарону фидоиёни суғдӣ Мароқандро тарк намуданд...

Румиву юнониҳои довталаби ҷангу хунрезӣ аз дарвозаҳои бози Мароқанд бехудона ворид шуда, хайрхоҳону хушомадгӯёнро, нону намакдоронро ба як сӯ фишор додаву беназмона фавҷҳои худро низ риоя накарда, ба шаҳр дохил шуданд. Онҳо умед доштанд, ки Сапитамонро даст мегиранд. Вақте ки аз воқеа огоҳ шуданд, Шоҳпурро ба истинтоқ гирифтанд. Шоҳпур мувофиқи супориши Сапитамон ба онҳо арз кард:

-- Сапитамон бо як гурӯҳи хурди авбошпешагон дирӯз Мароқандро талаву тороҷ кард ва чанд соатест, ки қад-қади Рӯди Зар, ҷониби болооби дарё фирор намуд.

Румиҳо ба ғазаб омада буданд. Онҳо чӣ хел ки оташкадаи Озаргӯшаспро дар Балх шоҳ Гуштасп бино карда буду ба вайрона табдил дода буданд, муғхонаи бузурги Мароқандро оташ заданд, биноҳоро вайрону корезҳоро аз хоку рег пур мекарданд.

Каран – золимтарин сарбози мақдунӣ ва қабеҳтарин сарҳанги Искандар, ки хешро яке аз мақдуниҳои пок ва наздиктарин дӯстони Искандар медонист ба сарҳангони аз худ бузург – Андромен ва Менедемаро низ писанд накарда, бо ду ҳазор румӣ, бо ҳазор нафар форси зархарид ва ҳазору шашсад сарбози фессалии каллабур ва дигар саворагони юнонӣ ба таъқиби суғдиён пардохт. Ба қавле аскарони духазораи Менедема, ки аксар румиён буданд ба ӯ ҳамроҳӣ кардаанд.

Андромен ва Менедем бошанд, ба ҷониби сакойиҳои поёноби Рӯди Зар равона шуданд...

Чокари Сапитамон хабар овард, ки беш аз панҷ ҳазор аскари душман ва асирони зархариди ба хубӣ мусаллаҳшуда аз ҷониби «Пайридиезаи Суғд» намоён мешаванд.

Сапитамон саҳле табассум намуда, ба худ гуфт, ки румиҳо шикоргоҳи моро «Базайраи Суғд» ном мегиранд ва бо сари баланд сарбозашро амр дод:

-- Датафарн! Оташ биафрӯз!

-- Ба чашм!

Дар ҳафт ҷои соҳили Рӯди Зар дуди кабудранг ба фалак печида нашъунамо ёфт. Ин «хабаре» буд ба мақдуниён, то бидонанду биёянд ба ин манзил.

Сапитамон шашсад нафар савораи панҷакатиро паси теп-

пае ба камин гузошта, сарҳанги онҳо – Баҳромро таъкид кард, ки ба амру ишораи махсус мунтазир бошанд. Сакойиҳоро аз мағриб, ки сарвараш Картасиси бебок буд, ҷою мақом нишон дод. Датафарн аз машриқ ва худаш аз қалб бе ягон садою овоз мунтазири омадани румиён шуданд.

Ниҳоят, сараввал синону парчам, сипас ёлдорҳо /суғдиён нисбати тоскуллоҳои онҳо, ки мисли ёли асп ё тоҷ мепӯшиданд, чунин ба забон мегирифтанд/ ба назар расиданд. Қариби чоштгоҳ буд. Ҳаво софу хуррам. Ҷондоре ба назар намерасид. Ин оромӣ дили касро ба воҳима меандохт. Румиҳо ба туғайзор даромада, он ҷо касеро надидаву хабаре намеёфтанд, ҳайрон бимонданд. Каран, ки саропо ҷавшану аслиҳаи оҳанӣ пӯшида, дандонҳояшро ба ҳам соида меистод аз ин ҳолат қоҳ-қоҳзанон баланд хандида, шароб дархост ва ба шариконаш хитоб кард:

-- Ман медонистам, ки ин барбарҳо баробари дидани румиён мисли гурбаи дайду рӯ ба саҳро мениҳанд ва мо онҳоро аз саҳро ҳам меёбем, то ки ...

Каран ҳоло суханашро тамом накарда, тире визосзанон ҷоми пур аз шароби ӯро рабуд. Сухани ӯ дар даҳонаш монд. Аз садои гургвор уллосзании ҳазорон аскари суғдиву сакойи сарҳанги румӣ саросема гашта, тӯтивор:

-- Занед, кушед, ҳамла оваред!!! – мегуфт, вале намедонист, ки киро зананду ба кӣ ҳамла биёваранд ва ба куҷо.

Ҳазорон тири камонгӯлакҳо ба қалби нопоки душманон кор мекард. Ҷанги танбатан, набарди мардона ва шадид, ногаҳон, баркҳвор оғоз ёфт.

Каран бори нахуст аст, ки ин қабил чолокию маҳорати волои ҷангиро мушоҳида мекард. Ӯ бовар надошт, ки аз тири ҷоншикори дастаи Сапитамон, аз захми табарҳои дутеғаи дастадарози суғдӣ, аз фалохунҳои хурди сангзан аскарони ӯ яко-як мефавтанд. Сакойиҳо бошанд, ба ҳар як асп дунафарӣ нишаста, яке аз чап, дигаре аз рост ба душман ҳамла меоварданд ва талафоте намедоданд.

Каран хатояшро фаҳмид. Вай суғдиёнро саҳл пиндошта буд. Акнун ки ба дом афтодааст, чорае намеёфт.

Сапитамон савораи Рахши сафеди гардану камараш борик ва ҷо-ҷо холҳои сиёҳ дошта, бо шамшери фӯлодӣ масти ҷангу набард шуда буд, ба дида мерасид. Ӯ дер боз ҷангидан, майдондориву корнамойи зоҳир намуданро мехост.

Тоскулоҳи нуқракӯби ӯ то абрӯвонаш фаромада, камзӯлу шолвори чармӣ ба бар, камарбанди заррин ба миён баста, бо як ҳисси интиқомгирӣ бо дӯст дӯсту бо душман оштинопазир адӯро зарба мезад. Вай пеш мерафт: гоҳ ба чап, гоҳ ба рост ва гоҳ ба қалб ҳамла меоварду шамшер меандохт. Ҳарчӣ пештар рафта, бо Каран танҳо ба танҳо афту дарафт карданро мехост. Ба гӯш шиҳаи аспон, чако-чаки шамшеру синон, оҳу войи маъюбон, «бигиру бизан!» - гӯйиҳо мерасид. Гарду дуд, аз аспҳо зер афтодану пой дар рикоб кашол шудани мурдаҳоро дида, дили кас ба ваҳм меомад. Гоҳ-гоҳ аз байни ин садою фарёдҳо, шав-шуви дарёи Суғд низ ба гӯш мерасид ва ба муҳит омезиш меёфт.

Каранро услуби ҷангии Искандар ба ёд омад ва фармон дод, ки якбора ба дастаи Сапитамон ҳамла бикунанду онҳоро ба муҳосира бигиранд. Гӯё румиҳо танҳо бо Сапитамон меҷангида бошанд, ба сари вай тохта, қасди ҷони ӯро мекарданд. Вале кори румиҳо барор нагирифт, ҳарчанд ки сарлашкари бузург ҷароҳатҳои сабук гирифта буд. Сапитамон ба назар намиранда, пурзӯр ва тавоно, масти набард ба дида мерасиду кайфи ҷангро мечашид. Ёрони Сапитамон ба гирди ӯ муттаҳид шуда, душманро беамон маҳв месохтанд.

Ҳамин вақт бо фармон ва ишораи Датафарн суғдиёни дар камин буда, бо сарварии Баҳроми панҷакатӣ раъдвор уллос кашидаву ташнаи хуни душман «Вагугӣ[1] ҳамроҳи мост!» Вагугӣ мададгор!» - гӯён ба ҳамла гузаштанд. Каран аз ин воқеаи ногаҳонӣ тамоман саргум шуда, рӯ ба ҳазмат ниҳод. Вале Картасис аз воқеа огоҳ гашта, аз паи сарҳанги румӣ афтод ва бо тири махсуси ҷоншикор рӯҳ аз колбуди адӯ бароварда. Гӯё ҷони Карани золимпеша сӯйи дӯзах равона шуд. Дигар ҷанговарони душман низ ақибнишинӣ мекарданд, аммо онҳоро як роҳ-роҳ ба сӯйи Рӯди Зар монда буду бас.

Дарё дар ин фасли обхезӣ ба шӯру қиём омада, гӯё душманро ба коми хеш мекашид, бехудона кафк мебароварда, гирдоб зада, шав-шувкунон девонавор хешро аз соҳил ба соҳил мезад. Мастии ба худ хосе дошт дарё. Румиҳои ҷонталвоса хешро ба об андохта, баъзе ғариқи рӯди пуртуғён мешуданду баъзе дигар шинокунон ба ҷазираҳои хурд паноҳ мебурданд.

[1] Вагугӣ ё Баҳром – худои ҷанг ва пирӯзӣ дар оини зардуштӣ.

Аспи Сапитамон шиҳа кашида, чароғпоя меистоду худро аз паи душман андохтанӣ мешуд. Фидоиён низ мехостанд, ки аз паи рақиб ба об дароянд, вале Сапитамон онҳоро боздошта, гуфт:

-- Аё сарбозони оташмизоҷ! Бори дигар исбот намудем, ки мо бузургу тавоно ҳастему Ҳурмуз мададгори мо будааст. Ҳангоме ки душман мардуми бегуноҳи моро, марди озоду бекинаро сар задааст ва хуни онҳо дар дӯшу дилу чашми онҳо бори гарон шудааст ва моро зарур аст, ки интиқоми анбозамонро ситонем. Ҷазира наздик аст, ҳамагӣ дар масофаи як тирпарто. Бо камон тир биандозед! Маҳв созед аҳриманҳоро, бехудшудагонро, бадсиголонро! Ку, манҷаниқу фалохунҳо?...

Мақдуниён батамом маҳв шуда бошанд ҳам, Сапитамон аз ин ҷанги шадид қонеъ нагашта буд ва амр кард, ки ба Мароқанд медароянду пойтахти азизро аз хасм пок месозанд.

-- Бародарон! Ҷашни пирӯзиро дар Мароқанд хоҳем гузаронид!

Аҷиб буд, ки чокарони Сапитамон хастагиро эҳсос накарда, бо як чолокиву зиракӣ ба Мароқанд дохил шуданд. Боз дарвозаҳоро кушоданд, боз дар лаълии заррин нону намак. Хушомаду эҳтиром, вале ин эҳтироми қалбиву самимӣ буд. Дар кӯчаю хиёбонҳои саргфарши Мароқанд анбозони Сапитамон тохту тоз доштанд, ӯрдуи румиҳоро бо қувваи саҳле мағлуб месохтанд. Ба Сапитамон хабар расид, ки сакойиҳо бо мадади аскарони мароқандӣ дастаи Андромен ва Менедемаро низ сарнагун сохтаанд. Сипаҳсолор аз ин хабар боз ҳам шоду мамнун гашт. Амр дод, ки бонги зафар бизананд. Ғиреви шодӣ, муборакгӯйиҳо ба фалак дакка мезад. Ғаниматҳо низ фаровон буданд. Ҷашну сур, шодиву нишот то субҳидам идома мекард.

Сапитамон дар даст ҷоми заррин бо Шоҳпур ва дӯстонаш сӯҳбат ороста буд. Ногоҳ аз қалъаи Ҳуриён Уксорт, Рухшона, Фаридун, Фарангису дӯстони дигар низ расида, «Шод бошед», «Пирӯзӣ муборак!» - гӯён Сапитамону дӯстонро ба оғӯш кашиданд.

-- Чун қосид хабар овард, ки Сапитамони родмарду чокарони шермарди ӯ зафар ёфтаанд, мо дигар дар он қалъаи сангӣ истода натавонистем! – ашки шодиашро пок намуд

Уксорт ва ба суханаш идома дод: - Акнун мо Хуҷанду қавмҳои Массокро низ озод хоҳем кард!

Базми пирӯзӣ пас аз гирд гаштани ҷомҳои шароб сермағалу дилбазан расид магар, ки Сапитамон ва Уксорт ба хонаи дигар гузаштанд.

-- Асирони румӣ куҷоанд? – мепурсид Уксорт.

-- Ҳоло дар зиндон, вале пагоҳ бояд онҳоро озодӣ бахшем.

-- Чаро? – бо ҳайрат мепурсид Уксорт.

-- Гуноҳи онҳо ин аст, ки ба амри Искандар...

-- Гуноҳи шаҳидони мо аз чӣ иборат буд, паҳлавоно?

-- Дуруст... – ба андеша афтод Сапитамон: «Ҷони садҳо шаҳиде, ки дар ин ҷангҳои шадид қурбон шудаанд, оё дигарбора ба арзи вуҷуд омада метавонанд? Ин шодию сурур ва нишоту тарабро мешунаванд? Куҷост дӯстони содиқу бовафо, фидоёни далер, анбозони дарёдил? Нестанд. Вазифаи инсонии хешро барои озодии дигарон, барои тифлону модарон адо карданд. Онҳо кунун дар зери марзи пок осуда мехобанд, бо имони пок, дар ҳукми хок, дар олами биҳиштанду осуда мехобанд онҳо. Хуш бошед, сарбаланд бошед ва равонатон шод бод, анбозони шаҳид! Ёди шумо дар мағзи сари мо, дар қалби гарми мо ҷовидон ошён хоҳад гузошт!...

-- Ба хаёл рафтӣ, азизам?

-- Бале. Дар бораи шаҳидон андеша меронам, вале... вале аскарони румӣ низ шаҳиду маҳв шудаанд. Онҳо ҳам падару модар, аёлу фарзанд доштанд.

-- Бигузор! Касе ки бо андешаи хеш, бо ҳукми ақли солим назистааст, ҳоли ӯ чунин бояд буд! Вале ман дар бораи асирони юнонӣ андеша дорам. Мо як нуқтаро фаромӯш кардем. Медонӣ, Андромен ва Менедамаро танҳо ба сий нафар асилзода иваз мекунему халос[1]. Чӣ гуфтӣ?

-- Андешаи хуб аст. Чаро ин нуқтаро барвақт нагуфтӣ.?

-- Ҳоло дер нашудааст, родмардо!

-- Уксорти азиз! Аз ту хоҳиши дигаре дорам. Мешунавӣ?

Коҳин бо чашмони калон кушодааш рӯй ба сарлашкар ниҳод.

---

[1] Ҷосусони мақдунӣ Андромен ва Менедамаро ба ивази зару ҷавоҳироти беҳисоб ҳамон шаби пирӯзӣ аз зиндон озод карда буданд. Ба қавле ба ин кор Шоҳпур низ алоқаманд будааст.

-- Чӣ бошад ки Рухшонаро ба Фаридуни дабир медодӣ. Онҳо ҳамдигарро дӯст медоранд. Биё, дар зиндагиат ба ин кори хайр фотеҳаи нек бидеҳ.

Коҳин сарфаҳми суханони Сапитамон шуда, сар ба тахайюл ниҳод ва пас аз лаҳзае бигуфт:

-- Пас аз ҷанг! Пас аз ҷанги калон!

Ҳокими Суғд ин даъфа маккории Уксортро нафаҳмид ва хомӯш монд. Ба ҳар оин ба ин таклиф розӣ буд. Зеро ҳоло вақти базму сур не, вақти набарду синон буд.

БОБИ ПАНҶУМ

КУРУШКАДА

«.... озод бош ва аз марги ифтихоромез натарс!
Хулоса марг ҳамеша ваҳшатнок нест, гоҳе ин
зиндагӣ аз он ваҳшатноктар аст».
(Носири Миркарими Шерозӣ).

Искандари Мақдунӣ устони Хуҷанд ва шаҳристону рустоҳои атрофи онро баробари хуну ҷон ба худ тобеъ карда бошад ҳам, пурра хотирҷамъ нашуда буд. Рӯзе набуд, ки дар ин ё он ноҳияву русто шӯришу қиёме нахезад.

«Курешат[1] чӣ манзил аст?» - ба худ суол медод Искандар беписандона, - Як шаҳраки харобу валангор ва камодам. Мегӯянд, ки бо ёрии фидоиёни Хуҷанд рӯзе нест, ки шӯру исёне набардоранд. Дар Курушкада бошад, ҷанги ҳақиқӣ меравад. Не, бояд аз паи маҳви мардуми ин шаҳрҳо шуд, вагарна...»

Искандар бо қувваи калон аввал Курешатро муҳосира карда, қалъаи ҷангие, ки рабази он аз гилу похсадевори ғафс иборат буд, ба ҳуҷум оғоз фармуд. Фидоиёни Курешат ҳарчанд қалъаи мустаҳкам надоштанд, вале ба муҳофизати шаҳру қавми хеш бархоста, рӯ ба рӯи душман баромаданд. Муҳофизатгарон яктану якҷон мубориза мебурданд, ки ба онҳо шашсад нафар сакойиҳо ва фидоиёни Хуҷанд кӯмак медоданд.

Рӯз бегоҳ шуда буд. Искандар асабиёна кулаҳхӯди душохаашро пӯшида, дар даст шамшер гӯё ба шикор омодагӣ медида бошад, аспашро талаб кард. Ҳамин вақт Кратеру Никанор ба ӯ наздик шуданд.

-- Чӣ бало зад аскарони моро, ҷин занад?! Охир аз субҳдам то шом мо ҳатто наметавонем дохили қасри гилии онҳо шавем. Медонед он ҷо ҳамагӣ беш аз се ҳазор аскар ва дигар касе нест, агар онҳоро аскар гуфтан ҷоиз бошад. Лаш-

[1] Шаҳре байни ноҳияҳои имрӯзаи Куркат ва Нов, тобеи устони Хуҷанд.

карро пас гиред ва манҷанику олотҳои қалъакӯбро муҳайё созед!

Афсару аскарони румӣ пас гаштанд ва дере нагузашта гулӯлаборону нафтҳои оташбор қалъаи начандон бузургро чунон ҳадафи ҳамла сохтанд, ки соате пас дар он ҷо танҳо хоктӯдае беш чизе намонд. Манзараи басо ҳузнангезу риққатоваре. Касе набуд. Искандар дод зад:

-- Ку он барбарҳо?! Кучост душман?!

-- Душман кайҳо гурехта будаасту мо беҳуда бо чанд тан посбони онҳо ҷангидаем, - бо алам ба забон омад Кратер.

Ҳамин вақт хабар оварданд, ки фидоиёни курешатӣ ба ҷониби Курушкада ҳазимат кардаанд.

-- Мана, оқибати саҳлангорӣ, натиҷаи адӯро ҳақир шуморидан. Мардуми суғдзамин мисли мағрибиён парчами сафед бардошта, дарвозаҳои шаҳрашонро беҳуда намекушоянд, то охирин нерӯ ҷанг мекунанд! Омода бошед! Ба ҷониби Курушкада, ба пеш!...

Искандар худро сарзаниш мекард, ки ӯ вақтҳои охир ба танпарварии аскаронаш имконият додааст. «Ҳатто чанд тан аскари румӣ чарми зери мӯзаҳояшонро бо мехчаҳои нуқраю тилло оро додаанд. Бехудона дод мезаданд, шароб менӯшиданду муштбагиребон мешаванд...»

-- Чӣ бояд кард! – гуфтанашро худаш ҳам надониста монд. Ӯ роҳ ба сӯи Курушкада мерафту ба умқи андешаҳо ғӯта зада буд: «Ё ба марзи азиз бозгардам? На! Куҷост Ватан? Рум? Боз ҳамон юнониву румиёни қонунтарошу маҷлисдӯст, эпириёни ҷоҳталаби маҳалгаро, фивагиҳои ошӯбгар, ниҳоят дарбори риққатовару кинаҷӯю сернозунуз ва тирафикриҳои модарам Олимпиада! Падарамро ана ҳамин дасисакориҳо, фиску фуҷурҳо, кинаҳо аз байн бурд. Не, намеравам! Пас аз Суғдиёнаро орому тасхир кардан, ба Ҳиндустон сафар карда, мисли шоҳи ҳақиқӣ зиндагӣ хоҳам кард. Бале, мисли шоҳаншоҳи ҳақиқии ҷаҳон!...

Ногоҳ Искандарро ба ёд омад, ки аскаронаш ёди диёру хонавода мекунанду сарватманд шуда, ба бенизомиҳо роҳ медиҳанд. Сабаби асосии беназмиҳои онҳо, доро шудани онҳо аст.

-- Ҷазо додан даркор аст! Ҷазоҳои ҷадиду шадид! – ба забон омад Искандар ва андешид, ки пирону баъзе якравонро, хешонро низ ба Руму Юнон пас фиристодан салоҳи кор аст.

« Чӣ хел ки бо ҳукми сӯиқасд ба шоҳи ҷаҳон, Филот писари Парменион, Ленкистид, Лимн ва дигаронро бикуштам, бояд боз қатл фармуд! Вагарна беэътибор ва бозичаи дасти гурӯҳе хоҳӣ шуд ё худат ба қатл хоҳӣ расид!» - аз дил гузаронид Искандар. Ногоҳ суханҳои айёронаи падараш ба ёди ӯ расиданд: « Мо бояд баҳри озодӣ бахшидани бародарони асиргаштаву дӯшизагони бегуноҳамон ба Форс лашкар кашем!...» Искандар ба хаёл рафт ва ниҳоят:

-- Бале, чунин суханҳоро бояд ба аскарон гуфтан мувофиқи матлаб аст. Зеро аскарони ба сол бузург ҳоло ҳам алайҳи падарам эҳтирому сипос ва эътиқод доранд, - гӯён аз банди андешаҳо берун омад.

Ниҳоят, аскарони пешрав хабар доданд, ки марзи Курушкада ба назар мерасад. Субҳ оҳиста-оҳиста сапедӣ мекард, вале абрҳо сӯхта, мисли шафақ ранг гирифта буданд. Сӯгвору гирён буд субҳи имрӯза, аз борону жола дарак медод рӯзи ҷанги Курушкада!...

Курушкада пас аз Хуҷанд дуюмин шаҳри бузургу солор дар ин атроф буд, ки гирдогирдаш бо девори мустаҳками сангӣ иҳота шуда. Чокарони бонизом дар қӯрхонаву дар шинакҷойҳои рабазҳо адои хизмат мекарданд. Беш аз ҳашт ҳазор нафар чокари варзидаи шаҳр омодаи ҷангу дар муҳофизати шаҳр гӯё навбат медоштанд. Машғулияти асосии ин марз ҳунармандӣ, косибӣ, деҳқониву боғдорӣ буд. Одамонаш заҳматкаш, меҳмоннавоз ва ҳунарманд, вале номуси баланду якдигарфаҳмӣ, муттаҳидӣ доштанд. Аз дур зери шуои офтоб ҳазорҳо кулаҳхӯди сарбозон тобнок ба дида мерасид. Ҳамин вақт Искандар фалохунҳои қалъашикану манҷаниқҳояшро ба кор андохт, вале ин асбобҳо як дона санги девори қалъаи ҷангиро ҷунбонда наметавонистанд. Баръакс аз болои девор бо камонғӯлаку синонҳои бешумор беамон тир меандохтанд. Ҳатто чанде аз сангҳои фалахмонӣ ба дасту гардани Искандар бархӯрда, ӯро захмдор кард. Шоҳи мақдунӣ ба таъкиди табиби хосааш низ эътиборе надода, бо гардани хуншор гирдогирди шаҳрро девонавор давр мезад. Ниҳоят, ба ӯ хабар расониданд, ки чӯи хушкидае аз буни девори шаҳр ба назар мерасад. Искандар бе ягон дудилагӣ бо дӯстону чокарони каллабураш аз он рахна дохил шуда, беамон посбонону дарвозабонҳоро маҳв сохт ва дарвозаи шаҳрро кушод. Ҳамин вақт аз зарбаи сахти фалохун, ки ба сараш кора карда буд,

рӯболо ба замин афтод. Пас аз лаҳзае теғи гӯё дайдуи камонғӯлаке низ ба ҷисми Искандар – ба парчаш ғӯтид. Аскарони мақдунӣ қалъаро иҳота карда, беш аз ду ҳазор муҳофизатгарро бикуштанд. Вале бархе «шоҳи ҷаҳон фавтид!» - гӯён ғалоғула мебардоштанд. Табиби шахсии шоҳ ӯро муоина намуда, сарашро марҳам молид ва ҷароҳати пуҳлуяшро дида, ба Кратер табассумкунон гуфт:

-- Хушбахтона, ҷароҳаташ рӯякӣ будааст!

Вақте ки Искандар ба ҳуш омад, бо сари баста хестанӣ шуд, ки табиб имконнопазир будани ҳаракати ӯро баён кард. Вале Искандар бо чашмони сурху ваҳшатзада афзуд:

-- Ман бояд хешро ба аскаронам нишон бидиҳам, вагарна онҳо маро шаҳидшуда мепиндоранду ҳар коре, ки хоҳанд мекунанд.

Искандар сару либоси шоҳонаашро пӯшида, дар китф яктаҳи форсии кимхобии сурхи зарнусха партофта, аз хайма берун баромад. Чун аскаронаш ӯро зинда бидиданд, нидои шодиёна баровардand:

-- Зинда бод, Александр!!!

Искандар ба сӯи аскаронаш даст бардошт, то онҳо ором бошанд. Вақте ки чокаронаш қарор гирифтанд, шоҳ дардмандона афзуд:

-- Ҳамдиёрони азизам! Барбарҳоро асир нагиред, онҳоро ба хотири ман, то одами охирин сар занед! Бикушед!!!

Ҳамин вақт боз як санги фалохун, ки аз ҷониби қалъа паронида шуда буд, ба зери пои Искандар афтод. Дӯстонаш ӯро ба хайма даровардand. Бӯи ғализи нафту мум, дуди оташ гӯё тамоми оламро фаро гирифта буд. Доду фиғони маъюбон, садои олотҳои қалъакӯб, наъраи шутуру шиҳакашии аспҳо, гулдуроси канда шуда афтодани ягон-ягон кунгураҳои қалъа визосзании сангу тирҳо ва фарёду фиғони маъюбон ҳама ба ҳам омезиш ёфта, ба фалак дакка мезаданд. Нардбонҳои дарозе, ки ба девори қалъа устувор мекарданду ҷанговарон мисли тортанак рӯи он боло мебаромаданд ногоҳ бо одамонаш алвонҷ хӯрда ба замин сарозер мешуд. Аз боло муми ҷӯшон, оби ҷӯш, сангу навшодир беамон мерехт. Дар байни ҷанговарони шаҳри Курушкада занҳои диловаре буданд, ки ба маҷрӯҳон ёрии тиббӣ мерасониданду ба афтодагон кӯмак медоданд. Худашон низ ба ҷанг дохил шуда мерафтанд.

Ҷанг як ҳафта давом кард, вале қалъа хеле устувор ва побарҷо буд. Дар ин муддат Искандар сиҳат ёфт ва фаҳмид, ки захираи об дар қалъаи фидоиён ба охир мерасад, ҳиларо пеш гирифта ба қалъабудагон мактуб бинавишт. Мазмуни мактуби боғаразонаю пур аз кинаи ӯ чунин буд, ки таслим бишавед, шуморо сулҳу салоҳ мебахшам. Ба касе озоре нахоҳам дод ва танҳо тобеиятро қабул фармоед бас аст.

Фидоиён ки тамоман бе захираи обу хӯрок монда буданд, ноилоҷу маҷбур ба таслимшавӣ розӣ шуданд. Вақте ки ду ҳазор нафар ҷанговари Курушкада берун баромаданд, мақдуниён беамон онҳоро бо тирҳои бешумор зада маҳв карданд. Дигар фидоиёне, ки андаруни қаср буданд ин ҳолро дида, дари қалъаро бастанд ва баъзе хешро аз болои қалъаи баланд партофтанд, баъзе дохили қалъа худкушӣ ихтиёр карданд. Дар ин ҷанг бештар аз ҳашт ҳазор нафар фарзандони шаҳри Курушкада маҳв шуданд.

Искандар бо сару гардани баста, бо китфу паҳлӯи захмӣ ба Кратер муроҷиат кард:

-- Мо ҷанги ҳақиқӣ ва одамони банангу номусро бори аввал дидему шоҳид шудем. Ҷин занад онҳоро! Аз ростӣ ба онҳо ҳавасам меояд!...

Аз осмони тираи саросар абр фарогирифта гӯё борони ашк мерехт. Гирду атрофро зулмот мисли панҷаи махлуқи афсонавии ваҳшатбор ба фишор мегирифт, аз гулӯ хафа мекард. Аз дур навҳахонии занҳову бачагон ба гӯш мехалид:

Паҳнои паҳнодорро –
Меҳрро мо ҳаме парастем,
ки хубу осуда меҳан
бидиҳад ба деҳи ориён.
Баҳри ёримон меомад!
Ба раҳойимон меомад!
Баҳри паҳрамон меомад!
Баҳри омурзиш меомад!
Ба шифои мо меомад!
Ба пирӯзи – мон меомад!
Ба хушбахти – мон меомад!
Бошад, ки зи дод ӯ моро
Комронтарин бисозад!...

БО УМЕДИ ИНТИҚОМ

Инсон метавонад дар зери
шиканҷа ҳам хушбахт бошад.
(Эпикур)

Искандар маҷрӯҳу захмӣ аз Курушкада ба Хуҷанд баргашт. Бо вуҷуди куштору ниқорҳо дилаш таскин наёфта, дами ғазабаш нафаромада буд. Ба ҷои он, ки ба истироҳату муолиҷа пардозад, роҳ сӯи маҳбасро пеш гирифт ва беш аз саду бист нафар сакойии ба дасту пойҳо ишкелбастаро дидан кард.

-- Сардори ин барбарҳои ваҳшӣ кист? – пурсид шоҳи мақдунӣ аз зиндонбон бадқаҳрона.

Посбони эпирӣ ба назди бандии чаҳорпаҳлӯ, чирапайкар, гандумгун ва ҷавонмарди миёнақад рафта, ӯро аз ҷой хезонд.

-- Чӣ ном дорад?

-- Сатрок.

Искандар девонавор тозиёнаи зиндонбонро гирифта, ҷавонмарди сакойиро қамчинборон кард. Чунон зад, ки дар сару рӯй, дасту гардани ӯ даҳҳо рахи кабудтоб нақш ёфт. Пас аз ин ҳам қонеъ нашуда, бо мушту лағад мезад ва ниҳоят монда шуда, дашномҳои қабеҳ гуфт:

-- Ҳаромии мурдор! Ҳоло модари зоратро низ чунин ҷазо хоҳам дод! – ва баромада рафт.

Дар ҳамаи ин истинтоқу зарбхӯриҳо аз даҳони Сатрок ҳарфе ё овозе набаромад. Рӯҳаш ором, хешро бардам мегирифт, гӯё ҳеҷ воқеае ба амал наомада бошад, пайкарашро як ларзонду ба ҷояш рафта нишаст. Ӯ ба худ мегуфт: «Одами ҷоҳил ва номард каси дасту пояшбастаро, фитодаро мезанад. Агар мард мебуд ба ин кори зишт даст намезад. Ба назарам ӯ фаҳмидааст, ки ман яке аз сарҳангони сакойи ҳастам ва ниқори дигар сакойиҳоро аз ман мегирад. Ҳушёр шудан даркор, бояд Картасис ба ёримон ояд!»

Ҳамин вақт зиндонбони эпирӣ дар даст бӯхчае баргашт ва бо меҳрубонӣ колоро пеши Сатрок гузошту афзуд:

-- Ин чизҳоро шахси ба ту наздик овард. Ту хафа нашав.

Ҳамаи аскарони мо ҷоҳилу бераҳм нестанд. Гир, хӯрокҳоро бихӯр.

Зиндонбон рафт. Дар бӯхча гӯшти пухта ва нон буд. Сатрок ба зудӣ нонро шикаст, ки аз дохили он сӯҳону аррачаи хурде баромад. Вай дарҳол ҳамроҳонашро аз воқеа огоҳ намуд. Яке аз сакойиҳои пир, ки Мавок ном дошт ба забон омад:

-- Ту бояд коре карда халос бишавӣ, вале мо баромада наметавонем. Зеро ту сарвар ҳастӣ ва танҳо дар озодӣ чораи моро меандешӣ. Ҳоло аз ин ҷо яксаду бист нафар одамро баровардан амри маҳол аст.

Мавок дасту пойҳои Сатрокро аз ишкелҳои оҳанӣ озод сохт. Чашмони ҳушёри ҷавонмарди сакойи барқпошу интиқомгиранда буданд.

Поси шаб. Гирду атроф чунон торик буд, ки чизеро дидан ва шинохтан амри маҳол буд. Ногоҳ ба гӯши Сатрок овози паррандаи шикорӣ расид.

-- Картасис! – оҳиста ба забон овард ҷавонмард.

Мавок аз замири дили Сатрок бохабар гашт ва бо имои сар андешаҳои ӯро тасдиқ кард. Сарҳанги сакойи аз поғундаҳои сангии зиндон боло баромад ва турми дари оҳаниро бо аррача буридан гирифт.

-- Ҳамаи ишкелҳоятонро кушоед! Дар ин ҷо мондани шумоён ба ҷуз маргу қатл дигар чизе нахоҳад буд. Зуд бошед, Картасис аз ҷониби рости дарё бо амаду машкҳо омадааст! – амр дод Сатрак.

Дере нагузашта яксаду бист нафар сакойиҳо гӯё омодаи набард шуда бошанд, аз паси Сатрок саф кашиданд. Дарвозаи оҳанӣ аз поён яклаба шуда боз гашт ва Сатрок дар даст аррача гаваккашон пеш рафт. Дар пастхамии зиндон, ки роҳи баромад буд, посбони баландқаде сипару синон дар даст рост меистод. Дигар посбонон дар айвони шафати ҳамин бино ҷамъ шуда хӯрок мехӯрданду шароб менӯшиданд. Ин хӯрокворихою шаробро ба қавле Картасис барои онҳо тавассути касе фиристода бошад, айши пинҳонӣ доштанд. Фонусе, ки болои сутуни оҳанӣ ҷой дода буданд, ҳира-хира шунаҳ медод. Сарҳанги сакойи мисли гурбаи чобук гаваккашон пеш мерафт ва бо як ҷаҳиш посбони қоматбаландро даст гирифту бо аррача сарашро аз гардан ҷудо кард. Ҳама ҷониби дарё медавиданд. Ҳамин вақт аз

самти айвон яке аз посбонҳо огоҳ шуда, бонги хатар зад. Якбора овозҳои ҳаёҳуй ва гирумон бандихонаро фаро гирифт.

Картасис бист нафар ҷанговарони шуҷоъро ҳамроҳи Сатрок бо худ гирифта, бо амад ҷониби поёноби дарё равон шуд. Дигаронро ба се амад шинонда ба хонаашон фиристод. Амади Картасис хеле дур рафта буд, вале румиҳо бо манҷаник ду амади сакойиҳоро зада шикастанд, баъзе ба об ғарқ шуданд, баъзе ки шиновариро хуб омӯхта буданд, ба соҳили мурод баромаданд.

Вақте ки хабар то ба Искандар даррасид, ӯ ғайричашмдошт бихандид. Аз ин хандаи бемавриди шоҳи румӣ бӯйи хун меомад. Писари Файлақус ба забон омад:

-- Аз зиндони сангине, ки бо дари оҳанин ва бо посбонҳои иловагӣ муҳофизат мешаванд, асирон мегурезанд. Не-е... ман ба чобукию чирагии сакойиҳо тан медиҳам. Ҳалолатон бод! Акнун амри дигар. Ҳамаи посбонони имрӯзаи маҳбасхона, ки аз зери дасти онҳо сакойиҳои асир гурехта рафтанд, ба қатл расонида шаванд!...

Картасис ва Сатрок шод буданд, механдиданд ва бо чолокӣ амадро ронда, барои дидори Сапитамон мешитобиданд.

Сатрок аз Картасис вазъи ҷанг ва мавқеи Хоразмро пурсон шуд:

-- Чӣ бошад, ки дар ин бора маълумоте надорам, бароям нақли тозае бикунӣ.

-- Хабари тоза ҳамин, ки ҳокими нави Хоразм Фарозмард номардӣ зоҳир кард. Ӯ бо таклифи бародарам Сакуншоҳ, ки якҷо амал бикунанд, ҷавоби рад додааст. Ба қавле ӯ бо Искандар сулҳ баста, ба вай чорвою аспу шутур тӯҳфа кардааст. Ба ҷои он ки бо мо ҳамроҳӣ бикунад, ба душман ёрӣ додааст. Маккори лаъин!

-- Фарозмарди тарсу гумон дорад, ки Искандар як умр ҳукмдор мемонад. Ҳоло мебинем, навбати интиқомгирии мо ҳам мерасад.

-- Бале. Имтиҳону интиқомҳо дар пеш ҳастанд! – ба соҳили чап бо диққат дида дӯхта нигоҳ мекард Картасис. Вале интиқом ба халқи оддӣ не, қасос аз золимон, алайҳи бетарафон бояд гирифт, зеро онҳо сабагори ба ҳалокат расидани садҳо, ҳазорҳо ҳаммеҳанони мо шудаанд!...

Пас аз андаке сарҳанги сакойи амр дод, ки амадро ба дасти чап ронанд. Дастаи Картасис бе ягон талафот ба соҳил баромад. Субҳ медамид. Ниҳоят, паси анбӯҳи дарахтони худрӯйи бари соҳил работи похсадевори рабазҳояш хокрезшуда ба чашм расид. Картасис мисли мурғи шоҳин ҳуштак кашид. Посухи садо аз болойи девор такрор шуд ва ҷанговарони сакойи дохили работ шуданд. Дар работ шашсад нафар чокари сакойи онҳоро интизор буданд. Онҳо аз озод шудани Сатроку ёронаш ва ба шуҷоату далерии Картасис хушнуду қоил шуда, ду шутури дукӯҳонаи бузургро пеши пои онҳо сар заданд. Аз работ садои дафу тумбак ва най ба гӯш мерасид, ки он ба оҳангу навори «шикориёни хушбахт» ичро мешуд. Гирдо-гирди оташ гӯё шикориён базм ороста буданд. Дар ин рақс ҳаракатҳои пою даст ва чолокии ғайриоддӣ мушоҳида мегашт. Сакойиҳо то субҳидам базм оростанд.

ШИКОРИ УҚОБОН

Алӣ (алайҳиссалом) гӯяд: ҳар кӣ хоҳад дӯзахиро бинад, гӯ андар марде нигар нишаста ва дигаре бар пой истода пеши вай.
(Ғаззолӣ)

Искандари Мақдунӣ дар шаҳри Ақсо[1] сарлашкарони содиқи худ: Гефестион, Пердикка, Монат, Птоломей писари Лага, Неарах ва Кратерро талабид. /онҳоро дӯстони Искандар меномиданд/. Ин дӯстон дар ҳузури шоҳи худ гӯё ҷон ба каф гирифта, рост меистоданд ва мунтазири амру хостаҳои ӯ буданд. Машварат тӯл кашид...

Симои Искандар аз истеъмоли зиёди шароб коҳида, зери чашмонаш халтавор варамида, сафеду кабудранг метофтанд. Бинии сурху саҳл кӯфтааш гӯё боз ҳам кӯфтатару безебтар, чашмони нилгунаш ба оби гандидаи толобе шабоҳат доштанд. Вай пеш аз машваврати навбатӣ бо ҳамин аҳвол хешро ба оинаи сангӣ андохта, ба худ бигуфт:

[1] Ӯрдугоҳи навбатии Искандари Мақдунӣ, ки онро «Александария Эсхата», яъне шаҳри Искандарияи Канорӣ ё Ақсо меномиданд ва он дар наздикии шаҳри ҳозираи Хуҷанд воқеъ буд.

-- Боз мегӯяд, ки Искандар яке аз зеботарин подшоҳони рӯйи олам аст. Магар ҳамин сурату шакл зебост? Ҷин занад!... – тамасхуромез ғур-ғур кард ӯ ва маълум намуд, ки вай бо истеҳзо сухан мегӯяд ё бо ҳазл. Истилоҳи «Ҷин занад!»-ро мавриду бемаврид истифода мебурд.

Писари Файлақус либосҳои гаронбаҳои маҳаллиро, ки ҳарчанд ба ӯ намезебид, мепӯшиду фахр мекард. Вай ҳоло дар шаҳри Мемфис дину расму оинҳои мисриёнро қабул карда, хешро писари фиръавн – худо Амон номид. Дар форсзамин бошад, ба духтари Дорюш – Равшанак ва ба духтари Артабоз – Арсинаи калонсол хонадор шуда, сару либоси халқии оҳоро мепӯшиду гуфтанӣ мешуд, ки ман ҳам аз насли шумо каёниҳо ҳастам, аз нажоди асилзодаҳоям, домоди шумоям! Вале ҳазорҳо одами бегуноҳро қатл мекарду ошёни онҳоро ба харобазор табдил медод, молу мулкашонро ба яғмо мебурд. Маҳз ӯ бо ана ҳамин либосҳои фохираи форсӣ амр дода буд, ки қасри зеботарини дунёро – қасри Тахти Ҷамшедро – дар Истаҳр ба оташ бизананд.

Нахуст Гефестион ӯро бо ин либосҳои милливу маҳаллӣ дида, қариб буд хандаи тамасхуромез занад, вале сари вақт ёдаш омад, ки Искандар ба ӯ ғайр аз дӯстӣ, душманӣ ҳам карда метавонад. «Оре, - мегуфт вай ба худ, - ин шоҳи худбин пас аз соҳиби салтанат шудан, бо маслиҳати модараш Олимпиадаи якраву ҷоҳил чӣ корҳое накард ва барҳақ хусусиятҳои ирсии модараш, шумиву айёрии падараш низ ба ӯ сироят кардааст. Бале, падараш Файлақус шоҳи ваъдабоз, фиребгар ва мисли рӯбоҳ маккор буд. Зиракӣ, ноороми, алалхусус нотиқӣ ӯро ба мақсуд мерасонид. Арасту ба Искандар мифтоҳе шуд, ки дари ҳазорҳо бандҳоро бикушояд. Искандар дили тобеони молхоҳу ҷоҳталабро дарёфт. Ба ҳар ҳол аз зоти шоҳон умеди дӯстӣ ҷустан нашояд. Бо ӯ танҳо маккоронаву ҳушёрона муомила кардану зистан мумкин аст! Вагарна...

-- Спитамон Мароқандро ба даст овардааст!... - Искандарро овозаш мутафаккирона ба гӯш мерасиду ба ҳозирон биписандона нигоҳ меафканд ва афзуд: - Намедонам мақсуди ин ҷавонмарди суғдӣ аз чӣ иборат бошад? Ҷин занад!...

Ҳама ором. Соҳибқирони мақдунӣ чашмонашро пӯшида бинӣ мемолид. Дигарон бо сари хам, ки шоҳ онҳоро ба ни-

шастану ба харитаву ҳуҷҷатҳо дахолат кардан дастур дода буд, дар катҳои чӯбини болояш пӯст кашидашуда, беҳаракат менишастанд. Зеро имрӯз Искандар сахт хашмгин аст.

-- Птоломей! – сар набардошта муроҷиат намуд шоҳи мақдунӣ. – Мағзи сари ту дар ин бора чӣ мегуфта бошад?

Писари Лагаи қавиҳайкал аз ҷояш хеста, ба гуфтор омад:

-- Мо ҳоло дар Мароқанд сӣ нафар асилзодаро баҳри гарав бо худ гирифта будем, то онҳо бароямон муҳити осоиштаро барқарор кунанд ва...

Шоҳ бо эътироз сухани Птоломейро бурида, рӯйи хона равуо мекард. Ниҳоят ӯ афзуд:

-- Шумо гумон мекунед, ки Спитамен подшоҳи ҳақиқӣ аст?! О-о... дӯстам! Вай зотан кишоварзи оддӣ, танҳо вақтҳои охир лашкари пойбараҳнагони Суғд шудааст. Ба ӯ ҳатто ҳокимони худашон ёрӣ намерасонанд.

-- Ба ҳар ҳол Спитамен ҷанговари шуҷоъ ва олиҳиммат аст, шоҳам! – луқма партофт Кратер худдориро аз даст дода.

-- Исбот?! – далел хост Искандар бо шаст, вале оромона.

Кратер марди чаҳорпаҳлӯ, кабудчашм, теғабинӣ ва малламӯй, ки далерона аз ҷояш ҷаста, синаи шеронаашро ба пеш дамонда, афзуд:

-- Спитамен бо дӯсташ Датафарн душмани қаттоли мо Бессро даст гирифт ва ӯро банд баста, мардонавор ба мо супорид, моро аз мушкилиҳо наҷот дод.

-- Боз якпаҳлӯву носареҳ аст андешаи шумоён.

Искандар «шумоён» гуфта онро дар назар дошт, ки аксар сарҳангон бо маслиҳати пешакӣ омодаи маҷлис ё машварате мешуданд. Шоҳ парқалами рӯйи мизро ба даст гирифта афзуд:

-- Кратери азиз! Оё ту медонӣ, ки чӣ мегуйи? Охир, Дорюш ҳам, Бесс ҳам, сарҳангон Мардонию Мамнун ҳам ва ҳатто фарзанди Доро Равшанак ҳам душмани суғдиву бохтариҳо, хоразмиву ҳулбукиҳо ва сакойиҳо ба ҳисоб мерафтанд. Зеро сулолаи ҳахоманишиён тӯли дусад сол онҳоро зери нигини зулму ситам, бо зӯрии теғу синон ба худ тобеъ карда омадаанд. Яке аз асрори ба осонӣ зафар ёфтани мо алайҳи Дорюш, хушбахтона, ба ҷанг пурра дохил нашудани он қавму миллатҳост!

Кратер ба назар гӯё якравӣ мекард, ҳоло ба ҷояш нанишаста буд, ки афзуд:

-- Ман андешаи Птоломейро пурра дастгирӣ менамоям.

Он сӣ нафар гаравгон – ба қавле асилзодагони мароқандиро бечазо набояд гузошт. Дигар ин ки на ҳамаи онҳо аз Мароқанд, балки аз ноҳияву шаҳрҳои тобеи сарзамини Суғд мебошад. Пас мо онҳоро барои чӣ ба гарав гирифтаем?

Искандар ба андеша рафт, сипас ба рӯйи Кратер озмоишкоронаву тамасхуромез нигоҳ афканда, бигуфт:

-- Бигузор, гуфти ту шавад! Гоплитҳои[1] ту Мароқанди пурсамарро, ба қавли ниёгон Асмараро, яъне шаҳри сангиро, сангборон бикунанду ба тороҷ баранд. Вале.... лаҳзае ба сукут рафта андеша меронд Искандар ва ниҳоят ангушти ишоратиашро дарафшвор ба сӯи Кратер нигаронида, таъкид кард: - Вале ба ҷои ту гоплитҳоро Каран сарварӣ мекунад.

Кратер аз ин фармоишу қисмат чизеро нафаҳмид, вале дилаш осуда набуд. «Чаро аскарони маро ба Каран медиҳад ё маро аз сарҳангӣ мураххас месозад ё якравии оддӣ аст? Намедонам!...» - андеша меронд Кратер ва боз ҳам худ ба худ гуфт: «Хайр, зинда бошем, мебинем!».

Искандар нақшаи набардро тарҳрезиву танзим намуда, амр дод:

-- Андромен ва Менедем ба дастаҳои низомии худ ба сакойиҳои поёноби дарёи Номиқ ва раҳораҳ Танаисро мағлуб намоянд. Воқеан, Фарнӯҳи тарҷумонро низ ба шумоён мебахшам, то ки Спитамени родмарду олиҳимматро зинда дастгир бикунанд. Ба ҳар яки шумо сеҳазорӣ гоплит ва ҳаштсад катафракти[2] нопурраро сафарбар менамоям. – Искандар ибораи «Спитамени родмарду олиҳимматр»-ро мисли олуфтаҳои румии якрав махсус сактадор ба забон овард, ки он маънии киноярро ҳама фаҳмиданд.

Искандар шаробкаш Иоллайро фармуд, ки ба ҳама шароб бидиҳад ва худ ғайричашмдошти ҳозирон хандида, афзуд:

-- Ин сафаре, ки Каран ба ӯҳдааш мегирад, сафари оддӣ, ҷанги саҳл аст. Аз ин сабаб туро нигаҳ доштам, вале аскарони ту – аскарони ҳарбдидаву аксар ҷавонҳо мебошанд – ба китфони Кратер даст гузошта гӯё ғамхорӣ мекард Искандар.

Ҳозирон як қадаҳӣ шароб нӯшиданд ва пеш аз ба субут расонидани фармон шоҳи румӣ афзуд:

---

[1] Гурӯҳи аскарони пиёдагард.
[2] Дастаи аскарони савора.

-- Дарвоқеъ, ту Кратер, аскаронатро омодаи сафар бикун ва ба Каран бифармо, ки моро аз аҳволу руҳияи ҷангӣ мунтазам бохабар бикунанд. Бовар дорам, ки онҳо Спитаменро мисли мурғи даштӣ ба дом гирифта, дар қафаси фӯлодӣ бароям тӯҳфа хоҳанд кард. Гелиос[1] ба шумо мададгор бод! Ҳама озод аст!...

Искандар пас аз баромада рафтани сарҳангон ба як даст клепсидраи ниҳоят мӯъҷазу мунаққаш – соати обиро, ки аз Миср ғанимат гирифта буд, сарозер кард ва бо дасти дигар ҷоми шаробро гирифта боз ба хаёл рафт: «Оё Спитамен мурғи даштӣ аст? Шояд ӯ шоҳин ё уқобе бошад! Уқоби минқорфӯлод, сахтчангол, ҳушёрчашм! Оре, вай уқоби чирапайкари кӯҳистон бояд бошад! Мебинем ин уқобро. Спитамен ва дӯстонаш бехабаранд, ки уқобҳо низ ба ҳалокат гирифтор мешаванд, ҳарчанд ки парвози баланду осмонбӯс доранд. Шикори уқобон дар пешанд, ҷин занад онҳоро!...»

ОТАШ ДАР СУҒДИЁНА

Магӯ марде сад куштам андар набард,
Яке зинда кун, то-т хонанд мард.
Ҷу бар хвад надорӣ раво нештаре,
Макаш тег бар гардани дигаре.
(Амир Хусрави Деҳлавӣ)

Искандар аз хоби нохуше як қад парида, ҳарзагӯён бедор шуд. Субҳ ҳоло надамида, табиат дар ҳукми хоб. Осмонро абрҳои тираи ба назар риққатовар фаро гирифта. Моҳтоб зери ин абрҳои тираи нуқрафом аён-ноаён, хира-хира мушоҳида мегашт. Гардиши посбонон ва шарақ – шуруқ поймониву силоҳҳои ба ҳам расида садо баровардани онҳо ба гӯш мерасанд. Искандар дилпур шуд, вале ба андешаҳои амиқ ғӯтавар гардид: «Чаро вақтҳои охир ӯ хобҳои бад мебинад? Ё худоҳо аз вай рӯй гардонида бошанд, ки кораш омад намекунад? Қурбониву ибодат кардан, моли фаровон кушта рӯҳи бузургонро ба ёд овардан лозим.

Дар хобам дояи меҳрубони овони тифлии ман Ланикаи нуронӣ дар як даст ҷоми заҳр, дар дасти дигар ханҷар рост

[1] Гелиос - /ба юнонӣ/ худои офтоб

меистод. Ба ӯ таҳдид мекард, ки якеи аз ин ҷазоҳои боадолатро қабул фармояд, вагарна ӯ ба шири додааш розӣ нест ва филфавр аҷали ӯ хоҳад шуд.

-- Барои чӣ, дояи азиз? Чаро?

-- Зеро ту бародари маро бикуштӣ! Охир, ту бо вай ширхӯра бародар будӣ!

Бале, айнан ҳамин тавр шуда буд. Вале дар ҳолати мастӣ, барои сухани ноҷӯяш теғе задам ва ӯ ҳамон лаҳза бимурд. Ланика бо заҳру ханҷар ба сӯям наздик меомад, то қасди бародарашро бигирад. Дар нерӯи ман на ҳаракате буду на маҷоле. Вале ҳамин вақт Олимпиада дар даст найзаи заррин саривақт ба имдодам расида, ба дили Ланика теғ мезанад. Хуни доя ба чашму рӯям мечакад...».

Искандар рӯйҳои ҳоло ҳам арақшорашро бо матои махмалӣ пок намуда, ба худ бигуфт: «Чаро чунин хобҳо? Чаро Ланика ба шири додааш розӣ нест? Чаро марг бароям ҷазои боадолат будааст? Охир, пас аз ин воқеа ман Ланикаро оғуштаи зарӯ зевар карда будам – ку? Чӣ кунам, ки Клит маро дар назди мардум ҳақоратборону масхара мекард, ҳатто ба сӯям теғе кашид!».

-- Ҷин занад ин ҳама хобҳои дарҳам – барҳамро! – бо даст ба рӯи ҷевони форсӣ, ки дар он шамшери гулнақши Доро ҷило дода меистод, нигоҳ афканда ба забон омад. Чун одат хост, ки боз шароб нӯшад, вале ҳоло ба забон наомада буд, ки сухани устодаш акси садо дод:

-- Ба шароб рӯҷӯъ макун! Мунтазам шароб нӯшидан бемории азимест ба сари кулли одамият! Он касро тарсу, имонро заиф, рӯҳро касиф мегардонад!...

-- Фаҳмидам, устод! Нобасомониву нобарориҳои ман низ аз шароб будааст...

-- Касе маро дидан мехоҳад? – пурсид ҳукмдор аз надим.

-- Бале. Қосиде аз Мароқанд дидори шуморо дорад.

-- Бигузор, дарояд.

Қосиди хосааш Троил хеле хаставу бемадор, ки аз симояш кӯфтагии роҳу азоби кашидааш маълум буд, арз кард:

-- Хабари нохуш, шоҳам! Спитамен Каранро ба қатл расонид, Андромен ва Менедемро асир гирифт. Аскарони мо несту нобуд шуданд!...

Писари Файлақус заҳрхандае намуда ба худ гуфт: «Хобам рост баромад. Мана, таъбири хоби ту! Ҷин занад!...»

Искандар бо ишора қосидро озодӣ бахшид ва то субҳидам мисли каргаси сармохӯрда сар ба ҷайб кашида гӯё ба ғори бетагу бероҳе афтода бошад, дар банди тахайюлу андешаҳо нопадид гашт.

Ҳукмдори нимаи ҷаҳонро ҳеҷ кас ва ҳеҷ вақт ба ин андоза хашмгин ва бехуд надида буд. Ӯ танҳо як ҷумларо такрор ба такрор ба забон меовард, ки он ҷумла ҳам нотамом буд:

-- Ман бояд ба Ҳиндустон мерафтам, вале...

Пас маълум мешавад, ки нақшаҳои ӯро Сапитамон барбод додааст ва аз вай хавфи азиме дорад. Искандар номи Сапитамонро пайваста ба забон мегирад: «Спитамен! Оҳ, Спитамен! Чӣ гуна инсон ҳастӣ ту? Дӯст ҳастӣ ё душман? Бузург ҳастӣ ё роҳзан?! Бале, ту уқоби чирачангол ҳастӣ, вале биё , рӯ ба рӯи ман!!!»

Ӯ на ба дӯсти беҳтаринаш Гефестион, на ба Кратер, на ба Аттал чизе гуфтааст. Ҳатто пас аз шаш рӯзи омадани Менедемаю Андромен ва тарҷумон Фарнӯҳ, ки онҳоро одамонаш бо баҳои хеле гарон аз зиндон озод карда буданд, ҳарфе нагуфт. Сабаби шикастхӯрии сипоҳи онҳоро шунидан ҳам намехост. Шармандагие буд, ки ба вуқӯъ омад. «Охир аз кӣ, аз дасти кадом подшоҳи бузург мағлуб шуданд онҳо! Магар Доро буд?! Ё Фарозмарди хоразмшоҳ буд?! Ақаллан Мамнуни сарлашкари форсӣ мебуд алам намекард! Аз дасти се ҳазор нафар пойлучи суғдӣ, ки ақаллан либоси ҳарбӣ надоранд. Онҳо нафақат пойлучанд, лобал гурезагони гуруснаанду бас! Эҳ, ба шукӯҳу салтанатам осеб расида истодааст! Иқтидору обрӯи дар Мемфису Истаҳр, дар Мадоину Бохтар, дар Қафқозу Навтоқ ба даст овардаам барбод рафт! Барбод!» - мегуфт ба худ Искандари аламзада. Вай мисли саги сӯзанхӯрда ба худ мепечиду шароб менӯшид, аз хайма ба хонааш мегузашту аз хона ба хайма! Ӯ танҳо пас аз як ҳафтаи дигар ба ҳукми солим омада гӯё ба рӯяш боз ҳам лиқоби хашму ғазабро пӯшида Птоломей, Гефестион, Пердикка, Кен, Аминта ва Артабозро ба ҳузураш пазируфт.

-- Пагоҳ, шабона мо бояд ба Мароқанд рахти сафари ҷангӣ бандем. Ту, Аминта, алҳол ба ҷои Артабоз ба шаҳри Навтоқ бирав, ҳукумронии он ҷоро ба ӯҳда бигир. Артабоз бояд ба сакойиҳои поёноби дарёи Номиқ зарбаи охирин ва ҳалкунанда бизанад. Зеро Артабоз марди доно аст ва медонад, ки сакойиҳо мардуми сиёсатмадор не, онҳо ғоратгарони

нафсанд. Ба ҷуз чорводорӣ дигар пешае надоранд. Худои онҳо аспу гавазн аст. Гавазн! Бовар дорам, ки он «гавазнҳо»-и бодиянишин хоҳ нохоҳ, як рӯз не рӯзи дигар сари Спитаменро барои мо тӯҳфа хоҳанд овард. Ин корро ба ҷуз ту, Артабоз, дигар касе нахоҳад кард. Омода бош, азизам! Инчунин ба хотири духтарат – Барсина!

-- Ту, - ба Гефестион рӯ овард писари Файлақус, - ба Мароқанд надаромада, ба самти болооби водии Политимет раҳсипор шав. Суғдиҳои шӯрапушт дар шаҳру ноҳияҳои Саразм, Панҷакат ва Бутамон ҷойгиранд. Раҳм накун дӯстам, хуни Каран, қасоси дӯстонро биситон! Бирав, ҳар чӣ зудтар бирав! Худоҳои Зевс ва Ахилла[1] мададгоратон бод! Ҳа, як нуқта қариб аст, ки аз хотир биравад. Мегӯянд, ки дар зодгоҳи Спитамен шикоргоҳи махсуси шоҳони суғдӣ вуҷуд доштааст «Базайраи суғдӣ». Чӣ бошад, ки шоҳи чаҳор самти ҷаҳон боре бо дӯсташ дар Саразм – дар зодгоҳи Спитамен ба шикор пардозад?

-- Ба чашм!

Ҷавони кулӯтариши хурдҷусса, ботамкину боандеша Каллисфен – ҷияни Арасту ва шогирди ӯ низ буд, ба хизмат ҳозир шуд. Ин ҷавонмарди покрой ба сифати муаррих сафарҳои Искандарро китобат мекард. Аз чӣ бошад, ки вақтҳои охир нисбат ба ҳамсабақаш Искандар бадбиние, як нафрати боздоштнашавандае дар қалби раҳмгини ӯ пайдо шудааст. Вай ҳамеша ба худ мегуфт, ки оё ҳақиқату адолатро пинҳон карда мешавад. На! «Ба ҳар ҳол Искандар роҳи ноҳаққиву беадолатиро тай карда истодааст. Бадбахтӣ он аст, ки панди касеро гӯш кардан намехоҳад» - ба худ андешид муаррихи ҷавон. Ногоҳ эҳсос кард, ки шоҳ ба ӯ менигарад, ҳушёр шуд.

-- Аҳволи сий нафар асилзодагони мароқандиро, ки ба ту супорида будам, чӣ мақому зиндагӣ доранд?

Каллисфени боандеша хешро ба даст гирифту риши кӯтоҳашро пайваста қабза кардаву ба ангуштонаш печонида, гӯё бепарво бошад, бигуфт:

-- Чӣ гӯям, ҷавонони боодоб, вале сарбаланд, меъдасеру озода, аз суханҳои кабеҳ орӣ ва ҳамеша суруд мехонанд. Ба худашон Манучеҳр ном ҷавонеро сардор интихоб карда, ба

[1] Худои ғалаба ва паҳлавонӣ дар асотири юнонӣ.

расму оини хеш босадоқат ҳастанду ба қоидаву низоми мо низ риоя мекунанд.

-- Суруд ҳам мехонанд?

-- Оре, шоҳам. Аз кадом як китоби динӣ, ҳа... аз «Авесто» ҷангномаеро, ки хоси оташпарастон аст, бо самимият мехонанд.

-- Ту онҳоро хеле парваридайи, Каллисфен! Бародарону падарони онҳо аскарони моро қатл мекунанду онҳо ин ҷо бо шиками сер суруд мехонанд, ҷин занад онҳоро! Хайр, бигузор бихонанд, вале суруди охиринашонро дар Мароқанд, байни хуну оташ хоҳанд хонд!

Муаррих бо чашмони хавотиру даванда гоҳ ба Искандар, гоҳ ба ханҷари камари ӯ дида медӯхт. Искандар бошад, Каллисфенро ҳоло ҳам дуруст намедонист ва ӯро «ҳоло бачаи хом аст!» - гӯён ҷонибаш тамасхур мезад ва боз пурсид:

-- Чӣ, онҳо боре ҳам алфози қабеҳ намегӯянд?

-- Ҳаргиз.

-- Аскарони мо – чӣ?

-- Аскарони мо баъзан... – Каллисфен боз ба ханҷару чашмони Искандар дида дӯхта меҳаросид, вале гуфтанӣ буд, ки мардуми мо аксар қабеҳсухан ва дашномгӯй ҳастанд.

-- Ту озод ҳастӣ, бирав!...

Шабона лашкари бузургу воҳимаангези Искандари Мақдунӣ фавҷ-фавҷ /ҳар як фавҷ қариб ҳазорнафарӣ/, ба қавли румиҳо фалангаҳоро ташкил карда, бо силоҳҳои олӣ, бо ҷавшану зиреҳпӯшҳои хуб мусаллаҳ, бо тартибу низоми ҳарбӣ аз шаҳри Искандарияи Ақсо мебаромаданду мебаромаданд. Шиҳакашии аспҳо, садои дашному тозиёнаи сарҳангон, гурс-гурс поймонӣ, гарду ғубор, бонги ғиреву валвалаи атрофиён- ҳама ба якдигар омехта шуда буданд.

Сий нафар гаравгон, ки ба онҳо Манучеҳр писари Таҳмурас – писари собиқ ихшиди Мароқанд сарварӣ мекард, сурудхонон ба пеш ҳаракат мекарданд. Манучеҳр дӯстонашро ба мардию далерӣ, ба пурбардорию нангу номус ҳидоят мефармуд. Ду рӯз мешавад, ки Искандар ба онҳо додани таому нонро манъ кардааст, вале онҳо бо як ифтихору сарбаландӣ суруд мехонданду роҳ тай мекарданд.

Искандар раҳораҳ шаҳру ноҳияҳоро аз нав забту ба харобазор табдил медод, одамонро, алалхусус, мардонро беамон, бе ҳеҷ як пурсиш аз дами теғ мегузаронид. Аз қадами

шуми аскарони ӯ хоку хокистар, вайронаҳою нолаю фиғони занҳои навҳагир боқӣ мемонду бас.

Кушторҳои калон дар Мароқанд ба авҷ расида буд. Бе ҳеҷ як гуноҳ, бе ҳеҷ як пурсиш қатл мекарданд, месӯхтанду метохтанд. Рӯзи дуюм дар миёнаҷои шаҳри Мароқанд оташи бузурге афрӯхтанд, ки алангаи он аз китобҳову бутҳои беозор ва ҳафт муҷассамаи аз чӯб сохташудаи худоёни суғдӣ забона мезад. Ваҳ, чӣ қадар зебову ҳотамкорӣ карда шуда буданд он бутҳои зардуштӣ: ҶАМШЕДУ ФАРИДУН, МАНУЧЕҲРУ КОЙВУС (КОВУС), КАЙХУСРАВУ ЛӮҲРОСП ва ГУШТАСПШОҲ! Оҳ, китобҳои ниёгон, китобҳои доноёни оламро ҷувол-ҷувол ба оташ мезаданд.

-- Чӣ қадар ваҳшӣ ва ҷоҳил шудааст, Искандар! – мегуфт Каллисфен оби дида дар чашм.

Чун Искандар фаҳмид, ки Спитамен бо чокаронаш фирорӣ шуда ва дастгир низ намешаванд, ба фосиқтарин корҳо даст мезад ва амр кард, ки он сӣ нафар асилзодаро ҳозир намоянд.

Ҷавонони мағруру сарбаланл, ки дасту пойҳояшон занҷирбанд ва ба ҳамдигар низ баста шуда буданд, назди оташи бузург сарбаландона рост меистоданд. Онҳо фаҳмиданд, ки рӯзи вопасин омада, рӯзи видоъ расида ва ин рӯзро барояшон рӯзи хушбахтӣ қабул мекарданд.

-- Чӣ хуб аст, ки рӯҳи мо якҷоя бо муҷассамаҳои бузургон ба биҳишт равона мешавад. Инчунин, як каф хоки мо дар марзи муқаддас – дар Мароқанди азиз хоҳад монд. Ҳамбозон, бародарони асил! Мард бошед, сарбаланд роҳ ба сӯи уқбои поктинатон равон шавед! – Манучеҳр рӯ ба оташ намуд ва ба суханаш идома дод. Суханҳои ӯ бурро, шунаво ва қатъӣ буданд: - Ба ҳар қатраи хуни мо Сапитамон аз ин девҳои аҳриманпеша интиқом хоҳад гирифт. Мо ба хонаи хосаи худ меравем. Бале, хоҳиши эзид ҳамин будааст, моро волидонамон ба наздашон даъват мекунанд ва дар он дунёи пок нигарон шудаанд! Меҳр интизори мост! Алвидоъ, суғдиёни асил, алвидоъ эй шаҳри бузургон – Мароқанд! Алвидоъ офтобзамин, суғдзамин, хуш бош!...

Фарнӯҳ бо лаҳни тозаи суғдӣ, бо овози ширадори Манучеҳр мафтун шуда, суханҳои пурэҳсоси ӯро ба Искандар тарҷума мекарду оби дида мерехт.

Асилзодагон аз китоби муқаддаси оташпарастон – «Аве-

сто», ки зери по нимсӯхтаву парешон мехобид, ба даст гирифта аз боби «Яшти Меҳр» порчаҳои матлуберо бо суруд мехонданд. Боди сабуке вазида, гӯё саҳифаҳоро оҳиста ва мувофиқи хостаи ҷавонписарон варақгардон менамуданд. Суруд самимӣ ва баробари ҳамин риққатовар низ буд:

Ту Меҳрро бистой, Спитам –
чунин гуфт Аҳуро Маздо –
ба ҳерон бигӯ сифоташ,
ки парасторони Маздо
туро низ ҳаме парастанд...
Уфтон ба фарқи Девон,
Пас аз тарту марти Девон
торумори меҳрд/у/ руҷон
бигзарад савора он Меҳр...
Гирди деҳ Меҳрро ситоем,
байни деҳ Меҳрро ситоем,
адни деҳ Меҳрро ситоем,
рӯйи деҳ Меҳрро ситоем
зери деҳ Меҳрро ситоем
пеши деҳ Меҳрро ситоем,
паси деҳ Меҳрро ситоем...
Ба ниёз равем ба сӯяш!
Ба намоз равем ба сӯяш!...

Ҷавонони гаравгон сурудхонон паси ҳамдигар, ки гӯё корвони хурдеро шабоҳат мекарданд, аз паси сорбони хеш – Манучеҳр худро ба андаруни оташ заданд, вале идомаи суруди онҳоро мардуми атрофи алангаи бузург, одамони рӯи коху боми кӯшкҳо ва атроф давом медоданд. Суруд гӯё аз даруни оташ ба сомиа мерасиду акси садо медод, ҷарангдору беҳад шунаво буд:

Паҳноҳои паҳно Меҳрро
Парастем ҳаме ба барсум,
ба шири сиришташ хум,
ба ҳунар, забони мансар,
ба гуфтор, кирдору з/а/утар,
суханони ростӣ аз дар...
Меситоям, эй Спитам!
/-чунин гуфт Аҳура Мазда-/...

зи зӯроварон зӯровар,
зи сутургон ӯ сутуртар.

Каллисфен саропо меларзид. Ӯ ки дер боз саробони ин ҷавонмардон буд, ба ваҷд омада, мутаассиру лол бимонд. Сипас худ ба худ биандешид: - «Аз дасти се ҳазор нафар ҷавонмарди ба қадри кофӣ ва бояду шояд ҳарбнадидаву бепаноҳу бетаҷҳизоти Спитамен, ки ба муқобили бист ҳазор нафар аскари аз ҳар ҷиҳат бартарии ҳарбӣ дошта, чиро мунтазир шудан мумкин аст? Дуруст карданд, ки ба ҷанг дохил нашуда, рӯ ба саҳро ниҳоданд. Вале сий нафар гаравгон, рӯҳан пирӯзӣ ба даст оварданд. Бале, ба дилу гурдаи шумо, офарин ба ҷавҳари покатон, ҷавонмардони асили суғдӣ! Оҳ-оҳ, чӣ тавр орому беҳарос хешро ба қалби оташи бузург сурудхонон андохтанд ва мижаи якеи онҳо хам нашуд! Эҳ, танҳо бачаяки хурде, ки ҳамагӣ шаш ё ҳафтсола буд, боре рӯ ба Искандар ниҳод, вале ҳарфе нагуфта даруни оташ рафт. Дӯстонам, асилзодагони баодобам» - ашк мерехт муаррих.

Рангу рӯйи Искандар коҳида, пайкарашро табларза фаро мегирифт. Дандонҳояш ба ҳам зада, мушакҳои бари рӯяш беист мепариду гӯшҳояш ғав-ғавкунон ба дард меомад. Пеши чашмони ӯро бовуҷуди равшании оташ торикӣ фаро мегирифт. Аспи ӯ – аспи бақуввати туркмании доно /ба қавле/ - Букафели бузургҷусса, сахт шиҳа кашид. Шоҳи румӣ аз ин шиҳакашии бетоқатонаи аспаш рамузи баде эҳсос кард ва ба зудӣ бо имои даст фармон дод, ки ба қатлу кушторҳо хотима дода шавад.

Искандар бошитоб Певколайро сатрап /воли/-и шаҳри Мароқанд таъйин намуду роҳ ба сӯи Бохтарро пеш гирифт. Шоҳи румӣ пеш аз сафари Бохтар Пекволайро сахт таъкид кард, ки Сапитамонро зинда даст бигирад, то ки ӯ бо ин родмарди далер мусоҳибае карда тавонад. Ягона орзӯи ӯ бо Сапитамон аҳди дӯстӣ ё вохӯрӣ ташкил кардан буд. «Оё Спитамен ба таклифҳои сулҳхоҳонаи ман розӣ мешавад?» - мегуфт ба худ.

-- Агар боре Искандар набошам, Спитамен шуданро орзу мекардам! Мабод ки ӯ кушта гардад. Агар ӯро бикушанд, савганд ба худо - Зевс, ки он қотилро сар мезадам!

Лашкари пуриқтидори мақдунӣ ба сӯи Балх раҳсипор гардид, вале офтоб ғуруб мекард, пеши роҳи ӯро зулмоти торикӣ, ҳавои серуну сард фаро мегирифт.

Писари Файлақус бо ҳарос ба пасаш нигарист. Дар Мароқанд оташ хомӯш нашуда буд. Оташ дар Суғдиёна бо омезиши дуду суруду хун якҷо забона мезад.

Ту Меҳрро бистой Спитам –
чунин гуфт Аҳура Мазда –
ба ҳерон бигӯ сифоташ,
ки парасторони Маздо
туро низ ҳаме парсатанд...

ГУРЕЗАҲО

Мо қиссаи Сикандару Доро нахондаем,
Аз мо ба ҷуз ҳикояти меҳру вафо мапурс!
(Ҳофиз)

Евмен ва Лисип пас аз он ки Картасис барояшон иҷозатномаи озодӣ бахшид, ба ҷониби ғарб равон шуданд. Саҳрои беобугиёҳ ва пур аз рег тӯл кашида буд. Боди хушку тунде регу хокро аз ҷое ба ҷое мебурду гӯё як нав вазифаи ба худ хосро адо мекард. Хорҳои мағелон чархофалак зада, инону ихтиёрашонро ба ҳукми унсурҳои азали табиат дода буданд. Ҳама ҷо рег буд: замину осмон, пасу пеш, дуру наздик. Ҷонзоде ба ҷуз калтакалосҳои чобук, ки гоҳ-гоҳ ба назар мерасиданду онҳо ҳам аз тарс ё аз гуруснагӣ аз хафол берун меомаданд. Гирду атроф басо дилгиру риққатовар. Мегӯянд, ки саҳро қонунҳои махсуси худро дорад – ҳоким дорад, парӣ дорад.

-- Мо саргум задем, Евмен! – гӯё ҳамроҳашро аз хатар огоҳ мекарда бошад ба забон омад Липис.

-- Бале. Аз аввал, ки саргум зада будем, то охири умр бесарусомон, раҳгумзада хоҳем монд.

-- Чӣ бояд кард?

-- Биё, беҳтараш ҳо-о... дар зери он дарахти хушки заранғи саҳройи шинему андешаи солим ронем, вагарна дар ин дӯзахи регӣ барбод хоҳем рафт. Оҳ, гарданам ба дард меояд! Лаънатии Картасиси барзагов! Чунон зад, ки ду рӯз боз дарди ҷонкоҳ бартараф намешавад.

-- Евмен, - бо меҳрубонӣ муроҷиат кард Лисип шукркунон, - хайрият ки машки нону об дорем, вагарна...

-- Бале, онҳоро бояд сарфакорона ба харҷ диҳем, - ба зери сояи тунуки дарахти хушку сахти заранг баҳузур нишаставу мӯзаи чарминашро кашида ҳарф мезад Евмен, - аммо ба дасти он «ҳайвони шохдор» биафтем, тамом, ҷонамон ба дасти ҷаббор хоҳад рафт. – Аскари румӣ лақаби «шохдор»-ро ба шахсияти Искандар марбут медонист, ҳарчанд, ки «шохҳо»-и ӯ кулаҳхӯде беш набуд.

-- Нигоҳ бикун, нигоҳ бикун! Калтакалосро бин!

-- Хайр чӣ!

-- Охир, вай нотарсона моро тамошо мекунад ё ташна бошад-а, Евмен?

-- Махлуқи худо-дия, ҷӯра...

Лисип аз даруни машк дӯлчаи чӯбини пуробе гирифта, ба наздикии калтакалос гузошт. Чун Лисип чанд қадам дур рафт, ҷонвар бо як саросемагиву ҳарос хешро ба об зад. Обро менӯшиду зери манаҳи гӯё халтагинаш мисли ускунаи дамзании оҳангарон баланду паст мешуд. «Бечора ҷонварак! Чӣ қадар ташна мондааст, ки аз марг ҳам наҳаросида, ба назди одам омадааст. Ё вай бӯйи обро эҳсос карда бошад?» - аз дил гузаронид Лисип ва боз ба андеша рафт: «Чи хеле ки мо ташнаи озодием, ӯ низ ташнаи обу ҳаёт аст. Хуб шуд, ки мо аз дасти Искандари баттол гурехтем. Хости худоҳо будааст. Оҳир, хоҳ нохоҳ дар ягон ҷанги шадиде кушта мешудем. Беҳтар он ки дар оромӣ бимирем. Садҳо, ҳазорҳо аскар гурехтаанд. Оҳ, кошки ба марзи азиз мерасидаму бо касби дилхоҳи хеш – мусаввирӣ машғул мешудам. Евмен устои чӯбкор аст, ба ман ёрӣ хоҳад дод. Суратҳои зебое, тасвирҳои ҷангӣ, хотираҳои сафарҳоямро, ки дида, рӯйи қоғазу чармҳо хома кардаам, ҷон мебахшидаму барои сулҳу салоҳ равона месохтам. Бале, либоси нав, эҳсоси гӯё зинда мебахшидам. «Оё моро дар Рум хуш қабул мекунанд? Чаро қабул намекунанд? Охир мо одами бегона не-ку?! Худоё!... Охир, охир... мо гурезаем, моро ба сифати душмани Искандар маҳкуми марг хоҳанд кард. Магар ҳокими Мақдун Антипатр моро амон медиҳад? Ҳеҷ гоҳ! Ё, Ахилла!...»

-- Евмен! Ҳой, Евмени азиз!...

Ҳамроҳи Лисипро гӯё ғанабе бурда бошад, ки як қад парида, аз ҷой хест. Лисип бо як эҳсосу тарс гиребони ҳамроҳашро ба даст гирифта, арз кард:

-- Мо ба Рум рафта наметавонем, дӯстам. Охир, моро гуреза гуфта, «душман»- гӯён қатл хоҳанд кард! Медонӣ, қатл!

Ҳарду ҳам бо сари хаму боандеша ба дарки воқеият рафтанду сукут варзиданд. Пас аз хеле таваққуф Лисип сар бардошта, бигуфт:

-- Мо беватан шудем. Ягона роҳи озодӣ – ғарибист. Мегӯянд, ки дар ҷониби офтоббаро кӯҳе ҳаст ва паси он кӯҳҳо марғзори сабзу қавмҳои нек зиндагӣ ба сар мебаранд. Дар оини он қавмҳо хунрезӣ гуноҳи азиме будааст. Мо ҳам ба он ҷо меравем! Тани сиҳату бозуи боқувват дорем. Агар худо дар паноҳаш нигоҳ дорад, намирем, зиндагӣ хоҳем кард. Бале, ноумед – шайтон!

Евмен худашро мазаммат мекард, ки то ҳол мавҳуми ба ватан баргаштанро друст фикр накарда будааст. «Дар ҳақиқат моро дар ватани азиз қатл хоҳанд кард!» - боз ҳам ба худ андешид Евмен ва аз дидагонаш ашк метаровиду рухсораву ришаш ашкбор мешуданд.

Лисипро низ хоҳарону бародаронаш ба ёд омаданд. Маҳбубаи азизаш Филаи мақдунӣ – духтари малламӯйи кабудчашму меҳрубон – ҳатто паиҳам ҳар рӯз ба хобаш медарояд. «Оҳ чи қадар ӯро дӯсташ медорам! Эҳ, Филаи беғаразу бегуноҳу содаяки ман! Аз ростӣ, ки ман туро бебахт кардам. Гумон доштам, ки бароят сарвату молу манол меорам, вале хешро ғарибу туро нокому номурод сохтам. Бубахш, азизам! Зиндагии одам ба ҷуз саргардонӣ дигар чизе набудааст. Бубахш, кабӯтараки поки ман! – Ҷавонмард хеле гиря кард. Ҳамроҳаш ба ӯ чизе нагуфт, ҳатто дилбардорие надод ва пас аз чанде хандакунон ба забон омад:

-- Хайрият, дилатро хуб ҳам холӣ кардӣ? Зангу заҳматашро ҳам шустӣ? Акнун хоб рав. Минбаъд шабона ба роҳ хоҳем баромад, зеро ҳаво гарм, роҳ дур аст. Бале, ба ҷониби офтоббаро, кунун ба самти ғарб не, тамоман муқобили он ба шарқ бояд рафт. Дар сина сурбу дар дил ашку ғам ёди ёру дӯстон бояд пеш рафт, азизам. Тақдири мо чунин будааст. Мард бош. Эҳтимол рӯзе бирасад, ки ба марзамон баргардем, моро Александри шайтон ватангадо кард! Охир, Искандар абадӣ зинда намемонад-ку.

Лисип оҳи амиқе кашида, сар ба рӯи машки об гузошт, вале ӯро хоб намебурд. Рӯзҳои ширини зиндагӣ пеши чашмонаш ҷилвагар мегаштанд. Евмени дуредгарро бошад, гӯё кайҳо хоб рабуда, ҳатто намеҷунбид. Пас аз андаке Лисип ба ҳайрат омад, зеро Евмен бо чашмони кушода дар хобаш гап

мезад: «Ҳа-а... Ту одами ваҳшӣ ҳастӣ, Картасиси лаъин! Ваҳшӣ, вай!..».

-- Ин қадар зуд хобаш бурд ва боз хоб ҳам мебинад-е, бечора, - мегуфт оҳиста ба худ мусаввир – зарбаи Картасиси сакоиро ҳоло ҳам фаромӯш накардааст.

Ласип низ ба фаромӯшӣ дода шуду худ ба худ гӯё гап мезад: «Худо одамҳоро гуногун офаридааст. Мисол, бодиянишинон, аксар мардуми ваҳшии нохондаанд. Ба ҷуз чорводорӣ дигар касби назаррасе надоранд. Табиат онҳоро чунин инъому пеша додааст. Чун молу сарват ба даст меоваранд, хешро хушбахт ҳисоб мекунанд. Зеро дигар чизеро надидаанду намедонанд. Хатти ҳаракатҳояшон мисли асп ё гавазн аст: чобук, далер, ҳушёр, якрав. Ҳатто тарҳи рӯяшон низ аспсуроб аст. Худоё, худат халқ офаридӣ, каме бошад ҳам фарҳангу одоб низ ба онҳо медодӣ, олам гулистон буд. Худовандо! Нафсу зар, ҷаҳлу кибр ва дурӯғу ҷанг баҳри чӣ ато кардӣ? Ту халлоқи олам ҳастӣ, тавоною донойи, магар одамонро баробару бародар карда наметавонистӣ, ки оламу одам дар сулҳу салоҳ зиндагӣ ба сар мебурданд? Чаро? Эй худоҷон, эй парвардигори меҳрубону бахшоянда, марҳамати хешро аз мо дур магир!...».

Лисип дурудароз ба осмон дида дӯхта, сипас хомӯш монд ва пас аз лаҳзае рӯйи машки об ӯро низ хоб рабуд. Аҷиб буд. Акнун мусаввир низ хоб медид: гӯё вай дар бешазор алаф медаравид. Алаф қади одам. Ҳама ҷо марғзору гулзор буд, гулҳои бобуна то миёни одам мерасид. Бӯи гиёҳу замини марғдашт ба машом хушу гуворо мерасид. Чунон хушу бардам буд Лисип, ки дос дар бар сурудхонон алаф медаравид. Алафҳо хишир-хиширкунон гӯё сар ба таъзим фурӯ гузошта мехобиданду ғарам мешуданд. Ногоҳ аз дур ҳамсари ӯ Фила ба дида расид. Вай дар даст хурмаи ширу бӯхчаи нону самбӯса дошт. Фила чизҳои овардаашро сари миз гузошта, Лисипро чизе гуфту пас гашт. Ҳарчанд ки Липис нарав мегуфт, гӯш намекард, лабони сурхи базебаш беист меҷунбиданду гӯё кори заруре дошта бошад, ба шавҳараш зуд-зуд нигоҳкунон аз назар ғоиб шуд.

-- Фила! Фила!! – аз пасаш фарёдкунон медавид Липис, вале Фила гӯё ғайб зада буд. Ба назари мусаввир чунин мерасид, ки ӯро зӯран ба куҷое бурдаанд. Лисип бо шаст медавид ва бо тамоми овозаш дод мезад:

-- Фи-и-ла-а!!! - Липис аз овози баланди худаш як қад па-

рида бедор шуд ва рӯбарӯяш Евмени ҳайратзадаро диду рӯйи арақшорашро поккунон нигоҳи ҳаросонашро ба дарахти хушки заранг дӯхт. Ногоҳ андешид, ки ҳамин дарахти ҷонсахту танҳо дар ин саҳрои беобу гиёҳ солҳост, ки устуворуи побарҷо аст. «Ман бошам, чанд муддат наметавонам истодагарӣ бикунам. Бояд сабру тааммул пеша кард. Зеро аз тақозои тақдир роҳи гурез нест ва ин сатрҳо дар дафтари омоли ман сабт ёфтааст. Дигар ин ки номи чунин сарсониҳоро низ зиндагӣ хонанд. Бояд ибодат кард ва ба корҳои нек пардохт. Бобои олими мо Эпикур беҳуда нагуфтааст: «Инсон метавонад дар зери шиканҷа ҳам хушбахт бошад». Хеле хуб гуфтааст Эпикур ё Аристоклин...»

Гурезаҳо ҳамаи се шаби тамом роҳ тай карда бошанд ҳам, ин саҳрои ғамангез гӯё беохир буд асло ҳудуде надошт. Субҳидам лакоту шалпар ба зери сояи хори бузурги мағелон, ки дар зери буттаи хушке андармон шуда буд, афтоданд. Сару рӯяшон аз гарду ғубори рег, офтобу бод хокӣ шуда, лабони парсингбастаашон кафида, пойафзорашон кайҳо дарида, ба назар мурдаеро мемонданд, ки нав аз гӯре баровардаанд. Нисфирӯзӣ аз хоб хеста, каме обу нон хӯрданду мехостанд боз ба сӯҳбат оғоз бикунанд, ногоҳ даҳ-дувоздаҳ савораҳойи сакойи бо ҳаюҳуй пайдо шуданду онҳоро иҳота карданд. Аҷибаш ин буд, ки онҳо гирди гурезаҳо беист давр мезаданду таҳдиде доштанд. Ин воқеаи ғайриоддӣ ба Лисип аҷиб расид магар, ки табассум намуд ва ҳамон лаҳза аз зарбаи тозиёнаи яке аз саворагон, ки ба сараш кора карда буд, ба замин афтод. Евмен гузарномаҳои Картасисро ба онҳо дароз кард. Саворагони ваҳшиманиш гузарномаҳоро як нигоҳ дида, сипас беписандона як сӯ партофтанд. Яке аз саворагон аз асп фаромада, нону машки оби онҳоро гирифт ва ба шиками Евмен як лағад зад, ки бечора «ҳиқ» гӯён рӯи рег афтод. Саворагони ваҳшӣ хандаҳои манфуре зоҳир намуда чи хел пайдо шуда бошанд, ҳамин тавр аз назар ғайб заданд. Вуҷуди саҳроро боз оромӣ фаро гирифт, гӯё ки ҳеҷ воқеае рӯй надода бошад, офтоб нур мебориду боди гарм маҳин-маҳин мевазид.

-- Бахт аз мо рӯй тофтааст. Ё худоҳо ҷазои моро дода истода бошад-а, Евмен? – даҳони пур аз регу лойолудашро поккунон пурсид Лисип.

-- Надонам.... – шикамашро молиш медод дуредгар оҳувоҳкунон.

-- Акнун беобу бенон мондем...

-- Ваҳшиҳо! Палидҳои ҳайвонтабиат!

-- Евмен! Моро лозим аст, ки ҳар чӣ зудтар ҳаракат карда ба ободие бирасем. Дигар ин ки бояд дар ин қарибиҳо деҳае ё манзиле бошад. Зеро ин саворагони роҳзан беҳуда аз ин ҷо намегузаранд.

-- Бале, ҳаракат бояд кард.

Гурезаҳо афтону хезон, оҳувоҳкунон рӯ ба ҷониби офтаббаро роҳ тай мекарданд. Шамол хорҳои мағелонро мисли гулӯлаи тӯп гӯё саргардон мекард, ғел мезанонд. Реги тафсон мадори касро мегирифт. Лисип ҳеҷ тасаввур накарда буд, ки замин ба ин андоза захираи рег дошта бошад. Тепаҳои рег ба назари ӯ мавҷҳои баҳрро мемонд. Регҳо тӯфону бӯрон доштанд ва ҳар лаҳза хавфи дар зери ягон реги бузурги равон мондан аз эҳтимол дур набуд.

Ногоҳ Евмени камсухан ба забон омада пурсид:

-- Ба андешаи ту Александр шоҳи тамоми ҷаҳон мешавад?

Лисип табассумкунон аз ин саволи бемавриди дӯсташ дар шигифт монд. Рангу рӯи Евмен коҳида, риши зардаш пахолвор ба ҳам печида, чашмонаш фурӯ рафта, лабонаш торс-торс кафида буд, «Чаро ӯ ин тур савол дод?» - ба худ андешид мусаввир. – «Ба ҳар ҳол зистан мехоҳад, вагарна ин саволро намедод!».

-- Ба назарам не.

Евмен рӯ ба Лисип оварда гӯё гуфтанӣ мешуд, ки чӣ тавр исбот мекунӣ. Лисип дарди дилашро мегуфт, сухани қалбашро ба забон меовард:

-- Он ҷо ки адолату ҳақиқат нест, ҳаёти некӯ устувору пойдор нахоҳад монд. Охир, ин кушторҳову сӯхторҳоро поён будагист? Агар ман дар ҷанг одаме кушта бошам, ин гуноҳи ман нест. Гуноҳ ба гардани Александру Доро аст ва онҳо ба ин ҷавобгаранд. Мефаҳмӣ, Евмен?...

-- Не-е... худо ба ту ҳам ақлу ҳуш ва имон додааст, ки худ мустақил андеша бионӣ. Вале мо чӣ кардем? Кӯр-кӯрона «доро мешавем, ғанимат ба даст мегирем ва ғайраву ҳоказо!» - гӯён теғ ба даст гирифтем ва барои ин ҷазои мувофиқ низ хоҳем гирифт.

-- Эҳтимол, андешаи ту рост бошад, вале ман дар ватанам қариб буд, ки аз нодорамиву гуруснагӣ талаф ёфта будам.

Дигар ин ки суратҳои нав эҷод мекунам гуфтам. Аз ҳама асосиаш писари Файлақус тамоми андозҳоро аз дӯши аскаронаш бардошта, ба оилаи ҷанговарони марҳум нафақа муайян карда буд.

-- На-на, дӯстам! Ҳар кас мувофиқи насибааш, ризқаш мебоист зиндагӣ мекард, роҳ меҷуст, зеро аз қазову қадар дурӣ ҷустан нишони аблаҳист, ки ҳоло ману ту дар вартаи ҳалокат гом мезанем.

Лисип ҳайрон монд. Гумон надошт, ки Евмени «дамдузд» ин тавр суханҳо мегӯяд.

-- Бармеояд, ки аз ин вартаи ҳалокат низ наҳаросем, зеро ба ақидаи ту сарнавишт кори хешро мекунад?

-- Албатта, албатта!

-- Пас, худи ту чаро ба ин гуноҳ дохил шудӣ? – табассумкунон пурсид Лисип.

-- Ман ҳам дар андешаи ту будам ва ҳоло аз парвардигор узри гуноҳҳоямро мепурсам. Бояд ёдрас шуд, ки замоне давлатҳои хурд-хурди юнонзамин ба якдигар дармеафтоданду барои амалӣ гаштани мақсадҳояшон аз форсҳо мадад мепурсиданд. Ана ҳамин хел гапҳо, Лисип! Биё, ба офаридгор сачда мекунему аз вай омурзиш мепурсем, то дигарбора ба амри ӯ муқобил набароем. Гуреза шудани мо яке аз иқдомоти хубест ва ҳеҷ гоҳ дигарбора теғ ба даст намегирем ва бо роҳи ҳалолу пок пой гузорем.

-- Ту чаро то ҳол ин суханҳоро нагуфта будӣ, Евмен?

-- Ин андешаҳоро чанд рӯзест, ки тарҳрезӣ мекунам ва имрӯз ҳаллу кушоиши онро дарёфтам. Биё, сачда бикунем, Лисип! Аз офаридгор узру мағфирати гуноҳҳоямонро бипурсем.

Ҳар ду бо зону рӯи рег афканда сачда мекарданду пайваста дуо мехонданд ва аз парвардигор омурзиш мепурсиданд. Рӯз ҳам бегоҳ мешуд ва гурезаҳо гӯё хешро бардаму чира ҳис мекарданду тамоми шаб роҳ гаштанд. Қарибихои субҳидам ба назари онҳо кӯҳҳо намоён шуданд. Вале дигар на маҷоли пой бардоштан монда буду на мадори сухан гуфтан, ҳар ду ҳам аз ҳуш рафта, парӯ ба замин афтоданд.

Бодаки сарде вазида, онҳоро ба ҳуш овард. Офтоб ба қиём омада бошад ҳам, зери сояи ғафси дарахт тафсон набуд. Гирди сарашон одамони бисёреро, марғзору ниҳолзореро дида, бо аломати савол ба онҳо нигари-

станд. Яке аз ҳозирон ғайричашмдошт бо забони юнонӣ пурсид:

-- Шумо румӣ ҳастед?

Лисип ва Евмен баробар бо аломати тасдиқ сар ҷунбониданд.

-- Аз зулму асорати Александр гуреза шудед?

-- Бале.

Атрофиён хандиданд. Лисип гумон мекард, ки пас дуои неку самимӣ, худоён мабодо онҳоро ба Рум оварда бошад. «Вале кӯҳҳои мо ин тавр набуд-ку?!» - мегуфт ба худ мусаввир.

-- Мо низ ҳамтақдири шумоем, азизон. Ба ин ҷойҳо мисли шумо гуреза шуда омадем ва дар байни ин одамони некдилу порсо зиндагӣ мекунем. Хавотир нашавед ва азобҳоятон низ паси сар монданд. Ин ҷо ҷои хуб аст. Ҳар кас, ки дар ин ҷойҳо бо нияти неку лафзи ҳалол, дилу имони пок биёяд, зиндагии хушу гуворо хоҳад бурд. Дар воқеъ, саҳарӣ шумоёнро беҳушу беёд дарёфтем ва ба ин ҷо овардем. Акнун бо меҳнати ҳалолу андешаи нек кор ва зиндагӣ хоҳед кард.

-- Ин сарзаминро чӣ ном аст? – пурсид Лисип.

-- Ин ҷойҳоро Бадахшон мегӯянд.

-- Бадахшон?!

-- Бале. Бадахшон!

ЗИМИСТОН

Эй зи иқлими адам омада дар мулки вуҷуд,
Ба куҷо омадӣ, омаданат баҳри чӣ буд?
(Мавлонои Румӣ)

Искандар бе ягон мамоният ба Бохтаристон дохил шуд. Ӯро дар Балх лашкаргоҳи румиҳои онҷобуда бо хушнудии том истиқбол гирифтанд. Ба пешвозу шарафи, ба қавли дӯстони Искандар «шоҳи чаҳор самти ҷаҳон» қурбониву бозиҳои гуногун, мусобиқаҳои варзишӣ ташкил карда буданд. Бале, «шоҳи ҷаҳон»-ро на пешвози шодӣ, на хоҳиши бозиву варзишҳо буд.

Хотири ӯ пас аз қабули гармоба ва шаробу хӯришҳои болаззат низ таскину осуда нагашт. Дар пеши назараш сараввал дувоздаҳ ҳазор чокари мароқандӣ, ки ба ӯ таслим нашуда худкушӣ карда буданд ё охирон сий нафар асилзодаи қаламрави Мароқанд, ки сарбалондона хешро сурудхонон ба оташ андохтанд, ё гурӯҳи панҷакатиён, ки ба қавли Гефестион андаруни қалъа базм ороста дар зери садои дафу уд ҳамдигарро қатл мекарданду «худкушии муқаддас» мегуфтанд, як-як ҷилванамойи менамуданд. Боз хуҷандиҳои якдилу мубориз, ки то одами охирин ҷангида буданд, ё аз понздаҳ ҳазор аскари Истаравшан, ки ҳашт ҳазор нафар хешро аз болои қаср зер афканданд ва муқобилияти сахти курешатиҳо – суғдиҳо ҳама аламовару риққатовар ба дида мерасиданд.

Воқеаи дигаре, ки дар саргаҳи дарёи ба қавли румиҳо Номиқ ба вуқӯъ омада низ ба ҳайрат оварда буд. Боре Искандар куҳандизеро тасхир кард, ки беш аз сад нафар чокар парвои тарсу воҳимаи ҷанговарони мақдуниро накарда бо садоҳою нидоҳои ба худ хос суруд мехонданду давр зада – давр зада бо ҳамдигар шамшер мезаданд. Дар ин «набарди худӣ» як-як чокарон аз теғи бародарони хеш қурбон мешуданд. Бале, ҷон медоданд! Искандар амр кард, ки онҳоро бозоранд. Ба ҳузури ӯ се нафар сарони суғдиҳоро ҳозир карданд, сарбаланду бовиқор рост меистоданд. Искандар тавассути мутарҷим онҳоро пурсид.

-- Мебинем, ки шумо ҳамдигарро маҳв месозед, вале рақсу суруд ба ин чӣ нисбат дорад?

Аз байни сарони ҷанговарони суғдӣ як ҷавонмарди шерсинаву қавиҳайкал бе ҳеҷ тарсу бим ба забон омад:

-- Марг дар роҳи ҳақиқату адолат бароямон шараф аст. Тавассути марги муқаддас мо ба ҳузури ниёгон бармегардем. Марги шарофатманд бо суруду ниёиш анҷом мегирад ва мояи шодӣ мегардад. Мо намехоҳем, ки ба ту ғулом бошему ту моро бикушӣ, мо худ он ҷо меравем. Зеро дигар ин ҷо зиндагӣ ҳаром ва марзу бум палиду касиф шудааст.

Чун Искандар ин посух бишнид, ба шигифт омада, сипас пурсид:

-- Агар ман ба шумо озодӣ бахшам, қавл медиҳед, ки бар алайҳи ман намебароед?

Сарҳанги суғдӣ оромона гуфт:

-- Мо аз аввал бар зидди ту набаромадаем. Чун мақдуниҳо моро озор доданд, душмани ту шудем. Агар шумо бо нармиву истиҳола ба мо муносибат мекардед, мо хеҷ гоҳ муқобил намебаромадем.

-- Ман шуморо авф мебахшам ва ҳеҷ кас кушта намешавад, вале шумо бо чӣ далел ё васиқа маро дилпур мекунед?

-- Мо ҳеҷ гоҳ, ҳеҷ вақт ба ягон сарзамин ё давлат бо кинаву таҷовуз пой нагузоштаему ҳамла накардаем. Ва дини мо муқобили дурӯғ, кина ва адоват аст! Агар мо гӯем, ки қавл медиҳем, онро то расидани марг бо вафову аҳд пос мелорем. Агар ту моро накушӣ, кинаву ғараз наварзӣ, мо дӯсти ту хоҳем шуд.

-- Пазируфтам!

-- Мо ҳам пазируфтем ва савганд ба шири модар.

--- Чаро шири модар?

-- Ҳар касе аз суғдиён агар ба шири модар савганд ёд бикунад, он савганд бузург ва иҷропазир хоҳад буд, зеро модар низ ба зоти худ як офаридгор аст!

Искандар гӯё моту ҳайрон ва хешро дар ҳузури ин баҳодурон мағлубу ҳақир дарк намуд. Вале бори нахуст ба хулосаи мушаххасе омада, бигуфт:

-- Ман беҳуда бо ин мардум ҷангидаву афту дарафт кардаам. Онҳоро бо ҷанг не, бояд бо хешутаборӣ тасхир кардан мумкин будааст! – Искандар ба атроф нигарист ва бори нахуст кӯҳистон ба вай писанд афтод ва сипас ба худ гуфт:

«Бале, ман бояд ва ҳатман домоди суғдиҳо бишавам. Роҳи осону наздик ва бехунрезӣ пирӯз омадан ҳамин аст!» - шоҳи маккор табассум намуд, ки маънии ба худ хос дошт. Ногоҳ ба ёди Искандар Уксорт омад. Ба қавли хабарнигори балхӣ, ӯро бо духтараш Рухшона одамони Сапитамон дуздида бурдаанд, боз ҳам дилтангу асабонӣ мешуд.

Шоҳи мақдунӣ дар хонаи оростаю хоса, ки ҷойи хобаш низ ба шумор мерафт, танҳо ба андешаҳо ғӯта зада менишаст. Ӯро менишаст гуфтан ғалат мебуд, зеро чанд сония менишасту сипас якбора мисли мурғи посӯхта, аз як самт ба самти дигар равуо дошт. Ногоҳ ғайричашмдошт бо овози баланд ба забон омад:

-- Кистӣ ту, Спитамен? Дӯст ҳастӣ ё душман, ҳоким ҳастӣ ё сарҳанг?! Ё сеҳргар ё киштгар?...

Искандар қариб як моҳ базм меоросту ба шикор мерафт ва мусобиқаҳои варзишӣ мегузаронид, вале хотираш ҷамъ намегашт. Пас аз чанд рӯз бо каме чокар баройи хабаргирии лашкаргоҳи дар шаҳри Навтоқ гузоштааш сафарбар шуд. Чун ба Навтоқ дохил шуд, хабар омад, ки Сапитамон дар остонаи Балх асту ғаниматҳои шоҳро бо аскарони сакойи ба яғмо бурд. Искандар ба зудӣ аз лашкари волии Навтоқ – Кен дастае тартиб дода, Артабозро ба Балх фиристод.

Воқеҳо чунон бошиддат иваз мешуд, ки Искандар сару калобаашро гум карда буд. Пеш аз он ки Артабозро ба муқобили Сапитамон мефиристод, ӯро таъкид кард:

-- Он шермарди суғдиро бароям зиндаву саломат бирасон. Бирав, худоят ба ту мададгор бошад!

Рӯзи дигар Искандар ба Мароқанд омад. Дӯстони юниаш ба ӯ хабар расониданд, ки байни аскарон ноороми ҳукмфармо шудааст. Парменионипир ва писараш Филот низ самимияти хешро алайҳи ӯ пос намедоранд. Искандарро аскаронаш мисли пешин эҳтиром намекунанд. Ҳатто аз паси ӯ ҳуштаккашон суханҳои дағалу духӯра мегӯянд, масхараомез механдиданд.

Искандар ба хашм омада, Парменионро ба ҳузур хонд. Сарҳанги пири ҳафтодсола бовиқор, бо чеҳраи кушодаву ором вориди тахтгоҳ шуд. Искандар ӯро низ рӯбоҳвор оғӯш кушодаву бӯсида, ба вай ҷои мувофиқ нишон дод.

-- Пармениониазизу доно! Ту барои ману сарзамини азизамон содиқонаву вафодорона хизмат бикардӣ. Мехоҳам дар

пирӣ давлати бузургсолорӣ бирониӣ. Туро волии шаҳри Искандарияи Африқо таъин карданиям. Ту ба ин пешниҳоди ман розӣ мешавӣ?

Парменион андеша меронад, ки ин ҷо ягон шумигарӣ ё дасисаи наве пинҳон набошад. Сарҳанги соҳибтаҷриба ба шоҳ рӯ оварда гуфт:

-- Ба шарте, ки писарам Филот низ бо ман бошад.

Искандар хандида розӣ шуд ва илова кард:

-- Бигзор чунин бошад, вале Филот пас аз чанд рӯз ба дидорат хоҳад расид. Ӯро ба забти як қалъаи суғдӣ мефиристам, ки он беш аз як ҳафта ё дераш як моҳ тӯл нахоҳад кашид. Дуруст?

Пармениопро дигар чорае набуд. Вай розӣ шуд.

Пас аз ҳафта Искандар хабари дар роҳ кушта шудани Пармениопро шунида, қаноатмандона ба худ гуфт: «Кор аз рӯи нақша рафта истодааст!» Ҳамин тавр пас аз чанде ӯ Филотро низ қатл фармуд. Аскарони якрав, тундхӯ ва шӯрапуштро низ мувофиқи ба ном ҳукми «суди ҳарбӣ» ба дор кашид. Пас аз корҳои кардааш қаноатманд шуда бошад, гуфт:

-- Кори шоҳона шуд!

Вале ин тавр шӯришу суиқасдҳо бори аввал нашудааст. Соли гузашта низ норозигиҳо, шӯришҳо пайваста ба вуқӯъ меомаданд. Биёед, дар ин бора бори дигар суханорӣ хоҳем кард.

Шӯришҳои халқӣ, махсусан қиёми суғдиён ӯро боз ҳам бештару фузунтар беором менамуданд. Ниҳоят, Искандар ба хулоса омад, ки онҳоро тарсондан ё фармонравоӣ кардан нашояд, беҳтараш сарварон ва кадхудоёни ин қаламравҳо имтиёзҳо ва бахшишу амалҳо дода, тавассути онҳо тобеияташонро даст гирад. «Он гоҳ, - мегуфт писари Файлақус ба худ, - ҳатто Спитамен ҳам бечора шуда мемонад! Бале! «Аммо маро лозим аст, ки фавран ва ҳарчӣ зудтар духтари Оксиарт Роксанаро ба занӣ бигирам. Он гоҳ бовар ҳаст, ки оромию дастболоии ман ошкор мегардад. Вале чӣ гуна? Кай?».

Искандар пас аз як ҳафтаи тамом маҷлиси махфӣ даъват кард. Дар он ҳамаи сарҳангу дӯстони ӯ гирд омада буданд. Ӯ маккорона ба марги Парменион ва писари ӯ Филот поси эҳтиром ва маоши кӯмак ба оилааш таъин фармуд. Пас аз ин ба сомеон дида дӯхта, афзуд:

-- Вазъият рӯз аз рӯз душвор мешавад. Спитамен, Катон

ва Датафарн душманҳои хавфноки мо шуданд. Сипас қалъаҳои Ҳуриён, Шахи Суғдиён, қалъаи Аримаз нуқтаҳои асосии гарми ҷанганд. Набардро аз кадоми ин нуқтаҳо сар кард?

Чун ҳарвақта Гефестион лаб ба калом кушод:

-- Вақте ки Спитамен дар анҷумани Саразм сипаҳсолори кулли суғдиёна гумошта шуд, ба ӯ Ҳуриён – афшини Панҷакат, Катон – ҳокими Бохтар, Оксиарт – коҳин ва ҳомии Балх, Шашпир – афшини Бутамон, Сакуншоҳ – ҳокими сакойиҳои соҳили рости дарёи Танаис, Таҳмурас /марҳум/ ихшиди Мароқанд ва дигарон кӯмаки ҳарбӣ ва иқтисодӣ расониданд, вале Спитамен ҳадди худро надонист. Вай пеш аз он ки мо ба Мароқанд дароем, дастаи Каранро ногаҳон ва номардона маҳв сохту ба Мароқанд дохил шуд. Ӯ ба Мароқанд ба сифати сипаҳсолор не, ба сифати ихшид ба тахт нишаст. Хушбахтона, бале хушбахтона, Оксиарт ҳам, Ҳуриён ҳам, Шашпиру Сакуншоҳ ҳам аскаронашонро пас гирифтанд. Спитамене, ки шумо ӯро пуриқтидор мешуморед, ҳоло бо шашсад нафар сакойиҳои авбошманиш ва дуним ҳазор нафар фидоии хеш монда, амалиёти роҳзанӣ мебарад.

-- Гап сари шумораи аскарон нест, дӯстам! – гӯё ӯро ислоҳ мекард шоҳи мақдунӣ...

Гефестион ногоҳ сурх шуда, рӯю лабу пешониаш арақшор гардид, вале зуд худро ба даст гирифта, афзуд:

-- Бояд тан гирифт, ки Спитамен ҷавонмарди нотарс, далеру шуҷоъ аст. Вале ин чунин маъно надорад, ки вай сиёсатмадор бошад.

-- Бале, дӯсти бузургам! Андешаҳоят шоёни таҳсинанд, аммо ту бигӯ, ки ҷангро аз киву аз куҷо оғоз бикунем? Канӣ, боре ақидаҳоро як-як тарҳрезӣ кунем.

Гефестион рӯи харита хам шуда, аз ҷониби соҳили чапи Рӯди Зар қалъаи Ҳуриён ва «Шахи Суғдиён»-ро нишон дода гуфт:

– Пурзӯртарин қувваҳои суғдӣ дар ду қалъа аст. Мо бояд Аминта ва Кенро ба муқобили Спитамен фиристода, худамон ба фатҳи қалъаҳо пардозем.

-- Қалъаи Аримаз чӣ мешавад? – пурсид Гарпали юнонӣ.

-- Он қалъа ночиз аст ва сари роҳи сафари Ҳиндустон забт кунем ҳам мешавад. – Ба ҳозирон мутафаккирона бо нигоҳе афканда, маҷлисро ба охир расонид Искандар.

– Бале, Гефестион ҳақ аст. – Ба ту, - рӯ ба Аминта овард шоҳи мақдун, - супориш ин аст, ки Спитаменро зинда даст гирӣ ва худо накарда...

-- Ба чашм!

-- Бирав, тадоруки сафар бинмо!

Ҷаласа ба поён расид. Пас аз баромада рафтани сарҳангон надими хосаи шоҳ хабар расонид, ки дӯсти нави ӯ сипаҳсолор Селевк аз Ҳабашистон омадааст ва иҷозати даромадан мехоҳад.

-- Бигӯ дарояд.

Селевк ҷавонмарди миёнақад, биниаш кӯфта, ҳушёру сабукҳаракот кулоҳашро ба даст гирифта, вориди тахтгоҳ шуд. Искандар ба истиқболи Селевк аз ҷояш хеста, як қадам пеш баромад ва ӯро ба оғӯш гирифт.

-- Чӣ хабару навигариҳо?

-- Оромӣ, осудагӣ ва саодату садоқат бар шумо ҳукмфармо аст.

-- Кайфияти мардум чӣ тур аст?

-- Ба назарам давлатдории мустамликавӣ чунин аст, ки ба расму оин, ба дину ба забону фарҳанги халоиқ озодӣ бахшидан аст. Он гоҳ зиндагии ту хушу мақсудат амалӣ хоҳад шуд.

-- Офарин, Селевк. Ин шеваи туро дар суғдзамин низ бояд истифода кард. Исто, исто... Ту мехоҳӣ, ки аз духтарони суғдии тозанажод бароят ҳамсари асилае пайдо бикунам? Мехоҳӣ?

Селевк бихандид. Искандар низ баланд хандида, мисли шоҳони шарқзамин қарсе бизад. Вақте ки надим ба хидмат даррасид, бе он ки ба вай нигоҳ кунад, фармуд:

-- Ба истиқболи Селевки азиз, шароб!...

БОБИ ШАШУМ

МАРГИ СПИТАМОН

Эй роҳгузар, беҳуда ба ин санги ҳақир назар маяфкан, зеро чизе дар зери он нахоҳӣ ёфт! Он, ки ҷустуҷӯяш мекунӣ, акнун дар фарохнои осмонҳо дар парвоз аст, то аз ин ҷаҳони ночиз ба сарманзили ҳашамату сафо қадам гузорад ва дар саропардаи боазамати адабият маскан гузинад.

/Ламартин/.

Тобистон ҳоло пару болҳояшро батамом нағундошта, фасли тирамоҳ, мисли меҳмони нохонда хешро вонамуд мекард. Паёпай борону рӯз аз рӯз сард гаштани ҳаво мушоҳида мешуд. Деҳқону киштгарон, чорводорону боғбонҳо аз паи ғунучини ҳосил афтода, дар ғами захираи маводи хӯроки хешу чорвояшонро доштанд. Баргҳои баъзе дарахтон заъфарон гашта, тиллогун мешуданд.

Родмарди суғднажод – Сапитамон, ки ба он баргҳо дида медӯхт, андешаманд нақшаи сафарашро тарҳрезӣ мекард. Ӯ пагоҳ азми разм дорад. Вай ба муқобили адӯ меравад, аз паи Искандари душман, ки пои нопокаш ба сарзамини Бохтар нақш дорад, баҳри озодии ҳаммеҳанону ҳамдиёрони азизаш талош хоҳад кард. Ба ёди ӯ нотифоқиву ноаҳлии бузургони водӣ расиду ангуштонаш фушурда, абрӯвонаш гӯё ба хашму ғазаб олуда шуданд. Вай ба андешаҳои амиқ ғӯтавар гашт: «Аксар ғами хешро мехӯранд: Уксорт бо духтари нозпарвару азизаш Рухшона ба Шахи Суғд рафт. Бечора Рухшона! Уксорт ӯро намегузорад, ки алайҳи душман биҷангад, талошу мубориза барад, инону ихтиёраш дар дасти он зодагони якрав аст. Коҳин бо худ ҳазор нафар истаравшаниро – хешонашро низ бурдааст. Пири рӯбаҳмизоҷ! Магар наметавонист, ки аскаронашро ба дастаи ман ҳамроҳ бисозад? Ҳуварнро – афшини Панҷакатро чӣ бало зада бошад? Бе ягон ҳарфу бе ягон маслиҳат бо нӯҳ ҳазор чокараш дар қалъаи хеш кайфу сафо дорад. Вай даъво кардааст, ки бо ҳамин миқдор чокарон Искандарро мағлуб хоҳад кард. Гӯё қалъаи сангинаш ба фалахмонҳои деворшикани Искандар тоб меоварда бошад.

Кӯтоҳназар! Ту мард бошӣ, биё, якҷоя амал бикунем, як тану як ҷон бишавем. Э-э..». Спитамон қариб монда буд, ки дашноми болохонадоре гӯяд, вале худдорӣ кард ва ногоҳ хаёлаш ба дигар қавму мамоликҳо парвоз кард: «Чокарони мароқандӣ бошанд, пас аз марги Таҳмурас қисман фирорӣ шуданд ё онҳоро аз байни он бузургон касе бероҳа кардааст. Бо ман имрӯз беш аз ҳафтсад нафар навкарон аз Саразм, ҳамин қадар аз Хуҷанд, шашсад шумора сакойиҳо, дусад нафар аз Бутамон ва панҷсад нафар аскарони Катону Датафарни балхӣ – ҷамъ се ҳазор нафар чокар! Магар бо ин миқдор аскар ба муқобили беш аз чил ҳазор нафар румӣ, ки бартарии аълои ҳарбӣ, лавозимоти олии ҷангӣ доранд, муҳориба варзидан мумкин аст? На! Ба қавли Картасис, ягона роҳ ба даставу қисматҳои хурди аскарони Искандар зарба задан ва ногаҳон ҳамла овардан, румиҳоро ба доду фарёди хоси сакойиҳо воҳима андохтан салоҳ асту бас! Дигар илоҷи беҳтар аз ин вуҷуд надорад. Чӣ кунам, Чӣ?!».

Андешаҳои Сапитамонро аз боғ ба самти ҷануб парвоз кардани селаи турнаҳо ба худ овард.

-- Ҳаво сард мешавад! – ба забон омад сипаҳсолор. – Эҳ, озод будан чӣ қадар фараҳбахш ва гуворо аст!

«Чаро дили бузургони суғд аз ман сард шудааст? Чаро?... – оҳи амиқе кашида, барои хабар гирифтани аспаш ба саисхона дохил шуд. Аспи саманду бақуввату чира ва қашанги ӯ гӯё ба соҳибаш «хуш бош» мегуфта бошад, сарашро болову поён мечунбонид. Вале Сапитамон дар тору банди андешаҳо ба асп нигоҳ накарда, афзуд:

-- Сарони Суғдзамин чӣ андеша доранд?»

Асп ба соҳибаш орому ҳайрон нигоҳ мекард. Сапитамон гӯё бо ягона дӯсти ҷониаш мусоҳиб бошад, рӯ ба саманд гардонида, муроҷиат кард:

-- Ту чӣ мегӯйи азизам? Чаро иттифоқӣ, ҳамҷиҳатӣ, якдилӣ намекунанд? Охир, фоидаи ин корҳо ба ҷониби онҳоку?!

Ҷавонмардро аз ин саволҳо хандааш омад ва халтаи ҷавро ба гардани асп андохту рӯйи охурча нишаста, боз ба андешаҳо дода шуд:

«Наход онҳо гумон карда бошанд, ки ман пас аз ғолиб омадан бар Искандар шоҳи Ориёно мешуда бошам? Ё пас аз озод кардани Мароқанд, ки муваққатан ихшиди он шаҳр

шудаам, онҳоро ранҷонидааст? Охир, ман гумон доштам, ки пас аз ин воқеа Уксорт ҳам, Ҳуриёну Шашпир ҳам, Аримазу Фарозмард ҳам, Сосимеҳру Сакуншоҳ ҳам маро дастгирӣ карда, боз ҳам бештар кӯмак мерасонанд. Ниҳоят, ман андешаҳоямро ба Уксорт гуфта будам-ку? Ё тавба!... – Сапитамон ба катар-катар ҷав хӯрдани аспаш гӯш дода, лаҳзае гӯё аз ин олами ҳастӣ ба дуродур парвоз карда истода бошад,чашмонашро пӯшид ва ногоҳ андешаи дигаре ба сараш зад: «Онҳо намехоҳанд, ки касе музаффар бошад ва ғолибии туро намеписанданд. Зарур бошад ба қатли ту низ чорае хоҳанд дид! Парвардгоро! Дили он ҷоҳталабону тахтхоҳонро рӯшан бикун, то аз асли воқиа огоҳ бошанд!».

Сапитамон бо қатъият аз ҷой бархосту бо овози шунаво ба забон омад:

-- Ман, Сосимеҳр, Аримаз, Датафарн, Рухшона, Фаридун, Картасис ва садҳо фидойи баҳри озодии Суғдиёна, Варзрӯду Ориёно хешро ба оташи мубориза хоҳем зад! Бале, оташи муқаддас андар Ориёно барангехт!

Вақте қосиди Сапитамон хабар овард, ки Искандар бароййи хуш гузаронидани зимистон бо каме аскар боз ба Балх рафтааст, родамарди суғдӣ ин лаҳзаро муносиб донист ва сафари Бохтарияро пеш гирифт. Сипаҳсолор мехост, ки ҳарчи зудтар ин амалиётро ба иҷро расонад, вале ногаҳон қосиди Сакуншоҳ расида омаду амалиёту нақшаҳои ӯро боздошт. Қосиди сакойи хабар овард, ки бояд Картасис бо дастаи худаш ба ҳузури Сакуншоҳ баргардад. Вале Картасис якҷо бо Сапитамон ба муқобили адӯ ҷангидан мехост. Сапитамон низ бо Картасис унс гирифта буд. Вазъият душвор, зеро бе ин ҳам сафи чокарони сипаҳсолори Суғд хеле кам мондааст. Ниҳоят Картасис даррасид ва андешаҳояшро иброз намуд:

-- Ман ба ҳузури қабилаҳои сакойии поёноби Рӯди Зар рафта, ба шумо беш аз шашсад нафар чокари озмуда ва далер мефиристам, ки ин ҳафт ё даҳрӯза вақтро мегираду бас. Худам ба назди бародарам рафта, вазъиятро ба эътидол меораму ба зудӣ роҳ сӯи Балхро пеш мегирам. Ҳамин андешаи ман шуморо маъқул аст? Вагарна Сакуншоҳ аз ман меранҷад, охир ӯ бародарам аст....

Шашсад нафар сакойиҳои ба қавли Картасис «озмуда ва далер» пас аз якуним моҳ расида омаданд. Гӯё онҳо роҳгум задаанду бо ким кадом қабила ё сокинони кадом маҳал

ҷангидаанд. Сапитамон феълу атвори онҳоро санҷида, ба хулоса омад, ки ин даста гурӯҳе беш аз авбошони муқаррарии яғмогар дигар чизе нест. Шаклу шамоили аксари онҳо мисли ваҳшиён аст: чи хӯрокхӯриашон, чи муомила, чи хобу хезашон. «Чӣ илоҷ, магарам дар китоби тақдири ман чунин навишта будаанд». – ба худ андешид писари Пуришасп.

Ба сардии ҳавои фасли зимистон нигоҳ накарда, дастаи Сапитамон аз ҷониби ғарбии Варзруд ба роҳ баромад. Дар сафар дастаи сакойиҳо пешсафу чобук ва серҳаракат буд. Сапитамон ин ҳолатро тасодуфан аз сӯҳбати ду тан сакойи ба хубӣ фаҳмид, ки мегуфтанд:

-- Агар зудтар ба Балх бирасем, халтаҳои молу маноламон, чорвою аспамон меафзояд. Ба шаҳраки Исси бадавлат шуда бармегардем.

-- Мегӯянд, ки сипаҳсолори суғдӣ ҷавонмарди росткору сахтгир аст.

-- Ба мо фарқ надорад, ки Сапитамон сахтгир ё сустгир. Ба мо мол даркор, зару нуқра зарур аст, фаҳмидӣ?

Сапитамон чизе нагуфта, аз ин сӯҳбати дилбазан хешро дур гирифт. Зеро ҳоло вақти танбеҳу тарбия набуд. Вагарна ин авбошманишон метавонистанд ӯро тарк бикунанд. «Бигузор, душманро ғорат бикунанд, вале ба мардуми бечора зарар нарасонанд шуд. Агар не, ҷазояшонро хоҳам дод!» - ба қароре омад сипаҳсолори суғдӣ.

Аз ахбори навин Сапитамонро маълум шуд, ки Искандар раваду ӯро даст гирад ва бо ҳамин ҷангу низоҳо хотима ёбанд, мардум ба рӯзгори осуда дохил шуда, дунё ба салоҳу сулҳ ояд. Вале чокарон қотеъона талаб карданд, ки ба лашкаргоҳи румиён, ки дар Балх аст, зарба мезананд, танҳо пас аз ин ӯ метавонад онҳоро ба ҷойи дигаре бубарад.

Ними шаб. Ҳаво сард. Замин ях. Гӯё работи ҳарбии румиёнро низ сармо маҳв сохта бошад, ҷонзоде ба назар намерасид. Дастаи Сапитамон то субҳидам лашкаргоҳро нафақат аз душман озод кард, балки тамоми молу мулки адӯю як қисми хазинаи Искандарро, ки он ҷо маҳфуз будааст, пурра ба даст овард. Сакойиҳои ваҳшиманиш чунон ҳариси чизу чора буданд, ки ҳатто ашёҳои нодаркорро ҳам ба колою аспҳояшон бор мекарданд. Сапитамон аз ин аҳвол биранҷид. «Чӣ гуна одаманд онҳо? Ваҳ, асилзода будан чӣ тавр хуб будааст! Охир, онҳо мисли ҳайвонон ҳарису чизнодида, одоб-

надида, китобнахонда махлуқанд-ку!» - мегуфт ӯ дилаш ба риққат омада. Пас аз ин сипаҳсолори суғдӣ сардори сакойиҳоро – Пилсамро ба ҳузураш хонд. Ин ҳамон Пилсаме буд, ки боре Сапитамон танбеҳаш дода буд.

-- Суғдиён бо хоразмиҳову форсҳо, бо сакойиҳову ғуриҳо аз замонҳои хеле қадим дӯст ва меҳрубону меҳмоннавозона зиста омадаанд. Дар рӯзҳои мушкилӣ ба мадади ҳамдигар расидаанд, ҳатто бо ҳамдигар ҳамхуну хешутаборӣ низ доранд. Гӯш деҳ, Пилсам! Ин чӣ расму оин аст? Охир, мо барои озод кардани мазлумону бечорагон омадем, на барои гирд овардани сарвату доройии онҳо.

Пилсам ба дида ҷавонмарди ғӯладинг, вале базарбу бақувват, аспрӯ, мешчашм ва тундхӯ менамуд. Чашмонаш айёрона, гирди лабонаш пирсингбаста, дар манаҳаш холҳои безеб ё гӯшти зиёдатии холмонанд, ба назари бинанда манфуру нафратовар мерасид. Нигоҳҳояш тӯъмачасп, лоқайд ва кунд буданд. Ба як қавле ӯро сахтчангол ва сараш аз оҳану нигоҳаш сарди палангӣ мегӯянд. Дар ҳини ҷанг мабодо ангуштонаш ба ҳариф бирасад, он узвро наканда ё нашикаста намемондааст ва охирон бо сараш як зарбаи ҷонситон зада мекуштааст. Вай истеҳзоомез хандида, ба забон меояд:

-- Охир онҳоро ба ғайр аз мо дигар кӣ озодӣ бахшид? Боз чӣ кор кунем буд?...

« Ин қадар дандонҳояш безебу чиркзадаанд!» - аз дил гузаронид Сапитамон.

-- Дуруст, вале ба молу маноли мардуми маҳаллӣ даст задан аз рӯи адолат нест. Дигар ин ки мо барои мол не, барои...

-- Исто, соҳиб! – сухани сипаҳсолорро беадабона бурида гӯё шарҳ медод сарвари сакойиҳо. – Ту адолат мегӯйӣ, магар озодӣ бахшидан адолат нест? Мо хун резему талафот диҳему ба қавли ту, ҳамин тавр баромада равем? Кӣ ба мо ҳақ медиҳад? Парвардигор?! Адолате, ки ту мегӯӣ дар рӯйи замин не, дар осмонҳо бояд бошад!

-- Ба худ оед, ҳоло вақти боигарӣ ба даст овардан мерасад. Ҷанг дар пеш аст, Пилсам. Мо бояд аз паи Искандар равем. Он гоҳ боигарии ҳақиқиро мебинем ва то бардоштани аспҳоятон хоҳед гирифт.

Пилсам ба як қавле ин гуфтугӯро қабул фармуда, розӣ шудааст...

Охирҳои фасли зимистон Сапитамон бори дигар Катон, Датафарн ва ёрони эшонро ба ҷониби қалъаи Сосимеҳр фиристода, онҳоро бифармуд, ки Балхро аз румиён пурра озод бикунанд. Сипаҳсолори суғдӣ бо шашсад нафар сакойии авбошманиш ба ҷониби Навтоқ рафт. Ба гумони Сапитамон, ки ӯрдугоҳи румиён дар Навтоқ, ки сарвари он Кен буд, ночиз аст, ба ҳуҷум гузашт. Вале дар Навтоқ аскарони яккачини Кен ва Аминта камин гирифта буданд, ки Искандар ин қуввaҳоро аз Мароқанд сафарбар карда буд.

Ҷанг хеле шадид ва барқосо сурат гирифта, аз ҳар ду ҷониб ҳам талафоти калон ба вуҷуд овард. Ниҳоят, дастболойии румиҳо, ки аз ҳар ҷиҳат бартарӣ ва миқдоран даҳҳо баробар афзунӣ доштанд, мушоҳида мешуд. Сакойиҳои бадбахт, ки молу манолашонро ҳамроҳи худ гирифта буданд, аз ин аҳвол ба танг омада, колои хешро партофта рӯ ба ҳазимат ниҳоданд. Дар ин саду панҷоҳ нафар сакойи кушта шуд. Онҳо рӯ ба Сапитамон оварданд. Чашмонашонро тоси хун гирифта, мисли сагҳое, ки ба гӯшти одам парварида бошанд, ба Сапитамон муроҷиат карданд:

-- Канӣ, акнун гап зан, хоҷа! Минбаъд чи кор мекунем?

Пилсам вожаи «хоҷа»-ро сактадору духӯра ба лафз оварда.

Спитамон бе ҳаросу воҳима, вазнин сар боло кард ва ба ҳоли онҳо, ки то косаю табақ, куртаю шолвори пӯшидаи румиҳо, ки онҳо низ ин ашёҳоро ғанимат гирифтаанд ва аз ҳама чизашон батамом ҷудо шудаанд, дар дилаш механдид, афзуд:

-- То шаб сабр кунед. Поси шаб бори дигар ногаҳон ҳуҷум хоҳем кард.

Сакойиҳо ором шуданд. Онҳо чанд аспи маҷрӯҳро кушта зери оташ мениҳоданду мехӯрданд. Арросзанону ҳамдигарро суханҳои қабеҳ гуфта, гӯшт мехӯрданд. Оби даҳонашон аз кунҷи лабонашон мешориду устухонҳои хоидаашонро ба ҳар сӯ мепартофтанд. Мӯисари аксари онҳо хеле дароз ва мисли мӯи духтарон бо тасмаи чармӣ баста шуда буданд.

Сапитамон бо сӯҳон шамшерашро тез мекарду ба онҳо нигоҳ накарда, дар дилаш мегуфт: «Ваҳшиён! Магар беҳтар нест, ки ба ҳузури Искандар мерафтаму бо ӯ сулҳ мебастам! Бояд чунин кард. Охир, ӯ борҳо бароям мактубҳои дӯстӣ, ба

маънии сулҳу салоҳ навишта буд. Ё андешаҳояш тағйир ёфта бошанд?...»

Сипаҳсолор шамшерашро санг зада, ба тезии он бовар ҳосил карду онро ба наёмаш андохт ва бо овози паст афзуд:

-- На! Ман ба Искандар сар хам нахоҳам кард. Ман ҳоло бо ӯ дидор хоҳам дид. Хайр, ҳоло ғалат аз ман шуд. Бале, хато шуд! – Сапитамон боз ба тарҳрезии нақшаҳояш пардохт: «Маро лозим буд, ки бо Датафарну Катон ба Балх мерафтему сипас якҷоя бо ҷавонмардони балхиву бохтарӣ, бо Сосимеҳр ба Кен зарба мезадем. Магар дер шудааст? Не! Вале пеш аз ҳама аз ин махлуқҳои авбошмонанд халос шуданам шарт аст. Худи онҳо ҳам, ба назарам, баробари ба даст овардани ғаниматҳо рӯ ба фирор хоҳанд овард. Бале, бигузор, бираванд!». Поси шаб дар работи ҳарбии Кен чунон маҳшаре ба амал омад, ки бархе аскарони румӣ рӯ ба гурез ниҳоданд. Ин набард ногаҳон, тундхӯёна, пур аз воҳимаю доду фиғон ба амал пазируфт, ки сакойиҳо беист мисли гургони маст уллосу нула мекашиданду мекуштанд, мешикастанду медариданд ва мезаданд, бе ягон истиҳола ғорат мекарданд, сипас оташ мезаданд. Дар як лаҳзаи кӯтоҳ на аз Кен хабар монду на аз Аминтаи кордон асар. Сакойиҳои авбошпеша молу маноли фаровон ба даст оварда, пас гаштанд. Барои онҳо акнун шахси Сапитамон вуҷуд надошт ба ӯ касе эътибор ҳам намедод. Рӯзи дигар сипаҳсолор бо даҳ нафар чокараш ба скойиҳо муроҷиат кард:

-- Шумо хуб ҷангидед. Мебинам, ки дигар бо ман ҳамроҳӣ намекунеду ройи маро намехоҳед. Ҳамин тавр нест? – рӯ овард ба Пилсам.

-- Бале, мо вазифаамонро пурра ба ҷо овардем. Дигар ту ба роҳи худ бираву мо ба роҳи худ.

-- Хайр, миннатдории маро қабул фармоед. Хуш бошед, анбозон!

Вақте ки Сапитамон бо чокаронаш аз назар дур рафтанд, ногоҳ Пилсам ба сакойиҳо муроҷиат кард:

-- Сакойиҳо! Ҳушёр бишавед! Мо акнун чӣ хел ва бо кадом роҳ ба Исси меравем? Эҳтимол ҳаст, ки румиён моро амон надиҳанд. Искандар аз паи мо афтода қасос хоҳад гирифт. Чӣ бояд кард? Сапитамон бошад, ҳеҷ гоҳ моро то ба хонаамон бурда намемонад.

Ҳамагон сархам ба андеша рафта буданд. Пас аз соате

байни онҳо як пиракии лоғарандому дар ҷанг пояш шикаставу захмӣ, ки нолиш мекард ва Тур ном дошт, ба забон омад:

-- Шумо ҷавонони шуҷоъро лозим буд, ки...э-э... вой-е... поякам!... Бале, лозим буд, ки сари Сапитамонро... ба Искандар ҳамчун тӯҳфа тақдим мекардед. Оҳ-оҳ... Вай шод мешуду ҳам гуноҳи шумоёнро мебахшид ва ҳам зари фаровоне ба шумо медод. Эҳтимол, ҳокимии ягон сарзаминро ба Пилсам мебахшид...

Пилсам чунон ба рӯи Тур бо диққат, вале бо як макру сардии рӯбоҳона дида дӯхт, ки Тур гӯё ба маънии «боз худат медонӣ» китфонашро дар ҳам кашид. Ниҳоят Пилсам ғайричашмдошт нидо бароварда:

-- Оҳ, чӣ андешаи оқилонае иброз фармудӣ, Тур! Чаро зудтар ин хабарро ба мо нагуфтӣ, пиракии аблаҳ. Барои доноият ма, ин зарро бигир! – гӯён ба вай як ҳамёни зарро бахшид ва филфавр ба ёронаш муроҷиат кард:

-- Ба аспҳо бишинед! Аз паи Сапитамон асп метозем! Ба ғайр аз Тури ноланда, ки акнун аз дидани ҳамёни зар ҳариб шодикафак шуда буду намедонист, ки онро ба кучо пинҳон кунад, боз чанд тан захмиҳо /онҳо беш аз панҷоҳ нафар буданд/ ҷунбуҷуле доштанд.

Пилсам ва дастаи хуношому ваҳшиманиши ӯ аз паи сипаҳсолори суғд тирвор гӯё парвоз карда, ғоиб шуданд.

Охири зимистони соли 327 буд. Сардии ҳавои ин соли пеш аз милод кам-кам ба поён мерасид. Ҳаво гоҳ якуякбора гарм мешуду бӯйи баҳорро ба машом меовард, гоҳ якбора боди тунду сарде вазида аз нав яхча меборид. Сапитамон бо даҳ нафар чокараш каме хӯрок мехӯрду акнун омодаи роҳ шуда буд, ки аз дур сиёҳие намудор гашт.

-- Киҳо бошанд онҳо? Ба аспҳо савор шавед, мабодо румиён бошанд, ҳатман рӯ ба ҷониби Балх фирор кунед, зеро аз дасти даҳ нафар чӣ кор ҳам меомад! – фармон дод Сапитамон.

-- Онҳо сакойиҳо барин, паҳлавоно! Ҳа-ҳа.... аз кулоҳи чарминашон маълум аст!

-- Магар ақлашон ба ҷой омада, ба мо ҳамроҳӣ мекунанд.

-- Феъли ҳайвонро худаш надонад, мо аз кучо донем.

Яке аз чокарони Сапитамон, ки хеле ҷавону саводи дурустеро низ соҳиб буд, ба сипаҳсолор рӯ оварда:

-- Соҳиб, моро зарур аст, ки аз онҳо хешро дур бигирем. Фирор кунед, паҳлавоно!

Сапитамон бихандид ва ба ҷавонмард бо меҳр нигариста, мӯйлабашро калонгирона тоб дода гуфт:

-- Далер бош, Бобак. Асло дар зиндагӣ сархам ва ба нардбон мубаддал машав. Бале, бояд нардбонбарои боирода шуд. Онҳо қасди мо намекунанд, зеро аз Картасис эмин нахоҳанд монд. Дигар он ки мо ба онҳо ҳеҷ бадие накардаем.

Беш аз сесад нафар сакойиҳои ваҳшизада гургвор нула мекашиданду гирдогирди даҳ нафар суғдиро мисли паргори фӯлодӣ печонида гирифтанд. Пилсам ба забон омад:

-- То он даме, ки ту зинда ҳастӣ, халқро амонӣ набошад. Мо туро ба ҳузури Искандар хоҳем бурд.

-- Ба худ ой, Пилсам! Ба ҷонат ҷабр макун ва эҳтироми Картасисро нигаҳ дор. Зеро оқибати ин андеша фалокатбор аст!

Чашмони Пилсамро тоси хун фаро гирифта буд. Абрувони каммӯяш рӯи чашмонаш чину парчин шуда, онро боз ҳам гурбавор тангтару бадхашмтар нишон медоданд. Ба назари Сапитамон чанголҳои ӯ ба даррондан омода мешуданду сари ба қавли сакойиҳо оҳанинаш оҳанинтар шуда буд.

-- Чӣ васият дорӣ? Ё ягон супориш будагист-а? Хоҷа?!

-- Васият он, ки суханҳои ман пеш аз марги ту ба ёдат хоҳанд омад, - шамшери фӯлодинашро аз наём гирифт сипаҳсолори суғдӣ ва ба худ гуфт: «Ин қадар овозаш сарду ях ва тинаташ бенуру ваҳшатзада аст. Бало занад турову нафасатро, ваҳшӣ!...»

Ногоҳ даҳҳо каманду тӯрҳо ба сари суғдиён афтод, вале ба як зарбаи шамшерҳои тез камандҳо пора-пора шуданд. Сакойиҳо ҳаросида монданд. Зеро дар як лаҳза рӯҳи даҳҳо нафар чокаронашон сӯи дӯзах раҳсипор шуданд. Сесад нафар чокари ваҳшиманиш саросемавор ҳозир буданд, ки рӯ ба ҳазимат кунанд. Сапитамон чунон ба ғазаб омада бо як нафрати беохир чолокона шамшер мезад, ки Пилсам чашмдори ин воқеа набуд. Вай ба яке аз авбошон чизе гӯшакӣ кард ва худаш пеш рафт. Сипаҳсолор мехост, ки Пилсамро бикушад, ба ҷониби ӯ ҳаракат кард, вале аз зарбаи даҳҳо найзаҳои ногаҳон ва аз дур, аниқтараш аз паси вай андохташуда ӯро аз асп зер овард. Ёронаш низ ба хоку хун жӯлидаву бечон хобида буданд. Сапитамонро аз пушт найзаҳо кора карда, захмӣ сохта, вале ӯ ба ин ҳолат парво

накарда, мисли наррашери жаён наъракашон аз ҷой бархост ва ба ҷониби Пилсам равон шуд. Чанд найзаи ба камару китфонаш бихаставу ҳамоил рӯи рег хаткашон мерафт. Лашкари зулм ба ваҳм афтода, додгӯён мегурехтанд, ки ба Сапитамон теғ асар намекардааст, ба ӯ аҷал набудааст. Ҳатто Пилсам низ гурехта аз дур ӯро наззора мекард.

Ин замон аз пеши назари Сапитамон ҳамсари азизаш Навишта, Навиштаи беғаразу бекина, духтари азизаш Апомаи нозанин гузаштанд. Ӯ ният лошт, ки баҳорон духтарашро ба шавҳари муносиб медиҳад. Дар Варзрӯду Ориёно сулҳу салоҳ ва осоиштагӣ ҳукм меронад. «Вале, - ба худ андешид сипаҳсолори суғдӣ, - ҳоло лаҳзаҳои охирини умрро аз сар мегузаронам. Оҳ, марзи азизу муқаддасам, дарёи шӯхобакам, рӯди Зарам! Мардуми як умр заҳматкашам, бофарҳангам, меҳмоннавозам! Шуморо падруд мегӯям, нана, падруд не, алвидоъ мегӯям! Бок не, гарчи хуни покам дар ин хиттаи бегона бирехт, дар ин саҳрои бекасукӯй, дар регзори беканор, пурхор, пурозор.... Ному насаби ман, корҳои неку маниши ростини ман ҳамеша дар дили покрӯзгорон ҷовидон хоҳад монд. Ё Аҳурмаздо! Маро истиқбол бигир, зеро ту маро ба хонаи хеш даъват бикардӣ. Ман туро парастидам, оташи туро, хоки поки туро, оби зулоли туро, насими атрбезатро. Ҳалол зистаму ба ту хиёнат накардам ва аз ин ҷиҳат дилам пур аст. Ҳамсари азизу духтари меҳрубонамро бар паноҳи ту мегузорам, парвардгоро, рӯҳбахшо, росткирдоро, худоё!

Ваҳ, чи хушнудам, ки тани беҷони ман палид намешавад. Зеро марз бо ман – Модар бо ман аст! Як каф хоки мавлудгоҳ – хоки суғдӣ бо ман аст!...»

Сапитамон табассум намуд – табассуми вопасин! Боиси хушнудиаш он буд, ки вай дар камараш як каф хоки поки марзашро, хоки Саразмро баста мегашт, мисли ҷонаш нигоҳ медошт. Аз ин ҳол шоду дилаш дар дами марг лабрези қаноатбахшӣ кашф мекард. Ӯ сар бардошта, бовиқор ба адӯ нигарист. Қотилони буздил аз як табассуми ӯ дил ба ларза, ҷон ба каф гирифта, мунтазири фавти паҳлавон буданд.

Дами вопасин боз ба ёди Сапитамон суханҳои охирини падараш дар Саразм, дар ҳини гандумдарав ёдрас шуданд, боз табассум намуд. «Фарзандам, ман мехостам, ки ту мисли ин заҳматкашон пешаи кишоварзӣ мепазируфтӣ. Зеро ган-

дум неъмати муқаддас ва пешаи кишоварзӣ пешаи пайғамбарист...»

-- Бале,- оҳиста пичирос зад Сапитамон ва афзуд, - зироаткори хокпош будан чӣ тавр хуб аст!

Паҳлавони захмӣ ба гирду атроф дида дӯхт. Нахустбаҳор буд. Ба хотири шермарди суғдӣ маргзорҳои махмалину туғайзорҳои пуранбӯҳи Саразм расиданд. Ӯ оҳи бадарде кашид, дилаш ба ёди марзи азиз гум мезад. Гӯё аз накҳати настарану ёсумани шукуфта ё аз бӯи анбарини наънову ҳулбӯи гирдогирди сарҳавзи пушти ҳотаашон мебӯида бошад, нафаси амиқе кашид. Оҳкашон ба ёдаш омад, ки баҳорон ба лолачинӣ мерафтанд. Ваҳ, чӣ тур зебо буд – ёлаҳои лолагардан! Дар овони бачагӣ аз кӯҳи Офтобрӯя ревоҷу торон, замбӯруғу гиёҳҳои хушбӯй мечиданд. Ё рӯи маргзорони махмалпӯш бо ҷавонҳо ба гӯштӣ мепардохтанд. «Чӣ хел рӯзҳои неку гуворо буданд, давраи бачагӣ!» - мегуфт ба худ ҳокими Суғд.

Сапитамон гӯё бори дигар ба шамшераш тору пуди хаёлҳоро пора карда бошад, аз андешаҳои амиқ берун ҷаст ва дид, ки адӯ чӣ сон интизори марги ӯянд, бихандид. Ӯ тири нигоҳашро ба ёрони ҳалокшудааш дӯхт ва дилаш аз ин ҳолат сахту сангин гашт. Ба худ гуфт: «Онҳо то вопасин неру, то қатраҳои хуни охирин бо душмани номард ҷангиданд ва вафодории хешро алайҳи ману марзи азиз содиқона адо карданд. Ёдатон боқиву рӯҳатон шод бод, азизони ман! Хок шуморо то абад парниён бод. Акнун ба хонаи ҳақиқии хеш бармегардем. Он соат даррасид, вале мақсуде доштам, ки адӯро решакан бикунам. Искандарро – он шоҳи шохдорро – бе шох созам! Оҳ, бадӣ низ беохир будааст. Хайр, насибаву сарнавишт азалист! Ба дасти ин ваҳшиёни хуношому даррандаҳӯи худамон кушта шудам! – Сапитамон аз дарди ҷонкоҳ як такон хӯрд, вале хешро бо мардӣ устувор гирифту афзуд:

-- Шод бошед, суғдиҳои асил, бохтариёни диловари ман! Алвидоъ, эй марз! Алвидоъ, Навиштаи беғараз, падруд, духти ширинам, Апома! Алвидоъ!...

Ниҳоят, сари Сапитамон давр заду парӯ ба замин афтод. Охирин ҳарфи сипаҳсолори суғдӣ аз хикмати халқӣ буд, ки ба забонаш омаданд: «Ҳамаи дарёҳои амиқ оромандҳ....».

Шамъи умеди Сапитамон хомӯш шуда, ҷон дода буд. Ва-

ле касеро заҳра набуд, ки ба вай наздик шавад. Пас аз соати тӯлонӣ Пилсам ларзон-ларзон пеши наъши Сапитамон расид ва ҳамон лаҳза бо як зарбаи сахти шамшер сари сипаҳсолорро аз тан ҷудо кард. Онҳо бо рангу рӯи коҳида сари писари Пуришаспро ба колои чармӣ андохта, ба сӯи шаҳри Мароқанд равон шуданд.

Ҳамин вақт Бобаки захмӣ ба ҳуш омад. Ӯро дасту пои рост ва китфонаш хуншор гашта, вале захмҳояш хатарнок набуданд. Чашми Бобак ба Сапитамони бесар афтоду чанд лаҳза гӯё беҳушу беёд гашт, шах шуда монд. Вақте ба худ омад, чунон наъра зад, чунон фарёду шеван гуфт, ки гӯё саҳрои саросар рег пӯшонида низ мотамсаро шеван мегуфту навҳа мехонд:

-- Бузургворамро куштанд-е, сари сипаҳсолорамро буриданд-е, шоҳи далеронро – фарзанди суғдиёнро бурданд-е, одами неку додгустарро гирифтанд-е, Аҳурамаздо! Куҷойи ту, додситони кулли ҷаҳон, соҳиби чаҳор аркони имону имкон! Кунун чӣ мешавад ҳоламе... худоҷоне... худоҷон-он!

Ногаҳон аспи саманди Сапитамон низ хуншору захмӣ пайдо шуд ва тани бесари соҳибашро шинохта, онро дурудароз бӯй кашид. Аз дидагони ҳайвони вафодору безабон ашк мешорид ва чун одат сарашро болову поён андохта, гӯё навҳа мегуфту масти наътхонӣ буд. Афсӯс, ки забони гӯё надошт, ҷонвар...

Бобак то дар чашм ашку дар тан нерӯ дошт, бо алам хешро задаву хуншор карда, ба хоку хун яксон кард, чанд бор беҳуш шуду ниҳоят ӯро ақли солим баргашт. Чоҳе канда Сапитамону ёронашро ба хок дод ва камару кулоҳи Сапитамонро ба матое печонид, то ба Датафарну Катон бисупорад. Ӯ гӯё ба аспи сипаҳсолораш рози дил мегуфта бошад, ҳарфгӯёну лангон-лангон роҳ мепаймуд:

-- Сипаҳсолори родмард ҷони хешро баҳри озодии кешу миллат фидо кард. Ӯ мехост, ки одамон ба сулҳу салох оянд, озодона зиндагӣ бикунанд. Алалхусус, ҷонибдори камбағалу бечорагон буд. Вай ҳамеша мегуфт, ки заҳматкашу меҳнатдӯст одами бад намешавад, ӯро бояд муҳофизат кард. Паҳлавон ҳамеша мегуфт, ки ба ранҷбарон имконият бидеҳ, онҳо туро парво хоҳанд кард. Вале аз дасти авбошу ҳайвонтинатони дарандаву ваҳшӣ номардона кушта шуд.

Асп мисли як ҳамсӯҳбати баодоб сум мезаду гӯш медод.

-- Ҳа, боз як каф хоки суғдмард дар қалби ин хоку регзор, дар мағзи саҳрои бекасу бегиёҳ абадӣ бимонд. Ман акнун ба Навиштаву духтараш Апома чӣ мегӯям? Онҳо интизори муждагонӣ ба пешвозам мебароянд ва ба ҷои хабари хуш, марги устоди азизамро чӣ тавр мерасонам? Чӣ тавр?! Э-э... худои меҳрубон, рӯҳи ӯро дар биҳишти ҷовидон ҷой бидеҳ! Туйи донову бино, ба ҳар оина тавоно!...

Аспи Сапитамон аз паси Бобаки азодору сӯгвор бо сари хам гӯё ӯро бо каманде баста мебурда бошанд, сум мезад ва гоҳ-гоҳ ба пасаш – ба қабри соҳибаш нигоҳ мекард, шиҳаи аламноку пурдарде мекашид.

Вақте ки аз дур шаҳри Балх ба назар расид, асп ногаҳон шиҳаи ба дарде кашиду ба замин гумбурасзанон афтод. Бобак, ки дуртар аз паси ӯ меомаду ба вай эътиборе намедод, ба ҷои воқиа ҳозир шуд. Аспи саманд ҷон дода буд.

-- Эҳ, вафодор! Маро то манзил гусел кардиву акнун ки гӯё вазифаатро ба субут расонидӣ, аз паи соҳибат рафтӣ. Эҳ, Ҳурмуз! Чӣ бошад ки ҷони маро ҳам мегирифтиву мушкили маро ҳам осон мекардӣ?! Илтиҷо мекунам, маро маозмой, дилам реш-реш шуда истодааст, худоҷон! Бигир, бигир, ҷони маро, худоҷон!

Ришу мӯйҳои Бобак дар як лаҳзаи кӯтоҳ, сап-сафед шуд. Ин буд тақдири ғамангези як нафар чокари ҳафтдаҳсолаи суғдӣ. Чун Бобак аз дур Катону Датафарнро бидид, беҳушу беёд ба замин афтод, вале лабони парсингбастааш беист номи сипаҳсолори суғдиро талаффуз мекарданд:

– Сапитамон! Сапитамон!! Сапитамон!!!

ПИСАРИ ХУДО

Чунон зиндагӣ кунед, ки аз тарс фориғ бошед.
/Эпикур/

Вақте ки Искандари Мақдунӣ аз сафари Бохтару Навтоқ баргашт, дарбориён ӯро тамоман шахси дигар, одаме бо олами дигар шинохтанд. Рӯз аз рӯз амру фармонҳои наву барои румиҳо ноҳинҷорро ҷорӣ мекард. Дили ӯ нисбати румиҳову ҳатто юнониҳо низ сард шуда, эҳтиромаш беқурб гашта буд. Ӯ бештар расму оинҳои зиёиёни мисрӣ, одоби муошират форсиёнро пазируфта, хешро рӯирост «худо» ба забон мегирифт. Искандаре, ки аз ин пеш худ ба асп озодона менишасту мефаромад, кунун бе ёрии надимону хидматгорон гӯё коре намекард. Минбаъд дар назди кӯшки Искандар ҳазор нафар румии сару либоси якхелаи махсус пӯшида, панҷсад нафар асилзода, дар беруни умури корӣ аспу филҳои ҷангӣ бо чокарони силоҳбадаст омодаи хизмат, боз панҷсад нафар асилзодаи форснажод аз ҷониби дигар саф ороста буданд. Дар ана ҳамин ҳадаму ҳашам ба тахти пуршукӯҳи зарринкорӣ нишаста амр медоду кор мебурд. Аксар вазифаҳоро ба форсҳо бахшида, надиму посбонҳоро низ аз байни эроннажодон интихобу таъин карда буд. Агар касе аз ҳамватанонаш таъзим ё хушомад намекард, онҳоро ба бемаданиятиву беодобӣ муттаҳам сохта, ҷазо медод. Ҳатто маҷбур мекард, ки заминро бӯсида, бари ҷомаи ӯро ба чашм бимоланд, зеро ӯ «писари худо» аст – писари падарашон, вале дар Мемфис сазовори унвони фиръавн шудааст ва мисли фиръавну Саргон бузург аст.

Ин гуна «бузургиҳову кароматҳо»-и Искандар пеш аз ҳама ҳамватанонашро писанд намеомад. Рӯз аз рӯз байни дарбориён шоҳро боз ҳам таъназаниҳо, ҳатто масхара кардан, писханд задан ба вуқӯъ меомад. Ҳатто ӯ хабар ёфт, ки гурӯҳи аскарон гӯё даъвои дигар ворид нашудан ба ҷангҳоро дорад. Ҳамватанонаш бошанд, рӯирост гуфтаанд: «Бигузор худи Искандар бо падар – Амон ва рӯҳи подшоҳону авлиёҳои гузашта ба ҷанг равад! Вале мо ба Ватан бармегардем!».

Искандар аз ин ҳол андешаманд ба шаробнӯшӣ пардохта буд. Ӯ бештар бо дӯстони айёши худ: Медий, Неарх ва Евмен (ҳар се ҳам юнонӣ) базм меорост. Мақдуниҳоро аламе ба дил меомад, ки Искандарро кӣ ба ин мартаба расонидааст. Магар эшонро фаромӯш кардааст – ҳамватанонашро, дӯстонашро?! Махсусан Клит – бародари дояаш, ки бо ӯ дар як хонаву ҷой калон шудаанд, безобита мешуд.

Боре дар базми умумӣ Клит сархуш хешро ба даст гирифта натавонист ва низои сахте ба амал омада буд. Клитро бештар он чӣ ба ғазаб оварда буд, ки роҷеъ ба қавли Искандар румиҳо тарсу будаанд. Клит танҳо як чизро намефаҳмид, ки Искандар ин суханҳоро ба шӯхӣ мегӯяд ё барои ранҷонидани румиҳо. Ӯ ба забон омад:

-- То кай ту румиҳоро тарсу мегӯӣ?

Искандар себ мехӯрд ва ба саволи Клит заррае ҳам эътиборе надода афзуд:

-- Он кас тарсу аст, ки вай камбағалу камбизоат бошад.

Ин сухан аз як ҷиҳат ба Клит тааллуқ дошт. Ҳама медонистанд, ки хоҳари калонии Клит дояе беш нест ва падару модараш низ одамони бебизоат буданд. Клит гӯё мисли оташ аланга гирифт ва ҷиддӣ пурсид:

-- Магар ту он мақдунӣ нестӣ, ки мо баҳри ту ҷонфидоёна ҷангидем? Агар румиҳову мақдуниҳои ҷонсупор намебуданд, ту ҳам ҳеҷ будӣ. Вале имрӯз писари Флипп буданатро тан нагирифта, писари Амон шудай, ки аз камоли ақл нест!

Искандар себи ба нимагӣ хӯрдаашро фурӯ бурда, ба мусоҳибаш рӯ оварда ва гуфт:

-- Эй нобакор! Ту гумон мекунӣ, ки ҳамеша гуноҳҳои туро бахшидан барои ман ҳаловатбахш аст?

Клит низ паст намеомад. Зеро дар овони кӯдакӣ даст ба дасту оғӯш ба оғӯш ба воя расида буданд. Шири як модарро ҷамида, имрӯз аз ин модар рӯ тофтани Искандар ба вай алам мекард. Клит аз ҷояш хеста, боз шӯрид:

-- Ҷазо хеле бисёру басанда аст, ки мо румиҳо онҳоро кашидаву чашидаем. Аз ростӣ, ки ба мурдаҳо ҳаваси кас меоял. Вақте ки аз дӯсти худат носипосӣ мебинӣ, аз ин ҳол мурдан беҳтар аст. Охир, моро модиву порсҳо қатл мекунанд.

Искандар ҳеҷ нагуфт, пайваста себ мехӯрд. Базмиён Клитро ба ҷояш шинонданд. Пас аз лаҳзае Клит боз афзуд:

-- Боре ту гуфта будӣ, ки гӯё эллинҳои бузург нимхудоянд

ва дар байни мақдуниёну румиҳои ваҳшӣ зиндагӣ доранд. Албатта, шоҳ ҳар чӣ мегӯяд шоҳ аст, бигузор бигӯяд, аммо бидонад, ки шахси озодро ҳеҷ кас ба мизи хеш нахонад. Беҳтараш бо ҳамон барбарҳою ғуломон, ки ҳамеша ба ӯ сари фуруд меоранд, ба камарбанди порсии ӯву ба либосҳои дороёнаи ӯ саҷда мекунанд, бо онҳо бошад. Ман ғулом нестам!

Искандар дигар худдорӣ карда натавониста, бо ғазаб себи дасташро ба шаст сӯи Клит ҳаво дод ва ханҷар ё теғе мечуст, то мусоҳибашро бикушад. Дӯстон Искандарро дошта, гӯё ӯро ба оромиву андеша водор месохтанд. Птоломей Клитро аз базм берун баровард. Искандар гӯё пай мебурд, ки ӯро ҳоло мисли Доро қатл мекунанд. Бо ҳамин ғумону андеша хитоб кард:

-- Ба зудӣ бонги хатар бизанед!

Базм сарду риққатовар ба назар мерасид. Ҳама орому сокит. Бонги хатар низ ба гӯш намерасид. Ҳамин вақт Клит аз берун шеъри Еврипидро аз боби «Андроман» қироаткунон, беписандона вориди базмхона шуд. Ӯ мисли девонае шеър мехонд ва мисраи зеринро аз он боб махсус бо овози сактадор ва такрор месуруд:

-- «Чӣ одати аҳмақона доранд, эллинҳо...».

Чун ин мисраъ бори дигар такрор шуд, Искандар бетоқатонаву чолокона, гуфтан ҷоиз буд, ки мисли бабри чобук, бо як ҳаракати тезу тундона найзаи посбонеро дартоз гирифту ба дили Клит теғ зад. Пас аз ин ҳол, дақиқае нагузашта Искандар ба худ омад ва найзаи ба наъши Клит хастаро кашида гирифту ба дили хеш заданӣ шуд, вале дӯстонаш ӯро боздоштанд...

Аз байн чанд рӯз гузашта бошад ҳам, Искандар аз кошонааш берун намебаромад. Пайваста ғам мехӯрд, ки бародари дояаш Ланикаро, гӯё бародари худашро бикушт, дӯсти овони бачагиашро қатл кард.

-- Ман чӣ тавр ба чашми ҳамватанон нигоҳ мекунам? Оё гуноҳи маро бахшидан мумкин аст? На! Ба ҳар ҳол дар дил ин тавр нияти баде надоштам. Кори шайтон шуд. Бале. Ин кори шоҳона нест! Хобҳоям низ дуруст баромаданд.

Писари Файлақус аламашро аз шароб мегирифт.

Рӯзи дигар ба ҳузури ӯ сарҳангу пири боэҳтиром Артабоз дастур хоста даромад. Вай аз бемориву пириаш шикваҳо дошт:

-- Писарам, акнун ман пир шудам. Маро аз мансаби во-

лигии Суғдиёна озод бикун. Вақти ором гирифтан, ба ниёзу намоз пардохтани ман даррасид.

Искандар лабханде заду посух дод:

– Хайр, бигузор чунин бошад. Ба андешаи ту киро волии Суғдиёна таъйин бикунам?

Артабоз оби чашмони пурожангашро поккунон даме ба хаёл рафту сипас афзуд:

-- Алҳол Аминтаро ба ин кор гузоштан ҷоиз аст.

-- Чаро алҳол?

-- То он даме, ки Спитамен зинда аст, Суғдиёнаро забт кардан корест мушкил!

Искандар низ ба хаёл рафт. Андешамандона рӯйи қолини форсӣ қадам мезад ва ниҳоят афзуд:

-- Бале. Спитамен бузург аст! Вале ман низ писари худо ҳастам. Мефаҳмӣ, писари худо!

ПОДОШ

Нест шавед, эй хаёлот ва хоҳишҳо, нест шавед!

Шумо ҳама ба лаззату ширинихои дунё ва молу мулки давлатдорӣ асос ёфтаед. Ба авзои тану ҷонам парвое надоред. Ман ба шумо ҳеҷ сару кор надорам.

Тамоми ҳастиву ҷону танам аз они ман аст.

/Асарамҷи Бапу – адиби ҳинду/

Сакойиҳои ваҳшиманиш бо сарварии Пилсами ҷаллоду хунхор шоду мамнун ба сари Сапитамон ишоракунон қоҳ-қоҳ зада механдиданд.

-- Ин сар не – тилойи соф аст, тилло! Ҳа-ҳа-а!...

Вақте ки дастаи Пилсам ба ҳузури анбозони захмиаш баргашт, пирамарди сари Сапитамонро ба буридан фатво дода, пойҳояшро молишкунону ламсзанон пурсид:

-- Сари сипаҳсолори суғдиро овардӣ, Пилсам?

-- Ҳа-ҳа-а!... Мана, он сари тилойи! Эй Тур – эй ғуломи доно! - Қаҳ-қаҳаи мастӣ зоҳир менамуд сарвари сакойиҳо ва аз кӯлвори чармин сари суп-сурх ба хун жӯлидаро ба даст гирифта ба ҳозирон нишон дод.

Баъзе аз дидани ин ҳолат механдиданд, баъзе нафрат доштанду баъзе ба ҳарос афтода буданд.

Тур ба Пилсам бо ҳавас дида дӯхта, афзуд:

-- Акнун ту сарватманд хоҳӣ шуд ва эҳтимол, Искандар туро сарҳанги худаш таъин кунад. Исто-исто, акнун ту барои ин хизмати ман, ғуломи мақрӯҳи пиракиатро бо худ мебурдагистӣ, а?

Пилсами девавзо боз ҳам девонатар бихандид ва сонӣ якбора хомӯш шуда, ба забон омад:

-- На! Маҳз бо фатвои ту ман ба ин кори зишт рӯ овардам ва даҳ нафар суғдии бегуноҳро куштам, вале онҳо низ қариб бист нафар ёри маро ба қатл расониданд. Агар ту бегуноҳ бошӣ, сиҳат саломат ба Исси бармармегардӣ, вагарна не, ту дониву худованд! Ҳа-ҳа-ҳа!... Рафтем!

-- Эй, Пилсам! Охир мо чил-панҷоҳ нафарему мақрӯҳем, барои ту, баҳри боигариҳо захмӣ шудем. Эй, ҳамдеҳа ҳамстем!

Дар як лаҳза аз дастаи чокарони Пилсам нишонае ҳам боқӣ намонда, танҳо гарду ғубор ва хотираҳои ғамангез ҳукм меронду бас. Тур гиря мекард ва аз ҷояш хестанӣ мешуду баргашта оҳувоҳгӯён ба замин меафтод. Бахше аз захмиҳое, ки роҳ гашта метавонистанд оҳу воҳкунон бирафтанд. Рӯз бегоҳ шуда меомаду торикӣ атрофро ба чанголи тирааш мекашид. Аз ин ҳол дили Тур низ тира шуд ва хатоҳояшро дарк намуд.

-- Оҳ, Пилсами ҳаромӣ! Эй, ғуломи аблаҳ! Ту чӣ кор кардӣ, ғулом будӣ, ғуломвор хоҳӣ мурд. Охир, мани ҳамрустоятро партофта рафти-е!...

Дигар мақрӯҳони вазнинҳол низ оҳу нолакунон дилғеҷаку асобадаст ба пеш ҳаракат карданд. Ногоҳ уллоси даррандагон ба гӯш расид. Бархе шах шуда, ҳаросон ба гирду пеш нигоҳ меафканданд.

Дере нагузашта тӯдаи калони гургони хокистарранг бӯйи хуну гӯшти гандидаро шамида ба сари мақрӯҳон дарафтоданд. Як модагурги бузург кайҳо Турро пора карда буду рӯдаю ҷигари ӯро бароварда мехӯрд. Ногоҳ ҳамёни заре, ки дар чанголи ғулом буд пора шуда, ҷарангосзанон ба замин рехт. Модагург як хӯсиду сипас лаҳзае бо нафрат ба зар нигарист ва боз ба хӯрдани ғаниматаш пардохт. Гургҳо то субҳидам куштанду дариданду хӯрданд. Ҳайвонҳо бояд қонеъ шуда бошанд, ки уллосу нӯлакашон ин манзараи ваҳмангезро тарк бинмуданд....

Пилсам дар қарибии марзи шаҳри Мароқанд дусад нафар чокар- ҷавонони бебизоат ва бенавою захмиро дар як работи вайронае гузошту тантанавору бовиқор сари Сапитамонро рӯйи лаълии заррин гузошта, ба истиқболи Искандар шитоб кард. Қариб сад нафар сакойии қавми иссиҳо бо ҳазор умеду орзуҳо хушҳолу музаффар ба шаҳр даромаданд.

Овозаи шум, ки Сапитамон аз ҷониби сакойиҳо қатл шудааст, дар як лаҳза ба тамоми гӯшаю канори Мароқанд паҳн шуд. Вақте ки ба Искандар ин хабарро расониданд, вай дар он ҳангом ҷоми шаробро медошт, қадаҳ аз ангуштонаш ҷудо шуда, ба замин афтод. Қадаҳи чинӣ шикаста пора гашт. Рангу рӯи соҳибқирони мақдунӣ мисли пахтакӯҳна канда, чанд лаҳза бегапу беҳаракат лол бимонд. Дере нагузашта чокари хосааш вориди тахтгоҳ шуда, муроҷиат кард:

-- Ба фаҳми шоҳи чаҳор самти ҷаҳон мерасонем, ки сад нафар сакойии ба қавми хурди ба номи Исси, бо роҳбарии Пилсам ном шахс, дар даст сари буридаи ҳокими суғдӣ – Спитамени сипаҳсолор ба мулоқот омаданд ва аз шумо бор мепурсанд!..

Искандар бо як нигоҳи кунду сард, бо имои маҳзуну ноаён сар ҷунбонид. Ниҳоят, ба ҳузури ӯ Пилсам, дар лаълии заррин сари сипаҳсолоре, ки Искандар орзуи бо ӯ вохӯрдану мусоҳиб шуданро дошт, даромад.

Писари Файлақус як нигоҳи хашмолуду тунде ба Пилсам андохт, ки гӯё дилу ҷигари сакойи бирехт. Дастони қотил ба ларза даромад. Бо вуҷуди ин Пилсам хешро ба даст гирифту пас аз ситоишу дуруд гуфт:

-- Сапитамон моро маҷбур кард, ки ба муқобили шумо ва анбозони Кен бароем. Ӯ моро фиреб дод, молу ҳоламонро зӯран кашида гирифт...

Вақте ки тарҷумон ин суханонро бармегардонд, Искандар ба андеша рафт: «Наход, чунин марди асил, сипаҳсолори далеру шуҷоъ ва номвар, қаҳрамони халқро – ҳокими Суғдиёнаро – ҳамин ҳайвони бӯйину ифлос, чиркзада, ҷаллоди махлуқсимо кушта бошад?! Ин қадар манфуру безеб, сарднигоҳу бадзот менамояд ин дарранда! Магар Спитамен ба роҳи дуздиву фиреб рафтааст? На! Ҳаргиз! Ӯ ҷавонмарди кӯҳистонии меҳнаткаш буд. Заҳматкаши асил ҳеҷ гоҳ дузду фиребгар намешавад...»

-- Чаро ӯро зинда даст нагирифтӣ, нобакор?!

-- Шоҳам, магар ӯро зинда дастгир кардан мумкин буд? Вай қариб ҳамаи ҷанговарони маро несту нобуд ва захмӣ кард.

Искандар ба ин суханҳо бовар мекард ва маҳзунона ба сари родмарди суғдӣ дида дӯхта, ба уммони хаёлот ғӯта зад; «Вай аз ман бузургтар аст. Ман шоҳзода, вай писари деҳқони хокпош, ман забткунанда, вай муҳофизатгар, ман фиристодаи шайтон, вай наҷотбахши одамони оддӣ, ман... вай некӯхислат, далер, қаҳрамон....»

Нахустин бор Искандар худро мисли ҳамин Пилсами бӯйину ҳайвонсурат, ҷоҳилу қотил хонд. Вале вожаи «қотил»-ро ба забон наовард. Гӯё ин вожа ба вай тааллуқ надошт. Шоҳи Мақдун боз ба Пилсам рӯ овард;

-- Чаро ин калларо ба ман овардӣ?

Сакойи аз чунин савол дасту по хӯрда, чӣ гуфтанашро надонист ва пас аз андаке забонаш гирифта, калимаҳоро пасу пеш ба лаб овард;

-- Шумо хурсанд мешавед гуфта... ёрӣ расонам гуфта...

Искандар аз ҷевони либосҳои ҳарбӣ дастпӯшаки чарминашро, ки онро дар ҳини мусобиқаҳои муштзанӣ ва муҳорибаҳо мепӯшид, гирифта ба даст кашиду ба Пилсам савол дод;

-- Ёрони Спитамен чанд нафар буданд?

-- Даҳ нафар...

-- Шумо чӣ?

-- Сесад кас, шоҳам....

Ҳамин вақт Пилсамро суханҳои Спитамон дар лаҳзаи пеш аз қатл, ки ба ӯ гуфта буд, ёдаш омаду дилаш таҳ кашида рафт. «Оҳ мани гумроҳи кӯтоҳфаҳм! Эҳ, мани осӣ! Чӣ кор кардаам? Киро кушта будаам? Ҳатто Искандар ӯро эҳтиром доштаасту вале ман паҳлавони худамонро қатл кардаам. Акнун тамом. Бале, тамом!...» - мегуфт ба худ Пилсам. Вале ӯ намедонист, ки ин охирин андешаронии вай буду нафасе, ки мекашид, нафаси вопасини ҳаром буд!

Ногоҳ воқеае ба вуқӯъ оамд, ки сарвари сакойиҳо асло чашмдори он набуд. Искандарро ба рӯю гарданаш мурғак дамида, чашмонаш бечо, мисли гурбае, ки мӯйҳояш сих зада бошад, бо душман меҷангид, дод зада ба лабу даҳони сакойӣ муштбороне мефароварад.

-- Ҳайвон-он! Мана, бар ту! Номард! Палид!!

Шоҳи мақдунӣ чунон ба ғазаб омада буд ва чунон Пилсамро мекӯфт, ки дасту дандонҳои ӯ қарсосзанон мешикастанду ба ҳар сӯ хун чарахса мекард. Тарҷумони сакойи аз ғазаби Искандар ҳаросида ба даруни ҷевони аслиҳаҳои ҷангӣ даромада пинҳон шуда буд. Пилсам абгору сару рӯяш хунталош кайҳо аз ҳуш рафта бошад ҳам, шоҳи мақдунӣ ӯро мезаду дилашро гӯё хунук мекард.

-- Никанор! – дод зада ҷеғ мезад Искандар навбатдори дӯсташро.

Пас аз лаҳзае дӯсти юнониаш ба хидмат ҳозир шуд. Вай воқиаро дарк карда, қаноатмандона луқма партофт:

-- Кори оқилона аст, шоҳам! Акнун ҳамаи онҳоро бояд сар аз тан ҷудо бикунем, то ба сакойиҳои дигар дарси ибрат бишавад.

-- Бале. Спитамен ҷавонмарди худшинос буд, дӯстам – Дастпӯшакҳои хунолудашро аз даст кашида афзуд Искандар. – Танҳо сар буридан кифоят намекунад. Онҳоро дар кӯчаҳои Мароқанд ба дор кашед ва бигзор чанд рӯз он ҷо овезон бошанд!

Никанор мақтули беҳушро тавассути надимонаш берун бароварда бошад ҳам, вале шоҳ аз ғазаб набаромада буд. Вақте ки тарҷумони сакойи аз ҷевон берун баромад ба пушти ӯ низ як лагади обдоре зада, дод зад:

-- Ту ҳам аз назарам гум шав, харбачча!..

Баробари гармиҳои оғози тобистон, барфҳои кӯҳҳои осмонбӯс доманкашон бирафтанд. Аз боришу намрезаҳои ночизи баҳор, ки наботот қонеъ нашуда буд, тӯли чанд рӯзи офтобии тобистон батамом пажмурдаву хазон гаштанд. Ҳаво дам мезад. Дарахтони тут ва гелос, ки аз оби рӯди Суғд баҳра мебурд, кайҳо меваҳояшон шаҳдбор шуда буд. Кас гумон мекард, ки ба ин ҳавои тоқатфарсо зоти одам бардошт карда наметавонад. Вале бозорҳои машҳури Мароқанд пур аз харидору бозаргон шуда, додугирифт ва гирумон дар авҷ буд. Шоҳи мақдунӣ бо волии Суғдиёна Аминта маслиҳат карда, ба қароре омад, ки бояд ба забти қалъаҳои ҷангии «Шахи суғдиён» ва қалъаи Ҳуриён оғоз бикунанд. Ба ин муносибат омодагии низомӣ медиданду аскаронро бо лавозимоти ҷангӣ мусаллаҳ мекарданд. Дили беқарори Искандар ба дидани дидори Рухшонаи хушсимо метапиду барои амалӣ гаштани нақшаҳояш умедворӣ мекашид. Аз ин рӯ пеш аз са-

фари Суғдиёна, мол кушта қурбонӣ фармуд, ба худоёни бузург маросими умумии саҷдаву ибодат гузаронид. Пас аз ин як ҳафта мусобиқаҳои варзишӣ ташкил карда, аз амалиёту омодагии аскаронаш дилпур, роҳ ҷониби кӯҳҳои сар ба фалак кашидаро гирифт. Артиши чиҳилҳазораи Искандар фавқ-фавқ, қад-қади соҳилҳои рӯди Зар шаборӯз гом мезаду пас аз гузаштани онҳо ҷои боғу деҳа ва рустоҳо хокистари сӯзону киштҳои поймолшуда, дар сутунҳои самти роҳҳо одамони овехташуда, дуди оташу ғубор боқӣ мемонду бас.

ДАР ҚАЛЪАИ «ШАХИ СУҒДИЁН»

« Ман гиребони сарнавиштро хоҳам гирифт.
Ӯ наметавонад сари моро дар баробари зиндагӣ хам кунад».
/Бетховен/

Дар домани силсилакӯҳҳои самти ҷанубии рӯди Суғд токзорҳо ғарқи ҳосиланд. Ангурҳои тезпазаки доройи ва чилагӣ чунон ширину шаҳдбор шуда, ки парандаҳо мисли парвонаҳои гирди шамъ ғуҷ-ғуҷ ҷамъ омадаанд. Насими форам аз самти дарё расида, ба кас ҳузури ҷону ҳаловати гуворо мебахшад. Офтоби оламоро сахиёна нурпошӣ менамуд. Мардуми кишоварз бо аҳли байт байни токзорҳо ҷунбуҷуле доштанд. Оби зулоли кӯҳӣ байни раддаи ҷӯяҳои токзор шилдиросзанон ҷорӣ буд. Хама ҷо сабзи махмалӣ, тару тоза ба назар мерасид. Рӯйи санглохро зардолуҳои қандакро паҳн кардаанд. Ваҳ, чӣ хел ширин мешавад ғӯлунгҳои рӯйи сангҳои тафсон хушконида! Дар қарибии ана ҳамин токзорҳо табиат шахи бузурги чаҳор самташ лайсу ҳамвор ва гӯё қалъаи осмонбӯс тарҳ андохтааст, ки кас аз дидани он ба ҳайрат меояд. Баробари баланду бузург буданаш, болойи он фароху замини хокрез аст, ки он замин метавонад соле беш аз ҳазор касро аз обу хӯрок таъмин кунад. Офаридгор нодиракорона чашмае бунёд карда ва зоти одам он ҷойро ба дарахтзору гулзор табдил додааст. Ин қалъаро «Шахи Суғдиёна» номгузорӣ кардаанд. Қалъа ҳоло бошишгоҳи Уксорту Рухшона, Сосимеҳру Аримаз гаштааст. Аримаз ба сифати сипаҳсолор бо аскаронаш қарор гирифтааст, ки ба ҷанги Искандари Мақдунӣ барояд. Роҷеъ ба андешаи Ук-

сорт, агар Искандар биёяд, ба ин шахи бузургу лайс баромада наметавонад ва онҳо аз душман эмин хоҳанд монд. Лашкаргоҳи Уксорт баҳри муҳофизат тамоми чораҳои зарурирo андешида ва чокаронаш омодаи набарду ҷанг буданд.

Рухшонаи зебодухт дар бар куртаи ҳарире аз матои дебо, ки гулҳои бодомӣ лошт пӯшида, мӯйҳои мушкбези қатрониаш баробари қадаш занҷиросо ҳамоил, дар курсии нарму мунаққаш нишаста бо падараш шатранҷ меронд. Мабодо Рухшона бозиро бой медод, бо нозу карашма гӯё аз падараш қаҳркунон бозиро қатъ мекарду бадар мерафт, ранҷида мерафт. Уксорт бошад, аз ин лаҳзаҳо чунон шоду мамнун мегашт ва пинҳона механдиду бо овози паст меафзуд:

-- Ин чавгонбозии бачагон нест, духти ширинам! – қаноатмандона оби дидагонашро пок мекард Уксорт ба ғаши духтараш расида.

Вале ду рӯз мешавад, ки паи ҳам Уксорт бозиро ба Рухшона бой медиҳад. Аз ҳама аламовар он буд, ки Рухшона ба падар суханҳои киноямезу талхеро бо ишва баён мекард. Ҳоло бозии навбатӣ низ ба фоидаи Рухшона ҳал шуд ва коҳиндухтар аз ҷояш хеста рӯйи долон қадам мезад ва ниҳоят ба падари андешамандаш муроҷиат кард:

-- Бузургворо! Аз ин беш андеша ба сиҳатии одам осеб хоҳад расонид. Хайр, ҳеҷ гап не, бори дигар амиқтару некӯтар бозӣ хоҳед кард. Ба ҳамин ҳам гӯри очаву гӯри бобо магар?

-- Не-не.. ман бояд фарзинро пеш мерафтам ва ҳолати аспро гаштан низ набуд...

-- Бале, падарҷони бозингарам, вале дилтанг мабошед, ман натоиҷи ин бозиҳоро ба ҳеҷ кас гуфтанӣ нестам! – механдид Рухшона ба абрӯвони чини падараш нигоҳкунон.

Уксорт аз тахтаи шатранҷ сар бардошт ва ба киноями духтараш сарфаҳм рафта, табассумкунон:

-- Аҳ, ту шайтонча! – гӯён донаҳои шатранҷро даруни сандуқчаи гулнақш мегузошт. Донаҳоро ҷамъ карда ба сандуқча андохтан низ кори фарди бозиро бойдода буд.

Рухшона бадар рафт. Вай шод шуд. Ногоҳ ӯ аз шунидани хабари хуш, ки духтари Сапитамон Апома ҳамроҳи модараш ба ин ҷо ташриф овардааст, боз ҳам шоду мамнун гашт. Пас аз андаке Апомаи гандумгун, вале беҳад қашанге дар бар

либосҳои мотамӣ бо Навиштаи мӯйҳои сафеду парешон, ранги рухсораш заъфарон гашта, ки дар бағал тифле дошт, даромада омаданд. Онҳо бо Рухшона оғӯш кушода ҳолпурсӣ карданд ва ба эҳтирому ёди Сапитамон ҳама якҷо овоз андохта, ба сӯгворӣ пардохтанд. Пеш аз ҳама Апома овозхон шуд ва дигарон «ҳей-ҳей, ҳей-ҳей-ҳей!» - гӯён ба сари синаашон мезаданд.

-- Сипаҳсолори суғд будӣ, бузургвори гурд будӣ, падарҷонам, падарҷон!

-- Ҳей-ҳей, ҳей-ҳей-ҳей!!!

-- Қуввати дил, нури чашм, оташдори суғд будӣ, падарҷонам, падарҷон!

-- Ҳей-ҳей, ҳей-ҳей-ҳей!!!

-- Дилҳоро хун, чашмҳоро гулгун, дидаҳоро пурнам кардӣ, падарҷонам, падарҷон!

-- Ҳей-ҳей, ҳей-ҳей-ҳей!!!

-- Суғдзаминро бе паҳлавон, мулкро ба ҳоли худ мондӣ, падарҷонам, падарҷон!

-- Ҳей-ҳей, ҳей-ҳей-ҳей!!!

-- Тухми қотил бисӯзад, ҷонаш дар дӯзах ҷӯшадо, аҳримано! Падарҷонамро куштӣ падарҷонамро-о!...

-- Ҳей-ҳей, ҳей-ҳей-ҳей!!!

-- Рӯҳат шоду равонат пок, ёдат бахайр бошад, падарҷонам, падарҷонам!

-- Ҳей-ҳей, ҳей-ҳей-ҳей!!!

Пас аз лаҳзае Рухшона гардани Апомаро оғӯшкунон ба гуфтан пардохт:

-- Суғду бохтар туро мегуфт, кулаҳдорам, бародарҷон!

-- Ҳей-ҳей, ҳей-ҳей-ҳей!!!

-- Номдору номовар, оташдилам, бародарҷон!...

Ба навҳагӯии занҳо пас аз андаке мардҳо низ ҳамроҳӣ карданд ва мотам тамоми қалъаи «Шахи Суғдиён»-ро фаро гирифт. Мардҳо худро мезаданд, бо кордҳояшон хешро хуншор, хешовандон лаҳмаки гӯшҳояшонро бурида, масти гиряи сӯгворӣ мешуданд. Ниҳоят, мӯбади бузург ба ниёишу ситоиши Ҳурмуз пардохт ва овози гиряву навҳахонӣ қатъ гардид. Пас аз ин азодорон осуда гаштанд, гӯё рӯҳи мавтшударо шод намуданд ва аз паи кори хеш шуданд...

Аз байн як моҳ гузашт. Акнун Рухшона танҳо бо Апомаи нозанин унс гирифта, машқҳои ҳарбӣ барпо мекарду якҷо

сурудҳои динӣ мехонд, асбобҳои мусиқа менавохт. Ӯ шод буд, ки Апома забони юнониро медонад ва онҳо бехалал бо ин забон гуфтугузор мекарданд ва ба мутолиаи китобҳои бузургони дунё пардохта, шуғли хубе ба худ касб мекарданд.

Чунин буд рӯзгори фидоиён дар қалъаи «Шахи Суғдиён». Аммо ба ин рӯзгори нек, ба ин шодмониву хушбахтиҳо боди палиди мақдунӣ осеб расонид. Лашкари беҳисоб, фалохунҳои гуногуни қалъашикан, аробаҳои ҷангӣ, шутурсаворону аспдорон, найзадору сипарбарон фавҷ-фавҷ гирди қалъа маскан гирифтанд. Вале «Шахи Суғдиён»-ро парвои ин воҳимаю ҳарос нест. Рухшона ва Апома либосҳои ҳарбӣ ба бар аз боло ин манзараро мушоҳида намуда, мисли шери жаён ғазаболуд ангуштонашонро мефишурданд, абрӯвонашон чин, лабҳои ақиқинашон бо неши дандонҳои садафосо газида, бо нафрату интиқом ба адӯ нигоҳ мекарданд. Аз симои онҳо як маъниро пайдо кардан мумкин буд, ки гӯё мегуфтанд:

-- Сапитамонро, хунбаҳои сипаҳсолори суғдиро меситонем!

-- Баҳри меҳан ҷон фидо мекунем!...

-- Бале. Дар муҳофизати зодгоҳ ва марзи азиз мубориза бурда, ҷон додан низ паҳлавонист!

КОРЗОР

Мехӯрад ҳар зарраи мо печутоб,
Маҳшаре дар ҳар дами мо музтар аст.
Бо Сикандар Хизр дар зулмот гуфт:
«Марг мушкил, зиндагӣ мушкилтар аст».
/Муҳаммади Иқбол/

Вақтҳои пеш ба чобукию зебоҳаракатии Искандар ҳавас мекарданд. Ӯ ба як хез палангвор хешро рӯи асп мегирифт. Лек акнун рӯз аз рӯз виқор, беш аз беш сустҳаракат шуда истодааст. Кунун ба ҳолати аспсавориаш беш аз ҳазор хизматкор, саису лаҷомдор ва ёру дӯстонаш мададгор аст. Вай ҳозир ҳам мисли пеш ҳаракат дорад, пиру барҷомонда нест, вале обрӯю иқтидор мехоҳаду салобату ман-маниашро ба дигарон намоиш медиҳад. Ин ҳама сабақ аз «мактаби Доро»

аст, ки вай чунин мекард, вале он ба назар табийи буду мезебид. Аммо ин карамоти Искандар ба назар хандаовар, ба субут мерасиданд. Аз ҳамин имкон ҳам Искандар фахр мекард. Ҳамин тавр писари Файлақус пеш-пеш, аз паси ӯ бисту панҷ ҳазор одами ҳарбӣ, дар аробаҳо олоту аҷноси ҷангӣ ба сӯи қалъаи «Шахи Суғдиён» равон аст. Искандар тахминан пас аз ду чакрим роҳро тай кардан аз асп ба тахтиравон гузашт ва чуръае шароб нӯшиду ба андешаҳо дода шуд. Вай ба назар шоду осудахотир мерасид. Осудагии ӯ аз хавфи Спитамони бузург эмин буданаш аст. «Дар Суғдзамин дигар мисли Спитамен родмард далер нест! Модарон ҳар рӯз Спитамен таваллуд намекунанд!» - мегуфт шоҳи мақдунӣ ба худ. Ҳамин вақт ба ёди ӯ Уксорт ва духтараш Рухшона расид. «Агар Уксорт бо мо сулҳ баста, Рухшонаро бароям бидиҳад, касеро озор нахоҳам дод. Он пирамардро ҳокими Бохтар таъйин карда, роҳ ба сӯи Ҳиндустон хоҳам овард. Ба назарам ин мулкҳоро мо сарварӣ карда наметавонем…»

Ҳамин вақт надим хабар овард, ки Селевк барои дидорбинӣ аз Суриё омадааст ва ҳоло-ҳоло ин ҷо мерасад. Искандар табассумкунон имои сар кард. Шоҳ аз Селевк миннатдор аст, зеро ӯ дар лаҳзаҳои мушкилӣ ба кӯмак мерасид. Сипаҳсолори оқилу доност ӯ. Ин нуқтаро қосидон низ хабар дода буданд, ки Селевк дар Суриё адолату ҳақиқатро пос медорад ва мулкро ободу раиятро осуда медорад.

Лашкар қад-қади соҳили рӯди Зар равон аст. Ниҳоят ба Искандар хабар расонидаанд, ки рӯ ба кӯҳистон бояд кард.

-- Хайр, чӣ ҷои пурсиш? Ягон хавфе дар пеш аст?

-- Не шоҳам, - посух медод навбатдори шоҳ Пердикка, - гап дар сари он аст, ки пас аз як-якуним фарсах роҳ зодгоҳи Спитамен ба назар мерасад ва агар шумо майли дидани ин шаҳракро дошта бошед, бо ҳамин роҳ низ ба ҷониби «Шахи Суғдиён» рафтан мумкин аст.

-- Қабул! – бе дудилагӣ дастур дод шоҳ.

Ниҳоят, аз баландӣ шаҳраки Саразм, Саразми вайрона, бе хонаву бе кошона намудор шуд. Мардуми ин шаҳрак аз зулму истибдоди душманон марзи хешро тарк карда хонабардӯш шудаанд. Гурӯҳе ба хорича, гурӯҳи дигар ба кӯҳистон, боз гурӯҳе ба Панҷакат фирорӣ шудаанд. Чунон вайрону валангор шудааст ин шаҳр, ки ҳатто дарахтҳоро буридаанд, туғайзорро низ оташ зада, дару деворҳоро шика-

ставу вайрон ва дигар ҷои ободӣ наменамуд. Шикорҷои шоҳони суғдӣ, ки боре худи Искандар низ дар он истироҳат фармуда буд, батамом сӯхтааст. Агар Спитамон зинда мебуд, оё ин ҳолат ба вуқӯъ меомад ё Искандар ин тавр бамайлихотир роҳ мерафт?...

Шоҳи мақдунӣ бо як тамасхуру беписандӣ аз тахти равон зер омада, ба ин манзараи аламовар лоқайдона нигоҳ афканд.

-- Магар ҳамин шаҳр зодгоҳи Спитамен аст? Охир, ин деҳае беш нест, ҷин занад! Равон шавед, ба сӯи «Шахи Суғдиён»!...

Искандар ба ҷуз вайронаҳо дигар чизе надид. Соҳили махмалпӯши сабзгунро, шилдироси обаки чӯйборро, бодаки форами рӯди Зарро, хоки ҳосилхезу илҳони тоиронро дидан ва суруди найзорҳоро шунидан насиб накард. Бале, вақтҳои охир ин ҳиссиёти нозукро пурра аз даст дода, ё ҷои ин ҳиссиёти ҷоҳилӣ касб карда буд.

Ногоҳ аз ҷониби шаҳри Панҷакат духтари сарулибоси шоҳдухтарона пӯшида, вале батамом сияҳпӯш, тани танҳо асп тозонида даст меафшонд. Ин воқиа аз чашми Искандар дур намонд ва ӯ амр дод, ки бозистанд.

Духтари беҳад қашангу чобук ва ба назар чирапайкар ба ҳузури шоҳи мақдунӣ расид ва арз кард:

-- Ман хоҳари Сапитамони ҳокими Суғд – Фарангис ҳастам ва аз ту талаб дорам, ки қотилони бародарамро ба дасти мо бидиҳӣ.

Искандар шуҷоату далерии духтарону бонувони суғдиро аз рӯи гуфтаву ахбори воқианигорон шунида буд ва ҳоло аз ваҷоҳату хатти ҳаракати интиқомхоҳии ин духтар ба ҳукме омад, ки Фарангис омода аст аз марги хеш ибо накарда гулӯи ҷанговаронро бидаронад ё ба набарди хунине дохил бишавад.

-- Ҳамаи қотилони бародаратро, ки беш аз дусад нафар сакойиҳои ваҳшиманиш будаанд, дар кӯчаҳои Мароқанд ба дор кашидам. Бовар бикун, Спитаменро ман ҳам ғоибона эҳтироме доштам. Ӯро бо як шаҳомату тантана ба хок додам, хоҳаро!...

Фарангис аз шоҳ рӯ тофт, вай аз ӯ норозӣ буду ба суханҳояш асло бовар намекард. Аз ин хотир боз пурсид:

-- Сари бародарам дар кучост?

-- Дар Мароқанд.

Фарангис миллаҳояшро гӯё ба танзим меоварда бошад, лаҳзае даст бар тоскулоҳаш бинмуда, онро боз ҳам сахттару поёнтар пахш кард. Вай омодаи сафари шаҳри Мароқандро дошт. Искандар аз сандуқчае рухсатнома бароварда, бигуфт:

-- Хоҳари азиз! Ин хатти рухсатро бигир ва бо ҳар касе, ки дар лашкаргоҳи ман аст, онро бинамо ва онҳо чораи матлаби туро хоҳанд андешид. Бирав, ман душмани Спитамен набудам ва нестам!

Фарангис чизе нагуфта, тунду ошуфта роҳ ба сӯи Мароқандро пеш гирифт.

-- Ин духтар не, оташ аст, оташ! – мегуфт Искандар аз паси Фарангис бо ҳавас чашм дӯхта.

Лашкари гаронсилоҳи Искандари Мақдунӣ аз карон то ба карон ба қалъаи «Шахи Суғд» наздик мешуд. Дар зери пои адӯ токзорҳои бепоён, кишту полезҳои поймол, ҷӯйборҳои хокпӯш ва ниҳолакони захмиву пайраҳаҳои махмалӣ хоку хокистар мегаштанд. Дар як лаҳза манзараи сабзу обод ба саҳрои бегиёҳу шум табдил ёфт. Аз дур ғубори рег, дуди оташ ва фарёдҳои номураттаб ба гӯш мерасиданд.

Искандар чун дизи «Шахи Суғдиён»-ро дидаву мушоҳида кард, дилаш танг шуд. Ба худ андешид: «Магар ба ин шахи суфта, ба қалъаи гӯё муаллақ баромадан мумкин аст? Агар одам болу пар медошт, фатҳи ин қалъаи сангин ҳеҷ буд, Вале… Чӣ бояд кард!

Вай амр кард, ки ба аҳли қалъа муждаи сулҳ расонанд. Мунодиҳо додгӯён мурочиат мекарданд:

-- Ҳей!... Гӯш диҳед-ед!!! Шоҳи чаҳор самти ҷаҳон, Искандари бузург ба шумо пешниҳоди сулҳ мекунад-ад!

Ба ин овоз аз ҷониби қалъа акси садо шунида шуд ва пас аз ором шудан Искандар низ аз карнайча сухан кард:

-- Оксиарт ва Аримаз! Биёед, сару сулҳу салоҳ оем. Ман ғарази дигар надорам. Бо хушу хурсандӣ туро, Оксиарт, ҳоким таъин мекунам! Посух деҳ!

Дар қалъа воқиаҳо ранги дигар гирифтанд. Уксорт ба ин таклиф розӣ буд ва талаб кард, ки ӯ бо роҳи махфӣ ба ҳузури Искандар меравад ва сулҳу салоҳро мепазирад. Аримаз ва Фаридун сахт оташин шуда, Уксортро дасту по баста ба зиндон андохтанд. Сипас ба ҷои посухи сулҳ аз боло сангу нафтҳои оташборро поён рехтанд. Чокарони дигар бо дашному суханҳои қабеҳ душманро масхара мекарданд.

Азбаски рӯз бегоҳ шуда буд, Искандар бо дӯстону сарҳангони олирутбааш ба сари машварат нишаст. Ҳар кас чизе мегуфт:

-- Мо бояд роҳи махфии қалъаро пайдо бикунем.

-- Моро зарур аст, ки бо манҷаниқҳову мошинҳои қалъашикан ин шахро зада рахнаҳо пайдо кунем.

-- Моро зарур аст, ки бо нардбонҳои дароз баромада, нафтпарронӣ бикунем.

-- Аз каманду ресмонҳо истифода барем…

Искандар чизе нагуфт ва амр кард, ки пагоҳ бо ҳар навъ олоту таҷҳизот баҳри забти қалъа чораҳо биандешанд – чораҳои қатъӣ.

Рӯзи дигар аз субҳ то шом муборизаву талош баҳри фатҳи қалъаи суғдиён сарф шуд, вале натиҷаи дилхоҳ ба даст наомад. Искандар тамоми чораҳоро андешид, аммо суде надошт. Вай ба ҳар касе, ки нахустин шуда ба қалъа дарояд, дувоздаҳ талант, ба дуюмӣ аз он камтар, ҳамин тавр ба ҳар аскаре, ки охирон медарояд то сесад танга ваъда кард. Мутаассифона аз сесад нафар кӯҳнаварди чолоку чобук, ки ба шах тавассути каманду ресмонҳои махсус ва нардбонҳо мебаромаданд, аксар маъюбу маслуқ шуда ба замин яксон мешуданд. Сий нафар кӯҳнавардони юнонӣ низ ба ҳалокат расиданд. Дигар касеро заҳраи ба шах наздик шудан намонд. Сарлашкар Аримаз аз болои қалъа тамасхуромез механдиду киноя мегуфт, ки чӣ тавр ҷанговарони адӯ аз баландии қалъа сарозер мепариданду ҷонашон ба коми аҳриман меравад. Тавассути нардбонҳо аскарони румӣ ҳамел–ҳамел мебаромаданду ҳамин тавр аз танаи шах ҷудо шуда, талаф мешуданд. Як зумра довталабони талантхоҳ аз зарбаи сангу тирҳои суғдӣ аз боло додгӯён, даступозанон ба замин бархӯрда, ба халтаҳои гӯшт табдил меёфтанд.

Искандар ҳайрон буд, ки чаро Уксорт ба чашм намерасад. Вай ба дил аҳд кард, ки агар қалъаро забт кунад, пеш аз ҳама Аримазро рӯи он шахҳо чормех хоҳад зад.

Искандар тамоми шаб нахуспид. Ӯро ғасб кардани «Шахи Суғдиён» безобита мекард. Ягон бор дар ягон ҷо ба ин андоза хориву зориро надида буд. Ба ҳоли ӯ Аримазу анбозонаш механдиданд ва носазо мегуфтанд. Қариб ду моҳ мешавад, ки вай ин ҷо саргардон аст. Писари Файлақусро ба ёд устодаш расид – устод Арасту. Аз сандуқи чармӣ, ки

беҳтарин китобҳоро катибаву асарҳои нодирро ҷой дода будану вай ин сандуқро ҳамеша бо худ гирифта мегашт, кушода «Панднома»-и Аристотолисро гирифт. Китобро варақ мезад суханҳои устодаш ёдрас мешуд. Боре Арасту гуфта буд:

-- Ман нотавону пиру барҷомондаам ва бо ту дашт ба дашту кӯҳ ба ҳомун гашта наметавонам ва медонам, ки ту ба маслиҳати ман эҳтиёҷманд хоҳӣ шд, он вақт ин «Панднома»-ро бигиру бихон. Эй шаҳзодаи тирандоз! Ин китобро бо ақли солим ба даст гир, то туро мадад бирасонад!...

Искандар китобро бо эҳтиром рӯи миз гузошту берун баромад. Поси шаб буд. Дар осмони лоҷувард ситораҳо чашмак мезаданд. Обаки ҷӯйбор нағмасароӣ дошт. Насими форам ҳаловатбахш ва ба тан ҳузур мебахшид. Шоҳ хламидаашро[1] бадар кард ва дар ин оби зулол ғуслкнон фароғат ёфт. Чокаронаш дар поси хидмат буданд. Шоҳи мақдунӣ як ба «Шахи Суғдиён» дида дӯхта вориди хайма гашт ва боз китобро эҳтиромона ба даст гирифт. Шоҳ ҳушёру солим ба назар мерасид, ки авроқҳои китобро мехонду мехонд, то ҷое расид: «Ва эй Искандар, ба ту борҳо гуфтаам, ки дар адл, дар сахо ва карам ва дар бақои мулк он беҳтар аст, ки тамаъ дар моли мардум накунӣ ва аз ҷумла сахо ва карами он ситам ҷоиз надорӣ ва аз айби пӯшида тафтиш накунӣ ва аз инъоме, ки ба касе диҳӣ, ёд накунӣ…»

Искандар «ин ҷойро хонда будам» - гӯён шамъро наздики китоб кашиду варақе гардонид ва боз хонд:

« Эй Искандар! Адл сифатест аз сифоти илоҳист ва ба адл осмону замин қоим шуда. Ва ба адл пайғамбарон маъбуд[2] шудаанд ва адл сурати ақл аст…

-- Эврика![3]» -- фарёд кард шоҳи ҷаҳон. Ӯ мисли тифлон шодӣ мекард ва ба қарибии «Шахи Суғдиён» омада, нақшаҳояшро тарҳрезӣ намуд. Ӯ мутафаккирона даст ба пушт бурда, пасу пеш гом мезад, андеша меронд: «Дуртар аз шаҳри Истаравшан чунин куҳандизе буд. Онро Вокат мегуфтанд – ба қавле хонаи худо ё ибодатгоҳ ба забон мегириф-

[1] Хламида - /ба юнонӣ/ либоси рӯйпӯши мардонаи юнонӣ буда, мисли плаш аст ва дар зери гулӯ тугма дошт.
[2] Маъбуд - /ба арабӣ/ парастиш.
[3] «Эврика» - /ба юнонӣ / «Ёфтам»

танд. Ин шаҳрак – Вотак ё Воканд аз ҷумлаи он ҳафт шаҳри ошӯбгарони водии Танаис буд. Қалъабудагон мардони мубориз буданд магар, ки ба мо имкони баромадан намедоданд. Маро аҷабе меомад, ки худи қалъа хурдаку вале ҷонсахт буд. Он гоҳ ман роҷеъ ба ҳиллаҳои ҳарбӣ тавассути варракҳои ба рӯи он сурати худоҳо кашидашуда ва манҷаниқҳои оташбор воҳима андохта кӯҳандизро қиём карда будам.

Таслим шудани вокатиҳо сабаби дигаре низ дошт – он ҷо об набуд. Бале. Вале дар «Шахи Суғдиён» ҳама чиз ҳаст…»

Субҳ медамид. Ин субҳи нахустин буд, барои Искандар рахшону судманд ба дида мерасид.

АСИРАҲО

Дар сафар гар Рум бинӣ ё Хутан,
Аз дили ту кай равад ҳуббулватан.
/Мавлавӣ/

Рухшона саҳарии барвақт аз хоб бедор шуду хешро хаставу хотирашро парешон эҳсос кард. Ӯро воқеаи нохушу тақдири талх гӯё мунтазир буд. Мӯйҳои атрогини дарозашро бо сартӯр печонида, барои дидани падараш ба зиндон шитобид. Дар роҳи таҳхона бо Фаридуни родмард вохӯрду якбора дасту пояш суст шуд. Гунаҳояш сурх гашта, оҳиста ба маҳбубаш дуруд гуфт.

-- Шод бош, Фаридун!

-- Шод бош ва шодиҳои олам бо ту бод, Рухшонак! Хотират парешон аст, азизам, магар мушкилие дар пеш аст?

Шаҳдухтро акнун чеҳра мисли ранги қоғази мароқандӣ сафед шуд ва бо ангуштони ларзон китфи Фаридунро ба оғӯш гирифта, арз кард:

-- Диламро касе мехарошад ва эҳсос мекунам, ки нохушие ба вуқӯъ меояд, гӯё туро аз ман мерабоянд, Фаридуно!

-- Ту чиҳо мегӯӣ, шаҳдухти ман?! Қалъа барои душман дастнорас, бинои дили ту низ аз он волотару аз Сикандар бузургтар аст!...

-- Не-не… биё, бо роҳи махфӣ, шабона, ба касе чизе нагуфта биравем. Ба як дашти пур аз гулу суман, боғу чаман

биравем ва аз замину осмон озоду аз ғамҳо орӣ бошем. Бигузор, саҳрои беобу гиёҳ бошад, вале бе андӯҳ, бебанд бошад. Ман розиям ба ҳама душвориҳо, нодориҳо, мушкилиҳо, Фаридуно! Ин зиндагӣ чунон ба дилам задааст ва аз ин маҳбас дунёи қалби ман кунд мешавад, таъбам тунд мешавад, уқоби ман! Чорае биандеш, чорае!

-- Азизам, агар ту чунин нақша дориву дилат хоҳони он аст, некӯ бошад ва ман бе ягон шакку шубҳа ба шеваи ту майл хоҳам кард. Беҳтараш ин нақшаҳоро бегоҳирӯзӣ боз тарҳрезӣ бикунем, ҳоло бояд адои хидмат кард. Хуш бош!

-- Хуш бош!

Қарибиҳои пешин дар осмони қалъа бодбаракҳои бешумор, ки дар он тасвири худо – Амон ва боз ким кадом худоҳои юнонӣ нақш ёфта буд, намудор гашт. Варраққо чунон бол афшонда, варрасзанон лангар мехӯрданд, ки ба дилҳо воҳима меафтид. Гӯё бодбаракҳо неву бадани кас меларзид. Аз поён садоҳои ваҳмангези карнайҳои юнонӣ – буксийҳо ба гӯш мерасид. Искандар низ кулоҳи нав ба сар пӯшида буд, ки шакли симурғи афсонавиро дошт. Ба қавли мардум ӯро дарҳақиқат ҳам шохдор гумон карда, бо нақлу ривоятҳои гуногун масхараву хандахариш кардаанд. Искандар ҳилаҳои нав ба нав кашф мекард. Ба тани шах айвончаҳои аз чӯбҳои бурс муҳофизат карда мешуд, ба онҳо на сангу на муми чӯшон ва на тир кора мекард, вазъияти суғдиёнро ба танг оварда буд. Шоҳи мақдунӣ тамоми аскаронашро ба ин кор сафарбар намуда, аз ҷангал беш аз беш чӯб гирд меовард.

Чун Рухшона аз ҳолат огаҳӣ ёфт, бо ҳамроҳии Апома ва сарбоз – духтаронаш ба таҳхонаи мӯбади бузург даромаданд. Вай амр дод, ки хунёгарон дар ҳавои мақоми «Яшти Меҳр» мутрибӣ бикунанд. Пас аз лаҳзае овози якҷои духтарон ба мақоми таронаи динӣ ба гӯш мерасид:

Паҳноҳои паҳнодору
суханвару ростгфтор,
ҳазоргӯш, беворчашму
ҳамагон бехобу бедор,
пурбину баландболо
ба фиреб /х/иҷ ногирифтор.
Меҳрро мо ҳаме парастем.
К-ӯро низ ӯро парастанд

баҳри разм ангехта лашкар
сарварони деҳи бисёр,
омода ба рамзи душман,
ки хунхор сипоҳ дорад…

Дере нагузашта Искандар «Шахи Суғдиён»-ро ғасб намуд ва Уксортро аз зиндон озод карда, ба таҳхонаи мӯбади мӯбадон даромаданд. Духтарон бархе ханҷарҳои обгуна мисли китоби дарсӣ дар пеш гузошта суруди динӣ мехонданд. Онҳо парвои ҷангу набард ё садои берун набуд ва хотири эшонро чизе пароканда намехост. Бо дунёи дили хеш гӯё ҳарфу зиндагӣ доштанд. Искандар бо аломати савол ба Уксорт нигоҳ кард.

-- Мувофиқи оини зардуштӣ, агар душман ба пирӯзӣ расад, асилзодагон хешро баробари ба анҷом расидани суруди «Яшти Меҳр» ханҷар ба дил бизананду бимиранд.

-- Яъне онҳо омодаи худкушӣ ҳастанд? – бо воҳима пурсид Искандар.

Уксорт як хамёзаи ноҳинҷоре кашида, ба сӯи дар нигоҳкунон афзуд:

-- Оре.

-- Ва ту парвои онро надорӣ, ки якеи онҳо духтари туст?!

-- Чӣ илоҷ, хости Ҳурмуз чунин бошад, аз дасти банда чӣ ҳам меояд.

Искандар зуд чокаронашро имо кард, то духтаронро ба банд гиранд.

Лаҳзае нагузашта ромишгарону духтарони яштхон ба қайди банд омаданд ва Рухшона бо сари баланд ба забон омад:

-- Алехсандр кист? – абрӯвонашро чин намуда пурсид Рухшона.

-- Ман Александри Македонӣ, ба қавли шумо Искандар!

-- Номи ту, мебинам ки ба худат муносиб нест…

Ҳама аз гуфтори Рухшона дам ба даруну гӯш ба қимор шуда буданд.

Уксортро гӯё дилаш ба пушташ часпид ва бо ангушти ишоратӣ пайваста имо мекард, ки лаб накушояд, зеро ин шоҳи ҷаҳон аст, вале шаҳдухт бо як виқору сарбаландӣ бо забони юнонӣ бигуфт:

-- Бале, маънои номи Алехсандр «мардафкан» аст, вале

дар амал занафканиҳо низ доштааст. Агар мард бошӣ, ба майдон баро! Заифро банд бастан кори номард аст!

Искандар табассумкунон имо кард, ки бандҳоро кушоянд. Чун ҳамагон аз банд озод шуданд, Рухшона бо як ҳаракоти чобук ду чокари румиро, ки аз ду дасташ медоштанд, бо пойҳояш зада афтонду ба муштзанӣ пардохт. Дигар духтарон низ ҳунари хешро гӯё нишон медоданд. Азбаски ханҷарҳоро бурда буданд, андаруни толори тангу тира муштзанӣ, пойкӯбӣ ба вуқӯъ омада буд. Искандар фармуд, ки тӯрҳоро ҳозир карда, онҳоро аз нав ба банд гиранд. Ниҳоят дастаи Рухшона асири адӯ гашт. Вақте ки ба Рухшона аз марги Аримазу Фаридун хабар расониданд, аз ҳуш бирафт.

Уксорт гӯё, ки ба Искандар бародари ҷонӣ бошад, ба зудӣ унс гирифт. Искандар низ ба ин пирамард гӯш мекард ва аз рӯи маслиҳатҳои ӯ амалу кор мефармуд. Аз ин рӯ дар қалъаи «Шахи Суғдиён» кушторҳои калону хунин ба вуқӯъ наомад. Танҳо дар ҳини забти қалъа чанд нафар суғдиён ва пас аз фатҳи шах сардорони ҷанг Аримаз, Катон ва беш аз даҳ нафар мувофиқи қасами Искандар дар танаи шах чаҳормех задаву кушта шуданд.

Рӯзи дигар Уксорт духтарашро ба ҳузур пазируфт ва бо меҳрубониҳову навозишҳо ҳасби ҳол намуд:

-- Иродаи Ҳурмуз чунин будааст, духти азизам. Туро мисли модарам дӯст медорам ва дили маро пурғам ва чашмонамро пурнам макун. Бале, ман дар ҳамин мавзеъ тавлид шуда, сипас ба Истаравшан рафтаам. Ин тақдиру тақозо, вале имрӯз намехоҳам, ки ин ҷо бимирам. Орзу дорам, ки дар пирӣ саодати турову бародаратро бинам. Ба ту, шаҳдухт, авбошиву гарданшахӣ намезебад. Аз дасти Дорои пуриқтидор, ки дар вақташ шоҳи нимаи ҷаҳон буд, Сапитамони родмард ҳоким ва сипаҳсолори Суғд, Фарозмарди бузург – ҳокими Хоразм, Навҷувонбаси мағрур, Сакуншоҳи дастнорас, Шашпиру Катону Датафарну Аримаз барин садҳо бузургон чизе наомада бошад, пас ин аз рӯйи пиндошти ман, ки ҳоло дар Балх гуфта будам, хости худо аст. Бале, хоҳиши эзид чунин будааст, гавҳари гаронбаҳоям.

-- Хоҳиши худои некӣ ё бадӣ? – киноя мегуфт Рухшона.

-- Маро озор мадеҳ, мардумро аз кушторҳои бузург раҳо бикун. Зеро аз тақдир роҳи гурез нест. Ба Искандар даст деҳ, Рухшонак!

Шаҳдухт бо ғазабу бошаст ба падараш рӯ овард:

-- Ба ман суханҳои тасаллобахш не, ханҷари обгуна бидеҳ, падар! Касе, ки Фаридуни маро кушта бошад, пас дили ман низ беҷону берӯҳ хоҳад шуд. Агар хоҳӣ, ки шаҳдухтатро, асилзодаатро канизаки он бӯзинаи мақдунӣ бисозӣ, каманди ихтиёр бар дасти туст ва ту дониву худо!...

Рухшона баромада рафт. Ҳар як қадаму ҳаракоти ӯро назорат мекарданд. Духтар чунон якраву қайсар гашта буд, ки Уксорт боз амр кард, то Рухшонаро ба зиндон баранд. Вай метарсид, ки духтараш ба сари ӯ боз ягон мусибат ё фалокате наоварад.

Искандар писари Уксортро ба дастаи чокарони суғдӣ сарҳанг таъйин карда, ба сафи саворагони хеш даровард. Аз ин рутбаи олӣ ҳам Уксорту ва ҳам писараш шод гаштанд. Бо мададу гуфтугузорҳои Уксорт, ки дирӯз аз қалъаи Ҳуриён баргашта буд, бӯи сулҳу салоҳ меомад. Минбаъд Ҳуриён ба сулҳ розигӣ дод ва ӯро чун пештара ҳокими Панҷакат таъйин карданд. Писараш Ҳуварн боз мисли қадима базм меоросту кайфу сафо дошт…

Бо ҳамин дар водии рӯди Зар як оромию осудагӣ барқарор гашт ва Искандар амр дод, ба ҷониби Балх рахти сафар банданд. Вай духтарони асилаи суғдиро ба сифати асирагон бо худ гирифта рафт. Асираҳо бо ашки сӯзону дили бирён, бо дасту пойҳо банд баста, марзи хешро абадӣ тарк бинмуданд. Роҷеъ ба мақоли суғдӣ: «Духтар санги фалохун аст» ва тақдир ба куҷое, ки ӯро бипаронад, он ҷо манзили вай хоҳад шуд, амал мекарданд.

Фасли хазонрез оғоз меёфт. Ҳарчанд ки дар ин фасл мавсими ҳосилу баракат, моҳи Меҳргону саховат дорад, шаҳду шарбат ва ҳазор неъмат мерезад, вале барои Рухшона рӯзҳои ҷудойиву кулфат, ғаму бадбахтӣ овард, ба рӯзгори ширинаш накбату касолатро бор кард. Шаҳдухт хешро ба ихтиёри андешаҳо супорида буд: «Ин одами зард, балои рӯйи замин – Искандари офат – шаҳрҳоро бисӯхт, зодгоҳи азизам Суғдиёнаро, Хуҷанди зебоманзарро, Курушкадаи шаҳри ҳунармандонро, Мароқанди мисли қандро, модари шаҳрҳоро – билоди Балхро – тамоми Ориёнову Варзрӯди бузургро ба мазористон табдил дод. Кадом якеи ин шаҳру рустоҳоро ба забон мегирӣ! Чӣ қадар ошиқон ҷавонмарг шуданд, чӣ миқдор тифлон нобуду боз чӣ қадар умеди мода-

рон ба зери хоку рег монд! Бародарони некхоҳ, падарони хайрандеш баҳри муҳофизати марзи азиз қурбон гаштанд. Кӣ қодир аст, ки онҳоро ба ҳаёт баргардонад, кист ӯ бузургвор, ки вайронаҳоро аз нав барқарор бикунад? Кист?! Ҳеҷ! Боз дастони шахшӯл, лабҳои парсингбастаи ҳазорон ғуломону каниз бо шиками гурусна, бо пероҳани даридаву орзуҳояш лахта-лахта, мардуми меҳнатӣ, зоти одам ном дорад ӯ ба ободиву сохтмон, ба покиву озодагии ин ё он дудмон даст мезанад, зиндагӣ мебахшад.

Оҳ, Фариддуни ҷавонмарг! Ту ҷавонии маро бо худ бурдӣ. Кунун ман маҳи зеборух не, як ҷисми беҷон, хӯсаи полизбон, лӯъбати бузурги бузургон ҳастам. Маро намегузоранд, ки ба рӯҳи ту пайванд бишавам, худкушӣ кунам. Вале бовар бикун, азизам, ин рӯз мерасад ва мо ба дидори ҳамдигар, ба он дунёи озоду обод мерасем ва хоҳем расид!...»

Рухшона ба дуродур дида дӯхта ногоҳ хоҳараки камҳарфу шармгинаш ба ёд омад, ки ба худ гуфт: «Хуб аст, ки хоҳаракам дар Навтоқ зиндагӣ ба сар мебарад – дар ҳимояи хешовандон…»

Ғиҷирроси чархҳои аробаҳо ва дарун – дарун гиристани асираҳои суғд Рухшонаро ба худ овард. Ӯро ва дигар асирагонро аз ин беш чорае набуд.

-- Магар чора нест? На? Чора беш аст! Ҳоло мебинем, вақти қасос низ хоҳад расид! Интиқомҳои бузург дар пеш аст!

Апома парпечи тифлро – хоҳаракашро, ки як моҳ пеш ба дунё омада буд аз дасти модараш гирифта ба Рухшона нигоҳ кард ва онҳо бо нияту орзуҳои нек хомӯшона арзи дил менамуданд. Қалбҳо ба туғёну забони дилҳо ба гуфтор омада буданд!...

Корвони асирону асирагон ба пеш ҳаракат мекарданд. Чархҳои аробаҳо беист ғиҷирросзанон садо мебаровардand. Аз пеши назари Рухшона симоҳои дӯстонаш: Апома, Синдухт, Завлона ва дигар духтарон мегузаштанд, ки ҳама бо ҳисси интиқому мубориза зиндагӣ доштанд. Бале, интиқому мубориза!

БОБИ ҲАФТУМ

АРӮСИИ РУХШОНА

Ҳукамои ҳинд гуфтаанд, ки шаш чиз монеи вусъати маишат аст: аввал коҳилӣ, дуввум рағбат ба занон, саввум ранҷурии доимӣ, чаҳорум улуфот (таом), панҷум қаноат, шашум хавф.
(Воҷидалии Муҷмалӣ, аз «Матлаъ – ул – улум»).

Селевк писари Антиох ҷавонмарди зоҳиран сӣ – сиюпанҷсола, миёнақад, чашмонаш гӯсфандӣ, дурандешу нармсухан ба дида мерасид. Ӯ як вақтҳо дар Академияи Афлотун, сипас аз устодони файласуф илмҳои гуногунро омӯхта, махсусан, улуми ҷуғрофияро бештар мепарастид ва ин илм ӯро то ба волии сарзаминҳои Суриёву Ҳабашистон ва Миср расонид. Вай бо даъвати Искандар ба Мароқанд омада буд, вале ин дафъа Селевк бе иҷозат, аз рӯи хоҳиши дил омад. Ба Искандар гуфт, ки барои дидори ту омадам, Суриё маро танг афтод. Искандар чизе нагуфт ва ӯ медонист, ки халқҳои суриёӣ аз Селевк розиву қаноатманд буданд.

Писари Антиох феълан ҷавонмарди некхоҳу адлпеша ва раҳмдил буд. Вай кинаву адоватро бад медид ва ин хислат ӯро ба бузургӣ расонид. Чанд рӯз аст, ки дилаш ба ҳоли асирагон месӯхт ва чӣ чора андешиданро намедонист. Имрӯз ҳам Селевк савораи асп аз паҳлӯи аробаи асирагони суғдӣ мегузашт, ки ногоҳ суруди ҳазине ба гӯшаш расид ва аз ғаму нолаи сароянда дилаш реш-реш гашт. Духтари Спитамони родмард – Апома суруде аз боби «Яшт»-у «Ясно» замзама мекард. Азбаски Селевк забони суғдиро медонист, чунин маъниро дарк кард:

Эй Маздо Аҳуро,
ба кадом сарзамин паноҳ барам?
Онҳо мардуми пайравони маро
пароканда мекунанд…
Эй худованд,
ёрим кун то битавонам

динро бипароканам ва мунташир созам,
Аммо нек медонам,
ки чаро наметавонам комёб шавам,
чун аз молу хоста бебаҳраам.
Эй Аҳуро, ба даргоҳи ту рӯй меоварам
ва хосторам аз саодату комёбӣ,
ки аз Ашо Вахуман бояд бирасад,
баҳраманд шавам.
Кай, эй Маздо, рӯшании растагорӣ
ва фурӯғи умед бидамад,
кай дини ростин пирӯзманд гардад!...

Писари Антиох ниҳоят тоқаташ тоқ шуду аз болои асп истода пардаи ҳарири аробаро бо нӯки тозиёнааш ноаёнак бардошт ва шоҳиди он шуд, ки сароянда Рухшонаи зеборухро ба оғӯш гирифта суруд мехонд ва ашк мерехт. Рухшона хобида буд. Селевк аз зебоиву қашангии духтари Уксорт лол бимонду ба худ андешид: «Агарчӣ мардум мегуфтанд, ки Рухшона пас аз завҷаи Доро зеботарини нозанинҳост, ғалат карда будаанд. Ин суғдидухтар қашангтарин санамест дар ҷаҳон! Вале сароянда низ аз ӯ ситорагармтар аст. Кӣ бошад он?»

Ҳамин вақт бародари Рухшона, ки аллакай сарулибоси ҳарбии сарҳангони савораи юнонӣ пӯшида ва дар хеш кибру ғурури хоса кашф карда буд, ба Селевк наздик шуд. Волии Суриё аз ӯ пурсид, ки сароянда кист.

-- О-о… ин духтари Сапитамон аст, ҷаноби волӣ, номаш Апома!...

Селевк дигар чизеро нашунид ва андаруни дилаш чизе якбора сӯхта рафт. Бале, ғоибона шефтаи муҳаббати Апомаи нозанин гашт ва аз бари корвони асирагон дур рафт. Замири дилаш аз тухмаи ишқ бор гирифта буд ва аз ин ҳол хушнуду хуррам баробари Искандар омада, шоҳи мақдуниро низ бо таъби латиф диду ба забон омад:

-- Ҷаноби аълоҳазрат! Имрӯз банда гуноҳе содир кард, вале…

Искандар медонист, ки Селевк ҳеҷ гоҳ беандеша ба коре даст намезанад ва ҷавонмарди оқил аст, бихандид.

-- Ман тасодуфан ҷамоли Рухшона ва Апомаро дидам, - писари Антиох гӯё дил ба каф гирифта, мунтазири ҳукми минбаъдаи шоҳ шуд.

-- Магар ин гуноҳ аст? – боз ҳам равшантар механдид шоҳ ва афзуд: -- Охир, асирагони мо, ғанимати моанд!

-- Не, шоҳам! Баръакас, мо асири онҳоем!...

Ин дафъа Искандар баландтар хандид ва овози хандаи шоҳи мақдуниро чанд рӯз боз касе нашнида буд.

-- Селевк, ту аҷоиб одам ҳастӣ, чин занад. Ҳа-ҳа-ҳа… Ба назарам чунин мерасад, ки ту ошиқ низ шудайӣ. Ҳамин тавр нест?

Волии Суриё сар хам намуд. Искандар боз хандиду лаҷоми аспашро кашид, то ба Селевк баробар шавад ва афзуд:

-- Кадоми ин суғдидухтарҳо ба ту писанд афтод? Бигӯй, дӯстам, охир ту меҳмони ман ҳастӣ ва мувофиқи оини оташпарастон меҳмон атои худост.

Селевк дам назад. Искандар маккорона боз прсид:

-- Рухшона?

Волии Суриёро якбора рангу рӯяш коҳида ба шоҳ нигоҳ кард ва мисли одамони ваҳшатзада забонаш ба калима напечида афзуд:

-- Шш – Шумо... чиҳо мегӯед, аълоҳазрат?...

Ин даъфа Селевк суп-сурх шуд, сару рӯяш арақшор гардид ва оҳиста посух дод:

-- Духтари Спитамен-собиқ ҳокими Суғд – Апома... гӯён боз ба даҳони Искандар дида дӯхт. Нигоҳҳои ӯ зориву тавалло дошт, пур аз хоҳишу илтимос буд.

-- Ту-у... асилзода ҳастӣ, медонӣ, ба кӣ даст заданро. Қоил. – айёронаву ҳарисона ба Селевк дида дӯхта, гӯё аз симои ӯ чизеро ҷустанӣ мешуд шоҳ ва ниҳоят тамоман ҷиддиёна бигуфт.

-- Баъд аз сури ману Рухшона ба Суриё баргард ва пас аз сафари Ҳиндустон, аниқтараш дар Бобул турову дӯстонро ба коми мақсуд хоҳам расонид. Ман аз дӯстони вафодорам чизеро дареғ намедорам!... Вале аз ту пурсидан мехоҳам, ки духтари коҳин сазовори ман аст ё?...

Ба ин пурсиши айёронаву нопураи шоҳ Селевк беғаразона табассум намуд. Ба афту андоми ҳамсӯҳбаташ нигариста аз дил гузаронид, ки оё ту худат муносиби ин шаҳдухт ҳастӣ, булҳавас? Вале ин шеваро баён кардан баробари марг мебуд ва аз ин рӯ ҷавоб гуфт:

-- Пеш аз ҳама ӯро на духтари коҳин, балки маликаи зебо-

тарини ҷаҳон ё олиҳаи пок, ба мисоли Афродита бояд шинохт. Сипас олиҳаи некӯро – шаҳдухтро – ҷӯраи ҷуфташ низ шоҳи ҷаҳон бояд бошад!

-- Ту заршинос ҳастӣ, Селевк, ҳа-ҳа-ҳа... – қаноатмандона механдид Искандар ба асп тозиёна зада...

Вақте ки лашкар ба қарибии ҳудуди Бохтария расид, Искандар дар анҷумани навбатӣ Уксортро ҳокими Бохтару Сарҳинд таъйин фармуд. Шоҳ ӯро ба ҷониби қалъаи Балх, ки аз ин пеш Аримаз сарварӣ мекарду ҳоло Сосимеҳр муҳофизаташ мекунад, сафарбар намуд. Зеро Сосимеҳр хоҳ нохоҳ ба Уксорт гӯш мекард ва эҳтиромаш низ дошт.

-- Ба ту даҳ ҳазор нафар кӯҳнаварду қалъашиканро низ ҳамроҳ мекунам. Агар Сосимеҳр якравӣ мекарда бошад, ҷазояш бидеҳ. Ту озод ҳастӣ, Оксиарти бузург!

Уксорт аз иборай эҳтиромии шоҳи ҷаҳон, ки ӯро «Оксиарти бузург!» номид, рӯҳ гирифт, қоматашро баланду рост бардошта бадар рафт. Пас аз чанде Гефестион ба Уксорт хабари иловагӣ расонид:

-- Ба шумо бигӯям, ки базми издивоҷии Искандар ва Рухшона дар қалъаи Сосимеҳр баргузор мешавад. Тадоруки базмро низ бубинед, ҳокими мӯҳтарам. Ҳеҷ чизро дареғ надоред, дари хазинаҳо боз аст ва шумо аз онҳо ихтиёрдор ҳастед.

Аз саҳарии барвақт кори Уксорт имрӯз омад дорад. Вай бо як бовару устуворӣ ба ҳузури духтараш рафт. Кошонаи Рухшона, ки ҳамроҳи Апома мезист, пур аз матою либосҳои дӯхтаи пуразиш буд, қоҳин ҳайрон шуд. Уксорт сандуқҳои пурбори зару зевар, зебаку чизҳои суронаро дида, чашм аз онҳо намеканд ва бо меҳр духтарашро аз пешонӣ бӯсида, пурсид:

-- Ин молу манол ва сандуқҳо аз куҷост?

Ба ҷои Рухшона Апома бо истеҳзо ба забон омад:

-- Ба ивази Суғдиёнаи азиз ва духтарони зебои ӯ, ки моро ба зару зевар ғарқ мекунанд, пайдо шуда.

Рухшона ором сарулибоси ҳокимонаи падарашро гӯё ба низом оварда, меҳрубониву нозунуз мекард:

-- Ба қавле туро ҳокими Бохтарияву Сарҳинд гумоштаанд, муборак бошад!

-- Умеду орзуҳои ширини падар! Ту имрӯз чӣ сон хушгапу хушрӯй ҳастӣ! Мехоҳӣ, ки бо ман зудтар ба Балх биравӣ?

-- Кошкӣ! Апома ва модари ӯ низ ҳамроҳи ман бошанд.

Уксорт сози рафтан кард ва дами баромадан посух дод:

-- Бигузор, вале аз Навтоқ хоҳаратро низ ба Балх пас овардан даркор...

Баъди ду рӯз Уксорт ба шаҳри Балх – ба маркази Бохтария дохил шуда, шаҳрро ба қавли худаш «ба низом» овард. Ҳамон рӯз бо номае ба қалъаи Сосимеҳр /ҳарчанд ин қалъаро «қалъаи Аримаз» ном мебурданд/ қосид фиристод. Рӯзи дигар қосид баргашта хабарҳои наонқадар хуш овард. Волии Бохтарро дилаш ғамгин гашт ва пайваста ба гирдоби андешаҳо ғӯта мезад: «Чаро Сосимеҳр якравӣ мекунад? Охир ӯ ба хубӣ медонад, ки ба муқобили Искандар қувааш устувор нахоҳад шуд, боз чиро, кадом имкониятро интизор аст? Аҷабо! Магар ақлашро бой додааст? Дар мактубаш мегӯяд, ки ба хуни Сапитамону Датафарн, ба Катону Фаридун, ба Аримазу ҳазорҳо фидоӣ интиқом хоҳад гирифт. Чӣ хел интиқом? Чӣ гуна?...» Уксорт андешаманд ба рӯйи қолии шерозааш гулнақш, ки дар мобайнаш тасвири офтоби дурахшон нурпошӣ мекард, дурудароз нигоҳ кард. «Офтоб бузург аст – Меҳр тавоност!» - боз аз дил гузаронид ҳокими Бохтар ва ба тахайюлаш идома дод: - Ё Сосимеҳр низ бо нангу номус марг мехоҳад? Шӯҳрат? Ба рӯҳи бузургон ҳамроҳ шудан мехоҳад? Бале, ӯ марги мандонавор, марги бофахр мехоҳад! Чӣ илоҷ, маро дигар раҳ нест, бояд юнониҳоро баҳри фатҳи қалъаи ба ном Аримаз бифиристам. «Ҷин занад ӯро!» ба қавли Искандар!

Рӯзи дигар лашкари даҳҳазораи юнониро бо сарвари Пердикка ба забти қалъаи Сосимеҳр фиристоду духтарашро ба ҳузураш хонд, то чанд раҳ шатранҷ бизананд.

Рухшона хотирпарешон буд. Ӯ аз бозии шатранҷ даст кашид.

-- Духти азизам! Баҳри пешгирии хунрезӣ, баҳри эҳтироми мардуми Суғду Бохтар ва ниҳоят барои риши сафеди падарат ба издивоҷ бо Искандар розӣ шав!...

Рухшона ҳеҷ нагуфта, бо абрӯвони чину бо ангуштони фишурда баромада рафт. Товусе буд, хиромону ранҷур бирафт. Уксорт гумон дошт, ки духтараш мисли пешин фарёду фиғон мебардорад ё жожхойи мекунад, вале хомӯшии ӯро ба маънии «Сукут аломати ризо» пиндошта, шод шуд. Пирамарди ҳоким бо овози шунавою қатъӣ афзуд:

-- Ниҳоят, даврони давлати пирӣ хоҳам ронд! Нақшаҳоям амалӣ хоҳанд шуд! Туро мадҳу сано мегӯям, Ашис Вагугӣ! Ба ин ифтихор чаҳорпой кушта қурбонӣ хоҳам кард. Ташаккур!... Билохира дар зиндагиам сури арӯсии духтарамро мебинам. Духтарам ҳамсари шоҳи ҷаҳон хоҳад шуд, хушбахт хоҳад шуд! Шоҳи кулли ҷаҳон! Шаҳбонуи ҷаҳон!!!

Пас аз як ҳафта хабар оварданд, ки қалъаи Сосимеҳр фатҳ ёфт ва Сосимеҳру дӯстонаш ба қатл расиданд. Уксорт бепарвоёна «Ман ба ин кор ҳеҷ дахле надоштам» - гӯён хешро бетараф мегирифт.

Дере нагузашта ид болои ид омад ва Искандар низ ба Балх расида, ба сури арӯсии Рухшонак омода шуданд. Базм як ҳафта идома ёфт, вале акди никоҳ мувофиқи расму оини мақдуниён баргузор шуд. Рухшона дар бадали ин рӯзҳо гӯё муҷассамае буд, ки ягон ҳарфе намегуфт, намехандид, мисли савдозада танҳо ба нуқтаи номаълуме дида медӯхту ором менишаст. Ба қавли Апома ӯро сеҳру ҷоду карда буданд. Кӣ медонад, ҳамин гуна ҳам мешавад. Аз дасти Уксорт барин коҳини балою доно ҳар чӣ меояд!...

Ҳамин тавр арӯсии Рухшона мувофиқи хоҳиши падараш ба вуқӯъ омад. Рухшона арӯс шуда бошад ҳам, ба хонаи хоҷааш Искандар ҳатто барои сӯҳбати муқаррарӣ ҳам нагузаштааст. Искандар ҳеҷ нагуфт ва инҷиқиҳои муваққатии духтари якрав1» гӯён андеша меронду бо канизону паривашон базм меорост.

Ба Рухшона пайки хушу хурсандиоваре аз Панҷакат даррасид. Ин хабарро қосиди вафодоре аз Паҷакат ба Апома расонид. Тибқи хабар Фаридуни доною ботадбир зинда будааст. Дили Апома гул-гул шукуфт, вале чӣ тавр ба Рухшона ин хабарро расониданро намедонист. Ниҳоят, вақте ки танҳо монданд, Апома Рухшонаи гӯё карахту берӯҳро ба оғӯш кашида, бигуфт:

-- Шаҳбонуё! Муждагонӣ бидеҳ, хабари хуш!

Рхшона ба маънии «чӣ хабар?» лоқайдона ба Апома нигарист.

-- Не! Сараввал муждагонӣ.

Рухшона бепарвоёна яке аз ангуштаринҳояшро, ки ба ангуштонаш ҳамелвор баҳри зинат гузаронида буданд, бахшид.

-- Ин кам аст. Хабари нав муждагонии гаронтар мехоҳад,

- ним ҳазлу нимҷиддӣ ҳуши Рухшонаро ба худ ҷалб менамуд Апома.

Рухшона аз ин ҳолати ғайримуқаррарии духтари Сапитамон ба ҳайрат омада, бигуфт:

-- Хайр. Ана боз ду ангуштарӣ ва ин дастаи заррин! Акнун арзише доштагист?

Барои Апома миқдори мол ё арзиши муждагонӣ не, балки таъсири хабар, бузургии он дар мадди назар буд.

-- Шодӣ бикун, азизам. Фаридун зинда будааст. Қосиди боэътимод ин хабарро аз Панҷакат расонид. Мефаҳмӣ, Фаридун зинда!

Рухшона гӯё хоб буд – бедор шуд, маст буд – ҳушёр шуд, бемор буд – сиҳат шуд ва аз қаъри дилаш як фишори лаззатборе бо самимият мисли вулқон битаркид:
-- Оҳ! Фаридун?!

Шаҳбону аз ҳуш рафт, вале дар лабонаш табассум нақш баста буд, табассуми ширин.

ФАРИДУН

Бояд аз таълимоти марди доно ва порсо пайравӣ кунем. Марде, ки ба Аҳуро шабоҳат дорад. Одамон барои нобуд кардани ҷабру ситам офарида шудаанд!

(Аз «Авасто», ҳоти 48).

Дар ҳини фатҳ ёфтани қалъаи «Шахи Суғдиён» беш аз ду ҳазор чокарони диловар кушта ва як қисми онҳо хешро аз шах ба зер андохтанд. Нангу номус пирӯзӣ дошт, ин эҳсос одамро телба мекард. Фаридун низ чолокона шамшер мезаду бо як ҳисси интиқом майдондориву шамшерзанӣ меварзид. Ногоҳ теғе ба китфаш расиду ба пасаш нигарист,ки яке аз сарҳангони девсурати румӣ бо истеҳзову беписандона хандида меистод. Фаридун хешро муҳофизат карда ба он румии калонҷусса ба забони юнонӣ муроҷиат кард:

-- Магар кӯр ҳастӣ ё номардӣ? Охир, ман бо каси дигар меҷангам! Ҳоло бо худ ҳарифе дорам!

-- Ба ман чӣ! – боз беписандона писханд мезад аскари девҳайкал.

-- Қонуни ҷангӣ он аст, ки ба ҷуз ҳадафи худ ба каси дигар кордор набошад. Аз ақиб теғ задан кори номардон аст. Бефаҳм!

Аз ин гуфтор румии девсурат аввал ба ҳайрат омад, ки ҷавонмард бехато ба забони ӯ сухан мегӯяд, дигар ин ки хеле мағрур аст, калонгирона сухан мегӯяд, бигуфт:

-- Ту душмани манӣ ва мо барбарҳоро бояд қатл кунем, ҳа-ҳа-ҳа... – Сарҳанги румӣ хост ки хандакунону ҳамин тавр бописандона бо синони дарози шашгазааш ба синаи Фаридун теғе занад. Вале аз зарбаи тири камонғӯлаки суғдӣ шах шуд ва «оҳ?» - гӯён мисли кӯҳи чапагардон ба замин сарозер афтод. Лек Фаридун наҷоткорашро мечуст. Вақте ки ба боло нигоҳ кард Аримази вафодор саҳл даст бардошта, гӯё гуфтанӣ мешуд: «Корҳо хубанд, далер бош!» Аммо ҷанг шиддат мегирифту бартарии румиён мушоҳида мегардид. Ногоҳ аз тири махсуси пайкондори фалохун пои рости Фаридун гӯё ки канда шуд ва ӯ ба замин нишаст. Хун фаввора-сон аз зону боло мерехт ва мӯзаву шолворашро мисли гили часпак тар карда буд. Он коре, ки Фаридун кард, бо фӯтае аз ронаш, аниқтараш аз захм болоро сахтак баст ва дигар чизеро намедонад. Вай танҳо пас аз як ҳафта хешро дар як кулбаи назарногири камбағалонае дид, ки болорҳои дудхӯрдаи сақф сип-сиёҳ буду бас. Ин буд он чизе, ки ба назараш расид. Вақте ки бори дигар ба ҳуш омад, сахт қай кард ва аз даҳонаш хун омада, ҳушёр шуд. Ба ӯ пирамарду пиразане нигоҳубин мекарданд. Пирамард бо меҳрубонӣ арз кард:

-- Маро Исфандиёри шикастабанд мегӯянд. Ба Аҳуромаздо шукр бод, ки туро аз олами нестӣ боз ба вуҷуди равшан оварад. Шукр бикун, писарам, шукр!

Фаридун ногоҳ ҳис кард, ки як пояш гӯё сабук аст. Ин нуктаро пирамард зуд пай бурд ва афзуд:

-- Ғам махӯр, писарҷон, дигар илоҷ набуд. Пои рости туро буридам, аниқтараш бурида буданд. Ман онро дӯхта марҳам гузоштам ва захмҳои аз китф поёнатро низ муолиҷа кардам. Онҳо бехавфанд. Вале хун бештар рафтааст. Дар китоби омоли ту чунин ҳарфҳои хати тақдир навишта шуда будааст.

Рӯзҳо мегузашт. Табиби шикастабанд марди зиндадилу хушдил будааст. Ҳар гоҳ аз чӯб най метарошиду навоҳои дилчасп, вале ғамангез менавохт. Имрӯз низ вай менавохт ва аз ҳаррӯза дида ғамангез, маҳзун ва ноланда буд, навои ши-

фокори Фаридун. Ба ёди дабири саразмигӣ пеш аз ҳама Рухшона, Сапитамону Апома расида, ашк аз дидагонаш ҷорӣ шуд. Рӯзҳои неку пурсаодат ба хотираш меомад. Сурудҳои Рухшона дар зери гӯшҳояш танинандоз мешуд... Ҳамин вақт садои най хомӯш гашт. Пирамард ба Фаридун наяшро дода, ҳолу аҳвол пурсид:

-- Чӣ тавр? Аҳволат хуб аст?

-- Ташаккур, падар. Бо меҳрбониҳои шумои наҷоткор ман зиндаам ва аз шумо як умр қарздорам.

-- На! Ин тавр магӯ, азизам. Ман танҳо вазифаи инсонии хешро адо кардаам. Парвардигор ба ман ин ҳунарро барои ба ҳоҷатмандон ёрӣ расонидан бахшидааст, вагарна ман ҳеҷ ҳастам. Ҳеҷ! Баръакс. Ту барин фидоиён бузург ҳастед, ки баҳри озодиву истиқлол ва баҳри зиндагии осудаи мардум ҷонталош шудед. Бале, шумо, фарзандонам, бузург ҳастед. Ҳа... Бигир ин найро. Он минбаъд аз они ту бошад! Омӯз! Зеро нағма ғам мерабояду занги дилатро мешӯяд...

Фаридун дар тӯли қариб як моҳ шифо ёфт, вале бо як по, асо ба даст дарун – берун мебаромадагӣ шуд. Табиби ҳозиқ Исфандиёр саҳарии барвақт Фаридунро машғули найнавозӣ дида, ба ӯ муроҷиат кард:

-- Ман ба шаҳри Панҷакат равонам, то бароят як ҷуфт асобағале пайдо кунам.

-- Шумо меҳрубон ҳастед, падар. Аз шумо боз як хоҳише доштам, ки дар Панҷакат дараки Нӯзаршоҳи саразмигиро пурсида меёфту аз ҳолу аҳвол ман онҳоро огоҳ месохтед. Намедонам онҳо низ зиндаву саломат бошанд ё не.

-- Нӯзаршоҳи афшини Саразмро?

-- Бале, вай амаки ман аст.

Табиб харсавор ҷониби офтоббаро рафт. Фаридун дар бағалкисааш барои най ҷойкиса дӯхту асобадаст берун баромад. Роҷеъ ба дастури Исфандиёр машқи зудтар роҳгаштанро меомӯхт. Сараввал гоҳ меафтиду гоҳ пои ягонааш мелағжид ва гоҳ асо аз дасташ мебаромад. Вале Фаридун пайваста машғули роҳгардиву нишастухез буду ба машқ мепардохт. Сару рӯяш арақшор шуда, ниҳоят сахт монда шуд ва рӯи регзор дароз кашид. Ҳар рӯз бо орзую умедҳо, бо дунёи дили Рухшонаи азиз сайри зиндагии некӯро хаёл мекард. Пас аз ин бо як самимияту таҳти дил най навохт. Навоҳои най забон дошт, аз ҳасби ҳоли ӯ ҳикоятҳо мегуфт.

Фаридун дар ин навозишҳо гӯё гуфтанӣ мешуд: «Э фалаки каҷабоз! Кучо бурдӣ орзую умедҳои маро – Рухшонаи дилнавозро? Ёри ширину доноям чӣ гуноҳ дошт ва ман ба ту чӣ бадиҳо кардам? Магар аз ин ҷафоҳо ту лаззат мебарӣ ё кайфияте меёбӣ, эй дунёи гирдгардон? Боз ба сари ман чӣ балоҳо меорӣ? Кучо бурдӣ духти Уксортро, Рухшонаи нокомро? Агар ӯ набошад, пас маро низ нобуд соз! Аё, Аҳуромаздо, аз ту илтиҷо дорам, маро ба дидори он нозанин бирасон! Э-э... худоҷон!...»

Ногоҳ беш аз бист нафар одам ҳамроҳи Исфандиёри табиб намудор шуданд. Онҳо гӯё шитобу уштулум доштанд. Ниҳоят, маълум шуд, ки Нӯзаршоҳ, хоҳари Фаридун ва хешовандони ӯ, ки чандин рӯзҳо дабирро меҷустанд, ба аёдати ӯ ҳозир шуданд. Исфандиёр асобағалҳо дар даст ӯро муждагонӣ дод:

-- Ту ба ман пурра нагуфтӣ, ки дудмонам ин тавр бузург аст. Худо меҳрубон, бигир ин асобағалҳоро.

Хешу табор ва аҳли байт бо гиряву нола Фаридунро ба оғӯш мегирифтанду мебӯсиданд. Хоҳари Фаридун фарёдкунон хешро ба пои бародараш мепартофту ба худо зорӣ мекард:

-- Ё, Аҳуромаздо! Ба кадом гуноҳу бадимон ин зулму кулфатро ба сарамон фурӯ рехтӣ? Магар бас набуд марги Сапитамон, мардуми бегуноҳи Саразм, суғдиву бохтариёни бешумор, модарони зор, тифлони бепарастор? Оҳ-оҳ!... Рӯзи сиёҳ, рӯзи тира, зулмот!...

Нӯзаршоҳ ба одамонаш фармуд, ки Фаридунро ба тахтиравон хобонанд ва ба Исфандиёри табиб изҳори миннатдорӣ карда, аз фӯтааш як ҳамён зар бахшид. Исфандиёр Фаридунро ба оғӯш гирифта, аз пешониаш бӯсид. Онҳо аз назари табиб дур рафтанд, вале навои шӯрангези най аз дарди дил қиссаҳои навинро қироъат мекард.

Вақте ки Фаридун якҷо бо Нӯзаршоҳ воқеаҳоро ба хубӣ мулоҳиза карданд, он чиз аён гардид, ки аксар умеду орзуҳо барбод рафта. Фаридун оҳи амиқе кашида, бигуфт:

-- Қатъ шудани бархе талошу мборизаҳо тавассути Уксорт ба амал омад. Маҳз ӯ қалъаҳои Ҳуриён, Аримаз ва Сосимеҳрро бо ду дасти адаб ба душман ҳадя кард. Баҳри мансаб марзу миллатро фурӯхт. Афшинҳо танпарваранд, айёшанд, ба дарду аламҳо бепарвоянд.

--Вале, - бо андеша ҳарф мегуфт Нӯзаршоҳ, - Уксорт пеши хунрезии калону бемаъниро низ гирифт.

-- Чӣ хел хунрезии бемаънӣ? – шӯрид Фаридун.

-- Хайр, дигар имконияту шароит вуҷуд надошт, писарам! Илоҷи мушаххасе ба назар намерасид. Чи кор кунад ӯ, бигӯ?

-- Ҳамдилу ҳамҷиҳат шудан зарур буд!

-- Акнун ки Искандар домоди Уксорт шдааст, мардум низ ҳеҷ вақт ба муқобили хешу ақрабо ҷанг нахоҳанд кард. Искандар донойи кард. Медонист, ки дигар чора надорад ва ин нақшаи ӯ бор дод. Акнун тамом. Ба вай Рухшона не, муқобилият накардани мардумони суғду бохтар даркор буд ва ӯ бе ҳеҷ мушкилӣ ғалаба кард. Сапитамон аз байн рафт ва дигар мисли ӯ даҳо вуҷуд надорад ва дигар ҳеҷ кас муқобили румиён намебарояд. Фаҳмидӣ, писарам?

Фаридун бо сари хам ба маънии суханои Нӯзаршоҳ сарфаҳм рафта ва бечораву бемуттако дам ба дарун хомӯш монд. Пас аз таоми бегоҳирӯзӣ амакаш баромада рафт. Фаридун то поси шаб нахуспида андеша меронд ва ниҳоят ӯро хоб бурд. Вай хоб дид, ки Перменион, дӯсти юнониаш ба ӯ маслиҳат медиҳад: - Ту аз паи Рухшона бирав. Зеро духти Уксорт туро дӯст медорад. Медонӣ, дӯст медорад. Бе ин ҳам дар ҳаёт хору зор хоҳӣ шуд. Бидон, маро Искандар бикушт, вале рӯзе мерасад, ки рӯҳи ман низ ӯро ба банди марг мегирад. Ман интиқом мегирам, Фаридун. Интиқом! Бирав, ҷаҳонгардӣ бикун ва шаҳдухтатро биёб. Мефаҳмӣ, дар ин дунёи дурӯза бо орзуву мақсад бояд зист, азизам! Бардам бош!...»

Фаридун як қад парида аз хоб бедор шуд ва ниҳоят ба ҳукме омад: «Ташаккур, Парменион! Ту маро ба роҳи рост раҳнамун кардӣ. Кунун ман аз паси Рухшона меравам ва ҳаёти хешро ба ишқу муҳаббати поку воло, зарур бошад, қурбон мекунам. Бале, ман ба ишқи Рухшона месӯзаму месозам, вале содиқ мемонам. Фаридун Рухшонаро нағз медонад, медонад, ки ӯ шаҳдухти асилу вафодор, суғдидухтари покмазҳаб аст!...»

Фаридун асобағалҳояшро ба даст гирифта, то субҳидам машқи роҳгардӣ меомӯхт. Ҳарчанд ки душвору дарднок буд ин машқҳо, вале ӯ пайваста гӯё варзиш мекард, роҳ мерафту роҳ мепаймуд. Вақте ки шустушӯй карда, ба утоқаш даромад, фикре ба сар печид, ки сараввал аз зинда монданаш ба

Рухшона хабар диҳад. Қосидашро фармоиш дод, то аз ҳолу аҳволи Рухшона бохабар шуда, зиндаву саломат будану алайҳи ишқи Рухшона дили пур ва устувор доштанашро баён бикунад. «Диле, ки орзуву мақсад надорад, ишқ надорад, вай аз зоти одам нест!» - мегуфт Фаридун асояшро рӯйи фарш бо шаст зада.

Имрӯз Фаридун бардаму боқувват ба назар мерасид. Агарчи ҳаво сард буд, офтоб саховатмандона нурпошӣ мекард, ба дили Фаридун равшаниву умедҳои тоза мебахшид.

-- Ту мисли офтоби оламоро ҳамеша бар дили ман нур хоҳӣ пошид, Рухшона! Ман бо умеду орзуҳои ширин ба васли ту хоҳам расид. Зеро муҳаббат бузургтарин рӯҳи ҳастист! Муҳаббати пок, меҳри ҳақиқӣ ва устувор бояд ғалаба бикунад! Илоҳо, Ҳурмуз мададгор, Ашис Вагугӣ парастор бошанд! Эдун бод!... мегуфт бо овози нимшунаво Фаридун.

КАЛЛИСФЕН

«Ҳамин ки мақсад аз байн рафт,
ба зиндагӣ дилгармие ҳам намемонад».
/И.П. Павлов/

Каллисфен – таърихнигори дарбори Искандар одати саҳархезӣ дошт. Ҳар саҳар аз ҳавои серуни маҳал нафас мегирифту чанд муддат бо андешаҳои хеш сархам қадам мешуморид. Вале имрӯз ғайриодат ошуфтаву хаста бедор шуд, ки кайҳо офтоб ҳукмронии тамом дошт. Вай вазнин-вазнин роҳ гашта ба боғ гузашт, ки хуршед аз роғи дарахтони азим даста-даста нурҳои хешро вонамуд мекард. Аз гармии нурҳо замини нам мисли чашмаи ҷӯшони афсонавӣ бухор мебаровард. Ин бухор дар гирду атроф тумани ғафси абросо сохта ба фалак дакка мезад. «Баҳор меояд!» - аз дил гузаронид аллomаи таърихнигор. Файласуф дасту рӯй мешусту андешаҳои ғамангез ӯро ба доми хеш мекашид.

Баҳори чилисеюми ман ҳам даррасид. Чилу се сол! Бояд айни қудрату ҷавонмардӣ, авҷи камолоту бардамӣ мебуд. Вале кӣ маро ба ин маънӣ сифат медиҳад? Афту андоми пажмурда, қариб ки қадпаст, бадҳарф, талхсухан, бале, одами дилгирам ман. Хайр, дар ин муддат чӣ каромате нишон

додам? Китобҳо? Бале, аммо асари «Таърихи Юнон» сазовори таҳсин аст, вале китоби «Корнамойии Александр» ба кӣ даркор? Он чӣ ихтирову ба мардум чӣ суд мерасонад? Эҳ, писари Деотима, туро кӣ гуфт, ки аз шаҳри азизат Олинф баройиву дарбадар ва хорузор гардӣ? Ва то кай бо дағдағаи хотиру бо хушомаду тамаллуқ умр ба сар мебарӣ? Чаро маҳз ту барин олим, файласуф зочаи дасти бузургон, бозичаи сарватмандон шавӣ? Магар «Корнамойии Александр» китоби шоиста аст? Хайр, гуфтан мумкин, ки як китоби таърих ё рӯзномаи бузург! Эҳтимол, ба халоҷо рафтанашро ҳам бинависӣ, а? Касе, ки асилзодагони мақдуниро – қаҳрамонҳои покмаҳзабро – айёронаву пинҳона қатл мекунад, магар ӯ бузург аст?! Ҳей, писари Деотима, ба худ ой! Кушта шудани Клеопатра, ворисону меросхӯрон, қатли ваҳшиёнаи Парменион, Филот, шаҳиду ҷавонмарг шудани Клит ва даҳҳову садҳо бегуноҳон чӣ маънӣ дорад? Ҳазорҳо-ҳазор модарони зор, тифлони ширхор, беғараз, мардони кор, ки беамон талаф меёбанд, ин чӣ кароматест? Оҳ, асилзодагони бекинаву далер ва он сий нафар асолатпешагони мароқандӣ! Магар шуморо фаромӯш кардан мумкин аст? Ҳеҷ гоҳ! Рӯҳатон шоду равонатон равшан бод! Аз манзараҳои шаҳру рустоҳои вайрон, аз улуму фарҳанги барбодрафтаи бузургон, охир олам ҳама вайрон шуда истодааст. Ту бошӣ таворихи ӯро, хатти роҳашро, бузургии ӯро ситоиш мекунӣ. Магар ин бузургӣ аст? Оё туро ояндагон мебахшанд, аё Каллисфен?!» Файласуф оби дастонаш чакчакон гӯё беҳаракат монда, шах шуда буду аҷаб як ҳолати хандаоварро касб карда, намеҷунбид. Дар ҳамин ҳолат пас аз таваққуфе лабонаш кушода шуду ба забон омад:

-- Эҳ, кошки модари азизам Геро маро ба ин замонаи шум ҳадя намекард. Кош тағописар – Арастуи бузург маро ба ин дӯзахӣ ҳамроҳ намесохт! Вай ҳам аз куҷо медонист, ки ӯ қариб хешро гоҳ худову гоҳ форс ва гоҳ табааи суғдиён ба қалам медиҳад.

Ниҳоят, Каллисфен аҳд кард, ки бархе воқеаҳои ҳаққониро ба устод Аристотолис менависад ва маслиҳати ӯро ба эътибор хоҳад гирифт. Вале минбаъд ман ҳақиқатро чун оина ба қалам хоҳам дод. – Акнун... – олим давоми суханашро аз дил гузаронид: «Акнун, аниқтараш имрӯз зулму қотилиҳои писари Файлақус бароям равшан аст! Дигар ӯ

маро ба сифати ғулом ё зоча нахоҳад дид! Ҳақиқатро хоҳам навишт ва адолатро хоҳам гуфт! Танҳо ҳақиқатро! Ва ҳатто марг ҳам пеши роҳи маро нахоҳад гирифт! Мегӯянд, ки агар одам хешро бо ҳақиқату адолат мусаллаҳ созад, парвардигор он фардоро бародари худ мехонад. Ба назарам ин андеша ҳақ асту рост!»

Каллисфен бо як рӯҳи тавоно ва бардам вориди утоқаш шуд ва ба таоми пагоҳирӯзӣ, ки кайҳо ҳама сард шуда буданд, назаре ҳам накарда, ба кори илмиаш шурӯъ кард. Файласуф сарпӯшаки сиёҳидонро кушода, парқаламро ба он зад ва дар қоғази зард сатрҳои зерро навишт: «Мо бори дигар ба шаҳри Балх, ки ниёгон онро билоди Баҳдӣ ё модари шаҳрҳо мегуфтанд, дохил шудем. Искандар ба духтари коҳин Оксиарт хонадор шуд. Дхтари ӯ Роксана зани чаҳоруми вай ном гирифт. Азбаски Оксиарт марди мансабдӯст буд, Суғду Бохтарро ба тасарруфи румиҳо даровард ва худаш ҳам сарватманд гардид. Роҷеъ ба нақли воқеанигорҳо косаву табақ ва зарфҳои шаробнӯшии Оксиарт ҳама аз тиллову нуқраи олӣ будааст. Ба ҳар ҳол дар саргамини Суғду Бохтария сулҳу осоиштагӣ ҳукумфармо гардид. Духтари ӯ Роксана ончунон зани зебову қашанг бошад ҳам, ҳамон андоза мағруру ҳавобаланд будааст, ки ҳатто Искандарро боре ҳам ба шабистонаш роҳ надодааст. Мегӯянд, ки Роксана духтари Оксиарт неву аз зоти париҳост». Каллисфен ногоҳ табассуми аҷибе зоҳир намуда он авроқи навиштаҳояшро ба даст гирифту дар шӯълаи шамъчароғ бисӯзонид ва афзуд:

-- Ман чиҳо навишта истодаам? Худоё, магар ин сатрҳо шоёни маъниву ситоиш ҳастанд? Бало занад ин андешаҳоро! – Олим парқаламро низ як сӯ партофт ба худ гуфт: «Вақте ки кор омад накунад, баъд ҳама чиз баҳона мешавад. Имрӯз рӯҳи некӣ ва фариштаҳои қудс ёрӣ ман нестанд. Беҳтараш шароб нӯшида, каме истироҳат бикунам».

Пас аз як ҳафта мактуби Каллисфен ба устод Арасту тайёр шуд. Ӯ дар бораи ботамом тағйир ёфтани Искандари Мақдунӣ, маҳз бо дастони ӯ кушта шудани чанде аз равшанфикрон маълумотномае навишт. Олим инчунин дар бораи аз ҷониби Искандар эътироф карда шудани расму оинҳои ориёнажодон ва омода сохтани ҷосусони форсиву ғайра батафсил айбномае навишт. Пас аз он ки Каллисфен

мактубро навишта ба охир расонид, ногоҳ сард шудани дили Искандарро аз эллинҳо – аз зиёиёни юнониву румиҳо – файласуфона матраҳ кард: «Бале, чаро писари Файлақус аз диёри хеш, аз мардми худ дилмонда ва ҳатто ба ҷои худоҳои Зевсу Ахиллес ва дигарон кимкадом худои саҳро – Амонро мепазирад. Мегӯянд, ки вай вақтҳои охир бо оини оташпарастӣ гаравида ва ба дину мазҳаби ориёнитаборон таваҷҷӯҳ зоҳир мекунад. Ӯро ба ин равия Оксиарт ё Рухшона, ё духтарони Доро ташвиқоту водор сохта бошанд? Исто, файласуфи таърихнигор! Вазъиятро як-як бояд баён кард: Искандар аз дини ноустувору бисёрхудойи, аз маншаи беохири бузургони Юнон Рум ба танг омадааст. Ба қавле ибтидои фарҳанг саноеъи волои мо аз Орёнову Ҳинд буда. Аз ин рӯ роҷеъ ба иттилоот Искандар ҳатто маркази салтанати хешро дар шаҳри Бобул, ба қавли форсҳо, дар Шаҳрзӯр қарор доданист. Дар ҳақиқат, баҳсу кашмакашиҳои бузургони юнониву румӣ, фессаливу испартӣ, фивагию эпирӣ аз ҳад мегузарад. Ба қавли устод Арасту, ба онҳо зӯри даҳ нафар Искандар ҳам, ҳазорҳо шамшеру синон ҳам нахоҳад расид. Вале бо истифода аз илми сиёсат, аз гузаштҳо, аз фиребу айёрӣ вазъро ба эътидол овардан мумкин аст. Чаро шоҳи нимаи ҷаҳон ба ҷои ин корҳо қатлу ғоратҳо ва ниҳоят шаробнӯшии бардавомро сармашқи хеш қарор додааст? Дарвоқеъ, сохти яккаподшоҳии порсҳо, хатти ройи онҳо ба Искандар писанд омада бошад, пас онро оқилона бояд корбаст кард. Имрӯзҳо вай чунон бадмазҳаб шудааст, ки агар касе ба ӯ бо таъзиму бо суханҳои пурситоиш муроҷиат накунад, вой бар ҳолаш ё аз зарби калтак ҳалок мешавад, ё маъюбу маслуқ...»

Каллисфен солҳои шогирдиашро ба хотир овард, ки ӯ бо Искандар дар як бино, дар як вақту аз як устод сабақи илм мегирифтанд. Пас аз шогирдӣ, писари Файлақус шоҳ шуду ӯ олим. Хушбахттарин рӯзҳояшро дар ҳамроҳ бо устод Арасту кор кардан, мақолаҳои илмӣ навиштан, аз сӯҳбати доноёи лаззат меёфт. Ӯро ба ёд омад, ки боре Менехем ном устоди фанни ҳандаса ба Искандар рӯ оварда гуфта буд: «Дар ҳаёт ду роҳи ба ҳам зид вуҷуд дорад, ки он барои шоҳ кӯтоҳу осон, барои дигарон дарозу душвор. Вале роҳи ҳандаса ба ин роҳҳо муқобил аст, зеро вай барои ҳама баробар мебошад!»

Бале, устод Менехем талабаҳои танбали баъзе сарватмандонро бад медид. Устоди ҳалолкор буд ӯ...»

Ҳамин вақт ба утоқи корӣ ҳамкори ӯ файласуф Анаксарх даромад ва бо як тамаллуқ хандаи ноҳинҷор муроҷиат кард:

-- Ба фаҳми олими бузургвор мерасонам, ки моро Искандар имрӯз ба базм хондааст. Мӯҳтарам, Каллисфен писари Деотима! Таваҷҷӯҳ намо, охир дар ин дунёи ду-серӯза ин қадар ғам хӯрдану андешаҳои амиқ варзидан чӣ зарурате дорад? Биё, азизам, даме аз вартаи нобудӣ баромада, рӯ ба ҳастӣ орему аз ангубини айш низ бичашем!...

-- Мебинам, ки рӯҳонияти иртиҷоии орёиён ба ту ҳам андак осеб расонида. Дигар ин ки рӯҳ, ғам, андеша чизҳои бекора не, асоси мубориза аст. Як бузург гуфта: «Касе, ки ғам надорад, одам нест ё аз ин олам нест!» Ва бисёр наҷиб низ гуфтааст! Пас, айшу ишрат ба талошу навовариҳо осеб мерасонад, фикрро кунд, тахайюлро бекурб мегардонад. Айёшӣ марги пешравиҳост. Маро танҳо гузор. Ман бе ягон ғараз гуфта истодаам, Анаксарх!

-- Ҳа-ҳа-ҳа... майлаш-майлаш. Ихтиёр бар туст. Ҳа-ҳа-ҳа... – олим мисли надимони форсӣ то замин сархамкунон таъзим карда баромада рафт.

Каллисфен чунон ба хашм омад, ки ҳатто гӯшҳояш супсурх тасфиданд.

– Рӯбаҳи маккор, мори заҳрдор, олими бебор... дашноми болохонадоре дод писари Деомита.

Каллисфен ҳамкори худро хуб медонад. Вай ба дарбор дертар омад. Ӯро олими файласуф не, ба сифати одами ҷосус ба хубӣ шинохт. Гумонаш рост баромад. Ба мисли як бенаво, камбизоат пайдо шуду дар андак фурсат давлатманду доро гардид. Рӯяш мисли гул хандон, ҳамеша даст бари сина, дар ҳузури бузургон мисли ғуломи ҳозиру нозир аз забонаш «лаббаю ҷонакам!» канда не, тобеъ, сархам, ба назар шахси кордону корчаллон, вале назди тобеон мутафаккир, ботинан маккор, ҳилагар, бадкина, ба сифати қотил низ мешавад баҳо дод ӯро – Анаксархро. Вай ба замми он чунон бадфеъл аст, ки мисли девори намкаш ҳатто сухани ба вай дахл надоштаро ҳам ба худаш мекашид ва хандакунон мегуфт «Эй бародар! Наход ман ҳамин хел кас бошам?!»

Вале олимони ҷавоне аз қабили Аристобулис, Харис, Онесикрит, Хиероним муаррихони хуб буданд.

Дере нагузашта надими Искандар дар лаълии нуқрагун даъватномае овард, ки ӯро ба базм мехонд. Базм ба назари Каллисфен базми шоҳона не, аниқтараш то шаробнӯшӣ каме ба базм монанд мешуду сипас ин ишратхонаро тӯдаи авбошони маст, ошёни ғоратгарон беш чизе номидан мумкин набуд.

Вақте ки олим ба базм дохил шуд, аллакай ҳама масту бехуд шуда буданд. Танҳо Рухшона ҳушёру бо латофат табассумкунон бо Гефестион сӯҳбат меорост. Чун назари Искандар ба олим афтод, фармуд, ки аз шишаи шароби об наомехта – мусалласе ба Каллисфен диҳанд.

Ҷияни Арастуро чи хеле ки дарбориён «олими хаёлӣ» ном мебурданд, ба ин сифат одам гуфтан дуруст намеомад. Вай дорои ақлу ҳуши зукко ва соҳиби илму фазл буд. Одати румиву юнониҳо ин буд, ки ба мусаллас об омехта менӯшиданд. Касе ки мусалласро беоб менӯшид, ӯро «варвар», яъне «душман» мегуфтанд. Писари Деотима қадаҳи фиристодаи Искандарро рӯи лаълӣ сарнагун гузошт ва аз ин ҳол ҳозиронро аввал ҳайрат, сипас даҳшат фаро гирифт, Баъзеҳо гумон доштанд, ки акнун Искандар таърихнигорро ё ба зиндон ё ба марг хоҳад дод.

Вақте ки писари Файлақус аз воқиа хабардор шуд, аз Каллисфен пурсид:

-- Чаро эҳтироми маро қабул накардӣ?

Каллисфен қадаҳи фиристодаи Искандарро ба даст гирифта, ба он шароби тозаи обдор рехт ва посух гуфт:

-- Ман ба моеи доруйи ҳоҷат надорам.

Олим шаробро бо як дам ошомид. Яке аз дӯстони Искандар, ки Перитакен ном дошт, базми имрӯзаро сарварӣ мекард. Вай ҷавонмарди чоплусу дарундору дасисабоз ва олимону шоиронро чашми дидан надошт. Аз ин хотир Каллисфенро хеле бад медид ва ҳатто орзу мекард, ки ин олими шӯридаро ба ягон балое гирифтор кунад. Аз ҳамин боис вай ба олими воқеанигор озодона наттоқӣ карданро иҷозат дод.

-- Ман аз кору амалиётҳои нахустини Александр хеле шодам,- ба сухан омад Каллисфен сарбаланду мағрурона, - ӯ марди далер ва кишваркушо аст. Маҳз бо ташаббуси вай роҳҳои бузурги тиҷорат кушода шуданд ва сарзамини мо байни давлатҳо обрӯи калон пайдо кард. Бунёди шаҳрҳои нав барои мо фахри бузург падид овард. Номи Александр дар саҳифаҳои таворих пойдор хоҳад монд…

Вақте ки олим хомӯш фикр мекард, ки боз чӣ гӯяд, Перитакени боғараз баҳри ба амал овардани мақсади нопокаш чунин гуфт:

-- Мо ҳама медонем, ки ту олими сухандону ҳақиқатгӯй ҳастӣ. Хуб мешуд, ки акнун дар бораи ноқисиҳои амали мо, алалхусус, камбудиҳои Александри аъзам ва сафарҳои ӯ сухан мегуфтӣ.

-- Бале, - таклифи садри маҷлисро дастгирӣ кард Искандар. – Ҳама суханҳои ситоишиву таҳсину офарин мегӯянд ва дурӯғ ҳам мегӯянд. Ман аз чунин ҳарфҳо қонеъ нестам ва сухани ҳақро агарчи талх аст, хуш дорам. Бале, аз сухани ҳақ ҳеҷ гоҳ намеранҷам. Бифармо, Каллисфен!

Ҳама орому сокит буданд. Рухшонаю Гефестион, ки аз ҳар бобат гуфтугӯ доштанд, сӯҳбаташонро қатъ карда, ба даҳони олим нигаристанд.

Каллисфен либоси худро гӯё ба танзим оварданӣ шуда, бари камзӯлашро поён кашид ва бо сари баланд ба гуфтор омад:

-- Мақдуниёну румиён! Ҳамватанони азиз! Ман шумоёнро дӯст медорам. Расму оин, дину раёсат ва забони мақдунӣ ҳастии ман аст. Зиндагии хешро бе шумо тасаввур кардан, нафаси вопасини ман хоҳад буд. Барои ман дину расму оинҳои ғайриюнониву бурунмарзӣ бегона аст ва ҳифзи ҳақиқату адолати миллати бузурги ман, пешаи асосиам хоҳад шуд. Ту, Александр, тавоно бошӣ, имконияти фароҳам дар дастат бошад, чаро ба ҷои зоҳир намудани ҳунари воло, мақдуниҳоро паст мезанӣ? Агар мақдуниҳо ба роҳи ғалат рафта бошанд, ту эшонро ба ростӣ бар! Бас аст паст задан, ҳақир шуморидан, нотавон гуфтан! Зинда бод, румиён!

Ҳозирон ғайричашмдошти Искандар кафкӯбӣ мекарданду «Зинда бод, Каллисфен!» - гӯён қадаҳ мебардоштанд.

-- Сухан гӯй, боз чӣ гуфтаниҳо дорӣ?

Воқианигори ҳақиқатҷӯй гӯё «дил мекафонид» ва як лаҳза ба сомеон дида дӯхту ба сухангӯйи афзуд:

-- Александр! Ту ҳақиқат гуфтӣ, ман ҳақиқати талхеро, агар донӣ, бароят ҷавҳари муфидро гуфта истодаам. Зеро ту, Александри пешина нестӣ. Шодравон падарат Файлақус аз ту дида боандешаву ботадбир ва кордону меҳанпараст буд. Маҳз ӯ артиши бузургу бонизом ва тавоноро танзим фармуда. Низоми нав, аслиҳаву лавозимоти судбахшу боиқтидори

ҳарбиро ба вуқӯъ оварда буд. Бале, маҳз вай ду сарзамини аз азал яктану якҷонро аз нав муттаҳид сохт. Вожаи «эллинҳо» ва «дӯстӣ»-ро пурра ба арсаи вуҷуд овард. Ту ба ҳамаи чизҳои тайёру омода соҳиб шудӣ, вале оқибат ба вайронкориву сӯхторҳо даст задӣ. Ҷаҳонро ба ташвишу оламро ба харобазор табдил додӣ. Қасрҳои Нӯшервону «Тахти Ҷамшед»-ро, дайри «Озаргушасп»-ро бисӯхтӣ, мардумонро бехонаву ҷой, тифлакони бегуноҳро бепадару модар – ятиму бекас кардӣ. Аз ҳама бадтарин кори ту фарҳангу улуми чандинасраи мӯҳташами Машриқзаминро барбод додӣ. Баробари ин ту ба оину улуми мо зид баромада, либосу урфу оинҳои оташпарастонро, ки худо Ахиллес манъ кардааст, ҷорӣ кардӣ. Мана, он ҳақиқате, ки ту хостӣ шунавӣ ва ман гуфтам. Танҳо афсӯс мехӯрам, ки дӯстии бузурги Машриқу Мағриб аз байн рафт ва ба замин яксон шуд!

Рухшона Каллисфенро бо меҳр наззора мекард ва баъзе суханҳои душворфаҳми ӯро аз тарҷумон мепурсид. «Бале, - мегуфт ба худ шаҳбону, - ана, ба ту ҳақиқати ҳолу оинаи ҷамоли Искандар!»

Симои Искандар якбора тағйир ёфт. Вай ба одами ногоҳ аз гӯр баромада, ғайриоддӣ ранг гирифта буду аз ҷаҳл мушакҳои рӯяшу чашмонаш беист мепариданд ва китфи чапаш хандаовар меларзид. Ӯ кайҳо аз ҷояш хеста, ба варзишгаре табдил ёфта буд, ки ҳоло-ҳоло ба баландӣ меҷаҳад. Ниҳоят, вай сухан гуфт:

-- Аҳсант! Акнун симои ҳақиқии ту ба ман ошкоро маълум шуд. Эй Каллисфен! Ту душмани ашаддии манӣ ва маҳкум ба марг ҳастӣ!

Гефестион аз дасти Искандар гирифта, ӯро ба нишастан таклиф кард ва ба гӯшаш: «Ту ҳокими чаҳор самти ҷаҳон ҳастӣ, бояд босабур ва некандеш бошӣ!» - бигуфт.

Искандар ба тахт нишаст, вале Каллисфен бе ҳеҷ тарсу воҳима боз ба сухан омад:

-- Ту маро маҳкум ба марг гуфтӣ. Бале, ман ҳамчун олиму файласуф маргро бо фахр ва ризоиятмандӣ қабул мекунам, вале ҳамчун шогирди боэҳтироми устоди ҳақиқатгӯй – Феба хоҳиш мекунам маро аз дидани Офтобу Моҳтоб ва ситорагон бар зиндон маҳкум макун!

Искандар ғолибона сар боло бардошта, бовиқор бигуфт: -- Бигузор! Ман ҳамин тавр хоҳам кард.

Перитакени айёр қаноатмандона табассум мекард. Вай шод буд, ки тираш ба ҳадаф расидааст.

Рухшона ба худ биларзид ва аҳд кард, ки Искандарро аз ин роҳ бармегардонад. Ӯ ҳамин тавр ҳам кард. Анҷоми маҷлис Искандар пайваста аз қадаҳи калоне, ки «Геркулес» ном дошт, шароб менӯшид ва ба худ мегуфт: «Каллисфен мисли Клит аз Еврипид мисол оварда, маро таҳқир кард. Ҳамаи суханҳои ӯ ба ман, танҳо ба ман нигаронида шудааст. Бори аввал нутқи самимӣ ва ваъзгӯияшро мешунавам. Маълум ки ӯ нотиқи хубест, ҷин занад! Ӯро ҳама карахту дамдузд мепиндоштанд. Ана, ба ту одами карахт! Не, ба ҳар ҳол вай аблаҳ аст, гумроҳ аст. Бояд ба ӯ эътибор надод. Дигар ин ки бе ӯ китоби муқаддас – «Корнамойии Александр» навишта намешавад!»

Пас аз ду рӯз воқиаи дигаре ба амал омад. Искандар амр кардааст, ки ҳама ба ҳузури ӯ омада, таъзим ба ҷо оранд. Олим аз ин воқиа ба ҳайрат омада, дар ҳузури Анаксарх «Боз як кори ношоямӣ!» гуфт.

Вақте ки дар ҳузури шоҳ таъзимоварӣ баргузор мешуд, пеш аз ҳама хидматгорону надимони форсӣ таъзимкунон бари ҷомаи Искандарро бӯсида, бадар мерафтанд.

Ин маросим ба Леоннати мақдунӣ хеле аҷибу ҳайратовар намуд ва ӯ баланд хандид.

Искандар, ки ба тахти зебою мунаққаши форсӣ нишаста, аз ин хандаи ба назари ӯ бемаврид сахт озурда гашт. Ҳатто ин «гуноҳ»-и Леоннатро то дергоҳ набахшидааст. Навбати таъзимоварӣ ба юнониҳову румиҳо даррасид. Ҳамдиёрони Искандар дилам-нодилам аз назди оташ гузашта /оташафрӯзӣ дар ҳузури шоҳ яке аз оинҳои зардуштиён буд/ сараввал аз қадаҳе шароб менӯшиду сипас ба Искандар таъзимкунон шоҳро мебӯсиданд ва шоҳ низ онҳоро мебӯсид.

Ҳамин тавр ин маросим идома дошт. Вақте ки навбат ба Каллисфен расид, вай пас аз ба оташ рӯ овардан, шаробро нӯшиду ба ҷои он ки таъзим кунад, шоҳро бӯсид. Шоҳ бо Гефестион оиди кадом як масъала сахт баҳс мекард ва ба омадагон на он қадар эътибор медод. Дар ҳини бӯсидани Каллисфен Искандар хост, ки бӯсаи ҷавобӣ диҳад, касе аз надимон садо дод, ки олим таъзим ба ҷо наовардааст. Искандар ҳарфе нагуфта ба файласуф нигоҳ кард. Каллисфен гӯё ҳеҷ воқеае рух надода бошад, ба сӯи баромадгоҳ қадам гузошту афзуд:

-- Ба як бӯсаи шоҳ зору камбағал шуда меравам! ...

Каллисфен медонист, ки бо ин амалҳои ба таъби шоҳ номувофиқ рӯзе ҷазои сазоворе хоҳад гирифт. Аммо рӯҳи олим аз ҳамаи ҷазоҳо ё фармонҳо, ҳатто аз марг ҳам бузургтару тавонотар шуда буд.

Воқиаи таъзим овардан ва саҷда ба оташ дар байни румиҳо норозигии калонеро ба вуҷуд овард. Махсусан, ҷавонони асолатпешаи мақдуниро ноором ва иззати нафсашро коста гардонид. Ин буд, ки суиқасд ба шоҳи мақдунӣ ба амал омад. Гермолай писари Саподил дар ҳини шикор хуки ваҳшиеро, ки Искандар ба нишон гирифта меистод, тир холӣ кард. Тири дигарро мебоист ба шоҳ занад. Вале надимони Искандар расиданд ва бо амри шоҳи ба ғазабомада Гермолайро ба ҳабс гирифтанд. Ба суиқасд рафиқи Гермолай, ки Сострат писари Аминта ном дошт гӯё сарварӣ мекард. Инчунин рафиқони онҳо Антипатр писари собиқ волии Суриё Асклепиодор, Эпимен писари Арсей, Антиклей писари Феокрита, Филот писари Карсидаи фракиягӣ ва чанде дигарон шабона ба куштани Искандар омода шуданд.

Воқиаи тасодуфӣ Искандарро аз марг наҷот дод. Он шаб, азбаски рафиқи суиқасдгарон Антипатр писари Асклепиодор сарвари посбонон буд, нимаи шаб мебоист писари Файлақусро ба ҷаҳаннам мефиристод. Вале Искандар тамоми шаб бо ҳамқадаҳҳояш шароб менӯшиду базм меорост. Аз ин сабаб сӯиқасд ба вуқӯъ наомад. Рӯзи дигар Эпимен писари Арсей калонгирона ин воқиаро ба дӯсти «ҷониаш» Харикл нақл кард. Вай ба Еврилох, ӯ дар навбати худ ба Птоломей – ба наздиктарин дӯсти Искандар хабар расонид. Птоломей бе ягон истилоҳа воқеаро ба Искандар шарҳ дода, ба зудӣ иштирокдорони сӯиқасдро ба ҳабс гирифт. Дар зери азобу шиканҷа гунаҳгорон дигар суиқасдгиронро ном гирифтанд.

Дар зиндон Гермолай аз ҳама бештар азоб мекашид. Афту андоми ӯ ба таври ношинохтанӣ тағйир ёфта буд. Птоломей ба пурсиши навбатӣ пардохт:

-- Гермолай писари Саподил, гӯш кун! Охирон бор мепурсамат: оё Каллисфени воқеанавис дар ин суиқасд иштирок дорад ё не?

Геромолай хун туф карда, бо сари хам хирросзанон ҷавоб дод:

-- Ман гуфтам: олим ба ин корҳо дахле надорад.

-- Ҳаёту мамоти ту ҳамин лаҳзаҳо аст, росташро бигӯй!

-- Кал-лис-фен бе-гу-ноҳ!...

Птоломей ба сари урёни Гермолай бо аслиҳаи оҳанӣ, ки мисли нонпар мехчакориҳо дошт, сахт зад ва бандӣ беҳушона ба замин афтод. Ҳеҷ як аз аҳли суиқасд дар бобати Каллисфен ҳарфе нагуфт.

Вале асли воқиа дигар буд. Каллисфен ин сӯиқасдро ба бузургони мақдунӣ пешниҳод карда гуфта буд, ки илоҷи муаммо бузурги бузургонро аз миён бардоштан аст. Ба як қавле ин масъала муташаккилона бо Гефестион низ ҳаллу фасл ёфта будаанд. Аммо сӯиқасд ба вуқӯъ наомад.

Мурофиаи ҳарбӣ Гермолай ва анбозони ӯро муҳокима кард. Дар сухани охирини Гермолай сарбаландона бигуфт:

-- Ҳамдиёрон ва дӯстон! -- Гермолай бо вуҷуди азобу шиканҷаҳо сари синаашро шерона пеш дамонда, бо сари баланд ба сухан омад: -- Юнонии озод ва сарфароз ҳеҷ вақт ба ғуруру манманиҳои Искандар тоб нахоҳад овард. Дӯстони азизи шаҳиди мо низ мисли ман тоқат карда натавонистанд, асилзодаи ҳақиқӣ буданд. Он покизарӯзгорон: Парменион, Филот, Клит ва садҳо асолатпешагон. Искандарро бо ин сару либос бо оини оташпарастӣ, бо мазҳаби бегона чӣ тавр бояд ҳурмат кард? Дар куҷои дини мо гуфта шудааст, ки ба шоҳ таъзиму хушомад бикунӣ? Дар куҷое шарҳ додаанд, ки шоҳ рӯзи рӯзона шаробхору фоҳишабоз бояд бошад?! Магар ин танҳо суханҳои ман аст? Ин ҳарфҳои саршор аз ҳақиқатро аз оддитарин аскар то бузургон ба забон меоранд, аммо он кас ба рӯйи ин ҷоҳил беистиҳола ва бо сари баланд ҳақиқатро мегӯяд, ки вай ҳамеша зистан мехост. Бале, рӯҳи ӯ бедард, бегуноҳ, озод ва беғаразу бекина дар арши аъло сайр хоҳад кард. Лаънату марг ба Искандар!...

Ӯро дигар нагузоштанд, ки аз ин беш ҳарф гӯяд ва дар зери сангборон бо рафиқонаш ваҳшиёна кушта шуд.

Навбати Каллисфен низ даррасид. Искандар ӯро ба зиндон супорида, таъкид кард, ки файласуфро пас аз ҷанг дар ҳузури Арасту дар мурофиаи ҳарбӣ истинтоқ хоҳанд кард. Аммо ҳафтае нагузашта, хабари марги Каллисфен барқвор ба гирду атроф паҳн шуд. Аз рӯи хабари муаррихон гӯё ӯро дар зиндон азобу шиканҷа дода куштаанд, ба қавли дигаре Гефестион аз тарси он, ки файласуф чизе нагӯяд, пинҳонӣ

қатл фармудааст. Аз рӯи маълумоти дигар гӯё Каллисфен заҳр хӯрдааст.

Файласуфи номӣ, олими шӯридадил, нависанда ва таърихнигори варзида Каллисфен писари Деотима ифтихоромез аз байн рафт. Китоби «Корнамоии Александр» ҳамин тавр ба анҷом нарасид. Ҳарчанд ки воқианигорону нависандаҳо зӯр зада бошанд ҳам, мисли Каллисфен воқиаҳоро шарҳу баён карда натавонистаанд. Хоҳарзодаи Арасту услуби нодир ва шеваи шефтаю шоистаашро баробари худ ба хок бурд.

Рӯзи маргаш барфу борон омехта меборид. Аз новадонҳо шаршаркунон оби борон мерехт. Дар ҳини ба хок додани олим раъду барқ беист гулдурос мезад, ҳаво мисли шаб тира гардид. Шаби ҳамон рӯз замин сахт ларзида биноҳо вайрон ва харобиҳои беҳад ба вуқӯъ омад. Ҷавонони руминву юнонӣ ангуштонашонро сахт фишурда, ӯро ҳамеша ёд мекарданду мегуфтанд:

-- Ёдат бахайр ва равонат шод бод, устод Каллисфен!

БОЗИИ ШАТРАНҶ ДАР УТОҚИ РУХШОНА

Касе, ки аз сарнавишти худ шикоят мекунад,
аз кӯчакии рӯҳи худ шикоят кардааст.
(Метерлинг)

Рухшона мӯйҳои дарози қиргунашро машшота мезаду ба андешаҳои гуногун дода мешуд. Вақтҳои охир шаҳбону ба ҷуз орзуву андешаҳо дигар чизе надошт. Гоҳ дар бораи Фаридуни азизаш, гоҳ дар бораи Искандар, ки шавҳар ном дошт ва гоҳ оиди тақдири минбаъдаи Апомаи дӯстрӯ фикр мекард. Вай бо умеду орзуҳои ширин рӯз мегузаронид. Ҳамин вақт Апома тозону шодон вориди хонаи Рухшона шуду ӯро бӯсида «Субҳ бахайр!» - гӯён хабари хуш расонид:

-- Шодиёна бидеҳ, шаҳдухто!

Рухшона бо ҳайрат ба Апомаи беғараз нигарист. Нигоҳи маликаи ҷаҳон маънии «чӣ гап?»-ро дошт ва дар рӯзҳои охир вожаи шодӣ барояш қариб ки бегона шуда буд. Ногоҳ ба ёдаш Фаридун расиду дилаш номураттаб зада, ба Апома имдодталабона нигарист. Наход, ки ӯ омада бошад?!

-- Падари бузургворат меоянд! - тӯҳфаро ҳам интизор нашуда бигуфт духти Сапитамон.

Шаҳбону, ки аз ибораи «шодиёна бидеҳ!» ноаён дар дилаш як чароғаки фирӯзон шӯъла зада буд, гашта хомӯш шуд. Сабабгори тамоми нишоту зиндагиашро, нақшаҳои олиашро ҳамин падари айёраш дарҳаму барҳам зада бошад, аз омадани ӯ боз чӣ хел хурсанд шавад. Дар ҳақиқат ҳам қариб як моҳ мешавад, ки Уксорт ба сафар рафта буду аз ӯ хабаре намерасид. Рухшонаро аҷабе омад, ки тӯли ин як моҳ ӯ боре ҳам падарашро ба ёд наовардааст. «Меҳри падар аз дили ман рафта ва ҷое барои ӯ намондааст. Овони кӯдакӣ рӯзе набуд, ки аз вай ҷудо ё дур афтода бошам. Ба қавле падарро ҳатто то халоҷо ҳам гусел мекардаам...» - аз дил гузаронид Рухшона.

Апома низ аз ин ҳолати малика мутаҳайир бимонд ва дастони нарму зебои Рухшонаро дошта, пурсид:

-- Ту шод нестӣ, маликаам?

-- Аз чӣ шод шавам? Аз он падаре, ки...

Шаҳбону хомӯш монд ва Апома маъюсона гӯё сухани Рухшонаро ислоҳ мекарда бошад, афзуд:

-- Ба ҳар ҳол... бузургворат аст...

-- Бале, ба ҳар оин падар ном дорад!...

Ҳангоми хӯроки нисфирӯзӣ Уксорт бо писараш, пас аз андаке Искандар ва Птоломей омаданд. Уксортро акнун пирамард гуфтан мумкин набуд. Бо як виқору рӯҳи солим, мисли ҷавонмардон бардаму мағрур, либосҳои шоҳонааш гӯё саросар заррин буданд, духтарашро ба оғӯш кашида, ситоишкунон муроҷиат кард:

-- Ягона мақсаду сабаби зисти ман дар ҳаёт, дидорбинӣ бо туст. Зеро арӯсии ту бо Искандар ба Машриқзамин сулҳу салоҳ овард. Ин фоли нек аст, гавҳари шабчароғи ман. Агар дили ту шод бошад, ман низ садҳо бор шодаму масрур, Рухшонак. Ваҳ, чӣ қадар бо ин зару зевар зебою қашанг ҳастӣ! Хайр, охир ту маликаи ҷаҳонӣ! Бубин, бароят чӣ овардам! Бузургтарин тӯҳфаи сазовори олимансабон!

Уксорт аз надим бӯхчаеро талаб кард ва ҳамин вақт Искандар низ бо Птоломей, ки хеле шоду хуштаъб ба назар мерасиданд, сари бӯхчаи бузург омаданд, то бубинанд, ки ин ашёи нодир чӣ будааст. Дар ҳақиқат, аз дидани тахтаи шатранҷи ба ин андоза зебо Рухшона якбора шукуфт.

Донаҳои шатранҷ сурху сиёҳ буданд, ки Уксорт шарҳаш медод:

-- Соҳиби ин шатранҷи машҳур подшоҳи Ҳиндустон Фур аст, ки барои ман пешкаш намуда. Ин тахта аз устухони ашки фил, ки хеле гаронбаҳову волоарзиш аст ва нимаи донаҳо аз тиллои сурх, нимаи дигар аз нуқра буда, ҳиндуҳо онро «чатуранга», яъне чорқатора меномиданд. Тибқи ривояти бостонии ҳиндуйи, подшоҳон ба даст теғу синон гирифта, хунрезии беҳуда намекардаанду машғули чатурангбозӣ мешудаанд. Ҳар касе, ки мағлуб шавад, шартҳоро иҷро кардаву таслим мешудааст ва бо ҳамин «ҷанг» ба анҷом мерасидааст.

-- Ваҳ, ба чӣ андоза оқилу боандеша будаанд онҳо! -- нидо бароварда Рухшона.

Искандар хандид. Хандаи ӯ маънӣ дошт. Гӯё вай бо ин хандаи беписандона гуфтанӣ буд, ки дар ривоятҳо чиҳое бофтаву гуфта намешаванд. Птоломей ҳазломезу хандакунон ба Рухшона рӯ оварда:

-- Агар ин ривоят дарҳақиқат дуруст бошад, пас маълум мешавад, ки Рухшонаи азиз маликаи Ҳиндустон низ мешавад ва ниҳоят шаҳбонуи кулли ҷаҳон!

-- Магар Рухшона имрӯз маликаи ҷаҳон нест?

-- Бале, бале, шаҳбонуи пирӯзи мо ба маънии пурра маликаи ҷаҳон аст! -- суханашро ислоҳ кард Птоломей хандакунон.

Пас аз хӯроки рангбарангу лаззатбахши шоҳона Искандар майли рафтан кард ва ба Рухшона рӯ оварда гуфт:

-- Пагоҳ не рӯзи дигар мо ба Ҳиндустон барои бозии «чатуранга»-и ҳақиқӣ меравем. Ту низ омода бош, азизам.

Рухшона пироҳани дарозу гулнақшашро саҳл бардошта аз ҷой бархост ва бо як назокати зебанда тахтаи шатранҷро ба даст гирифта, посух дод:

-- Маро бо ҳиндуҳо ҳоҷати бозии шатранҷ нест. Зеро ман ба онҳо ҳеҷ хусумате надорам.

Искандар аз ин суханҳои шаҳбонуи хеш маънии том гирифта, табассумкунон афзуд:

-- Ин тавр бошад, ҳар ду бо шарт як раҳ шатранҷ мезанем. Агар ту пирӯз шавӣ, бо хоҳиши худ амал мекунӣ, агар не, ман туро ба ҳузури соҳиби ин чатурангбоз, ки ба қавли падарат Фур ё Пур ном доштааст, - ба тахтаи шатранҷ ишора кард писари Файлақус, - мебарамат.

-- Ман розӣ.

Искандар пеш аз хайрухуш дастони шаҳбонуяшро бӯсиду мувофиқи оини суғдӣ «хуш бошед!» - гӯён пеш даромад ва роҳравон боз афзуд:

-- То бегоҳ. Бозӣ, бигузор, дар хонаи ту ба амал ояд.

Пас аз баромада рафтани Искандар лаҳзае оромӣ ҳукумфармо гардид ва ин хомӯширо Уксорт хотима дода, мисли ранҷидагон гуфт:

-- Духти азизам, магар ба Ҳиндустон рафтани ту мушкилие дошт? Ба назарам шиносойи бо ин сарзамини афсонавӣ ба кас таассуроти ғанӣ мегузорад.

-- Бале, бузургвор! Таассуроти басо «ғанӣ!»

-- Киноя мегӯйи?

-- Оре. Ин таассуротро ман ҳам каме баён карда метавонам. Агар хоҳӣ, бароят нақл кунам. Марҳамат: кушторҳо, сӯхтору вайронаҳо, оҳу нолаи халқи бегуноҳ, мардуми бечораи фирорӣ, шиҳакашии аспҳо, наъраи ҷонкоҳи уштурҳо, бӯйи боруту нафту дуди туфангҳо!... ин аст таассуроте, ки ту онро «афсонавӣ» мегӯйи. Беҳтараш ин ҷо даме осудаву хотирҷаъм бошам хубтар аст.

-- Ҳоло ин масъала ба бозии шатранҷ вобаста аст! - Уксорт низ бо киноя хулоса кард ва табассумкунон аз ҷой бархост.

Рухшона табассуми падарашро самимӣ пиндошта, вале ин табассуми собиқ коҳини Бохтария бовар ба бурди бозии шатранҷи Искандар буд.

-- Мебинем...

Ходимон бо як ҳавсалаи том хонаи бе ин ҳам оростаи Рухшонаро пероставу нур бухшида, мизу курсиҳоро бо дастури шаҳбону ба ҷои мувофиқ гузошта, ошпазу хидматгорон таомҳои гуногун пухта, шамъчароғҳои махсус муҳайё месохтанду ҷунбуҷӯли ба худ хосе доштанд.

Рухшона бо Апома ба сайри боғ баромад. Пироҳани кӯтоҳи гулнақш аз матои парча бари доманаш зарандуда ва шолвори махмалии ду тарафи дарзаш то поин пӯпакзада, мӯзаи сурхи ҷозибу пошнадор, дар даст китоби «Авасто» қадам мезаду шодона ҳарф мегуфт:

-- Духти Сапитамони родмард! Дар ин китоби муқаддас гуфта мешавад: «Инон хоҳонанд то неконро биёзоранд ва сулҳу осоишро ба ошуфтагиву ҷанг бигардонанд, аммо аз чунон кайфаре /ҷазо/ гурезе надоранд».

-- Чӣ тур хубу бамаънӣ гуфтаанд! Вале аз ту мепурсам, ки оё Ҳурмуз ҷазои бадонро медода бошад? Оё қотилони падари ман подоши мувофиқ гирифтаанд?

-- Бале, азизам! Ҳар як фард ба қавле фаришта дорад ва ин фаришта неку бади соҳибашро ба тарозӯйи адл мекашад. Қотилӣ олитарин гуноҳ, азимтарин зиштиест, ки ба он ислоҳе ё тавбае набошад ва кора накунад. Шифои он марги ӯст! Искандар орзуи бо Сапитамони бузургманиш дӯстӣ варзиданро дошт, вале одамони ваҳшиманишу хуношом ӯро номардона қатл карданд. /Илоҳо равони Сапитамон шод бод! Эдун бод!/.

Апома хешро ба оғӯши Рухшона андохт. Вай аз шарҳи шаҳбону қонеъ гашта, дар чашмонаш ашк, падари бузургворашро ба ёд меовард. Танҳо он чиз маълум набуд, ки оби дидагони ӯ ашки шодӣ буд ё сиришки ғам, вале фахр дошт, ки ӯ ҳоло мисли Рухшона далеру ботамкин ҳомии бузург дорад. Бале, шаҳбону дорад!..

Бегоҳирӯзӣ баробари наздикони Уксорт, Искандар низ хушҳолу хешро оро дода ҳамроҳи Гефестион, Птоломей, Пердикка ва Никанори юнонӣ хушҳол даромада омаданд. Рӯйи мизи фароху серғизои шоҳона шаробнӯшиву хушгӯйиҳо идома дошт. Вале Искандар ғайричашмдошт ҷуръае ҳам шароб нанӯшид. Ниҳоят, пас аз хӯроки бегоҳирӯзӣ шоҳи ҷаҳон ва Рухшонаро мизи махсус, ки рӯи он тахтаи шатранҷ мисли оташ фирӯзон ба дида мерасид, нигарон буд. Искандар табассумкунон ба Рухшона нигариста гуфт:

__ Хайр, шаҳбону, оғози ҷанг мекунем?

Шаҳбону бо табассум ҳарфе нагуфта аз ҷой бархост. Баробари хестани ӯ бӯйи муаттари хушу гуворо ба машом расид, ки касро фараҳу хушиҳо мебахшид. Бозӣ оғоз ёфт. Ҳарчанд ки тамошобину шоҳидони зиёде гирд омада бошанд ҳам, нафақат дар ин меҳмонсаро, балки дар берун низ хомӯшии том ҳукмфармо буд. Ногоҳ Искандар ба забон омад:

-- Азизам, ту мехоҳӣ, ки ман бозиро бой диҳам?

-- Ман ба ҷои ту мебудам ин тавр суол намедодам.

-- Ба ҳар ҳол?

-- Ин муаммо берун аз иродаи ман аст.

-- Не, ту мехоҳӣ.

-- Ман ин тавр нагуфтаам ва ба кори шахсии касе дахле надорам.

Ҳамин тавр оғози бозӣ бо ҷиддияту хомӯшии том идома ёфт. Мавқеи шатранҷронӣ баробар буд ва дар он ҳангом гӯё забони шоҳ мехорида бошад, ки боз сухангӯйи кард:

-- Ба назари ту шатранҷбозии шоҳон салоҳу ҷоиз аст?

-- На.

-- Чаро?

-- Зеро оқибати бозии шатранҷ ӯро «шоҳранҷ хоҳад кард!» -- Рухшона абрӯвонашро чин намуда ба андешаҳои амиқ дода шуд ва ниҳоят донаи аспашро пеш рафт.

-- Ҳоло ҳамин тавр?!

Искандар, ки то ин замон беписандона дона меронду савол медод, якбора саросема шуд ва дар банди тору пуди андешаҳо андармон гашт.

-- Шоҳам хоҳиши бо ду дасти адаб таслим шуданро надоранд? -- бо киноя неш зад Рухшона.

Искандар қоҳ-қоҳ зада хандиду:

-- Ҳоло не, ҷонакам, ҳоло не-е!.. - мегуфт.

Даме нагузашту аз як филу аспаш низ маҳрум гашт.

Искандар ба хубӣ дарк кард, ки вай бозиро бохта истодааст ва баробари рухро додан аз ҷой бархосту чунин сухан гуфт:

-- Шаҳбону! Ман ба ту тан додам. Бояд рӯшод икрор шавам, ки мақсуди ман туро ба охири дунё - ба уқёнуси Ҳинд бурдан, оламгир кардан буд. Вале мебинам, ки ройи ту дигар асту роҳат дигар. Яъне хоҳише надорӣ.

-- Бале, шоҳам. Роҳи ман дигар асту расму оинам дигар. Дигар ин, ки ба ман охири дунё не, оғози дунё, некиву адолати дунё хуш меояд.

Искандар хомӯшу сархам ба маънии суханҳои шаҳбонуяш сарфаҳм рафта буд. Базм сарду дилгир ба назар мерасид. Соати регӣ мерехту мерехт. Ҳамин вақт Рухшона як паллатахтаи шатранҷро болои ҳам пӯшонид, ки ин мазмуни «бозӣ тамом, кор тамом!»-ро дошт.

-- Ман гумон надоштам, ки ту ба ин андоза бозигарӣ мекунӣ, - гӯё ранҷида мегуфт Искандар.

-- Хайр, ман дар оғоз гуфта будам, ки аз бозии шатранҷ, мешавад подшоҳ «шоҳранҷ!»

Аз ин гуфтори шаҳбону бархе гумон мебурданд, ки Ис-

кандар сахт ранҷур мешавад, вале ӯ ғайричашмдошти ҳозирон боз ҳам баланд хандида, ҳатто оби дидагонашро аз чашм дур намуда мегуфт:

-- Ман аз ҳамсари худам асло намеранҷам. Аммо-о... шоҳони Ҳиндустон хоҳ нохоҳ аз ман хоҳанд ранҷид!

-- Медонам! - кӯтоҳу пурмазмун посух гардонид шаҳбону. -- Баройи ҳамин ҳам ин ҷо муқиму ором мемонам.

-- Ташаккур барои меҳмондорӣ! Ба ҳар ҳол соати хуше буд, ки бо шумо нишастем. Хуш бошед! - ва шоҳ бо як одоби ба асилзодагон хоса дасатони шаҳбонуро бӯсида, бо анбозонаш бадар рафт.

Рухшонаи пирӯзманд аз надим шароб пурсид. Ӯ мамнунона қадаҳи заррини шароб бар даст, ба Апома нигариста, бигуфт:

-- Барои саодати мардуми Ҳиндустон!

-- Нӯшат бод, нӯшинлаби маликаи ҷаҳон!...

ҚАҲ-ҚАҲАИ АРАСТУ

Фозилтарин амалҳо се чиз аст: яке он ки душмани худро дӯст созӣ, дувум он ки нодонро ба таълиму тарбият доно гардонӣ, саввум он ки аҳли фисқу фуҷурро бо панду насиҳат ба салоҳ ва некӯкорӣ дорӣ.

(Суқрот)

Арасту ду рӯз мешавад, ки дар бораи шогирдонаш Искандар ва Каллисфен андеша меронд. Саҳарии солеҳон аз хоби нохуше нороҳат бедор шуд. Гӯё дар хобаш ангуштарини Каллисфенро дуздидаанд ё нигини ӯ ба осмон парвоз карда мерафт. Файласуф таъбири ин хобро ба хубӣ медонад - ба сари Каллисфен воқиаи даҳшатноке омадааст, дигар чизе нест.

Рӯзи ҷадид хоҳари калонии олим оби дидагонаш шашқатор Искандарро лаънаткунон даромада омад.

-- Ҷигарпайванди ягонаамро куштанд-е, олими намоёнро, файласуфи Руму Юнонро қатл карданд-е!... Агар вай аскар мебуд ё дар ҷанг ҳалок мегашт боке набуд, вале ӯро Искандари хунхор куштааст-е!... Э-эй, вой-е... бародарам-е!...

Аристотел гӯё шах шуда буд. Танҳо пас аз лаҳзае ба худ омаду ба таҳхона фаромад. Баробари дари таҳхонаро аз дарун бастан, даст ба пушт бурда аз он сӯи таҳхона ба ин сӯяш қадамзанон роҳ мерафту забонаш андешаю саволҳои ӯро омирона баён менамуд. Арасту одати соатҳо бо худ сухан гуфтанро дошт.

-- Чӣ гап? Наход, ки Искандар дӯсти худашро бикушад?! Ё ақаллан эҳтироми маро пос надошт? На-на... ин ҷо ягон гапи дигаре ҳаст! Бале, сирре бояд бошад!...

Олими варзида ба ин пурсишу ҳукмҳо қонеъ нашуда беихтиёр дохили хум даромад ва сарпӯши онро аз рӯяш пӯшонида, гӯё ба матои тираранги андешаҳои беҳудуд печид: «Ҳеҷ мумкин нест, ки писари Файлақус ӯро кушта бошад. Охир, Каллисфен дар бораи Искандари Мақдунӣ китоб менавишт! Ин китоб танҳо пас аз баргаштани ӯ ба Мақдуниё анҷом меёфт! Ин чӣ муаммои ниҳону наҳс бошад? Чӣ?!»

-- Хайр, медонам ва Искандарро низ маълум буд, ки феълу атори Каллисфен вазнин, ғайриоддӣ ва ислоҳнопазир аст. Аммо ӯ одами хавфнок ё зарароват набуд...

Ҳамин вақт Арасту тақ-тақи дарро шунид ва аз хумдон сар бароварда «Кист ӯ?» гуфт.

-- Ман Феофраст, устодо! Мактуб даррасид. Аз Каллисфен!

-- А?! Аз Каллисфен?! Пас маълум мешавад, ки додарзодаам зинда будааст, арвоҳ занад ӯро.... - ғурғуркунон ба пешвози Феофраст шитобид. Дар як лаҳза аз хаёли ӯ ангуштарини ба осмон парвоз карда расиду бигуфт:

-- Пас ин ангуштарин мактуб будааст- дия. Ё тавба, наход хобро ман нодуруст таъбир карда бошам...

Феофраст мактубро ба устодаш дода, сархам мунтазири амри Арасту меистод. Аниқтараш Феофраст боз чизе гуфтанӣ буд, вале аз чӣ сабаб бошад, хомӯш мисли устодаш дар банди хаёлот афтода, оҳиста-оҳиста бадар рафт. Устод дар назди дарвоза ба сардии ҳаво нигоҳ накарда, мактуби Каллисфенро пурра хонда баромад. Баробари хонда шудани мактуб абрӯвони сермӯйи ғуллии ӯ чин шуданд ва бо як вақоҳати хашмолуд ба таҳхона дохил шуд. Олим аз ин сӯи таҳхона ба сӯи дигараш чунон ба зудӣ қадамзанон роҳ мерафт, ки каси бегона ин ҳолати ӯро медид, хоҳ нохоҳ ба аҷаб меомад. Ногоҳ дар ҷояш якбора ист карда, бо лабони фи-

шурда ба ягона тирезачаи ҷониби боғ назар афканда, бигуфт:

-- Ӯ оташпараст низ шудааст! Писари худои саҳро Амон буд, сипас фарзанди Доро, акнун домоди оташпарастон шудааст! Эй, шогирди нохалаф! Ман аз ҳамин таҳхона истода, туро ба марг ҳукм карда метавонам! Ҳоло ту аз рӯҳонияти бузурги ман бехабар ҳастӣ! Ҳа-ҳа-ҳа...- Боз андаруни таҳхона қадам мешуморид файласуфи бузург. Ӯ истеҳзоомез механдид, гӯё дар ҳузури падари Искандар истода бошад, ба хумдон нигоҳ карда, афзуд:

-- Медонӣ, барои мақдуниҳоро таҳқир кардан, аз тобеонаш талаб кардааст, ки дар бораи далеру бузург будани Спитамен-сарлашкари Суғдиёна суруде бихонанд... Дар ин суруд тарсу ва беирода будани мақдуниёну румиён ва боз ким чӣ хел суханони таҳқиромез ҷой доштаанд. Тавба! Не-не ин ҳама айби ту, Филипп! Айби ҳамсари ҷоҳилу зоҳирпарастат - Олимпиада! Ҳа-ҳа, ин таълиму тарбияи ман не, хуни палиди шумо, рӯҳи касифи меросии волидайнҳо ё эпириёни шумост, ки ӯ ба ин андоза тағйир ёфтааст! Инсон агар ба хубӣ тарбият ёбад, аз ҳама ҳайвонҳо беҳтар, вагарна аз ҳама махлуқ бадтар хоҳад буд! Бале.

«Наход, Клит - бародари ба ҳукми фарзанди модар - Ланикаи дояатро бикушӣ?! Оҳ-оҳ, Пармениони доно ва зукко! Магар чунин каси донотару беҳтарин сарҳангатро, ки бароят тамоми умрашро бахшида буд, ӯро қатл мефармойи?! Оҳ, Филоти бегуноҳу бечора! Падару писари шаҳидшуда, бисмил шуда!...»

Арасту аз ғазаб ба худ мепечид, лабонаш аз зӯрии асаб ё эҳсоси номаълум меларзид ва гоҳ пичиросзанон, гоҳ додгӯён шогирдашро лаънату нафрин мехонд:

-- Ба ту пӯшидани либосҳои барбарҳо чӣ лозим, аблаҳ?! Худоё! Таъзим овардани дӯстони мисли бародаронат ба ту чӣ зарурате дошт? Оҳ, ҳаромӣ! Магар аблаҳ шудайи ту, Искандар?! Гуфта будам: ҳар вақте ки Дороро даст бигирифтӣ онро ба зери тасарруф овардӣ, тамом. Дигар ҳаракати ноҷо макун! Орзӯйи Суғдиёнаву Бохтария ҳеҷ гоҳ лозим нест. Инро бинед-а, ӯ боз ба Ҳиндустон низ равон будааст! Маро шармсор кардӣ, обрӯямро яксону бекурб кардӣ, писари Файлақус! Лаънат бар падари айёру тирамағзат! Мардуми олам чӣ мегӯянд? Маро устоди ҷоҳил, олими авбошпеша,

нобакори бадкирдор хоҳанд гуфт. Чӣ кунам, ба куҷо бираванам, чӣ тадбире биҷӯям, чӣ?! Гул гуфта хори захрогин парваридам. Аз куҷо донам, ки ӯ бадзод мешавад, ин хел мешавад?!

«Вай нобакор ба ҷои он ки ба мактубҳоям посух бинависад. Бароям ароба-ароба молу зар, китобу матоъ ва ашёи ниёзи рӯзмарра мефиристад. Якрав! Афсӯс ки пойҳоям ногиро ва пиру бетадбир шудаам, вагарна мерафтаму аз гиребонаш дошта, лаънату нафринкунон бозмеовардам. Чӣ кунам, чӣ чора андешам? Мактуби бечора Каллисфен ба ман баъди маргаш даррасид. Э-э... воҳ!» - ба равғани худ гӯё бирён шуда мегуфт Аристотел.

Исто-исто! Ба назарам ман беҳудагӯйи мекунам. Ку сабаб, мақсад, ҳукм?! Эй файласуф! Искандар худ аз худ ба ин роҳ ё равиш намеравад. Пеш аз ҳама сабаб! - Арасту аз таҳхона берун баромад ва Феофрасте, ки чизе барояш гуфтанӣ буд, эътиборе надода, ба ҷониби боғ роҳ гирифт. Олим дастҳояшро ба пушт баста, мутафаккирона гап мезад. Вақте ки ба зери бузургтарин дарахти ин боғ - дарахти булут рафт, ист кард ва ба сухан афзуд:

– Ҳукми улуми мантиқ чунин аст: – Искандар имрӯз ба монанди ин дарахти булут бузургу тавоно ва воло шудааст. Мехоҳад, ки ҳамеша бузургу тавоно бошад. Азбаски дар Руму Юнон мисли ӯ бузург ва аз вай ҳам доноҳо ҳастанд, ба ин ҷо омаданӣ нест. Дигар ин ки мардуми машриқзамин подшоҳро сояи худо ҳисоб мекунанд ва ба он бовар доранд, меҳрубониву хушомад мезананд, хоҳ нохоҳ барои марди мағрибӣ гуворо аст ва писанд хоҳад омад. Дар Мақдуниё чӣ ҳаст? Магар зоҳирпарастии модараш Олимпиада ё гузаронидани мусобиқаҳои варзиш ё театрҳо, ки барояш кайҳо дилбазан шудаанд. Ба сиёсат гаравидани юнониён ҳеҷ гоҳ оромиву анҷом напазирад. Аз ин сабаб ҳар касе, ки ӯро аз ин роҳ бозмедорад ё монеъ мешавад, он фардро аз пеши роҳаш дур месозад. Ба духтарони ҳокимон хонадор шудани ӯ ба вай, ба ҳукму мақсадҳояш мутобиқат мекунад... Мақсад! Мақсад маълум...

Арасту ба гирду атрофи дарахти бузурги булут, ки ниҳолакони зарду ногиро мерӯиданд, назар афканда, бигуфт:

-- Яке аз ин ниҳолони аз озодӣ бебаҳра монда, хоҳ - нохоҳ Каллисфен мебошад, ки ба ҳалокат расид! Ин

ниҳолҳои дигар низ рӯзе хушк хоҳанд шуд. Ё кори худоён буд: Эҳтимол...

Олим баргашт ва дар китобхонааш китоберо ҷустуҷӯ карда «ҳозир-ҳозир» гӯён мисли бачагони бетоқат, ки чизи хеле гарону асили пинҳонкардаашро ҳарисона меҷӯяд, рафу токчаҳоро такурӯ мекард. Ниҳоят, ба дасти Арасту як китоби муқоваш сип-сиёҳи ғафсу боҳайбате гӯё чирказада пайдо шуд. Устод асбоби устурлоб, паргор ва ҷадвал гирифта, рӯйи коғази сафед даврaҳо мекашиду рақамҳоро мечид. Ниҳоят, аз он китоб чизеро рӯйи коғаз менавишт. Ҳамин вақт Феофраст барои ӯ қаҳва оварда, иҷозат хост. Олим ӯро ишораи нишастан кард. Арасту беист: «Ҳукм! Ҳукм!» - гӯён беш аз ним соат «кор» кард ва билахира хушҳолу қаноатманд «ваҳ-ваҳ!» - гуён қаҳваи кайҳо сард шударо ошомида, нафаси осуда кашид. Ҳамин лаҳза чашмаш ба Феофраст афтида пурсид:

-- Ту ба назарам, чизе гуфтанӣ доштӣ? Ҳамин тавр? Бигӯ, бигӯ, азизам...

-- Бале, устод. Қосиде, ки мактуби Каллисфенро оварда буд, ба ман хабари даҳонӣ расонид, ки...

-- Ҳа-ҳа. Яъне Каллисфенро куштаанд! Ҳамин тавр?

Феофраст бо ҳайрат забонаш ба калима напечида, бо ишораи сар суханони устодашро тасдиқ кард.

-- Ҳеҷ гап не. Касе дар олам пойдор намемонад, азизам. Роҷеъ ба аломату хабари китоби ниёгон умри Искандари «достонӣ» низ хеле кам мондааст. Бале, хеле кам!... -- Арасту табассум мекард.

Феофраст аз ҷой бархост. Ӯ ба хатти ожангҳои рӯю пешонаи устод дида дӯхта, дилаш таҳ кашид ё аз тарси он ки Арасту хабарҳои воҳиманок мегӯяд, оҳиста ба ичрои корҳои худаш бадар рафт. Феофраст аз берун истода хандаи баланд ва қаҳқаҳаи воҳиманоки устодашро шунида, ҳар чӣ зудтар аз он ҷо дур рафт. Овози хандаомез ва воҳманоки ӯ аз дур ҳам ба гӯш мерасид:

-- Ҳаҳ-ҳаҳ, ҳаҳ-ҳаҳ!... Доруи заҳр! Ҳа-ҳа-а... Шароби аҷал!...

ҲИНДУСТОН -- МАРЗИ ОХИРИН

Эй, ки бар рӯи заминӣ, ҳамавақт они ту нест,
Дигарон дар шиками модару пушти падаранд.
Саъдиё, марди накӯном намирад ҳаргиз,
Мурда он аст, ки номаш ба некӯйи набаранд.
(Саъдии Шерозӣ)

Искандари Мақдунӣ бо яксаду бист ҳазор аскари пиёдагард ва понздаҳ ҳазор савора, бо парчамҳои бешумор ҷониби Ҳиндустон лашкар кашид. Танҳо бахши аскарони пиёдагард, ки ёздаҳ қисмати бузургро ташкил медоданду лавозимоти олии низомиро доштанд, бемислу монанд буд. Миқдори аскароне, ки дар оғоз ба Осиёи Сағир даромада, се мартаба зиёдтар аст. Кӣ буд Искандар ва ҳоло кист? Имкониятҳо ва омади корҳо ӯро шоҳи ҷаҳон, ному шӯҳрат доданд. Вай хешро валиаҳди Доро, домоди Уксорт муаррифӣ мекарду заминҳои шимолии Ҳиндустонро аз билоди Форсу Бохтар ҳисоб мекард. Аз ин рӯ сафари хешро, сафари боадолат ва ҷанги муқаддас номида, дили аскарони ориёимазҳабонро гармкунон мегуфт:

-- Мо сарзаминҳои қадимаи ҳахоманишиёнро бояд ба соҳибони аслиаш баргардонем!

Ба сарҳангоне, ки ҳашт сол ин ҷониб меҷангиданду аз марзу диёри хеш сухан мегуфтанд, вай як ҷумлаи кӯтоҳу маънидор мегуфт:

– Забти Ҳиндустон марзи охирин аст!

Искандар аз аспи вафодораш - аспи пешонасафед - Букефал, ки андаке пиру аз чобукии пешинаш баъзе ҳаракатҳо боқӣ мондааст, ба аробаи чаҳорчархаи шоҳона гузашт. Шоҳ дар бораи Рухшонаи дилоро андеша меронд. Ӯро бо некиву эҳтиром ёд мекард. «Чаро, - мегуфт худ ба худ, - вай ба ман писанд аст? Бо вуҷуди нозу нузашу калонгириҳояш ӯро дӯст медорам. Ба назарам духти Уксорт ба маънии том маликаи ҷаҳон аст! Ӯ сиришти шоҳона дорад. Ҳарчанд ки маро назараш намегирад ё нисбати ман меҳре надорад, вале ҳамин феълаш ҳам маро писанд аст. Зеро он шоҳона аст! Як ишораи ман басанда аст, ки духтару занҳои соҳибҷамол дасту

пойҳоямро бибӯсанд. Вале Роксана алайҳи ман натанҳо ҳарос, балки парвое ҳам надорад. Зуволааш магар аз суфраи олӣ баромадааст, ҷин занад!... Равшанак духти Дориюш ҳиссиёте надорад, мисли падараш тарсу аст. Барсина духти Артабоз ишратпарасту айёш. Бале, ҳеҷ яке аз бонуҳои ман мисли Роксана боирода, устувор ва зеботанат нестанд. Асло аз ӯ ранҷидан мумкин нест. Зеро зоҳиру ботини ӯ равшан аз нури яздонист. Дигар бонуҳоям мисли канизакон ба дасту даҳон ва ишораи ман нигаронанд. Бо ақли хеш рафтор намекунанд. Вале Роксана! Маро бубахш, ман ба зудӣ Барсинаро ба Юнон, Равшанакро ба Истахр, Паришодро ба Бобул мефиристам. Ман туро дӯст медорам ва тамоми дороиямро ба ту хоҳам бахшид. Зеро кушоиши корҳои ман аз ту оғоз ёфт. Бале, дар Суғдиёна ман бахти хешро пайдо кардам. Оҳ, Роксанаи азиз! Агар ба ман фарзанде мавлуд мекардӣ! Зеро ман безурётам, мефаҳмӣ, маро ҳамин гуна ном мебаранд. Ман аз киноявву суханҳои духӯраи душманонам ин нуктаро дарк мекунам. Ё ба ман ҳамин тавр бадгумонӣ маънидод мешавад? Намедонам. Оҳ, агар бароям меросхӯре ба олами ҳастӣ меовардӣ, ман низ ба ту дар Афина муҷассамаи заррин мегузоштам! Ба монанди муҷассамаи зебои Афродита! Ягона номдории ман фарзанд аст. Эҳ, худоҳо! Ё Зевс! Ё Ахиллес! Роксанаи азизро ба ман меҳрубон созед, танҳо ӯро, ин паривашро!...

Ё ӯ каси дигарро дар марзи дилаш мепарварад? Не-не!... Боре ҳам ин ҳолатро мушоҳида накардаам. Сабр бояд кард ва дили ӯро ба даст оварда, сазовори ишқи поки ӯ хоҳам шуд. Ҷин занад, ӯ ин қадар зебову фаттон аст! Ҳафтае нагузашта ӯро ёд кардам. Бояд ӯро ба Ҳиндустон овард. Бале, Оксиартро ба талаби ӯ хоҳам фиристод.

Искандар ба кӯҳҳои сар ба фалаккашида нигоҳ мекарду бузургии Рухшонаро ба ин баландиҳои сангӣ нисбат медод.

-- Оҳ, чӣ қадар зебову устувор ва бузург аст, кӯҳҳои Ҳиндукуш! - шунида шуд овози касе аз байни афсарон.

Искандар соҳиби ин овози шиносу сухани гувороро аз байни дӯстонаш ҷудо карда тавонист. Вай сипаҳсолор ва дӯсти азизаш Селевк - ҷавонмарди некхислат, раҳмдилу некрой - ҳокими Суриё буд. Искандар ҳарчанд мехост ки варо ба Суриё гусел кунад, вале иштироки ӯро дар ин сафари муҳим баробари асилзодагон муносиб донисту нигаҳ дошт.

Шоҳи ҷаҳон аз дил гузаронид, ки Селевк духтари Спитаменро Апомаро дӯст медорад ва аҳд кард, ки пас аз забти сарзамини Ҳинд ӯро ҳатман ба мақсуд бирасонад.

Лашкари бузурги Искандари Мақдунӣ пас аз даҳ рӯз ба Кобул расид, ки румиён ин шаҳрро Паранамисад меномиданд. Чанд рӯз муқаддам Уксорт бо чокаронаш ба ин ҷо омада, шаҳрро барои пазироии шоҳи ҷаҳон омода сохта буд. Писари Файлақус ба Уксорт миннатдорӣ баён карда, пеш аз сафари Ҳинд, бигуфт:

-- Ин сарзаминҳоро ба ту бахшидам, бо адолат ҳукм бирон, падар! Вале ҳоло ту ба Балх бозгард ва Роксанаро ба ҳузурам ташриф фармо.

Дар чашмони Уксорт ашки шодӣ давр зад ва тамаллуқкорона таъзим ба ҷо оварда, ки ин таъзим Искандарро хеле хуш омада буд. Искандар аз Кобул дӯшизагони асилзодаю зеборо бо чанд аробаи нақшунигорёфтаи пури молу маноли нафисаву зарина ба Рухшона номнавис кард.

Қад-қади соҳили рости дарёи Ҳинд артиши Искандар ба самти Шарқ ҳаракат мекард. Пеш аз ҳама яке аз давлатҳои Ҳиндустон Таксил, ки шоҳи ӯ Амбхи буд ва номи сарзаминро низ бо номи дудмонияш Таксил меномид, ӯро бечанг бо нону ширинӣ пешвоз гирифт. Тибқи иттилои Уксорт, Амбхиро бо ҳокимони Панҷоб, махсусан ҳокими он Аст кинаю адовати авлодӣ дошт, ки ҳоло дар Суғдиёна ба Искандар садоқати хешро баён карда буд. Вақте ки Искандар ба амад нишаста, тавассути Ҳиндрӯд ба Таксил расид, Амбхи - Таксил ӯро бо тамоми артиш, ки дар даст тӯҳфаю маводи пураразиш нигоҳ медоштанд, пешвоз гирифт. Худи Амбхи - Таксил подшоҳони боэътимоди Ҳиндустон Аст ва Пауараваро номардона фурӯхт.

Ҳамин тавр барои Искандар роҳи Панҷоб бо тамоми имконияту шароитҳо кушода шуд.

Азбаски роҳи Панҷоб кушодаву аз хавфу хатар эмин буд, Искандар артиши худро ба ду гурӯҳ ҷудо кард. Се бахши аскарони пиёдагард ва нимаи саворагонро ба Гефестиону Пердикка, инчунин ба онҳо низомиёни таксилиро ҳамроҳ карда, амр дод, ки ҳатман яке аз марказҳои сарзамини Панҷоб - шаҳри Певкелаотид /ҳоло Юсуфзой/-ро забту тобеъ намуда, ҷониби Ҳиндруд биёянд ва пулҳо сохта, ба соҳили шарқии дарё гузаранд. Мувофиқи ин нақша Пердикка ва Гефестион тӯли сий рӯз аввал шаҳри Пушкалаватиро, ки

ҳокими Панҷоб - Аст он ҷо буд, харобу валангор сохта ғолиб омаданд. Дар ин ҷангҳо Аст ҳалок шуда, дигар ҳокимони шаҳру рустоҳо рӯ ба ҳазимат доданд. Аст як камбудӣ дошт: ба ашрофзодагон такя мекарду бас. Ӯро лозим буд, ки бештар ба халқи маҳаллӣ, ба ғуломон эътибор медод ё бо Пур якҷо амал мекард, шояд беҳбудие ба даст меовард. Чӣ илоҷ «якраву якраҳаро гург, албатта, мехӯрад!» - мегӯянд мардум.

Бо бахши дуюм Искандар аз ҷониби шимоли Ҳиндустон роҳ мепаймуду ба сарзаминҳои имрӯзаи Кофаристон, Беҷопур ва Сват, ки юнониҳо онҳоро «аспасиҳо» меномиданд, дохил шуд. Мардуми ин шаҳру ноҳияҳо алайҳи Искандар аз кӯҳу кӯҳандизҳо муборизаи хунин бурданд. Махсусан, ҷанг дар Беҷопур хеле гарму шадид ва хунин ба амал омада буд. Ҳатто Искандар дар забти ин шаҳр сахт захмӣ гашт. Фидоиёни ҳиндӣ якдилона меҷангиданд ва дар ҳолати ногувор хонаю дороияшонро оташ зада, ба кӯҳҳо фирорӣ мегаштанд. Вале Искандар артиши хешро боз ба се гурӯҳ ҷудо карда, ба яке худаш, ба дигаре Леонат, ба сеюмӣ Птоломейро вобаста карда, гурезаҳоро таъқиб мекарду аксариятро қатл мефармуд. Ҳамин тавр боз як пирӯзӣ, боз як фатҳи дигар ба вуқӯъ омада буд. Он ҷо беш аз чил ҳазор асир ва зиёда аз дусаду сийҳазор сар моли калони шохдор ғанимат гирифтанд, ки беҳтарин барзаговҳоро бо фармони Искандар ба Мақдуниё фиристоданд. Ҳамин тавр, шаҳрҳои Сват, Массаге, Удеграм, Биркат, Нисо, Эмболим, Аорн, Дирт ба зери тасарруфи Искандар даромаданд. Аниқтараш аксар шаҳрҳои холиро, ки мардум дар кӯҳпораҳо паноҳ бурда буданд, «забт» карданд. Сокинони ин шаҳрҳо ба ҳимояи шоҳи ҷанубии Ҳиндустон - Пур ҳамроҳӣ меварзиданд. Ба ин сарзаминҳо Искандар волии худ Флип писари Махатро ба сифати сатрапи лашкаргоҳи хеш гузошта, худаш ҷониби Ховар ҳаракат намуд. Дар соҳили шарқии дарёи Гидасп /ҳоло Ҷелум/ давлати ҷанубии Ҳиндустон бо сарварии Паурава, ки кӯтоҳ Пор ё Пур, дар порс Фур ном дошт, бо артиши бузург Искандарро интизорӣ мекашид. Вақте ки Искандар қосиди хешро Клеохараро ба ҷониби Пур фиристода, додани андоз ва пешвоз гирифтани ӯро талаб кард, Пур бо як ҷиддият пешниҳоди дуюмро - пешвоз гирифтани румиёнро - дар даст аслиҳаи ҷангӣ писандид.

Искандар фаҳмид, ки Паурава бо ӯ ҷанг кардан мехоҳад ва дар шахсияти Пур шоҳи боирода, шуҷоъ ва асилро дарёфта, ба дӯстонаш гуфтааст:

-- Ин мардак аз Дорою Таксил бузургтар менамояд!

Бо таклифи Пердикка шабохун задан ба нақша омад, вале Искандар мехост ҳилаҳои ҷангиро ба кор барад. Вай гоҳ аз ҷониби чап гоҳ аз сӯи рости сари кӯҳҳо таблу нағора зада, артиши Порро бетоқат карданӣ шуд. Ин ҳила лашкари ҳушёру бонизоми Порро тарсонида натавонист. Ниҳоят, сарбозони Искандар ҷониби чапи дарёи Гидасп гузашта ба ӯрдугоҳи Пор ҳуҷум оварданд. Ба рӯбарӯи румиён писари Паурава бо қувваи начандон калон муқобил баромад.

Ҳиндуҳо дар ин ҷанг фиреб хӯрданд. Зеро Искандар саворагонро аз ду ҷониб гузошта буд ва дар лаҳзаи мувофиқ онҳо дастаи Порро иҳота карданду ҳамаро маҳв сохтанд. Писари Паурава низ кушта шуд. Акнун худи Пор ба чаҳор ҳазор савора, сесад аробаи ҷангӣ, бо сӣй ҳазор пиёдаскар ва дусад фили ҷангӣ пеш баромад. Нақшаи Пор оқилона ба назар мерасид: дар пеш филҳои ҷангии қатор, аз паси онҳо пиёдаскарон, сипас аскарони савора ва дучархаҳои ҷангӣ - ҳама мусаллаҳ!

Искандар аскаронашро ба чаҳор дастаи намунавӣ бо сарварии Птоломей, Гефестион, Кенос ва Селевк қисмат карда, ба артиши Пор дарафтоданд. Инчунин вай дар соҳили ғарбии Гидасп Кратерро дар камин гузошт, ки дар ҳолати ногувор ба мадад бирасад. Филбонҳо ҳайвонҳои ҷангиро ба зудӣ ба ду қисм ҷудо карда, ҷониби румиён равона карданд ва пиёдаскарон аз камону синонҳо румиёнро аз пушти филҳо истода қир мекарданд. Искандар саросема шуд ва ба зудӣ гулӯлаандозонро ба кор омода сохт. Аллакай филҳои ҷангӣ аскарони Искандарро бо пою хартумҳо пахш мекарданду тирандозони ҳинду аз камонҳо истифода бурда, аз болои фил ба румиён тухми аҷал мепошиданд. Вазъияти румиён хеле душвор шуд. Ҳамин вақт дастаи Кратер ба мадад бирасида, ҳолатро тағйир дод. Вақте ки фалохунҳои гулӯлаандоз, махсусан олотҳои оташфишонӣ ва мушакпарониҳои дастаи Кратер ба кор даромаданд, филҳо бетоқат шуданд ва пеш рафта натавонистанд,аз захмҳои зиёд ба хашм омада, арросзанон рӯ ба фирор меоварданд. Ин ҷо бояд як ҳилаи дигари Искандарро ёдрас шуд, ки аскарони

румӣ бо як чолокӣ дар даст ханҷарҳои тез, номаълум раги пои филҳои калону пешравро буриданд ва филҳо тарсида ақиб гаштанд. Дар натиҷа филҳои ҷангӣ девонавор соҳибонашонро низ пахш кардаву гардунаҳои ҷангиро аз кор бароварда, ҷангро ба фоидаи румиҳо ҳал карданд. Пор мардонавор меҷангид ва аз марг наҳаросида рӯ ба рӯи Искандар омад, ки вайро ба зудӣ даст гирифтанд. Вақте ки Паурава аз ин пеш дархости сулҳхоҳонаи Искандарро рад кард, падари пири донишмандаш риши сап-сафеди дарозашро палмосида гуфта буд: «-Писарам, ту кори беҳуда мекунӣ. Ба Искандар ҷирмҳои осмонӣ кӯмак мерасонанд. Комёбӣ бо ӯст!» Вале Паурава ба ин суханҳои падараш истеҳзоомез хандида гуфта буд: «-- Эй бузургвор! Агар Искандар низ мисли ман одами хокиву хунӣ бошад, пас ҷирмҳои осмонӣ беадолат будаанд. Охир, ман ғами хешро не, осудагии одамонро мехоҳам!»

Искандар аз болои аробаи шоҳона озмоишкорона ба Пур нигоҳ карда, табасумкунону калонгирона қарс мезаду мегуфт:

-- Хеле хуб, хеле олиҷанобона аст рафтори ту, Пур!

Пор ба либосҳои ҷангии Искандар дида дӯхта, каме дилаш ба ваҳм омад. Махсусан, тоскулоҳи душохаи ӯ аз дур одами шохдорро ба хотир меовард. Ҷавшану камарбандҳои заррин, надимони бонизом, аслиҳаву олотҳои ҳарбӣ ӯро қоил карда буданд. Шоҳи ҳиндро ба ҳузури шоҳи ҷаҳон оварданд. Дерест, ки Искандар мисли Паурава ҷанговари далерро надида буд ва дар дилаш нисбат ба вай дӯстӣ варзидан пайдо шуд. Дар симои Пур вай Сапитамонро, Сапитамони то дами вопасин ҷангҷӯи содиқро медид. Бо вуҷуди ин писари Файлақус ӯро пурсид:

-- Бо ту чӣ гуна муносибат кунам?

Паурава дарзамон далерона ҷавоб дод:

-- Шоҳона!

-- Мушаххастар посух гӯй!

-- Дар посухи ман маъниҳои тамом ва дақиқ гирд омадаанд. Агар қассоб бошӣ - бикуш ё одами савдо бошӣ - бифурӯш ва агар подшоҳӣ - бубахш. Дигар ин ки мо ҳама фарзандони як худову пайғамбарҳои ӯ ҳастем. Бохабар бош, Искандар! Бадиро худо нахоҳад бахшид!

-- Фаҳмо! - Искандар табассумкунон амр дод, ки ӯро раҳо

созанд. Шоҳи мақдунӣ натанҳо Пауараваро озод кард, балки ӯро мисли пешина ҳокими сарзаминҳои ҷануби Ҳиндустон ва ҳатто Панҷобро ба ӯ бахшид.

Искандар дар Панҷоб ба шарафи ғалаба тангаи махсус сикка зад. Дар ин сарзамин ду шаҳр бино кард, ки яке дар соҳили дарёи Гидасп бо номи Никею, яъне «Музаффар», дигараш Букефалия - ба шарафи аспи вафодораш, ки аз пириву захмҳои ҷангӣ дар ин ҷо ҷон дода буд.

Ҳамин тавр, шоҳи мақдунӣ муқобили шӯришгарони ассакенҳо, ба ҳуҷуми боз як Пор ном шӯришгар баромада, паи ҳам шаҳру рустоҳои нав ба навро забт мекард. Махсусан, ҷангҳо бо қавмҳои катайҳо, ки дар шаҳри Сангал гирд омада буданд, хеле шадиду хунин буданд, хотима дод. Лашкари бузурги румиён ба шаҳри боиқтидоре бо номи Гифасис /ҳоло Биас/ омада, қарор ёфтанд. Дар ана ҳамин мавзеъ Рухшонаи филсавор якҷо бо канизу чокаронаш даррасид. Роҷеъ ба гуфти ӯ таассуротҳои ғанӣ шаҳбонуро сардард карданд. Искандар боэҳтиромона канизакону тӯҳфаҳои нестандарҷаҳонро ба ӯ бахшид. Шоҳи мақдунӣ аз омадани завҷааш шод буд.

Роҷеъ ба хабари дастаи иктишофии пешдастон дар водии Ганга давлати бузургу боҳашамати нандҳо, ҳиндуҳои ғарбӣ ва шаҳри Дакан вуҷуд дорад, ки Чандрагупта Мадри-подшоҳ ҳукмронӣ дорад. Вале ба ин нақшаҳои ба қавли худаш басо манфиатовар дигар касе эътибор ҳам намедоду ин ҳуҷуми навбатиро намепазируфт. Ҳатто дӯстону сарҳангони боэътимоди ӯ низ гӯё «забон як карда» бошанд, аз вай дурӣ меҷустанд. Ҷанги ҳаштсола ба дили ҳама зада буд. Хабари дигаре, ки ҳиндуёни ҷанубу шарқ бо ҳам иттифоқ баста, ба муқобили Искандар ҳамҷиҳатии пухта дидаанд, румиёнро аз талафоту хунрезиҳои навбатӣ гӯё пой бар занҷир кард. Дар ҳақиқат, ба муқобили Искандар беш аз ҳазор фили ҷангӣ, даҳҳо ҳазор гардуна - аробаҳои ҷангӣ - ҳарбӣ ҳазор аскари пиёдаву савора омода шуда буданд. Ба болои ин иқлими ноустувори вазнин барои румиён, ки гоҳ гармои тоқатфарсо, гоҳ борону жолаҳои бардавом, ҷангалу туғайзорҳои пурҳашарот, душворгузар, пур аз ҳайвонҳои даранда аз қабили палангу шер, морҳои заҳрдор ба дилашон ваҳм меандохт. Искандар тамоми чораҳоро меандешид, боигариҳои он кишварҳоро ба онҳо мебахшиду ба уқёнуси бузург - ба

охири замин расидан ва аз он ҷо ба киштиҳо ба Рум баргаштанро тарғиб мекард, вале касе ба ӯ эътибор намедод. Бегоҳирӯзӣ Искандар бетоқатона вафодортарину ҷонсупортарин сарлашкараш Кенро талаб кард, то ӯ ба дардаш марҳаме пайдо созад. Кен бе ягон дудилагӣ ба шоҳи ҷаҳон посух ё маслиҳати кӯтоҳу бомазмун дод:

-- Ба Ватан!

Искандар аз ҳайрат лол бимонд. Кен бошад, иҷозат ҳам напурсида, ӯро тарк кард.

Рӯзи дигар Искандар мисли мурғи бисмилшуда, аррос мезад, ки вай бо ҳамроҳии фидоиён ба ҷанг мераванд. Аммо нафаре ҳам фидойи пайдо нашуд, ки бо Искандар биравад. Дӯстонаш аз ӯ хешро дур гирифта, ба назар наменамуданд. Аз ин пас шоҳи ҷаҳон ба хонааш гӯё маҳбасӣ шуд- се рӯз аз утоқаш набаромада ва касеро ҳам қабул накарда менишаст. Ниҳоят, вай фаҳмид, ки ҳастии ӯ бе аскару сарҳангон боду ҳавое беш нест. Сахт дилгиру ранҷур шуд, вале илоҷи дигаре надошт. Дари тамоми имкониятҳо ва кӯшкҳои тиллогини орзуҳоро барояш пӯшида дид. Вай рӯзи дигар фармон бароварда, ки ҷанг ба охир расид ва сафарбарӣ ба бозгашт таъмин карда шавад. Ин ҳукм дар соҳили дарёи Гифасис имзо ёфт. Сол 326 то милод, ки Искандари Мақдунӣ он вақт сийсола буд, шоҳи ҷаҳон боз дар хонааш танҳо монд. Хотирашро андешаҳои тира фаро мегирифт. Воқиае дар сарзамини Таксил, бо файласуфи маҳаллӣ Дандамид ба вуқӯъ омада буд, ёдаш омад. Файласуфи ҳиндӣ, ки қариб урён бо Онесикрит - файласуфи Искандар сӯҳбат орост ва таклиф кард, ки ӯ бо яке аз донишмандони Ҳинд мусоҳиб бишавад. Донишманди ҳиндиеро, ки ӯ муаррифӣ карда буд, Калан ном дошт ва ӯ аз Онесикрит талаб кард, ки либосҳояшро кашида рӯи санг бишинад. Ӯро муоина мекард. Дар ин ҳангом Искандар омад ва Калан пӯстаки хушкеро паҳн карда, ба гӯшаи пӯстак пояшро гузошт. Пӯстак бозӣ мекард, гӯё бетоқат мешуд. Калан пои дигарашро низ ба гӯшаи дигараш гузошт, вале дигар гӯшаҳои пӯстак мисли боли паранда ҳаракате дошт. Донишманди ҳиндӣ ҳар ду пояшро ба мобайни пӯст гузошт, пӯсти хушк ҳамвору ором пахш шуд. Он вақт Калан ба Искандар рӯ оварда гуфт:

– Шоҳи ҷаҳонро зарур аст, ки дар марказ бошад, на дар гӯшаву канор. Дар марказ ҳокимияти ӯ қарору оромиш меёбад.

Баъд аз ин Калан оташи бузурге фармуд ва ба як қавле савора бе ягон азоб ба дохили оташ рафт. Пеш аз ба оташи бузург дохил шуданаш ба яке аз наздикон гуфтааст:

-- Як бахши аскарони Искандарро марг аввал дар баҳр, сипас дар бар, худи ӯро дар Барбар /ба қавли ӯ Бобул/ интизор аст.

Бино ба гуфти шоҳидон Калан мисли ғубор ё дар иҳотаи туман аз оташ озодона баромада рафтааст. Аммо Искандар ба ин воқиа беписандона нигоҳ карда гуфтааст:

-- Ман писари худо ҳастам ва зоти одам тақдири маро ҳеҷ гоҳ муайян нахоҳад кард!

Рӯзи дигар Искандар ба шарафи худоҳо қурбониву дуохониҳо фармуд ва ҳокимияти Ҳиндустонро ба Пору Абисар, Сопифу Фегей қисмат намуда, савори киштӣ бозгашт. Ба ҳар ҳол Искандар аз корҳои минбаъдааш қонеъ ва рӯҳаш ором буд. Вақте ки Гефестион бо хушкӣ бояд мерафт, бо ӯ хайрухуш мегуфтанд, Искандар ӯро оғӯш кашида, бигуфт:

-- Азизам, ҳоло ҷангҳои ҳақиқӣ дар пешанд!

Гефестион дам назад. Неархи юнонӣ - дарёсолори Искандар фармуд, ки бодбонҳои киштиҳоро бардоранд. Пас аз лаҳзае гӯё ки Ҳиндрӯд киштии Искандарро фурӯ бурда бошад, аз назар ғоиб шуд.

Тобистони гарм тару хушкро баробар ба дами сӯзонаш кашида, боз мисли аждаҳо нафаси оташбор мебароварад. Ин ҳолат ба афсона монанд буд, вале чун Искандар бирафт, осори сӯхторҳо, вайрониҳо ноободиҳо ба чашм мерасид. Аз кушторҳои беҳаду мардуми гуреза шаҳру рустоҳо бекасу бесоҳиб монда буд. Ҳатто ҳайвону парандаҳо низ ғайб зада буданд. Аз беобӣ ё вайрон шудани ҷӯйбору кубурҳо, боғу чаманҳо ба хористону шӯразорҳо мубаддал гаштаанд. Хушксолӣ, гуруснагӣ ва марг гӯё қаҳ-қаҳаи мастӣ доштанд.

Ин буд «кишваркушойӣ ва саёҳати» Искандари Мақдунӣ дар Ҳиндустон!

Аҷибаш ин буд, ки Рухшона шахсан аз ҳокими Панҷоб - Паурава бозии чатурангро омӯхта, дар рӯзи ҳафтум устодаш - Пурро мот кардааст. Пур рӯирост гуфтааст:

-- Шавҳараш сарзамини маро, ҳамсараш дилу динамро тасхир кард. Намедонам боз онҳо чӣ мехоҳанд?! Бар ҳар ҳол онҳо қалби оташӣ доранд! Бале.

БОБИ ҲАШТУМ

ФИҒОНИ НАЙИ СУҒДӢ

Ноларо ҳарчанд мехоҳам, ки пинҳон даркашам,
Сина мегӯяд, ки ман танг омадам, фарёд кун.
(Мирзо Бедил)

Баҳор омада буд. Борони «гургак» меборид - борони гарм. Фаридун бо як пою асобағалҳо мехост оламро давр занад, ба мисли худаш бечорагон чора созад, ба бенавоён навои зиндагӣ бахшад, сари ятимонро сила бикунаду ба гуруснагон ғизо бидиҳад ва ниҳоят ба висоли ишқи аввалу охиринаш бирасад.

«Афсӯс ки ман қудрати Ҳурмузро надорам, вагарна оламро саросар ба некӣ оғушта мекардаме!» - мегуфт ба худ ҷавонмард ва гоҳ най менавохту гоҳ суруд мехонд. Дилаш дар қафаси синааш тангӣ мекард, мисли парандае мехост болзанон парвоз бикунаду ба мардуми олам некӣ бахшад.

Вале чӣ тавр? Бо ин пойҳои захмӣ, дар ин замонаҳои сахтӣ ба куҷо меравам ва чӣ тавру чӣ гуна амал мекунам?! - мегуфт Фаридун оҳи бадарде кашида.

Дабири саразмигӣ чанд лаҳза хомӯшу малул, сархамкунон ба сукут рафт Сипас андешаҳои амиқ ӯро ба коми худ кашид: «Муғчаҳо парвои борону яхча накарда, далерона сар аз ҷайби хеш берун мебароранд, майсаҳо неш мекашанд, яхҳо об мешаванд, ба умеде, ки бор ованд, дарё бишаванд, талотум зананду ҷаҳонгардӣ бикунанд. Чаро ту дар ин қафаси танг узлат ихтиёр мекунӣ, Фаридуно?! Бархез, тӯшаи роҳу сафар бисоз, най навозу ба умеди ишқи пок ҷадал бикун! Агар зиндагӣ як лаҳза бошад ҳам, зиндагии созу равшан бошад! Сустӣ макун, оҷиз наё, дарҳои пӯшидаро бикӯб, то бошад, ки бароят чанд даре бикушоянд. Таъхири беҳуда кори тарсуён аст. Мисли Сапитамони родмард мубориз бош! Агар ба мақсад расидӣ чӣ хуш аст, вагар не, аз тақдир бидон! Ҷӯш бизан, бо фарёди найи суғдӣ ҷавлон бикун, азизам!»

Фаридунро ҳини сафар ба хотираш суханҳои Рухшона ҳоло дар «Шахи Суғдиён», ки пеш аз фатҳи қалъа гуфта буд, мисли барқ дурахшида даргузашт: «... биё, бо роҳи махфӣ, шабона, ба касе чизе нагуфта биравем. Ба як дашти пур аз гулу суман, боғу чаман биравем ва аз замину замон озоду аз ғамҳо орӣ бошем. Бигузор, саҳрои беобу гиёҳе бошад. Ман розиям ба ҳама душвориҳо, нодориҳо, мушкилиҳо, Фаридуно!...»

– Бале, - овоз баровард дабир, - гуфта буд ҷононаи ман, вале Искандар моро аз ҳар куҷо меёфт ва қатл мекард. Ман инро медонистам ва барои ҳамин таклифашро рад карда будам. Дигар ин ки мардум моро бо гуноҳи «хоини марз» лаънат мехонданд.

Аз ин андешаҳо гӯё гавҳараки чашмони Фаридун оташак парида, бетоқатона борхалта гирифт ва ба «куҷою чаро?»-и аҳли байташ эътиборе надода, асозанон бадар рафт. Дилаш лабрези ишқу муҳаббат, қалбаш пури орзую умедҳо, мисли гаҳворачунбон роҳ тай мекард, ҷавонмарди суғдӣ. Гашти пешин, ки аз Панҷакат баромада буд, бегоҳирӯзӣ ба Саразми вайрону валангор расид. Аз дидани ин шаҳраки вайрона дилаш чунон тангу ғамгин гашт, ки гӯё нафас дар гулӯяш мепечид. Беихтиёр ашк аз дидагонаш ҷорӣ гашт, ҳунгос зад ба гиряву навҳахонӣ пардохт. Ҳай гирист, ҷавонмард, гӯё занги дилаш шуста, гиреҳи қалбаш кушода гардид. Аз он даме, ки ба сараш фалокату мушкилиҳо афтода буд, боре ҳам ашк нарехта буд ва кунун андар дилаш вулқоне ҷӯш мезад, гӯё фавворасон аз дидааш ашки ҳасрату алам ҷорӣ гашт. Ба ин ҳам қонеъ нашуда, ҷавонмард наяшро аз ҷомабағалаш гирифту ба навое оғоз кард.

Нағмаи ҷонсӯзи най чунин ба назар мерасид, ки аз номи кулли мардуми суғдзамин ба шаҳри вайронаву одамони ҳалокшудаи Саразм навҳа мехонд, дуою фотиҳа мегуфт. Наво зулму ҷаҳолатро таҳқир карда, аз Аҳуромаздо рӯзҳои нек, серию пурӣ, осудагию оромиро, тараннуми меҳнати ҳалол, покӣ, адолат ва хушбахтиро таманно мекард. Най тамоми орзуву омоли як нафар ҷавонмарди суғдиро не, балки дарду ғами бани башарро, ки дар қалб нияти некро мепарварид, сифат мекард, қисса мехонд. Садои найро гӯё ин марзи вайрона, хоктӯдаву дарахтҳои шикаста, роҳу пайроҳаҳои кӯршуда, кӯшкҳои харобгашта, ҷангали сӯхтаистода, чаҳор

девори як вақтҳо ҳотамкории кӯшки афшин бо тамоми вуҷудаш, ашкрезон дарди дилашро ифшо менамуд. Ногоҳ най мақоми дигар бароварда. Ин нағма маънии ҷудоӣ, фироқ, сӯзу гудози ҷавони ошиқ буд, ки аз навои пешина ғамгинтару сангинтар буд, дилро ба раҳм меовард, синаи захмиро боз захмитар месохт. Наво забони гӯё дошт, шарҳи мушаххас, тарҳи назаррас дошт. Онро чунин баён кардан ба мақсад мувофиқ буд: «Аё, Ашис Вагугӣ! Ту олиҳаи ишқу вафо, рамзи покиву сахо. Ман бадаҳдиву бевафоӣ накардаам, дурӯғ нагуфтаам, фиреб надодаам. Ту ки аз дили қудси ман бохабар ҳастӣ, кунун маро ба висоли мисли ман одами некдилу некрой - Рухшонаи покмазҳаб васл бикун. Маро ба дидори гарму дилорои ӯ бирасон. Ман медонам, ки Рухшона маро дӯст медорад. Бале, ҳарчанд ки ӯро ба Искандари одамкуш бахшидаанд ё фурӯхтаанд, вале ишқи ҳақиқӣ, сидқу вафо китоби дигар аст, роҳу нияти тамоман бегона аст, ту инро медонӣ ва доною тавонойӣ. Маро ба ҳукми Рухшона биспор, агар вай маро ба ҳушӣ пазирояд чӣ хуш, вагарна садди роҳи ӯ нахоҳам шуд. Ё олиҳаи пок! Ёрии туро интизорам. Ё маро бо ӯ васл деҳ, ё ҷон аз колбуд бигир. Ман бо ҳамин аҳвол омодаам то нафаси вопасин вафодори духти Уксорт бошам ва дар ин роҳ ҷон бисупорам!»

Навои най бо самимият танинандоз мегашт, вале куҷост шунаванда, ки онро бишнаваду эҳсос бикунад.

Ҳамин вақт аз дур як дастаи хурди саворагон ба назар расид, ки асптозон ҷониби Саразм меомаданд. Фаридун аз найнавозӣ бозмонда, интизори омадагон шуд. Вай аз дур Нӯзарро шинохт ва фаҳмид, ки ба талаби ӯ меоянд.

Сару рӯйи саворагон арақшору гардолуд буда, номуратгаб нафас мегирифтанд. Нӯзар аз асп фуруд омада, Фаридунро ба оғӯш гирифт ва ба забон омад:

-- Ҷони амак! Чаро савдои мушкил пеша кардӣ ва ин мусибате, ки ба сарат афтидаасту кори тақдир аст, бетоқат мешавӣ? Чаро модари зору хоҳари мушфиқатро, хешу ақрабо ва марзи азизатро тарк мекунӣ? Ту дилтанг мабош, мо аз нав Саразмро бино хоҳем кард, боз рӯзҳои саодатманиш хоҳанд расид. Бозгард. Ба кору бори ман кӯмак бирасон. Охир, ту вазир ҳастӣ, на чокар, сиёсатмадору солор ҳастӣ на навкар! Маро ба ҷуз ту дигар кӣ ҳам ҳаст? Хаёлу андешаҳои ботилро аз сар бадар кун!

Фаридун ба ҳокими Саразм бо диққат дида дӯхта, гӯё ӯро бори аввал медид. Нами дидагонашрову эҳсоси қалбашро низ дарк мекард, вале берун аз иродааш коре карда наметаонист.

-- Бале, амак! Ту суханҳои некӯ ва бамаънӣ гуфтӣ, вале азму кӯшиши ман дунёи дигар, паҳлӯҳойи дигар дорад. Пас аз он, ки Сапитамони родмард, Датафарн, Сосимеҳр, Аримаз, Катон ва ҳатто писари ӯ Гаустони ҷавон ва дӯсти юнонии ман Парменионро - фидоиёни асилро куштанд, ман эҳсос кардам, ки дигар мисли ман шахс набояд вуҷуд дошта бошад. Аммо зинда будани духти Уксорт маро аз нав водори зиндагӣ сохт. Зеро Рухшона бароям рамзи некиву қудрат, ҳаёту мамот ва ҳама чиз аст. Ман бояд ба висоли ӯ бирасам, агарчи ҷонам дар хатар ҳам бошад!...

-- Ту чиҳо мегӯйи, Фаридуно?! Охир, Рухшонак завҷаи Искандар шудааст, медонӣ, шаҳбонуи кулли ҷаҳон! Ӯро бо хоҳиши худаш ақди никоҳ бастаанд ва Искандар барои Суғдиёнаву Бохтариён домод мешавад! Домод!!

Фаридун истеҳзоомез бихандид. Маълум буд, ки ба суханҳои Нӯзар розӣ нест ва аз ин рӯ афзуд:

-- Издивоҷ кардани Искандар бо Рухшона аз нотавонии румиён буд. Зеро онҳо бо мардуми суғду бохтар бо зӯриву зар натавонистанд ба созише биёянд. Ӯ маккорона ба Уксорти ҷоҳталаб қариб, ки тамоми Ориёноро бубахшид, зару зевар, имконияту шароити биҳиштосоро муҳайё сохт. Рухшона маҳз ба хотири ба ҷангу хунрезиҳо хотима додан завҷаи Искандар шуд. Ишқу меҳри сӯзони ӯ дунёи дигар аст ва ин дунё ба ман тааллуқ дорад. Ман нигини духтарии Рухшонаро гирифтаам. Вай ҳамсари ман аст. Бовар бикун, амак! Ба Искандар Рухшона не, оромии Суғдиёнаву Баҳдӣ зарур аст!

-- Чи роҳи хатарнокест роҳи ту, чӣ азми даҳшатнок аст ройи ту, азизам! Биё, аз ин бало даргузар. Бало ба паси ҳамааш. Ман туро ҳаёти заррин бубахшам, хушбахту толеъбаланд гардонам, Фаридун! Биё, бозгард!...

-- На! То беруни бало гаштан, беҳтар аст, ки андаруни бало бошӣ. Хушбахтии ман онҷост! - паси кӯҳҳоро бо наяш ишора кард вазири ҷавон.

-- Туро ройи аҳриманӣ ба дил афтодааст, ҳушёр бош ва ба худ ой. Фаридун! Пешаи ту найнавозӣ нест, роҳи ту

гадойи набуд, балки ҳукмдориву афшинӣ аст, писари амак!

-- Ин най бояд моро ба мақсуд бирасонад. Меҳру муҳаббат барои шоҳу гадо баробар аст. Ҳукми ман қатъист, иродаам устувор аст, Нӯзаршоҳ! Садди роҳи ман машав, бирав ва гумон мадор, ки ман камақл шуда бошам!

Ҳокими Саразм дид, ки ӯро аз роҳ бозгардонидан тамоман мумкин нест, Фаридунро ба оғӯш гирифту оби дида рехт ва барои ҷигарбандаш аспу колои сафарӣ, зару хӯрокворӣ гузошта, пас аз фосилае падруд гуфту бирафт.

Чун амакашу анбозони вай аз назар пинҳон шуданд, вай савораи асп баҳри амалӣ гаштани мақсаду маромаш, роҳи Балхро пеш гирифт. Рӯҳаш сабук, таъбаш шоду дилаш дар орзӯи рӯзҳои нек тапидан дошт. Навои най сеҳрангез танинандоз мешуд. Акнун наво ҷонсӯзу дилгир набуд, балки ба талошу мубориза даъват мекард, аз ширинҳои зиндагӣ нақлҳои дилкаш ва ҳарфҳои рӯҳангез мегуфт.

Насими баҳорӣ навои найро мавҷосо ба дуродур мебурду табиатро маънии хосае мебахшид. Аз ҷониби кӯҳ камони ҳафтранг нишона медод ва пироҳани мӯъҷизавори табиат басо дилкаш ба дида мерасид.

-- Ин фоли нек аст! Бирафтам ман ба сӯи мақсуди деринаи дил!...

АНДЕШАИ РУХШОНА

Бишканад дасте, ки хам дар гардани ёре нашуд,
Кӯр беҳ чашме, ки лаззатгири дидоре нашуд.
/Зебуннисо/

Дар дарбори Искандар танҳо ба Полисперхонт дастур дода шуда буд, ки ба ҳарамсарои маликаи ҷаҳон даробаро кунад ва амру фармонҳои шаҳбонуро ба тобеон расонад. Ин шахс ҷавонмарди зоҳиран чил ё чилудусола, босавод, зебоандом ва нармсухан Полисперхонти юнонӣ буд, ки дар Мақдуниё зиндагӣ мекард. Ӯ гуё табиатан камҳарф, сархам, ба қавли суғдиён «одами баодобро аз рӯяш дарёб» ба назар мерасид. Дар байни канизону дӯшизагон хешро озод мисли духтарон ҳис мекард ва сухан мегуфт. Вай боре ҳам касеро

наранҷонидааст ё овози баландашро фарде нашнида. Суханҳояш чунон духтарона, ҳаракатҳояш низ чунин нозук буд, ки агар ба вай либоси занона мепӯшониданд, касе ӯро аз канизе фарқ намекард. Бештар китоб мехонд, забонҳои шарқро меомӯхт ва ба илми суғдиён майл пайдо карда буд. Чашмони кабуди шармиаш, бинии хурди мӯъҷаз, мӯйҳои тиллогуни марғулааш дарозу базеб буданд. Ӯро ҳама дӯст медошт, вале ӯ аз ҳама гурезон ва оромии хешро аз каноргирии атрофиён, алалхусус бонувони беҳаё медонист. Боре ӯро Рухшона ба хонааш даъват кард ва озмоишкорона бо вай ба сӯҳбат пардохт:

-- Ту медонӣ, барои чӣ туро даъват кардам.

-- Бифармоед, шаҳбону.

-- Маслиҳати туро гирифтан мехоҳам.

-- Гӯшам ба шумо.

-- Ту аз ман маҳарос ҳақиқатро ҳамчун инсони комилҳуқуқ бигӯй. Маро ба сифати шаҳбону не, ҳамту як нафар духтари суғднажод тасаввур бикун ва ба пурсишҳоям посухҳои мушаххас гардон.

-- Бо тамоми тану ҷон ҳушам ба шумо аст, шаҳбону.

-- Азизам Полисперхонт! Ман туро ба сифати як нафар юнонии беғараз, доно, дӯст ва одами нек тасаввур мекунам. Медонӣ, ман бояд дарди диламро ба касе бигӯям, вагарна ин бухсу норизоӣ маро хоҳад хӯрд. Чаро дар дили ман алайҳи Искандар муҳаббате вуҷуд надорад? Шавҳарам маро хеле ва хеле эҳтиром мекунад, дӯст медорад, барои ман шуда ҳамсараш Равшанаку Барсинаро, ҳатто Паришоди зеборухро ҳам ба Бобул ё Мақдуниё, аз ман дуртар фиристод. Оини оташпарастиро мӯҳтарам медонад, вақтҳои охир китобҳои оташпарастонро ба дида мемолад, оини моро рӯякӣ ё расман мақбул мешуморад. Вале ман барои ӯ чизе накардааму намехоҳам. Чаро?

Полисперхонт аз шунидани ин ҳарфҳо аввал сахт битарсид, ангуштонаш номаълум меларзид ва ниҳоят посух гуфт:

-- Маликаи бузург! Муҳаббат, албатта, озод ва холис бояд бошад. Дӯст доштан кори шахсии ҳар як фард аст... Ман ба ин муаммо посухи муофиқе гуфта... наметавонам.

-- Чаро? Охир, туро ҳама доною босавод ва бомаърифат муррифӣ мекунанд. Дигар ин ки ман ба Искандар шарҳи ин сӯҳбатро ҳисобот доданӣ нестам ва нахоҳам гуфт.

-- Намедонам...

-- Хайр, саволи дигар: чаро ту то ин вақт хонадор нашудайи ва аз ҷинси латиф - духтарон мегурезӣ? Дар воқеъ, чандсолайӣ?

-- Сиюнӯҳсола... - ҷавонмарди юнонӣ он чизе ки гуфта тавонист ҳамин буд. Дар чашмонаш ашк ҳалқа зад. Дилаш пур шуда гиристан, навҳа хондан мехост.

Рухшона ҳайрону мутаассир дастони Полисперхонтро боздошту пурсид:

-- Агар мо дӯсти ҳақиқӣ бошем, биё, бо ҳамдигар кушоду равшан муносибат бикунем ва ман ба оташ саганд ёд мекунам, ки асрори туро ба касе намегӯям ва ту низ ҳарфу ҳаракатҳои маро нашнидаию надидайӣ. Ту розӣ? - Ҷавонмарди юнонӣ оби дидаашро пок карда, бо як самимияту меҳрубонӣ ба сухан омад:

-- Қавл медиҳам...

-- Ман ҳам. Ана! - шаҳбону дар назди оташ савганд ёд кард ва пас аз ин боз рӯ ба рӯи мусоҳибаш дар курсии мунаққаш нишаста, бигуфт:

-- Акнун мо бародар шудем. Ту дарди дилатро пурра мегӯйи, баъд ман ҳам диламро аз ғам холӣ хоҳам кард.

Полисперхонт як ба Рухшона шубҳаомезу нобоварона нигоҳ карду сипас тирагии дилашро гӯё барҳам зада, ба нақл оғоз намуд:

-- Вақте ки Искандар салтанати Дороро ба яғмо бурд, фаҳмид, ки дар ҳарамсарои ӯ беш аз чаҳорсад канизаки дӯстрӯ ва қашанг хидмат мекунанд, норасонии кадхудоеро эҳсос кард. Ҳарчанд ки надимони мӯътамади форс аз тоифаи мардҳо вуҷуд дошта бошанд ҳам, Искандар мехост одами худашро ба онҳо роҳбар таъин бикунад. Пас аз ба Равшанак хонадор шудан, шабе беш аз даҳ нафар силоҳбадасти форсӣ маро ҳамроҳашон ба кӯшке бурданд ва ба эътирозу нолаҳои ман парвое накарда, бо сарварии марди форсии ношинос...

-- Чӣ карданд?! - сахт пурсид шаҳбону

-- Раги мардии маро бо оҳани гудохта доғ карданд. Вақте ба ҳуш омадам, хешро бо либосҳои зебои хоса ба хидматгорони ҳарамсаро миёни духтарони париваш дидам. Аниқтараш мисли як зане вуҷуд дорам. Дар Мақдуниё ҳамсари нозанинам Евридика интизори ман аст ва ӯро дӯст медораму ҳар гоҳ ба хобам медарояд, вале ҳаёти ман акнун

барбод рафтааст. Чӣ чора созам ва бармеояд, ки ин дар дафтари аъмоли ман навишта шуда будааст.

Пас аз хомӯшии тӯлонӣ Полисперхонт боз ба забони гӯё афзуд:

-- Не-не... худоҳо ба ман ҷазои муофиқ додаанд. Ба ин ҷазо ман сазовор ҳастам. Вақте ки Евридикаи беғаразу меҳрубон аз ман хоҳиши ба ҷанг нарафтанро кард, ӯро бовар мекунонидам, ки аз ҷанг дорою сарватманд бармегардам ва то охири умр хушбахтона зиндагӣ мекунем. Евридика пеши пойҳоям афтода, маро зорӣ мекарду оби дидааш равон, гуфта буд:

-- Азизам, хушбахтие, ки ту орзуяш мекунӣ, сарватмандӣ нест. Хушбахтии мо дар ҳамин нодорамист. Нарав, бахту иқболи ту, агар донӣ, ин манам, Полис!...

Ман ӯро пешипо зада баромада рафтам. Мағруру ҳавобаланд будам, аз зебоии хеш ва аз донишу маърифате, ки падарам ба ман дода буд, фахр мекардам. Акнун тайёр ҳастам, ки дар пеши пои ӯ саҷда бикунам. Вай ҳақ будааст, вале ман беписандона фариштаамро ранҷонида беадолатӣ зоҳир кардаам. Хушбахтона, Евридика обистан шуда буд. Эҳтимол, кӯдаке ёфта бошад. Бо умеди рӯзҳои нек зиндагӣ дорам, вагарна аз ин воқиае, ки қабл аз ин гуфтам, ба худкушӣ розӣ мешудам. Ана ҳамин тавр рӯзгор дорам ман, шаҳбону. -- Полисперхонт оби дидааш шашқатор гиря мекард ва бо забони гирифтаву ҳиққосзанон бигуфт:

-- Маро маъзур доред, шаҳбону... Дили шумои азизро низ ранҷур сохтам.

-- Эҳ, дӯстам! Дили ман шоҳиди воқиаҳое ҳаст, ки аз ин ҳам мудҳиштару пурдардтарин ҳодисаҳоро дидаву эҳсос кардааст. Ту бадбахт найи, балки зану фарзанд дорӣ, умеду орзу дорӣ, вале маро шаҳбонуи чаҳор самти ҷаҳонро кӣ мегӯяд, ки бечораю болшикаста ва ноумед гуфта. Вале дар асл чунинам.

Рухшона қиссаи ҷангҳои хунин, кушта шудани ҳазорҳо фидоиро нақл кард. Ӯ вохӯриашро бо Фаридун ва ҷанги шадиди «Шахи Суғдиён»-ро шарҳ дода гуфт:

– Сарлашкари содиқ ва бовафою суғдии асил Аримазро дар танаи шахи суфта ба чор дасту пояш мехи оҳанӣ зада куштанд. Дилдодаи ман Фаридун низ дар ин ҷанг қаҳрамонона қатл шудааст. Ҳазорҳо ошиқу дилдода маҳв

шуданд ва ҳамин қадар духтарону бонувон то охири умр дар интизори азизонашон, ки рӯзи мабодо меоянд, навҳаи сӯгворӣ мехонанд.

Рухшона Фаридуни азизашро бори авал мурда эълон кард ва ба қавли худаш дуруст ҳам гуфт.

Полисперхонт, ки то ин дам сархамкунон ба нақли шаҳбону гӯё сеҳр шуда гӯш мекард ба забони гуфтор омад.

-- Суоле, ки дар оғози сӯҳбат аз ман пурсидед, посухаш низ аён гашт: касе, ки дилдодаи шуморо нобуд сохтааст, пас ба вай чӣ тавр дил бастан мумкин аст?

-- Бале, азизам.

Полисперхонт ба вақд омада дар бораи воқеаҳои муҳити Мақдуниё сухан оғоз кард ва саргарми сӯҳбат шуда, сирру асрори оилавии Искандари Мақдуниро низ ифшо намуд, ки барои Рухшона хеле муҳим буд.

-- Ба назари ман бадиву зиштӣ меросӣ аст. Агар гузаштагон, бобою бибиҳо ё падару модарон нопоку бадкирдор бошанд, фарзандон низ аз он иллатҳо бархӯрдор хоҳанд шуд. Падари Искандар Файлақус шахси беҳад айёру ҷоҳил буд. Вай ҳатто фивагиҳоеро, ки дар Мақдуниё вафот меёфтанд, аз сабаби он ки аксар ошӯбгар буданд, барои ба хок супоридан ба қабристон роҳ намедод. Он вақт иҷозаташон медод, ки онҳо зару нуқра ё мол медоданд. Олимпиада ҳам ҳамин тавр бадкина ва фосиқа аст. Маҳз ин зан муҳофизатгари шахсии шавҳараш Павсанияро ба он водор кард, ки Файлақусро бикушад. Ин қотилзан дере нагузашта Павсанияро ҳам қатл фармуду занҳои дигари Файлақусро бо фарзанду хешу ақрабояш гум кард. Шумо гумон мекунед, ки Искандар аз ин воқеаҳо бехабар буд? Ҳаргиз! Боз.... -- Полисперхонт якбора рангу рӯяш канда, дарк намуд, ки «аз даҳон гул карда истодааст» мӯҳри хамӯшӣ ба лаб зад.

-- Ба ту чӣ шуд? Чаро ин тавр хомӯш шудӣ?

-- Шаҳбонуи азиз, маро бубахшед, ин тавр носазо гуфтани ман хуб набуд. Охир, як ҷумлаи ин ҳарфҳои ман басандааст, ки сад сари устуворро ҳам аз тан ҷудо кунад. Маъзарат мехоҳам.

Рухшона табассумкунон аз ҷой бархоста, сухан гуфт:

-- Азизам, дилпур бош! Агар суғдиён ба оташ савганд ёд кунанд ё ба ширӣ сапеди модар кафолат диҳанд, ин савганду ваколатро танҳо марг аз байн хоҳад бурд, на кас.

Полисперхонт қаноатбахш таъзим ба ҷо оварда, бадар рафт.

Тамоми рӯз Рухшона хушҳолу дилшод ба назар мерасид. Вай акнун мисли пештара духтари нозпарвари коҳини оддӣ не, муборизи марзу миллат, такягоҳи халқи заҳматкаш, роҳбалади фидоиёну накӯкорон буд. Қариб ҳар рӯз то пешин ба корҳои давлатӣ дахл мекард, ҳарчанд ки Искандар занҳоро ба дахолати давлатдорӣ манъ карда буд. Шаҳбону ба деҳқонону кишт-гарони камбизоат ғалладона, юғу омоч, барзагов, сарулибос ва ғизоҳои рӯзмарраро тақсим мекард. Дар шаҳри Балх корҳои ободонӣ, сохтмони корвонсаро, биноҳои истиқоматӣ, бозор ва кӯчаҳоро ба як тартиб дароварда, дар қарибии кӯшки хеш як бинои нави китобхона созонид. Ба ин китобхона толибилмону мӯбадон, олимону шогирдонро ҷалб намуд. Аз байни юнониву румиён низ толибилмон дар ин китобхона аз фарҳангу қомуси ориёӣ баҳра мебардоштанд. Румиён аз улуму ҳунар ва фарҳанги ориё он қадар донишу хирад омӯхтанд, ки нимаи онро кишвари Юнони бузург надошт.

Рухшона беш аз пеш сиёсатмадор мешуду ба волиёни румӣ, ки Искандар гуморида буд, гӯш накарда, ҳукму талабҳои наверо ҷорӣ мекард. Маҳз бо кӯшиш ва ташаббуси шахсии вай гурӯҳи калони зиндониён, алалхусус ғуломон озод гаштанд ва пардохтани андози солонаро аз барзгарони камбизоат ё хонавайроншудагон, бесаробону бечорагон бардошт. Ба он оилаҳое, ки дар ҷангҳо фарзанд ё шавҳарашон шаҳид шудаанд, ёрии иловагӣ таъсис фармуд. Ба танзими шаҳрдорӣ назорат мекард.

Шаҳбону аз ин иқдоми некаш боре ба падар ки дар Кобул буд ва сонитар ба Искандар низ мактуб навишт. Ҳарчанд ки шоҳи ҷаҳон розигии хешро дода бошад ҳам, якҷо бо маслиҳати волиҳои ӯ кор карданро дастур дод. Аз ин ваҷҳ Рухшона акнун мисли шаҳбонуи Бохтарзамин кор мебурду шӯҳрат меёфт.

Бегоҳирӯзӣ духти Уксорт мисли ҳаррӯза назди оташ ибодат ба ҷо оарда, ба долон баромад, ки Апома шодон ба ҳузураш омада, дастони ӯро бибӯсид а гӯшакӣ кард:

-- Шаҳбонуи азиз, шодиёна деҳ!

-- Кошкӣ! - табассумкунон духтари Уксорт духтари Сапитамонро ба оғӯш гирифта, бо аломати савол ба мусоҳибааш нигарист.

-- Фаридуни дабир даррасид! Вале ман тарсе дар дил дорам.

-- А? Саодати маликаи ҷаҳон? Наҳарос, азизам!

-- Намедонам...

Рухшона Апомаро боз ҳам гармтару самимитар ба оғӯш кашида бӯсид ва лаҳзае ба андеша афтоду сипас оҳиста афзуд:

-- Он шаҳболро бигӯй, ки аз ҳамин соат номаш Фадл аст ва касабааш «олими китобдор». Дар воқеъ, ӯ ҳоло дар кучо қарор дорад?

-- Дар хонаи яке аз шиносҳояш.

-- Бирав. Субҳидам боз наздам ой.

-- Рухшона вориди хонааш шуду хешро бо зону назди мичмари оташ афканда, бо эҳсос ба забон омад:

-- Эй оташи муқаддас ва эй нури пок! Ту шоҳид ва ҳозиру нозир ҳастӣ, ки ман муҳаббати волоямро, вафою эътиқоди дӯстиро алайҳи Фаридун пос доштаам ва оини садоқатро риоя мекунам. То он даме ки нерӯю ирода ва ҷон дорам ба ӯ вафодор мемонам. Аз ту миннатдорам, ки хоҳиши маро ба инобат гирифта маро ба мақсад мерасонӣ. Ба ту бузургӣ ва қудрат таманно дорам. Ташаккур. Ҳамеша фурӯзон бош!....

Ногоҳ ба ёди Рухшона расид, ки ба Апома муждагонӣ доданро фаромӯш кардааст. Вай ҷевонро кушода, аз он як тӯмори шишагии зумурадгунро гирифт, ки рӯи он зани ба тифлаш шир додаистода ҳаккокӣ ёфта буд ва як куртаи басо зебову гулибодомӣ, ки падараш аз Панҷоб тӯҳфа оварда буд, ҷудо кард. Шод буд Рухшона. Вай гӯё дар куртаи зебо намеғунҷид ва дарро аз дарун баста, ба арғушт рафт.

Ҳамин вақт ёдаш омад, ки имрӯз ба висоли Фаридуни азизаш расида наметаонад. Сад афсӯс. Чи илоҷ, ки кӯшки ӯро беш аз чаҳорсад нафар посбони ҳушёру силаҳдори Искандар муҳофизат мекунанд.

-- Боке надорад. Ба ҳаминаш ҳам шукри Ҳурмуз! Ӯ зинда аст ва саодати маликаи ҷаҳон хоҳад шуд! Фардо субҳи сапед тулӯъ хоҳад кард ва орзуи маро рашанӣ хоҳад бахшид. То субҳидам, Рухшонак!

Поси шаб шаҳбону як қад парида аз хоб бедор шуд. Хотираш парешон ва хоби дидааш низ ба ёд намерасид. Гирду атроф орому сокит. Ногоҳ ба хотираш омад, ки тақдири халқи азизаш аз ӯ вобастагӣ дорад. Искандар пас аз издиҳоҷ

ба вай тамоми хунрезиву ҷангҳоро дар қаламраи Суғдиёнаву Бохтариё хотима додааст. Маҳз ба туфайли ӯ падару бародарон, ҳазорҳо ғуломон, садҳо шаҳру русто озоду обод шуданд. Рухшона бо ин издивоҷ кореро ба танзим оварда, ки ягон паҳлавон ё афшину ихшид бо ҳазорҳо аскар низ пирӯзӣ ба даст оварда наметавонист. Искандар омода аст, ки баҳри хотири завҷааш боз ҳамин қадар корҳо бикунад, ба орзуҳояш ҷомаи амал пӯшонад.

«Вале ман, -- мегуфт ба худ шаҳбону, -- ба ҳамин эҳтирому бовариҳо хати батлон кашида истодаам. Дуруст, ки муҳаббат шеваи бузург аст, вале он набояд касолати тақдири ҳазорон одам бошад. Чӣ кор кунам? Баҳри озодиву ободии мардум аз ишқи бузурги хеш даст кашам? Бале. Агар алайҳи марзу миллат нангу номус дорӣ, аз Фаридун дур бош!...

Субҳ медамид. Рангу рӯйи Рухшона низ ба мисоли сапедии субҳ коҳида ва ҷисман беҳолу бемадор ба дида мерасид. Лабонаш нидои нимшунавоеро такрор мекард: «Алвидоъ, Фаридун!...».

ФАДЛ -- КИТОБДОРИ БОХТАРӢ

«Гурурро барҳам занӣ - хуррам мешавӣ, газабро барҳам занӣ - аз алам раҳойи меёбӣ, ҳавасро барҳам занӣ - бадавлат мешавӣ, нафсро барҳам занӣ - хушбахт мешаӣ!»

(Аз «Маҳоборут»)

Фаридун ба кӯфти роҳ ва ранҷи ҷисмонию рӯҳияш нигоҳ накарда, тамоми шаб нахуспид. Ҳарчанд, ки орзуи воло дошт, соҳиби дили беғараз буд, муҳаббати пок дар вуҷудаш ҳукумфармойи мекард, ба андешаи ӯ маҳбубаш низ ӯро аз дилу ҷон мепазируфт, вале озодӣ аз вай фарсахҳо дурӣ дошт. Ҷавони саразмигӣ наметавонист рӯирост андешаю суханҳои қалбиашро ба дилдодааш бигӯяд. Танҳо номи ӯ агар ба душман маълум гардад, сараш барбод меравад. Ё фаҳманд, ки аз паи Рухшона омадааст, баробари худашу Рухшона боз падари ӯ, авлодон, духтарони суғдӣ, канизону надимон ва ниҳоят мардуми Суғдиёнаву Хуросон бесариштаву хонабардӯш хоҳанд

шуд. Ниҳоят, ба вай навид доданд, ки маликаи ҷаҳон ӯро пазирофӣ мекунад, бо як ҷаҳон орзу, бо синаи пуртуғён, дили бирён, асозанон ба кӯшки Рухшона омад. Кӯшкро чокарони махсуси бонизоми саропо силаҳдору ҳушёр муҳофизат мекарданд. Рӯи деворҳо аз тасвирҳои ғизолону гулҳо устокорона нақшунигор ёфта буданд ва шамъдонҳои бузурги зарринусха дар шифтҳо ҳамоилу басо шинам ба дида мерасиданд. Дари бо услуби суғдӣ ҳаккокӣ шударо посбони бонизоми форснажод бикушод ва Фаридун вориди утоқи Рухшона гашт. Хонаи кории шаҳбону низ басо зебову мӯҳташам: қолиҳои махсуси рангга, мизи курсиҳои шоҳона, дар девор силоҳҳои қадима, ки рамзи зебоӣ ва қудрату тавоноӣ буд, чида шудаанд. Ду ҷевони даричаҳояш аз кандакориву нақшҳои олӣ музайян, дар мобайни кошона вағни оташдори нуқрагун, ки гирдогирдаш навиштае ба забони суғдӣ: «Нахустин парастиш Офтобу Оташ аст!» ҳаккокӣ ёфта, ба воридшаванда шахсияти соҳибхонаро гӯё муаррифӣ мекард. Рӯйи миз китобҳо ва парқалам. Назди тиреза соати регӣ, ки рамзи зебойи буд, ба дида мерасиданд.

Рухшона хизматгорро бо ишораи даст озодӣ бахшид ва табассумкунон аз ҷой бархоста, лаб ба сухан кушод:

-- Хуш омадӣ, вазири суғдӣ!

Фаридун ҳеҷ гоҳ ба хаёлаш наоварда буд, ки Рухшона бадин сон қашангу ороста ва босалобат мешавад. Вақте ки шаҳдухт аз ҷой хест, хона саршори хушбӯйиҳо, мамлӯи рӯшаниҳо гашт. Ё ба назари Фаридун магар чунин расид, ки беихтиёр афзуд:

-- Ту Рухшонаи пешин нестӣ, балки фариштаи поку муқаддаси осмонӣ шудайи . Хобам ё бедор, намедонам? Худоё, поко, парвардгоро!

Рухшонаи беғараз бихандид ва дурудароз ба маҳбубаш дида дӯхту ба худ андешид: «Ӯро шинохтан мушкил шудааст. Ҳатто вайро падарам низ нахоҳад шинохт. Мӯйҳои сару ришаш сафед шуда, рухсораҳояш хароб, ба гирди чашмонаш ожангҳо «хат навишта», аз он таровату устуворӣ асаре намондааст. Бечораро аз як по маҳрум кардаанд. Чӣ қадар азобу ранҷҳо кашидааст ва барои ин дидорбинӣ бо ҳамин аҳвол аз Саразм ба ин ҷо омадааст! Ҳар оина Фаридун бароям Офтоби рахшон буд!».

-- Аз Саразм меойӣ?

-- Саразм ба як хоктӯда табдил ёфтааст. Ҳоло мо дар

Панҷакат иқомат мекунем. Аё шаҳдухт! Маро фармону дастур деҳ, чи чора созам, кадомин китоби зиндагиро бихонам? Ман аз ту наҷот мехоҳам. Биё, маро ба мақсуд бирасон ё то абад ҳалокам кун!

Рухшона ба ҷойи он ки ба пурсиши Фаридун посухе бигӯяд, табассумкунон афзуд:

-- Мӯйҳои марғулаи сиёҳат сафед шуда, вале ҳаминаш ҳам зебост. Азобу машаққати фузун диданат маълум аст. Хайр аз хатти кашидаи тақдир берун баромадан аз иродаи мо дур аст. Ман туро пос хоҳам дошт. Вале...

Фаридун ба худ андешид: «Имрӯз Рухшона нозанини Ориёно, маликаи ҷаҳон, ҳамсари Искандари Мақдунӣ шудааст ва ӯро куҷост назари эътибор ба як ҷавонмарди якпою ба риш жӯлида! Ӯ рӯи дил сухан мегӯяд...»

-- Аз фардо эътиборан агар майле бикунӣ, туро ба вазифаи дабири китобдор таъин мекунам. Гумон макун, азизам, ки ман туро фаромӯш карда бошам ё аз ман бевафойи сар зада бошад. Ҳарчанд ки кадбонуи ҷаҳонам, вале то имрӯз, аниқтараш то шаби гузашта дар бораи ту, бо хаёли ту зиста будам. меҳру муҳаббати мо то расидани ин фурсат ягон осебе надошт. Вале ғами кешу марз маро ноором мекунад. Тақдири ҳазорҳо одамон аз ишқу ошиқӣ болотар бояд бошад. Ғамро аз дилат раҳо бикун, рӯҳафтодаю мискин мабош. Аммо вазъияти имрӯз маншаи дигар дорад, ройи дигар... Ман тайёр ҳастам, ки барои саодати халқи азияткашидаам, натанҳо ишқ, балки ҷонамро ҳам бубахшам. Маро фаромӯш бикун, азизам!

Рухшона зангӯлаи биринҷиро бо ду ангушти ҳиногунаш бо як латофат бардошта, илова намуд:

-- Агар дар Балх зистан бихоҳӣ, ихтиёрат. Барои ту коре омода сохтаам. Китобхонаи Балх дар ихтиёри туст. Бихон, азизам. Бори дӯшат сабук хоҳад шуд.

-- Чӣ ҷойи пинҳон кардан - дар олами маъниву маънавият китобҳо болҳои боэътимоди мананд. Агар туро аз дур ҳам бубинам, барои банда хушбахтист. -- Фаридун сар хам намуд ва дигар ҳарфе ҳам ба забонаш наомад.

Шаҳбону ашки чашмонашро пок намуда, зангӯла зад. Надими форс аз дар даромада, таъзимкунон ба хизмат ҳозир шуд.

-- Полисперхонтро бигӯй, ки наздам ояд.

Вақте ки Полисперхонт дохил шуд, шаҳбону амр дод:

-- Ин шахс аз уламои Бохтар, номаш Фадл писари Фарнич. Фармон бинавис, ӯро ба дабирии китобхонаи ман ва маошу маунат бигумор. Яке аз ҳуҷраҳои беҳтарини шафати китобхонаро низ барояш фароҳам бисоз ва пагоҳ ман кошонаашро дидан бикунам. Биравед!...

Фаридун як ҳафта аст, ки худу бехуд ба сифати дабири китобхонаи бузурги Балх кор ва зиндагӣ мекунад. Ниҳоят вай худро ба даст гирифта, андешаҳои Рухшонаро пазируфта буд. Кори асосиаш мутолиаи китобҳо, сӯҳбату баҳсҳо бо донишмандони ҳам балхию ҳам порсӣ ва ҳам юнонӣ ӯро ба шавқу завқ меовард. Бахусус, юнониҳои рӯшанфикр ӯро бештар эҳтиром мекарданд, ки нафақат забони онҳоро, балки адабу расму оинҳояшонро хуб медонист. Бегоҳиҳо ба ҳуҷраи озодаву перостааш омада, сараввал ба оташи муқаддас сачда мекард ниёиш мегуфт, сипас ба мутолиаи асарҳо мепардохт. Имрӯз ҳам хеле китобхонӣ кард ва чун одат пеш аз хоб чанд саҳифа аз «Авасто» қироат намуд:

-- Пайравони оини ростӣ, гирояндагони роҳи беҳии маздоӣ чӣ дар ин ҷаҳон ва чӣ дар он сарои минуи аз шодмонӣ ва аз баҳраҳои хушӣ фаровон бархурдор хоҳанд буд. Ҳамчунин ҷӯяндагони роҳи дурӯғ, роҳи зишти аҳриманӣ ва девянон - дар ду ҷаҳон сазои бад хоҳанд ёфт...

Ҳамасон бойисти бо некманишӣ ва андешаву гуфтору кирдори нек хушнудии Аҳуромаздаро фароҳам кунед...»

Пас аз як ҳафта Рухшона китобхонаи Фаридунро дидан кард. Ҳама ҷо ороставу танзимёфта, ором. Рафи китобҳо бахшҳои ҷудогона доштанд ва китобҳои ҳар як забон ба мисли таҳмони алоҳида қисмат шудаанд.

Шаҳбону дар иҳотаи чокару надимонаш китобхонаро давр зада, баъзе супоришҳо медод. Ниҳоят, Рухшона чокару надимонашро озодӣ бахшида, ба хондани яке аз китобҳо пардохт. Фаридун шаҳбонуро танҳо дарёфта, ба ҳузури вай омад ва бигуфт:

-- Ту хеле меҳрубон ҳастӣ. Ба дили шикастаи ман марҳам гузоштӣ, азизам. Акнун фаҳмидам, ки ғаму ғуссаи маро танҳо китобҳо метавонанд бартараф созанд. Аз ростӣ, ки ман ба китобҳо боз ҳам бештар меҳру дилбастагӣ пайдо кардам.

-- Бояд ҳамин тавр шавад.

-- Дар ёд дорӣ қалъаи суғдиёнро, шаби моҳтобии сари чашмаро? Чи гуна рӯзҳои ширину фаромӯшношуданӣ буд, лаҳзаҳои хушбахттарини умри мо буд.

-- Бале, Фаридун. Вале одам дар ҳар куҷое, ки бошад, метавонад хешро хушбахт кунад. Ҳоло дар Бохтария низ хушбахтам. Хушбахтам, ки ба хунрезиву ҷангҳо хотима додам, ба арзу доди мардум мерасам ва саодати ба худ хосе меёбам. Инчунин хушбахтам, ки ба дидори ту расидам, ба дидори ошное, ғамгусоре...

Фаридун ҳис мекард, ки оҳиста-оҳиста мисли мум об мешавад. Ӯ дунёро фаромӯш карда, мехост барои маҳбубааш най навозад, рози дилашро тавассути ин соз баён кунад. Аз накҳати хуши нозанин, аз суханҳои ширадори латиф гӯё сархуш шуда буд, сараш давр мезад. Вай ба умқи андешаҳо ғӯта зада, вале Рухшонаи ҳушёру зирак мехост, ки дили Фаридунро шод гардонад ва суханҳои мувофиқ мечуст. Аз ин рӯ пурсид:

-- Ту аз ман ранҷидаӣ?

-- На! Бузургии муҳаббати туро дарк мекунам, шаҳбону.

-- Муҳаббат барои асилзода он гоҳ бузург мешавад, ки халқ осоишта ва хушбахт бошад. Агар тавассути ман мардуми Ориёно, Суғду Бохтар осоишу озодӣ ёбанд, пас ин кори шоистаи ман аст. Бале, ман рамзи сулҳу салоҳ ҳастам ва ин кори муқаддас пешаи нахустину бигузор охирини ман бошад! –шаҳбону сабук аз ҷой бархосту «шод бош, азизам!» - гӯён баромада рафт.

Дабири саразмигӣ пас аз андаке гӯё ба худ омада бошад, лолу мутаҳайир ба забон омад:

-- Ту бузург шудаӣ ва доно ҳастӣ, Рухшона! Бубахш маро, азизам, бубахш. Ман то ин дам туро ба ин ақлу пирӯзӣ тасаввур накарда будам. Хуш бош!

Пагоҳии рӯзи дигар Уксорт бо ҳаламу ҳашам ва дабдаба дохили Балх шуд. Надимони ӯ филсавору шутуракӣ, аробаҳои нақшинкориву бо тахти равонҳо ба талаби Рухшона омаданд. Уксорт пас аз ду рӯз духтарашро ба ҳолу ҷонаш намонда, ҷониби Ҳиндустон гирифта рафт.

ДАР ЁДИ АПОМА

Конфус як бор изҳор дошт: «Агар касе аз худ суол накунад: чӣ бояд кард? Ман намедонам бо чунин шахс чӣ бояд кард?

(Конфус)

Обу ҳавои шаҳри Балх ба Селевк писари Антиох хуш омад. Офтобрӯяву сермева буд, ин шаҳр. Вале аз ташвиқи он, ки Искандар ӯро ба Суриё баргаштан карда буд, дилаш танг мешуд. Аз Балх ба Шом баргаштан кори мушкил набуд, аммо дили ҳассосро дар ин ҷо гузошта рафтан барояш хеле гарон меафтид. Бале, ӯ дил ба духтари Спитамен-Апомаи нозанин додааст. Вай пайаста аз худ «Чӣ бояд кард?» - гӯён мепурсид, вале посухи мувофиқе наёфта, хотираш парешон мегашт.

Гашти рӯз ӯро Искандар ба ҳузураш хонд. Вақте ки ба боргоҳ даромад, бархе сарҳангону низомиёни олирутба гирд омада буданд. Искандар нақшаи ба Ҳиндустон лашкар кашиданро тарҳрезӣ мекард ва омодагии артишро як-як санҷида мебаромад. Селевк дар ҷои мувофиқ нишаста, дар бораи суруди сеҳрангези суғдӣ, суруди ширадор, вале ғамангез андеша меронд: « Вай суруд набуд, шилдироси обаки чӯйбор буд, овои ҳазордастон буд, аз китоби бузургон буд, бо савти ҳазор, вале беозор буд. Он аз ҷангу хунрезиҳо, аз ситезу кинатӯзиҳо дур буд. Ваҳ, чӣ сон беғараз, мисли шири модар ҳаётбахшу ҳаловатангез буд, суруди Апама! Баъзан дилам мехоҳад, ки ба оини оташпарастӣ рӯ оварам. Хайр, ҳақиқатро бо чодар пӯшонидан амри маҳол будааст. Хуршед низ оташ аст ва бе офтоб зиндагӣ вуҷуд надорад, ҳама чиз маҳв хоҳад шуд. Агар дар дил оташи некӯкорӣ, худоҷӯйи ва адолатпарварӣ дошта бошӣ, одами ҳақиқӣ хоҳӣ шуд, вагарна мисли девонагон сарсариёна умр ба сар мебарӣ ё мисли бандаи шикам мехӯрию тамом. Бале, оташ муқаддас аст, вале оташ низ соҳиб дорад. Худованди бузургу тавоно, доно ва бино, яккаву танҳо!

Дар оини мо худоҳои бисёреро бофтаанд ё эшон худо неву пайғамбар, ё яке аз бузургворони хаёлӣ бояд бошанд.

Алҳол ин бароям муаммо асту норавшан. Ба ҳар ҳол дилам моили оташпарастӣ шудааст. Оҳ, Апама!...»

Ҳамин вақт сарҳанги дар паҳлуяш нишаста, ӯро такон дода, гӯё аз хоби ғафлат бедор карду афзуд:

-- Гап дар бораи ту меравад.

Искандар бо овози омиронаву шунаво нутқ эрод мекард:

-- Тамоми қувва ва иқтидори оламшумули мо бояд ба ин сафар ба забти сарзамини афсонавӣ Ҳиндустон сафарбар шавад. Тамоми ашрофу аъён, олимону муҳандисон, бархе сарҳангу лашкаркашон, дӯстони ман: Гефестион, Птоломей, Пердикка, Гарпал, Неарх, Кратер, Кесон волии сарзамини Суриё Селевк, писари Уксорт...

Селевк ҳайрон шуда аз худ мепурсид: «Се рӯз қабл аз ин ӯ маро ба Суриё баргард гуфта буду ҳоло озими Ҳиндустон мекунад. Чаро? Ӯро худашу худоҳояш нафаҳмад, мо намефаҳмем. Бигузор, Ҳиндустон бошад!...»

-- Охирин сарзамине, ки мо бо шумо онро ғасб мекунем, марзи хурд нест. Ин сарзамин нафақат мову шуморо сарватманд мегардонад, балки Руму Юнонро Бобулро ҳам. Амфиполу Эпирро ҳам ва садҳо шаҳру ноҳияи моро ғанӣ хоҳад гардонид. Дӯстон! Имрӯз ва пагоҳ мо бо шумо базм хоҳем орост, мусобиқаҳои варзишӣ, қурбонӣ хоҳем кард ва рӯзи сеюм ба сафар! -- Искандар қадаҳи дасташро баланд бардошта, сипас шароби онро бо як бардоштан холӣ карду ба ҳамин равиш қадаҳро ба замин зад.

Селевк баробари дигар асилзодагон бадар рафт. Ӯ аз боғи дарборӣ хотирпарешон мегузашт. Ва ногоҳ ду духтари бо ҳам баҳскунон наздаш ояндаро дида, дар ҷояш қарор гирифт. «Ё тавба! –мегуфт ба худ волии Шом, - «Охир ин Апама-ку! Худоё, парвардигоро! Худат чорасоз ҳастӣ, маро ба муҳаббати ӯ дастур бидеҳ!»

-- Ҷаноби мӯҳтарам! - бе ягон оғозу муқаддима, бо эҳсос лаб ба пурсиш кушод Апома, - Ду рӯз мешавад, ки ман бо ин дугонаам баҳс мекунам, ки устод Арасту муаллифи китоби «Дар бораи рӯҳ» аст, вале вай ақидаи маро рад карда, онро ба Афлотуни бузургвор нисбат медиҳад. Шумо, ки ба назарам асилзодаи юнонӣ ҳастед, ба ин андеша равшанӣ меандохтед.

Селевк тамоман моту саросема гашт ва ба худ мегуфт: «Инҳо ба забони юнонӣ чунон возеҳу рашан сухан мегӯянд

боз дар бораи бузургони мо баҳс мекунанд, чӣ бояд гуфт? Ё дар ҳақиқат онҳо фариштаи осмонианд?»

-- Бале, Апомеяи азиз! Ҳақ пурра ба ҷониби ту. Китоби «Дар бораи рӯҳ» аз устод Арасту аст.

Апома гӯё акнун ба худ омада буд, бо бари руймолаш лабу даҳонашро пинҳон карда, мисли оҳуи рамида, пурсид:

-- Шумо номи маро аз куҷо медонед?

-- Ш-шу-моро...шуморо.., - забонаш ба калима напечида, саросема шуд ва ниҳоят хешро ба даст гирифта, афзуд: - Боре суруди шуморо дар роҳи Мароқанду Балх шунида будам. Аз шумо маъзарат мехоҳам. Ин тасодуфан ба амал омада буд. Аз ростӣ, ки хеле латифу диловез буд, таронаҳои шумо сароида. Ин сурудҳо маро ба вачд оварда ва аз он саот ин ҷониб дар бораи шумою суруди қалбии шумо ёд мекунам. Сонитар фаҳмидам, ки шумо духтари Спитамени родмард будаед /рӯҳаш шод бод!/ ба як меҳри ман сад меҳр зам шуд.

-- Шумо кистед?

-- Маро Селевк меноманд - собиқ сарлашкари Искандар, ҳоло волии сарзамини Сурия ё ба форсӣ Шом. Барои хидмате омада будам.

-- Лутфан бигӯед, ки аз китобҳои устод Арасту дар кӯлворатон чизе ҳаст?

-- Бале. Мехоҳам, ки бароятон яке аз он китобҳоро тақдим бикунам?

-- Намедонам, вале мегӯянд, ки оқил бояд хирадидонишмандонро биомӯзад ва аз он баҳра бигирад.

-- Шумо ҳамон оқилае, ки мардум гуфтаанд, ҳастед, Апомея.

-- Ман ин тавр нагуфтаам.

-- Ба ҳар ҳол.

-- Шумо низ ба Ҳиндустон меравед? –ногоҳ пурсид Апома кунҷковона.

-- Бале. Чӣ илоҷ. Хидмат тақозо мекунад.

-- Шумо низ ба сӯи одамон тир ва туфанг мекушоед?

Аз ин пурсиш Селевк боз ба тараддуд афтода, лаҳзае таваққуф карду сипас ноҳинҷо посух гуфт:

-- На. Ман ихтисосманди илми ҷуғрофиё ҳастам, вале аз эҳтимол дур нест... ё шумо маро бовар намекунед.

Апома чизе нагуфт ва созиро рафтан кард.

-- Ман китобро бароятон фавран мефиристам.

-- Кори шоистае мекунед, ҷаноби волӣ. Хуш бошед!

-- Шумо низ дар амон бошед! Ман ба шумо китоби «Сиёсатнома»-ро хоҳам фиристод.

Селевк шоду мамнун ба кошонааш баргашт ва аҳд кард, ки ба Апома мактуб менависад. Номаи ӯ бо чунин мазмун бо китоби устод Арасту ба духтари Сапитамон фиристода шуд:

«Апомаи азизу меҳрубон! Ман ба навиштани номаи ошиқӣ, эҳтимол, бебарор бошам, вале чӣ хеле ки дар урфият мегӯянд, эҳсоси ишқ хоси шоҳу ҳам гадост, бояд якбора ҳақиқати дилро гуфт. Ман намегӯям, ки дилдодаи бенавое шудаам. Танҳо медонам, ки то ин дам қалби ман мисли шумо касеро напарваридааст. Ҳарчанд ки ҳокими як сарзаминаму асилзода ҳастам, дар назди ақлу заковат ва фаросати шумо сар фуруд меорам, ба бузургиву азамати шодравон падаратон, марди муборизу далер мисли бархе румиён тан медиҳам. Аз ин ҳарфҳои ман хотиратон озурда нагардад, шуморо дӯст медорам. Гумон накунед, ки ман ба сифати ҳоким ин тавр сухан мегӯям. На! Охир, шумо ҳам шаҳдухтаред. Хоҳиш мекунам, ки посухи номаи маро нанависед, зеро бо орзуву умедҳои қавӣ ман ба сафари Ҳиндустон меравам ва бо номи шумо зистан мехоҳаму бо хаёлҳои ширин рӯз мегузаронам. Бо эҳтиром дасти шумои азизро ғоибона мебӯсам, ҳамеша тару тоза ва шод бошед. Селевки шумо».

Пас аз ин гӯё аз дили Селевк бори гаронеро гирифта бошад, хешро сабуку хотирҷамъ эҳсос мекард. Ҳатто мисли бачаҳо худашро «Қанд бизан, баҳодур! Ана ҳамин хел далер бояд буд!» - гӯён ситоиш ҳам мекард.

Селевк писари Антиох дар Ҳиндустон бисёр чизҳоро омӯхт. Ба мардию шуҷоати ҳиндувон қоил мешуду ба ҳунару саноеи онҳо тасанно мехонд. Махсусан, иншоотҳои обӣ ва биноҳои мӯҳташам ба назараш афсонавӣ менамуд. Алаззоҳир ба оташ гаравидани онҳо, таълимоти пас аз марг зинда мондани рӯҳ, ба чаҳор унсури азал: об, оташ, бод ва хок эътиқод доштани мардум ӯро боз ҳам амиқтару возеҳтар ба илм пардохтан водор мекард. Инчунин санҷишҳои маъдангудозӣ, кишоварзӣ, косибиву ҳунарҳои гуногуни мардумӣ ақли ӯро ба худ мекашид. Селевк чанд китоби нодири ҳиндувонро дастрас карда, ба мутолиаи онҳо пардохт ва пас аз шиносойи хулоса бароварда: «Мо то чӣ андоза

ҷоҳилу золим будаем! Ҷои он, ки ба ёриву ҳамкории ҳамдигарӣ таваҷҷӯҳ бикунем, ба хунрезӣ, ба сӯхтор, ба вайронкорӣ даст задаем. Онҳо гуноҳи моро асло намебахшанд. Ман ба хираду дили пок ва заҳмату машаққати шумо, ба улуми ниёгонатон сари таъзим фуруд меорам, ҳиндувон!»

Боре Селевк дар шаҳри Бечопур бемору бистарӣ гашт. Табибони румӣ ӯро муолиҷа бахшида натавонистанд. Ҳатто хиради табиби шахсии Искандар, ки Флипп ном дошт, оҷиз монд. Хизматгори ҳиндӣ, ки дар утоқи Селевк кор мекард, аз ин ҳолат огаҳӣ ёфта, табиби маҳаллиеро пайдо кард. Пирамарди лоғарандоми то нимаи баданаш урён ӯро муоина карда гуфт:

-- Тарҳи рӯю кафи дастон ва нохунҳоят ба забон омада мегӯянд, ки ту одами нек ҳастӣ. Бидон, писарам, одами нек ҳеҷ гоҳ намемирад ва шифои дарди туро ман чора месозам.

Табиби ҳиндӣ дар давоми се рӯз ҳокими Шомро бо афшурдаи мевақоту гиёҳҳои кӯҳӣ ба по хезонд. Вақте ки Селевк ба ӯ чор донаи зар бахшид, пирамард онро нагирифта, бигуфт:

-- Ман аз одами нек музд намегирам! -ва сарбаланду ифтихоромез баромада рафт.

Вақте пешхизмати Селевк табиби ҳиндиро гусел мекард, вай ҳазломез ба табиб гуфтааст:

-- Мабодо ту фиребгар ё дуруғгӯ нестӣ?

Табиб чашмонашро нимпӯшкунон гуфтааст:

-- Дар Ҳиндустон он касе, ки ҳамеша рост мегӯяд ва ахлоқан пок аст, ӯро аз додани андозҳо озод мекунанд ва агар касе се бор дуруғ гуфтааст, дигар якумр набояд сухан гӯяд.

Селевк ба худ андешид, ки кошки Искандар маро дар ин сарзамин мегузошт ва ман як умр бо адолату ҳақиқат хидмати ин мардумро адо мекардам.

Волии Суриё бо ёди Апомаи дилсафед рӯз ба сар мебурд ва сурудҳо ва гуфтаҳои ӯро ба хушнудӣ ба ёд меовард. Дар аснои бозгашт бо як шодиву ҳаяҷон ба кӯи дилбар шитоб дошт ва андеша меронд: «Кош шоҳбонуи бузург - Рухшона ба ӯ иҷозат медод, ки ман бо Апома издивоҷ бикунам. Дигар ин ки ба кеши оташпарастӣ гаравида, расму оинҳои ин мардумро низ меомӯзам! Ёдат бахайр, Апомея!»

БОЗГАШТ

Барои рӯҳ об шудан ҳамону марг ҳамон. Мушкил аст бо шаҳовати дил ҷангидан. Дил ба ҳар чӣ майл кунад, онро баҳои рӯҳ мехарад. Аммо барои инсон хуб нест, ки ба ҳар чӣ майл кунаду онро ба даст оварад.

(Ҳероклит)

Искандари Мақдунӣ аз он ки дӯстону асилзодагон ва ниҳоят артиш то марзи охирин ё то уқёнус нарафтанд, сахт дилгиру ранҷур шуда, ба бозгашт фармон дода буд. Ӯ аз ин боис низомиёни пиёдагардро ба ду бахш ҷудо карда, ба яке Кратер ва ба дигарӣ Гефестионро мутасаддӣ фармуд, ки аз ду ҷониби дарёи Гидасп сӯи ғарб ҳаракат бикунанд. Худ ба киштии бузурги бодбонӣ, ки ба артиши баҳрӣ Неарх писари Андротима амирулбаҳр буд, нишаста равон шуд. Неарх пас аз Кратер ва Гефестион дӯсти бачагии вай, ҳоло ҳокими вилоятҳои Ликиё ва Памфилиё гумошта шудааст. Ду киштии дигар аз паси киштии калон равон шуданд. Дар ин киштиҳо ғаниматҳои фаровон, ҳатто канизони қашангу ғуломони нерӯмандро низ гирд оварда мебурданд.

Селевк, ки шоҳиди воқеаҳо буд, медид то чӣ андоза ғуломону канизакон рӯйканону мӯйканон бо марзи азизашон падруд мегуфтанд, суханҳои вопасин мехонданд. Ашки ҷудойии асирон дили Селевку як гурӯҳ некхоҳони юнониву румиро ба риққат оварда буд. Ин асирон асилзодагони гаравгони ҳинду буданд.

Нимаҳои шаб, вақте ки киштиҳои дарозу бодбондори румӣ аз дарёи Гидасп ба резишгоҳи Акесинас /Ҷенаб/ дохил мешуд, якбора ба растохези боду борон вохӯрданд. Тӯфон бодбону чӯбҳои такягоҳи киштиро шикаста пора-пора мекард, ду киштӣ ба ҳамдигар сахт бархӯрда, қисми паҳлӯ ва пеши киштиҳо осеби ҷиддӣ дид. Бисёр одамон нобуд мешуданд. Искандарро пешгӯйии олими ҳиндӣ Калан ба ёд омад ва ба дилаш воҳима афтод, ки ӯ низ роҷеъ ба гуфти олим ба марг рӯ хоҳад овард. Румиён ба гумони он, ки худоёни ҳиндӣ ба қаҳр омада ин фалокатро бархезондаанд, асирони гарав-

гонро ба амадҳо савор карда, гусел мекарданд ва як бахши ғаниматҳои зарринаву симинаро ба баҳр меандохтанд. Дар ҳақиқат ҳам ҳамин хел шуд. Чун асиронро озодӣ бахшиданд, дарё низ ором гашт, тӯфону бодҳои тунд гузашта рафтанд. Ниҳоят, киштиҳо ба соҳили мурод баромада орамиданд ва маллоҳон ба соз кардани киштиҳо пардохтанд.

Искандар ба соҳил баромаду сахт барошуфта, сардорони киштиҳоро дар бефаҳмию нодонӣ муттаҳам мекард. Шоҳ мегуфт, ки дар баъзе ҷангҳо ҳамин қадар талафот надидааст, як қисми ғаниматҳо ба коми наҳангон рафтааст. Шоҳи ҷаҳон дилтангу ғазаболуд амр дод, ки ба рустоҳои наздики ин вилоятҳо ҳуҷум хоҳад кард. Вақте ки сарбозон ба андешаи Искандар норозигӣ баён карданд, вай ин ҳаракатро гӯё сафари тамошою омӯзиши кишвар гӯён онҳоро бовар кунонид.

Ниҳоят, дастаҳои пиёдаскарон, саворагон ва пиёдагардони синондор рӯ ба саҳрои беоби кишвари Маллҳо шуданд. Аскарон дилу нодилон роҳ гашта, яке аз шаҳракҳои маллҳоро ба осонӣ забт карданд. Искандар аз ин ғалаба рӯҳ гирифта, ба шаҳраки дигар дастаи Пердиккаро фиристод, ки дар он шаҳр ҷонзоде набуд. Вақте румиҳо хабар ёфтанд, ки маллҳо ба соҳили шарқии Гидраот фирорӣ шудаанд, аз паси онҳо афтода, аскарони ҳиндиро қир мекарданд. Селевк дар тааҷҷуб буд, ки ин қабилаҳоро бо кадом гуноҳ маҳв мекарда бошанд. «Магарам ӯ девона ё ваҳшӣ шудааст?!» - мегуфт ба худ волии Шом.

Ҳамин тавр Искандар бо дастаи ҷангиаш саргарми ҳарбу зарб ва таъқиб шуда, ногоҳ аз ҳудуди Ҳинд ба Чин гузашта рафтанашро худаш ҳам надониста монд. Аз талоя ҷосусонаш хабар доданд, ки ба ин қарибиҳо ба ҷуз як деҳкадаи чинӣ дигар ободие ё ҷонзоде нест. Онҳоро на об буду на хӯрокворӣ ва ҳатто барои аспҳо хошоке вуҷуд надошт. Аз ин рӯ Искандар ба сардори дастаи пешгард амр дод:

-- Ба он деҳа қосид фиристода бифармо, ки Искандаршоҳи ҷаҳон дар ин қарибиҳост, бигузор маунате бароямон фиристад.

Пас аз соате ҳамроҳи сардори даста марди қадпасти чашмтангу рангзарде бо чокаронаш дар даст бӯхчаю сандуқчаҳо ҳозир шуд. Искандар ҳарисона аз зӯрии заъфи шикам ба бӯхча дарафтод. Вале банди бӯхчаро кушоду бо

ҳайрат болои рег нишаст. Ранги рӯяш кандаву чашмонаш кунд ва таъбаш коста шуда буд.

Даруни бӯхча пури тиллову нуқра ва сангҳои қиматбаҳо буд.

Искандар хунсардона сардорро ба ҳузураш хонда, пурсид:

-- Ман туро баҳри чӣ фиристода будам?

Чун сардор низ аз воқеа огоҳ гашт, ба забон омад:

-- Ин мард кадхудои деҳа будааст ва ман арзи шуморо ба ӯ нуқта ба нуқта расонидам. Вай моро бо эҳтиром қабул кард ва гуфт, ки иҷрои ин матлаб аз мост. Онҳо бо ин бӯхчаҳо омаданд ва ман гумон кардам, ки обу хӯрок бошад.

Искандар ба кадхудои чашмтангу ба зоҳир содалавҳ нигоҳ карда, бо нафрат пурсид:

-- Чаро ба ҷои чизҳои фармудаи ман зару нуқра фиристодӣ ё ман туро магар тиллову симина пурсидам, ё ақлат занг задааст?

Вақте ки тарҷимон саволи шоҳро ба ӯ арз кард, меҳтари чинӣ ғайричашмдошт бепарво таъзими масхараомезонае карду посух дод:

-- Боре ман аз хоқон пурсидам, ки Искандари Мақдунӣ барои чӣ ба машриқзамин омадааст, ӯ гуфта буд: -- «Искандар баҳри зару нуқра ба ин ҷо меояд» - ва ман низ аз рӯи он андеша колои зерро муҳайё сохтам, боқӣ ту донӣ. Дигар ин ки эй шоҳ! Ба ту хӯрок чӣ зарур аст? Ту шоҳ ҳастӣ, агар ту барои хӯрокхӯри меомадӣ, ба хонаи мо бо сулҳу салоҳ қадам мегузоштӣ, он вақт меҳмони бузурги мо мешудӣ. Ба фаҳмиши ман туро зарурати зару сим буд, марҳабо. Ана, ин зару нуқра, бигир! Агар боз лозим бошад, бароят муҳайё месозам.

Искандар лолу мот шуд. ба кадхудои ба зоҳир содаву лода, вале муғамбир дурудароз мисли хурӯсҳои ҷангара дида дӯхту сипас пурсид:

-- Ин сухани худат ё каси дигар?

-- Сухани меҳтарони аз мо бузургтар аст.

-- Меҳтарон кистанд?

-- Мӯйсафедони хирадманд.

Искандар чунон ба ғазаб омад ва аз зӯрии шарму таҳқир бо як ҷаҳиш ба аспаш савор шуду пас гашт. Ақаллан ҳарфе ҳам нагуфт. Чӣ ҳам мегуфт, охир? Анбозони Искандар низ аз

паси ӯ асп тохтанду ҳамагон аз назар ғоиб шуданд. Кадхудои чинӣ як қадам аз паси онҳо гузошта, мисли пештар, бамайлихотир нидо мебароварда:

-- Эй, куҷо рафтед? Тиллою нуқраҳо магар ҷойи хӯрокро намегиранд? Тавба, ақаллан ҳарфе ҳам нагуфтанд-е. Хайр, ба шумо даркор набошад, ба император бурда медиҳам. Барои мо фарқ надорад. Ҳе-е... ишон ҳам хӯрок мехӯрдаанду ҳам ҷаллодӣ мекардаанд! Э-э... аз шохакот гардам, подшоҳи рӯйи замин!...

Шаҳри дигаре ки Искандар девонавор ба он дохил шуд, шаҳраки калони брахманҳо буд. Дар ҳини корзори яке аз қалъаҳо Искандар мисли ваҳшиён, чашмонашро тоси хун гирифта, худро ба нардбони девори қалъа зад. Вай чолокона маҳаллаҳоро нобуд мекард ва роҳбарони онҳоро низ мекушт. Нардбоне, ки тавассути он ба қалъа баромада буд, шикаст. Вай бо Певкест, Абрея ва Леоннат монда буд. Ногоҳ тирҳои бешумор ва синонҳои ҳиндӣ ба онҳо кора кард. Нахустин шуда Абрей ҳалок шуд, Искандар аз сари синааш захмӣ гашт ва аз талаф шудани хуни бисёр, сараш давр зада ба поён афтод. Леоннат ва Певкест ӯро муҳофизат мекарданд. Ҳамин воқеа мақдуниҳоро ба он водор кард, ки ба ҳуҷуми қатъӣ гузаранд ва ба қавли худашон барбарҳоро қир карда, ба сари Искандари беҳуш расиданд. Ҳамин тавр дарвозаҳои қалъаро кушода, рақибонашонро беамон маҳв месохтанд, оташ мезаданд, ба вайрона табдил медоданд. Онҳо аз ғазаб ҳатто зану бачагонро ҳам қатл карданд, ки аз ин пеш ҳеҷ гоҳ чунин рафтор накарда буданд.

Вақте ки аз синаи Искандар тирро кашида гирифтанд, хун фаввора зад ва шоҳ бори дигар аз ҳуш рафт. Аскарони румӣ ғаниматҳоро ба зудӣ ғундошта сӯи қароргоҳи киштиҳо омаданд, ки то ин вақт Гефестиону Кратер низ расида буданд. Дар байни аскарон овоза паҳн шуд, ки Искандар фавтидааст ва аз ин боис ӯро дар тахтиравон меоранд. Вақте ки шоҳи захмиро ба наздикии аскаронаш оварданд, Искандар тамоми нерӯву иқтидорашро ғун карда аз даричаи тахтиравон дастонашро бароварда, онҳоро табрик мекард. Аз ин ҳол тамоми артиш дилпур шуда, фарёдзанон ӯро истиқбол гирифтанд. Он гоҳ Искандар ба манъи табиб ва дӯстонаш нигоҳ накарда, савори асп аз байни сарбозон гузашт, то румиҳо бидонанд, ки вай зиндаву саломат мебошад. Албат-

та, ин ҷо худситоиву худнамойи ҷой дошт, вале Искандар метарсид, ки мабодо бесарусомоние сар назанад.

Искандар боз ба киштӣ нишаста, тавассути рӯди Акесинас, ки ба дарёи калони Ҳинд - Ганг мерехт, шино кард. Дар резишгоҳ бо дастаи Пердикка васл шуданд. Ҳамин тавр, артиши бузурги Искандар ба уқёнуси Ҳинд расид ва ба сохтмони киштиҳо пардохта, тавассути маллоҳу нохудоҳои ҳиндӣ киштиҳоро рост кард. Шиновории артиш оғоз ёфт ва онҳо дар баҳр қурбониҳо карда, ҳатто зарфҳои тиллогину зеварҳоро ба об андохтанд. Ҳамин тавр киштиҳои мақдуниён то ба сарзамини ободу хуррами Форс расиданд.

Он сатрапҳо яъне волиҳои Искандар, ки дар вилоятҳои гуногуни форсӣ гузошта шуда буданд, ба халқи маҳаллӣ зулму истибдод кардаанд, аз ин рӯ шикоят аз паи шикоят меомад. Онҳо ибодатхонаҳоро талаву тороҷ карда, ҳатто гӯрҳоро кушода оташ задаанд, ба номуси дӯшизаву занҳо расидаанд ва боз чӣ корҳои баду ношоям. Искандар амр дод, ки пеш аз ҳама Клеандр, Ситалк, Агафон ва Гераконро ба қатл расонанд. Онҳо бо супориши худи шоҳ ба сӯиқасди Парменион иштирок доштанд ва Искандар аз он ҷиҳат хавотир буд. Шоҳ гунаҳкоронро, ки ҷамъ шашсад нафар буданд, қатл фармуд. Вай гӯё адолатпаноҳ будани хешро зоҳир менамуд.

Искандар ба Неарх амр дод, ки вай ба шаҳри Бобул биравад ва худаш ба Порс омада, зӯровариро дар он ҷой ҳам мушоҳида кард. Ӯро бо пешкашҳои гаронбаҳо, зару нуқра ва молҳои волоарзиш пешвоз гирифта бошанд ҳам, шоҳ Орксинро волии муваққатии Порсро ба дор кашид. Ба ҷои вай Пекестро, ки забони форсиро омӯхта буд, бо сару либоси маҳаллӣ ба ҳукуматдорӣ амр кард.

Искандар муофиқи оини подшоҳони эрон, ки аз сафари ҳарбӣ бо пирӯзӣ бармегаштанд, ба кулли занҳои Эронзамин як донагӣ тангаи тилло тақсим кард. Шоҳ оромгоҳи Кайқубодро, ки зебу зинатҳояшро ба яғмо бурда буданд, аз нав таъмир карда, гунаҳкоронро ба қатлашон фармон бароварад. Шоҳи мақдунӣ бо ин ҳаракатҳояш дили мардумро ба даст меоварду ҳукумати хешро дар машриқзамин пойдор месохт.

Искандар ба шаҳри Суз /Шуш/ ба қавли форсҳо Пасаргард омад, ки дар ин ҷо ҳам бесарусомонӣ, вайрониву

дасисаҳо ҷой доштанд ва онҳоро барои нафиристодани хӯрокворӣ ва таҷҳизоти ҳарбӣ ба лашкари ӯ айбдор дониста, ба маҳкамаи ҳарбӣ супорид. Маҳкама ҳукмдорони ин шаҳр Абулит ва писари айёши Оксатрро қатл фармуд. Ба як қавле Оксатрро худаш аз ғазаб бо найза зада куштааст.

Хулоса, Искандар раҳораҳ тухми марг мекошту қатл мефармуд ва мувофиқи хоҳиши дилаш амал мекард. Дар шаҳри Суз аз субҳ то шом, аз шом то субҳ базмҳои шоҳона идома дошт. Ниҳоят, Искандар ором гирифт ва дари хазинаҳояшро кушода, ба дӯстону хешовандон зару нуқра мебахшид.

Ӯ ба даҳ ҳазор мақдунии ҷавон духтарони ориёинажодро бахшид. Вақте ки Искандар аз Рухшона ҳеҷ меҳру дилгармие надид ва байни онҳо ҷанҷол бармехост, ӯ сараввал ба духтари хурдии Дорюш - Статира, сипас ба Парисатида - духтари Ох писари Ардашер, ки амакписари Доро буд, хонадор шуд. Бале, ба қасди Рухшона ин корро кард! Пас аз ин Искандар ба ҳаштод нафар дӯсти асилзодааш духтарони шоҳу волиҳоро дода, мехост бо ҳамин давлатҳоро ба ҳам дӯсту наздик бикунад. Селевк ба мақсадаш бирасид. Вай ба духтари Сапитамони родмард - Апома хонадор шуд. Апомаро хеле дӯст медошт, оини оташпаристиро пазируфта, аз вай фарзандҳо ёфт. Сонитар бо сабаби номаълум Апома чашм аз олам пӯшид, ки Селевк беҳад андӯҳгин шуда, се шаҳри қаламравашро ба номи ҳамсараш Апомея ном медиҳад. Баъзе мегӯянд, ки марги Апома баъд аз таваллуди писараш Антиох, ки ба номи бобои Селевк гузошта шудааст, ба вуқӯъ омада. Духтари хурдии Уксортро хоҳари Рухшонаро ба дӯсташ Кратер бахшид.

Искандар ҳоло дар Эронзамин аз дудмонҳои тозанажоди форсу бохтарӣ, суғдӣ, хоразмӣ, ҳайтолӣ, арахосӣ, ҳулбукӣ, сакойи ва ғайра сий ҳазор ҷавонро, ки дар Юнон таълими махсуси юнонӣ-низомӣ дода буд, ба шаҳри Суз оварда ва ба онҳо бо ҳавас нигариста, дар рикобаш нигоҳ дошт. Ҷавонҳо либосҳои ҳарбӣ ба бар, босавод, банизом буданд ва ба онҳо Гуштасп ном марди бохтариро сарвар гуморид, ки ҳамеша дар дарбори ӯ бошанд. Минбаъд он ҷавонписарон боз ба Руму Юнон баргашта, ба духтарони маҳаллӣ хонадор шуданду табааи Юнону Рум, Эпиру Амфиполь гаштаанд.

Ҳамин тариқ беш аз панҷоҳ ҳазор мард ва зиёда аз бист ҳазор духтару зани ориёитабор ва қариб сад ҳазор

ҳунарманду косиб ва асирони боқувват ва қашанг ба сарзамини румиён гирд оварда шуданд. Хуни мағрибиҳо ҳоло аз ин пеш, дар салтанати ҳахоманишиён ва ниҳоят дар ҳукмдории Искандар бо мардуми машриқзамин ба ҳам омезиш ёфт ва ҳатто забонҳо бо ҳам омехта мешуданд.

Корвонҳои бешумор, киштиҳои пурбор бо ашёи олии Шарқзамин ба Рум беист дохил мешуданд. Шаҳрҳои Суз, Бобул, Ошур, Рум қариб тамоми шаҳру ноҳияҳои Юнон ва ғайра аз чизу ашёи ховарзамин бархурдор гаштанд. Вале бархе ҳаракатҳои Искандар бебақо ба назар мерасид. Ҳатто норозигии дӯстонашро мушоҳида мекард, ки ба расму оинҳои эронӣ, ба ҳунару фарҳанги онҳо зид мебаромаданд. Ин низоъҳои душманони зидди ақидаҳои Искандар баромадагон, ки ӯ онҳоро ба истилоҳи имрӯза «оппозитсия» меномид ва тарафдорону хешу ақрабои аз дасти Искандар кушташуда ё дилмонда, ё мансабнарасида бармехезонданд. Ба қавли Фаридуни саразмигӣ: « -- Искандар пирӯзӣ ба даст наовард, балки дунёро вайрону оламро оғуштаи хун гардонид! Ӯ амру фармоиши Аҳриманҳоро - нерӯҳои табаҳкори осмониро ба субут расониду бас!»

ХОНАИ ОФТОБ

Баъд аз вафот турбати мо дар замин маҷӯ,
Дар синаҳои мардуми ориф мазори мост.
(Ҳофизи Шерозӣ)

Хоҳари Сапитамон ба гармии ҳаво нигоҳ накарда, қадқади соҳили Рӯди Зар беист аспро маҳмез мезаду тозиёнаашро дар ҳаво алвонҷ дода роҳ ба ҷониби Мароқанд мерафт. Аз дур оташеро мемонд, оташи равонро, ки шаҳру рустоҳои вайронаро убур мекард. Ягона орзуяш зиёрати гӯри бародар буд ва дигар ҳеҷ чиз хотири ӯро мушавваш намесохт. Ӯро на парвои Искандару на аскарони румӣ ва на хавфи мушкилиҳову бекасиҳо!

Дар қарибии шаҳри Мароқанд деҳаеро дид, ки зери оби рӯди Зар мондааст. «Баробари вайрон шудани шаҳру русто марзи соҳилҳо низ фарсуда мешаванд», - ба худ андешид Фарангис ва боз ба андешаҳояш афзуд: «Одам, ки нест пас аз

соле ин ҷойҳо шӯразору валангор хоҳанд шуд. Боз мегӯянд, ки обу ободӣ. На! Лобал одаму обу ободӣ! Эҳ, худоё! Чӣ тур олам дигаргун мешавад. Ё дар дафтари тақдири мо чунин рӯзҳо навишта шуда? Ало, дафтардоро! Кунун варақи дигаре, авроқи заррине бикшо, то фарзандони ту дар рӯзгори кӯтоҳ осоише биёбанд. Худат падари донову тавоно, биною шунаво ва Маздо[1] ҳастӣ!...

Посбони лашкаргоҳи мароқандии Искандар, ҷавонмарди басо қавиҳайкали фессалӣ пас аз шиносойи бо иҷозатномаи Фарангис ӯро ба ҳузури Птоломей ҳидоят фармуд. Лашкаргоҳ дар мавзеи Оби Машҳад ҷойгир шуда, афсарҳо дар биноҳои похсагӣ ва сарбозон дар майдони зардолузор хайма зада менишастанд. Вақти говгум буд. Аллакай дар чанд ҷой оташе афрӯхта, гурӯҳе гирди он хӯроки шомгоҳӣ мехӯрданд, гурӯҳи дигар ба аспҳо нигоҳубин доштанд, боз гурӯҳи дигар ба саранҷом сохтани ҷойхобу силоҳҳои хеш буданд. Аз ӯрдугоҳ бӯи асп, бӯи равғани доғ ва сихкабоб ба ҳам омехта ба машом дилгиркунанда мерасид. Як гурӯҳ афсарон хандакунон сӯҳбате доштанд. Дар байни онҳо Птоломей - сарҳанги аз ҳама бузургу қавиҳайкал айёрона сухангӯйи дошт. Чун ба ӯ хабар доданд, ки хоҳари Спитамен бо ҳоҷате назди вай омадааст, аз дӯстонаш дур рафт. Дар бинои начандон калони похсагӣ ӯ Фарангисро қабул фармуд. Птоломеи юнонӣ марди зоҳиран чилупанҷ - панҷоҳсола, чашмони хокистарӣ, мӯи мошубиринҷи ришу сараш марғула, айёрманиш, вале сариштакор ба Фарангис нигоҳ накунад ҳам, чӣ гуна феълу атвор доштани ӯро ба хубӣ дарк мекард, дам ба дарун зада буд. Вай ин лаҳза оқилона андеша меронд, ки Искандар ба ин духтари суғдӣ меҳрубонӣ зоҳир кардаасту иҷозатномае додааст, пас бе ягон дудилагӣ аз ҷой бархоста ба ҷевони нақшинкорӣ наздик шуд. Яке аз ғаладонҳоро кушода, аз он сандуқчаи нуқрагиеро бароварду хомӯш назди духтар омад.

-- Эҳтимол, Искандар ба ту гуфтагист, ки мо ягон бор бо Спитамен ҷанги шадиде пеша накардаем ва аз таъкиби ӯ нарафта будем. Ӯро душманони худаш ба қатл расонидаанд. Боз хабарҳои наве паҳн кардаанд, ба назарам инро ҳам сакойиҳо аз тарси худ гуфта бошанд даркор, гӯё Спитаменро

[1] Маздо - /ба суғдӣ/ донишманд.

ҳамсараш кушта бошад. Мо ба ин қабил хабарҳо коре надорем, духтарам. Фақат ҳамин қадар ба ту иттилоъ медиҳам, ки қотили бародаратро - Пилсами сакойиро - шахсан худам бо чокарони ваҳшияш дар кӯчаҳои Мароқанд ба дор кашидам. Бовар бикун, ба худоям Зевси муқаддас савганд ёд мекунам ва ту ин хабарро аз шаҳрвандон низ метавонӣ бипурсӣ. - Птоломей ногоҳ ҳайрон шуд, ки чаро ӯ ба як духтари оддӣ ҳисобот дода далелу бурҳон пеш меорад. Бале. Кист ӯ? Аз ҳамин хотир сарҳанги юнонӣ сарпӯши сандуқчаи нуқрагиро кушода, аз он гӯшораи зарринеро бароварда, бигуфт:

-- Бигир, духтарам. Ин ягона меросе, ки бо сари бародарат дар лаълии заррин ба мо расида.

Рангу рӯйи Фарангис коҳида, ягона ҳалқаи бародарашро, ки онро мувофиқи оини оташпарастӣ модараш дар овони кӯдакӣ ба гӯшаш ҳамоил карда буд, бишнохт. Ин гӯшвораи мардона, ба қавле аз бобокалонҳояш мерос монда буд. Птоломей боз чизе гуфт, вале Фарангис ба хаёлҳои хеш печида, суханони модарашро ёдовар мешуд, ки гуфта буд:

«-- Ин гӯшвораи муқаддас аст, ки ба мо аз авлод ба авлод бахту саодат ва хуррамӣ овардааст!..»

-- Бародарат одами шуҷоъ, нотарсу далер будааст, ки ҳатто он ваҳшиҳо натавонистанд ӯро асир гиранд, - гӯшвораро ба Фарангис бахшида, барои хотима додани сӯҳбат сарпӯши сандуқчаи нуқрагиро пӯшонд Птоломей. Вале пас аз андаке боз чизе ба хотираш расида бошад, ба суханаш афзуд:

-- Рӯзи дигар мо дар зери садои навою парчамҳои фурудоварда, сари бародаратро бо як шукӯҳу салобати бузург ба хок додем. Искандар ба шарафи Спитамен амр дод, ки думи садҳо аспҳоро бибурранд, асиронро озод кунанд ва мардуми маҳаллиро минбаъд иззати ба расму оини хеш содиқ будан дастур дод. Мардум навҳахонӣ карданд...

Фарангисро дар чашм қатрае ҳам ашк набуд. Дилаш гӯё путк мезад. Туғёне буд, вулқоне буд андар синааш, ки дар гулӯяш ист карда буд ва ҳамин тавр тасаввур мекард. Ё қувваи дигаре зарур буд, ки ин вулқонро бадар оварад. Вале ин такон чӣ буд, худаш ҳам намедонист ва эҳсос ҳам намекард.

Птоломей аз ҷой бархост ва ба навбатдор рӯ оварда фармуд:

-- Меҳмони моро ба кӯшки Таҳмурас ҳидоят бикун ва ба Зариршоҳ бифармо, ки пагоҳ ӯро ба зиёрати қабри Спитамен роҳбаладӣ бикунад. Хайр, - рӯ ба Фарангис кард Птоломей, - ба қавли суғдиҳо, хуш бош!

Фарангис чӣ тавр ба кӯшки марҳум Таҳмурас - собиқ ихшиди Мароқанд омаданашро ҳам надониста монд. Дар кӯшк ӯро духтару наздикони Таҳмурас бо меҳрубонӣ истиқбол гирифтанд ва ба ифтихори ӯ хони бегоҳирӯзӣ оростанд. Вале ба дили духти Пуришасп ҳеҷ чиз намеғунҷид. Ниҳоят, Фарангис рӯйи бистари нарм гӯшвораи бародараш дар даст мисли фарди дардманду хаёлӣ то дергоҳ нишаст ва танҳо поси шаб ӯро хоб рабуд. Дар хоб бародараш ӯро аз пешониаш бӯсида, миннатдорӣ мекарду мегуфт:

« - Ту ғами беҳуда махӯр. Рӯҳи ман осуда аст, хоҳарҷоно! Ту низ осуда бош, хоб бикун, фароғат бикун!...»

Зариршоҳ писари аз ҳама хурдии марҳум Таҳмурас хешро ба Фарангис ошно сохт ва раҳораҳ савораи гардунаи чаҳораспа сӯҳбате доштанд.

-- Вақте ки ман дар хизмати Дорюш ва дар сарпаноҳи ӯ таълиму тадрис мегирифтам, Искандар форсзаминро тасхир кард ва баробари сий ҳазор нафар асилзодагон маро низ ба Юнон фиристод. Мо дар он ҷо забони юнонӣ, саноеи низомии баҳрӣ ва фалосифаи юнониҳоро омӯхтем. Ҳатто боре ба мо Аристотолис ном олим ҳам дарс гуфт. Аз ростӣ ки чашми мо андаке нисбати оламу одам кушода шуд. Ниҳоят, маро ба Мароқанд даъват карданд, ки падарро кушта ва бародарро сӯхта дарёфтам. Искандар дилбардорӣ медод ва ниҳоят маро ба ном ихшиди Мароқанд таъин фармуд. Ба ту маълум аст, ки ин вазифа танҳо ба ном аст, то мардум ба ошӯбу исён наоянд, вале ман пайваста ба танзими шаҳрдорӣ омӯхта мешавам...

Фарангис ба чашмони барқпоши Зариршоҳ дида дӯхт, дар он ҳамдиёри хешро, ки таълиму тарбияи юнонӣ гирифтааст, дарк намуд. Бале ӯ ба назар мароқандӣ менамуд, вале дар асл ғуломи зархариди Искандар буду бас. Мӯйи сари қавҳарангаш то буни гардан фаромада, хушзавқ, боэҳсос, забонаш то андозае ба суғдӣ намепечид. «Бечора тифлонро саргардони тақдиру тақозо сохтаанд ва имрӯз кӣ будану чӣ ният доштани онҳоро касе сарфаҳм намеравад. Эҳтимол, ӯ имрӯз ҷосусе беш нест».

-- Ба ту юнонзамин маъқул аст? - ягона ҳарфе, ки дирӯз боз Фарангис ба забон овард, ҳамин буд.

-- Бале. Рӯдҳои зарфишони Фракия, ҷангалзорҳои ҳамешасабзи Мақдуния, тепаҳои хурд-хурд, вале махмалии иллирийҳо, мардони бо нангу номуси фессалиҳо, духтарони қашангу пуришваи эпириҳо ва шаҳрҳои бузурги Юнонзамин басо ободу зебоянд. Фарҳанги волои онҳо, муҷассамасозиҳо...

Фарагис дигар ӯро гӯш намекард ва ба худ мегуфт, ки бечора ҷавон ва аз улуму хирад ва қомуси мо бехабар, албатта, ӯ гуноҳе надорад...

Вақте ба қабристони умумии мароқандиҳо дохил шуданду Зариршоҳ қабри обод ва хоксоронаи Сапитамонро ба вай ишора кард, он вулқони ботиние, ки чанд рӯз ин ҷониб дар гӯлуи Фарангис мепечид, якбора битаркид:

-- Оҳ, бародарам, баҳру барам, бародари шаҳиду сафдарам! Оҳ-оҳ!... Э-э...вой-е!!! -- Чанд муддат духтар қаброо ба оғӯш кашида ашк мерехту ба хоки санги қабр гӯё омехта мешуд. Ниҳоят, ӯ ба навҳахонӣ пардохт:

-- Паҳлавони номдорам, родмарди нишондорам, бародарам! Номардона бикуштанд, он бадсиголон, кӯрдилон, тарсрӯён шуморо. Суғдзаминро бе ҳомӣ, бе доҳӣ сохтед, бародарҷон! Ҳама имрӯз нотавон шуд, бенавою бебақо шуд. Бароед охир аз ин хок, бародарҷон! Кунун имрӯз дигар баномусе нест, ҳама рӯбаҳмиҷозу қаллобу ҷосуси беномусу думравонанд, бародарҷон! Замона касифу тамаъхоҳ, айёшу шумнигоҳ шудааст, бародарҷон! Дили шумои азизро нафаҳмиданд, бародарҷон, бародарҷон! Аҳ-ҳа-а... Э, вое-е... маро ҳам бо худ гиред-е... Дигар дар ин замонаи шуму дунпарпарвар наметавонам зистан-е, бародарам!... Духтарон бепадару бесаробон, суғдзамин ҳайрону нолон-е, бародарҷон! Рӯди Зар дар дасти гургон-е, дар банди нодон-е, бародарҷон. Аҳ-аҳ-аҳ-ҳ-а!...

Зарипшоҳ бо сари хам менишасту аз навҳахонии Фарангис гӯё сабақе мегирифт. Ногоҳ дар дидаи ӯ низ наме пайдо шуд ва оби чашмаш бари рӯй хате кашида, ба назди Фарангис омад. Ӯ бо як меҳрубонӣ аз китфони духтар гирифта, дилдорӣ медод. Вай хоҳари Сапитамонро ба ароба савор карду ҷониби шаҳр равон шуданд.

Писари Таҳмурас гӯё хоб буд, дар хоби ғафлат, ки пас аз

ин воқеа бедор шуд. Рӯзи дигар вақте ки Фарангис азми баргаштан дошт, ба вай гуфт:

-- Ба назарам рӯҳи Сапитамон ба ман асар карда ва маро ба роҳи ҳақиқат раҳнамойи мекунад. Ман ба худ омадам. Минбаъд бо роҳи Сапитамон хоҳам рафт. Маро бубахш, Фарангис! Ҳолате ки аз ин пеш, аниқтараш дирӯз доштам, дунёи дигар буд, хаёли бесар буд. Имрӯз олами дигару рӯзи равшан аст. Ман ба истиқболи ту, албатта, ба Панҷакат меравам. Шод бошу хуш бимон. Дил қавӣ дор, Фарангис!

Духтар нахустин бор табассум намуд, ки дар ёди Зариршоҳ ин табассум абадӣ бор оварду нақш баст.

Офтоб тулӯъ мекард. Офтоби гарму рӯшану покиза! Фарангис ба ҷониби офтоббаро бирафт. Вай гӯё ба хонаи офтоб рафта буд. Зеро офтоб ҳаёт аст!

БОБИ НУҲУМ

САФАР БА БОБУЛ

Шоҳро беҳ бувад аз тоъати садсолаву зӯҳд,
Қадри яксоата умре, ки дар ӯ дод кунад.
(Хоҷа Ҳофиз)

Рухшона поси шаб ва бемақеъ аз хоб бедор шуда, рӯи долон баромад. Посбонҳо дар адои хизмат буданд. Шаҳбону ба онҳо эътиборе надода ба яке аз курсиҳои айвони баланд нишасту ба худ андешид, ки чаро ӯ дар ин бевақтӣ аз хоби ноз хеста, бероҳат шудааст. Бори чандум,ки чунин ҳолат такрор мешавад. «Дирӯз бевақт хобидам, эҳтимол аз ин сабаб бехобӣ мекашам». - ба худ мегуфт духтари Уксорт. Ногоҳ ба ёдаш расид, ки ӯ дар шаҳри Пасаргард аст. «Оҳ, шаҳри азизам Балх! - мегуфт ба худ Шаҳбону, - Бо ту падруд гуфтан пеш омад. Надонам, ки боз дидани ту насиби ман мегардад ё як каф хоки ман низ мисли ҳазорон варзрӯдиву ориёиҳо ва ҳиндуҳо дар сарзаминҳои бегона мемонад? Ҳукми тақдир маро то ба кучо мебурда бошад? Магарам маро безабонӣ, безамонӣ ва бемаконӣ насиб мешавад? Чӣ илоҷ. Ба ҳар куҷое, ки барад Ҳурмуз бо мост, Меҳр дарёст!...»

Рухшона ба осмони лоҷварди пурситора нигарист. Ба назараш имшаб ахтарон гӯё дурахши махсус, тобиши равшантар доштанд. Вай ҳеҷ гоҳ ситораҳоро ба ин зебойи ва равшанӣ надида буд. Ногоҳ ситорае канда шуда, тирвор ба сӯе парвоз кард.

-- Куҷо рафт! - гуфтанашро худаш ҳам надониста монд ва ӯро ба хаёл овард: «Баъзе касон гӯянд, ки рӯҳи одаме аз колбуд ҷудо шуда, ба яке аз ҷурмҳои осмонӣ мепайвандад ва аз он боис ситора мепарад. Аҷиб. Як ҷурми бузурги осмонӣ ба ҷони одамият чӣ қаробат дорад? Эҳтимол, ҳар шаб ҳазорҳо одам мемиранд, вале чанд ситораи башумор мепараду бас. На, бояд маънии дигаре эҷод кард. Шояд ин ситораи кандашуда, ба ёрии ахтари дигар мешитобад ё ба васли ёри муносиб мерасад? Охир, вай ба поён канда шуда намеафтад, бал-

ки ба сӯе равон мешавад, ки ӯро интизор аст. Ба ҷуз ошиқ кист, ки чунин даву тоз мекунад? Бале, ошиқе ё маъшуқае, дилдодае ё ҷononае!..»

Шаҳбону бихандид ва ба ёдаш Фаридуни азизаш бирасид, ки ӯ ҳоло дар Балх монда буд. Рухшона оҳи амиқе кашида, боз ба осмон нигарист. Ситораҳо чашмак мезаданд. Ҳавои софу серун ба кас ҳаловат мебахшид. Шаҳбону бари куртаи дарози шабпӯшиашро саҳл бардошта, бо паллаи[1] қабл аз ин Полисперхонт тӯҳфа кардаи хешро печониду вориди хонааш шуд.

Бо даъвати Шаҳбону Фаридун ва пешхизматонаш ба Пасаргард ҳозир шуданд. Рухшона ӯро қабул кард. Вазирзодаи саразмигӣ бардаму солим, сару либосаш низ ороста ва асобағали аз устухони фил фармудааш низ ба ӯ мезебиду табасумкунон ба Рухшона менигарист. Нигоҳҳои ӯ забон дошганд аз муҳаббату самимият, аз меҳру садоқат ҳарф мегуфтанд.

-- Дабири китобдорро маълум бод, ки пагоҳ мо бо амри тақдири каҷабоз роҳ ба сӯи Румро мегирем. Оё туро ҳамроҳи мо рафтан хуш меояд ё? ... - шаҳбону хомӯш нигарони посухи дилододааш шуд.

Фаридун дастаи асобағалашро сахттар фишурда, ҳалимона муроҷиат кард, ки ба ҳаяҷон омаданаш рӯирост маълум шуда меистод:

-- Ман гумон мекардам, ки ту ба Суғдиёна бармегардӣ. Ё ин иқдоми ғайриимкон аст?

-- Бале. Чораи дигар нест. Ба назарам Суғдиёнаи азизро дар хобҳои ширин хоҳам дид. Устурӯшани равшанмакон бошад, ҳамеша дар ёду андешаҳоям хоҳад монд ва як каф хоки он марз ҳамеша бо ман аст. Агар ту майли бозгашт ба Панҷакатро дошта бошӣ, беибо сухан гӯй ва бо амри дил амал намо. Ту мисли мурғи озод ҳастӣ ва касе садди роҳи ту нахоҳад шуд.

Фаридун ба хаёл рафт. Ниҳоят, оҳи амиқе кашида, сар боло карду гуфт:

-- Мебинаму дарк ҳам мекунам, ки ҳастии ман дар хаймаи дили ту дигар ҷой намегирад. Ин андешаро боре

[1] Палла - /ба юнонӣ/ плаш ё ҷомаи беостини рӯйпӯш, ки зери гардан як дона тугма низ дошт.

Нӯзаршоҳ ҳам гуфта буд. Вале умр беҳуда нагузашт: ман каси дигару ройи бағоят судбахшро кашф кардам - лаззат гирифтан аз китобҳо! Нияте дар дил мепарварам, ки дар Панҷакат қасри фарҳанг таъсис бикунам ва толибилмонро гирди хеш ғун оварда, китобхонаи бузурге созмон диҳам. Инчунин оиди таворихи Суғдиёна, корнамойии Сапитамони родмард ва анбозони фидоиёнаш китобе хоҳам навишт.

Рухшона ба андеша рафт ва ниҳоят гӯё дилаш ба қароре омада бошад, афзуд:

-- Бале. Ба ҳар ҳол ту хушбахт мешавӣ. Ба худат муносиб маҳбубае интихоб куну зиндагӣ ба даст бигир.

-- На, - сар хам оварда Фаридун, - ман дигар ёди ошиқу ёрӣ накунам. Дар дил як ёр ҳаст ва ҳоҷат ба ағёр нест. Ман, - як лаҳза хомӯш монда лаб фурӯ баст Фаридун ва ниҳоят бо як далерӣ ба суханаш афзуд:

-- Муҳаббати хешро бо тамоми тафсилоташ бояд дар он китоб нависам!

Рухшона бо як назокати ба худ зебанда бихандид.

-- Бигузор. Вале зиндагӣ қонунҳои хешро дораду устоди устодон аст.

-- Эҳтимол, аммо вазъият дар Рум чӣ тур аст?

-- Ҷашну сурҳо дар Пасаргард ва дар Бобул ниҳоят дар авҷ аст. Хонадоршавии румиён ба духтарони ориёиву варзрӯдӣ ба шакли анъана даромадааст. Бархе канизону асилзодагонро бурданд. Ҳатто Апомаи азизи маро ба Селевк бахшиданд. Хоҳарашро ба Кратер. Худи Искандар ба ду духтари Дорову Оҳ хонадор шудааст. Роҷеъ ба хабри Полисперхонт гӯё Искандар иттилоъ додааст, ки аз Рухшона фарзанде падид наомад, аз ин сабаб издивоҷ кард. Ба назарам худи Искандар безуриёт аст, зеро на аз Барсина, на аз Равшанак ва на аз дигар занҳои ҳабашиву мағрибҳояш то ин дам халафе ба олам наомада.

Бори дигар хонадор шудани Искандар табъи Рухшонаро вайрон накардааст, танҳо сухани Статира, ки пас аз издивоҷи Искандар, аниқтараш рӯзи дигар эълон кардааст, ки ҳамсари ҳақиқии Искандар танҳо ӯст, боқӣ каниз хоҳанд шуд. Дар ин бора шаҳбону ба Фаридун чизе нагуфт ва дар ҳини хайрухуш ба ӯ бо овози паст муроҷиат кард:

-- Маро бо некӣ ба ёд ор. Ту одами доно ва хирадманд ҳастӣ ва ҳақ надорӣ, ки биранҷӣ.

-- Хуш бошу ҳамеша сарбаланд бош, шаҳбону. Ба ҳар ҳол туро имшаб бори охирин интизор мешавам...

Рухшона ба соҳиби ишқи аввалинаш чокару аробаҳои пурбор тӯҳфа карду ба хонаи хосааш даромада, то дергоҳ ашк рехт. Ашки ҳасрат, ашки ҷудойи. Ашки алам аз тақдир...

Пагоҳии рӯзи дигар Полисперхонт хабар овард, ки лашкари Искандар ба Бобул кӯч бастааст ва онҳоро лозим аст, ки ба он шаҳр раванд.

-- Хайр Бобул бошад, Бобул-дия, азизам!

-- Хотири шаҳбону мушавваш менамояд?

Бале. маро суханҳои духтари Дорюш сахт расидааст, - воқиаро ба Полисперхонт нақл кард шаҳбону.

-- Ҳо-о... Ҳоло ин аз нӯги хамир фатир аст, маликаам. Дар сарзамини мо рашку ҳасад, дасисаҳо хеле арзон аст. Вале шумо дил шод доред, зеро минбаъд ҳамеша ба ман такья бикунед, ки ман чорасоз хоҳам шуд, шаҳбону. Акнун чашми дили ман ҳам кушода шудааст ва омодаи интиқом хоҳам шуд. Муҳити румиёну юнониҳоро ман хуб медонам ва корҳоеро низ ба субут хоҳам расонид, ки Искандар ангушти ҳайрат хоҳад газид.

Полисперхонт аз дар баромаду Рухшона хешро ба оғуши андешаҳо андохт: «Падарам чунон гирифтори молу ҷоҳ, ки боре хабаргириам намеояд. Мегӯянд, ки ӯ дар хиттаи Зобулистон ба худ қасрҳо месозад. Ба вай чӣ даркор бошад? Мансаб ҳатто аз меҳри фарзанд ҳам бузургтар будааст! Чӣ қадар ӯ маро дӯст медошт. Ман ҳам гӯё бе вай зиста наметавонистам. Ҳар куҷое, ки мерафт маро ҳамроҳи худ мебурд: ба Мароқанду Чочканд, ба Истаравшану Хуҷанд, ҳатто ба Хоразм! Рӯзе набуд, ки шатранҷ назанем, суруд нахонем, чӣ афсонаҳои аҷибе мегуфт - ба як ҳарф падари ҳақиқӣ буд! Акнун ақаллан номае наменависад, то аз аҳволам бохабар бошад. Ё вазифаашро иҷро кардааст - вазифаи падариашро? Бародаронам ҳама айёшанд, ишратхоҳанд. Ё худи ман гунаҳкорам? Мешунавам, ки маро якраву яксухан мегӯянд. Хайр, ин ба кӣ осеб расонидааст, ман киро ранҷонидаам? Бо дунёи дили хеш, бо феълу атвори худ зиндагӣ мекунам ва аз ин лаззати ба худ хосе пайдо месозам. Филҷумла ба ҷуз Полисперхонти юнонӣ маро дигар касе нест. Искандар ба ман тан намедиҳад, ман ба ӯ. Вақте ки маро ба ӯ никоҳ карданд,

пас аз ақд хост, ки коми дили хеш аз ман ёбад, ба китфам даст гузошт. Чунон таконе хӯрдам, чунон хӯсидам ва гумон кардам, ки ин дасти одамӣ не, балки наъши сардгаштаи иблисе бошад. Инчунин аз даҳонаш бӯи шароб меомад. Аз ин рӯ ба шоҳ гуфта будам:

-- Маро алайҳи шаробхӯрон меҳре нест, агар хоҳӣ, ки муносибати мо муқаррарӣ бимонад, имрӯз маро танҳо гузор.

Шоҳ низ чизе нагуфт, ҳатто ҳарфе ба забон наовард ва бадар рафт. Дар ин хусус вай мардона рафтор кард.

Корвони Полисперхонт ва Рухшона, ки азми сафари Бобул карда буд, ба роҳ даромад. онҳоро беш аз ҳазор нафар чокару надимони румӣ ва шашсад нафар аскари варзидаи форсӣ ҳамроҳӣ мекарданд.

Аробаҳои қатор, савораву пиёдаҳо, ҳой-ҳойкунон ҷониби офтобнишин ҳаракат мекунанд. Вале офтоб кайҳо аз назар пинҳон шуда, дар ишқи худ абрҳоро оташ мезаду месӯзонид. Уфуқ месӯхту месӯхт.

ҒАВҒО ДАР БОБУЛ

Чӣ андоза бераҳму бадкирдоранд одамон.
/Зардушт/

Писари Файлақус пас аз сафари Ҳиндустон хешро ба андозае музаффар ва тавоно ҳис кард, ки дар шаҳри Писаргард, сонитар дар Опид ном ноҳия ҷанговарони пиру барҷомонда, бемору захмёфтагонро озодӣ бахшид. Вале чун мақдуниҳо огоҳӣ ёфтанд, ки баробари корношоямони ҷанг як гурӯҳи калони ҳамватанонаш низ озод карда шудаанд, ба ғазаб омаданд. Сабаби асосии ба ғазаб омадани аскарони румӣ дар он буд, ки ба қавле дӯстонашон чокарони содиқи румӣ, фессалӣ, юнонӣ ва дигарон, ки «озодии Искандар»-ро гирифта буданд, на ҳама ба Ватани хеш саломат баргаштаанд. Роҷеъ ба ахбори Искандар он пирони барҷомонда ва маҷрӯҳонро ба пушти кадом як кӯҳи беобу гиёҳ, гурӯҳи дигарро ба ким-кадом саҳрои марг бурда партофтан амр карда будааст. Ниҳоят, маълум шуд, ки ин «корношоямҳо» касони ба андешаи Искандар зид баромадагон, равшанфикрону ҳатто асилзодагонанд. Вақте ки ин амр рӯйи қоғаз ба таври

фармон омад ва Искандар дар он имзо гузошт, шӯру ғавғои маҳшар барпо шуд. Ҳозирон фарёд мезаданд:

-- Бигузор, Искандар ҳамаи аскаронро озод бикунад!

-- Искандар моро нахоҳад, ба ҳузури «падар-худояш» - Амон биравад!

-- Шоҳ минбаъд бо раққосаҳояш ба сафар барояд, на бо мо!

-- Шоҳ аз худ рафтааст, канӣ бигӯяд ҳамаи ин ғалабаҳоро кӣ ба даст овард? Пиру барҷомондагон дар куҷоанд?

Искандар чашмдошти чунин шӯру қиём набуд, ки бесаброна ба дохили аскарон даромада, чанд нафарро задаву муштборон кард ва сездаҳ нафар шӯришгарро ҳабс фармуд. Аз ҷаҳл ҳолаташ тағйир ёфта, мисли хурӯси ҷангара суп-сурх ранг гирифтаву пас аз андаке тамоман гӯё бехун шуда ба чодараш даромада рафт. Сари ҷаҳл амр дод, ки сездаҳ нафар сарони шӯришгар қатл карда шаванд. Ду рӯз аз чодараш набаромада ва амалу лавозимоти ҳарбиро ба форсҳо тақсим карда, ба муҳофизати худаш аз хешовандони Дорюш сипоҳиёни варзидаро таъйин кард.

Ҳарчанд ки аскаронро бо Искандар яке аз сарҳангони пири донишмандаш - Каллин оштӣ дода бошад ҳам, нобоварӣ ба шоҳ боқӣ монда буд. Каллин аз номи Искандар ба ҷамъомадагон эълон кард, ки минбаъд шоҳ бархе мақдуниҳоро хешу ақрабои худ мешуморад. Аскарон аз ин қавл осуда шуданд. Вале рӯзи дигар даҳ ҳазор нафар корношоями ҷанг бо роҳбарии Кратер ба Мақдуниё рӯ ба сафар оварданд. Дар дасти Кратер фармони шоҳ дар бораи волии нави Мақдуниё таъйин шудани ӯ буд. Он Антипатр, ки солиёни дароз волии Рум буду амру фармонҳои Искандарро ба ҷо меовард, ҳеҷ шуд. Ин ҷо шикоятномаҳои пай дар паи модари шоҳ Олимпиада низ кора карда буд.

Искандар ба худ андешид, ки Олимпиада мисли модаркалонаш Евридика якраву ҷоҳил аст. «Ҳатто падарам аз бибиам метарсидааст, ки мабодо ӯро кушад» - ба ёд овард шоҳ ва боз афзуд: «Дар қаламрави мо зан аз болои мард ҳукмрон аст, чин занад. Дар Машриқзамин ба ҳар оин ин тавр не!...»

Кратер боҷаи Искандар дар вазъияти хеле вазнин, дилмнодилам ҳаракат мекард. Вай фаҳмид, ки ба ҳузури Антипатр рафтан, тоҷу тахтро аз вай гирифтан, хавфи ҷангу маргро дорад.

Искандар низ медонист, ки Антипатр холисона кор ва фаъолият бурдааст, вале ҷомиаро оромӣ бахшидан аз ҳама муҳим буд. Шоҳ боре мактуби Антипатрро гирифта, аз мазмунаш огоҳ шуд, ки Олимпиада пайваста ба корҳои давлат дахолат мекунад ва ӯро бо тӯҳмату суханҳои носазо муттаҳам месозад. Искандар пас аз хонда шудани мактуб бо овози шунаво ва фахр чунин гуфтааст:

-- Як қатраи ашки модар ҳарфҳои даҳ ҳазор мактубро хоҳад шуст!

Искандар аз Антипатр меҳаросид. Ба қавле кушта шудани Парменион, Филот, Клит, Каллисфен ва дигаронро сахт маҳкум кардааст. Аз ин чиҳат ӯ хавф мебурд. Ғалабаи ӯ аз болои шӯришгарони юнонӣ, кордонии Антипатр ба Искандар нафорида буд. Як гурӯҳ одамоне буданд, ки пайваста Антипатр ва писари ӯ Кассандрро бадгӯйи мекарданд. Ҳарчанд ки Искандар ба ин гуфтугӯйиҳои ғаразнок бовар намекард, вале нисбати вай душман шуданашро ё моил буданашро худаш ҳам тан гирифт.

Кратер қасдан ба Мақдуниё намерафт. Ӯ дар шаҳри Киликия бемориашро баҳона карда, муқимӣ шуда буд. Вай як қисми аскаронро озодӣ бахшида чӣ гуна рух додани воқиаҳои минбаъдаро таҳрезиву мушоҳида мекард. Марди оқил ва дурандеш буд Кратер.

Соли 324. Фасли тирамоҳ дар назари Искандар гӯё ба ҷуз баргрезонӣ дигар коре надошта бошад, баргҳои тиллогунро пош медоду мерехт. Боди самум ва сард вазида, саҳаргоҳон рӯйи сабзаҳоро яхчапӯш сохта буд. Искандар, Гефестион, Кратер, Уксорт, Пердикка ба ҷашни Меҳргон озими шаҳри Истахр шуданд. Ҷашни бузурге барпо шуда буд ва Гефестион аз ҳама бештар шодӣ мекард. Ҳатто вай ба аспе нишаста, сайргоҳро давр зада омад. Таассуроти ҷашни Меҳргон хеле ғанӣ ва мароқангез буд. Тамоми шаб базму шаробнӯшӣ, паёпай бозиву ханда ҳукмронӣ дошт. Ниҳоят, меҳмонҳо ба шабистони хеш ба хоб рафтанд. Субҳидам надими хосаи Искандар ӯро бедор кард ва аз вафот ёфтани Гефестион хабар расонид. Искандар «ваҳ!» - гӯён як қад парид. Гумон кард, ки сӯиқасди наве ба амал омадааст. Табиб пас аз муоинаи маит, бо аҷали худ табийи ҷон додани ӯро маълум кард. Искандар бори нахуст ашк рехт ва фармон дод, ки дар тамоми оташкадаҳо оташ хомӯш шавад, думи ҳазорҳо аспро бурида,

саросари қаламрав либоси мотамӣ, либоси одамон бошад. Искандар барои дафни дӯсти беҳтаринаш ва ёри ғамхораш, ки ба қавли ӯ ба дараҷаи хурди худойи расида буд, хароҷоти калоне сарф кард ва ӯро бодабдаба ба хок дод. Шоҳ беш аз як моҳ азодорӣ кард ва зимистони ҳамон сол ба сафари ҷангчии охирин камар баст. Ин сафари ҳарбӣ ба муқобили коссетҳо,ки дар кӯҳҳои Байнаннаҳрайн гӯё ба ғоратгариву авбошӣ машғул будаанд, оғоз ёфт.

Ниҳоят, пас аз бо футӯҳот ба анҷом расидани ин сафар, вай ба Бобул, ки пойтахти хеш буд, қадам ниҳод. Вай гумон кард, ки дар Бобул осоишу фароғат меёбад ва пешакӣ дӯстони ҳамқадаҳаш Медий, Иоллай, сонитар Неарх, муҳофизатгари зарофатгӯяш Евмен ва чанде аз базмороёни форсӣ, ки акнун онҳоро хешу ақрабояш мехонд, базмгоҳе оростанро фармуда буд. Ин кори шоҳ, албатта, воҷиб шуда, барои ӯ қасру работҳои беҳтарин, чаҳорбоғу гулгаштҳои шоҳона, ҳавзҳои мармарӣ ва парандаҳои нестандарҷаҳонро муҳайё карда буданд. Қолиҳои фароху вазнин ва ранг ба ранг девору фарши ин қасру кӯшкҳоро оро медоданд. Ҳар куҷо дар вағнҳо оташ забона зада, ходимони ороставу пероста ба хидмат омода буданд. Чун Искандар ҷиҳозу ороишотро бидид, ба вақд омада:

-- Куҷост Доро, куҷост Пур, ки ин аломатҳоро медиданд. Ҷин занад, боре гуфта будам, боз мегӯям: «Шоҳ будан чӣ тавр хуб аст!» Писари Файлақус пас аз духтари дигари Дорюшро гирифтан ӯро боз ҳам эҳтиром мекарду ба расму оинҳои эронӣ таваҷҷӯҳ зоҳир мекард. Аз ҳамин хотир ба худ гуфт: «Дорюши падарарӯсам шоҳи доно буд. Ба як қавле, мардуми оддӣ ҳамеша аз ӯ қаноатбахш будааст. Вай агар андоз ғундорад ё ҳашаре кунад, аз амлокдору тоҷирон ва ҳатто аз дарбориёнаш низ баробари халқи заҳматкаш ҳақ мегирифтааст. Ин ҳолат, албатта, ба мардум писанд меомад».

Искандар мувофиқи андешаи хеш пас аз як ҳафта сарлашкару сарҳангонашро ба ҷаласае даъват карда, амр фармуд, ки ба сафари ҳарбии калон омодагӣ бинанд. Ин сафари ӯ бояд забт кардани бархе сарзаминҳои қаламрави Гибралтар, сипас Арабистон буд.

Ӯ ба амирулбаҳр - Неарх, ки роҳбари кулли сохтмони киштиҳои ҷангӣ, бандарҳо буд, омода сохтани ҷавонон ба

ҷанг ва гирд овардани мутахассисони киштисозро сахт таъкид кард. Ногоҳ ба ёди вай бандарҳои кӯҳнасохти Мақдуниё, ки Ферм ва Пелла ном доштанд, расид. Шоҳ ба маънии: «Ҷин занад, онҳоро!» даст афшонду беписандона аз тиреза ба берун нигоҳ афканд. Аз дур кӯҳҳои Балкан намудор буданд. Искандар ин кӯҳҳоро бо қуллаҳои Ҳиндукуш баробар карду хандид, ки маънии: «магар инҳо кӯҳанд?...? Инчунин дар пеши назари Искандар чунин менамуд, ки корҳои ӯ мувофиқи нақша рафта истодааст, вале кадом як қуввае барои бовар кардан ба ин ҳақиқат монеъ буд. Вай ҳис мекард, ки бархе корҳои анҷом додаи ӯ бебақоанд ва сафари пеш гирифтааш низ беқурб аст. Вақте ки ҷаласаи ҳарбӣ анҷом ёфту вай дар утоқи бузурги шоҳона танҳо монд, ба баҳри андешаҳо ғӯта зад: «Роҷеъ ба хабари воқеанигорону қосидон дар Суғду Хоразм, дар Марву Ҳинд ӯрдугоҳи моро вайрон карда, волиҳои румиро куштаанд ё зӯран «гусел кардаанд». Ҳатто шаҳрҳое, ки ман сохта будам, ба вайрона табдил дода шудааст. Дар пеши назарам асилзодагони юнонӣ маро тан нагирифта, масхараомез гуфтаанд: «-- Агар Искандар худо шуданро хоҳад, бигузор худо бошад! Барои мо ҳеҷ фарқе надорад. Чӣ хел ки мегӯянд: «Як сару сад хаёл». Инро спартавиён гуфтаанд. Хайр, алҳол лақида истанд, сонитар ҳисобро бо онҳо баробар мекунем. Ман барои ин мардум чаҳор самти дунёро забт кардам, фарзандони онҳоро ғаниву сарватманд гардонидам, мамлакатро пури молу ашё кардам, боз ҳам онҳо аз ман қонеъ нестанд. Ба назарам, ҳеҷ гоҳ қонеъ нахоҳанд шуд. Ё тавба! Чӣ хел ношукр ва беоқибатанд онҳо! Қариб аксарияти эшон лоақал шутур ё филро, муҷассамаҳои гуногуни устухониву чӯбиро, барзаговҳои ҳиндувонӣ, зару зевар ва абрешими суғди форсиро дар хоби шабашон ҳам надида буданд, ки ман барояшон овардам. Ҳазорҳо паривашонро ба онҳо бахшидан, ғуломҳои ҳунарманду бафарҳанг тӯҳфа кардам.... Э худо! Ин чӣ бедодист?! Ҳатто, устодам Арасту аз ман қаҳр кардааст! Модари азизам ба ҷои он, ки маро оғӯш кушода истиқбол гирад, аз ман талаби андози чандсоларо мепурсад. Ё тавба! Модари худам-а. Ба назар чунин мерасад, ки ман аз ин олам нестам, бегонаам ё аз ҳад зиёд башуур шудаам, ё шайтони беақл! Агар ҳамаи ин некиҳоро ба Дорюш ё ба подшоҳи Ҳабаш мекардам, намедонам қадри маро то ба куҷо мебардоштанд.

Эҳтимол, бароям ҳайкали тиллойи мегузоштанд! Аз ростӣ, ки форсҳою суғдиён, бохтариён, ҳиндуҳо қадрдонанд, одамшиносанд. Агар ба падару модарашон, ба дину забон ва расму оинашон кордор набошӣ, тамоми чизҳоро ба ту мебахшанд. Чӣ қадар бузургу олиҳимматанд онҳо! Баандеша, нармсухан, меҳмондӯст, меҳнатзо...

Ҳамсари азизам, Рухшона! Ту чӣ сон зебою қашанг, вале бароям доимӣ дастнорас ҳастӣ! Овозаҳое ҳастанд, ки вай ҳомила аст. Хайр, бигузор чунин бошад. Ба маънии том ӯ шаҳбону аст, фариштаи осмонӣ аст ва боқӣ канизе беш нест! Ба назарам обистан шудани вай эҳтимол аз ҷирмҳои осмонӣ бошад. Далеру нотарс, қавиирода, вале якраҳа! Дигар ин ки мардум маро минбаъд безуриёт нахоҳанд гуфт. Месазад, ки ӯро ҳамсари Искандар бихонӣ. Умуман, суғдиён нисбати дигар қавмҳо худдонаму далертаранд! Имрӯз бояд ба ҳузури шаҳбону рафт...»

Ҳамин вақт надим хабар овард, ки дӯстонаш ӯро мепурсанд.

-- А-аҳ... Дӯстони ҷонии ман ё қадаҳу нонхоҳи ман? Чӣ илоҷ аз душман гурехтан мумкин, вале аз дӯст роҳи гурез нест...

-- Аз дӯст мурда халос нашавӣ, зинда паноҳ нахоҳи ёфт! - ногоҳ ба забон омад надим.

Искандар бо ҳайрат ба надим нигоҳ кард, ки бори аввал ин хизматгор ба ӯ - шоҳи ҷаҳон - беистиҳола ҳарф мегӯяд. «Ин чӣ тадбир ё фоле бошад? Бад аст ё нек?» - ба худ меандешид Искандар. Шоҳ ба кӯшки худ равон шуду андешаҳо ӯро ба чанголи хеш мегирифтанд: «Боре шахси девонае бо либосҳои подшоҳӣ тасодуфан ба тахтгоҳ ворид шуда, рӯйи курсии ман ба тахт нишаста буд. Ӯро қатл фармудам. Касе гуфтааст, ки ин фоли бад аст. Инчунин пеш аз марги Гефестион хабаре шунидам, ки Аполлодори сарҳанг аз бародари фолбину дурандешаи Пифагор мактуб гирифтааст. Дар мактуб Пифагор навиштааст, ки ба қарибӣ Гефестион, сонитар Искандар ва дигар ёронаш ҷон хоҳанд дод. Боз кимчӣ хел фолҳои дигар! Ба ин гуна хату хабарҳо маро парво нест, вале воқиае, ки дар кештӣ нишаста аз кӯле мегузаштему тоҷкулоҳи подшоҳиам - дидадемаи зарринам - ба об афтод, маро ором намегузорад».

ФАРЁДИ ҒАРИБОН

Зиндагӣ бар гардан афтодааст, Бедил чора чист?
Шод бояд зистан, ношод бояд зистан.
/Мирзо Бедил/

Ду нафар пирамардони ришсафеду тануманд пайваста бо зоғнӯл замини пурсангро нармкунон суруди қадимаи юнониро мехонанд - суруди Хомерро аз китоби Илиод:

Соли нӯҳ бигзашт, аҳли байт моро интизор,
Дар миёни хона бе моянд онҳо хору зор.
Дар набарди нобаробар бенасибем аз зафар,
Гӯш бидиҳеду ба ҷо ored: мебояд фирор!
Баски бар забти Троя ҳаст кӯтаҳ дасти мо,
Бар Ватан бояд, ки мо гардем алъон раҳсипор...[1]

Яке зоғнӯл занад, дигарӣ сангҳоро дар самти хиттаи замин мисли хирман ғарам мекард. Ниҳоят, барои нафас рост кардан ба сари марз баромада нишастанду ба гуфтугӯ пардохтанд:

-- Боз баҳор омаду соли дигар низ оғоз ёфт.

-- Бале, Лисип. Акнун ту ҳам пир шудию ман ҳам. Ба ин манзил унс гирифтем, аёлу фарзанд дорем.

-- Ҳа-а... тақдир кори худашро мекардааст, дӯсти азизам, Евмен. Вале ман орзу дорам, ки ба шаҳри Афина баргардам. Ваҳ, чӣ қадар шаҳри зебову обод ва қадим аст, Афина! Мардуми Машриқзамин Афинаро Бобул ном мебаранд, ки танҳо найзаи муҷассамаи боҳашамати маъбуда Афина монанди санги маҳак аз дуродур ба назар мерасад. Ибодатхонаҳои устувор, аҷоибу ғароиби гуногун, бозору дӯкондор, рӯйи дарё пулҳои нақшинкор, биноҳои гумбаздор, эҳ боз чиҳо буда... Ҳа, байни намозгоҳи Парфанон ва Эрехфион муҷассамаи маъбуда, ки аз устухони фил ва тиллои холис бо як ҳотамкорӣ сохта шуда, ба дунё машҳур буд. Ё шӯҳрати

[1] Ин пораро аз «Илиода»-и Хомер шоир Равшани Ҳамроҳ тарҷума кардааст.

муҷассамасоз Фидддийро кӣ намедонад? Бархе ободиҳо дар ҷангҳои бистуҳафтсолаи Пелиопоннес хоку туроб шуданд. Гӯё Искандар акнун Афинаро боз мисли пешина обод кардан будааст. Бо чӣ? Бо зулм? Бо куштору сӯхторҳо? Чӣ қадар беандеша ва аблаҳ аст, Искандар! Қасри бошукӯҳи «Тахти Рустам»-ро, ки дар нодиракориву қандакорӣ асари нотакрор буд, дар Ҳамадон оташ зад.

-- Мебинам, ки ту тайи ин солҳо Ватанро фаромӯш накарда, майли ба Афина рафтан дорӣ. Рост аст? - дастаи зоғнӯлро ба санге зада пурсид Евмен.

-- Оҳ, ба захми ман намак мапош, дӯстам! Кӣ мехоҳад, ки ғариб бошад? Оҳ, Афинаи азизам!...

-- Эй, марди худо! Афинаро мону зоғнӯлро ба даст гир. Вагарна бе нону бе ғизо мемонӣ. Дидӣ, фарзандат нону хӯрок оварда истодааст, бачаҳоятро чӣ кор мекунӣ? Ё боз гуноҳе содир карданӣ ҳастӣ? Бидон, ин дафъа худо намебахшадат.

Ду нафар писарчаи бӯхчабадаст аз байни харсангҳо гузашта, ба сӯи онҳо меомаданд. Онҳо фарзандони Лисип ва Евмен буданд.

Лисип як нигоҳ ба онҳо дида дӯхту ашк аз дидагонаш бари рухсораву риши сафедаш шорид. Евмен зоғнӯл мезад ва сангҳоро ҷудо карда, бо иддао як сӯ мепартофт. Лисип пои бараҳна мисли одами бемор лангон-лангон паси харсанги калон ғайб зад.

«Ӯро беҳуда ранҷонидам. Чӣ даркор буд ин суханҳо?» - хешро мазаммат мекард Евмен ва ба андешаҳояш идома дод: «Вай марди соҳибҳунари воломусаввир буд, дар дил чӣ орзуву умедҳо дошт, то сурате кашаду дар он ғаму шодии одамонро тарҳе андозад! Акнун бо амри тақдир тамоман сӯхту хокистараш монд!...»

Лисип паси харсанги хонамонанд гузашта, он қадар бо алам гиря кард, ки чашмонаш сурх шуд, оби дидагонаш остину гиребони куртаашро тар намуд. Вай бо овози паст нолаю фиғон мебароварда:

-- Чаро ин қадар бераҳму сахтгир аст ин гетӣ? Чаро одамӣ бо майли худ, бо хоҳиши некаш зиста наметавонад? Ман чӣ гуноҳ кардам, ба кӣ бадии ман расид? Оҳ, худованди биною тавоно! Чӣ ғалате аз ман дидӣ, агар тавоно бошӣ чаро бандаи бегуноҳи ту ғарибу муфлис аст? Искандаре, ки са-

бабгори ҳамаи бадбахтиҳост, чаро ӯро ҷазои мувофиқ намедиҳӣ? Вай иблис ҳатто хешро худо мехонад, магар ту ин нуктаро эҳсос намекунӣ? Ҳазорҳо қотил, дузду авбош, фиребгару ваҳшиманишро мебинию аз кори онҳо огоҳ ҳастӣ, пас чаро ба тухми онҳо қирон намеорӣ? Чаро онҳоро саргардону хору зор намесозӣ? Чаро? Ё ашки модарон, мотаму сӯгвории падаронро кам мебинӣ? Гуноҳи Филаи азизи ман дар чист? Агар ту тавоно бошӣ, ақаллан ӯро ба ин ҷо биёвар! Оҳ, Филаи ман - Алкионаи[1] ман! Э-э кош дар саҳрои тафсон, дар байни реги оташбор ҷон медодаму ин бори ғамро намебардоштам. То чӣ андоза бераҳмӣ ту, худоҷон! Ё ягон маънии дигар ҳаст, хоҳиш мекунам, бигӯву бароям ҳамаро равшан соз?!»

-- Хайр, шуд-шуд, Лисип! Биё, дилатро холӣ кардӣ, ҳамин кофист, - шунида шуд овози Евмен, - Агар ман сахт гуфта бошам, узр. Охир, мо якдигарро мефаҳфем. Ё гумон мекунӣ, ки барои ман сабук аст, ин бори сангини зиндагӣ, бало занад ин тақдирро! Бачаҳо нигаронанд. Биё, хӯрок мехӯрем.

Евмен ба пешвози Лисип баромада, дӯсташро оғӯшкунон ба қитъаи замини хеш омаданд, ки ду нафар писарчаҳои мутаҳайир ба онҳо нигоҳкунон дастархон паҳн карда, барои падарашон ҷойи мувофиқ омода месохтанд.

-- Дада, боз ба чашмат гард афтод? - мегуфт писарчаи марғуламӯй.

-- Бале, бачам, - посух гуфт оҳе кашида Лисип ва акнун ба забони юнонӣ афзуд: -- Бачаи бегона! - гӯён аз вай рӯ тофт.

-- Ҳамеша ту беэҳтиёт ҳастӣ. Охир, дар вақти кор чашмҳоро пӯшидан лозим. Ту бошӣ, ақаллан мижа намезанӣ.

Падарон хандиданд. Евмен эҳсос кард, ки Лисип ба фарзандаш меҳри самимӣ надорад ва дар хона низ ёди Ватан карда, оби дида мерезад. Фарзанди Евмен, ки як сол аз писари Лисип калон буд, зоғнӯли вазнинро бардоштан мехост, то заминро нарм кунад, вале ҳамагӣ як ё ду бор онро бардошту тамом...

---

[1] Алкиона - /ба юнонӣ/ моҳихор. Роҷеъ ба асотири юнонӣ агар моҳихори нарина ҳалок бишавад, модинааш ҳеҷ чиз нахӯрдаву нанӯшида аз гуруснагӣ хешро нобуд месохтааст.

Тобистон мусоид омад. Ҳосил бор оварда, хӯшаҳои гандум гӯё бо эҳтиёт сар фуруд оварда буданд. Рӯзе яке аз фирориёни румӣ аз шаҳр омада, хабар овард, ки Искандар вафот кардааст ва гурезагон метавонанд ба ватани хеш баргарданд. Ин овоза чунон ба зудӣ дар деҳа паҳн гашт, ки ҳамон рӯз бархе румиву юнониён ба хонаи сардор ҷамъ омаданд. Сардор - марди қавиҳайкали бадахшонӣ - ба фирориён рӯ оварда, муроҷиат кард:

-- Мо мардуми Бадахшон аз шумо ҳеҷ бадие надидаем ва шуморо низ озоре аз мо нарасидааст. Метавонед ба ватану марзи хеш баргардед. Касе ба шумо монеъ намешавад, ё садди роҳатон намегардад, вале...вале аёлу фарзандҳоятон, ба дилу ҷигаратон низ як лаҳза бо ақли солим нигаред. Мо ба шумо манзилу ҷой, имкону ҷон додем, духтар додем. Албатта, муҷаррадон дасту пои озод доранд, вале оиламандҳо аёлу фарзандҳояшонро ба кӣ супорида мераванд? Аз Бадахшон то Юнон роҳест тӯлонӣ ва хатарнок. Намедонам бо ин аҳволи ғариб шумо ба хонаи хеш дар чанд муддат ё солҳо мерасида бошед? Ман пас аз ҷамъомади шумо ба кори худ меравам. Худатон мустақил ҳукми солим бароред. Барои ман фарқе надорад, - гӯён сардор аз хонаи хеш берун баромад. Машварати фирориён бисёр тӯл накашид. Ҳамагӣ панҷ нафар ҷавонмарди муҷаррад азми диёри хеш карданд. Дигар сиюсе нафар оиламандон дар дил санги вазнини ғам, дар чашм ашки ҳасрат, бо сари хам менишастанд.

Рӯзи дигар Лисип тани танҳо аз деҳа баромада рафт. Ҳама гумон карданд, ки вай ҷилои Ватан кардааст. Мусаввир бо машаққати бисёр болои кӯҳи баланде баромад ва дар он қулла шабро рӯз кард. Чанд бор азм кард, ки хешро нобуд созад, вале ҳар дафъа ба худ мегуфт, ки ин корро субҳидам ба сомон мерасонад.

Қарибиҳои субҳидам боз ваҷоҳаташ тағйир ёфт, асабҳояш мисли абри тираи баҳорӣ пурбор шуд ва бо тамоми овозаш фарёд зад:

-- Эй... фалак! Дар миёни кӯҳсорон, маро чун маҳбасии сахтҷон нигоҳ медорӣ. Чаро-ро-о? ... Ё, парвардигор! Дар ин макон, дар ин сангистон бе банду занҷир ба дасту пойҳоям завлона задиву кунун хандаю қаҳ-қаҳа мезанӣ! Чаро-ро-о?... Бикуш маро, бикуш! Аз ту илтиҷо мекунам, бо зорию тавалло аз ту хоҳиш дорам, ба доди ман бирас! Дастгоҳи ҳунарии

маро шикан, пойҳои маро бикан, сари маро бибур. Бигир ҷони маро, то руҳи ман ба назди Искандар равад ва қасос бигирад. Оҳ, интиқом! Ман чӣ сон ба хуни ин шоҳи ғаддор ташнаам!..- Мусаввир саропо меларзид, ба рӯю баданаш мурғак дамида, ҳатто мӯйҳои сараш аз ғазабу алам ё аз эҳсоси баланд чун нештар рост шуда буданд.

Лисип омодаи худкушӣ буд. Вай хешро ба зер андохта нобуд шудан мехост. Субҳ тулӯъ мекард. Сураткаш лаҳзае ба худ омад ва ногоҳ аз дур писарчаеро дид, ки ба сӯи ӯ чизе гуфта даст меафшонад. Лисип писарашро шинохт. Писарча сангҳоро оғӯшкунон ҷониби падараш баромаданӣ мешуд, вале боз баргашта меафтид. Дастонаш хуншор, либосҳояш пора-пора мешуданд. Беист «Падарҷонам!» - гӯён гиря мекард, мисли мавҷ ё пӯки рӯи об буду хешро ба соҳил мезад.

Лисип ба андеша афтод: «Охир, ин бача аз пушти камари ман аст. Шояд ӯ дирӯз боз дар ин пастхамӣ ҷон меканад, баҳри дидори падар, баҳри мани аблаҳ!...» Дили мусаввир гӯё об шуд, мисли мум нарму лакот шуд. Вай дар худ як қуввае пайдо карда, дод зад:

-- Писаракам, бозист! Нобуд мешавӣ, охир! Ту чӣ кор карда истодайи? Эҳ, ҷигарам-е! Мани ғариби раҳгумзадаро бубахш. Падари пургуноҳатро интизор шав, азизам!..- гӯён аз қуллаи кӯҳ мефаромад.

Вақте ки Лисип ба зер омад, писари ба хоку хун жӯлида, лабони нозуки тифлонааш парсингбаста, чашмони сабзгуни аз ашку тарс варамидаашро дида, чунон хешро ҳақиру пургуноҳ эҳсос кард, ки ҳоло тайёр буд ба зери пои фарзандаш афтаду узр пурсад. Писарча падарашро сахт ба оғӯш кашида, рӯю чашмони «дада»-ашро мебӯиду мебӯсид. Лисип низ оби дидааш шашқатор шорида, нахустин бор ин тавр фарзандашро бо меҳри гарму самимият оғӯшкунон роҳ ба сӯи деҳа гирифт. Вай ба худ аҳд кард, ки акунун ба ҳеҷ куҷо намеравад ва агар тасвир кашидан хоҳад, дар ҳамин ҷо ҳам эҷоду кор карданаш мумкин аст.

Дар деҳа ӯро ҳамсараш, дӯсташ Евмен ва дигарон бо маҳбубияти тамом пешвоз гирифтанд.

Офтоби дурахшон мисли бачае, ки «рустшаваконбозӣ» карда истода бошад, аз паси қулла хешро вонамуд карда, механдид. Ҳаво софу хуррам. Насими кӯҳсор бӯйи атрогину гиёҳу растаниҳоро ба машом меовард. Мардум досу шоха ба

даст гирифта, баҳри ғундоштани ғалладона дар саҳро кор мекарданд. Лисип ва Евмин низ бо аҳли оила ба дарави гандум баромаданд. Ин рӯзи нахуст буд, ки онҳо шоду мамнун ба зиндагии гӯё нав қадам мегузоштанд.

Рӯзи дигар тасвири нахустини Лисип дар рӯи пӯсти суфта ба қалам омад, ки «Гандумдарав» ном дошт.

СӮИҚАСД БА ҶОНИ РУХШОНА

«Ҳар кӣ ба бадхоҳии касе шодӣ кунад,
ӯро ҳамон ҳол пеш ояд».
/Аз андарзҳои ҳиндӣ/

Полисперхонт ҳоло дар Балх аз сафи чокарони балхиву суғдӣ ҷавонмардони далеру чира ва ба аҳду вафо устувореро ҷудо карда, онҳоро ба сифати муҳофизатгарони шаҳбону Рухшона ба танзим овард. Ҳатто даҳҳо нафар босаводро забони юнонӣ омӯхт. Вақте ки Рухшона аз вай ин иқдомро баҳри чӣ кор омода карданашро пурсид, вай табассумкунон посух дод:

-- Шумо ҳоло «бузургон»-и Румро, мансабдорони юнониро ҳам хуб намедонед. Шашсад нафар чокар барои шумо барин шаҳбону ҳеҷ аст. Бигузор, дӯсту душман бидонад, ки шумо кистед!

Рухшона бихандид. Аз афташ маълум буд, ки вай аз ин кор қонеъ аст. Вале Полисперхонт дар ин чанд рӯз тамоман тағйир ёфта буд: серкору серташвиш, ҳушёр, суханҳояш низ кимчи хел бовиқорона мушоҳида мегашт. Рухшона аз ин боис хешро боздошта натавониста пурсид:

-- Туро рӯзҳои охир шинохтан мушкил шуда истодааст. Шояд ба шаҳбонуят рози дил мегӯйӣ?

-- Бале, - бе ягон андеша ба забон омад Полисперхонт наёми ханҷарашро ба низом оварда, - замоне ман ҳам сарҳанг будаму ана ҳамин тавр феълу атвор ва хатту ҳаракат доштам. Аз шумо пинҳон намедорам, зеро мо ба ҳамдигар савганд ёд карда будем, замони интиқомҳо мерасад. Шумо дили хеш хуш доред ва мо нақшаҳои ба худ хос дорем.

-- «Мо» гуфта киро дар назар дорӣ?

-- Ман, шумо ва дӯстони махфии ман!

-- Дӯстони махфӣ?

-- Бале, шаҳбону.

Рухшона маънидорона мижгонҳои дарози абрешимосояшро бардошта ба Полисперхонт дида дӯхт. Собиқ сарҳанги юнонӣ бо сари хам хомӯш монд.

-- Ман мебинам, ки мо бо ҳамдигар боз ҳам самимитару наздиктар шуда истодаем, вале маслиҳат ақлҳоро кӯмак хоҳад дод.

-- Ба чашм, шаҳбону! Минбаъд бе маслиҳати шумо коре нахоҳам кард. Дарвоқеъ, шумо бояд чокаронро дар Бобул ба сифати ғулом муаррифӣ бикунед ва ҳоло ба онҳо маошу маунат бояд бахшид, то баҳри зиндагияшон ёрирасон бошад.

-- «Зарур бошад, раво бошад» - гуфтаанд. Ба ту иҷозат медиҳам, бигир, ана калидҳои ганҷур.

-- Ба бовариатон ташаккур, шаҳбону!

Вақте ки корвони Рухшона ба сарҳади шаҳри Бобул даррасид, ӯро Клеопатра хоҳари шоҳ, навкарони хосаи Искандар, Никанор бо як самимият истиқбол гирифтанд. Рухшона тӯли чанд дақиқае, ки бо хаҳарарӯсаш Клеопатра муҳосиб шуд, бифаҳмид, ки ин духтар мисли фариштa зебову дилаш низ пок ва бекина аст. Ӯро бо меҳр ба оғӯш мегирифт.

-- Ман акнун фаҳмидам, ки бародарам соҳиби дили ҳассос ва одамшинос будааст. Чӣ хуш, ки дар байни дӯстон шумо барин шаҳбонуи хушодобу беғараз вуҷуд доранд.

-- Ситоиши шумо дар ҳаққи ман аз ҳад зиёд нашуд?

-- На! Ман дигар маликаҳои бародарамро низ истиқбол гирифтам ва чандин рӯз бо онҳо зиндагӣ кардам, вале шумо тамоман дигар касед. Аниқтараш, шумо фариштa ҳастед ва фариштаро бояд эҳтиёт кард. Хуш омадед!

-- Ташаккур, азизам. Банда аз дидани шумо низ беҳад шодам!

-- Биёед, шод омадед, шод бошед! Шуморо шаҳри бостонии Афина ва руҳи қӯдси духтари худо Зевс интизоранду пазиройи хоҳанд кард. Бароятон бародарам кошонаи махсус танзим кардааст. Роҷеъ ба гуфти ӯ шумо аз мағалу дарбароҳо бетоқат мешудаед, аз ин боис бароятон кӯшки самти канории шаҳрро, ки чаҳорбоғи дилкаше дорад, муайян кардааст.

-- Ташаккур, пешакӣ миннатдории маро қабул фармоед!...

Ҳавои шаҳри Бобул, алалхусус, чаҳорбоғи канории шаҳр намнок бошад ҳам, Рухшонаро қаноат бахшида буд. Полисперхонт мисли пешин дар хизмати шаҳбону буда, бо чокаронаш кор мебурд. Ба чаҳорбоғ Искандар ҳамагӣ як мартаба ташриф овард, ки вай ҳам аз чанд соат беш набуд. Сабаби зуд аз бари Рухшона рафтани Искандар дар он шуд, ки шаҳбону ӯро дар бисёрзанӣ муттаҳам кард ва бемеҳрии шоҳро алайҳи хеш ба забон гирифта, нишони беэҳтиромӣ эълон кард.

-- Шаҳбонуро маълум бод, ки Искандар Рухшона не, ҳамсар не, танҳо шаҳбону дорад!

-- Айби кист? - аз киноя шавҳараш пай бурда савол кард духтари Уксорт.

-- Намедонам, намедонам. Ман бо тамоми самимият туро эҳтиром мекунам, ҳамаи шароитро баҳри ту муҳайё месозам, ҳатто оину дини оташпарастиро писандидам, боз чӣ кор кунам, бигӯй?!

-- Туро касе ба гаравидани дини оташпарастӣ тарғиб ё маслиҳат надодааст. Дигар ин ки батамом ё аз сидқи дил ба оташпарастӣ гаравидани шумо хаёли хом аст. Маъзарат мехоҳам, шоҳам. Вале ҳақиқат аз ҳама чиз боло аст. Ё аз ман кӯтаҳӣ шуд?

Искандар дам назад.

Рухшона қариб мехост бигӯяд, ки ту ба кадом сарзамине, ки бирафтӣ, аз он ҷо зан бигирифтӣ. Худои он макон шудӣ, дину расму оини маҳалҳоро пазируфтӣ, дар зодгоҳам Уструшан бисту ду ҳазор, дар водии Рӯди Суғд як саду бист ҳазор мардуми бегуноҳро, ҳамватанони маро аз дами теғ гузаронидӣ. Боз чӣ мехоҳӣ? Магар чунин шахсро дӯст доштан мумкин аст?!

Рухшона аз ин андеша лаб газида бошад ҳам, ба ҳар ҳол ба суханаш афзуд:

-- Он корҳоеро, ки бикардӣ ё мекунӣ, вазифаи шавҳарӣ ё кадхудоият аст. Агар не, шавҳар набудӣ.

-- Хайр, биё ин гилаву гузорҳоро як сӯ бимон. Дарвоқеъ, шаҳри Бобул туро писанд омад?

-- Бале, шаҳри бостонӣ будааст, вале ғуломҳо аз ҳад зиёданд.

-- Ғуломҳо! Ха-а... Инҳо ғуломҳои Искандари Мақдунӣ ҳастанд! Искандар танҳо ба кишваркушойи нарафтааст, Ис-

кандар баҳри гирд овардани ғулому сарвату мол низ таваҷҷӯҳ дошт! Замоне Дороҳову Абисарҳо, Пурҳову фиръавнҳо, ҳабашҳову ошӯриҳо мардуми моро ғулом мекарданд. Акнун навбати мо ҳам даррасид ва чӣ аҷаб?

-- Оини оташпарастӣ бесабаб қасос гирифтанро сахт маҳкум мекунад, шоҳам. Дигар ин ки онҳо, яъне гузаштагон чунин корҳоро карда буданду ҷазову неши ақрабро киҳо кашидаанд!

-- Ман дахолати занҳоро ба корҳои давлат бад мебинам. Ҳатто ба ин кор модарам Олимпиадаро борҳо сарзаниш кардаам.

-- Вале бенатиҷа.

-- Чӣ хел?

-- Боз модарат дахолат мекунад, ҳабсу зиндон мефармояд, ҳамаи шумо ҳамин тавр бадмуомила ҳастед.

-- Ту худат чаро ин қадар бадҳарф ҳастӣ-а? Охир, ҳар чизе ки дорам, ҳамин модараму бас. Дигар касе надорам. Худо ӯро ҳамин тавр офарида бошад, ман чӣ кор кунам? Ба куҷо равам?

-- Ман бадҳарфам? Не-е...ман ҳақгӯву ҳақпарастам, азизам!

Искандар бори нахсут аз Рухшона вожаи «азизам»-ро шуниду ором гашт ва аз ҷой бархоста, дасти шаҳбонуяшро бӯсакунон афзуд:

-- Корҳо бисёранд, сафарҳои бузург ва тӯлонӣ дар пеш.

-- Аз ин гуна сафарҳо худдорӣ мекардӣ хуб буд.

-- Наметавонам, хости худоҳо чунин аст, ҷонакам. Бегоҳӣ меоям.

Искандар ба оташи вағн саҷда карду бадар рафт. Рухшона аз паси ӯ овоз дод:

-- Клеопатраро дидан мехоҳам.

Шоҳ аз нав ба Рухшона дида дӯхта, бо табассуму бо аломати тасдиқ сар ҷунбонид.

Пас аз се рӯз шоҳ ба шарафи худо Дионис[1] зиёфати азиме дод, ки дар он асосан дӯстони Искандар, меҳмонони бузург, ҳукмдорону ҳамсарони онҳо ширкат доштанд. Рухшона чунин зиёфати олиро чанд сол аст, ки бори аввал мебинад. Вай ба зиёрат ҳамроҳи Клеопатра ворид шуда, сараввал бо

[1] Дионис - /ба юнонӣ/ худои май ва шодию тараб.

модарарӯсаш Олимпиада вохӯрд. Шаҳбону ба модаршоҳ маъқул шуда бошад ҳам, Рухшона ӯро ба сифати мори сафеди афъӣ, зани ҷангара, мағрур, ҳавобаланд ва нисбат ба дигарон беписанд шинохт. Олимпиада ба замми ин чунон лоғар буд, ки мисли аспи сафеди дардманде ба дида мерасид.

Клеопатра ӯро ба мизи махсуси олӣ, ки дар он бонуҳои ба назари Рухшона хеле сарватманд менишастанд, ҳидоят намуд. Дар курсиҳои ниҳоят зебову мунаққаш ва музайян, мизҳои тиллокорӣ ё зарҳалин завҷаҳои Искандар нишаста буданд. Сараввал Клеопатра бонуи фарбеҳи ба назар миёнсол, вале гандумрангу нозанинро муаррифӣ намуд:

-- Яке аз шаҳбонуҳои нахустини шоҳи ҷаҳон - Барсина духти Артабоз! Қариб аст, ки шаҳбону ҳамватани шумост. Ин нозанин шаҳбону Рухшона духти Уксорт - маликаи билоди Бохтария!

Рухшона бо як назокати барноёна саҳл таъзим оварда, табассум намуд. Барсина, ки ба назари ӯ ҷавонзани беғаму бекинаву бепарво мерасид, ба забон омад:

-- Ваҳ, чӣ сон қашанг аст, хуш дидем! - гӯён аз рухсораҳои шаҳбону бӯсид.

-- Боз шаҳбонуи нозанин - Равшанаки парипайкар, духти шаҳаншоҳи билоди Форс, эшон амакдухтарашон Статира, Дрепедита...

Рухшона бо онҳо низ боэҳтиром вохӯрдӣ кард ва ногоҳ сухани Статираро шунида монд, ки пичиросзанон ба Равшанак ҳарф мезад:

-- Намедонам ба шоҳи бузург қади чанор барин дарозаш маъқул шуда бошад ё гӯшҳои сафедаш?

Ба ин тавр айбмонии амакдухтараш Равшанак эрод гирифт:

-- Дар боби зебоию қашангии Рухшонак афсонаҳои беҳисоб бофтааанду ту ӯро ноҳақ айб мемонӣ. Хуб нест, азизам.

-- Хайр, пас барои чӣ ӯ аз ҳама охирон, ба худ бору бино монда, ҳамаро ба худ мафтункунон меояд?...

Рухшона хешро ба нодонӣ зада, ба оташи вағнҳо дида дӯхт ва ногоҳ Апома ба ёдаш омаданд: «Чаро ӯ наомада бошад? Ё бемор шуд? Ҳоли модараш чӣ хел аст?»

Рӯйи мизҳо чунон аз анвои хӯроку ширинихо, меваҷоту шаробҳо ва аз аҷоиботу ғароибот лабрез буд, ки чунин

хӯришҳоро аксар бори аввал медиданд. Хизматкорони сару либоси якранг пӯшида, дар лаълиҳои нуқрагун барраю хукчаҳои яклухт пухташударо ҷо-ҷо рӯйи хонҳои ороста ҷой медоданд. Бӯйи хуши таому ширинихо ва дуди хушбӯи аз вағнҳо баромада ба машом димоғпарвар мерасид.

Ҳамин вақт Искандар бо дӯстонаш вориди базм шуда, аввал модараш, сипас Рухшонаро бибӯсид, ки ҳозирон онҳоро бо кафкӯбӣ пазироиӣ намуданд. Духтари Уксорт як нигоҳ ба Статира чашм андохт, ки ӯ боз ба вай нигариста, лабонашро инҷкунон ба Равшанак чизе гӯшакӣ мекард. Вақте ки Рухшона ба сӯи Статира бори дигар дида дӯхт, он ҷо Полисперхонтро бо либосҳои идонаи басо зебои дарборӣ дида, аҷабаш омад.

Пас аз соате базми олишонро садои суруду навоҳо, пойкӯбии раққосу раққосаҳо, қаҳ-қаҳаи мастиву ҳатто дашномҳо фаро гирифт. Бонуҳои ба худ бино монда, мағруру ҳавобаланд бо шеваю ноз, ҷиҳози хешро, марҷону ёқуту дастпона ё ҳалқаҳои зарринашонро даст зада, ба ҳозирон намоиш медоданд. «Чӣ тур онҳо пастфитрату гадотаъбанд, гӯё чизнадида ва муфлисанд!» - мегуфт ба худ Рухшона. Вале Барсина механдиду ҳарф мегуфт ва баланд - баланд зарофатгӯйиҳо мекард. «Ҷавонзани айёшу беғам аст» - мегуфт шаҳдухт низ хандида.

Дили Рухшона акнун тангӣ мекард, вале баногоҳ Селевкро диду бетоқат шуд. Канизашро хонда фармуд, ки Селевк писари Антиохро аз номи шаҳбону «шодбошӣ» гӯяд.

Селевк чун аз ҳолат огоҳ шуд, ба ҳузури Рухшона расида, дастони ӯро бибӯсид ва нахустин ҳарфаш аз Апома оғоз гардид:

-- Апамея шуморо дуо мегӯяд ва фармуд, ки аз рухсорҳои шумо бибӯсам.

Селевк сархуш механдид ва чунон хушҳол буд, ки боз афзуд:

-- Агар не, ман рафта аз шоҳи чаҳор самти ҷаҳон, дӯсти азизам, иҷозат гирифта меоям.

-- Ба шоҳони бузург чунин иқдом, ҳарчанд ки самимист, намезебад. Чаро Апомаро бо худ наовардед?

-- Вай бори сеюм дуҷон шудааст. Ман чӣ кор кунам. Охир...

Надими Искандар Селевкро аз шаҳбону узрпурсон бо худ

гирифта рафт. «Хайрият»-мегуфт Рухшона, - «Апома хушбахт аст! Вале аҳволи модараш чӣ тавр бошад? Хайр, сонӣ мефаҳмем!...»

Духти Уксорт ба кӯшки худ баргашт. Ҳайратовар буд, ки бори аввал вай Полисперхонтро намедид. Охир, ӯ вазифадор аст, ки шаҳбонуро гусел бикунад. Клеопатра ӯро то аробааш гусел карда, шаҳбонуро бӯсакунон «Шаб ба ҳайр!» - мегуфту «То боздид?» - гӯён мисли маъшуқа аз пасаш нигарон бимонд.

Шаҳбону чанд соатест мувофиқи оини румиён пас аз хӯрок оби асалу кулчақанд мехӯрд ва роҳи Полисперхонтро мепоид. Надимаш хабар дод, ки аз ӯ дараке нест. Дили Рухшона хавотир мекашид ва ниҳоят собиқ сарҳанги юнонӣ бо як эҳсосу ваҷоҳати ғайримуқаррарӣ ба хизмат даррасид.

-- Ман гумон кардам, ки ту бо духтарҳои Дорюш ошнойи пайдо кардиву бо онҳо бирафтӣ.

-- Бале, шаҳбону. Ҳамин тавр ҳам шуд.

Рухшона Полисперхонтро бори аввал дар чунин ҳолати беҳад асабонӣ медид ва аз ин рӯ пурсид:

-- Чӣ навигариҳо ва чаро ин қадар ба ҳиссиёт омадайи? - ба вай шарбат рехта, ӯро ба нишастан таклиф намуд шаҳбону.

– Бонуйи азиз! Аллакай вазъият алайҳи шумо ноорому пурбаҳс шудааст. Роҷеъ ба гуфти духтарҳои Доро, ки ман хешро ба нодонӣ зада, мисли суханчини бадбахт бо ин гӯшҳоям шунидам, даҳшатбор буд.

-- Чӣ хел гуфтаҳо?

-- Бадбинӣ, кина, ҳасаде, ки дар дили онҳо вуҷуд дорад, беинтиҳост. Махсусан, Статира каждуми зери бӯрё будааст.

-- Хайр, ин тавр рашку ҳасад хоҳ нохоҳ байни занҳои якшавҳара ҳоли табиӣ аст. Ту аз ин ҳолатҳо дилтанг машав.

-- Не-е... шаҳбону! Ман солҳост, ки дар байни духтарону занҳо хизмат мекунам ва аз феълу атвор, кинояву тамасхур ва нозу карашмаи онҳо пурра бархурдорам. Пас аз базм онҳоро таъқибу назораткунон ба кӯшкашон рафтам. Ногоҳ Статира аз ароба фаромада ба як хонае ворид шуд ва ман намедонам, ки вай хонаи хосааш буд ё каси дигар. Аз хона овози пичирос баромад. Ман наздиктар рафтам, ки Статира бо марде ҳамсӯҳбат шуда мегуфт:

-- Азизам, ӯро бикуш ва ман як умр ғуломи ту хоҳам шуд.

-- Рашк мебарӣ?

-- Ҳа-ҳа.... мисли оташ месӯзам.

-- Охир, медонӣ вай кист? Мисли ту духтари ҳоким аст. Сониян, қариб ҳазор нафар чокари ҳузарб дорад, ки муҳофизаташ мекунанд.

-- Ҷуръат биёб, Кассандр, вақти муносибро пайдо бикун. Ман бонуҳои дигари Искандарро заҳр хоҳам дод.

-- Оҳиста!

Чанд лаҳза хомӯшӣ ҳукмфармо шуд ва ниҳоят онҳо бӯсо-бӯскунон дар он кулба бимонданд. Ман пас гаштам.

-- Кассандр кист? - Рухшона низ асабонӣ ва номаълум лабонашро газида.

-- Ба андешаи ман ба ҷуз писари Антипатр - волии Мақдуния, ки чанд рӯз қабл аз ин Искандар ба ҷои вай Кратерро ҳоким тайин кардааст. Мегӯянд, ки Кассандр соҳиби чокарони далеру чира ва азми куштани душмани асосиаш модари шоҳ Олимпиадаро дорад.

-- Чаро?

-- Барои тӯҳмату надоматҳое, ки Олимпиада то ҳол ба сари падараш рехта будааст.

-- Хайр, аз тақозои тақдир роҳи гурез нест. Бармеояд, ки ба ҷони Рухшона сӯиқасд мекунанд?

Полисперхонт сар меҷунбониду ангуштонаш наёми ханҷарро мефушурд. Дасти дигараш меларзид.

Рухшона ангуштони сарду ларзандаи Полисперхонтро аз наём гирифта, бо кафи нарму хушбӯяш гӯё гарм мекарда бошад, ламс мекард.

Ҷавонмарди рӯмӣ дар чашмонаш ашк як нигоҳ ба шаҳбонуяш нигаристу бадар рафт. Чӣ қадар маъниву розҳои ниҳон дар қаъри чашмони ин ҷавонмарди бадбахт мунъакис шуда буд. «Аз ҳама бештар кадом маънӣ ё талаб дар нигоҳҳои ӯст?» - пурсид аз худ Рухшона. Пас аз андаке овоз бароварда посух дод:

-- Интиқом! Қасос!!

Полисперхонт дигар наомад ва бо дунёи дили интиқомгирӣ шуғл меварзид.

МАРГИ ИСКАНДАР

Ба гӯристон гузар кардам каму беш,
Бидидам ҳоли давлатманду дарвеш.
На дарвеше ба хоке бе кафан монд,
На давлатманд бурд аз як кафан беш.
(Боботоҳири Ҳамадонӣ)

Дар як муддати кӯтоҳ шаҳри Бобул, ки форсҳо онро Шаҳризӯр низ ба забон мебурданд, рӯ ба беҳбудӣ овард. Искандар аз зодгоҳаш Мақдуниё рӯ тофта, ин манзилро пойтахти худ қарор дод ва ба сохтмонҳои бузург шурӯъ фармуд. Махсусан, бандарҳо, лашкаргоҳу дизҳо, роботҳои боҳашамат, амфитеотр, майдонҳо барои варзиш, меҳмонсарову бозорҳо ба вуҷуд омаданд. Тибқи иттилои Полисперхонт, румиҳо аз Машриқзамин як қатор ҳунару фарҳанг ва тартиботи нави зиндагиро омӯхта буданд, ки ҳоло онҳоро ба амал ҷорӣ мекарданд. Алалхусус, тартиби обёрӣ, кушодани заминҳои нав, танзими барид[1], роҳсозӣ, сохтани бозору дӯконҳои тимдор, тартиби савдо ва ҳунарҳоро дуруст ба роҳ мемонданд. Бо амри Искандар /бештар бо дахолати Рухшона, ки аз шавҳараш озодии онҳоро мепурсид/ ба ғуломҳо низ сабукиҳо, хонадор кардани эшонро пешбинӣ мекардагӣ шуданд, ки ин оин дар Суғдзамин вуҷуд дошт. Илму фан, муҳити шоиру файласуфон низ равнақ меёфт. Як қатор дабистону мактабҳо кушода шуданд, ки беҳтарини онҳо дабистони киштисозӣ буд.

Искандар хеле шоду мамнун ба назар мерасид. Қариб ҳар рӯз базму зиёфат меорост ва ба дӯстонаш тӯҳфаю пешкашҳо мебахшид. Ҳар бегоҳ бо ҳамқадаҳҳояш: Медий, ки ба дида ҷавонмарди фозилу таронагӯй мерасид, Неарх - вақтҳои охир вазири дасти росташ буд, шаробкаш Иоллай ва баъзан Пердикка фориғ аз кор айшу ишрат мекарданд. Баҳри маишати онҳо садҳо ошпазу таббох, шаробпазу қаннод ва боз садҳо ҳунарманд хизмат мерасониданд.

---

[1] Барид - /ба форсӣ/ почта, ки дар ҳукмдории Дорюш таъс ёфта буд, ки дар ҳар 5 км. корвонсарою аспу аробаҳо тайёр буданд.

Имрӯз ҳам Искандар рафти киштисозӣ ва бандарҳоро хабар гирифта, чунон шод шуд, ки ҳазор киштии ҷангӣ омодаи сафар буд ва ӯ метавонад боз озими сафари нав шавад. Бегоҳӣ Медий таронагӯён ӯро ба утоқи худаш таклиф кард. Шоҳ розӣ шуд. Ишратгоҳи Медий чунон зебо ва чунон барҳаво буд, ки Искандар ҳайрон монд. Диққати ӯро махсусан, ҳавзи мармарӣ ва фаввораи об ба худ ҷалб карда буданд. Хизматгорҳои ҳабашӣ чунон дилрабо, мисли лӯхтак якрангу дилкаш буданд. Рӯи хони мизҳо аз хурмои арабӣ сар карда, то гӯшти парандаҳои Ҳиндустон, меваҷоти гуногуни Африқо, анҷиру анорҳои Бохтариё, шаробҳои ақиқранги суғдӣ, таомҳои форсиву ғайраҳо лабрезу шакаррез буданд...

Иоллай дар қадаҳи заррин бо илтифот ба шоҳ шароб кашида, меҳрубонона табассум намуд. Ӯ таъзим мекард, ки Искандар вақтҳои охир он қадар хушомаду тамаллуқҳоро ва ситоишгаронро дӯст медошт, ҳатто баъзан ба онҳо зару нуқра ҳадя медод. Шоҳ шаробро нӯшиду «аҳҳа-а!» - гӯён лаззат бурд магар, ки ба Евмен ном муҳофизатгари юнониаш рӯ оварда, ба забон омад:

-- Чӣ қадар хуб аст шароби арғувонӣ!

-- Бале, шоҳам.

-- Азизам, - сипас ба Медий рӯ овард шоҳ, - бармеояд, ки туро беҳуда ба сарзаминҳои офтобрӯя набурда будаам. Ту аз асилзодагони форсу суғдӣ сирру асрори меҳмоннавозиву меҳмондориро ба дараҷаи олӣ омӯхтайи, ҷин занад! Чӣ шароби нобу фараҳбахш аст! Ман ба ту қоил!

– Инро бояд танҳо шоҳи ҷаҳон нӯши ҷон бикунанд, на каси дигар! Охир, мо ҷаҳонро тасхир кардаем ва месазад, ки нозу неъматҳои дунё низ бароямон ҳамеша муҳайё бошад. Дигар ин ки мо чанд рӯз, аниқтараш пеш аз сафари навбатӣ, хешро ба айшу нӯш бисупорем!

-- Оҳҳ-о... беғаму беандешаву, безан!

-- Чаро безан, шоҳам? Тамоми занҳои олам омодаи хидмати мо мебошанд. Магар аз ҷинси латиф чашм пӯшидан мумкин аст? - баланд хандид Медий айёрона.

-- Бале, азизам! Безан зиндагӣ маънӣ надорад. Дарвоқеъ, Пердикка куҷост?

-- Пердиккаи азиз имрӯз ба кӯшки модараш рафтааст. Вай пагоҳ, албатта, расида меояд. Шароб! Шароб дар қадаҳи «Геркулес» ба шоҳи ҷаҳон!

Ҳамин тавр то дергоҳ менӯшиданду шеър мегуфтанд, мерақсиданду механдиданд. Ногоҳ садои мусиқӣ танинандоз гашту дӯшизагони нимурён духтарони аз қавму марзҳои гуногун омада, ба рақс пардохтанд. Шоҳ бо чашмони хуморӣ ба онҳо дидаи кунду лоқайдонае мепартофту механдид. Вай якбора аз ҷояш бархесту шишаи шаробе, ки то ин дам Иоллай таъзимкунон бо такаллуфу хушомадҳо мерехт, ба даст гирифта то охир бинӯшид. Искандар гӯё аз ҳуш рафта буд ва ӯро чокаронаш бардошта, савораи тахтиравон ба шабистонаш бурданд. Ин тавр шаробнӯшию айш, агар онро айшу ишрат гуфтан ҷоиз бошад, боз ду рӯзи дигар давом кард. Пагоҳии рӯзи дигар Искандарро табларза гирифт. Табиби хосааш Флипп ҳеҷ чорае пайдо карда наметавонист. Шоҳ гумон кард, ки ин ҳолат мегузарад. Неархро ба ҳузураш хонда бигуфт:

-- Дӯстам, ту гумон мабар, ки ман мемирам. Не-е!... Ман писари худо ҳастам, худи худоям! Бирав, ба мазору ба бечораву, бекасон зару нуқра бахш! Бидон, ки мо азми сафар дорем ва пас аз чанд рӯз киштиҳои пуриқтидори мо дунёро давр мезананду онро тасхир месозанд.

Неарх бо нигоҳи хавотиру ҳуши парешон баромада рафт. Пердикка оби дида мерехт, зеро арақи сард аз ҳар як тори мӯи Искандар мечакид. Ногоҳ шоҳ ба дӯсташ муроҷиат кард:

-- Ҳамсарамро, Роксанаро дидан мехоҳам!

-- Ба чашм! - Пердикка хастаҳолу бемадор бадар рафт. Пас аз соате Рухшона ба аёдати шавҳараш расид ва шоҳро дар ин аҳвол дида, ба ҳаяҷон омад.

-- Азизам, - ба шаҳбону ишора кард шоҳ, ки ба курсӣ нишинад, - ба назарам аҳволи ман беҳбудӣ надорад. Фарзанде, ки ба дунё меояд, бояд валиаҳди тоҷу тахт ва номи маро дошта бошад. Пердикка ба ту саробон мешавад ва бигузор Пердикка ба хоҳари ман Клеопатра хонадор шавад. Тоҷу тахт ба зӯртарин кас, ба беҳтарин фард бояд насиб бишавад. Ту шаҳбонуи ҳақиқӣ ҳастӣ, маро бо некӣ ёд бикун...

Ногоҳ шоҳ аз забон монд. Доду фиғон баромад. Ҳама дар гирди ӯ парвона буданд. Пас аз соате шоҳи бемор даст бардошта Пердиккаро ба ҳузураш хонд ва бо як азоб ангуштарини шоҳонаашро ба ангушти дӯсташ гузаронид, ки он маънии минбаъд ҳоким будани Пердиккаро далолат мекард.

Рӯзи дигар низ вай ба гап наомад. Сарҳангу чокарони содиқаш якояк ба аёдаташ омада, гӯё бо шаҳ хайрухуш мегуфтанд, дастонашро бӯсида, оби чашмонашон шашқатор баромада мерафтанд. Боз қурбонӣ мекарданду ба худоҳою маъбудаҳо: Зевсу Ҳеракл, Афинаю Ахиллес, ба худо Амону Уран - худои осмонҳо ва дигарон таъзим оварда, шифои ӯро мепурсиданд. Дар вағнҳо оташ забона мезад, ибодатхонаҳо пури дӯстону чокарони Искандар буданд ва дар он ҷо ба ёди шоҳашон хоб мерафтанд. Дар ибодатхонаи бузурги Сарапис чокарон чанд рӯз аст, ки хоб мекарданд, то Искандарро дар хоб бинанду худо ӯро сиҳату саломат ба ин ҷо биёварад. Вале ҳамаи хостаҳои онҳо бенатиҷа буд.

Дар байни мардум овозаҳои гуногун паҳн шуда, дар кӯчаю бозор, дар лашкаргоҳу дабистонҳо мегуфтанд, ки ба шоҳ заҳр додаанд. Баъзеҳо мегӯянд, ки Арасту шароби махсуси заҳролуд тайёр кардаасту бо ҳамин интиқоми Каллисфенро гирифтааст ва ин шаробро Антипарт ба Медий ва Иоллай додааст. Юниониҳои воломартаба иддао доштанд, ки Искандар хешро худо эълон кард ва аз ин рӯ худоҳо ба ғазаб омада, ӯро ҷазо дода истодаанд. Аксар солимфикрону халққои авом дар дил мегуфтанд, ки писари Файлақус ниҳоят ба ҳамаи хунҳои рехташуда ба ашку вовайлои падару модарон, оҳу нолаи тифлон, ба сӯхтору харобкориҳо бояд ҷавоб бидиҳад. Охир, сабагори ин ҳама бедодиҳо, валвалаву дасисаҳо, хонабардӯшии кулли одамон Искандар аст! Бигузор, вай мувофиқи гуноҳаш гирифтори марг бошад? Бале, ҳар касе, ки гуноҳ кардааст, бояд ҷазо бигирад! Магар ӯ худо буд! Охир, худоро пуштибону меҳрубон, ба қавли олим Эпикур, падари одамиён мегӯянд-ку? Чаро Искандар худо бошад, роҳи дигареро, роҳи қатлу ғорат, тохтану сӯхтанро пеш гирифт? Бигузор, ӯ бимирад! Ин хости худоҳои ҳақиқӣ аст!

Модари Искандарро дар чашм ашк набуд ва рӯймолчаи атрогине, ки дар даст дошт бардурӯғона ба чашму бинӣ мебурд. Чашмони нилгуни ҳарисонааш чизеро ҷустуҷӯ дошт ва ҳар лаҳза ба ангуштарини писараш, ки дар дасти Пердикка буд, чашм медӯхт. Бечора Клеопатра месӯхту намедонист, ки баҳри ба эътидол овардани дарди бародараш чӣ кор кунад. Агар ӯро мегуфтанд, ки ту ҷонатро бидеҳ, то бародаратро сиҳат бахшем, вай омодаи ин иқдом мешуд. Духтари беғаразу бекина ва раҳмдил буд Клеопатра.

13 июни соли 323 то милод Искандар писари Файлақус дар сиюсесолагӣ аз олам чашм пӯшид. Дар тамоми сарзамину қаламрави Рум оташу чароғҳо хомӯшу лангари садҳо киштӣ фуруд оварда шуданд ва ҳазорҳо думи аспҳоро буриданд. Мувофиқи оин гесувони занҳои шоҳро низ бурида рӯи тобуташ гузоштанд. Мотами умумӣ саросари кишварро фаро гирифт.

Ҳамин тавр, Искандари саввум - писари Файлақус сездаҳ сол ҳукмронӣ кард ва дар айни камолоти ҳукмдориву бузургӣ, дар унвони шоҳи нимаи ҷаҳон будан, дар ҳини иқтидори шону шӯҳрат доштан аз олам бирафт. Ӯро ҳукмдори чаҳор самти ҷаҳон, шоҳи зулқарнайи - шоҳи душоха, шоҳаншоҳ, писари худо-Амон, мардафкан, мағлубнопазир ва ғайраву ҳоказо ном мебурданд. Ба қавли бузургони машриқзамин ба ҳуснат ғарра машав, ки ба як табъ тамом бишаваду ба зӯриат бовар макун, ки ба як дам созгор нест. Оре, ин умр фоҷиавӣ ва ногаҳон анҷом ёфт. Кунун на сарою работҳо, на хазинаву ганҷурҳои пури тиллову нуқра, зару зевар, молу манол, муҷассамаю киштиҳо арзише доранд. Ғуломони хонабардӯш, канизакони аз волидайнҳо зиндаҷудо, ашкбарчашм чӣ кор мекунанд? Ба кӣ бақо мекунад ин дунёгириҳо? Кунун ин ҳама ҳаду ҳашам, ҳарҷу марҷҳо, ҳилаву тадбирҳо, хушомаду пойбӯсиҳо ба куҷову ба кӣ мемонад?...

Баробари шаҳодат ёфтани ҳазорҳо одам, боз милёнҳо сар чаҳорпою паранда низ кушта шуданд. Милёнҳо ниҳолу бутта, гулҳои тару тоза, киштзору марғзорҳо поймолу ҳазорҳо корезу ҷӯйбор регпӯшу вайрон шудаанд. Милёнҳо мӯру ҳашарот ба зери по, милёнҳо сабза хазон шудаанд.

Ҳазору боз ҳазорҳо занҳо бешавҳар, арӯсон бедомод, падару модарон бефарзанду дилбанд мондаанд. Ҳай, Аҳриман! Чӣ суду нафъ ёфтӣ? Чӣ иқдоме доштиву чӣ ҳосиле бардоштӣ? Ё сарнавишту тақдир чунин буд? Сарнавиштнавис магар бераҳм аст? Ё амри илоҳӣ, ё ҳукми олӣ? Тааммул куҷо рафт? Андеша куҷо буд? Ақл куҷо шуд? Эҳ, дунёи гирдгардон! Оҳиста гардон. Ҷонро худат ширин офаридӣ, боз чаро ситезу аламу фиғон мекунӣ? Гуфтӣ, ки одам азиз аст! Пас, чаро тақдираш талху ғализу мариз аст? Мақсад одамро аз миён рабудан бошад, тадбири дигар соз ё бозии дигар боз!...

Искандарро ба хок доданд ва аз ӯ ба ҷуз як тепачае беш чизе ба назар намерасид. Тепачаи одиву хокӣ! Аз он ҷо омаду дар он ҷо бизист ва бар он ҷо бирафт! Алвидоъ «худо»-и хунрез!

Ба қавли дигаре наъши ӯро дӯстон ё ҳангоматалабон дуздида ба куҷое бурдаанд: ба Александрияи Миср ё ба Искандаруни Ироқ. Оҳ, мурдаро ҳам ором намегузоранд, ин одамон!

ТАЛОШ БА ТОҶУ ТАХТ

Хирадманд вазифаро василае барои имрори маош /зиндагонӣ кардан/ қарор намедиҳад, балки вазифа барои ӯ ҳадафи зиндагист.
(Конфус)

Пас аз марги Искандар муддати каме ҳам нагузашта, бархе «шоҳи чаҳор самти ҷаҳон»-ро фаромӯш карданд. Гӯё чунин шоҳ ҳеҷ гоҳ вуҷуд надошт. Шоҳе, ки доротарину зеботарин сарзаминҳоро ба зери тасарруфи худ оварда буд, аз дили аксар одамон беному нишон шуд. Чӣ илоҷ? Бештарини мағрибиёни асилзода ҳамин тавр одат доранд: ба гузаштагонашон, ба эҳтироми фавтидаҳояшон бояду шояд эътибор намедиҳанд. Ҳатто либосҳои мотамиашонро низ дар рӯзҳои дуюму сеюми дафн аз худ дур намуда, боз мисли пешин ба айшу комрониҳо дода мешаванд. Эҳтимол, расму оинашон чунин бошад, вале дар Машриқзамин ин воқеа ранги дигар дорад.

Дар майнаи ҷоҳталабону бузургони юнонзамин шаборӯз масъалаи тоҷу тахт, соҳиб шудани курсии баланд давр мезанаду ин нукта шуғли асосии он зодагон қарор мегирифт. Махсусан, Олимпиадаи беандеша гӯё, ки намехуспид, ором надошт. Барои амалӣ гаштани мақсаду ҳавасҳояш бо ҷидду ҷаҳд талош меварзид. Вай духтарашро ба Пердикка доданӣ шуд. Оҳ, ин зани маккора чиҳое, ки фикр намекард, чӣ андешаҳое надошт! Гарчи Клеопатра аз ин иқдом шод набуд ва ба азои бародараш нишаставу ибодатравӣ мекард, вале аз хати кашидаи модари бадкирдори ҷоҳил низ берун баромада наметавонист. Зеро ӯ медонист, ки хости модар барояш ми-

соли хости худо аст! Вагарна ҳарчанд ки Олимпиада модар аст, боз қотила ё ҷонситон низ шуда метавонад. Бечора, Клеопатра!

Пердикка кайҳо хешро шоҳи олам мепиндошт ва ӯ ҳатто бо артиш сахтгириҳо карда, мехост танзими махсуси ҳарбиёнро гузаронад, ислоҳоти ҳарбиро ногузир медонист. Аммо ҳарбиён пас аз марги Искандар хешро гум карда буданд, дигар содиқона хизмат карданро намехостанд. Аниқтараш як умр саф ороста низомро риоя кардан ба дилашон зада буд ва аз ин рӯ беҳудиҳо зоҳир менамуданд. Дар байни аскарон гурӯҳбозиҳо, ҳатто маҳалгаройиҳо пайдо шуданд. Ҳар як гурӯҳ пуштибону ҳомии худро дошт ва бо амру ҳукми он «даҳо» кор мебурд. Дар Бобул гурӯҳи банизому муқтадир артиши форсҳо буд, ки барои номи Искандар содиқона хизмат мекарданд. Аммо онро мустақил буд гуфтан хатои маҳз мешуд, зеро он роҳбари забардаст надошт ва ҳар кас ба ихтиёри худ хизмат мекарду бас. Амалиёту ислоҳоти наве, ки Пердикка ҷорӣ мекард, барои онҳо сахту сангин мерасид. Дигар ки ин Пердикка ҳанӯз дар назари онҳо шоҳи ҳақиқӣ набуд. Аз ин боис дар яке аз машқҳо сарҳангони мағрибӣ Пердиккаро ба қатл расониданд. Боз хунрезӣ, боз кинатӯзиҳову интиқом!

Кассандр писари Антипатр тамоман бехуд шуда, гурӯҳи ҳарбиёни ҷадид ташкил кард ва барои аз нав забт кардани сарзаминҳои Искандар сар бардошт. Амалиёти ӯро як навъ ҳаракати авбошона ё роҳзанона гуфтан ҷоиз буд. Вай барои падараш интиқом мегирифт. Гӯё кушта шудани гурӯҳи калони шаҳидон, аз Парменион сар карда, то Каллисфен, бе ному нишон шудани ҳазорҳо одам, ки онҳоро асилзодагон мехонданд, ситонидани қасос аз пайвандони Искандарро ифода мекард. Гуфтугӯи ӯ бо сарҳангонаш, алалхусус бо дӯсташ Ҳеракли далер ин нуқтаро боз ҳам равшантар шарҳу тавзеҳ медиҳад.

-- Эй, Ҳеракл! Ту номи яке аз худоёнро дорӣ ва дӯсти бачагии ман ҳастӣ. Худат бархе ин корҳоро дидаву шоҳид ҳам ҳастӣ. Чӣ тавр онҳоро ба ҷои падари бомулоҳизаи ман, ки солиён Мақдуниёро бо адолату ҳақиқат сарварӣ фармуд, каси дигарро таъйин карданд. Агар Кратер аз падарам бузург мебуд ё аз ягон ҷиҳат бартарӣ медошт, мегуфтем, ки арзандаю зебанда, вале...

-- Хайр Кратер наомад-ку!

-- Вай барои ҳамин наомад, ки ин кори беадолатӣ, ноҳаққӣ нисбат ба падарам буд. Ӯ доно аст, мефаҳмад ва мо ба вай коре надорем!

-- Акнун ки Искандар фавтидааст, онҳо киро ба ҷои вай валиаҳд мехонанд. Ё боз ягон фарзанди Файлақус зинда аст?

-- Не! Ҳамаро куштанд. Асилзодаҳои асолатпешаро бо ҳар гуна роҳу равиш қатл фармуданд. Танҳо Олимпиадаи морсират беш аз як саду наваду шаш нафар хешовандони Файлақус ва дарбориро гумном кардааст. Ҳоло ҳам ба ин иқдоми сияҳ даст мезанад.

-- Чӣ бояд кард?

-- Ман савганд ёд кардаам, ки Олимпиадаро сангсор бикунам ва албатта, чунин хоҳам кард!

-- Баъд чӣ кор мекунӣ? - бо заҳрханд пурсид Ҳеракл.

-- Ман тарафдори давлатдории Файлақус ҳастам ва бо адолату бе айёрӣ. Худат як андеша бикун, оё Руму Мақдуниёро порс ё суғдӣ ҳукмрониву сарварӣ карда метавонад? Магар мо дигар сардоре надорем?

Ҳеракл ҷавонмарди малламӯй, шонапаҳн, вале миёнақаду дасткӯтоҳ, аммо ба ақл расо буд, андеша меронд, ки мабодо Кассандр худро «сарвар» наметарошад? Аз ин рӯ афзуд:

-- Хайр, кист сарвари ҳақиқӣ, ки дунёро ба эътидолу оромӣ меовард?

Писари Антипатр наметавонист андешаҳои рӯирости хешро иброз бикунад ё бигӯяд, ки падарам магар аз Искандар кам аст. Ӯ алҳол ин сирро пӯшида нигоҳ доштанӣ буд.

-- Намедонам. Аммо ба тахти Румӣ касеро ба ҷуз румӣ нахохам гузошт!

-- Мегӯянд, ки Искандари Чаҳорум писари Роксана Искандариус - валиаҳди ҳақиқии Руму Мақдуниёст. Танҳо вай валиаҳди қонунӣ аст ва сазовори ин тахт мебошад. Ба қавле Роксана пас аз марги Пердикка ба тахт нишаста, солҳо ҳокимаи боадолату ҳақпарасти эллинҳо будааст.

-- Роксана писарашро бо рӯҳи оташпарастӣ ва ҳукмронии хоси суғдиву бохтариён таълим медиҳад.

-- Хайр, чӣ бадӣ дорад?

-- Мо румӣ ҳастем ва румӣ хоҳем монд!

Дӯстон, ки ин мусоҳибаро дар Мақдуниё доштанд, дар

сари хони таому шароб савганд ёд карданд, ки то ба даст овардани тахти подшоҳӣ мубориза хоҳанд бурд.

Ниҳоят, пас аз муддате лашкари ҷадид, ки аксар ҷавонмардони авбошпешаву шаробхор буданд, ба сӯи Шаҳризӯр - ба Афина бо теғу синон раҳсипор гаштанд. Пеш аз ҳама онҳо дастаи муҳофизони Олимпиадаро маҳв сохта, модаршоҳро дар майдони шаҳри бостонии Бобул сангсор карданд. Зане бо як либоси ҳариру тунук, мӯйҳояш парешон, бо чашмони ҳаросону бо нигоҳи сарду хунук ба ҳар сӯ медавид ва санг мехӯрд. Аз гунаҳояш хун метаровид, ана, санге ба дасташ зад, фиғони зан баромад. Ба ҳар ҳоле, ки ин зан даҳҳо, садҳо касро ба марг маҳкум карда бошад ҳам, дили кас ба ҳоли имрӯзаи ӯ месӯхт. Бечора! Боре аз ин пеш ӯ модари шоҳи ҷаҳон, фармондору ҳукмдор буду аз тозиёнааш хун мечакид. Чӣ нозу карашмаҳое, ки дошт, чӣ корҳое, ки ӯ мекард ва чӣ нағмаҳои нохинҷоре, ки вай ба сомон мерасонид?! Садҳо надиму асилзода дар хизмати ин аҷуза буданд. Вале имрӯз касе нест, ки ӯро ақаллан бо нигоҳе дилбардорӣ диҳад. Боз санге ба сари модари Искандар бархӯрда, боз санге...

Кассандр даст бардошт, то ки сангборонро қатъ бикунанд. Олимпиадаи ба хоку хун жӯлида, ҳатто ангуштарину дастпонаҳои тиллоияш хунолуд, риштаи марҷонҳои гаронбаҳояш гусаста, донаҳои марвориду забарҷадҳо ҳар сӯ парешон. Модаршоҳи беҳолу беҳуш лаҳзае чашм кушод ва хира-хира пеши назараш ҷавонмарди заб-зард, маймунсимо, ба риши зард жӯлида шахсеро дид, ки аз даҳонаш, бӯи пивои туршшуда меомад. Ӯро ниҳоят бишнохт-Кассандр писари Антипатр!

-- Ҳо-о!... Ба ҳуш омадӣ? Охир, солҳои солиён ману падарам хизмати туро содиқона мекардем, вале ту авлоди моро таъқибу таҳқир мекардӣ, ба по завлонаву ба сар тозиёна мезадӣ, чӣ корҳоеро, ки мекардӣ. Боре савганд ёд карда будам, он вақт хурд будам, ки парвардигор даст диҳад, туро сангсор хоҳам кард ва шукри Зевс ба мақсуд расидам.

-- Палид! Ноба-а-коорр-р!. аз зиҳи дандонҳои шикастааш хунтуфкунон хиррос мезад Олимпиада.

Ногоҳ чашмони кабуди Кассандр рангу шунаҳи барқро гирифта, ваҷоҳаташ бечо гашт ва бо нӯги пойафзоли сахту оҳанкӯбаш гулӯи модаршоҳро пахш кард. Ин ҷавонмарди

масти лояқил он гоҳ пои мӯзаашро аз гардани пиразан гирифт, ки сафедии чашмони Олимиада намоён шуд. Модари шоҳ ҷон дода буд. Он модаршоҳе, ки даҳҳо аробаи пурбор, сандуқҳои пури бор, либосвориҳои беҳисоби гуногуни симинаву заррина, бӯстонсарову кӯшкҳо, гармобаҳои махсус, ҳазорҳо хизматгори сиёҳу сафед, гумоштаҳои зарпӯшу чобук, боғҳои биҳиштосо, ҳавзҳои мармариву қолиҳои рангбаранг дошту ӯро: «Олимпиада-модаршоҳи бузург!» - меномиданд, ҳеҷ гашт. Бале, ин дунё ба ки бақо карда буд, ки ба ин зани замоне аз худрафта бикунад! Ба ҳар ҳол зане буд, модар ном дошт, ки ба адам бирафт.

Кассандри чашмонаш тоси хун гирифта, қоҳ-қоҳзанон аз майдон бадар рафт. Вай ҳатто ба худ маҳкамаи ҳарбиро низ гирд оварда, ҳукми доварҳои мақдуниро мувофиқи хости хеш мебароварду аз рӯи он амал мекард. Ба назари Кассандр тамоми корҳо ба сомон расида менамуд. Аз ин рӯ шод буду шароб мехост ва давраву базмҳо меорост. Писари Антипатр мамнун табассум мекард, ки пас аз кушта шудани Олимпиада ва забти шаҳри Бобул бархе сарҳангону тоҷутахтхоҳон, ворисони бардурӯғу ба ном хешу ақрабои Искандар беному нишон парешон шуданд. Нохост ба хаёли Кассандр вориси ҳақиқии тоҷу тахт - писари Искандар расид. Қотил заҳрхандае карда, оҳиста ба забон омад:

-- Искандариус низ бо он модари оташпарасташ бояд кушта шавад! Ҳа-ҳа!!!

Рӯзи дигар Кассандр аз падараш мактуб гирифт, ки дар он ба корҳои беҳуда шуғл наварзидани писарашро ва ба ҳар коре, ки даст мезанад бо маслиҳат ва ҳукми умум амал намуданашро таъкид карда буд, вагарна худаш ба ин чоҳи бало хоҳад афтид.

Кассандр пас аз хондани мактуби падараш, бехудона хандида, дастҳояшро паси сар харпанҷакунон бигуфт:

-- Вақте ки моро барои хизмати адолатхоҳонаву ҳақгузоронаамон подоши зулму қотилӣ фармудаанд, касе ба доди мо ё кӯмаки мо нарасид. Имрӯз, ки бахту пирӯзӣ ва насиб бошад тахти подшоҳӣ марост, чаро андеша бикунам?! Натарс, падарҷонам, натарс! Охир, як умр мисли санҷоб бо тарсу воҳима зиндагӣ кардан мумкин нест! Бале!

Базм тантана дошт. Бархе масту хандон, ҷавонмардон хешро ба айшу ишрат додаву ҳарисона ба канизакони ниму-

рён нигоҳ мекарданд, қаҳ-қаҳаи мастӣ доштанд. Комрониҳои онҳо роҳи барғалати Искандари Мақдуниро мемонд ё ба хотир меовард. Чӣ илоҷ? Бо ин кирдору рафтор вай ҳам ба адам хоҳад рафт. Оре, қонуни табиат чунин будааст ва аз он роҳи гурез нест.

ҲОКИМИ ЗОБУЛИСТОН

Ҳар кӣ моро ёд кард, эзид мар-ӯро ёд бод!
Ҳар кӣ моро хор кард, аз умр бархурдор бод
Ҳар кӣ андар роҳи мо хоре фиканд аз душманӣ,
Ҳар гуле, к-аз боғи васлаш бишкуфад, бехор бод!
Дар ду олам нест моро ба касе гарду губор,
Ҳар кӣ моро ранҷа дорад, роҳаташ бисёр бод!
(Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ)

Пирамарди ба назар солору ботамкин ва сару либосаш мисли пироҳани мӯбадони суғдӣ дароз ба бар, рӯ ба вағни оташ оварда дуое мехонд:

-- Эй Маздо, эй офаринандаи ҷондорону обҳои фаровон ва гиёҳҳои сарсабз, маро ба василаи он хиради волои муқаддас бо ҷовидонагӣ ва камолу фарозгоҳӣ дарёб ва тавоно соз.

Аз парҳезгорист, ки ҳар кас муқаддасу воло мешавад. Аз донишу вижагии тамизу кирдор аст, ки мард бартарӣ меёбад ва бадон бартарӣ шоистатарин некиҳоро подош мебарад.

Пас ман инчунин сурудгӯён меситоям. Маздо Аҳуроро ва ҳамаи он ситоишгаронеро, ки будаву ҳастанд...

Пирамард ҳар гоҳ бо қошуқи заррин рӯи оташ шираи анор мерехт ва аз он толорро бӯи хуше, накҳати гуворое фаро мегирифт, ки касро гӯё ҳушёриву бардамӣ мебахшид. Пас аз ин пирамард пеши оташ бо зону афтода, муроҷиат кард:

-- Аё, Аҳуромаздо! Рухшонаки маро - ҳокими Румро бо писараш дар амонӣ нигаҳ дорӣ, зеро ту тавоно, бино, шунаво ва ба ҳар оин маздо /донишманд/ ҳастӣ, бузургвори бузургворон! Онҳоро ба паноҳи ту мебахшам, эй Кирдигори покизаманиш. Ба мани мӯбади мӯбадон, ҳокими Зобулистон - Уксорт Вахшун Варта раҳм бикун!...

Ногоҳ ба хотири пирамард расид, ки ӯро мебояд ба Бобул рафт ва аз ин беҳтар қароре набояд пайдо кард.

-- Бале, ба Шаҳрзӯр меравам ва духти азизамро, агарчӣ ба қавли юнониҳо император ҳам бошад, ба Зобулистон, ки имрӯз пуриқтидортарин аз ҳар як сарзамин аст, бо писараш меорам ва парвариш мекунам. Бале, мисли Сиёвуше, ки Рустам онро парварида буд!

Ба дидагони Уксорт нам омад ва ҳис кард, ки духтари нозпарварашро пазмон шудааст. Ҳоким ба уммони андешаҳо афтод: «Искандари домодамро куштанд ва аминам, ки ин дасисабозон ба духтарам, ки вориси тахту тоҷро мепарварад, осебе хоҳанд расонид. Ягона вориси тахт набераи ман Искандари Чаҳорум аст. Инчунин ҳабарҳое ба сомиа мерасанд, ки духтарони Дорову Артабоз ва Оҳро қатл кардаанд, то ки соҳиби тахт нашаванд. Бояд шитоб кард ва Рухшонаю набераамро аз зери хатару ваҳм раҳо сохт. Ё худои бузургвор ё олампаноҳ!...»

Уксорт роҳ сӯи Бобулро гирифт. Чор ҳазор чокари варзида, ки бархе аз суғдиву балхӣ - ҷавонмардони далеру шуҷоъ буданду гӯё бо лашкари Рум меҷангида бошанд, тунд мерафтанд. Ҳокими Зобулистон раҳораҳ андеша меронд: «Давлати ман - давлати мутамарказ гашт: Сарҳинд, Зобулистон, Бохтариё, Бадахшон, аз ғарб сарзаминҳои Форс тобеи мананд. Чи қадар сарватманду ғанӣ шудам. Ибодатхонаҳои зарҳалкориву мунаққаши Балх, корезу ҷӯйборҳои нав, бозору меҳмонсароҳои овозадори Зобул, манораву работҳои Мароқанд, конҳои тилло ва дастгоҳҳои абрешимимресии Суғд, пахтаю чаҳорпои фаровони Ҳулбук, анвои мевачоту конҳои маъдани Сарҳинд - ҳама аз они ман аст! Хайрият, ки писарам сиҳату саломат даррасид, ҳоло ҳукмронӣ дорад, бале вориси сазоворро дорам. Агар Рухшонаро бо набераам саломат дарёбам, онҳоро бо худ гирифта, то охири умр бо саодату фароғат зиндагӣ хоҳам кард!...»

Шаҳри Бобул мисли пештар орому ботароват ва хушнамо набуд. Бархе дар оғӯши ташвишеву ҳиссиёте мезистанд. Касеро ба касе коре набуд, ҳама дар ғами хеш, дар ғами ҷону аз паи ноне буданд.

«Тавба!» - мегуфт ба худ Уксорт, - «Искандар хазинаҳои ҷаҳонро ғорат карда молу маноли дунёро дар ин шаҳр гирд оварда ва чаро мардумонаш ба ҷои он, ки ғаниву сармоядор бошанд, ҳоло баҳри як лаб нон гадойи мекунанд! Магарам ҳама доройиҳо талаву тороҷ шудааст ва парвардигор ҷазои

онҳоро дода истодааст! Бале, агар худованд омади кору иқболро надиҳад, хазинаи дунё ҳам ҳеҷ будааст. Домодам аз Порс тиллову нуқра, аз Хоразм аспу чаҳорпой, аз Суғд матову маъдан, аз Ҳинд ҳатто барзагову амаду киштиҳоро, ҳазору ҳазор молу сарвати ғункардаашро ба кӣ бахшида бошад? Эҳ, парвардигори олам, пас чаро Искандарро ба ин сафар омода сохтиву ин бедодагриҳоро кашф кардӣ? Ё баҳри ибрати мардум ин сафҳа нигоштӣ? Охир, ҳатто мулки Искандарро ба худ надодӣ! Тавба кардам, Ҳурмузи бузург, бубахш густоҳии маро, агар шаккокӣ карда бошам, маъзарат мехоҳам, бахшиш мехоҳам. Тавба!»

Вақте ки Уксорт духтари нозанинашро рангпаридаву лоғар ва гирди чашмони як замоне бодомиаш ожангдор бидид, ба худ печид. Ҳар ду кӯдаквор дар оғуши ҳамдигар ашк мерехтанд. Яке «Азизакам, ҷигарам, оҳуякам!», - гӯён навҳа мехонду дигаре: «Падарҷонам, бузургворам, хабаргирам!» - гӯё натъ мегуфт. Ниҳоят, онҳо эҳсосҳои хешро ба даст гирифтаву қудурати занги дилашонро шуста, сабук шуданд магар, гирди мизи пур аз анвои таому мевақот ва ширинихо нишаста, ба сӯҳбат пардохтанд.

-- Чӣ тавр шуд, ки домод якуякбора фавтид, духти азизам?

-- Намедонам, падар. Ин як муаммоест, ки ба ҷуз парвардигор касе намедонад.

-- Ҳа, Худованд бузург аст!

-- Бале. Ҳамин тавр паи ҳам се рӯз табларза гирифту ҷон дод. Дар ин хусус гапу андешаҳо бисёр. Вале...

-- Чӣ вале? Возеҳтар сухан гӯй, Рухшонак. Ман имрӯз иқтидоре дорам, ки метавонам хоки Бобулу Румро бибезам! Сухане бе истиҳола гӯй!

-- Алҳол ба ин ҳеҷ зарурате нест. Танҳо қасосгириву ғоратгарӣ дар авҷ аст. Намедонӣ, душман кисту дӯст кист.

-- Ин бад аст, духти азизам. Кирми дарунӣ охир дарахтро хушк мекунад. Хайр, биё шаҳдухт, дилатро танг мадор. Пагоҳ ман туро аз ин орухона мебарамат, бале, мебараму тамом!

Рухшона чашмдошти ин нукта набуд магар аз ҷой бархеста рӯйи хона хомӯшона қадам зад. Уксорт ба ҳайрат ба дилбандаш чашм дӯхта, афзуд:

-- Ягон хел монеае ҳаст? Ё фарзандат...

-- Бале... Александриус майл надорад. Мегӯяд, ки ман ба

ҳеҷ куҷо намеравам. Дигар ин ки халқи маҳаллӣ маро қонунан ҳамчун ҳокима эълон кардаанд.

-- Чӣ, ӯ мехоҳад, ки соҳиби тоҷу тахт гардад? Хайр, ин хуб аст ва арзанда аст!

-- Кошки чунин мебуд, вале ӯ аз тоҷу тахт рӯй гардонида-аст ва ҳамеша вақти хешро дар китобхониву фарҳангандӯзӣ мегузаронад.

-- Чӣ?! Китобхонӣ? Ё тавба? Писари шоҳ? Канӣ худи ӯ?

-- Дар китобхона.

-- Чаро ӯро хабар намекунӣ? Бифармо, ки хабар диҳанд, охир, бобояш омада.

-- Гуфтам, вале ӯ дар қайди илму ҳикматҳои дунявӣ чунон фурӯ рафтааст, ки...

-- Ҳикматҳои дунявӣ? Аҷабо! Ё парвардигоро! Падараш кӣ буду фарзандаш кӣ шуд?!

-- Ҳамин хел. Вагарна ман кайҳо аз ин диёр мерафтам. Чанд рӯз пеш писари Антипатр модарарӯсамро дар майдони бузурги Шаҳрзӯр сангборон карда бикушт.

-- Олимпиадаи модари шоҳи ҷаҳонро?

-- Бале.

-- Ту ба писарат бигӯй, ки дар ориёно китобхонаҳое ҳаст, ки мислашон дар ҷаҳон нест. Медонӣ, чӣ қадар китобҳову ҳикматҳо дар мо вуҷуд дорад!

-- Гуфтам. Қабул намекунад.

-- Якрав аст ӯ?

-- Ҳа, мисли падараш.

Уксорт аракӣ пешониашро поккунон намедонист, ки чӣ чора андешад ва табассумкунон бигуфт:

-- Якравиаш эҳтимол мисли модараш бошад? - ва бетоқатона боз ба забон омад: - Хез, ӯро ин ҷо даъват бикун. Охир, бояд ба қароре омад!

Рухшона бадар рафт. Уксорт ба тасвирҳои рӯи девор суратҳои аспҳои болдор, ки аз рӯи оташ меҷаҳиданд, мафтуносо нигоҳ карда монд. Кас гумон мекард, ки ҳоким тасвирҳоро тамошо мекунад, вале дар асл ҳокими Зобулистон ба кадом як нуқта дида медӯхту дар банди хаёлу андешаҳо шино мекард.

Ниҳоят, ҷавони сиёҳчашму мӯйҳои қаҳварангаш марғула, сабзинаранг, биниаш теғадор, дандонҳои сафедаш садафвор дурахшанда, ки яке аз дандонҳои иловагӣ, ки онро «дандони

ҳусн» меномиданд, сараввал дар оташи вағн сачдакунон бо табассуму хушҳолӣ, дурудгӯён даромада омад.

-- Ин кас бобои ман, донишманди оташпарастон, падари бузургвори шумо, ҳокими Бохтарзамин Уксорти бузург, лақаби эҳтиромиашон - пайғамбари замин - Вахшун Варта ҳастанд! Ҳамин тавр, модарҷон?

-- Бале, Искандариус, вале бехитобу ҳазл. Беҳтараш ҳамоғӯши бобоят мешудӣ, хубтар буд.

Ҷавон хешро ба оғӯши бобояш андохт. Уксорт аҷаб-аҷаб ба набераш дида дӯхта, аз дидори вай сер намешуд ва ашкрезон: «Ҷигарбандам, ҳамхунам, барраҷонам! - гӯён Искандариусро аз оғӯшаш раҳойи намедод. Ӯро ситоишкунон мемолиду мебӯсид.

-- Бале, азбаски шумо мардуми Ориёно бештар чорводор ҳастед, ҳатто кӯдаконро баҳри ситоиш «барраҷонам» мегӯед.

Уксорт аз ин таҳлили дақиқ ва ногаҳонии набераш ба вачд омада, якбора қоҳ-қоҳзанон бихандид.

-- Хайр, якбор беташбеҳу беайбҷӯйи сухан мегуфтӣ, чӣ кор мекард? - гӯё ранҷид шаҳбону низ табассуми хешро базӯр боздошта.

-- Исто, ки мо мардуми Ориёно ҳастем, вале ту мардуми куҷо ҳастӣ-а?

-- Ман румӣ, модарам ҳам акнун румӣ шудааст. Падарам низ дар ин коҳи Рум хобидааст.

-- Бисёр хуб, бисёр некӯ гуфтӣ,писарам. Аммо ман ба ту чизи дигареро нақл карданӣ ҳастам. Нақли ман оиди китобҳо! - ба мақсад наздик мешуд Уксорт муғамбирона.

-- Китобҳо? Хеле орифона! Канӣ, бобоҷон, шуморо гӯш мекунем. Зеро мегӯянд, ки аксари ҳикматҳо аз машриқзамин рустаанд.

-- Ман ҳокими нимаи сарзамини Ориёно, дар Балх ва дар Мароқанд китобхонаҳое созмон додаам, ки он кутубҳои нодир, дастнорас ва гаронбаҳоянд.

-- Чаро дастнорас? - хушнудона бипурсид валиаҳди ҷавон бетоқатона сухани бобояшро бурида.

-- Аз ин боис ки ин китобҳо танҳо ба шахси фозилу хирадманд ва илмдӯст дахл дорад, барои бегонаҳо дастнорасанд.

-- Фаҳмо. Давомаш.

-- Ин китобҳо дар сандуққои махсуси чармӣ, дар қасрҳои

мунаққаш нигоҳ дошта мешавад. Дар он китобҳо, гумон мекунам, ки тамоми улуму фунун гирд омадаанд. Ваҳ, чӣ тавр зебову мунаққаш ва зарҳаливу хушхатанд китобҳои «Авасто», «Заравах», «Ҳотҳо», китобҳои ҳиндувону форсҳо..

-- Магар онҳоро ба ин ҷо овардан мумкин аст?

-- Ҳеҷ гоҳ! Ин китобҳо аз дари ганҷинаҳо набояд берун бароянд, вагарна мардум он фардеро, ки китобҳоро бурданӣ мешавад, ба сахттарин ҷазоҳо гирифтор хоҳанд кард.

-- Фаҳмо. мардуми шумо чизпарастанд. Охир, китоб, илму хирад барои бани одам аст. Ба касе китоб додан, илм омӯхтан яке аз бузургтарин савобҳост. Ин суханҳоро ба ман устоди китобдорам гуфтааст!

Шаҳбону дам назад.

-- Агар шумо ва шаҳбону розӣ бошед, калиди он китобхонаҳоро ба Искандариус месупоридам! - шӯхиомӯз таклиф пеш овард Уксорт.

-- Ҳоло не, бобоҷон. Ман розиям, вале дертар.

Искандариус таъзими сабуке карду ҳозиронро тарк намуд. Ҷавон шодон баромада рафт. Чун набераи Уксорт бадар рафт, ӯ ба шаҳбону нигоҳи маънидоре афканду боз ба пурсиш пардохт:

-- Чӣ кор кардем? Бо ман меравед ё ин ҷо мемонед?

-- На. Ман бо фарзандам ин ҷо мемонам. Ҳар чизе, ки тақдир раво бинад, он мешавад, падар!

-- Духти азизам, эҳтимол, мо дигар ба дидор намерасем, инро Ҳурмуз медонад. Ту...агар...тавонӣ, маро бубахш, ки ҳаётатро, ишқи покатро осеб расонидам. Чӣ кунам, ки дигар илоҷе надоштам. Сониян, Искандар низ одами бад набуд. Ба назарам ӯро худоҳо ба ин роҳ, ба роҳи забту кушторҳои одамон сафарбар кардаанд. Ӯ низ мисли мо одами хокӣ буд ва ба хок рафт, мо ҳам меравем. Бояд рӯирост иқрор шуд, ки ман ӯро дӯст медоштам ва то охири умр домодамро эҳтиром мекунам, ёдаш бахайр, рӯҳаш хуш бод! Шумо низ хуш бошед, то дидор, худо ҳофиз. Эдун бод!...

Уксорт пас аз як ҳафта шаҳри Бобулро тарк гуфт. Ҳоким ба худ ҳукм мебароварад, ки ҳеҷ кас наметавонад ва қодир ҳам нест, ки мувофиқи хостаашу ҳавои дилаш кореро то охир созмон диҳад. Ӯ тамоми роҳ андеша меронд ва ниҳоят ба қароре омада, гуфт:

-- Рухшонак низ бузург аст!

БОБИ ДАҲУМ

ЯК КАФ ХОКИ СУҒДӢ

Эй кошки ҷои орамидан будӣ,
Ё ин раҳи дурро расидан будӣ,
Кош аз паи сад ҳазор сол аз дили хок
Чун сабза умеди бардамидан будӣ.
(Умари Хайём)

Баҳори соли 311. Баҳор, ки расид соле ба умр зам мешавад, замини ташналаб нам мешавад, аз файзи фасли арӯси сол дили кас беғам мешавад. Баҳорро арӯси сол меноманд, арӯси куртааш гули нори хол-хол меноманд. Арӯси нозанине арғушт меравад, ба рушд меравад, дили озодагонро ба завқу чархушт мебарад. Баҳор фасли зебо, печида ба матои сабзи маҳмаливу дебо, ҳошияи пироҳанаш мисли ситораҳои рахшони шабҳо, мӯйҳои сунбулосои парешонаш пур аз мушки соро, ба пои бараҳнаи ҳиногун рӯи замин давида он раъно навое меофарад. Ба оҳанги навои ӯ тамоми ҳастии олам ба рақс омада, ба қарс омада, ба ваҷди зангӯлаи ҷарас омада, ҳар сӯ хешро мезананду ҷавлон мекунанд. Баҳори нозпарвар, лабонаш ғунчаи тар, сабади гулҳо ба бар, тоҷи зебояш аз зар хиромону тозон омада мисли Рухшонаи хушназар!

Шаҳбону чаҳорзону рӯи қолини гулнақш афтода, гӯё ибодат мекарда бошад, ба фарши хона дида дӯхт. Дар пеши назараш як мушт хоки сурхранге рӯи чарм густурда, хоке аз марзи Суғдиёна буду Рухшона хомӯш ба он дида медӯхт. Оби дидагонаш бари рухсорааш рах кашида поён мешорид. Шаҳбонуро дил ба гиря омада буд, ки ҷӯш мезаду чашмонаш ашкполо сурат мегирифт. Ба ёди ӯ модари меҳрубони барвақт фавтидааш, бекасу бенавояш, аз марз дур афтода, заҳри ғарибӣ чашида истодааш, ҳама яко-як мегузаштанд. Ҷавонзан ба ин як каф хоки аз дур мисли аҳромча ба дида расида нигоҳ мекарду андеша меронд: «-- Як каф хоки суғдие, ки аз марзи назди қалъаи «Шахи Суғдиён» гирифта будам, ин хоки пок модари азизамро ёдрас мекунад. Модаре, ки марову бародарамро офарида. Модари ҷонпарвар, наво-

зишгар, мӯнису ғамхор зуд бирафта аз ҳастӣ. Кучо рафта модар бошитоб? Ба марз - ба хок!...

Шаҳбону лаъличаи шабчароғро афрӯхта, паҳлӯи аҳромчаи хокӣ гузошт ва чодар бар сар гирифта, бо овози паст, вале шунавои ширадор ба забон омад. Ба назар чунин менамуд, ки агар сухане намегуфт, эҳтимол, нафасаш дар гулӯ мепечид ё қалбашро ришта-ришта гирехӯ банд фаро мегирифт. Аз ин рӯ ба хоку ин оташаки фурӯзону арғувонии шамъчароғ нигоҳ афканда, афзуд:

-- Одамӣ аз хок бино шудаву боз ба хок табдил меёбад. Эй, оташи муқаддас! Азбаски ҳар як фард муште ё кафе хок бошад, пас ӯ аз чӣ битарсад? Аз офаридгор, ки сарвари чону рӯҳ аст. Бале, аё нури парвардигор, ту маро гармии дил, равшании рӯҳ, иродаи бузург бубахшо. Зеро ман ҳаёту ҳастӣ ва буду шудамро ба фарзандам бахшидам. Агар ин шева гуноҳ бошад, бубахш маро, зеро дигар роҳе надораму нахоҳам. Баҳри иқболу пирӯзии фарзандам талош хоҳам кард!

Рухшона даме хомӯш монд, вале ин хомӯширо андешаҳои мушаххасу равшан шарҳи тамом медоданд: «Баҳри шӯрангезу гирдгардони тақдир маро боз то ба кучо мебурда бошад? Мабод ки мисли як барги сабзу зебою нозанин ба коми худ кашид ё мисли пӯки дарахте бо мачрои хеш бубарад...»

Рухшона чанд лаҳза дар атрофи ин муаммо, аниқтараш оиди «санги тақдир» андеша меронд ва ҳусну кубҳи роҳи дуру дарози тайкардаашро пеши назар меовард. Ниҳоят, ба вачду эҳсосот омада, бигуфт:

-- На-а!... Ман гуле ё барги ночизе нестам ё пӯки бечону беҳис набудам ва чунин нахоҳам буд. Шаҳбону дили мубориз дорад ва ҳамеша талош хоҳад кард. Бо ман ҳатто Искандари шоҳи чаҳон ҳам созиш мекард. Падару бародар, атрофиён ба маслиҳати ман такя мекарданду ҳочате доштанд. Иродаи маро на тааддии шоҳу на валвалаи румиён ва мақдуниёни мансабхоҳ, на ишваю нозу нузи авлодони дороҳову каёниҳо, ба чуз фарзандам Искандариус касе натавонад боздошт. То он даме, ки оташро парастиш мекунам, мисли оташ ҳамаро фаро хоҳам гирифт, нуру ҳарорат хоҳам бахшид! Ман оташам ва кори оташ хоҳам кард!

Рухшона дар ҳақиқат ҳам ба хоку оташ сачда мекард, аз

ин ибодаташ қонеъ мешуд ва ҳамин вақт оташи шамъчароғ ба миҷмари бузург андохт, ки оташи он вағн боз ҳам равшантару бузургтар шуд. Хокро ба халтачаи чармӣ рехта истода, ба чашму лаб бӯса дод ва ба ҷайби пироҳанаш андохт.

Ӯро ба ёд расид, ки китобдор - устоди писараш дер боз ҳамфикри ӯ шудааст ва маслиҳатҳои судманд дода метавонад. Аз ин рӯ шаҳбону роҳ ба сӯи китобхонаро гирифт.

Китобдори юнонӣ сар ба болини китобҳо андешаманд фурӯ рафта буд, шаҳбонуро дида, ҳушёр гашт ва ӯро пазиройи карду ҷониби Искандари ҷавон, ки дар хонаи шафат рӯи китобҳо хам шуда ғариқи мутолиа буд, ишора кард.

-- Чӣ хабарҳои нав? - пурсид шаҳбону ба китобдор маънидорона нигоҳ карда. Китобдори бобулӣ - Солон чанд лаҳза хомӯш бимонд ва ниҳоят сар бардошта, афзуд:

-- Рӯз аз рӯз Кассандри ҳаромӣ бехудиҳо мекунад. Вай имрӯз писари Барсина - Ҳеракли содалавҳро низ қатл фармуд. Мегӯянд, ки хоҳарарӯсат Клеопатраро низ ҷустуҷӯ мекунад. Ман аз хавфи он, ки рӯзе ба тую писарат низ осебе расонад, ба ташвиш афтодаам.

-- Мегӯянд, ки Ҳераклро Кассандр нею Полисперхонт куштааст. Магар ин рост бошад? Худи вай куҷост, ки чанд рӯз боз ба чашм наменамояд?

-- Вай дар ҳисси интиқом месӯзад. Ба қавле духтарони Доро - Статир ва Драпедитаро ва хоҳари ӯро низ вай куштаааст!

-- Ё тавба! Чаро?

-- Намедонам. Вай дар қасди Кассандр низ афтодааст.

-- Ӯро кас фиристода бароям пайдо бикун!

Рухшона дигар чизе нагуфта як нигоҳ ба писараш дида дӯхту бадар рафт. Ба хонаи хосааш даромаду ӯро воҳимаю хаёлҳои ботил иҳота кард. Ёдаш омад, ки соли гузашта, модари шоҳ Олимпиада тарсону ҳаросон, зорикунону гирён аз ӯ кӯмак пурсида буд. Аҷаб дунёе! Олимпиадае, ки дарахти макраш сад реша дошту боре ҳам ба Рухшона сафедии дандонҳояшро нишон намедод аз ӯ ёрӣ мепурсид, ки вайро пинҳон бикунад. Сараввал Рухшонаро аҷабе омад ва ба гумонҳои ботил рафт, ки ин боз як мазҳакаи нави модари шоҳ набошад, бовар намекард. Вале дере нагузашта ҷосусони Кассандр - чокарони ваҳшиманиш - ӯро зарбу шатта зада, гирифта бурданд. Ваҳ, Олимпиада чӣ тавр зорӣ ме-

кард, таваллову илтимос гӯён ашк мерехт. Вале кӯшишҳояш суде надошт. Бурданд ва сангсораш карданд.

Ҳамин вақт писараш сурудгӯён вориди утоқи модараш гашта, таъби ӯро аз нав болидаву осуда гардонид. Искандариус сараввал аз рухсораи модараш бибӯсид ва пурсид:

-- Чаро ғамгину парешон менамойи, шаҳбонуи чаҳор самти ҷаҳон?

Рухшонаро суханҳои писараш киноямез расид магар чизе нагуфт ва танҳо пурсид, ки хӯроке мехӯрад ё на.

-- Бале. Ҳар чизе, ки ту меорӣ мехӯрам, вале ту ба суханам посух нагуфтӣ?

-- Ҳеҷ гап не, азизам. Сонитар хоҳи фаҳмид.

Шаҳбону зангӯла зад ва надим ба хизмат расида, пас аз лаҳзае нону шарбат ва шавла овард. Модару писар ба сӯҳбат пардохтанд:

-- Ту акнун чаҳордаҳсола шудӣ. Вақти ҳукмдориву тахтнишиниат ҳам расидааст, писарам. Оё дар ин бора андеша мекунӣ? - кунҷковона пурсид Рухшона.

-- Ҳаргиз! Ман тоҷу тахтро не, озод буданро мехоҳам. Хайр, падарам қариб, ки ҷаҳонро тасхир кард, вале чӣ суде бурд, аз худ чӣ гузошт? Ман ин андешаамро боре дар анҷумани бузургони дарборӣ гуфта будам ва аз қавлам намегардам.

-- Бигузор, гуфтаи ту шавад. Вале мушоҳида мекунӣ, ки душманони падарат чӣ корҳое мекунанд? Румзамин ноором, мансабдорон гурӯҳ-гурӯҳ ба ҳам муқобил баромада, дарёдарё хунҳои бегуноҳон мерезад ё барои ту ҳеҷ дахле надорад?

-- Хайр, ман чӣ кунам?

-- Охир, ту валиаҳди қонунии падар ва шоҳзода ҳастӣ! Ман то кай вазифаи туро ба субут мерасонам?

-- Модарҷон, биё, аз ту хоҳиш мекунам, аз ҳамин мавзӯи бароям дилбазану нафратовар ҳарфе нагӯем. Илтиҷо мекунам, модарҷон! Охир, ту сари тахт устувор ҳастӣ. Зебандаю арзанда. Боз чӣ мехоҳанд?

Рухшона ба чашму абрӯвони беғаму беғарази дилбандаш дида дӯхта, хомӯшу ором гашт ва ниҳоят боз афзуд:

-- Мақдуниён маро ғайридин ном мебаранд, эҳтимол, дуруст ҳам мекунанд. Вале туро мувофиқи васияти падарат ба ҷон пазиройи хоҳанд кард.

-- Ту гумон мекунӣ, ки онҳо ба қавлашон устуворанд? Ҳаргиз? Ман намехоҳам.

«Ин қадар калонгап аст ин бача!» - мегуфт ба худ шаҳбону болида.

Рӯзи дигар вақти хоб Рухшона писарашро ба оғӯш гирифта, ба хаёл рафт ва метарсид, ки рӯзе фарзандашро мебаранд. Аз ҳамин хотир шаҳбону сафи посбонҳоро афзуда, онҳоро ба ҳушёрӣ даъват карда бошад ҳам, дилаш ноором буд. Ногоҳ ба ёди ӯ расид, ки Полисперхонт имрӯз ҳам пайдо нашуд ва касе намедонад, ки ӯ ба куҷо рафтааст. Бадии кор дар он буд, ки вай нимаи зиёди чокарони варзидаи Рухшонаро бо худ бурдааст. Аз ин боис шаҳбону ба назди посбонҳо баромада, онҳоро супоришҳои махсус дода буд.

Поси шаб. Ҳаво абрноку рутубатоло. Гирду атроф чунон торику пурвоҳима буд, ки ҳатто равшании фонусҳо каме аз дур мисли як доғи сафед ба дида мерасиданду бас. Ҳамин вақт аввал поймонии касе, сипас шараққас задани силоҳе ба гӯш расид. Пас аз андаке «воҳ-воҳ!» - гӯён афтодани одаме Рухшонаро ба худ овард. Вай зуд зангӯла зада, бонги хатар эълон кард. Дар берун ҷанги тан ба тан байни чокарони шаҳбонуву Кассандр оғоз ёфта буд. Вале дар як лаҳзаи кӯтоҳ силоҳбадастони бешумори Кассандр надимону чокарони шаҳбонуро оғӯштаи хун карданд. Кӯшки Рухшона гирдогирд бо низомиён иҳота шуда буд ва ниҳоят сарҳанги бузургҷуссаи румӣ, ки сарварии пахшу ба ҳабс гирифтани Рухшонаро ба аҳли дарбораш дар ӯҳда дошт, бо дастаи даҳнафара вориди утоқи шаҳбону гашт.

Вақте ки Рухшонаю писари ӯро дастҳо ба гардан баста мебурданд, пеши назарашон чокарони фидойи ва асиле, ки солҳо дар хидмати онҳо буданд, ба хоку хун жӯлида мехобиданд. Духтари Уксорт ҳарчанд ки даст дар банд буд, вале бо сари баланд, бо нигоҳи пирӯзӣ қадам мегузошту дар дилаш алвидоъгӯён бадар мерафт. Онҳоро Кассандр ба зиндон фармуд. Пас аз чанд рӯз шаҳбону ва шаҳзодаи асирро ба шаҳри Фапсак /Амфипол/ оварданд ва дере нагузашта бо ҳукми маҳкамаи ҳарбӣ чандин гуноҳу далели бардурӯғро ба номи Рухшонаву писараш марбут сохта, ба қатлаш қарор баровардаид.

Дарёи қадимаи Фурот ин пагоҳ намуди хокистарӣ гирифта, аз оби селобаю партовҳо бехуду гӯё бетоқатӣ мекард.

Чашмони Кассандр аз бисёр нӯшидани шароб ва айёшӣ тоси хун фаро гирифта буданд. Вай кунун ба қотили ҳақиқӣ, ҷаллоди бераҳм табдил ёфта буд.

-- Банди дастони шаҳбону ва писари ӯро бикушоед, акнун ба каманд ҳоҷате нест! - лоқайдона амр дод писари Антипатр.

Рухшона хешро пурра ба дунёи андешаву хаёлҳо супорида, ҳаёти гузаштаву имрӯзаашро пеши назар меовард. Ногоҳ Фаридуни азизаш ба ёд расиду гӯё дилашро чизе фишор дод. Бечора ба тақдир тан надода, ишкро авло дониста, бо як пой нимаи ҷаҳонро тай кардаву маро дарёфта буд. Азизам, ту марди ҳақиқӣ, фарди асолатпеша ҳастӣ ва ёди ту дар дили ман то абад боқӣ хоҳад монд. Хушбахт бош! Аз ростӣ, ки ба ту ҳавасам меояд!».

Ба димоғи шаҳбону аз куҷое бӯи атрогини гулҳо мерасид, вале боду шӯриш дошт, ҳавои баҳор. Насими саҳаргоҳон мӯю пероҳани дарози абрешимиашро алвонҷ медод. Ногоҳ турраи аз матои парча ба \сараш бастаро боди девонае рабуда, ба дарё андохт. Рухшона табассуми нарме намуда ба худ бигуфт: «Ман ҳам бо ин дарё меравам ва баробари ман баҳори нозпарвару ҷонбахш низ олами равшанро падруд хоҳад гуфт. Падруд ё алвидоъ? Бале, алвидоъ! Ман мераваму барои ман тамоми бузургиву шаҳомат ва имкониятҳо низ беҷону беҳис хоҳанд рафт».

Рухшона ба дуродур ба ҷониби соҳилҳои мурод дида медӯхт, вале ягон муроде намедид. Ногоҳ нигоҳаш ба фарзандаш бархӯрду мисли модашери занҷирбанд такон хӯрд ва ҷуръате пайдо карда, тозон аз байни синондору қотилони теғбадаст гузашта, Искандариусро ба оғӯш гирифт. Кассандр як нигоҳи лоқайдонае карду бепарво даст афшонд, бо ин гуфтан мехост, ки бигузор дар дами вопасин васияте бигӯяд.

Дили Рухшона ба риққат омада пур шуд ва ашки то ин дам падид наомада якбора ҷӯш зада равон шуд. Ҳатто дили баъзе чокарони Кассандр низ аз ин ҳолат, алайҳи як шаҳбону ба раҳм меомад. Охир, чунин фарзанди бегуноҳу зеборо, ҷавони чаҳордаҳсоларо қатл фармудан ба ҷуз ваҳшоният чизе беш набуд. Шаҳбону дилбандашро сахт ба оғӯш гирифта навозиш кард. Бод бо мӯйҳои қаҳварангу марғулаи ҷавон гӯё бозӣ мекарду онро машшота мезад. Рухшона боз ба хаёл рафт, хешро

ба гирдоби андешаҳо супорид: «Оҳ, ин одамони кӯрдилу бадсиришт! Чӣ сон баҳри фарзандам месӯзам, чӣ сон дилам обу адо мешавад! Охир, аз сад гулаш ҳоло яке накушода, писараки илмдӯсту бомаърифатамро, китобхонамро қатл мекунанд! Баҳри мансаб, чоҳу тахту бузургиҳо! Вале аминам, ки ин тоҷу тахт ба тобуту марги эшон низ иваз хоҳад шуд! Чӣ кунам, ки онҳо имрӯз моро намефаҳманд, намедонанд ё намехоҳанд. Ҳарчанд ки фарзанди валиаҳдам аз тоҷу тахти қонунӣ рӯй гардонида бошад ҳам, ба гумонҳои ботил дода шуда, моро бовар намекунанд. Аз ин боис баҳри қатл ба ин соҳили аҷал, ба соҳили дарёи Фурот мисли бандиёни ашаддии ба марг маҳкумшуда омода сохтаанд. Баҳри чӣ моро мекушанд? Метарсанд! Дили онҳо аз мо ба ларза меояд, ки рӯзе талабгори ҳақиқату адолат, баҳри интиқом бармехезем. Дуруст ҳам мекунанд. Зеро чунин рӯз аз дусар ногузир ба амал меомад ва меояд. Бале, онҳо ба мақсуд нахоҳанд расид.

Худоё! Поко! Парвардгоро! Чаро ту бетарафу хомӯш ҳастӣ? Чаро хешро ба канор мегирӣ? Ё ман аз дину оинам рӯ тофта будам, ё ба оташи муқаддас камтар саҷда кардам! Ё ту мехоҳӣ, ки мо ба дунёи ту васл ёбем? Дилам танҳо ба ин кӯдаки бегуноҳ месӯзад ва боиси гиряам ҳам ҳамин буд. Ту бузург ҳастӣ ва ту ҳар оина донову тавонойи! Бовар дорам, ки интиқоми наситонидани маро аз ин бадсиришт меситонӣ. Бале, ин бадсиголонро ба амру ихтиёри ту ҳавола кардам. Оре, танҳо ба ту!..»

Рухшона даст-даст карда, тӯмори чармиашро аз ҷайбаш гирифт ва онро кушода ба фарзандаш рӯ овард:

-- Ин як каф хоки муқаддаси суғдзамин аст. Дар дами вопасин бибӯс онро, писарам. Ба дида бимол, то марзи азиз аз мо розӣ бошад!

-- Шоҳзода хокро ба чашму лаб бӯса дода, якбора оби дидагонаш шашқатор шуд. Ӯ ба худ андешид, ки аз ин пеш ба суғдзамин нарафтанаш боиси бадбахтиву фалокатборӣ шуд. Якравӣ кард. Ба модару бобояш сар фуруд наовард. Ана, якраҳагӣ ба чӣ оқибатҳо овард! Аз ин рӯ ба модараш зорикунон гунаҳгорона бигуфт:

-- Модарҷон, ту маро бубахш!

-- Аз чӣ боис?

-- Туро гӯш накардам. Ту гумон мабар, ки ман нисбати ту беэҳтиромӣ карда бошам. Ҳеҷ гоҳ! Нақшае, ки Полиспер-

хонт кашида буд, маро хуш омада. Ин нақша - мубориза буд - мубориза бо душманони ашаддии падарам.

-- Кадом падар? - гуфтанашро худи шаҳбону надониста монд.

-- Чӣ, ман боз падари дигаре дорам?

Шаҳбону ларзид ва фарзандашро сахт ба оғӯш кашида, канда-канда бигуфт:

-- Маро бубахш, азизам. Хайрият, ки дар ин бора пурсон шудӣ, вагарна ин асрор баробари ман ба адам мерафт. Искандари Мақдунӣ даҳҳо зан дошт, вале аз ягон нафари онҳо фарзанде пайдо намешуд. Ин асрорро ба манПолисперхонт боре нақл карда дода буд. Ман, ки то ба Искандар хонадор шудан ба каси дигар дил бохта будам ва азми ба ӯ хонадор шуданро ният мекардам, номусу шарафи хешро низ ба он шахси бароям азиз супоридам.

-- Кист он кас?

-- Вай Фаридун ном китобдори дигар, дабири донои суғдӣ буд!

Искандариус лаҳзае шах шуд ва сипас ба вачд омада, модарашро сахт ба оғӯш гирифту ниҳоят афзуд:

-- Ман инро эҳсос мекардам, модар. Ман шодам, модарҷон! Аммо...аммо ту инро ба ман пештар мегуфтӣ, як сония ҳам дар Бобул намеистодам.

Рухшона беист ашк мерехт, дилаш пур шуда буду чамбараки зарриннусхаи ба мӯяш печонида баробари китфонаш меларзид. Ӯ аз тақдири талху номураттаб ва носозгораш ба фиғон омада буд. Мехост ҳарфе бизанад, вале гӯё нафас дар роҳи гулӯяш мепечид.

-- Модаро! Гиря макун. Акнун дили ман ҳам равшан шуд ва ба матонату муҳаббати асили ту, вафои ту сари таъзим фуруд меорам. Ту бузург будайи, ман надониста будаам ва ҳамин тавр бузург хоҳӣ монд! Некиҳои ту ба хирадмандон, ба некхоҳон, ба одамони бебизоату озодӣ бахшидани ғуломон ва ғайраву дигар корҳо шоёни таҳсинанд. Туро румиён низ фаромӯш нахоҳанд кард. Дер ё зуд, ба қавли бузургон одамӣ бояд ба адам меравад ва аз ин дилгиру андӯҳгин набояд шуд...Ту маро мешунавӣ?

-- Бале, бале, азизам... - хаёломез посух дод Рухшона.

-- Биё, акнун вақт расид, ба ҳар ҳол ба назди падар меравем. Бе ин ҳам мо дар ин сарзамин хеле саргардон шудем...

-- Бале, вақт даррасид, - бо шитоб ба сухан омад Рухшона, ҳатто табассум ҳам карда монд ва афзуд, - Беҳтараш бо ин дарёи қадим, ки ҳоло тозаву тар шудааст, ба дидори дӯстон меравем!

Баҳор буд, вале баҳори сард. Дарахтҳои мевадоре, ки пурра гул карда буданд, аз ин сармо сиёҳу нобуд гаштаанд. Аз сад гулашон яке бор набаста пажмурда гаштаанд. Аз ҷониби дарё низ шамоли сард вазида, чангу тӯфон бармехезонд. Тӯфон дар замин, дар дил ва дар рӯд!

Рухшонаи гуландом ва Искандариуси ҷавон ҳамдигарро оғӯшкашон рӯ ба ҷониби дарё равон шуданд. Дарё гӯё бо як меҳр онҳоро ба ҳузур металабид, дилдорӣ медод ва хешро мушфиқу меҳрубон муаррифӣ мекард. Дили ба марг маҳкумшудагон ба ин ҳолати рӯди бостонӣ моил шуд ва қадам ба оғӯши ӯ андохтанд. Дарё онҳоро ба мақсудашон бирасонид.

ХОТИМА

Бо ту гӯям, ки чист гояти ҳилм,
Ҳар ки заҳрат диҳад, шакар бахшаш.
Ҳар ки бихрошадат ҷигар ба ҷафо,
Ҳамчу хони карим зар бахшаш.
Кам мабош аз дарахти сояфикан,
Ҳар кас сангат занад, самар бахшаш.
(Ҳусайн Воизи Кошифӣ)

Искандари Мақдунӣ писари Файлақус (Александр Македонский) дар ривоятои мардуми Шарқ - Искандари Зулқарнайн, яъне «шохдор» дувоздаҳ солу ҳашт моҳ ҳукмдорӣ кардааст ва сиюсе солро ҳам пур накарда, ҷониби тахти оташбори дунёи уқбо реҳлат кардааст. Тамоми Аврупою Миср ва Байнаннаҳрайну Осиёи Сағир, Ориёнову Варзрӯд, Зобулистону Ҳиндро тасхир карда буд. Иддао дошт, ки бани башарро ба як оилаи мутамарказ тобеъ мекунад ва хешро «худои заминӣ - писари худо» эълон фармуд, ҳарчанд ки на ҳама ба ин бовар мекарданд. Мутаассифона, соле, ки вай ба адам рафт, бархе кишвару сарзаминҳо боз давлатдории хешро барқарор намуда, аз равишу ройи ӯ рӯ

тофтанд. Давлатҳо, ҳатто шаҳрҳое, ки Искандар бо ҷанги қаттол, бо зулму зӯроварӣ барқарор карда буд, ин манзилҳоро шаҳри шуму наҳс эълон карда, ба вайронаҳо табдил доданд. Афросиёби вайронаро мардум тарк бинмуда, деворҳои афсурдаи шаҳрро минбаъд «Девори Қиёмат» ном гузоштанду яксӯтар аз он мавзеъро интихоби истиқомат намуданд. Он ҷо шаҳри наве қомат афрохт. Шаҳрҳои сохтаи писари Файлақус: Искандарун дар Ироқ, Александрия дар Миср, Александрияи Ориё дар Ҳирот, Искандарияи Араҳозӣ дар Қандаҳор, Искандарияи Марвӣ дар Марв, Искандарияи Ақсо дар Хуҷанд ва дигар шаҳрҳо пояи устувор надоштанд ва зуд барҳам хӯрданд.

Пас аз марги фоҷиавии Искандар тамоми авлоду хешу ақрабои ӯро ҳатто устодону дӯстонашро ба таъқиб гирифтанд, бадарға карданду ба қатл фармуданд. Юнониҳо, фивагиҳо, фессалиҳо, румиву ҳатто эпириҳо ӯро лаънат мехонаданд ва ин бадбинӣ пас аз маргаш боз ҳам равшантару возеҳтар мунъакис гардид. Дар тӯли ҳукмронии ӯ ҷомиаи ғуломдорӣ рушд ёфт, баробари ҳазорҳо ғуломон асилзодаву дӯшизагон ва бонувони ашрофзода бо завлонаи ғуломиву канизӣ пойбаст гардиданд. Соли 312 (пеш аз милод) танҳо дар шаҳри Бобул, ки ҳамагӣ бистуяк ҳазор шаҳрванд дошт, дарбориён беш аз чаҳорсад ҳазор ғулому канизакро ба қайд гирифта буданд. Тибқи иттилои як идда олимони сонӣ, ки гӯё Искандар дар Машриқзамин ислоҳоти бемисли «маданӣ» гузаронида бошад, ӯро ба арши аъло бароварда ситоиш мекарданд. Ин ситоишҳо ӯро кӯр карда буд, кар карда буд ва ба кибр оварда буд. Гӯё Искандар ба мардумони Ироқу Байнаннаҳрайн деҳқониву кишгариро, ба суғдиву зобулиҳо нигоҳубини пирону калонсолонро, ба форсҳо ба хешу ақрабо никоҳ набастанро омӯзонида бошад. Ҳол он ки чунин оин дар қаламрави Юнону Рум низ вуҷуд дошт. Вай гӯё дар рӯйи замин тухми баробариву бародариро кошта бошад, зӯр зада ӯро ба сифати шоҳи одилу доно тарғибу ташвиқ мекарданд.

Дар таворих Искандарро ҳамчун шоҳи қотилу одамкуш, ғоратгар, зарпарасту айёш, базмдӯсту бо занҳои фиску фуҷур меҳрубон, ба ҳунару фарҳанги машриқиён ҳасадбар, нотавонбин ном мегиранд. Ӯро аз дидани қасри нодираи Ҷамшед дар Эронзамин чунон ҳасад боло гирифт, ки қасрро

дарзамон оташ зад. Китобҳои бузургонро якнусхагӣ ба Рум фиристода боқӣ ҳамаро нобуд сохт. Ҳатто ба ҳайвоноти бузург - ба барзговҳои Ҳиндустон, ба аспҳои суғдиён, ба уштурҳои сакойиҳо бо чашми носериву кина дида дӯхта, онҳоро гала-гала ба сӯи Рум биронд. Зару нуқра, матою чарм, асбобҳои рӯзгор, муҷассамаю ҳунарҳои дастиро ҳарисона ғанимат гирифт ва кадхудоҳои онҳоро ҳунарманду косибонро ба ғуломиву асир ва шиканҷа табдил дод. Ба ин ҳам қаноат накарда оиди сирру асрори фарҳангу адаб, ҳунару касб ва ғароибу аҷоиби берун аз марзи Мақдуниро ба ҷилд-ҷилд китобҳо навишта, амр медод, ки биомӯзанд аз он кору истифода бикунанд ва ҳамин тавр ҳам шуд.

Магар ҳамин буд шону шӯҳрати «шоҳи чаҳор самти ҷаҳон» ё «соҳиби хушбахтии волои одамият», ки ба қавли таърихнигор аз Никомедия - Арриан Квинт Флавий (солҳои 90-175 милодӣ), баён кардааст? Магар ҳамин аст ҳақиқату адолати Искандар? Рехтани дарё-дарё хуну ашки модарону пирамардон, доду фиғони кӯдакони бегуноҳ, манзилҳои валангору марғзорҳои абгор, ба дод омадани ҳайвоноту ботот, оламу одам.... Наход ин олиҳиммат бошад? Магар ин ҷоҳиливу нотавонбинӣ нест? Бале, бузургворе фармуд: «Бимиред, эй айбҷӯёни нобовар?!»

Ғолиб наомадани Дорюши Саввум сабабҳои ба худ хос дошт. Аз ҳама асосиаш давлатдории бар зулм бунёдкардаи Дороҳо, ки зӯран сарзаминҳои гуногунро ба худ тобеъ карда буданду ҳукуқҳои қавмиро маҳдуд мекарданд ва билкулл дар соати мувофиқ онҳо аз форсҳо рӯ тофтанд. Ҳатто дастаҳои ҷангӣ «акнун фурсати озодии мо даррасид!» - гӯён аслиҳаҳои хешро партофта, рӯ ба сарзаминҳои хеш фирор намуданд.

Набераи Сапитамон писари Апома ва Селевк Антиох, ки сонитар волии Машриқзамин таъин гардид, нақшаву роҳу равиши бобоёнашро идома дода, сулҳу салоҳ ва адолатро пеша кард. Дар Мароқанд тангаҳои махсусе бо тасвири марди камонбадаст бо ном «Антиох» сикка зад. Мақсаду маром ва ҳақиқати гузаштагонашро устувору побарҷо сохт. Зеро нақшаҳои гузаштагонаш - нақшаҳои судбахшу умедбахш буданд.

Чӣ хуш аст, ки нахуст шоири огаҳу равшанрой, ҳаким Абулқосими Фирдавсӣ дар асари безаволаш «Шоҳнома» Искандарро шоҳи золиму ғаддор, ҷоҳилу ҷафопеша,

ҳақиқатнигорона ба қалам дода буд. Пас аз ҳазор сол ин муаммо аз ҷумла ба асари таърихнигори номӣ Бобоҷони Ғафур дар китоби «ТОҶИКОН» равшан тавзеҳ ёфт.

Ҳамсари Искандари Мақдунӣ - тоҷикдухтари бебок - Рухшонаи шаҳбону, Рухшонаи аз кажию бадӣ безор дар сарсониву ноадолатиҳо қурбон шуд. Рухшонае, ки фарзанди хешро аз мансабу тоҷу тахт ва ҷаҳонгириҳо дур тарбия карда буд, дар ғарибию бекасиҳо, дар нобасомониҳои сохти вайрони ҷомиаи ғуломдорӣ талаф ёфт. Шаҳбону он зиндагии мудҳишро нафринкунону надоматгӯён, ҳақиқатро наёфта аз олам рафт. Тақдири суғдидухтари азияткашида байни дасисабозону кинатӯзҳо, айбҷӯёну ғаразгӯён таҳқиру маломат дид. Ӯро бе ягон асосу далел, гунаҳкори аз байн рафтани завҷаҳои дигари Искандари Мақдунӣ донистаанд, ки аз воқеъияти таърихӣ берун аст. Кассандр писари Антипатр, ки қотили Олимпиада ва авлодҳои Искандар аст, Рухшонаро низ ба қатл расонидааст, исботи бархе муаммоҳост.

Рухшона духтари мубориз, дӯстдори бани одамони нек, шаҳбонуи асолатпеша, раиятпарвару ватанпарвар, дар ишқу вафо ва динаш устувор, фозилаю некандеш ва ниҳоят, қавиирода, зебосирату хушсурат баҳри озодиву истиқлол, баҳри сулҳу амният талош меварзид, арзи вуҷуд дошт. Ӯ мисли Сапитамону Датафарн, монанди Сосимеҳру Аримаз, мисли Манучеҳру Фаридун ва ҳазорҳо фидоӣ марзу буми хешро аз душман муҳофизат карда буд. Вай ҳатто дар чанголи падари дасисабозу шавҳари никоҳии ғаддор низ ба ақидаи хеш устувору дар номусу нанг қавиирода бимонд. Муҳаббати хешро алайҳи Фаридуни дабир тағйир надод. Баробари ҳамин вай Фаридунро, ки баҳри илму маърифат такопӯ дошт, ҳаёти дубора бахшид. Дабир ва олимро тарбият карда, ӯро ба роҳи ҳаёти фарҳангӣ раҳнамун сохт. Бале, як каф хоки суғдӣ - хоки Рухшонаи бебок - дар қатори ҳазорҳо хокҳои асил ҳоло ҳам дар он сарзаминҳо нашъунамо дорад!

Ҳарчанд ки ба қавли шоир Фаррухӣ:

-- Фасона гашту куҳан шуд ҳадиси Искандар,

Сухан нав ор, ки навро ҳаловатест дигар - метавон аз чунин мавзӯъҳо даст кашид, вале рӯҳи равону равшани Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ моро намебахшад, ки фармуда:

Ҳар ки н-омӯхт аз гузашти рӯзгор,

Низ н-омӯзад зи ҳеҷ омӯзгор.

Ҳар фарде, ки гузаштаро меомӯзад, илму ҳунари ниёгонро азбар мекунад, лоақал ба ин иқдом бо чашми эҳтиром нигоҳ мекунад, ӯ ояндаро боз ҳам равшантару возеҳтар мебинад. Пешаи одами асилу покрой, инсони ҳақиқӣ агар некӣ бошад, адолату ҳақиқат бошад, чанде ба авроқи заррини ниёгон, ба заҳмати ҳалоли бобоён, бо нақшҳои ҳунару саноеи пурмаонии гузаштагон нигоҳи солиме бикунад, ҳаройина ба мақсуд хоҳад расид. Бале. Мо низ ба рӯҳи гузаштагон бо эҳтиром муносибат мекунем ва «Равонатон шод бод!» - мегӯем.

Ба арзи сипосу самимият ва эҳтиром – Давлатшоҳи Тоҳирӣ. Хуш бошед! Дуо.

Шаҳри Панҷакат, фарвардинмоҳи солҳои 1995-1999-2012

ФЕҲРАСТ

Сарсухан 3
Боби аввал 5
Боби дуввум 41
Боби сеюм 91
Боби чаҳорум 126
Боби панҷум 169
Боби шашум 203
Боби ҳафтум 239
Боби ҳаштум 281
Боби нӯҳум 314
Боби даҳум 353

ДАВЛАТШОҲИ ТОҲИРӢ

САПИТАМОН – РУХШОНА – ИСКАНДАР
/ романи таърихӣ /

Ороиши *Орзу Раҳмонӣ*
Муҳаррири ороиш *Ромиш Шералӣ*
Муҳаррири саҳифабандӣ *М. Саидова*

Ба матбаа 10.10.2012. супорида шуд.
Ба чопаш 10.10.2012 имзо шуд.
Андозаи 60/84 $^{1}/_{16}$ Ҷузъи чопӣ 23.0
Адади нашр 1000 нусха.

Муассисаи давлатии нашриявии «Адиб»-и
Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон,
734018. ш. Душанбе, кӯчаи Н. Қаробоев, 17 а.

Дар матбааи КММИИ «Аршан» ба табъ расидааст.
шаҳри Душанбе, кӯчаи Ҷаббор Расулов, 73/1
E-mail: varztm@mail.ru